АХТАРОНИ АДАБ



38

ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Абдуҷаббор Раҳмонзода
Шамсиддин Орумбекзода
Фарҳод Раҳимӣ
Низом Қосим
Гулназар
Сахидод Раҳматуллозода
Гурез Сафар

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Абдулҳамид Самад
Кароматулло Олимзода
Абдураҳмон Абдуманнон
Абдунабӣ Сатторзода
Аламхон Кӯчаров
Мирзо Муллоаҳмад
Алии Муҳаммадии Хуросонӣ
Муҳтарам Ҳотам

ШАМСИДДИН ШОҲИН
ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ
ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ
ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ

ҒАЗАЛИСТОН

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-14

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

А-14 **Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ,
Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ.
Ғазалистон.** – Душанбе, «Адиб», 2018, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-555-7

© Нашриёти «Адиб», 2018

АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

ПЕШГУФТОР

Шамсиддин Шоҳин яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти охири асри Х1Х буда, бо ашъори пурмазмуну дилкаши худ дар радифи беҳтарин адибони замонаш қарор дорад ва осори рангинаш намунаи олии назми классикии тоҷик мебошад. Ӯ дар миёни аҳли фазлу адаби Бухоро шоистаи даврон, маҳфилорои фозилон, маҳбуби маориф-парварон ва аз ҷумлаи беҳтарин суханварон маҳсуб меёфт. Ғазалҳояш пуршӯр, қасидаҳояш равон, маснавиҳояш ҷаззоб ва тарзи баёнаш рӯҳбахш буда, бо ин сифатҳо ашъорашро меписандиданд ва аз шахсияташ дар ҳар базм сухан мегуфтанд. Ҳамин шоистагии ҳунару истеъдод Шоҳинро ба дарбор кашид ва то ба охири умр вай дар ин муҳит умр ба сар бурда, шоҳиди воқеаву рӯйдодҳои зиёди замони амир Абдулаҳад гардида буд.

Шамсиддин Шоҳин дар асарҳои худ муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро ҷой карда, ба воқеияти зиндагии инсон бо диди нав ва нигоҳи тоза назар андӯхтааст. Шоир бо як маҳорати баланду бо сабку услуби хос аз рӯзгори пур аз нишебу фарози халқи ҷафокашидаи Бухоро ва гирду атрофи он ҳикоят карда, ғаму ғуссаи ҳазорон мазлумон ва мушкилоти садҳо дардмандонро, ки дар муҳити тангу торики Осиёи Миёна умр ба сар мебурданд, реалистона тасвир кардааст.

Шамсиддин Шоҳин соли 1859 дар Бухоро таваллуд шуда, ба ин шаҳр гузаштагони ӯ аз Хатлон омадаанд. Сабаби тахаллуси Кӯлобӣ гирифтани шоир низ ба ҳамин макон алоқаманд будани адибро ифода менамояд. Мувофиқи тазкираҳо падари шоир Мулло Амон аз Кӯлоб бо мақсади таҳсил баромада, аввал дар Самарқанд ва баъди ду сол ба Бухоро омада, дар он ҷо таҳсил кардааст. Баъди хатми мадраса ба Ватани бобоияш нарафта, аввал дар мадрасаи «Ғарибия» -и Бухоро умр ба сар бурда, ба кори мударрисӣ ва хаттотӣ

машғул мешавад ва пасон кулбаи фақиронае пайдо карда, дар ҳамин ҷой хонадор мегардад. Гузаштагони падараш мувофиқи маълумоте, ки Муҳтарам дар тазкирааш зикр кардааст, «аз ҷумлаи ашрофон ва фузалои сарзамини Хатлон» мебошанд[1]. Пас аз як соли хонадорӣ дар хонаводаи мулло Амон тифле ба дунё меояд, ки падару модар ба ӯ Шамсиддин ном мегузоранд. Шамсиддин дар муҳити хонаводаи мазкур ба воя расида, пас аз шаш-ҳафтсолагӣ ӯро ба мактаби духтарона медиҳанд ва вай дар он ҷо таҳсили ибтидоиро ба анҷом мерасонад.

Шамсидин Шоҳин бо кумаки падар пасон ба мадраса дохил шуда, бо муваффақият онро хатм менамояд. Баъдан падараш ӯро ба назди устодони хаттот бурда, ҳунари хушнависӣ ва иншогариро меомӯзонад. Аз рӯи ишораҳои худи Шоҳин дар муқаддимаи «Туҳфаи дӯстон» вай пас аз мактаби ибтидоӣ илми хаттотӣ ва ё иншогариро омӯхта, аз ин баъд ба мадраса дохил шудааст.

Тахминан солҳои 1873 - 1875 Шамсиддин ба мадраса дохил шуда, дар он ҷо хуб таҳсил мекардааст. Мадрасаро хатм накарда, падараш ва ду хоҳараш аз дунё мегузарад. Вай маҷбур мешавад, ки барои рӯзгузаронӣ ва нигоҳубини модару аҳли оила ба хаттотӣ машғул шавад ва бо як мушкилии зиёд таҳсилро дар мадраса идома диҳад. Пас аз марги падар ба вай яке аз шайхони машҳури Бухоро Муҳаммадҷон Тоҳирхоҷаи Зарири Ҷӯйборӣ кумак менамояд, то вай зиндагиашро пеш барад. Аммо мувофиқи сарчашмаҳо умри шайх кӯтоҳ будааст ва ӯ аз дунё мегузарад. Боз Шоҳин маҷбур мешавад, ки мушкилоти рӯзгорро худаш бо азобу машаққат пеш барад. Пасон, падари қозӣ Бадриддин парастории Шоҳинро бар уҳда гирифта, ба вай кумак мерасонад. Бо ёрмандии ҳамин шахс Шоҳин мадрасаро хатм карда, дар яке аз гузарҳои шаҳри Бухоро ба вазифаи имом таъин мешавад ва ба маоше, ки пайдо мекунад, рӯзгори оилаашонро пеш мебурдааст. Тахминан солҳои 1885 вай бо заҳмати зиёд дар назди яке аз наздикони амир Абдулаҳад ба хидмати мирзогӣ роҳ ёфта, чанд муддат ин вазифаро низ иҷро намуда будааст. Ҳамин кор имкон додааст, ки вай бо бисёр намо-

[1] Ҳодизода Р. Шоҳин. Тадқиқи нав дар ҳаёт ва эҷодиёти шоир.-Душанбе: Дониш, 1974. Саҳ.7.

яндагони аҳли фазли Бухоро шиносоӣ пайдо намояд ва шуҳратёр гардад. Дар баробари ин вай ба кори хаттотӣ ва хушнависӣ машғул шуда, барои дӯстдорони шеъру адаб асарҳои мухталиф ва ашъори шоирони пешинро китобат карда, аз ин кор низ даромаде пайдо намуда, маишати худро таъмин мекардааст.

Баъдҳо вай бо Мири Павоначӣ яке аз наздикону дӯстони Амир Абдулаҳад шинос шуда, ба тарбияи вай медарояд ва зиндагии осудаҳолонаеро насиб мешавад. Шоир маҳз бо ёрмандии ин шахс ба дарбори амир роҳ ёфта, дар он ҷо сарпаноҳ меёбад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо худи Абдуқодири Парвоначӣ ба истеъдоди Шоҳин ва одобу рафтори ӯ қоил шуда, духтарашро ба вай ба занӣ медиҳад ва шоир ҳамчун фарзанди хонавода ба хидмати ин пири ботадбир даромада, аз вай некиҳои зиёд мебинад. Мутаассифона, ин ҳаёти неку босаодати Шоҳин дер давом накарда, баъди як соли оиладорӣ завҷааш сари фарзанд меравад ва ин мусибати гаронро шоир бо як вазнинӣ паси сар менамояд. Тарбияи фарзанди ду ҳафтааинааш, ки ба ӯ Нуриддин ном гузошта буд, бар дӯши вай қарор мегирад. Маҳз ба хотири фоҷиаи вазнини ба сараш омада, шоир достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро таълиф карда, тамоми ҳасрати дардолуд ва зиндагии вазнини хешро дар достон тасвир намуда, бо ин роҳ худаш, наздикону пайвандон ва падарарӯсашро тасаллият медиҳад. Шоир ин достонро ба унвони амир Абдулаҳад тахсис карда, бо ин роҳ ба амир наздикӣ пайдо менамояд ва ӯ бо ин сабаб пурра ба хидмати дарбор мегузарад. Дар бораи зиндагиаш дар дарбори амир Абдулаҳад ишораҳо дар тазкираҳо хело каманд. Танҳо аз баъзе қисматҳои достонҳои шоир ва иддае аз ғазалу қитъаҳояш маълум мешавад, ки вазъи ӯ дар боргоҳ хуб набудааст ва ҳамеша бо таънаву маломатҳои дарбориён рӯ ба рӯ шуда, рӯзгори осуда надоштааст. Новобаста ба ин шоир аз эҷоди шеър даст накашида, фурсати муносибе, ки насибаш мешудааст, шеъру ғазалҳо навишта, дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоию ахлоқии замонашро тавсиф мекардааст.

Тахминан солҳои 1893 (1331) дар яке аз сафарҳои навбатии амир Абдулаҳад ба Шаҳрисабз, бемории Шамсиддин Шоҳин шиддат мегирад ва дар ҳамон ҷо аз касалии сил вафот менамояд. Ӯро дар қабристони Шаҳрисабз ба хок месупоранд.

Марги шоир талафоти бузурге буд барои ҳамасрону ҳаммаслакони шоири ғӯрамарг. Вай ҳамагӣ сиюпанҷ сол умр дида, дар ин муддат сахтиҳои зиёдеро паси сар карда будааст. Дар фавти вай бисёр фозилони Бухоро, аз ҷумла аллома Аҳмади Дониш марсия таълиф карда, марги шоири ҷавонмаргро барои аҳли адаб фоҷиаи азим қаламдод менамояд. Марсияи маорифпарвари бузург Аҳмади Дониш яке аз шеърҳои таъсирбахш дар ҳаққи ин шоири озурдадил мебошад:

Базми имконро, ки чун нақшест дар рӯи сароб,
Нест доим талхию ширинии нуқлу маяш,
Иззаташ сармояи ғам, давлаташ помоли фақр,
Нолаи яъс асту заҳри мор дар нӯшу наяш.
Як-ду рӯзе беш набвад мулку мол охир ба марг,
Тахтаи тобут гардад тахти Ковусу Каяш.
Чарх бетобу сукуну умр бепарвохиром,
Ҳамчу барқу бод дар тоз аст мурдоду даяш.
Дӣ яке аз аҳли маънӣ чашм пӯшид аз ҷаҳон,
Раст аз фақру ғинову садди лошайъи шаяш.
Соли таърихи вафоташ ҷустам аз пири хирад,
Гуфт: «Баъд аз рафтани ҳангомаи ҳою ҳаяш,
Хост баъд аз вай намонад расми назм андар ҷаҳон,
Шамсиддин махдум бирафту шеър афтод аз паяш».

Аҳмади Дониш бо як ҳиссиёти ниҳоят мутаассиркунанда дар ин марсияи пур аз дарду андӯҳ таассуроти муосиронашро нисбат ба шахсияти Шамсиддин Шоҳин ифода карда, аҳволи вазнину сангини шоир ва ҷавру ҷафоҳои кашидаи ӯро ба таври иҷмолӣ шарҳ медиҳад.

Новобаста аз ҳаёти пурмашаққате, ки Шамсиддин Шоҳин аз сар гузаронидааст, ӯ дар умри кӯтоҳи бобаракати худ кохи бегазанди назму насри саршор аз панду ҳикматро ба мерос гузоштааст, ки онҳо то ба имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд.

Мувофиқи маълумоти тазкиранависони асри Х1Х ва аввали ХХ Ҳашмат, Муҳтарам, Садри Зиё, устод Садриддин Айнӣ ва адабиёт-шиносону муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, С. Имронов, Т. Миров, М. Муҳаммадӣ ва дигарон шоир аз худ девони ашъор, маснавӣ ва як қатор қитъаву рубоиҳоро ба мерос гузоштааст, ки дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои инсонпарваронаро тараннум

намудааст. Мероси манзуми ӯ мувовиқи сарчашмаҳо ва девонҳои маҳфузмонда аз 12500 мисраъ иборат буда, маснавиҳояш «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Туҳфаи дӯстон» мебошанд. Ҳамчунин адиб як асари мансурро бо номи «Бадоеъус-саноеъ» таълиф карда, дар он фикру андешаҳои худро оид ба баъзе масъалаҳои ҳаётан муҳим баён кардааст.

Маснавии нахустини Шамсиддин Шоҳин «Лайлӣ ва Маҷнун» буда, чи тавре ки дар боло зикраш рафт, дар марги бармаҳали завҷаи дилбандаш таълиф шудааст. Асари мазкур соли 1887 (1305) иншо гардида, намунаи беҳтарини достони ғиноӣ дар назми садаи XIX ба шумор меравад. Шоир дар ин достон ба пирони назми гузашта такя карда, онро дар баҳри анъанавии достони лирикӣ таълиф намуда, дар суханварию суханпардозӣ беҳамто будани хешро исбот кардааст.

Ин достон аз муқаддима, муноҷот, наът, мадҳи пайғамбар оғоз шуда, сипас ба мадҳи амир Абдулаҳад шурӯъ мешавад. Пасон, боби алоҳида «Дар бораи харобии дунё» омада, марсияи ҷонгудоз дар бораи завҷааш таҳкия мегардад. Дар ин қисмат шоир бо як андӯҳи гарон аз марги завҷааш хабар дода, хислатҳои неку ҳамидаи ӯро васф менамояд ва ҳамнафасу роҳбалади рӯзгораш будани ин отифаи мӯнисро махсус шарҳ дода, аз ҷумла менависад:

Симои ту аз фаришта буд беҳ,
Гар дид фаришта, гуфт «зеҳ, зеҳ!»
Сар то қадами ту ҷони ҷон аст,
Аз мурдани ту шигифтам он аст.
Эй ҷони азизи ман куҷоӣ?
Дур аз бари ман, бигӯ , чароӣ?
Аҳде, ки ҳазор бор бастӣ,
Якбора чӣ шуд, ки баршикастӣ?....

Дар ҳамин қисмат Шамсиддин Шоҳин ба падарарӯсаш низ тасаллият бахшида, хислатҳои ҳамидаи ӯ ва фарзандашро баён мекунад ва аз зиндагӣ розӣ буданашро шарҳ медиҳад. Аз рӯи ахбори худи шоир маълум мешавад, ки вай дар хонаи падарарӯсаш рӯзгори осуда дошта, бо тифли ба дунё омадааш аз нишоти умр розӣ будааст. Вале марги бераҳму аҷали бешафқат зиндагии ӯро талх намуда, аз мӯнису ғамхораш, нури рӯзгораш ҷудо кардааст. Шоир ҳар як лаҳзаи ҳаёти накҳатборро бо таъбиру ибораҳои латиф ифода карда, ҳиссиёти боти-

нию равонии хешро возеҳу равшан баён намудааст. Пас аз бобҳои «Гуфтор дар ситоиш ва насиҳати фарзанди дилбанди арҷманд» ва «Гуфтор дар сабаби назм ва таълифи китоби мустатоб» ба оғози достон шурӯъ карда, сарнавишти талх ва пур аз фоҷиаи Лайлӣ ва Маҷнунро бо завқи баланд ва маҳорати хосаи суханварӣ бозтоб мегардонад.

Пеш аз оғози достон шоир дар боби сабаби назми асар маълумот дода, бо андӯҳи гарон аз марги «қиблаи умед» – завҷаи чавонмаргаш ёд карда, барои тасаллияти дил дар пайравӣ ба Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар пайи таълифи достон шуданашро огоҳ мекунад ва чунин менависад:

Бастам ба ҳазор пухта хомӣ,
Пирояи Хусраву Низомӣ.
Девончаи ишқ боз кардам,
Поёни сухан дароз кардам.
Он ғусса, ки кардамаш ба дил хун,
Дода ба ҳамин баҳона берун.
Инак, ману шуғли ин фасона,
То ғам кунад аз дилам карона.

Идомаи достон то ба охир дар васфи Лайлию Маҷнун буда, ин ишқи ҷонгудозу фасонаи рӯҳбахш бо як маҳорати баланд бозтоб мешавад. Шоир дар банду басти маснавӣ ва баёни ҳолату вазъияти қаҳрамонони достон маҳорати баланди суханварӣ нишон дода, тақдир ва сарнавишти ин ду дилдодаро ниҳоят марғуб ва самимӣ тасвир менамояд.

Метавон гуфт, ки дар назми қарни Х1Х достони мазкур намунаи беҳтарини осори ғиноӣ ба шумор рафта, дар он ҳунар ва истеъдоди шоирии Шоҳин равшан зоҳир мегардад. Шоир тақдири фоҷиабору сарнавишти талхи Маҷнун ва ишқи поку дарди ҷонгудози Лайлиро бо муҳаббат баён карда, дар тасвири сурат ва симои онҳо беҳтарин тавсиф, ташбеҳ, муболиға, маҷоз, киноя, истиора ва таҷнисҳоро мавриди истифода қарор дода, ҳолоти руҳию равонии онҳоро бо эҳсосот ва ҳунари баланди таҳкиягарӣ таҷассум менамояд. Дар бисёр лаҳзаҳои нозуку ҳассос, махсусан, баёни вазъи ҳол, ҳангоми дидор, шунидани номи якдигар, навиштани нома ва амсоли инҳо шоир аз суханпардозии бадеӣ ба баёни ҳолат гузашта, рози нуҳуфтаи ишқро ифшо мекунад ва бо беҳтарин таъбиру

ибораҳо таркиби матнашро зиннат дода, бадеият ва ғиномандии достонашро боз ҳам қавӣ мегардонад. Ҳамин ҳолати тасвирро ҳангоми манъи Лайлӣ ба мактаб мушоҳида намудан мумкин аст:

Лайлӣ чу даруни парда ҷо кард,
Тӯмори ғами нуҳуфта во кард.
Ғамҳои даруна дод берун,
Бар хок мароға кард пурхун...
Хунобаи дил зи дида меронд,
В-аз ҳоли дарун қасида мехонд:
К-имрӯз манам даруни парда,
Сад пардадарӣ ба парда карда.
Занҷири ғамам ба по кашиданд,
Маҷнуни маро зи ман рабуданд.

Баъд аз ин тавассути саволу ҷавоб муноҷоти Лайлӣ ва заҷру машаққати Маҷнун тасвир ёфта, дарду ҳасрати бепоёни онҳо бо таъбирҳои равону возеҳ шарҳ дода мешавад.

Бо ҳамин ҷанбаи муҳташами тасвирӣ ва тарзи баёни ғиноӣ шоир тамоми фоҷиаи ишқи Лайлӣ ва Маҷнунро тасвир карда, дар хотимаи асар сабаби навиштани достон ва пайравӣ кардан ба Амир Хусраву Низомиро бори дигар хотировар шуда, аз нав ба «ёдгор» гузоштани ин намунаи назмро ишора мекунад.

Маснавии дигари Шамсиддин Шоҳин «Туҳфаи дӯстон» ном дошта, соли 1890 дар пайравии «Бӯстон» - Саъдии Шерозӣ эҷод шудааст. Маснавии мазкур аз ҳикояту хотироти шоир, тамсилҳои зебо ва воқеаву рӯйдодҳои таърихию тарҷумаиҳолӣ иборат мебошад. Асар пурраю комил то замони мо нарасида, то ба имрӯз муқаддима, қисматҳои алоҳида, боби аввал ва охирсухани он боқӣ монда, дар ҳамин ҳаҷм ба «Куллиёт»-и шоир ворид гардидааст. Ин достон бо ҳидояти устодаш Зарир таълиф шуда, аксари бобҳо бо тавсияи ӯ номгузорӣ шудаанд.

«Туҳфаи дӯстон» аз муқаддима ва қисматҳои «Дар ситоиши Амири марҳум Сайид Музаффарбаҳодур Султон» оғоз шуда, минбаъд «Дар офати забон ва заҳмати забон», «Дар ситоиши шаҳаншоҳи Олиҷоҳ Сайид Амир Абдулаҳадхон», «Дар ситоиши сухан», «Воқеаи навмийя», «Дар ситоиши худ», «Дар ситоиши қудвату с- содот Сайид Муҳаммад Тоҳир Маъруф ба Ӯзбекхоҷа мутахаллис ба Зарир», «Интиқол аз ташбиб ба мадҳи убуввати Сайиди мазкур ва хоҷаи мабрур», «Дар саба-

би назми китоб» иборат буда, боби аввали достон «Дар адлу инсоф ва тадбири ҷаҳондорӣ» номгузорӣ шудааст. Мутаассифона, нуҳ боби дигари он ё ба анҷом нарасидааст ва ё то замони мо маҳфуз намондааст. Ҳамчунин дар ягон сарчашма доир ба бобҳои боқимондаи достони мазкур маълумот наомадааст. Адабиётшиносон Х. Мирзозода ва Р. Ҳодизода низ нотамом будани ин маснавиро тасдиқ карда, доир ба пайдо нашудани бобҳои минбаъдаи он изҳори назар намудаанд.

Дар қисматҳое, ки ишора шуданд, фаслҳои алоҳидае ба назар мерасанд, ки онҳо устухонбандии достонро халалдор накарда, баръакс, бо мақсади тақвият бахшидани андешаву тааммули шоир бамаврид ҷойгир шудаанд. Ин фаслҳо дар шакли ҳикоят, тамсил, таснид ва ҳикояти тамсилӣ омада, мақсади шоирро таҳким мебахшанд ва мазмуни достонро пурқувват мегардонанд. Дар достон се ҳикоят ба тариқи тамсил, ду таснид, панҷ тамсил, се ҳикоят ҷой дода шудааст. Дар боби якум бошад, шоир як ҳикоятро таҳкия кардааст, ки он низ масъалаи адлу адолатро қувват мебахшад. Охирсухани маснавӣ «Дар гузориши айёми нофарҷом ва шикояти хосу авом» ном дошта, пасон ба маснавӣ ҳамроҳ карда шудааст. Ин қисматро дар натиҷаи заҳмат ва ҷустуҷӯҳои зиёд шодравон Р. Ҳодизода аз «Тазкират - уш - шуаро»- и Ҳашмат пайдо карда, онро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1972, №7, саҳ. 75.) ба табъ расонида, ишора низ намудааст, ки он охирсухани маснавии «Туҳфаи дӯстон»-и Шамсиддин Шоҳин мебошад.

Шамсиддин Шоҳин дар муқаддимаи маснавӣ бо як дарду алам доир ба сарнавишти худ сухан гуфта, ба ояндагон ишора кардааст, ки агар донишманду фозиланд, беҳтар он бувад, ки озоду аз дарбор дур бошанд ва мисли ӯ фирефта нашаванд. Ӯ мефармояд:

Маро шиква поён надорад гузор,
Ки худ шиква баҳре бувад беканор.
Касе ҳамчу ман уру муфлис мабод,
Нахустин тило в-он гаҳе мис мабод.
Ба кайвон агарчанд улфат марост,
Чу кайвон ба рух нили накбат марост.
Зи рӯи забон меҳрубонӣ кунанд,
Вале кинаҳои ниҳонӣ кунанд....
Ман идбор дидам, ту фирӯз бош,
Зи аҳволи ман ибратомӯз бош!

Аз рӯи ин таъкидҳо маълум мешавад, ки шоир ба дарбори амир роҳ ёфта бошад ҳам, рақибонаш ӯро ором нагузошта, ҳамеша ба вай кинаву хусуматро раво медонистаанд ва монеаи рӯзгори осудаву осоиштааш мегардидаанд.

Шоир баъдан дар қисматҳои алоҳида амир Музаффар ва амир Абдулаҳадро ситоиш карда, дар муқоиса мавқеъ ва мартабаашонро дар муҳити аморати Бухоро равшан намуда, мақому манзалати онҳоро дар замони давлатдориашон инъикос месозад. Дар баробари ин дар маснавӣ назару андешаҳои иҷтимоии шоир тасвир шуда, бисёр камбудиҳоеро, ки дар муҳити дарбор шоир ба чашмони хеш дидааст, воқеъбинона ифшо кардааст. Шоҳин ҳамчунин бо як маҳорати баланд доир ба забон ва заҳмати баён андеша ронда, оид ба ин масъала чунин менависад:

Забон чун ба коми худ андар нуҳуфт,
Гули орзу ғунчаро баршукуфт.
Сухан гар зи дил бар забон оварӣ,
Чунон гӯ, ки ганҷе зи кон оварӣ.
Сухансанҷро гӯ: Ба андоза гӯй,
Тавонӣ, муқаррар макун, тоза гӯй.
Забонро гиреҳ бар гиреҳ барфикан,
Фикан, то ки сарбаста ояд сухан.
Суханро чу сарбаста гӯйӣ, сазост,
Ки аз бад ба некаш тасарруф равост.

Дар воқеъ, Шамсиддин Шоҳин дар боби суханварӣ анъанаи неки шоирони пешинро идома дода, дар бораи забон ва сеҳри сухан ниҳоят ҳакимона андеша меронад ва қадру манзалати забон ва суханвариро ниҳоят баланд бардошта, онро аз гавҳару сипеҳр боло медонад. Дар баробари ин шоир дар сухан гуфтан эҳтиёткор буданро афзал дониста, маҷозан ишора мекунад, ки сухан мисли шамшер аст ва бояд чунон мулоҳизакор бошем, ки «ба шамшери худ хуни худ» марезем, ки ин камоли беҳунарист.

Дар маснавӣ инчунин қисмати алоҳида «Дар ситоиши сухан» унвон гирифтааст. Дар ин фасл шоир такроран оид ба аҳамияти сухану суханварӣ изҳори назар карда, дурандешона ва воқеъбинона матлабашро чунин ҷамъбаст менамояд:

Суханро ба зоҳир набояд шинохт,
Ки зоҳирпарастӣ басе фитна сохт.

Дар ин байти пурмуҳтаво шоир арзиши суханро возеҳу равшан ошкор карда, нақши сухан ва суханварро дар ҷомеа арзишманд медонад. Вобаста ба тасдиқи гуфтаҳои худ шоир як таснид ва якчанд тамсил оварда, мақом ва манзалати суханро равшан месозад ва ба он арҷи бештар мегузорад.

Шамсиддин Шоҳин дар боби алоҳида доир ба нақши устодаш Зарир маълумот дода, бисёр масъалаҳои ба зиндагиаш алоқамандро, ки тавассути тавсияҳои устодаш Муҳаммадтоҳир насибаш гардидааст, шарҳ дода, хидмати ин пири хирадро дар тарбияи маънавияш пуразриш медонад. Баъд аз марги падар ин инсони хайрхоҳ ба тарбияи Шамсиддин Шоҳин машғул шуда, ӯро ба донишандӯзӣ ва омӯзиши илмҳои суханварию баён раҳнамоӣ менамояд ва барои беҳтар шудани рӯзгораш мусоидат мекунад. Шоир бо тавсияи ин пири хирадманд ба навиштани маснавии мазкур оғоз карда будааст. Вай дар маснавӣ ишораҳои устодашро дар бораи таълифи ин маснавӣ ба таври зайл ҷой додааст:

Қадам пеш неҳ, то ба манзил расӣ,
Равон аз раҳи дида бар дил расӣ.
Ту ҳар ҷодае сар кунӣ, манзил аст,
Ки дасти бузургон туро маҳмил аст.
Туро хирқае чобук ояд ба дӯш,
Ки пӯшид Саъдии пашминапӯш.
Аз ӯ монд гар «Бӯстон» ёдгор,
Ту бар дӯстон «Туҳфа»-е вогузор....

Аз рӯи ин таъкидҳо маълум мешавад, ки маҳз бо ибтикори устодаш ва дар пайравии пири ахлоқ – Саъдии Шерозӣ маснавии мазкурро таълиф карда, бо пешниҳоди вай мехостааст дар бораи адл, эҳсон, ишқ, тавозуъ, ризо, тарбият, шукр, сабр ва муноҷот бо диди нав ва андешаи салим мушоҳидаҳои хешро ба риштаи тасвир кашад ва боз дар адабиёт як маснавии ахлоқиро ба майдон орад.

Шоҳин боби аввалро ба масъалаи «адл» бахшида, мисли Саъдии Шерозӣ онро дар ҷомеа барои амирон муҳим шуморидааст. Ӯ мегӯяд ки «Бузургии шоҳон ба адл андар аст, На

бо фарри дайҳиму ангуштар аст». Бо ин суханони пандомез ӯ ҳикоятеро аз замони Фиръавн нақл карда, адлу адолатро барои шоҳон муҳим мешуморад. Аз рӯи ин тарзи баён маълум аст, ки Шамсиддин Шоҳин на танҳо назираи ҷавобия навиштан хостааст, балки бо дид ва тааммуқи нав ният намудааст, ки амиру аморатро ба фазлу эҳсон ва шукру қаноат даъват намояд ва бо ин роҳ райиятро дастгиру мададрасон шавад.

Шамсиддин Шоҳин дар пайравӣ аз мактаби бузурги маорифпарварии устод Аҳмади Дониш бо ҷасорат баъзе аз масъалаҳои иҷтимоиро рӯирост дар маснавии «Туҳфаи дӯстон» ҷой дода, ноадолатиҳои ҷомеаро фошофош ошкор сохтааст ва матлабҳои иҷтимоии хешро нотарсона ва боҷуръатона баён кардааст.

Профессор Расул Ҳодизода доир ба ин маснавӣ изҳори назар карда, аз ҷумла навиштааст, ки «Шоҳин барои тасвири воқеаҳои замонаш бештар ба нақли ҳикоятҳои воқеӣ, махсуан нақли ҳодисоте чанд аз зиндагии худ ва ҳаёти падараш муроҷиат намудааст. Тасвири ин воқеаҳои реалӣ тарзи тасвири ӯро аз равияи тавсифи классикӣ ба роҳи тасвири реалистӣ овардаанд ва дар ин ҷо мо нақши роҳу салиқаи наверо, ки ӯ дар дар ин давр дар ашъори лирикӣ дошт, ба андозаи зиёде дар ин маснавиаш мебинем»

Дар воқеъ, маснавии мазкур дорои ҷанбаи баланди воқеъгароёна буда, дар он бисёр рӯйдодҳои тарҷумаиҳолӣ ва ҳодисаҳои замони шоир ворид шуда, муҳити таърихиро низ дуруст ифшо месозанд. Шоир бо ин тарзи тасвир имкони бештар пайдо кардааст, ки афкори иҷтимоии хешро шарҳ диҳад ва ҳақиқати таърихии рӯзгорашро баён созад.

Шамсиддин Шоҳин дар наср низ ҳунари воло дошта, бо таълифи рисолаи «Бадоеъ-ус-саноеъ» бори дигар аз суханофарини барҷаста будани худ дарак додааст. Вай дар аввали рисолааш дуруду салавот бар пайғамбарон гуфта, пасон бо чунин мисраъҳо рисолаашро оғоз менамояд:

Ин нусха, ки аз шоибаи нақс барист,
Маъҷуни мураккабе зи тозию дарист.
Ҳар кас, ки аз ӯ бихӯрд чун шориби хамр,
Аввал бинамуд ханда, в-он гоҳ гирист.

Шамсиддин Шоҳин чи гунае, ки дар боло ишора шудааст, дар ин рисола ҳам ҳазлу мутоиба ва ҳам ифшои ноадолатиҳои замонро баробар тасвир кардааст. Адиб бо истифода аз санъати сақъ хело моҳирона суханварӣ карда, муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро дар қиёс тавзеҳ намуда, воқеияти рӯзгори бисёре аз табақаҳои иҷтимоии замонашро бо тарзи ба худ хос шарҳ додааст. Вай рӯзгори муллою мударрис, миршабу қозиро бо як тарз, ҳаёти гадову қаландарро бо тарзи дигар ва олиму суханварро бо шеваи баёни фасеҳтар инъикос карда, тафовутҳои дар зиндагӣ доштаи онҳоро як - як шарҳ медиҳад ва кирдорашонро бо муҳите, ки эшонро фаро гирифтааст, муқоиса намуда, баъзан ба одамон ва гоҳо ба ашёи табиат ва мавҷудоти зиндаи он монанд месозад. Шоҳин нотарсона ба мазаммати шахсоне, ки аз номи ислом суиистифода мекарданд, иқдом намуда, камбудиҳояшонро фошофош гуфта, онҳоро ба риёкорӣ муттаҳам месохт. Чунончи: «Ислом исме (ба маънии гуноҳ, айб ва хато. А. Р.) шуда, дар миёни он алифу лом. Агар аз инсоф пурсӣ, ҳақиқати он соф. Ҳарфи дин бар гӯшҳо чун мутолибаи дайн гарон ва сурати шаръ дар дидаҳо чун айн-уш-шарр ва шарр-ул-айн айён». Ё дар бораи илм менависад: «Илм чун алам дар мазорҳо хуфта, бо ҳар кӣ аз айни он истифсор рафта, «лам» гуфта». Чунин ишораҳои нарму нозуки мутоибамонанд дар тамоми рисола мушоҳида шуда, андешаҳои иҷмолии Шоҳинро нисбат ба замон ифода менамояд.

Дар ҷойи дигар Шоҳин бо тарзи танзу мутоиба ҳаҷви нарму нозуку сухани қофиядору ҷумлаҳои обдор мегӯяд, ки аз нигоҳи бадеият ва равонӣ ниҳоят дилчаспанд ва гарчанде киноямез бошанд ҳам, аммо мазмуни баландро ифода менамоянд. Барои мисол:

«Калом аз рабт уфтод ва маром аз забт. Чӣ кунам, он қадар мушаввашам, ки турраи дилдор аз ман касби парешонӣ мекунад ва хотири махмур истифодаи саргаронӣ. Жӯлидагии мӯи Маҷнун вақфи саропои ман аст ва олудагии тарафи домони Лайлӣ нақши пироҳану қабои ман. Аз ман то сояи девор фарқи уфтодагӣ як қадам аст ва то нусхаи ботил тафовути беэътиборӣ як рақам».

Дар баробари чунин ибораву таъбирҳо, ҷумлаҳои равону муқаффо ва ҳаҷви нарму нозук дар китоби «Бадоеъ-уссаноеъ» инчунин масалу ҳикояҳои кӯтоҳи ҳаётӣ низ нақл ме-

шаванд, ки онҳо ҷанбаи баланди ахлоқӣ дошта, одамонро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ менамоянд. Ин рисола низ исбот мекунад, ки Шоҳин адиби ниҳоят нуктасанҷ ва сухангӯву суханфаҳм мебошад.

Шамсиддин Шоҳин ба ғайр аз достону рисола инчунин ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд, рубоӣ, қитъа, ҳаҷвия, фардбайтҳои равону дилкаш эҷод кардааст. Шоир ин шеъру ғазалҳояшро дар давраҳои гуногуни ҳаёташ таълиф намуда, баъзе аз онҳо ба шахсони алоҳидаи таърихӣ бахшида шудаанд. Як қисми дигари ашъори шоир ба тариқи мадҳу сано таълиф гардида, иддае аз онҳо оҳанги ҳаҷвӣ доранд. Ҳаҷвияҳои шоир низ ҷанбаи воқеӣ дошта, хислатҳои манфии шахсони алоҳидаро тасвир менамоянд.

Дар қасидаву ғазалҳояш масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ тасвир ёфта, ноадолатиҳои замон, азобу шиканҷаи мазлумон ва ҳаёти ниҳоят вазнину мураккаби халқи ҷафокаш рӯирост ва ошкоро баён шудаанд. Дар қисми дигари ашъори шоир мавзӯъҳои зебоиҳои табиат, орзую умеди одамон, тараннуми ишқу муҳаббат, ифодаи ҳолатҳои рӯҳию маънавии дилдодагон ва муносибатҳои некбинонаи инсонҳои покизарӯзгор бозтоб ёфтаанд. Дар баробари ин шоири покзамир бо як фарохдилӣ ба дунёи отифонаи инсон назар андӯхта, бо меҳру самимият розҳои нуҳуфтаи ӯ ва уқдаҳои нокушодаашро ифшо мегардонад ва тавассути тахайюлоти рангини хеш асрори дилашро фош месозад.

Махсусан, дар эҷодиёти Шамсиддин Шоҳин ғазал ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Шоир қонунияти устухонбандии жанри мазкурро пурра риоя карда, вобаста ба мавзӯъ матлаби ғоявии худро возеҳу равшан ифода мекунад. Дар аксари ғазалҳои шоир эҳсосоти ботинии ӯ, ки ғояҳои неку қаринро талқин менамоянд, самимӣ бозгӯ мешаванд. Дар бештари ҳолат дар ғазалҳои шоир байтҳо бо ҳам алоқаманду созгор афтода, вобаста ба мундариҷаи ғоявии ғазал ҳамдигарро такмил медиҳанд ва дорои таносуби калом ва равону содда мебошанд. Шоир дар ҳар як байти ғазал талаботи жанри мазкурро ба инобат гирифта, дар пояи анъанаи шоирони пешин ба таркиби дохилии жанри ғазал аҳамияти махсус медиҳад ва вобаста ба мавзӯъ ҳиссиёти худашро якҷо бо ҳолати рӯҳию равонии қаҳрамони ғиноӣ бозгӯ месозад. Чунончи дар ғазале мегӯяд:

Парӣ зи шарми рухат чеҳра дар ниқоб гирифт,
Лаби ту равнақи кайфият аз шароб гирифт.
Агарчи буд туро чеҳра мусҳафи раҳмат,
Касе, ки дид хатат, ояти азоб гирифт.
Рухат надошт саводе, ба дарси фитна магар,
Ки дар бағал зи хати анбарин китоб гирифт.
Саводи хатти ту гардид равшан аз ораз,
Баромад аз ҳама ғавғо, ки офтоб гирифт.
Зи бас ба номи ту тавшеҳ кард бар Шоҳин,
Бад-ин ғазал натавонад касе ҷавоб гирифт.

Дар ғазали мазкур на танҳо қонунмандии таркиби жанри ғазал риоя шудааст, балки қофияҳо комил омада, баён возеҳу равон ва матлаб хело дилкаш баён гардидааст. Таносуби калом мукаммал буда, мавзӯи асосии ғазал, ки фироқу фиғон аз дарди ишқ аст, бо корбарии санъатҳои лафзию маънавӣ боз ҳам қавитар гардидааст.

Шамсиддин Шоҳин дар ғазалнависӣ бештар ба сабку услуби Ҳофизи Шерозӣ ва Абдулқодири Бедил такя карда, дар пайравии мактаби ин ду шаҳсутуни назми оламгири тоҷикӣ-форсӣ сабки хоси худро пайдо намуда, дар баёни мавзӯи ишқ аз хеш маҳорати баланд нишон додааст. Вай ба мавзӯи мазкур дақиқназарона муносибат карда, эҳсосоти ботинӣ ва дарди ниҳонии ошиқони васлҷӯро самимӣ тасвир намуда, ришгаи муҳаббати онҳоро бо нозукиҳои сеҳри сухан устувор гардондааст. Доир ба ин масъала Р. Ҳодизода низ навиштааст, ки: «Мавзӯи ишқ ва образи ошиқ, ки дар назми классикии форсу тоҷик мавзӯи ҷовидонӣ ва анъанавӣ ба шумор мерафт, дар назми Шоҳин низ мавқеи муҳим ва асосие дорад. Бисёр оҳангҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, муносибати шахс ва ҷомеаи инсонӣ, танқиду мазаммати иллатҳои ҷамъиятӣ ба воситаи мавзӯи ишқ ва образи ошиқ дар назди Шоҳин зуҳур кардааст».

Дар воқеъ, Шамсиддин Шоҳин ба мавзӯи ишқ ҷиддӣ муносибат карда, ҳолату изтироби ошиқони рангинхаёлро тарзе тасвир намудааст, ки вафодорияшон пинҳон наменомад ва зоҷру азоби рӯҳияшон бошад, дилҳоро ба тасхир меоварад. Дар бештари ғазалҳои Шоҳин маъшуқа дорои ишваю истиғно, карашмаву ноз буда, маъшуқ ранҷуру нотавон, дардманду озурдахотир аст. Онҳо ҳиссиёт ва шӯру шавқи хешро пинҳон

накарда, барои расидан ба висоли ҳамдигар талош меварзанд ва ба ишқ шоиста будани хешро мисли шамъу парвона ошкор месозанд. Чунончи:

Дилбаро, ороми дил ё роҳати ҷон хонамат,
Баски зебоӣ, туро ҳам ину ҳам он хонамат.
Бо чунин ҳусне, ки чашми ошиқон ёбад фурӯғ,
Офтоби базм ё шамъи шабистон хонамат?!
Қиблаи аҳли вафо ё Каъбаи арбоби шавқ?
Лафз бисёр аст, худ гӯ, то бад-он сон хонамат.
Ваъдаҳо кардӣ, вале осори он зоҳир нашуд,
Сахттамкин гӯямат ё сустпаймон хонамат?
Ман намегӯям, ки сарви гулшанӣ ё нахли боғ,
Бо қадат ин ҳардуро ҳам рост натвон хонамат.
Лаб ба шаккархандае бикшову дар тан ҷон бибахш,
То зулоли салсабилу оби ҳайвон хонамат!
Ё фурӯғи дида, ё меҳри фалак, ё шамъи базм,
Он чи зебад бо ту, худ гӯ, то ки он сон хонамат.

Шоҳин дар ғазали фавқ ташбеҳи равшан истифода карда, маъшуқаро «ороми дил», «роҳати ҷон», «офтоби базм», «шамъи шабистон», «қиблаи аҳли вафо», «Каъбаи арбоби шавқ» номида, ӯро «аз сарви гулшан» ва «нахли боғ» боло медонад. Шоир бо чунин ибораҳои латиф, тавсифҳои нозук, таъбирҳои дилкаш ва ташбеҳҳои сареҳ қаноат накарда, бо роҳи савол аз маъшуқа дархости дили ӯро пурсон шуда, «ошиқ»-и ҳимматбаланди худро ситоиш менамояд ва васфи маъшуқаро аз чеҳраи асосиаш дида зеботар бозтоб медиҳад.

Як хусусияти ғазалҳои ошиқонаи Шамсиддин Шоҳин аз он иборат аст, ки дар онҳо шоир васфи зебоиро бештар талқин мекунад. Дар чунин ҳолат ҳар як ашёи табиат ва мавҷудоти олам бо ҳусну ҷамолу зебоии маъшуқа муқоиса мешавад ва ҳар яки он барои шоир ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ хидмат менамояд. Ҳамин тарзи тасвир ба шоир имкон додааст, ки моҳирона санъатҳои лафзию маънавиро дар ғазалҳояш истифода намояд ва симои зоҳирии маъшуқаро латифу дилкаш ва олами ботиниашро саропо ғарқи ишқу эҳсосот таҷассум созад. Мисол:

Ёри ман бар чеҳра зулфи худ парешон мекунад,
Офтоберо ба зери абр пинҳон мекунад.
Гарчи накшояд гиреҳ аз кори шабнам, з-он ки гул
Ашки ӯро тукмаи банди гиребон мекунад.
Дил барад чашмаш зи ман в-он гоҳ биспорад ба зулф,
Ҳамчу дузде, мезанад роҳеву эҳсон мекунад.
Бе туам гар зиндагӣ мушкил бувад, ҷоно, чӣ ғам?
Гар сарам охир ба як дам теғат осон мекунад.
Ҳар чӣ аз дасти хазон омад ба ҷони дӯстон,
Бар дили Шоҳин ғами ҳиҷрони ӯ он мекунад.

Дар ғазали фавқ лиризми тасвир ба дараҷае нозук аст, ки ҳиссиёт мехурӯшад, завқ меболад, дил ҷавлон мезанад ва хаёл ранги дигар гирифта, париваше пеши назар меояд, ки ҷавлонгаҳи меҳру вафо ва сафобахши тану ҷон аст. Таносуби калимаву ибораҳо дар мисраъҳои ҳар як байт қавӣ ва устувор буда, мазмунро комил ва мақсудро возеҳ мегардонанд. Хонанда аз ин рақси калимот шавқи маънӣ бурда, ба ин тарзи баёни нозуку сеҳри сухани Шоҳин аҳсан мегӯяд. Чунин тасвирҳои дилкаш ва ифодаи эҳсосоти рӯҳии қаҳрамони ғиноӣ дар аксари ғазалҳои Шоҳин ба чашм мерасанд ва ҳар кадоми он баёнгари рӯҳияи нотакрори шоири ширинсухан мебошанд. Чунончи:

То лаъли туро ханда ба ҳангоми ғазаб шуд,
Хун гашт, гиреҳ баст, ба табхола лақаб шуд.
Аз марги рақиб ин ҳама ғамгин натавон буд,
Бодо ба фидои ту, ки гар мурд, аҷаб шуд.
Сар то қадамам обила ҷӯшид дар ин роҳ,
То пойи ман осуда зи ташвишу таъаб шуд.
Ман аз аҷамӣ шиква надорам, ки ба хубӣ
Ғоратгари ҷону дилам он турки араб шуд.
Шоҳин, тамаъи бӯса намудем, барошуфт,
Берун магар ин шева зи қонуни адаб шуд?

Шоҳин дар ғазали мазкур, аввалан ба ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ эътибор дода, дар байти аввал ва байти охирон мақсади хуро дуруст баён менамояд. Сониян, ҳусни тахаллусро, ки барои ғазал муҳим мебошад, ба маврид корбарӣ карда, меъёри талаботи жанри ғазалро риоя мекунад. Ба тарзи

қофиябандӣ низ дар ин ғазал ва ғазалҳои дигараш эътибори ҷиддӣ дода, ягонагии онро таъмин мегардонад.

Дар бештари ғазалҳои шоир қофияи сохти **аа, ба, ва** корбандӣ шуда, талаботи шакли ғазал ба инобат гирифта шудаанд. Ҳамчунин меъёри миқдории байтҳо дар ғазалҳои Шамсиддин Шоҳин риоя шуда, аксари онҳо аз ҳафт байт кам нестанд. Чунин ғазалҳое ҳам ба назар мерасанд, ки миқдори байтҳояш аз сездаҳ боло мебошанд. Дар ин ғазалҳо низ шоир пайдарҳамии мантиқии байтҳоро ба инобат гирифта, матлабашро возеҳ баён менамояд.

Дар қисме аз ғазалҳои Шоҳин мавзӯи ишқ ба мавзӯи майю майгусорӣ омезиш ёфта, таъбиру ифодаҳои суннатӣ, ки хоси ин навъи ғазалҳо мебошанд, аз мадди назари шоир дур нашудаанд. Чунин ғазалҳо бештар оҳанги иҷтимоӣ дошта, шоир бо ин роҳ чеҳраҳои зоҳиду мулло ва аҳли тақворо, ки фазилатфурӯшӣ ва риёкорӣ менамоянд, фош месозад. Дар ғазалҳои мазкур мафҳумҳои «ринд», «зоҳид», «майкада», «зарқ», «хирқа», «хум», «бода», «соғар», «май» оҳанги маҷозӣ гирифта, ҳолати баъзе аз табақаҳои иҷтимоии Бухороро, ки ба фиребу тазвир умр ба сар мебаранд, ошкор месозад. Чунончи:

Зоҳид ба Каъба гар сару кори намоз дошт,
Шоҳин ба хоки пои ту рӯи ниёз дошт.

Дар байти мазкур шоир дар мисраи аввал агар риёкорию фиреби зоҳидро баён созад, дар мисраи дуюм амалҳои ошиқи шайдоро, ки ниёзманди дидори маъшуқа аст, тасвир карда, дар муқоиса хислатҳои зишту бадро бо амалҳои неку шоиста муқоиса менамояд. Мисраи якум ба мисраи дуюм тазод шуда, ормони дил ва эҳсосоти ботинии шоирро дуруст ифода менамояд.

Бояд гуфт, ки дар ғазалҳои шоир баъзан мавзӯи иҷтимоӣ бо мавзӯи ишқ пайдарҳам тасвир меёбад. Вай дар ин навъи ғазалҳояш ба муқобили амалҳои нодурусти аҳли дарбор ва атрофиёни онҳо исён менамояд ва ҳақиқати аҳволро возеҳу равшан тасвир месозад. Дар ин ғазалҳо оҳанги иҷтимоӣ баланд садо дода, муносибати иносн ба ҷомеа ва иҷтимоъ дуруст ифода мегарданд.

Шамсиддин Шоҳин дар эҷоди қасида, қитъа, рубоӣ ва тарҷеот низ шуҳрати беандоза доштааст. Қасидаҳои шоир фарогири унсурҳои суннатии жанри мазкур буда, бештари онҳо оҳанги иҷтимоӣ, тарҷумаиҳолӣ доранд. Дар қасидаҳои «Шикоят аз аҳли диёр», «Дар баёни бесуботии даҳр», «Дар коҳиши баъзе ҳамсуҳбатон», «Дар ҳаҷви шахси бад», «Шикоят» мавзӯъҳои иҷтимоӣ тасвир шуда, ноадолатиҳои замон ва рафторҳои зишти иддае аз муосирони шоир зери танқид гирифта шудаанд. Қисми асосии қасидаҳои шоир мадҳӣ буда, ба амир Абдулаҳад, амир Музаффар ва атрофиёни онҳо бахшида шудааст.

Шамсиддин Шоҳин инчунин қасидаҳои тасвирӣ ва фахрия низ таълиф кардааст. Қасидаҳои «Баҳор», «Дар сифати барф» «Дар мадҳи устоди худ Муҳаммадҷон Тоҳирхоҷаи Ҷӯйборӣ мутахаллис ба Зарир» аз ҳамин қабиланд. Дар ин қасидаҳо шоир бештар ба васфи табиат машғул шуда, зебоии онро тавсиф менамояд. Масалан, дар бораи барф менависад:

Так зад саманди боди ҳариф аз диёри барф,
Рӯи ҷаҳон гирифт ба зери ғубори барф.
Баҳман барои ғозафурӯшӣ ба саҳни боғ,
Бикшод аз ҳаюни ҳаво танги бори барф.
Аз касрати тарашшуҳи абру ҳубоби бод,
Офоқ ҳусни жола шуду шаб ҳисори барф
Шоҳин, ки умр сарфи ҳавохоҳии ту кард,
Равшан шудаст рӯзи вай аз рӯзгори барф.

Дар қасидаи мазкур Шоҳин бо як маҳорати баланд барфи зимистонро васф карда, тамоми табиатро, ки ба шарофати барф қабои сафед пӯшида, ғуломи ин муъҷизаи зебо шудааст, бо як маҳорати баланди шоирӣ тасвир менамояд.

Шамсиддин Шоҳин ҳамагӣ ҳашт қитъа навишта бошад ҳам, аз мазмуни онҳо маълум мешавад, ки шоир дар вақти осудагию фароғат ва оромии рӯҳу тан ба навиштани ин мисраъҳо машғул шуда будааст. Мавзӯи баъзе қитъаҳо ишқӣ буда, қисми дигарашон ба масъалаҳои ахлоқӣ, панду насиҳат, ҳасби ҳол бахшида шудаанд. Ба таври мисол:

Накӯӣ кун бар он, ки некӣ хост,
К-аз ту ин номи нек мемонад.
Мепазад ош дар сафол, вале
Рӯсиёҳӣ ба дег мемонад.

Шоир муҳимтарин хусусияти жанри мазкурро, ки панду насиҳати одамон аст, ба инобат гирифта, талаботи қонунмандии қитъаро риоя мекардааст. Ба ғайр аз ин дар ду байт ва чор мисраъ, ки талаботи жанри мазкур аст, муроди худро зебою форам, вале бо кинояву танз ифода менамудааст. Қитъаҳои шоир намунаи олии жанри ғиноӣ дар адабиёти тоҷик мебошанд.

Дар таълифи тарҷеъбанду таркиббанд Шамсиддин Шоҳин кӯшиши зиёд намуда, дар рушди ин жанри ғиноӣ хидмати шоиста намудааст.

Тарҷеъбанди «Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад» бо хоҳиши амир Абдулаҳад таълиф шуда, ба мунозираи зану марди ҳамсоя ва мадҳи амиру муносибаташ ба моҳи ҳут вобаста мебошад. Он аз шаш банд иборат буда, қонунмандии жанр дар таснифи тарҷеъбанд пурра риоя шудааст. Вобаста ба ҳамин масъала С. Имронов изҳори назр карда, менависад: «Навоварии Шоҳин дар шакли мураббаи тарҷеъбанд дар баробари ифодаи мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар он аст, ки ӯ дар байти васила мисраи аввалро пас аз ҳар як банд ҳамеша такрор ва мисраи дуюми байти василаро тағйир медиҳад ва бо ҳамин шоир унсурҳои байти василаи тарҷеъбанду таркиббандро бо як маҳорати бузург ба ҳам омехта намуда, ба шакли тарҷеъбанд як ҳусни тозаеро зам намудааст. Чунин ихтироот дар тарҷеъбанд аз рӯи мушоҳидаи мо ба худи Шоҳин тааллуқ дорад». Дар таркиббанди шоир низ ҳамин хусусияти навоваронаро мушоҳида кардан мумкин аст. Шоир дар ин таркиббанди худ, мавзӯи ишқро интихоб карда, эҳсосоти рӯҳии ошиқонро бо истифода аз санъатҳои лафзию маънавӣ возеҳу равшан шарҳ медиҳад. Банди васила дар таркиббанд ду бор такрор шуда, дар ҳарду ҳолат бандҳои асосиро такмил ва пурра мегардонад. Аммо шоир дар банди сеюм аз ишораи банди васила худдорӣ намуда, бе истифодаи он мақсадашро ҷамъбаст кардааст.

Дар жанри мусаддас ва мухаммас Шоҳин мактаби анъанаи шоирони пешинро идома дода, дар ин жанрҳо низ касби камол

кардааст ва якчанд мусаддас ва мухаммаси ҷолиб тасниф намудааст, ки онҳо ҷанбаи иҷтимоӣ ва интиқодӣ доранд.

Хидмати Шамсиддин Шоҳин дар инкишофи жанри рубоӣ назаррас мебошад. Дар рубоиҳои шоир мавзӯъҳои ахлоқию иҷтимоӣ, ишқию лирикӣ васеъ инъикос ёфта, меъёр ва талаботи жанр низ пурра ба инобат гирифта шудаанд. Дар бештари рубоиҳои Шоҳин мавзӯи ишқ тасвир шуда, дар онҳо ҳиссиёти ботинӣ ва ҳолати рӯҳии ошиқони дилбохта самимӣ инъикос мешаванд. Дар баъзе рубоиҳои шоир оҳанги халқӣ бештар мушоҳида шуда, ифодаҳои зебою дилкаш бадеияти онҳоро пурқувват гардонидаанд. Масалан, дар рубоие менависад:

Дар ишқи ту кори ман ба сомон нарасад,
Аз васли ту дарди ман ба дармон нарасад,
Бе лаъли ту мурдаму нагуфтӣ ҳаргиз,
К-ин ташнаҷигар ба оби ҳайвон нарасад.

Дар рубоии мазкур ҳолати дилбохтагон ва вазъияти рӯҳию маънавии онҳо латифу дилкаш таҷассум ёфта, муроди шоир ҳосил гардидааст. Аксари рубоиҳои шоир ҳамин хусусиятро доро буда, хидмати шоистаи Шоҳин дар ташаккул ва инкишофи ин жанри ғиноӣ бебаҳс мебошад.

Дар ҳақиқат, Шамсиддин Шоҳини Кӯлобӣ аз ҷумлаи чеҳраҳои нотакрори асри Х1Х буда, хидмати вай дар рушду инкишофи адабиёти тоҷик беназир мебошад. Вай ба ҷавонии хеш нигоҳ накарда, дар умри кӯтоҳи бобаракати худ беҳтарин осорро ба ёдгор гузоштааст, ки имрӯз дар ташаккули маънавиёти ҷомеа таъсири муассир мерасонад.

Нашри ғазалиёти Шамсиддин Шоҳин аз силсилаи «Ахтарони адаб» туҳфаи муносиб ва арзандаест барои дӯстдорони шеъру адаб ба муносибати 160-солагии шоир. Бовар дорем, ки осори ин шоири забардасту накусияр дар тарбияи маънавии насли наврас таъсири амиқ мегузорад.

Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,
академики Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҒАЗАЛИЁТИ
ШАМСИДДИН ШОҲИН

* * *

Ба авҷи кибриё, к-аз саъйи озодист роҳ он ҷо,
Бикун тарки кулоҳ ин ҷо, шикан тарки кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи таҳайюр шӯхчашмӣ барнамедорад,
Диҳад тарки кулоҳ ороиши тарки кулоҳ он ҷо.
Дар ин маҳфил, ки ҳусн аз ҷилва таъдиби адаб дорад,
Ба забти хештан ойина меболад нигоҳ он ҷо.
Бисоти тирабахтӣ файзҳо дорад, машав ғофил,
Ки болад субҳҳо аз пардаи шоми сиёҳ он ҷо.
Бисоти даҳр аз бас вақфи нодонӣ бувад, Шоҳин,
Тавон дар содалавҳӣ дод арзи дастгоҳ он ҷо.

* * *

Ало ё айюҳа с-солик, даъи н-нафсу ва қотилҳо,[1]
Ки ин аммора мехоҳад ба чандин саъй ботилҳо.
Дар ин боғи пурафсун ғулғули кӯси раҳил ояд
Ба гӯши шоҳиди аврод илҳоми анодилҳо.
Ба тасхири дили бечораи ман кай шавад моил
Сари зулфат, ки дорад баста дар ҳар тори мӯ дилҳо.
Маро накшуд кор аз дасти сӯфӣ, соқиё, май деҳ,
Ки хоҳад нохуни мисрӣ намудан ҳалли мушкилҳо.
Маро аз дурдии май дарду доғи ӯ нарафт аз дил,
Ки натвон чеҳраи хуршеду маҳ андудан аз гилҳо.
Намедонам, куҷо рахти иқомат афканам, Шоҳин,
Дар ин водӣ, ки чун нақши қадам афтод манзилҳо.

[1] Аё солик (роҳрав), нафсро бирон ва онро бикуш.

* * *

Рӯзгорест ба абрӯи ту ҷанг аст маро,
Рӯи ҳиммат ба дами теғи фаранг аст маро.
Маънии нозук аз он мӯймиён мебастам,
Чи кунам, аз даҳанат қофия танг аст маро.
Раҳ ба сарманзили мақсад натавонад бурдан
Пои ҳиммат, ки дар ин бодия ланг аст маро.
Аз пайи моҳии соқи ту ба по афтода-ст,
Сари зулфи ту, ки қуллоби наҳанг аст маро.
Аз камонхонаи абрӯи ту дар дил дорам,
Ки ба ҳар ғамза чи миқдор хаданг аст маро.
Майли ман кардану майл аз ту гирифтан, ҳайҳот!
Ба чи навъ аст турову ба чӣ ранг аст маро?
Мекашад теғ ба сар аз ҳасад абрӯи туам,
Ки чаро домани зулфи ту ба чанг аст маро?
Гӯ, мадеҳ соғари он наргиси фаттон, ки ҳанӯз
Дар сари фоли ту кайфияти банг аст маро.
Дили бечораи Шоҳин ба хами турраи ӯ
Ҳамчу оҳубарра дар чанги паланг аст маро.

* * *

Бисӯхт барқи фано хирмани бақои маро,
Бибурд сели харобӣ зи ҷо бинои маро.
Чи нолаҳо, ки накардам ба кунҷи танҳоӣ,
Касе надиду нафаҳмид моҷарои маро.
Фалак гирифт зи суру ба мотамам афканд,
Ба вой-вой қарин кард ҳой-ҳои маро.
Хаёли зиндагӣ аз ғам накард озодам,
Тааллуқ аст ба мурдан кунун ризои маро.
Кудурат аз ҳама зоил шавад ба файзи сафо,
Зудудааст кудурат вале сафои маро.
Ба ҳар куҷо, ки равам, фикри узлате дорам,
Кадом гӯшанишин мекунад дуои маро?

Дигар нишонаи бедавлатӣ чи мебошад,
Шикаст болу фурӯ рехт пар ҳумои маро.
Маро зи табъи расо рухсати тамошо нест,
Ки дӯхтанд ба ин ришта дидаҳои маро.
Ба ёди қадди ту боло гирифт оҷизиям,
Шикаст фикри асо қомати дутои маро.
Тариқи ҳайрати он ҷилва баски мепӯям,
Тавоф мекунад ойина нақши пои маро.
Зи бахти хеш шикоят намекунам, Шоҳин,
Ки додаанд ба ҷурми амал ҷазои маро.

* * *

Ман, ки дар пои ту кардам сари савдоиро,
Бохтам дар сари савдои ту муллоиро.
Бурд завқи лаби ширини ту аз хотири ман
Фикри дарсу тамаи лаълии ҳалвоиро.
Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман
Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро.
Шукр, бахшид ба ман бандагии хоки дарат
Он, ки дида-ст муносиб ба ту мавлоиро.
Табъи Шоҳин, ки ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Ҳама аз лаъли ту омӯхт шакархоиро.

* * *

Санамо, лоларухо, сарвқадо, симбаро,
Ба нигоҳе накунӣ хотири мо шод чаро!?
Бо ту, эй дидадаро, қасри дил аст омода,
Аз раҳи дида даро бар дилам, эй дидадаро.
Ба шакар талхии бодом равад, оре, нест
Ҷуз шакарханда илоҷе нигаҳи талхи туро.
Мебарам доғи ғами ишқи ту, эй тозаҷавон,
То сарои дигар, алқисса, аз ин кӯҳнасаро.
Турфа корест муҳаббат, ки ба иғвои хаёл,
Мекашад ҳар нафасам аз пайи фикри дигаро.

Мехи оҳан биравад дар ҷигари сангдиле,
Накунад нолаи ман дар дили сахтат асаро.
Дилам аз рӯза гирифта-ст, нигоро, маҳи ид,
То зи абрӯи ту бинам, ба лаби бом баро!
Ҳаст хоки қадами шоҳи ҷаҳон бар Шоҳин,
Сандали ҷабҳаву кӯҳли басару тоҷи саро.

* * *

Дилбаро, садқа шавам наргиси фаттони туро,
Қадди сарву лаби лаълу хати райҳони туро.
То бар он чоки гиребон набарам дасти умед,
Ҳаргиз аз каф наниҳам гӯшаи домони туро.
Дил ба як бор бипардохтам аз фикри китоб,
Дидам он дам, ки хати ғолияафшони туро.
Бо рақибон макун эҳсон, ки аз ин тирадилон
Шиканад, он ки намак хӯрд, намакдони туро.
Як ҷаҳон дил фитад аз ҳар хами зулфи ту ба хок,
Доя, ки шона кунад зулфи парешони туро.
Қурси хуршеду қамар гар биниҳандаш ба канор,
Илтифоте набувад резахӯри хони туро.
Ғайри алтофи ту, шоҳо, кӣ тавонад хуш кард
Табъи Шоҳини дуогӯи санохони туро?

* * *

Эй маҳви интизори ту чашми сафеди мо,
Холӣ мабод аз ту канори умеди мо.
Шуд фатҳи боби маъсият аз шаш ҷиҳат, вале
Бар қуфли тавба рост наёмад калиди мо.
Боди сабо зи кӯи ту гар оварад паём,
Бояд зи ранги рафта биҷӯӣ навиди мо.
Шоҳин, чи нукта мезанӣ аз сеҳри Сомирӣ,
К-эъҷози мӯсавист Каломи Маҷиди мо.

* * *

Ман кӣ бошам, сар кашам аз хатти фармони шумо?
Ҳар чи ояд бар сарам, ман банда, ҳукм они шумо.
Як сари мискин чи бошад, к-аз шумо дорам дареғ,
Гар дилу ҷон аст, он ҳам бод қурбони шумо.
Дар хами он зулфи чун чавгон дили моро чӣ қадр?
Эй сари афсартирозон гӯйи майдони шумо!
Мекашад доман зи рӯи ноз чун оби зулол
Ашки талхи ман зи лаъли шаккарафшони шумо.
Сад чаман гул атсазан бархезад аз домони хок,
Гар сабо орад насиме аз гиребони шумо.
Бар дили девонаам, эй носеҳон, афсун дамед,
Вақф кардам оҳани сарде ба сандони шумо!
Гар кунад Шоҳин ба васфи он даҳан маҷмӯае,
Мезанад раҳ бар дилаш зулфи парешони шумо.

* * *

Натавон бар гули рӯи ту зад аз бим гулоб,
К-аз латофат дамадаш ойина монанди ҳубоб.
Дили ман аз шикани зулфи ту натвонад раст,
Ҳамчу он саъва, ки афтода ба чанголи уқоб.
Пурбулӯр аст ҳино дасти туро оби ақиқ,
Бошад аз хуни шафақ панҷаи хуршед хизоб.
Зи ту, эй тифли ҷафопешаи ман, чашми вафо
Бошад аз синаи ангур таманнои шароб.
Доғам охир ба шакархандаи лаъли намакин
Кам нашуд наргиси махмури туро захри итоб.
Зад рақам дар сифати ҳусни ту Шоҳин ғазале,
Ки ҷуз «Аҳсанта!» касеро нарасад ҳадди ҷавоб.

* * *

Гарам мекушад абруи ӯ, чӣ хуб,
Ки гӯянд: «ас-сайфу мо ҳай зунуб».[1]
Хаёли рухи ӯ ба чашми ғариб
Ҳия ш-шамсу локин би айн ил-ғуруб.[2]
Зи дилҳои ушшоқ бар дори зулф
Кашад фавҷ-фавҷу кушад тӯб-тӯб.
Зи тоби ғамаш устухонам гудохт,
Факайфа л-буюту бидуна л-хушуб ? [3]
Вазид аз сари кӯи ҷонон насим,
Лақад тоба рӯҳӣ бизока л-ҳубуб.[4]
Ҳазар кун зи килки ман, эй муддаӣ,
Ки дуздиву иқрор кардӣ ба чӯб.
Зи лаъли ту Шоҳин бизад чошнӣ,
Ки шеъраш малеҳ асту назмаш азуб.

* * *

Эй мулоимтар зи тухми нимдунбул ғабғабат,
Рустаи Қаршӣ ҳаловатпарвари кунҷи лабат!
К-ӯ занад бар риштаи ҷони мани маҳзун гиреҳ,
Гар ҳамехоҳад, ки шайхи хонақаҳ бандад табат.
Кулфати айёми ҳичрон нагзарад бар хотирам,
Гар ба соле иттифоқ афтад ба ман васли шабат.
Зоҳидо, дар дил чу ман ишқи бути маҳваш турост,
К-аз фалак имшаб гузашт овози «Ё Раб! Ё Раб!»-ат.
Он маҳи номеҳрубон майли ту дорад, эй рақиб,
Офарин бар ёрии иқболу юмни кавкабат!
Дар канори ҳавзи Кавсар, ростӣ, чун ҳиндуест
Холи мушкине, ки манзил кард дар кунҷи лабат.

[1] шамшер барои он вуҷуд дорад, ки гуноҳҳо вуҷуд доранд.
[2] ӯ офтоб аст, аммо ба вақти ғуруб.
[3] хонаи бе чӯб чӣ гуна аст?
[4] аз он насим равонам нишот ёфт.

Бандаи фатвои ишқам, хезу хуни ман бирез,
Хуни ошиқ гар ҳалол аст, эй санам, дар мазҳабат!
Ҷаҳд кун Шоҳину хоки остони шоҳ бош,
Нест дар ин остон ҷуз хок будан мансабат.

* * *

Нарасад сарв бар он қомати дилҷӯ, ки турост,
Нарасад мушк бар он зулфи суманбӯ, ки турост.
Мехалад бар ҷигарам н-омада аз хона ҳанӯз,
Тири мижгон ба камонхонаи абрӯ, ки турост.
Гар чунин мерамад аз сояи мижгон, ҳошо,
Ром гардад ба ман он чашми чу оҳу, ки турост.
Як сари мӯй ҷунун кам нашавад аз сари дил,
Ки бувад қайдаш аз он силсилаи мӯ, ки турост.
Ояд аз шӯхии чашмони ту дар ханда даҳон,
Пардаи ғунча дарад наргиси ҷоду, ки турост.
Сабр аз рӯи туву тоб ба хӯят мушкил,
Чӣ кунам, оҳ аз он рӯю аз он хӯ, ки турост.
Рӯзгорест, ки парвардаи шакар, Шоҳин,
Тӯтии нотиқа з-он лаъли сухангӯ, ки турост.

* * *

Тарзи хирому нози ту з-ин сон, ки дилрабост,
Гар ман ба хоки пои ту ҷон медиҳам, равост.
Ҳаргиз ба вазъи дӯстӣ аз сар намениҳад
Бегонагӣ, ки шеваи он ёри ошност.
Розӣ наям ба таънаи ағёру ҷаври ёр,
Эй дӯстон, чӣ чора кунам, ошиқӣ балост!
Гуфтам: – Дило, биё, ки ба сайри чаман равем,
Ҳарчанд кардам, аз сари кӯи ту барнахост.
То пай барам зи даст ба сарманзили қабул,
Шоҳин, сулуки ман ҳама дар ҷодаи ризост.

* * *

Интизори тирабахтӣ баски сайди роми мост,
Сурма аз гарди рами оҳу ба чашми доми мост.
Мо ба риндӣ фориғем аз ному нанги рӯзгор,
Бода аз хуни ду олам обрӯ дар ҷоми мост.
Эътибори фақрро нозем аз тарки нигин,
Он чӣ мемонад ба некӣ, то қиёмат номи мост.
То чӣ сон аз маҳмили Лайлӣ нишон хоҳем ёфт,
Ҳамчу Маҷнун гар на овози ҷарас пайғоми мост?
Ҷуз лаби изҳор кори дигар аз Шоҳин маҷӯй,
Тарҷумони ин таманно санъати иброми мост.

* * *

Як қалам аз файзи шеърам рангбор афтодааст
В-арна табъам рашки сад гулшан баҳор афтодааст.
То ба мижгон тифли ашкам найсавор афтодааст,
Гиряам сомони сад шӯхӣ баҳор афтодааст.
Ғайри ҳичрон орзуи васлро дар бор нест,
Ҳар кӣ меҷӯяд канорат, дар канор афтодааст.
Оҳ, к-аз хат тира шуд ҳусни сафопарварди ӯ,
Ҳайф, к-ин ойина дар банди ғубор афтодааст.
Дар таманнои хатат ҷӯши хароши ҳайратам,
Хорҳо дар синаам з-ин хор-хор афтодааст.
Ҷуз таҳайюр чораи дигар намебинад ба кор,
Ҳар куҷо ойина бо рӯят дучор афтодаст.
Ғайри ҳайрат нест чун ойина, Шоҳин, шеваам,
То маро дар хилвати дидор бор афтодааст.

* * *

Дареғи ман, ки зи ишқи ту рафтаам аз даст,
Чу он шарори баланде, ки з-об гардад паст.
Қади чу новаки ман бин, ки чун камони заиф,
Ба садмаи кашиши бозуи ғами ту шикаст.

Ҳаме зи чашми ту тарсам, ки он сиёҳдарун
Кунад ба куштани ман қасд ҳамчу зангии маст.
Нахуст меҳру вафои туро сиришт магар,
Даме, ки Монии тақдир нақши ман барбаст?
Ки нақш дар дили хотам чунон нагирад ҷой,
Ки нақши меҳру вафои ту дар дилам биншаст.
Чу турраат натавонам, ки сар кунам боло,
Ки теғ бар сарам абрӯт мезанад пайваст.
Ситам ба бандаи бечорае кунӣ зи ғурур,
Магар надонӣ, ки эй нозанин, Худое ҳаст?!
Гар аз Худой натарсӣ, битарс аз он, ки бувад
Худойгони раъиятнавози бандапараст.
Хадеви мулк, Худованди халқ, он, ки гирифт
Калиди рӯзии тасхири мулки халқ ба даст,
Ки мулкро биситонад ба теғи худ ҳамвор,
Ки халқро бинавозад ба ҷӯди худ пайваст.
Зи баски мекунад оҳанги мадҳи ӯ Шоҳин,
Зи чанги фикрати ӯ сайди ҳеҷ нукта нараст.

* * *

Биё, ки вазъи ҷаҳон тарзи дигар афтодаст,
Ки ҳар кӣ шод дар ӯ зиста-ст, ношод аст.
Зи ғунча ҳар варақи гул, ки во шавад ба насим,
Ба фарқи булбули бечора теғи бедод аст.
Наволаҳои ҷигар дар чаман ба даъвати кист,
Ки лола дар табақи обнӯс бинҳода-ст?
Чӣ сон ба зуҳд гирояд дилам, ки муддатҳост,
Ба бонги барбату шурби мудом афтода-ст.
На ман кашидаам имрӯз дар қалам хати ишқ,
Ки ишқ хатти нахустини лавҳи эҷод аст.
Гузашт нолаам аз сангу бо ту дарнагирифт,
Дили ту, эй бути чинӣ, магар зи фӯлод аст?
Замона пунбаи ғафлат ниҳодааст ба гӯш,
Вагарна ҳар сари мӯям забони фарёд аст.

Фариштаро чу бад-он зулф мекушӣ дар дом,
Чӣ эҳтимоли халосӣ ба одамизод аст?!
Фақеҳи шаҳр, ки фатво диҳад ба ҳурмати май,
Агар ба мавсими гул дода, ҷои эрод аст.
Ба солҳо накашад нанги туҳмати таъмир
Харобае, ки ба сели ҳаводис обод аст.
Нараст ҳеҷ дил аз доми турраш, Шоҳин,
Магар дили ту, ки бисмил шуда-ст, озод аст.

* * *

Дилбаро, ҳолам хароб аз наргиси фаттони туст,
Хотирам ошуфта аз зулфи абирафшони туст.
Хоҳ аз абрӯ ба теғу хоҳ аз мижгон ба тир,
Турки ман, бо ҳарчи мехоҳӣ бикуш, ҳукм они туст.
Гуфтамаш: – Дарди ту дармоне надорад, чун кунам?
Гуфт: – Эй ғофил, надонӣ? Дарди ман дармони туст!
Ҳар ки паймони вафо барбаст бо майгун лабат,
Гарчи шуд паймонааш пур, бар сари паймони туст.
Гар кунам манъ аз муҳаббат, кай пазирад ҳарфи ман,
Ин дили девонаи ман баски дар фармони туст.
Гуфт: – Мушкилтар зи ҷон кандан чӣ бошад дар ҷаҳон?
Гуфтамаш: – Эй шӯх, ҳалли уқдаи тунбони туст.
Гуфтамаш: – Аз гиря чашмам кӯр шуд, хандиду гуфт:
Гарди роҳам тӯтиёи дидаи гирёни туст,
Дил асири турраи хам дар хамат имрӯз нест,
Ҳамчу гӯй афтода умре дар хами чавгони туст.
Соидатро сим мехонанду аз ин ғофиланд,
Кӯҳ-кӯҳи сим пинҳон дар таҳи домони туст.
Аз майи маъшуқ агар зоҳид ҳамеҷӯӣ канор,
Аз раҳи тақво магӯ, аз нестӣ имони туст.
Шеъри Шоҳин шуҳра з-он рӯ дар малоҳат гаштааст,
К-аз намакпарвардагони суфраи эҳсони туст.

* * *

Ҷони ширини ман, эй ширинписар, қурбони туст,
Ҳарчи ширintар бувад аз ҷон, фидои ҷони туст.
Аз миён боло макун таклифи васли худ маро,
З-он, ки мақсуди ман, эй маҳ, аз миён поёни туст.
Бо ҳама шаккарбаёнӣ тӯтии ширинбаён
Мунфаил аз лаъли ширини шакарафшони туст.
Он чӣ мегӯянд лаълу он чӣ мегӯянд дур,
Он ишорат аз лабу в-ин рамзе аз дандони туст.
Хоҳ бигзорӣ ба ҳаҷру хоҳ бинвозӣ ба васл,
Ҳар чӣ фармоӣ, дили ман бандаи фармони туст.
Ҷои эҳсон мекунӣ нафрин мани бечараро,
Эй фидоят ман, дилам мамнуни ин эҳсони туст.
Турки ман, раҳме, ки бар ҷону дили афгори ман
Захми сад теғу синон аз абрӯи туркони туст.
Сомирӣ дар соҳирӣ бо он ҳама дасте, ки дошт,
Камтарин аз чокарони наргиси фаттони туст.
Ҳола дар гирди қамар, ё шакк дар атрофи моҳ,
Ё ба даври орази насрин хати райҳони туст.
Хайр кун бар ошиқи мискини худ, эй симтан,
З-ин ҳама симе, ки пинҳон дар таҳи домони туст.
Сар ба қурси меҳру маҳ ҳаргиз намеорад фурӯ
Ҳар кӣ, шоҳо, ҳамчу Шоҳин резачини хони туст.

* * *

Он ҳуққаи даҳони ту ё тунги шаккар аст,
Ё чашмаи ҳаёт ва ё ҳавзи Кавсар аст.
Хунам хӯриву бок надорӣ, ки хуни ман
Гӯӣ, ҳалолтар ба ту аз шири модар аст.
Ошуфтагӣ-м як сари мӯ кам намешавад,
То турраи расои ту ошуфта бар сар аст.
Гар кисааш тиҳӣ бувад аз сим, бок нест
Онро, ки чун ту симбаре хуфта дар бар аст.

Бихром сӯи боғ, ки қадди баланди ту
Саркӯби нахли сарву ниҳоли санавбар аст.
Мустағнӣ аст ҳусни ту чандон, ки пеши ту
Буду набуди ошиқи мискин баробар аст.
То аз даҳони танги ту дорам умеди кор,
Аз хони даҳр рӯзии ман кам муқаррар аст.
Овехта ба ҳар сари мӯ ҷони оламе
Зулфат, ки дар рабудани дилҳо диловар аст.
Гоҳе фаришта хонаму гаҳ ҳур, гаҳ парӣ,
Баргӯ, ки бо ҷамоли ту з-инҳо чӣ дар бар аст?
Доғам, ки аз қабули ту иззу шараф наёфт
Шоҳин, агарчи аз дилу ҷон бо ту чокар аст.

* * *

Дилам ҳамчу минқори булбул ду ним аст,
Ки домони он гул ба дасти насим аст.
Туро з-он қадду кокулу зулф, ҷоно,
Алиф дар миёну зи ду нуну ҷим аст.
Барафрӯхт бар Аймани зулф оташ,
Дили ман, ки бар Тӯри маънӣ Калим аст.
Дилам з-он хами зулф берун наёяд,
Ки чун нуқта дар ҳалқаи нун муқим аст.
Туро зулфу қадду даҳон гуфт, Шоҳин,
Ки дар мусҳафи ҳусн алиф, лом, мим аст.

* * *

Доғи ишқи ту ба рухсораи дил холи ман аст,
Аз ту идбор гар ояд ба ман, иқболи ман аст.
Қади шамшоди ту ҳар ҷо, ки равад, аз дунбол
Тани ҳамчун алифу қомати чун доли ман аст.
Ҳар мазаллат, ки ба ман мерасад аз даври сипеҳр,
Рост гӯям, асари шумии афъоли ман аст.
Ҳар куҷо меравам, эй рашки бутон, бахти сиёҳ
Ҳамчу гесӯи ту афтода ба дунболи ман аст.

Кору кочоли дигар нест маро ғайр аз ишқ,
Ишқи хубон ҳама кори ману кочоли ман аст.
Гаҳ ғами дил хӯраму гаҳ ситами дида кашам,
Ин ду худкома, аҷаб, мурдаи ғассоли ман аст.
Ҳусни ошиқсифатон ғайри гирифторӣ нест,
Ҳалқаи дом ба по зинати халхоли ман аст.
Туъмаи рӯҳ бувад аҳли хирадро, Шоҳин,
Сайди маънӣ, ки асири хами чанголи ман аст.

* * *

Маро, ки ишқи накӯён накӯтарин амал аст,
Хушам, к-аз ин амали нек номи ман масал аст.
Шаби висол, ки вақти нафас кашидан нест,
Бигӯ ба мурғи саҳар, к-ин чӣ бонги бемаҳал аст!?
Қадам ҳамеазанад аз ҳад буруну метарсам,
Ки муддаӣ хари ланг аст, ҷода пурваҳал аст.
Ба қисмати азалӣ гар ту розиӣ, зоҳид,
Зи ман маранҷ ба риндӣ, ки қисмати азал аст.
Маҳил, ки умри азизи ту бигзарад бе васл,
Ки васли ёр чу умри азиз бебадал аст.
Маро ба лаъли лабат ҳайф ояд аз дашном,
Аз он ки талхии сум бо ҳаловати асал аст.
Хирад ба шеъри ту, Шоҳин, аз он бувад, вола,
Ки як ҳадису ҳазораш нукот муҳтамал аст.

* * *

Дили сиришта ба дарде, ки дар канори ман аст,
Гарам ғаме расад аз даҳр, ғамгусори ман аст.
Диле, ки гум шуда, ҳаргиз наёфтам асараш,
Барад сабо, ба хами турраи нигори ман аст.
Манам, ки дар раҳи хубон гузаштам аз ҳама кор,
Агар ғалат накунам, кори хуб кори ман аст.
Бигуфтамаш, ки ба хунам ривояте дорӣ?
Бигуфт: – Хатти ғуборе, ки бар узори ман аст.

Ба ёди кӯи ту бигзаштаме зи боғу баҳор,
Ки ёди кӯи ту ҳам боғу ҳам баҳори ман аст.
Саводи шеър, ки кардам ба ёдгор рақам,
Ба рӯи даҳр бимонад, ки ёдгори ман аст.
Ҳар он ки ёфт пару боли маънии Шоҳин,
Агар ба тораки гардун расад, шикори ман аст.

* * *

Дилам шикастатар аз турраи бутон шудааст,
Қадам хамидатар аз гӯшаи камон шудааст.
Зи мӯя тоқати ман баски бе рухи ту гудохт,
Танам низортар аз мӯи он миён шудааст.
Ғаме, ки бар дилам омад зи рӯзгори фироқ,
Зи ҳар чи шарҳ тавон дод, беш аз он шудааст.
Буте, ки бурд дил аз ман ба талъати башарӣ,
Чаро зи дидаи ман чун парӣ ниҳон шудааст.
Бихостӣ, ки таровад зи дида хуни дилам,
Биё, бубин, ки дилат ҳарчи хост, он шудааст.
Ту ҳар куҷо, ки равӣ, ашки ман ба дунболат
Чу соил аз пайи соҳибкарам равон шудааст.
Баҳори ҷилваи нозӣ, ки мебарад ташриф,
Ки саҳни кулбаи ман рашки бӯстон шудааст.
Мапурс бе рухи худ ҳоли ҷисми лоғари ман,
Ки ҳамчу чашми ту бемору нотавон шудааст.
Фурӯғи ҳусни туро забту ҳаср натвон кард,
Ки бо талиаи хуршед ҳаминон шудааст.
Ба ҳеҷ бода сабукдил намешавад ринде,
Ки бо майи лаби лаъли ту саргарон шудааст.
Ба рӯзгори ҷавонӣ шавад чу Шоҳин пир
Касе, ки ошиқи он сарви навҷавон шудааст.

* * *

Туӣ, ки ҳукми ту қотеъ чу насси Қуръонист,
Туӣ, ки рӯи ту мунтаҷ чу шакли мизонист.

Бувад бақои ту, то ҳаст осмон, аммо
Аз ин дуо хиҷилам, з-он ки осмон фонист.
Фалак, ки қурси маҳу меҳр дар бағал дорад,
Ҳамон зи хони туаш заллаҳои меҳмонист.
Бикун ҳимояти худ аз рақиби девсиришт,
Зи бас даҳони ту ангуштари сулаймонист.
Зи теғи абруи ӯ захм агар хӯрам бар дил,
Шикояте накунам, сарнавишти пешонист.
Чӣ моя ғайри хато баҳри афв арза диҳам,
Ки назди хоҷа ҳамон узри банда нодонист.
Дароздастии зулфи нигорро нозам,
Насиби ман чу сари зулфи ӯ парешонист.
Ҳазор нома навиштем, к-аз таровати ашк
Ҳамин, ки хор шикастем, чашм қурбонист.
Ҳарифи табъи расои ту кас нашуд, Шоҳин,
Зи бас ягонаи офоқ дар сухандонист.

* * *

Лаъли лаби ту ғайрати ёқути аҳмар аст,
Акси рухи ту нусхаи хуршеди анвар аст.
Ташбеҳ бо кадом ҳаловат тавон намуд
Нӯши лаби туро, ки беҳ аз шаҳду шаккар аст?
Ёқутро ба лаъли ту нисбат намерасад,
Ҳарчанд ин муқобала урфан мукаррар аст.
Он ҷавҳарест хоста аз кону ин зи ҷон,
Конӣ куҷо ба ҷавҳари ҷонӣ баробар аст!
Ҳар дил, ки аз каманди алоиқ канора ҷуст,
Дар чини гесуи чу камандат мусаххар аст.
Дидан тавон шамоили ҷон билмуояна,
Аз ҷисми нозуки ту, ки рӯҳи мусаввар аст.
Эй муҳтасиб, ба шиша мазан зӯри Ҳайдарӣ,
Оҳистатар, ки он на сари Амр Антар аст.
Хаттат ҳаме дамида бар атрофи оразат,
З-он сон, ки бар ҳавошии кофур анбар аст.

Хоҳе ба дида, хоҳ ба дил мекунӣ гузор,
Ҷое ту ҳар куҷо, ки ниҳӣ пой, бар сар аст.
Шоҳин, маро ба чокарии хештан нахост
Шоҳаншаҳе, ки хоки дараш тоҷи қайсар аст.

* * *

Дилам ба чанбари зулфат агарчи афтодаст,
Вале хуш аст аз он тоире, ки озод аст.
Закоти ҳусн ба ушшоқи хаста бояд дод
Туро, ки ҳусни накӯ давлати Худодод аст.
Чӣ гуна дил канам аз васлат, эй санам, ки дилам
Ба фурқати ту ҳазину ба васли ту шод аст.
Чи сон ба боғ равам бе ту, к-аз назораи гул
Гиреҳ зи хотири ман бе рухи ту накшодаст.
Маранҷ, эй гули навруста, аз тазаллуми ман,
Ки кори булбули бечора доду фарёд аст.
Ҷаҳон, ки ҷилва кунад дар назар чу соҳати боғ,
Чу аҳди лоларухон сахт сустбунёд аст.
Гузашт умру накардӣ вафо ба ваъдаи хеш,
Магар ба ваъдаи ту рӯзи ҳашр миъод аст?
Латифаест рухат мунтахаб зи дафтари ҳусн,
Ниҳода бар сари он наргиси ту чун сод аст.
Зи сайри боғ ба васли ту фориғам, зеро
Ки орази ту гулу қомати ту шамшод аст.
Лабат ба бодапарастӣ ҳамекунад таклиф,
Дили маро, ки ба зуҳду салоҳ муътод аст.
Зи кулбаи дили Шоҳин харобтар ҷо нест,
Вале хаёли ту чун по ниҳод, обод аст.

* * *

Мудом табъи ман аз ваҷҳи ёр ночоқ аст,
Ки субҳу шом рафиқи рақиби айғоқ аст.
Ба ишқ агар надиҳад тан дилам, ба зулф супор,
Илоҷи кӯдаки мактабгурез фаллоқ аст.

Миёни дарду ғами ишқи ту назири дилам
Ҳамон ба маъракаи кӯбкорӣ ӯлоқ аст.
Ба ҷуфту тоқ нашуд равшанам, ки аз чӣ сабаб
Нигори ман ба ҷафо ҷуфту дар вафо тоқ аст.
Чунон далер ба куфрам ба боби фатвии май,
Ки дар ҷавоб масоил имоми қишлоқ аст.
Зи баъди бодаи талх аз барои ҳалқосо
Ба ҷои қанди Канорискиям қавунқоқ аст.
Ба ҳеҷ ваҷҳ мулоим наметавон кардан
Дили туро, ки ба сахтӣ мисоли қайроқ аст.
Нигори ман, зи рақибон макун таваққуи пул,
Ки ҳарчи бо ту расад з-ин ҷамоа, шилтоқ аст.
Агарчи ҳаст ба зоҳир бути ман олуфта,
Вале ба додани оғӯш сахт қултоқ аст.
Ба ҳамзабонии Шоҳин кӣ мекунад даъво,
Ки ин ҳарифи сухандон зиёда таллоқ аст.

* * *

Дилам шикаставу тан хаставу ҷигар хун аст,
Биё, бубин, ки маро бе ту зиндагӣ чун аст.
Ғами дилам ба қиёсу ҳисоб н-ояд рост,
Ки аз ҳисоб бурун в-аз қиёс берун аст.
Ба ҷомахоб зи май маст хуфтааст нигор,
Дило, бикӯш, ки имшаб шаби шабехун аст.
Маро ба ваъдаи ту ҷои эътимод намонд,
Ки кору бори ту пайваста макру афсун аст.
Ту рафтӣ аз барам, эй сарвиноз, аз пайи ту
Зи ҳар ҳадиқаи чашмам равона Ҷайҳун аст.
Ба решҳои дилам баҳри нолапардозӣ
Ғамат чу захмаи мутриб ба тори конун аст.
Бирав ба майкада, аз зарқ хирқа пок бишӯй,
Ки лойи зери хуми бода беҳ зи собун аст.

Дилам ба соғари май майл мекунад доим,
Магар ба наргиси махмури ёр мафтун аст?
Кунад ба шеъри ту, Шоҳин, ақидаи комил
Касе, ки мухлиси ашъори табъи мавзун аст.

* * *

Бад-ин ғалат, ки вай андар сари вафои ман аст,
Агар ба теғ бибуррад сарам, сазои ман аст.
Гарам биҳишт муяссар шавад, намебахшам,
Ба ҷуз гули рухи ҷонон, ки муддаои ман аст.
Худо нахоста, бегона мешавам аз дин,
Чаро ки он бути бегона ошнои ман аст.
Чу Ҷам ба ҷоми ҷаҳон, бин, саре надорам аз он,
Ки нақши пои ту ҷоми ҷаҳоннамои ман аст.
Маро рухи ту ба кокул ишора мефармуд:
Ҳазар зи рӯзи сиёҳе, ки дар қафои ман аст.
Ба як ишора адо кун баҳои хуни маро,
Ки як ишора зи теғи ту хунбаҳои ман аст.
Сагат ба пои ҳақорат бизад сари ману гуфт:
Гарон мабош, ки изои ту ба пои ман аст.
Чи ғам, агар фалакам укда афканад, Шоҳин,
Чунин ки нохуни фикрат гиреҳкушои ман аст.

* * *

Саъйи ваҳшат зи бас ойинаи тасхири ман аст,
Нақши по ҷилвагаҳи ҳалқаи занҷири ман аст.
З-ин чаман ранги биноям ҳама бар дӯши ҳавост,
Гӯӣ, аз бӯи гулобу гили таъмири ман аст.
Гар аз инам нашуд иршод, аз он хоҳам ёфт,
Ман, ки дар роҳи иродат ҳама кас пири ман аст.
Чу ниҳам бозуи ҳиммат ба хами шасти дуо,
Кунгури арши иҷобат асари тири ман аст.
Шарафи хусравии мулки сухан Шоҳинро
Файзи шогирдии устоди ҷаҳонгири ман аст.

* * *

Лаби ту қути дилу қуввати равони ман аст,
Вале чӣ суд, ки дур аз лабу даҳони ман аст.
Равам ба гоми нахустин ҳазор марҳала пеш,
Ба ҷустуҷӯи ту гар бод ҳаминони ман аст.
Ба васфи лаъли масеҳодами ту з-оби ҳаёт,
Ҳазор чашма равон аз сари забони ман аст.
Ҳазор дастагули яъс мезанам бар сар,
Зи хорзори ҳаводис, ки бӯстони ман аст.
Ба ҳайратам, ки чаро бар нишона н-ояд рост,
Хадангҳои таманно, ки бар камони ман аст.
Зи ҳаҷри дарди ту худ сӯхтам, чӣ мехоҳӣ
Зи ҷони хаста, ки дар ҷисми нотавони ман аст.
Ту мениҳӣ лаби худ бар лаби рақиб, аммо
Ба лаб расида зи шавқи лаби ту ҷони ман аст.
Ба даври хатти ту эмин аз татовули ишқ,
Ки хати даври рухат сархати амони ман аст.
Нишонд гарчи ба комам, чу ашк мамнунам,
Ҳанӯз чашми ту дар банди имтиҳони ман аст.
Адӯ ба ҳарфи ман ангушт агар ниҳад, Шоҳин,
Қалам чу ноҷаи оҳехта дар банони ман аст.

* * *

Парӣ зи шарми рухат чеҳра дар ниқоб гирифт,
Лаби ту равнақи кайфият аз шароб гирифт.
Агарчи буд туро чеҳра мусҳафи раҳмат,
Касе, ки дид хатат, ояти азоб гирифт.
Рухат надошт саводе ба дарси фитна магар,
Ки дар бағал зи хати анбарин китоб гирифт.
Саводи хатти ту гардид равшан аз ораз,
Баромад аз ҳама ғавғо, ки офтоб гирифт.
Аз он саманд, ки куштӣ савора чун хуршед,
Ҳилоли бӯса зи наълу маҳ аз рикоб гирифт.

Ҷабину рӯи ту ҳар кас, ки дар арақ бинад,
Тавонад аз гулу хуршеду маҳ гулоб гирифт.
Ишора кард нигоҳат ба ишва, к-он абрӯ
Ба теғи ноз пайи қатли ман шитоб гирифт.
Нигори ман, аҷабам з-он хату рухи арақин,
Ки чун рақам зада бар сафҳае, ки об гирифт.
Зи бас ба номи ту тавшеҳ кард бар Шоҳин,
Бад-ин ғазал натавонад касе ҷавоб гирифт.

* * *

Бачост ҳусни бутон, гарчи сад ниқоб гирифт,
Ки мавҷро натавон дар таҳи ҳиҷоб гирифт.
Хаёли рӯи ту осон нашуд муяссари дил,
Базӯр ойина домони офтоб гирифт.
Зи инфиоли убусат чунон гудохтаам,
Тавон зи чини ҷабинам муҳити об гирифт.
Кашида пои иродат зи хонаи маъмур,
Чу сел ҳар кӣ раҳи водии хароб гирифт.
Камоли фитратам ошӯб мекунад дар бор,
Гусаст риштаи ман ҳар қадар, ки тоб гирифт.
Дар ин бисот, надонам, фасонае чӣ гузашт,
Ҷуз ин, ки дидаи Шоҳин камини хоб гирифт.

* * *

Бе туам ҷои иқомат гӯшаи майхона аст,
Кору борам дар ҳавоят гиряи мастона аст.
Он, ки бар дарди дилам хун мехӯрад, ҷуз бода нест,
В-он, ки мегиряд ба ҳолам, шишаву паймона аст.
Он, ки бар болини ман месӯзад, он ҷуз шамъ нест,
В-он, ки аз гирди сарам мегардад, он парвона аст.
Ҳар чӣ мебинам ба чашм аз осмон, бозича аст,
Ҳар чӣ мехонад ба гӯшам рӯзгор, афсона аст.

Ҳар нигаҳ аз мадди ҳайрат тори зуннор асту бас,
Ҳар мижа аз ашки ҳасрат сабҳаи саддона аст.
Ҳар чӣ дидӣ пеши мардум, хӯрда бар Шоҳин магир,
К-ӯ ғуломи туст, гар ҳушёру гар девона аст.

* * *

Аз мо ба дигарон сари меҳру вафо-т чист?
Эй бемурувват, ин ҳама ҷавру ҷафо-т чист?
Яксар ба интизори ту фарш аст ҷону дил,
То по ниҳодай, бинигар, зери по-т чист!
Ҷӯшида ахтар аз дили хуршеду моҳтоб,
Яъне арақ дамида зи рухсораҳо-т чист?
Чун зарра гар ба васли ту восил намешавам,
Беҳуда парфишонии ман дар ҳаво-т чист?
Хубон агар ба теғи ситам кардаанд қасд,
Шоҳин, ту ҳам бикӯш, ки тири дуо-т чист?

* * *

Қаддам зи бори ҳаҷр шикастан гуноҳи кист?
Бар ман дари висол бубастан гуноҳи кист?
Лаълат ба гоҳи бӯса макидан гуноҳи ман,
Ҷонам ба новаки мижа хастан гуноҳи кист?
Ёди ту кардан, аз ҳама растан гуноҳи ман,
В-аз ман барои ғайр гусастан гуноҳи кист?
Ҷурми ман аст васли ту ҷустан ба нақди ҷон,
Аммо фиреб додану ҷастан гуноҳи кист?
Эй маҳ, ба интизори ту будан гуноҳи ман,
Бозомадан ва менанишастан гуноҳи кист?
Нақди дилам рабудану лекин зи дасти ман,
Ҳар лаҳза ҳила кардану растан гуноҳи кист?
Пинҳон дили шикастаи Шоҳини хастаро
Дар печи зулф бурдану бастан гуноҳи кист?

* * *

Гар ба ин ойина акси ӯ нузуле карданист,
Мумтанеъ дар олами имкон ҳулуле карданист.
Баски з-ин саҳро ба таъҷили ҷунун бояд гузашт,
Ваҳшати реги равон ҳам тез бӯле [1] карданист.
Аз тағофул матлаби ушшоқро фаҳмида гир,
Дарки ин маънӣ ба найранги духуле карданист.
То кай аз арзи амал бошем дар хавфу риҷо,
Ё бар ӯ додан ҷавобе, ё қабуле карданист.
З-ин биёбон метавон, Шоҳин, ба осонӣ гузашт,
Ихтиёри саъй агар таслими ғуле карданист.

* * *

Дардо, ки дарди ишқи ту дармонпазир нест.
З-ин дарди бедаво дили моро гузир нест.
Ворастае куҷост, ки чун ман ба сад ниёз
Дар ҳалқаҳои зулфи камандат асир нест?
Набвад муқими хилвати ойина ғайри акс,
Яъне, ки ҷуз хаёли туам дар замир нест.
Танҳо на ман зи бори ғамат пир гаштаам,
Ку навҷавон, ки аз ғами ишқи ту пир нест?
Гарми ву нармие, ки бувад дар сурини ту,
Дар пӯстини қоқуму курси панир нест.
Он талъате, ки аз рухи хубат диҳад фурӯғ,
Бар офтоби равшану моҳи мунир нест.
На ҳурӣ, на парӣ, на фариштa, на одамӣ,
Билҷумла дар латофати ҳуснат назир нест.
Ҳар сӯ, ки меравам, ба салом оядам ғамат,
Гӯё, ки рӯшиноси ғамат ҷуз фақир нест.
Захме, ки аз нигоҳи туам бар ҷигар расад,
Бовар кун, эй санам, ки ба пайкону тир нест.

[1] Зуд бош!

Аз баҳри нафъи хеш кунад даллагӣ рақиб,
Ин хар агарчи восита бошад, сафир нест.
Оҳу ба ҳар диёр фаровон бувад, вале
Шоҳин, чу чашми дилбари мо шергир нест.

* * *

Ин манам, к-андар сарам ғайри ҳавои ёр нест,
Ҷуз ҳавои ёр, оре, ошиқонро кор нест.
Гуфтаӣ: Ҷуз бӯсаву оғӯш дорӣ ҳоҷате?
Худ ҳамедонӣ, нигоро, ҳоҷати изҳор нест.
Қуръаи дониш зи ҳар кишвар ба як кас мезананд,
З-он, ки дар ҳар осмон ҷуз кавкабе бисёр нест.
Дам мазан аз фазлу дониш дар ҳузури зоҳидон,
К-ин харонро ҳосиле ҷуз каллаву дастор нест.
Чашми бемори ту доим хуни мардум мехӯрад,
Чун кунад ин кофари бераҳм, агар бемор нест.
Ҳар кӣ дорад ҳамчу ман нисбат ба он ҳури сафед,
Гӯ: – Туро чун соя ҷое ҷуз таҳи девор нест.
Мекунам такрор васфи ҳусн дар таҳсили ишқ,
Баски шуғле толибонро беҳтар аз такрор нест.
Мекунам ҳар лаҳза бар хатти ту такрори назар,
Баски бо аҳли назар шуғле беҳ аз такрор нест.
Чун ту кам хезад ба зебоӣ зи хубони ҷаҳон,
З-ин ҳама ахтар, бале, ҷуз ҳафт тан бисёр нест.
Мӯкашонам мебарад сӯи ту он зулфи сиёҳ,
Хат маёвар, з-он ки ҳоҷат бо хатти эҳзор нест.
Толибам ман худ ба дашном, эй писар, тезам макун,
Иштиҳо гар соф бошад, ҳоҷати очор нест.
Абри найсон дасти шоҳу килки Шоҳин аст, бидон
В-арна дар олам ҷуз ин ду абри гавҳарбор нест.

* * *

Зоҳид ба Каъба гар сару кори намоз дошт,
Шоҳин ба хоки пои ту рӯи ниёз дошт.

Дар кӯи фақр ҳар кӣ ғуборе ба сар фишонд,
Бар тахту тоҷи Хусраву Ҷамшед ноз дошт.
Савдои ишқ рутбаи ошиқ кунад баланд,
Маҳмуд буд он, ки ҳавои Аёз дошт.
Дар базми мо нишасту навои Аҷам шунид,
Он кас, ки майли нағмаи хорогудоз дошт.
Афсӯси ҳарфи талху лаби шаккарини ёр
Ҳайф аз даҳони ғунча, ки бӯи пиёз дошт.
Бар тақвӣ эътимод намудан наметавон,
Дил бар намоз, эй, ки ниҳодӣ, «маноз» дошт.
Шоҳин, на фикри мадраса дорам, на хонақаҳ,
Яъне, ки ишқам аз ҳама андеша боздошт.

* * *

Як сару гардан нигори ман чу аз гулшан гузашт,
Обро оби хиҷолат то сару гардан гузашт.
Шамъи иқболе, ки ман афрӯхтам, аз бахти бад
Чун шарар дар санг пинҳон аз таҳи доман гузашт.
Бо забони чарб ҳар, к-ӯ нарм кард он шӯхро,
Метавон гуфтан, ки ҳарфаш аз дили оҳан гузашт.
Дил ба завқи холи ӯ аз турраааш маҳрум монд,
Аз барои донае ин аблаҳ аз хирман гузашт.
Гарчи ҷавшанпӯш шуд дил аз ҳуҷуми доғи ишқ,
Захми мижгони чу пайконаш ҳам аз ҷавшан гузашт.
Бар дили хунгаштаам охир чӣ раҳм орӣ сипеҳр,
Тифли ман, эй доя, аз меъёри парвардан гузашт.
Аз дили ман бигзарад, ҷоно, нигоҳи гарми ту,
Ҳар замон чобуктар аз барқе, ки бар эман гузашт.
Баски дур аз дӯстон хушдил наям аз зиндагӣ,
Умри ман пайваста дар андешаи мурдан гузашт.
Гӯ наварзад ишқ ҳар кас, барнатобад ҷаври ёр,
Ҳар кӣ аз гунҷишк тарсад, бояд аз арзан гузашт.
Кас гумон созад зеҳи пироҳанам сурх аст, лек
Хуни ман дар интизори теғат аз гардан гузашт.

Ҳар кӣ дорад орзуи ном чун санги нигин,
Умри ӯ аз ковиши меҳнат ба ҷонкандан гузашт.
Нест, Шоҳин, завқи шеърам он қадарҳо, в-арна ман
Шоирам чандон, ки натвон дар сухан аз ман гузашт.

* * *

Эй лабат шакарфишону турраат анбарсиришт,
Талъати хуршед пеши хубии рӯи ту зишт.
Ҷазбаи ишқи ту берун мекунад аз роҳи шавқ
Зоҳидонро аз савомеъ роҳибонро аз куништ.
Он на хуршед асту маҳ, к-аз ҳайрати ҳуснат сипеҳр
Мезанад ҳар рӯзу ҳар шаб, эй санам, дар сина хишт!
Бо чунин ҳусни диловезе, ки, ҷоно, мар турост,
Не фаришта аз фалак хезад, на ҳуре аз биҳишт.
Хост то чоки гиребони адам созад руфӯ,
Пайкари моро ғамат бориктар аз ришта ришт.
Шарҳи шавқат менавиштам, дидаи хунбор гуфт:
Ҷои сурхиҳош бигзорӣ, ки ман хоҳам навишт.
Ҳар куҷо тухми муҳаббат буд, деҳқони азал
Ҷамъ карду як ба як дар синаи Шоҳин бикишт.

* * *

Маро чу шона бибояд ба каф ҳазор ангушт,
Ки то барам ба хами турраи нигор ангушт.
Ҳанӯз як вақабам аз ту ҷои дурӣ нест,
Агарчи риши ту шуд бар зақан чаҳор ангушт.
Касе, ки даст ба зулфи ту зад далерона,
Шигифт нест барад бар даҳони мор ангушт.
Агар ба гул нигарам бе рухи ту дар гулшан,
Занад ба чашми ман аз роҳи таъна хор ангушт.
Ғамат харош диҳад решаҳои ҷони маро,
Чунонки мутриби ҳозиқ занад ба тор ангушт.
Фалак барои ҳаводис агар амин талабад,
Кунад ба сӯи ман, албатта, рӯзгор ангушт.

Магар ҳисоби ғаму дард мекунад маълум,
Қадам, ки хам шуда чун аз пайи шумор ангушт.
Пас аз вафоти ту, Шоҳин, суханварон сӯзанд,
Ба ҷои шамъ туро бар сари мазор ангушт.

* * *

Дилбаро, ороми дил ё роҳати ҷон хонамат,
Баски зебоӣ, туро ҳам ину ҳам он хонамат.
Бо чунин ҳусне, ки чашми ошиқон ёбад фурӯғ,
Офтоби базм ё шамъи шабистон хонамат?!
Қиблаи аҳли вафо ё Каъбаи арбоби шавқ,
Лафз бисёр аст, худ гӯ, то бад-он сон хонамат.
Ваъдаҳо кардӣ, вале осори он зоҳир нашуд,
Сахттамкин гӯямат ё сустпаймон хонамат?
Ман намегӯям, ки сарви гулшанӣ ё нахли боғ,
Бо қадат ин ҳардуро ҳам рост натвон хонамат.
Лаб ба шаккархандае бикшову дар тан ҷон бубахш,
То зулоли салсабилу оби ҳайвон хонамат!
Ё фурӯғи дида, ё меҳри фалак, ё шамъи базм,
Он чи зебад бо ту, худ гӯ, то ки он сон хонамат.

* * *

Эй хотирам ошуфтаи гесӯи сиёҳат,
Бечора дилам волаи рухсори чу моҳат.
Нозук дили ман чун кунад, эй наргиси ҷонон,
К-аз ҷавшани ҷон мегузарад тири нигоҳат.
Бошад, ки ниҳӣ по ба дилу дидаи ман ҳам,
Фарш аст дилу дидаи ман бар сари роҳат.
Гар масъалаи ишқ надонад, гунаҳе нест,
Муфтӣ, ки нахонда ба ҷуз асбоби фақоҳат.
Дар вачҳи ҳусн гарчи парӣ шуҳраи даҳр аст,
Аммо нашунидем ба ин ҳусну малоҳат.
Меҳрам бифизояд ба ту, ҳар бор ки бинам,
Он донаи холе, ки бувад меҳри гиёҳат.

Аз чашми бади халқ бад-ин ҳусн, ки дорӣ,
Пайваста Худованди ҷаҳон бод паноҳат!
Эй кишвари хубӣ ба ту гардида мусаллам,
Ту шоҳиву хубони ҷаҳонанд сипоҳат.
Шоҳин, туӣ он сӯхтадил бе рухи он моҳ,
Аз хӯшаи Парвин гузарад шуълаи оҳат.

* * *

Аз чашми ту кардем ба абрӯи ту он баҳс,
К-аз бодапарастон ба ҳилоли рамазон баҳс.
Бо абрӯву мижгони ту ҳарфе натавон зад,
Аз бас кунад охир ба хадангу ба камон баҳс.
Аз шӯхии наргис нарамад чашми ту, к-аш нест,
Бар хотири устод зи шогирди гарон баҳс.
То ҳақ тарафи кист, Худоро, ки намудем,
Ман бо сари кӯи туву зоҳид ба ҷинон баҳс.
Н-орад ба дами сарди ту, носеҳ, дили ман тоб,
К-аз ғунча муҳол аст ба сармои хазон баҳс.
Аз бозуи пирӣ, ки ба тадбир тавоност,
Саҳл аст ба сарпанҷаи нерӯи ҷавон баҳс.
Гуфтам зи лабат бӯсам, дашноми даҳан дод,
Шоҳин, беҳ аз ин нест ҷавобе ба чунон баҳс.

* * *

Эй ситонида ба ҳусн аз ҳамаи хубон боҷ,
Каҷкулоҳон пайи таъзим туро дода хироҷ.
Сурма шуд гарди суми тавсани ту Қайсарро,
Аз ғубори дарат Искандару Хоқонро тоҷ.
Бошам аз дарди ғаму ҳаҷри ту озурда чунон,
Ки набошад ба ҷуз аз доруи васли ту илоҷ.
Ҳамчунон гашта зи ғам пайкари ман нарму ҳарир,
Пахтаро мегузаронад зи ҳалоҷӣ ҳаллоҷ.
Мутанаъим шуда Шоҳин зи ғуломии дарат,
В-арна мебуд ҳама умр ба ноне муҳтоҷ.

* * *

Хатат нишони ривоҷу рухат мисоли сабоҳ,
Ба ёди ин ду манам фориғ аз сабоҳу равоҳ.
Зи нофа мӯи ту хуштар ба ҷоъилу з-зулмот,
Зи моҳ рӯи ту беҳтар ба фолиқ ул-исбоҳ.
Зи ганҷи хонақаҳам дил гирифт, эй сӯфӣ,
Ба боми майкада зан баъд аз ин салои фалоҳ!
Арӯси тавба диҳам гар талоқ, маъзурам,
Маро ба духтари раз баски додаанд никоҳ.
Битоб нури камол аз мушаббакоти вуҷуд,
Ки ҳаст садри ту мишкот, дил дар ӯ мисбоҳ.
Хатои хеш дар он боргоҳ арза диҳам,
Ки мекунанд хатои нарафтаро ислоҳ.
Қадам ба водии исён агарчи зад Шоҳин,
Мабанд бар рухи ӯ боби тавба, ё фаттоҳ!

* * *

Ба зулфу рӯи ту хунам чунон шудаст мубоҳ,
Ки ҳеҷ як нагузоранд шомро ба сабоҳ.
Зи шавқи кӯи ту поям намерасад ба замин,
Фанаҳну индака тайран, латайра ғайри ҷаноҳ.[1]
Ту ҳамчу рӯҳ маро дар бар омадӣ, лекин,
Рақиб мерасад аз пай чу қобизи арвоҳ.
Шуда-ст бе маҳи рӯи ту чашми ман баҳре,
К-аз ӯ ба киштӣ нӯҳ чарх бигзарад маллоҳ.
Биёву сулҳ бад-ин маслиҳат бикун, зоҳид,
Ману тариқати риндӣ, туву тариқи салоҳ.
Нагашта субҳ шаби васл, бонг кард хурӯс,
Лақад заработуҳу ё айюҳа р-рақиб фасоҳ.[2]
Намекунам тамаи фатҳ аз касе, Шоҳин,
Зи бас ба ганҷи маонист килки ман мифтоҳ.

[1] Мо дар назди ту парандаем, аммо парандаи беқанот.
[2] Эй рақиб, корамро кардам, акнун фарёд зан!

* * *

Изо таҳоҷамака л-ҳумму фашраб ал-акдоҳ,
Фарубба мушкилу инҳалла мин зуҷоҷати роҳ.[1]
Ба ёди зулфу рухаш нагзарад шабе бар ман,
Ки хуни дида нарезам зи шом то ба сабоҳ.
Магӯ, ки дарди ғамаш дар дил аз куҷо омад,
Раъайту фи л-ҷусаси кайфа йанфаду л-арвоҳ.[2]
Хати рухат, ки аз он сеҳри Сомирӣ варақест,
Лақад раоҳу фаалқо л-Калим би л-алвоҳ.[3]
Ба дасти пири муғон тавба кардаам зи вараъ,
Фамо аъӯду лав анбоқ ҳуссамати н-нассоҳ.[4]
Маро забони ту, носеҳ, чунон халад дар дил,
Ки нештар ба ҷароҳат фурӯ барад ҷарроҳ.
Зи рӯи ӯ талаби бӯса то ба кай, Шоҳин?
Чу возеҳ аст талаб, нест ҳоҷати эзоҳ.

* * *

Хатти мушкини ту сабзу лаъли гавҳарбор сурх,
Рост чун тӯтӣ ба хунам кардаӣ минқор сурх.
То ту боз ойӣ, ба хуни дил сарои дидаро
Кардаам аз хомаи мижгон дару девор сурх.
Нест боке, гар ба хунам сурх шуд чашми ту, лек
Офати бемор бошад чеҳраи бемор сурх.
Сурхии рухсори ман набвад далели ишрате,
К-ин қадар аз ашки хунин кардаам рухсор сурх.
Мехӯрад зоҳид фиреби зуҳд, Шоҳин, ғунчасон,
Дар қабои сабз дорад ҷомаву дастор сурх.

---

[1] Вақте ки андӯҳ ба ту ҳуҷум мекунад, қадаҳ биёру бинӯш,
(Зеро) гоҳо мушкилиҳо аз майи шиша ҳал мешаванд.
[2] Дидам, ки аз ҷасадҳо чӣ гуна ҷонҳо бурун мераванд.
[3] Чун Калим ӯро бидид, суратҳоро партофт.
[4] Агар тамоми носеҳон насиҳат кунанд ҳам, барнамегардам.

* * *

Бӯса аз лаъли туам дар ивази ҷон афтод,
Буд ин кола гарон, шукр, ки арзон афтод.
Хортар пеши сари зулфи ту ҷону дили мост,
З-он зару сим, ки дар дасти каримон афтод.
Дили ман аз занаху зулфи ту чун Юсуфи Миср,
Гарчи аз чора бурун гашт, ба зиндон афтод.
Хату холи ту ба лаб то ба сари оби ҳаёт –
Хизру ҳиндубачае дасту гиребон афтод.
Арғувон аз шафақи чеҳраи гулнори ту шуд,
Хирмани оташ аз он рӯ ба гулистон афтод.
Суфтам аз мисқаби алмос, кашидам бар гӯш,
Дурри ҳар нукта, ки з-он ҳуққаи марҷон афтод.
Дили Шоҳин ба хами зулфи ту дорад таслим,
Чӣ кунад, гӯй, ки андар хами чавгон афтод.

* * *

Гирди моҳат, ки хати ғолиягун мегардад,
Бар мани дилшуда сармашқи ҷунун мегардад.
Соқи симини ту моҳист, кафал чашмаи нур,
Турфа моҳист, ки аз чашма бурун мегардад.
Воқиф аз субҳи шафақ гаштаму в-аз дояи чарх,
К-аз ҳасад шир ба пистони ту хун мегардад.
Ҳалқаи нуни хати рӯи туро нозам аз он-к,
Моҳ чун нуқта дар он ҳалқаи нун мегардад.
То танам ин ҳама аз мӯи миёни ту забун,
То дилам аз даҳани танги ту хун мегардад.
Гар на ошиқ сари зулфайни ту бо сад хаму печ,
Ба чӣ умед зи дунболаи кун мегардад.
Ба лаби чашмаи ҳайвон чу Хизр, Шоҳинро,
Хати сабзи ту маро роҳнамун мегардад.

* * *

Сунбул аз печу хами турраи ӯ тоб хӯрад,
Сарв пеши қади ӯ бар лаби ҷӯ об хӯрад.
Эй шакарлаб, ҳаваси рӯи ту дар сурати субҳ
Меҳр дӯғест, ки дар косаи маҳтоб хӯрад.
Дудмони караманд ин ду, чӣ қозӣ, чӣ раис,
Ихтиёр аст, чӣ саҳбову чӣ дӯшоб хӯрад.
Ибрат омӯз зи танбӯр, ки Шоҳин, созад
Нола дар парда, агар захмаи мизроб хӯрад.

* * *

Уқоб тири ту чун шаст аз камон бихӯрад,
Навола аз дили ушшоқи нотавон бихӯрад.
Гарам ғами ту диҳад даст чун таоми лазиз,
Дили гурусна ба сад дасту сад даҳон бихӯрад.
Ҳалол бод шароби ақиқ он касро,
Ки нуқлро зи лаби лаъли дилбарон бихӯрад.
Зи лаб зулол деҳ аз холи дона бо дили ман,
Ки мурғ ром шавад, он гаҳ обу дон бихӯрад.
Маро зи дарду балои ту нест роҳи гурез,
Балои ту ба дилу дарди ту ба ҷон бихӯрад.
Ғами ту мурғи диламро чу бози ишкамсер
Нафас-нафас бигузорад, замон-замон бихӯрад.
Ба сурх кардани лабҳои хеш лахти дилам
Нигори сангдили ман чу барги пон бихӯрад.
Агар ғами дили Шоҳин намекунӣ бовар,
Қасам ба ҷони ту, эй сарви навҷавон, бихӯрад.

* * *

З-он шӯхи шарархӯ, ки касе ком надорад,
Ку сӯхтае, то тамаи хом надорад?
Чун кӯдаки инҷиқ, ки кунад алла ба алвонҷ,
Ҷуз дар хами зулфат дилам ором надорад.

Зоҳид, зани ту аз таҳи дарвоза намерафт,
Чун шуд, ки гузоре ба лаби бом надорад?
Холу рухи ӯ дида зи зулфаш машав эмин,
Ин дона ба дунбола магӯ дом надорад.
Эй соқии гулрух, лаби майгун, ки ту дорӣ,
Кайфияти он лаб майи гулфом надорад.
Дерест, ки дар кӯи ту, эй бехабар аз мо,
Қосид бари мо н-ояду пайғом надорад.
Аз нашъаи ишрат ҳама афсурдадимоғанд,
Ҷам низ дар ин базм сари ҷом надорад.
З-инъом чӣ пурсӣ, ки дар ин аҳд кирокаш
Мушти алафе ҷониби инъом надорад.
Як бӯса дилам аз лаби ту карда гадоӣ,
Гӯ зуд бидеҳ, тоқати ибром надорад.
Сӯфӣ, тарафи савмаа каш байтали худро,
Ҳуш дор, ки майхона раҳи ом надорад.
Номи ҳама кас бурдиву коми ҳама додӣ,
Шоҳин магар, эй тӯраписар, ном надорад?

* * *

Қурбони ту ҷонам, кӣ маро аз ту ҷудо кард?
Боре, зи кафам домани васли ту раҳо кард.
Лаъли ту табиб аст, дили ғамзада бемор,
Эй кош, бар ин ғамзада лаъли ту даво кард.
Як лаҳза набуд аз дили ман зулфи ту фориғ,
Акнун шудамаш сайд, фаромӯш чаро кард?
Ҷавре, ки зи андози нигоҳи ту қазо монд,
Як-як ба ман абрӯи сиёҳи ту қазо кард.
Эй чашму чароғи ҳама, донӣ, ки ба ҷонам,
Чашмони сиёҳи ту ба ҳар ғамза чиҳо кард?
Шоҳин, гули мақсуд мачинод аз ин боғ,
З-он дилбари гулчеҳра маро ҳар кӣ ҷудо кард.

* * *

То дил ҳавои сабр, на савдои боғ кард,
Яъне, ки ишқ аз ду ҷаҳонам фароғ кард.
Бошад чи сарфа замзамае андалеброо,
Он ҷо, ки зоғ зеру баму коғ-коғ кард.
Он хол нест сонеи қудрат ба ҳусни сунъ,
Баҳри нишона бар рухи хуби ту доғ кард.
Хуни диле, ки буд ба яғмои дида рафт,
Мино ҳар он чи дошт, нисори аёғ кард.
Шоҳин, гар аз назири ту ҷӯяд касе суроғ,
Бояд даруни байзаи анқо суроғ кард.

* * *

Нигори ман, ки зи чини ҷабин табассум кард,
Тараҳҳумест, ки дар пардаи тазаллум кард.
Зи ҷайби ҳар гули ин боғ медамад сад чок,
Кадом ғунчадаҳан як саҳар табассум кард?
Ҳазор мавҷ хурӯшидам он сӯи ҳастӣ,
Зи худ бурун натавон он қадар талотум кард.
Чу зоҳид аз пайи оби вузӯ чӣ даст барам,
Ба хоки пои ту мебоядам таяммум кард.
Шикаста шаъни садаф ибрати сухансанҷӣ,
Ки рехт мавҷи гуҳар, ҳар куҷо такаллум кард.
Ҳуҷуми доғу ғами меҳри чеҳри моҳрухе,
Чу чархи синаи моро бисоти анҷум кард.
Чӣ нисбат аст ба Бедил камина Шоҳинро,
Ки қатраро натавон ҳаминони қулзум кард.

* * *

Чашми бадмасти ту гар қасди ҳалокам дорад,
Лек мижгони ту дар сояи токам дорад.
Завқи гул кардани ҳарф аз даҳанат мерезад,
То куҷоҳо сари фитрат ба мағокам дорад.

Тарзи шӯхӣ бинигар, мурдаму он тифл ҳанӯз,
Бозии бӯлъаҷабе бар сари хокам дорад.
Накашам туҳмати касрат, ки зи олоиши ғайр
Сайқали меҳри ту чун ойина покам дорад.
«Насри талқин»-и ҳарифон нашунуд он, ки ба ноз
Гӯш бар замзамаи нағмаи «Рокам» дорад.
Аз саро дамдама то фарқи Сурайё чидам,
Гар самак тантана то авҷи Симокам дорад.
Таъна, Шоҳин, ба шаҳоиқ занадам доғи ҷигар,
Ханда бар ҷайби ҷунун синаи чокам дорад.

* * *

Чӣ ҷафоҳо, ки ба ман он бути танноз накард,
Ҷӯрагӣ бо дигарон карду ба ман ноз накард.
Ҳеҷ гоҳе нашудаст ин, ки ба иғвои рақиб
Ҳар куҷо дида маро, арбада оғоз накард.
Панҷаи толеи ман монда магар дар таҳи санг,
Ки шабе тугмаи он банди қабо боз накард.
Дар хами турраи шабранг диламро чу улоқ,
Чӣ тақимҳо, ки ҳамон турки чапандоз накард.
Нақши матбӯи ту Монӣ натавонист кашид,
Турраи ҳур агар ҷои пари қоз накард.
Он чи чашму лабат омӯхта, Ҳорути Масеҳ
З-ин мамар шуъбадаву з-ин қабил эъҷоз накард.
Ба харидории васли ту зи бас камбағалам,
Мани савдозадаро кас ба худ анбоз накард.
Толибе нест, ки он ҳилагар аз ваъдаи хом
Бӯсае дода ба найрангу шатал гоз накард.
Нафасе нест, ки дар бораи Хусрав, Шоҳин,
Аз таҳи ҷону дил оҳанги дуо соз накард.

* * *

Маро ба хотир аз ин навъ орзу гузарад,
Ки аз ниёми туам теғ бар гулӯ гузарад.

Маро ба сирри миёни ту нест ҳадди вуқуф,
Агарчи диққати андешаам зи мӯ гузарад.
Ҳамеша пеши камони ту мениҳам сари хеш,
Магар хаданги ту рӯзе аз ин кадӯ гузарад.
Маро зи файзи бузургон бувад таваққуъ аз он,
Ки оби баҳр талотум кунад, ба ҷӯ гузарад.
Ба чанги муҳтасиб афтад агар гиребонам,
Мабод дасти ман аз домани сабӯ гузарад.
Аз ин зиёда макаш арра бар сарам, гардун,
Раво мадор, ки нахли ман аз нумӯ гузарад.
Сазад ба хеш тафохур кунӣ аз он, Шоҳин,
Кам аст, чун ту сухансанҷи нуктагӯ гузарад.

* * *

Оҳ аз он чашм, ки теғи нигаҳаш хун резад,
Хун кунад сад дилу аз ҳар мижа берун резад.
Бе ту, боз ой, ки дар кунҷи ғамам хуни сиришк
Аз сари ҳар мижа монандаи Ҷайҳун резад.
Ҳусни Лайлӣ гар аз ин қисм кунад пардадарӣ,
Рӯзаке ношуда оби рухи Маҷнун резад.
Ашки худ, то нашавад фош ба мардум розам,
Мекунам ҳифз, надонам ба чӣ афсун резад.
Қомати хамшуда бар қатъи ҳаёт аст далел,
Сақфи кошона агар бишканад, устун резад.
Ҷуз ба май доғи риёро натавон шуст аз дил,
К-ин на чиркест, ки аз ҷома ба берун резад.
Рост бар соғари ушшоқи ту хоҳад афтод
Санги ҳар ҳодиса з-ин гунбади вожун резад.
Аз дили сӯхтаам кош кунад майли газак,
Он, ки дар соғари зар бодаи гулгун резад.
Бесабаб наргисаш аз хоб ба шаб боз нашуд,
Хоҳад ин турк, ки хунам ба шабехун резад.
Ҳар касе дида саводи қалами Шоҳинро,
Вола гардад, ки дигар тарҳу чӣ мазмун резад.

* * *

Ё Раб, он абруи пайваста саломат бошад,
Рухи чун гул, лаби чун баста саломат бошад.
Вақти он шуд, ки хат андар лаби ту ҷой гирифт,
Чашми шаҳло ба мани хаста саломат бошад.
Гар зи мо, камбағалон, он бути сарбоз гурехт,
Рӯзи машқи таҳи гулдаста саломат бошад.
Рӯзаке домани васли ту фитад дар чангам,
Гар лаби ҳавзу сари раста саломат бошад.
Гӯ, маяфкан ба сарам соя дигар, сарви сиҳӣ,
Бо ман он қомати барҷаста саломат бошад.
Мекушад бар ситаму ҷавр, ки ояд зи фироқ,
Гар ба Шоҳин дили хунбаста саломат бошад.

* * *

Ба пои сарви чаман об агар равон бошад,
Равон ба пои ту, эй сарви ман, равон бошад.
Муҳаббати ту бувад андаруни сина маро,
Бад-он масоба, ки зар андаруни кон бошад.
Ба ҳеҷ ҷо нарасад нолае, ки мӯҷиби он
Ҷафои наргиси макҳули дилбарон бошад.
Бипӯш, чеҳра зи ағёр з-он, ки чеҳраи хуб,
Ҳамон беҳ аст, ки аз чашми бад ниҳон бошад.
Агар зи арши барин бигзарад, сазовор аст,
Саре, ки фарш бар ин хоки остон бошад.
Биё, ки бе гули рӯи ту кунҷи зиндон аст,
Агарчи кулбаи ман саҳни бӯстон бошад.
Ба як-ду рӯза ҷафое, ки аз ту Шоҳин дид,
Дил аз ту барнаканад, шояд имтиҳон бошад.

* * *

Майи муғона ба бонги чағона хуш бошад,
Маро ба ин ду фароғ аз замона хуш бошад.

Равоқу манзари чашму дил аст омода,
Карам куниву наёрӣ баҳона, хуш бошад.
Агарчи бодбадастам зи турраи ту, вале
Фитодааст чу дар дасти шона, хуш бошад.
Чи ғам ба холи туам аз хатат, ки сайди ҳарис,
Ба зери дом бувад гарчи дона, хуш бошад.
Чу офтоб, ки шуд равшан аз миёни саҳоб,
Хат аз ду сӯву рухат дар миёна хуш бошад.
Маро таваққуи ком аз камони абруи туст,
Расад чу тири амал бар нишона, хуш бошад.
Ба шеъри ман силаи туст ваъдаҳои дурӯғ,
Зи ту фусуну зи Шоҳин фасона хуш бошад.

* * *

То лаъли туро ханда ба ҳангоми ғазаб шуд,
Хун гашт, гиреҳ баст, ба табхола лақаб шуд.
Аз марги рақиб ин ҳама ғамгин натавон буд,
Бодо ба фидои ту, ки гар мурд, аҷаб шуд.
Сар то қадамам обила ҷӯшид дар ин роҳ,
То пои ман осуда зи ташвишу тааб шуд.
Ман аз аҷамӣ шиква надорам, ки ба хубӣ,
Ғоратгари ҷону дилам он турки араб шуд.
Ҳар лаҳза дусад шиша шикастем зи мастӣ,
Беҳушии мо гар майи бозори Ҳалаб шуд.
Ҷуз ранҷи таҳассур набарад роҳ ба мақсуд,
Ҳар кас, ки дар ин бодия беҳудаталаб шуд.
Шоҳин, тамаи бӯса намудем, барошуфт,
Берун магар ин шева зи қонуни адаб шуд?

* * *

Маҳви ҷилвааш гаштам, то рухаш намоён шуд,
Рафтам он қадар аз худ, к-ойина ба сомон шуд!
Гиряе намесозад манъи инбисоти дил,
Ғунчаро куҷо шабнам тугмаи гиребон шуд?!

Андак-андак ин уммед дар пайи надомат рафт,
Пушти дасти мо кам-кам назри захми дандон шуд.
Реша то давонад ток, ҷилвагоҳи ангур аст,
Кӯшише ба арз омад, обила намоён шуд.
Дар ҳавои васли ӯ дӯш гиряҳо кардам,
Қатра-қатра ашки ман дона-дона марҷон шуд.
Бе тараддуди асбоб ҳал намешавад мушкил,
К-аз кашокаши нохун кори уқда осон шуд.
Гашт ҳосили Шоҳин шавкати Фалотунӣ,
Баъд аз ин ба Хатлон ҳам гирудори Юнон шуд.

* * *

Гаҳ дилам сӯи хату гаҳ сӯи гесӯ мекашад,
Ин дили шайдо маро ҳар лаҳза ҳар сӯ мекашад.
Дид табъи нозуки ман, аз даҳони носеҳон,
Он ҷафоҳое, ки мӯи сар зи поку мекашад.
Хоса гар аз кӯчароҳи бачабозӣ воқиф аст,
Иллату миннат чаро ҳар шаб зи бону мекашад.
Аз миёнаш то сурин ҳайрони ин андешаам,
К-ин чунин кӯҳи гаронеро ба як мӯ мекашад.
Эй рақиб, аз бепулӣ дар пеши он ваҳшӣ ғизол,
Хиҷлате дорам, ки на уштур, на ёбу мекашад.
Гар на ёд аз қомати ӯ мекунад дар бӯстон,
Бар сари сарв аз чӣ қумрӣ бонги «ку-ку!» мекашад.
То магар ёбад нишон з-он ёри ҳарҷоӣ рақиб,
Чун саги хундон дару деворро бӯ мекашад.
Мебарад машшота чун бар нофаи мушки ту даст,
Дуди ҳасрат аз димоғи нофи оҳу мекашад.
Ҳамчу сарв озода аст он кас, ки дар фасли баҳор,
Рахти айшу комронӣ бар лаби ҷӯ мекашад.
Бар сурини нарми ӯ ҳар кас, ки зад паҳлӯи ноз,
Пушт бар болини айшу бистари қу мекашад.
Гар сари Шоҳин фитад бар хоки ин давлатсаро,
Андак-андак бахташ аз иззат ба зону мекашад.

* * *

Эй ҷону дили халқ ба гесӯи ту дар банд,
Равшан зи рухи хуби ту анвори Худованд.
Аз гесуи дилбанд кунӣ банда дили халқ,
Эй банда, дили халқ бад-он гесуи дил банд.
Ҳуре ба масал модару ризвон падар афтад,
Ҳошо, ки ба рӯи қадам ояд чу ту фарзанд.
Қанде набувад чун лаби ширини ту дар Миср,
Себе набувад чун рухи хубат ба Самарқанд.
Талх аст маро коми дил аз сабр, Худоро,
Хуш кун ба шакарханда аз он лаъли шакарханд.
Хурсандии парвона ба дидори чароғ аст,
Шоҳин ба чунин аст зи дидори ту хурсанд.

* * *

Чашми масти ту ба оҳуи ҳарам мемонад,
Хати сабзи ту ба райҳони Ирам мемонад.
Дилаке нест, ки сад пора накарда-ст ба ноз,
Абруи ӯ, ки ба шамшери дудам мемонад.
Навбати васли ту, эй сарви равон, дамбадам аст,
Ки расад бо ман агар, соҳиби дам мемонад.
Санги сад ҳодиса бар сар хӯрад аз дасти рақиб,
Бар сари кӯи ту ҳар кас, ки қадам мемонад.
Дил ба мероси ман, эй симбарон, хуш макунед,
Ки зи ман монд, ҳамин дарду алам мемонад.
Гар бимонад зи ману ёр ба олам номе,
Номи меҳр аз ману з-ӯ номи ситам мемонад.
Нест як дам, ки ба доман нафишонад гавҳар,
Чашми ман бар кафи арбоби карам мемонад.
Ҳаргиз огаҳ нашуд аз сирри муҳаббат зоҳид,
Ман надонам ба чӣ ин каллаварам мемонад.
Гар Масеҳ аз фалак орад ба ту панди падарӣ,
Сухани ӯ ба замин бо ту ба «лам» мемонад.

Кафалу соиду соқат ҳама сим аст, чаро
Надиҳӣ бо ман аз он сим, ки кам мемонад?
Мекунӣ сулҳ ба ғайр, эй писар, имрӯзу пагоҳ,
Кулфати маҳзару ташвиши қасам мемонад.
Зиндагӣ яксара ранҷ аст, вале осоиш,
Муфти он кас, ки дар оғӯши адам мемонад.
Ҳар касе рафт, нишоне ба ҷаҳон монад аз ӯ,
Лек, Шоҳин, зи ман ин як-ду рақам мемонад.

* * *

Дилам ба тоқи баланди ду абрӯят шуда банд,
Чи сон шавад, агар афтад аз ин ду тоқи баланд.
Намуд аз лаби лаъли ту касби ширинӣ,
Ҳадиси ман, ки занад таъна бар ҳаловати қанд.
Фитода ҳалқаи гесӯ ба рӯи наргиси ту,
Чунон ки гардани оҳу кашад касе ба каманд.
Зи зулф бар дили ман ваҳшати дигар мафзо,
Ки нест ҳоҷати қамчин задан ба аспи даванд.
Забон дароз макун бар дили ман, эй носеҳ,
Ки сад занӣ, нахалад бар замини сахт каланд.
Ба як нигоҳ кунад сайди сад ҳазор оҳу,
Шавад савора агар турки ман ба пушти саманд.
Ниҳодаанд ба каф нақди ҷону дил ушшоқ,
Бигӯ, ки нархи яке бӯса аз лабони ту чанд?
Лабат ба ханда фароҳам шавад бад-он хубӣ,
Ки барги лола ба барги дигар диҳӣ пайванд.
Дили рақиб биҷӯиву ёди ман накунӣ,
Чи суд аз он, ки шавад шод ғайру мо гиламанд?
Зи сардмеҳрии айём пайкарам бифсурд,
Худойро, ба ман, эй офтоби ҳусн, биханд!
Замона бар сари шеъри ту ҷон диҳад, Шоҳин,
Ки шуд ба хидмати шоҳаншаҳи замона писанд.

* * *

Ба гул зи рӯи ту ҳар кас хумор мешиканад,
Замона дар назараш неши хор мешиканад.
Лаби ту равнақи оби ҳаёт мерезад,
Хати ту қимати мушки татор мешиканад.
Татовуле ки аз ӯ рафт бар дил, ин ҳама чӯб
Зи шона бар сари зулфи нигор мешиканад.
Ҳадиси ваъз кам аз чӯбдасти Барзӯ нест,
К-аз ӯ шақиқаи Исфандиёр мешиканад.
Касе назад сухани ҳақ магар, ки чун Ҳаллоҷ,
Замона бар сари ӯ чӯби дор мешиканад.
Ба ҳайратам, ки чаро муҳтасиб пиёлаи май
Нуҳуфта мехӯраду ошкор мешиканад?
Масанҷ гуфтаи Шоҳин ба ҳарфи муддаиён,
Ки санги хора дури шоҳвор мешиканад.

* * *

Қадам зи бори ҷафоҳои ёр мешиканад,
Чу шохи нахл, ки пур шуд зи бор, мешиканад.
Хате, ки медамад аз гирди лаъли мушкинат,
Зи рашк бар ҷигари ғунча хор мешиканад.
Ҳазор кори хато сар занад агар зи рақиб,
Ягон-ягон ба ман он нобакор мешиканад.
Маро ба май зи хумори лабат хуш ояд аз он,
Ки ин хумори майи хушгувор мешиканад.
Зи рӯзгор маҷӯ қадр, агар туро ҳунарест,
Ки қадри аҳли ҳунар рӯзгор мешиканад.
Назар ба чашми ҳақорат ба нақши хокии ман,
Макун, ки санъати устоди кор мешиканад.
Кадом теғ, ки Шоҳин, на аз тариқи ҷафо
Дудаста бар сарам абрӯи ёр мешиканад.

* * *

Лабат ба тарзи табассум даме, ки ханда кунад,
Ба ханда халқи ҷаҳонро ба хеш банда кунад.
Рақиб агарчи туро нағз дид, даст мадеҳ,
Ҳаромияст, мабодо, ки кори ганда кунад.
Зи изтироби дилам чашмат ӯфтад дар ноз,
Чу оҳуе, ки рам аз тозуи даванда кунад.
Шифо ба муждаи васли ту ёфтам, тарсам,
Ки интизори қудуми ту боз канда кунад.
Ман аз Худои ҷаҳон ҷуз ту кас намехоҳам,
Туро Худои ҷаҳонам басу басанда кунад.
Ҷаҳон сарову фалак гӯиё саробон аст,
Ки касби нафъ зи ояндаву раванда кунад.
Намехарад ба яке мӯ ҳукумати Кашмир,
Қаландаре, ки зи шоли дарида жанда кунад.
Нахоҳад аз тани ман бурд нанги урёнӣ,
Ҳазор хирқа гарам осмон лаганда кунад.
Бигӯй, то кунад озоди ишқ Шоҳинро,
Ба расми садқа гар озод аз паранда кунад.

* * *

Сиришки сурхи ман абри баҳорро монад,
Аз он сиришк рухам лолазорро монад.
Дилам ҳамерамад аз турраи каҷи ту аз он,
Ки неши ақрабу дандони морро монад.
Зи сӯзи ғам сари ҳар устухон ба пайкари ман,
Ба кунҷи ғамкада шамъи мазорро монад.
Шабе, ки мегузарад бар ман аз шиканҷаи ҳаҷр,
Ҳамон уқубати рӯзи шуморро монад.
Дилам ба кори дигар гашта моил аз васлаш,
Бигӯ, ки ваъдаи бӯсу канорро монад.
Бадон сифат, ки ҳикоят кунанд Маҷнунро,
Мани ситмзадаи хору зорро монад.

Зи бас танам шуда аз лоғарӣ чу пайкари чанг,
Садои нолаам овози торро монад.
Ба ҷои об бубояд гуҳар кунад исор,
Агар муҳит кафи шаҳриёрро монад.
Фиғони ман ба ҳавои қаду хаёли рухат
Навои қумриву савти ҳазорро монад.
Зи бахти тира шикоят агар кунад Шоҳин,
Бигӯ, ки домани гесӯи ёрро монад.

* * *

Бингар, ки ёр майл ба ағёр мекунад,
Бар рағми мо ба гуфтаи ӯ кор мекунад.
Оби равон, ки бӯса занад пои сарвро,
Изҳори бандагӣ ба қади ёр мекунад.
Бо ҳар касе ба ваъдаи худ мекунад вафо,
Навбат агар ба мо расад, инкор мекунад.
Резад шакар ба доманаш аз гӯшаи даҳан,
Ҳар кас ҳадиси лаъли ту такрор мекунад.
Нозам ба миъҷари лаби ҷонон, ки вақти хат
Фирӯза аз ақиқ падидор мекунад.
З-он пештар, ки акси ту Монӣ занад рақам,
Монанд акси пушт ба девор мекунад.
Ғайр аз шароби лаъли ту фикри даво хатост,
Он дам, ки чашми масти ту бемор мекунад.
Гуфтӣ: «Маё, ки мекунам аз дидани ту ор»,
Эй ман фидои он, ки зи ман ор мекунад.
Ҷуз фикри турраи ту наёяд ба хотираш,
Шоҳин даме, ки майл ба ашъор мекунад.

* * *

Ёри ман бар чеҳра зулфи худ парешон мекунад,
Офтоберо ба зери абр пинҳон мекунад.
Гарчи накшояд гиреҳ аз кори шабнам, з-он, ки гул,
Ашки ӯро тукмаи банди гиребон мекунад.

Дил барад чашмаш зи ман в-он гоҳ биспорад ба зулф,
Ҳамчу дузде мезанад роҳеву эҳсон мекунад.
Бе туам гар зиндагӣ мушкил бувад,ҷоно, чӣ ғам,
Гар сарам охир ба як дам теғат осон мекунад.
То занад паймонаи айши ҷаҳонеро ба санг,
Он бути паймоншикан бо ҳар кӣ паймон мекунад.
Пур мадеҳ коми рақиб аз лаъли худ, к-он носипос
Чун намакпарварда шуд, қасди намакдон мекунад.
Мемакад ҳар дам сари гесӯи худ аз баҳри тоб,
Афъиеро тарбият бо оби ҳайвон мекунад.
Эй дил, аз зулфу занахдонаш раҳоӣ мушкил аст,
Аз хами занҷир агар растӣ, ба зиндон мекунад.
Ҳар киро чун ашк ҷо дар дида дод он бевафо,
То ба ҳам мижгон задан бо хок яксон мекунад.
Чашми масташ ғорати дил карду зулфи кофираш
Шуд парешон, ин магар тороҷи имон мекунад.
Ҳарчи аз дасти хазон омад ба ҷони дӯстон,
Бар дили Шоҳин ғами ҳиҷрони ӯ он мекунад.

* * *

Он бевафо, ки лутф ба ушшоқ мекунад,
Худро зи дилбарон ба вафо тоқ мекунад.
Эй ринд, агар зи бода кунад манъ муҳтасиб,
Ҳаргиз макун, ки пири муғон оқ мекунад.
Мискин дилам зи зулфи ту нолад ба хештан,
Чун кӯдаке, ки бим зи фаллоқ мекунад.
Он гулписар, ки бод димоғаш шакар мудом,
Аз васли хеш табъи маро чоқ мекунад.
Чобук чу турраи ту набошад ба сайди дил,
Аспе, ки ҷандала пайи ӯлоқ мекунад.
Хунам хӯрӣ, гузор бар оташ дилам, зи бас
Тарвиҳи кори бода қавурдоқ мекунад.
Он абрӯи муқаввас агар зеҳ кунад камон,
Аввал ба тири ишва маро чоқ мекунад.

Хоҳам зи лаъли он бути сарбоз бӯсае,
Фарқи сарам ҳавола ба қундоқ мекунад.
Уммеди пул макун зи рақиби шумурдабоз,
Кори туро ба шилаву шилтоқ мекунад.
Ҳар дам матои сабри маро чашми масти ту
Ғорат ба сони мардуми Қипчоқ мекунад.
Шоҳин, ба дастёрии табъи гуҳарфишон,
Доим мадеҳи хусрави офоқ мекунад.

* * *

Ҳоҷиби кӯи ту дар бар рухи мо во накунад,
Чӣ кунад банда, ки ҷуз кӯи ту маъво накунад?!
Мекунад дард зи ҳар сӯ, чӣ зи хатту чӣ зи хол,
Он ки аз рӯи ту тарки раҳи савдо накунад.
Маҳи ман, парда чу аз рӯй гузорӣ, дигар
Маҳ ба рӯят сухан аз дафтари даъво накунад.
Ман, ки дорам сари савдои харидории ӯ,
Ҷон ба боло диҳамаш, гӯй, ки боло накунад.
Фориғ аз зулф ба рӯяш, бинигар Шоҳинро,
Ки уқобе ба сараш ояду парво накунад.

* * *

Вақти он шуд, ки ҳарифон майи гулранг зананд,
Майи гулранг ба оҳанги дафу чанг зананд.
Ошноӣ натавон кард ба хубон, ки агар
Аз сари сулҳ даровӣ, сухан аз ҷанг зананд.
Аз рақибони ту дар чанги бало афтодам,
Ё Раб, ин тираниҳодон ба бало чанг зананд.
Ба сари сабза нишинанду лаби оби равон,
Гоҳ сабзоб бинӯшанду гаҳе банг зананд.
Сӯфиёнро набувад гар ҳаваси сим, чаро,
Чун хари гурсина дар савмааҳо ҳанг зананд?
Бар сари кӯи ту арбоби ҳасад бисёранд,
Ки агар пой ниҳам, бар сари ман санг зананд.

Ман ба сад ҳила лабе тар нанамудам аз ту,
Дигарон ҷоми лаболаб ба чӣ найранг зананд?
Мениҳанд аз сари таслим сар андар қадамат
Шаҳриёрон, ки қадам аз сари авранг зананд.
Хӯрда бар гуфтаи Шоҳин натавонанд гирифт
Нуктасанҷон, ки дам аз донишу фарҳанг зананд.

* * *

Дар таҳайюр баски дар вайронӣ ободам кунанд,
Ку шикасти ранг, то таъмири бунёдам кунанд?
Он қадарҳо шахси ман маъдуми мутлақ нест, нест,
Гар яке ойина бардоранд, эҷодам кунанд.
Аз сабуквазъӣ зи ҳарфи мардум оям дар ситез,
Шуълаам, яъне ба таҳрики нафас бодам кунанд.
Мебарандам шишаҳо ҳар як ба афсуни дигар,
То магар овораи мулки паризодам кунанд.
Аз сияҳбахтон набояд ҷуст ғайр аз хомӯшӣ,
Сурма болидам, чӣ сон таклифи фарёдам кунанд?
Мекашанд охир зи ҷонам нолаи «Во ҳасрато!»,
Гарчи дар аввал ба афсуни амал шодам кунанд.
Ҳар нафас, Шоҳин, ба ақди наварӯси маъние,
Ҳаҷлаи андеша ороянду домодам кунанд.

* * *

Он, ки ба хубӣ масали моҳ буд,
Моҳвашон чокару ӯ шоҳ буд.
Он чӣ зи лаб гул кунадам, нола аст,
Он чӣ зи дил сар кашадам, оҳ буд.
Ҳосили мо мояи беҳосилист,
Донабари хирмани мо коҳ буд.
Ҳеҷ суи Каъба напайвандаме,
Гар ба дари майкадаам роҳ буд.
Маслаки таҳқиқ, ки Шоҳин супурд,
Бадрақааш тинати огоҳ буд.

* * *

Фикри хамӯшии ту ҳаловатасар шавад,
Чун нола уқда шуд, ба дили найшакар шавад.
Дил дар шиканҷи зулфи ту хоҳад ватан гузид,
Ин байзаро гузор, ки ошуфтатар шавад.
Чашме, ки нангарад ба ту, он чашм кӯр бод!
Гӯше, ки нашнавад зи ту, он гӯш кар шавад!
Бар ман хабар расид, ки шуд муҳтазар рақиб,
Кардам дуои хуш, ки аз ин ҳам батар шавад.
Шоҳин, агарчи шубҳа наёмӯхт, одам аст,
Эй муддаӣ, мабод касе чун ту хар шавад.

* * *

То дил андар хами он зулфи парешон наравад,
Сари шӯридаи ман бар сари сомон наравад.
Нест сарве ба чаман, к-аз сари хиҷлат шуда об,
Дар қадамҳои ту, эй сарви хиромон, наравад.
Сокини савмааро дағдағаи кӯи ту нест,
Он, ки хӯ кард ба гулхан, ба гулистон наравад.
Нашавад то ба гиребони қабои ту гиреҳ,
Чун шикан дасти ман аз гӯшаи доман наравад.
Кулфати чоҳ кифояст, бигӯ Юсуфро,
Гар Зулайхо накунад ҷавр, ба зиндон наравад.
Ҳар киро гӯш ба гулбонги саҳаргоҳи ман аст,
Ёдаш аз замзамаи мурғи саҳархон наравад.
Домани васли ту мушкил шавад аз чанги рақиб,
Ҳамчу ҷон аз тани афсурда, ки осон наравад.
Рояти назм чу Шоҳин ба Бухоро афрохт,
Гар сухан қаҳт шавад, нукта ба Фарғон наравад.

* * *

Ҳаргиз зи ман мабод, ки з-инсон хато равад,
К-аз зулфи ӯ киноя ба мушки Хито равад.

Бо нақши пои ӯ, ки бувад қиблаи мурод,
Файзи иҷобат аз кафи дасти дуо равад.
Дил мебарад зи лаъли туам орзуи ком,
Бигзор, то мариз ба дорушшифо равад.
Хурдам ба хоки пои ту аз бас ба кеши ишқ,
Савганд набвад он, ки ба номи Худо равад.
Ҷуз ман, ки даст бар сари зулфи ту мезанам,
Ку заҳрае, ки кас ба дами аждаҳо равад.
Мо ҳам ба хоки майкада хоҳем ҷабҳа суд,
Гар шайхи хонақоҳ ба рӯи ҳаво равад.
Шоҳин ниҳад ба хоки дарат ҷабҳаи умед,
Маҷнун аз остонаи Лайлӣ куҷо равад?

* * *

Агар вуҷуди араз тобеи маҳал набувад,
Ба ғайри лаъли ту ҷони маро халал набувад.
Зи нуктаи даҳанат кист то занад ҳарфе,
Чӣ муддаӣ, ки аз ин нукта дар ҷадал набувад.
Чунин, ки масъалаи куҳл шуҳрате дорад,
Ба ҷуз шарофати он чашми муктаҳал набувад.
Ба ҳарза даст мазан бар амомаи зоҳид,
Нигар сари амак, эй нури дида, кал набувад.
Чу аз ҳадиси лабаш нукта мезанӣ, Шоҳин,
Чӣ гуна ҳарфи туро лаззати асал набувад.

* * *

Гар ба наззораи боғам ҳавасе меояд,
Бе туам гул ба назар хору хасе меояд.
Омадӣ бар сари болинаму дил бар дари чашм,
Ба умеди нигаҳи бозпасе меояд.
Ҳаст аз ашку нафас рӯфтаву обзада
Хонаи дил, магар имрӯз касе меояд.
Бода гар зӯр бувад, маҳфили моро чӣ халал,
Ки дар ӯ муҳтасибе ё асасе меояд.

Дил зи ёди қади ӯ майли хами зулфаш кард,
Булбул аз шохи гуле дар қафасе меояд.
Ёр ҳар ҷо, ки равад, ҳаст рақиб аз дунбол,
Нест шаҳде, ки на бар вай магасе меояд.
Гар биҷӯяд хабар аз мурдани Шоҳин, гӯед,
Нафасе ой, ки аз вай нафасе меояд.

* * *

Гар хок шавад дил, ба таманнои ту шояд,
В-ар хун чакад аз дида, ба савдои ту бояд.
Ку нохуни иқбол, ки сарпанҷаи тақдир
То уқдаам аз кори фурӯбаста кушояд.
Ҳаргиз шуда бошад, ки чу ман ҳарзахаёле
Бо дилбари худ бесабабе тунд барояд?
Нодида гуноҳе пайи андешаи ботил,
Беҳуда дили нозукаш озурда намояд.
Озурд агар ҷон зи ту ранҷид в-агар дил,
Бозат дилу ҷонам, агар ойӣ, бигарояд.
Боз ой, ки Шоҳин накунад чеҳра пур аз хок,
То ҷабҳа ба хоки кафи пои ту насояд.

* * *

Ба уммеде, ки дар вайронаам дилдор меояд,
Бурун ҳар лаҳза ҷонам аз бадан сад бор меояд.
Надонам нағмапардози хаёли кист дил, ё Раб!
Ба гӯшам, к-аз нафас ҳар дам садои тор меояд.
Хамӯшӣ сурма мерезад зи бими яъс дар комам,
Ба арзи матлаби дил бар лаби изҳор меояд.
Бувад рӯи ту аз бас хат, ҳуҷум оварда бар гирдаш,
Гуле, к-аз диданаш дар дида мавҷи хор меояд.
Зи худ маҳвам ба завқи куфри зулфаш он қадар, Шоҳин,
Ба чашмам ришгаи тасбеҳ ҳам зуннор меояд.

* * *

Шабе ба ёди ту будам, ки субҳгоҳи навид
Арӯси нома сар аз ҳаҷлаи лифофа кашид.
Саводи хатту ғубори баёзи орази моҳ
Намуд аз рақами коғази сиёҳ сафед.
Чунон савод, к-аз ӯ шому субҳ айш кушуд,
Чунон баёз, к-аз ӯ субҳу шом ид дамид.
Нахуст арзи дуо гуфт аз ҷаноби туам,
Ки то яке шунавонид, сад ҳазор шунид.
В-агар аз он, ки миёни ману ту маъҳуд аст,
Ишора хост, ки пайваст бо ту, ё ки бурид.
Ҷавоби нома биёростам, ки бинвисам,
Аз он чӣ гӯш зи ҷонон шунид, дида надид.
Давот шарҳи диле тар накард коми қалам,
Ниҳод қуфли баён меҳр бар забони калид.
Надод фурсати ноқис иҷозати таҳрир,
Надид ҳавсалаи танг рухсати тасвид.
Бас аст бо ту агар ин қадар кунам ашъор,
Ки эй ба дарки сухан фарду в-эй ба фаҳм фарид.
Аз он миён, ки бар он рафт урфи аҳди қадим,
Канора меравад имрӯз роҳу расми ҷадид.
Инон кашидан аз ӯ беҳ, ки камбағал сайёд,
Чӣ дом метанад аз баҳри оҳуе, ки рамид.
Парирухе, ки аҷаб набвадаш агар гӯяд:
Ба офтоб дарафтоду бар қамар печид.
Аҷабтар он ки ба як лаблабу лаби лаълаш,
Гирифт шуҳра, ки каллахаре газиду макид.
Зиёда ҳарф чӣ лозим, ки нома Шоҳинро
Башора медиҳад инак, дами висол расид.

* * *

Эй маро ҳамчун суринат гашта чашми тар сафед,
Бе рухат, боз о, ки чун чашмам нагардад сар сафед.

Гарчи орам қиссаи ҳаҷри ту сад раҳ дар қалам,
Ҳамчунон аз оби чашми ман бувад дафтар сафед.
То ту ой, ҳамчу наргис з-интизори мақдамат,
Дидаи навбодагони боғ шуд яксар сафед.
Нест нури субҳ, пиндорӣ шаби ҳаҷри ту чарх
Карда бар сар чун аҷузи мотамӣ чодар сафед.
Нест осон ишқи юсуфталъатон, ҳушёр бош!
Карда доғи ин азизон чашми пайғамбар сафед.
Субҳ агар гул кард гардун бе саводи шом нест,
Шир н-ояд доим аз пистони ин модар сафед.
Гарчи соқаш мӯи хиҷлат афканад дар чашми шир,
Лек садчандони он соқ аст болотар сафед.
Доғи накбат метавон бурд аз ҷабини толеам,
Чун ҳумо гар зоғро гардад шабистон пар сафед.
Фикри бикрам тарбият ҳаргиз надид аз рӯзгор,
Рафт чандин иду монд ангушти ин духтар сафед.
Нест пирӣ мӯҷиби ҳурмат фақеҳи шаҳрро,
Ҳукми он дорад, ки Шоҳин, гашт ёли хар сафед.

* * *

Шуд фасли гул, азимати сайри чаман кунед,
Гар фурсат аст, як-ду-се рӯзе ватан кунед.
Ҷоме, ки мекашеду нишоте, ки мекунед,
Дар пои гул кашеду ба рӯи суман кунед.
Фарзанди мардумон зани беминнати шумост,
Ҳайф аст агар тараддуди фарзанду зан кунед.
Гар хирқа в-ар китоб ба симе равон диҳед,
В-он сим сарфи суҳбати он симтан кунед.
Тангаш ба бар кашед чу ҷон коми дил аз ӯ,
Ҳосил ба шаккари лабу себи зақан кунед.
Лекин ба шарти он, ки дар аснои он нишот,
Ёд аз муқими гӯшаи байт ул-ҳазан кунед.
Шоҳинсифат ба ёди қадаш ҷон агар диҳам,
Аз нахли сарв тахтаи тобути ман кунед.

* * *

Эй ҳарифон, вақти гул дар бӯстон маҷлис кунед!
Лоларӯе иттифоқ афтад, ба худ мӯнис кунед!
Аз лабаш бӯседу май нӯшед, аммо вақти хоб,
Ҷой дар пои гулу дар сояи наргис кунед!
Дар ҳузури хубрӯён арзи дониш хуб нест,
Маст гардед аз майи рангину тарки ҳис кунед!
Ҳаст чун қалбошноӣ назди хубон муътабар,
Аз тило гаштан пушаймонем, моро мис кунед!
Илтимоси банда, Шоҳин, ин бувад, эй дӯстон,
К-андарон маҷлис даме ёд аз мани муфлис кунед!

* * *

Қосиде ку, ки фиристем ба ҷонон коғаз,
То бибӯсад кафаш аз ҷониби мо он коғаз.
Ба тани хаста, ки аз кулфти ҳиҷрон фарсуд,
Мерасонад зи туам роиҳаи ҷон коғаз.
Пеши рухсори ту бечора фалак аз маҳу меҳр,
Мебарад туҳфа чу бар соҳиби девон коғаз.
Нест аз бими ту ёрои навиштан моро,
В-арна бисёр бувад килку фаровон коғаз.
Заҳрае ку, ки кунад қосиди мо арзи паём,
Магараш худ биситонӣ зи гиребон коғаз.
Баъди дидан ба хами зулф неҳ, ар бинвисам
Аз ғами дил ба хати ғолияафшон коғаз.
Гар нависад ба ту Шоҳин вараке, ранҷа мабош,
К-аз раият набувад ор ба султон коғаз.

* * *

Зи бод мешунавам бӯи нофаҳои татор,
Магар кулолаи мушкин зи сар кушод нигор?
Агар ба фарзи масал бингарам ба наргиси боғ,
Кунад ишора зи рӯи адаб ба наргиси ёр.

Зи чашми масти ту, соқӣ, хумори мо бифузуд.
Биёр ҷоми мураввақ, ки бишканем хумор!
Ба ёди зулфи рухат рӯзи ман қарини шаб аст,
Бад-он Худой, ки лайл офаридааасту наҳор.
Мудом кори ту ҷавр аст, ин чӣ хӯю мизоҷ?
Ҳамеша фикри ту зулм аст, ин чӣ расму шиор?
Зи кофарони сияҳпӯш умеди раҳм хатост,
Ту низ чашми мурувват зи чашми ёр мадор.
Зи нақди меҳру вафое, ки бо ту месозам,
На завқи бӯса бувад дар дилам, на шавқи канор.
Куҷо равам, ки чу ҷаввола тоби фурқати ту,
Зи хатти шуъла ба гирдам кашидааст ҳисор.
Шаби фироқи туам мӯнисе намебошад,
Ба ҷуз диле, ки ба тири ҳаводис аст фигор.
Мусаввире, ки яқин сурати бадеи ту дид,
Ниҳад чу сурати дидор пушт бар девор.
Табиб чораи дардам қарор дода ба сабр,
Чӣ сон кунам, ки маро нест бе ту сабру қарор?
Латоифе, ки дар ашъори банда Шоҳин аст,
Надидааст кас аз шоирони нуктагузор.

* * *

Эй акси рӯят аз маҳи тобон зиёдатар,
Нӯши лабат зи чашмаи ҳайвон зиёдатар.
Тӯбо бад-он назокату хубӣ, ки гуфтаанд,
Ҳошо, бувад зи қомати ҷонон зиёдатар.
Наргис, ки шӯхчашмии олам насиби ӯст,
Набвад аз он ду наргиси фаттон зиёдатар.
Аз ҷон зиёдатар набувад ҳеҷ чиз, лек
Назди ман аст васли ту аз ҷон зиёдатар.
Гашт аз баҳори муждаи васли ту синаам
Дар хуррамӣ зи соҳати бӯстон зиёдатар.
Дур аз ҳарими кӯи ту ушшокро бувад,
Саҳни чаман зи гӯшаи риндон зиёдатар.

Заҳмат мабар табиб, ки бемори ишқро
Рағбат бувад ба дард зи дармон зиёдатар.
Дар водии фироқи ту бе дасту по касе,
Раҳме, ки набвад аз мани ҳайрон зиёдатар.
Ағёр ҳам шиканҷаи ишқи ту мекашанд,
Лек ин қадар, ки банда аз эшон зиёдатар.
Шоҳин, ғуломи ҳиммати он хусравам, ки ҳаст
Дар салтанат зи қайсару хоқон зиёдатар.

* * *

Фаррух он толеъ, ки бинам дар канори ёр сар,
То кашам бартар аз ин нуҳ гунбази даввор сар.
Мениҳад булбул барои гул ба пои хор сар,
Пас чӣ сон бояд кашид аз хидмати ағёр сар?
Мениҳам ҳар гаҳ ба фикри он хати рухсор сар,
Мекашад аз дидаи ман ҳам гулу ҳам хор сар.
Як раги гардан чу шамъ ин ҷо намоёнам ҳанӯз,
Гарчи дорам дар раҳи таслим чандин бор сар.
Оламеро дар муҳити зиндагонӣ чун ҳубоб
Рафт бар боди фано аз даъвии изҳор сар.
Баски, Шоҳин, ҳеҷ кас шоистаи таслим нест,
Мениҳам дар пои худ ҳамчун хати паргор сар.

* * *

Эй ба нармӣ кафали лухти ту чун қурси панир,
Даҳанат ҳуққаи лаъл аст пур аз шаккару шир.
Баданат соф чунон аст, ки шояд дидан,
Сурати ҳар чӣ туро бигзарад, эй маҳ, ба замир.
Мениҳам пеши ту аз дил сипар, аз сина ҳадаф,
З-он, ки абрӯи ту теғ асту мижгони ту тир.
Хиҷил аз қадди расои ту бувад сарви баланд,
Мунфаил аз рухи хуби ту бувад бадри мунир.
Дарди ишқи ту чунон карда диламро бемор,
Ки ба ҷуз васли ту ҳаргиз нашавад чорапазир.

Нашавад моҳ ба зебоии рӯи ту шабеҳ,
Нашавад сарв ба озодии қадди ту назир.
Муҳтасиб, ришва ҳаром аст, ту хоҳӣ хӯрдан,
Ман ҳам ар мехӯрам, инсоф куну хурда магир.
Рухи зебои ту к-аз дидаи ман хун мерехт,
Лиллаҳилҳамд, ки аз риш шуд андуда ба қир.
Гарчи аз сели ғамат кохи дилам гашт хароб,
Дорам умед, ки аз васли ту ёбад таъмир.
Он чӣ ман мекашам аз ишқи ту шабҳои фироқ,
Нест ғамхор, ки пеши ту намояд тақрир.
Дили Шоҳин, ки зи ташвиши ҷаҳон буд озод,
Оқибат дар хами гесӯи ту гардид асир.

* * *

Кушой пардаву бар фарқи офтоб андоз,
Зи мушк бофта бар рӯи маҳ ниқоб андоз.
Чӣ офтоб, чи маҳ дар баробари рухи ту,
Ҳар он ки чеҳра барафрӯхт, дар ҳиҷоб андоз.
Гарат ба суҳбати риндони пок майле ҳаст,
Биёву хирқаи олуда дар шароб андоз.
Саводи маърифат аз хатти ёр ҳосил кун,
Марав ба мадрасаву пушт дар китоб андоз.
Бинеҳ ба панҷаи унноб шонаи шамшод,
Ба рӯи лола, ба зулфи бунафша тоб андоз.
Ҳамеша хуни дили худ нисори дида кунам,
Ки гуфтаанд: Накӯӣ куну дар об андоз.
Кабоб шуд дили Шоҳин зи тоби хашми ту, лек
Биханду мушти намак дар дили кабоб андоз.

* * *

Рафт дил аз дасту ҳайратпарварам аммо ҳанӯз,
Гашт барҳам ойина, сайқалгарам аммо ҳанӯз.
Марг ҳам аз табъи ман вазъи парешонӣ набурд,
Сӯхт яксар пайкарам, хокистарам аммо ҳанӯз.

Сад баҳор омад ба имдоди ману чун барги гул
Аз заифӣ такясози бистарам аммо ҳанӯз.
Кардаам сомони сад мастӣ, май аз бебаҳрагӣ
Як даҳан хамёза ҳамчун соғарам аммо ҳанӯз.
Як қалам таҳрир кардан нест, Шоҳин, тоқатам,
Хома дорад саъйи чандин, дафтарам аммо ҳанӯз.

* * *

Марост дидани рӯи ту субҳу шом ҳавас,
Хаёли ту ба дилам бигзарад нафас ба нафас.
Ту хуфта ғофилу маҳмилкаши матои ғурур,
Ба гӯш мерасад аз чор сӯй бонги ҷарас.
Чунин ки қасд пайи қатли ошиқон дорӣ,
Зи даст бурд ҷафоят, намераҳад як кас.
Кунанд нағма ба боғи ҷаҳон ба тарзи наве
Ба шохи гул ҳама зоғону булбулон ба қафас.
Шаҳо, ба бандаи Шоҳин зи мансабу аъмол,
Ба хоки даргаҳат афкандаам ҷабинам бас.

* * *

Дили бечора, ки ҳар шаб ба фалак фарёдаш
Мебарад, кист, ки аз зулф ситонад додаш.
Гар ба савганд ба ман аҳди навозиш бандӣ,
Чун ба худ менигарам, мекунам истибдодаш.
Тифли ман ҳарфи вафо ҳеҷ назад бо ман, ҳеҷ,
Ҳама таълими ҷафо кард, магар устодаш?
Андар ин боғ ниҳоли тарабе сар накашид,
Сарсари ҳодиса то бар наканад бунёдаш.
Ҳар кӣ тавқеи муҳаббат ба сари хеш ниҳод,
Шаш ҷиҳат дарду ғам ояд ба муборакбодаш.
Хок гардидаму чун бод гузашт аз сари ман,
Ба чӣ тақриб, Худоро, гузарам бар ёдаш?
Табъи Шоҳин, ки ба алтофи сухан машҳун аст,
Ҳаст вайронаву карданд ба ганҷ ободаш.

* * *

Урёнтане, ки сар ниҳад аз аҷз бар дараш,
Бахшад зи лутф кисвати кофур дар бараш.
Берун чакад зи дидаи хаффоши моҳтоб,
Гар ними шаб тулӯъ кунад меҳри ховараш.
Ман бода аз суроҳии воруна мекашам,
Дар гардиш ованд ба базме, ки соғараш.
Оё бувад, ки аз мадади бахти чорасоз,
Дар риштаи умед кашам бори дигараш?
Он гавҳари нафис, ки, Шоҳин, зи рӯи лутф,
Месуфтаме ба мисқаби ёқути аҳмараш.

* * *

Дӯш омад барам афканда ду гесу ба ду дӯш,
Анбарин силсилаҳо рехта дар гардану гӯш.
Даст дар гарданам андохт чу зулфи худу гуфт:
Ки дилат ҳалқаи гесӯи маро ҳалқа ба гӯш.
Чуниву чун шабу рӯзат ба сар омад бе ман,
Бо кӣ мехӯрдӣ паймона, куҷо кардӣ нӯш?
Гуфтам: – Эй гул, ба ду чашму ба ду зулфи ту қасам,
Ки нашуд як нафас аз гиря ду чашмам хомӯш.
Гоҳ аз нохуни ғам дил чу нигинам ба харош,
Гоҳ аз оташи дил сина чу дегам ба хурӯш.
Чун шунид ин сухан, афшонд зи лаб шукру бигуфт:
К-эй суханҳои ту ширинтар аз шаккару нӯш.
Бе ту савганд ба паймона, ки ман низ шабе
Май нанӯшидаму будам чу хуми бода ба ҷӯш.
Лек имшаб чу туро дидаму хурсанд шудам,
Дар дилам не ғами дӣ монду на андешаи дӯш.
Рафтам аз худ, чу ба гӯш омадам ин гуна хитоб:
«Дар сар аз шавқи сурудам на хирад монду на ҳуш».
Шудам аз вақди тараб хурраму фархунда чунон,
К-ояд аз ҷилвагаҳи арши барин ваҳйу сурӯш.

Шуд чу фориғ зи сухан, хост маю соғару ронд
Сухан аз майкадаву муғбачаи бодафурӯш.
Ба ҳавои лаби ёқутиву марҷонии хеш,
Бода нӯшиду бишуд гармсар аз нӯшонӯш.
Гуфт: – Наврас, ба банону ба забони ту қасам,
Ки маро то бувад ин зулфи сияҳ ғолияпӯш.
Аҳд кардам, ки аз ин пас нашавам ҷуз ту ба кас,
Ошноӣ накунам ҷуз сухани поки ту гӯш.

* * *

Ҳама аҷзои ту хубу ҳама аъзои ту хуш,
Ҳама ҷои ту ба хубӣ зи ҳама ҷои ту хуш.
Нест сарве ба чаман чун қади раънои ту хуб,
Нест моҳе ба фалак чун рухи зебои ту хуш.
Хуштар аз ҷон набувад туҳфа, агар фармоӣ,
Кунам ин туҳфаи хуш назри кафи пои ту хуш.
З-он чунон зиндагие, к-аз ту ба ҳирмон гузарад,
Ба ту савганд, ки мурдан ба таманнои ту хуш.
Хуш бувад таъми шакар, лек ба коми ман аз ӯст
Заҳрханде зи лаби лаъли шакархои ту хуш.
Ҳама дилбастагии хуш ба яке дораду ман,
Бастаам дил ба хами зулфи сумансои ту хуш.
Пеши он моҳ бинеҳ ҷону дилу сар, Шоҳин,
То кадомин кунад аз ин ҳама колои ту хуш.
Хуш димоғи ҳамаро кардаӣ, Шоҳин, аз назм,
Бод дар боғи ҷинон манзилу маъвои ту хуш.

* * *

Ба рағми ман ба рақибон масоз суҳбати хос,
Ки аз ҳуҷуми ғаму рашк нест роҳи халос.

Макун ба қавли рақибон дили маро маҷрӯҳ,
Ки ҳаст ояи мансус «ал-ҷурӯҳа қисос!»[1]
Зи дарди ҳаҷр раҳон, бо висоли хеш расон,
Мараз, ки гашт чу музмин, чӣ ҷои истихлос?
Туро нисор кунам дил, агар туӣ мутриб,
Фидои ту бикунам ҷон, агар туӣ раққос.
Ба Каъба аз дари хусрав чӣ меравӣ, Шоҳин,
Бас аст хоки дараш ҷабҳаро матофу манос!

* * *

Турост аз ду тараф зулфу дар миён ораз,
Намуда сайди дилам зулфу қасди ҷон ораз.
Мапӯш зулф ба ораз зи ман ба хашм, агар
Кунам шикоят аз он зулф ё аз он ораз.
Туӣ ниҳода ниҳон зери зулф орази хуш
Ва ё нуҳуфта суман зери займарон ораз.
На сарвро бувад андар чаман чунин қомат,
На моҳро бувад андар фалак чунон ораз.
Хаёли рӯи ту партав диҳад ба синаи ман,
Ки моҳро нашавад дар катон ниҳон ораз.
Ниқоб ғунча чу афканд, гул бирафт ба бод,
Ту ҳам зи парда макаш ҳарза то тавон ораз.
Дареғи умр, ки Шоҳин, гузашт шому саҳар
Ба гуфутугӯи фалон зулфу бисмадон ораз.

* * *

Эй, ки зи мушки тар бувад бар рухи чун маҳат нуқат,
Килки қазо чӣ гуна зад бар рухи маҳ нуқат ғалат.

[1] Ишорат ба ояи каримаи 45-ум аз сураи панҷуми Қуръони маҷид «ал-Моида»: Ва катабно алайҳим фиҳо анна н-нафса би н-нафси ва л-айна бил-айни ва л-узуна би л-узуни ва с-сина би с-синни ва л-ҷурӯҳа қисос…, яъне, дар он барои онҳо навиштем, ки барои равон равонро ва барои чашм чашмро ва барои гӯш гӯшро ва барои дандон дандонро ва ҷароҳатҳо қасос аст…

Нест ба кеши ошиқӣ ҳамчу мане бад-ин насақ,
Нест ба фанни дилбарӣ ҳамчу ту кас бад-ин намат.
Гуфтиву рафтӣ аз барам он чӣ ба ман хушам, вале
Беш аз ин марав ғалат, беш аз ин магӯ сақат!
Ҷуз ту ба доди ман касе ҳеҷ намерасад аз он,
Ақбала индак фаҳасаб, аъраза индака фақат.[1]
Гирди рухи ту ҳола шуд, то хати анбарин ҳаме,
Дид рухи турову маҳ, дод ба бандагит хат.
Мурғи саҳар ҳамезанад бонг, ки: – Зери пои гул
Хуни хурӯс рехтан хуш бувад аз даҳони бат.
Шоҳин, аз он чӣ зад рақам килки ту бар ҷаридаҳо,
Баҳриву бадра-бадра дур(р) рехта дар канори шат.

* * *

Эй оразат тапонча зада бар узори хат,
Доғе ниҳода холи лабат дар канори хат.
З-ин сон ки рӯзгори ҷаҳоне сияҳ аз ӯст,
Ё Раб, ҳамеша бод сияҳ рӯзгори хат.
Мавҷи арақ, ки мечакад аз тарфи ин узор,
Гӯй кашида шаддаи гавҳар ба тори хат.
Бар хоксори ишқ набинад зи рӯи боз,
То чашми ҳусн во нашавад бар ғубори хат.
Шуд тӯтиёи дидаи ҳусни ту, в-арна буд
Чашми сафеди рӯи ту аз интизори хат.
То ҷони оламе нагудозад ба доғи ғам,
Бояд ба оби теғ нишонӣ шарори хат.
Бар тарфи лолазори ту он наргиси ғизол,
Сунбул чарад зи гулшани мушкин баҳори хат.
Шоҳин, зи ҳар рақам, ки ба мадҳаш нигоштам,
Гуфтам ҳазор таблаи анбар нисори хат.

[1] Касе ба наздики ту омад, ҳисоб кун, ки фақат аз ту рӯй гардонад.

* * *

Зи лутфи ту шаби васлат шудам чунон маҳзуз,
Ки кас нагашт зи шодӣ ба мисли он маҳзуз.
Зи рӯи ту шуда гулҳои гулситон масрур,
Зи тарзи қомати ту сарви бӯстон маҳзуз.
Зи чашму рӯю лаби лаъли ту ба гулшани ҳусн
Ба хоб наргису гул обу нордон маҳзуз.
Зи бандагии дарат шод шуд чунон Шоҳин,
Ки кас нагардад аз ин гуна дар ҷаҳон маҳзуз.

* * *

Эй кош, ҷон кунад зи тани нотавон видоъ,
З-он пештар, ки мекунад он дилситон видоъ.
Сарв аст қомати туву бӯстон канори ман,
Ин турфа сарв мекунад аз бӯстон видоъ.
Гуфтӣ: «Кунам видоъ!» – зи ман ҷон видоъ кард,
Эй бевафо, маёр дигар бар забон видоъ.
Ҷоно, гар ихтиёри видоат ба дасти мост,
Худ гӯ, ба ихтиёри кӣ кардаст ҷон видоъ?
Кардӣ ба ман ҳар он чӣ ба душман намекунанд,
Номат бурида бод зи рӯи ҷаҳон видоъ!
Гуфтам: «Кай аз рақиб намоӣ видоъ?», гуфт:
«Рӯзе, ки мекунад зи замин осмон видоъ».
То бишнавад нигор, кунад ёди ин ғариб,
Шоҳин, радифи шеъри ман афтод аз он видоъ.

* * *

Рафт домони висолат зи кафи зор, дареғ!
Нест мумкин, ки расад боз дигар бор, дареғ!
Дар шаби васл даҳонам гуҳарафшон мебуд,
Шудам аз фурқати ту дидаи хунбор, дареғ!
Ҳамраҳи ҳури ҷинон дев намоён дидам,
Гуфтам: «Афсӯс, ки шуд ёр ба ағёр, дареғ!»

Ҳаст булбул ба ҳавои рухи гул масти нишот,
Худ ба дом афканадам дида ба бозор, дареғ!
Ҳалқаи зулф, ки дар гардани ҷон буд, Шоҳин,
Додам аз даст кунун ҳалқаи зуннор, дареғ!

* * *

Дареғу ҳайф, ки бигзашт рӯзгори шариф,
Пайи шумораи сайфу шито, баҳору хариф.
Зи чашму дил гуҳару дур(р) марост омода,
Нисор мекунам ҳар гаҳ, ки оварӣ ташриф.
Расида меҳри ҷамоли ту чун ба авҷи камол,
Ғанӣ ту аз ҳама таърифу ҷумлаи тавсиф.
Ба каф гирифта равон нақди ошиқи содиқ,
Куҷост нақд бибозад ба муҳраи ту ҳариф?
Ғасалсарост ба мадҳи ту хомаи Шоҳин,
Зи баҳри шеър гуҳар тоза оварад ба радиф.

* * *

Биё, биё, ки ба васли туам ба ҷон муштоқ,
Марав, марав, ки ба ҷон омадам зи дарди фироқ.
Ба ҷурми ғайр ба ман неш мезанӣ, оре,
Ки дона чумчуқу бедона мехӯрад шаллоқ.
Расан ба гардани устози мактабӣ афтад,
Ки пои тифли ман озурда кард аз фаллоқ.
Равад фақеҳу зи дунбол нури чашмии ӯ,
Чу ноқае, ки равад аз қафои ӯ тайлоқ.
Шикастани дилам, эй турк, агар намехоҳӣ,
Чаро ба гӯшаи абрӯ шикастаӣ қалпоқ?
Танат агарчи зи қаймоқи хом нармтар аст,
Дилат гарав барад аммо ба сахтӣ аз қайроқ.
Сурини лоғари ӯ шуд насибаи Шоҳин,
Бале, ки туъмаи боз аст рони қашқалдоқ.

* * *

Рафтиву сӯхт ҷони ман аз тоби иштиёқ,
Эй кош, бо висол мубаддал шавад фироқ.
Рӯят надида сер, дами васл бигзарад,
Гар аз ҳазор шаб ба яке афтад иттифоқ.
Тоқ аст қомати ту, валекин ба ҷилва ҷуфт,
Ҷуфт аст абрӯи ту, валекин ба фитна тоқ.
То ошно кунам саги кӯи туро ба хеш,
Аз пардаҳои чашм ниҳам пеши ӯ ялоқ.
Чандон даридааст гиребони тоқатам,
Дасти ғамат, ки нест дигар қобили ямоқ.
Чандин қизил аёқ дигар кард гандагӣ,
Ту бо мани ситамзада гаштӣ қизил пучоқ.
Бар дил шиканҷаҳост зи зулфи сиёҳи ту,
Чун дузд мангарӣ, ки занад миршаб таёқ.
Аз тангаҳои навқирави банда ёд кун,
Бе пул биё кунун, ки шудам қирриву ятоқ.
Мақсад висоли туст, бидеҳ ҳар куҷо, ки ҳаст,
Хоҳӣ даруни ҳуҷраву хоҳӣ таҳи равоқ.
Бо ман тағофул ориву бо ғайр таппа-тахт,
Эй баддимоғ, бо ману бо ғайр ҷуфту тоқ.
Зоҳид, маро ба қавли ту ҳеҷ эътимод нест,
Мӯ то ба мӯ хилофиву раг то ба раг нифоқ.
Баҳри ҳалола рӯй ба риндон ҳамекунад,
Сӯфӣ магар намуд зани хеш се талоқ?
Зоҳид, ба роҳи савмаа чандон намедавӣ,
Афсурда шуд магар сапалу суда шуд таёқ?
Ман борҳо шудам ба хаёли вараъ мурид,
Шоҳин, зи шайхи савмаа хидмат накарда оқ.

* * *

Ба бовари-т қасам мехӯрам ба ҷони фироқ,
Ки қути ман ҳама шуд хуни дил зи хони фироқ.

Дило, бисӯхт зи оҳи ту хонумони қарор,
Чаро намезанӣ оташ ба дудмони фироқ?
Фироқи туст чу афъӣ, манам зи ҷаври фалак
Ба сони муҳра ниҳон дар таҳи забони фироқ.
Зи пешгоҳи висоли ту то расад хабаре,
Ниҳодаем сари худ бар остони фироқ.
Сафинаи дили ман кай расад ба соҳили васл
Зи чор мавҷаи дарёи бекарони фироқ?
Ба рӯзгори висоли ту рафт, он чи бирафт
Ба ман зи ҷавру ҷафои ту дар замони фироқ.
Ба ҳар ҷафо, ки кунад, сабр мекунӣ, Шоҳин,
Гар аз ту шиква кунад, хок дар даҳони «фироқ».

* * *

Ба санои ту, ки оҷиз бувад аз вай идрок,
Наҳну ло нақдиру из айна ано, айна санок.[1]
Тира шуд гавҳараки дидаи ман бе рухи ту,
Баски сад Даҷла фузун рехтам аз гавҳари пок.
Ҷуз мани ғамзада, к-аз дида кашам хуни ҷигар,
Кас ҷигаргӯшаи худро накашонад бар хок.
Гар Масеҳам зи фалак аз пайи дармон ояд,
Бе ту мушкил, ки раҳад ҷони ман аз қайди ҳалок.
Гар нашуд муътақиди бодапарастон зоҳид,
Аз чӣ баҳри вузӯ аз ток тарошад мисвок?
Ҳар куҷо ваҳми нишоте бувад аз роҳи ҳасад,
Ҳам аз он ваҳм маро чарх кунад истидрок.
То чӣ арзад, ки ба пои ту фишонад Шоҳин,
Кона лӣ муҳҷатун из ҷиъту ҷаъалноҳу фидок.[2]

* * *

Алайк, дар ҳама бобат диҳад Худой камол,
Чунон камол, ки набвад дар ӯ нишони завол.

[1] Мо нотавонем, пас мо куҷову санои ту куҷо.
[2] Ҳамон як ҷон доштам, омаду онро фидои ту кардам.

Ҳамат ба фаҳми дақоиқ кунад дақиқ ур-раъй,
Ҳамат ба дарки ҳақоиқ кунад ҳақиқ ул-бол.
Агар сипеҳр ба номи ту қуръа андозад,
Ба саъди кавкаби бахти туаш барояд фол.
Ба сад саодати фирӯзиву наҷоҳ бурун,
Арӯси бахти ту омад зи ҳуҷлаи иқбол.
Ба ҳеҷ мартаба ғофил наметавон будан,
Зи мардумони табаҳинтизои шумсигол.
Ҳар он чӣ хайру савобе, ки сар кашид аз мо,
Ба чашми аҳли ҳасад нест ғайри шарру вубол.
Навиди амру саломат агарчи матлуб аст,
Навиштанист зи кайфияти муҷории ҳол.
Навиштанист агар имтинону гар гилаест,
Дар он қибола, ки бо дӯстон кунанд ирсол,
Ки дӯстро шавад аз имтинон зиёда хулус,
Ки дӯстро гила набвад далели ранҷу малол.
Навишта муътабар асту писанд нест, в-агар
Чӣ бӯи мушки сиёҳе, чӣ ранги коғази ол.
Зи дӯстон гила, Шоҳин, наметавон кардан,
Ки шуд шикасти қалам монеи китобати ҳол.

* * *

Эй гарав бурда зи маҳ ҳусни ту бар ваҷҳи ҷамил,
Пеши лаъли ту ҳаме оби ҳаёт аст сабил.
Чашми ман баччаи нилӣ шуда аз гиря чаро
Гузар, эй Юсуфи мисрӣ, накунӣ ҷониби Нил?
Накунад қатъи тамаъ муҳтасиб аз ришва, бале
Ба ҷуз аз хоки сияҳ пур нашавад чашми бахил.
Рӯзгорест, ки аз мотами ёрони қадим,
Чеҳраи шоҳиди бахтам шуда андуда ба нил.
Беривочии ҳунар бин, ки ман аз даври фалак
Ранҷи бисёр кашам дар тамаи музди қалил.
Ҳар кӣ аз фазлу ҳунар баҳраи куллӣ бардошт,
Гардиши даҳр кунад ҳамчу манаш хору залил…

Монд Шоҳин ҳамагӣ дар тутуқи шеър ниҳон,
В-арна худ карда зи ақсоми фазоил таҳсил.

* * *

Шикастахотирам аз гардиши замона мудом,
Бирез, соқии гулчеҳра, дар пиёла мудом.
Дили рамидаи ман дар шиканҷи турраи туст,
Мисоли тоири ваҳшӣ, ки ӯ фитад дар дом.
Ба зери пои ту чун сабза сарв паст шавад,
Кунӣ ба сӯи чаман гар ба ҳусни ҷилва хиром.
Шабе зи лаъли ту хоҳам гирифт коми умед,
Агар ба васли туам ёварӣ кунад айём.
Рухат зи ғурфаи манзар ба чашми ман тобад,
Чунон ки моҳ диҳад равшанӣ зи гӯшаи бом.
Ману зи васли ту уммеди коми дил кардан,
Зи ҳар тасаввури ботил ниҳӣ таваққуи хом.
Ту меҳрубон нашудӣ, бахт бо туам нарасонд,
Шикоят аз ту кунам боз, бахти нофарҷом.
Маро чи рутба, ки лофи ғуломии ту занам,
Ки бо ғуломи ғуломи туам камина ғулом.
Ҳикояти шаби ҳаҷри ту гар кунам тақрир,
Ба бомдоди қиёмат наёбад он итмом.
Ақиқбода ҳалол аст дар шариати ишқ,
Валек бе лаби лаъли ту гуфтаанд ҳаром.
На Каъба монеъ, не дайр садди роҳ шавад,
Ба шавқи кӯи ту Шоҳин, ки бастааст эҳром.

* * *

Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,
Бо бутони тозарӯ то субҳ суҳбат доштам.
Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон, ҳам ошкор,
Бо қаландармашрабон тарҳи садоқат доштам.
Ҷои миннат нест бо ман чархро, к-аз хони ӯ
Чун маҳи нав бо лаби ноне қаноат доштам.

Гоҳ таълими усулу гоҳ талқини фурӯъ,
Як ба як тамҳиди асбоби ҳидоят доштам.
Ваҳ чӣ бадбахтам, ки худ мунтаҷ нашуд ғайри маҷоз
Базли маҷҳуде, ки дар касби ҳақиқат доштам.
Бар далели дониши ман гӯш нанҳод осмон,
В-арна бар даъвии худ чандин ривоят доштам.
Ҳосили илми мани бечора аз идбори бахт
Шарру офат шуд, агар чашми шарофат доштам.
Гар кунад чандин ситам бар ҷони ман гетӣ, равост,
То чаро з-он кинахӯ чашми мурувват доштам.
Ёфтам аз остони шоҳ, Шоҳин, обрӯ
Ман, ки рӯи аҷз бар хоки мазаллат доштам.

* * *

Мо дуо мекунем, ӯ дашном,
Ошиқонрост ин ҷавоби салом.
Шираи ток бо қайи занбӯр,
Турфа шаръист ин ҳалолу ҳаром.
Эй басо дил, ки з-ӯ дар оташи ғам,
Сӯхт аз интизори ваъдаи хом.
Бо сабо зулфи ӯ чӣ пардозад,
Натавон бодро гирифт ба дом.
Чун фиристем қосиде сӯи ӯ,
Меравад ранг пештар зи паём.
Базм гарм аст, бе ҳиҷоб нишин,
Набарад кас либос дар ҳаммом.
Эй сабо, аз манаш гузор навид,
Ки ғуломест бо ту Шоҳин ном.

* * *

Шикастахотиру ранҷуру нотавон шудаам,
Биё бубин, ки дилат ҳар чи хост, он шудаам.
Ба ғайри хору хасу меҳнатам наёмад пеш,
Ба ҳар тараф, ки чу оби равон равон шудаам.

Маро чу шохи суман кард тарбият айём,
Вале чӣ суд, ки маҳруми бӯстон шудаам.
Ба ҳар кӣ майл кунам, мекунад канора маро,
Ба хотири ҳама чун бори ғам гарон шудаам.
Дудаста нуқли ғаму ғуссаам ба пеш гузошт,
Ба хони ишрати ҳар кас, ки меҳмон шудаам.
Зи хоки тира ба сад поя камтарам, аммо
Гумон кунанд халоиқ, ки осмон шудаам.
Ба ҳеҷ кисватам аз тан нарафт урёнӣ,
Фурӯғи моҳаму дар пардаи катон шудаам.
Ман он гулам, ки зи ошӯби бесуботии даҳр,
Накарда тоза димоғи касе хазон шудаам.
Аҷал тафаққуди ҳолам намекунад, в-арна
Ҳазор бор аз ин зиндагӣ ба ҷон шудаам.
Ба ҳеҷ боб маро нест рӯи хурсандӣ,
Ҷуз ин қадар, ки ғуломи шаҳи ҷаҳон шудаам.
Ба фазлу дониши худ ҳайф оядам, Шоҳин,
Ки ман ба ин ҳама ганҷ аз чӣ ройгон шудаам.

* * *

Сухан ҳар он чи, ки хуштар бувад, манаш гуфтам,
Гуҳар ҳар он чи, ки беҳтар бувад, манаш суфтам.
Вале чӣ суд, ки умрам ба ғунчагӣ бигзашт,
Ба бод рафтаму чун гул ба боғ нашкуфтам.
Басо шуда-ст, ки то по ба дидаам бинҳанд,
Ба домани мижа роҳи бародарон рӯфтам.
Басо шуда-ст, ки нашнуфта ёва баргуфтам,
Басо шуда-ст, ки баргуфта ёва нашнуфтам.
Басо шуда-ст, ки аз ман нарафту баргуфтанд,
Басо шуда-ст, ки аз ишон гузашту пазруфтам.
Замона гарчи маро дар хирад ягона намуд,
Ба сад шиканҷа вале кард осмон ҷуфтам.
Надидам ин ҳама ҳосил зи рӯзгори вуҷуд,
Ҷуз ин қадар, ки ба шоми адам фурӯ рафтам.

Дамида бар сари хокам алаф, ки то донӣ
Надода гардиши гетӣ улуфаи муфтам.
Набаста сурати ҷамъияте ба худ, Шоҳин,
Зи тундбоди аҷал чун ғубор ошуфтам.

* * *

Як бӯса аз он орази гулфом гирифтам,
Яъне ба муроди дили худ ком гирифтам.
Дар ҳалқаи зулфи ту задам дасти иродат,
Дар зери нигин маҳкамаи Шом гирифтам.
Дидам, ки чунин бар ҳама инъоми ту ом аст,
Дасти тамаъ аз домани ибром гирифтам.
Алминнату лиллаҳ, ки зи шогирдии Маҷнун,
Дар хиттаи дониш зи хирад ном гирифтам.
Аз симбарон то шавадам ком муяссар,
Шоҳин, сифати лунгии ҳаммом гирифтам.

* * *

Ба кафши ҷустуҷӯ дӯшина шаб наълу патак кардам,
Ба сад ҷо гаштам, аз ҷое ҷавонеро дарак кардам.
Нагардад то рақиби фитнакор аз буғи дег огаҳ,
Ба қӯши хештан оварда пинҳонӣ намак кардам.
Арақ бар гирди лаълаш, дидам, аз рухсора мерезад,
Бар ӯ аз пардаҳои чашм худ тафкӣ ҷавак кардам.
Шудам гаҳ садқаву гоҳе балогардони он маҳваш,
Тақал ҳар кӯчароҳе дошт, бо ӯ як ба як кардам.
Бигуфтам: – Мубталои доғи ҳичронам чаро кардӣ?
Бигуфто: – Ҳар чӣ кардам бо ту, аз тарси амак кардам.
Ба умеде, ки боре коми дил ҳосил кунам аз ӯ,
Сари худро агар чанде ҳақорат кард, так кардам.
Чунон оғӯши гарме дошт он шӯхи сияҳҷурда,
Ки дар оғӯши ӯ аз ғояти гармӣ тулак кардам.
Рақиби сифларо бемор бишнидам, давон рафтам,
Табиб ороста худро зи ҷояш турмасак кардам.

Зи васли ҷонфизои ӯ чунон сархуш шудам, Шоҳин,
На тарсу биме аз ахтар, на ваҳме аз фалак кардам.

* * *

Шаб, ки гул дар табақу бода ба соғар кардам,
Базми туркона ба ёди рухи дилбар кардам.
Омад он дилбари ман, дар қадамаш баҳри нисор,
Аз сари ҳар мижа исори гуҳар сар кардам.
Аз лаби ӯ, ки гуле бо шакар омехта буд,
Гаҳ ҳавои гулу гаҳ хоҳиши шаккар кардам.
Гуфтамаш: – Чист ба тарфи рухат он хатти сиёҳ?
Гуфт: – Бар хуни ту, эй дилшуда, маҳзар кардам.
То ба домони ту гарде нанишинад аз роҳ,
Ҳамчу ҷайби худаш аз хуни ҷигар тар кардам.
Хок бар фарқи ман, аз бӯсаи беҷоталабӣ,
Хотири ёру дили хеш мукаддар кардам.
Ҳар кӣ бишнид, ба кӯтаҳназарӣ хонд маро,
Нисбати қадди ту ҳар гаҳ ба санавбар кардам.
Гоҳ бо зӯру гаҳе бо зару гаҳ бо зорӣ
Ҳар куҷо содарухе буд, мусаххар кардам.
Ба умеде, ки ту по бар сари ин хок ниҳӣ,
Хешро пеши ту бо хок баробар кардам.
Пеш аз он дам, ки ниҳам пои талаб дар раҳи ишқ,
Мурдани хеш дар ин роҳ муқаррар кардам.
Ҷигари сӯхта, Шоҳин, ба Худо, иксир аст,
Ки ба ҳар хок дамидам нафасе, зар кардам!

* * *

Қурбони лаби лаъли шакархои ту гардам,
Мафтуни хати ғолияпирои ту гардам.
Лаб мегазӣ, эй шӯх, надонам ки чӣ гӯӣ,
Аз нозукии тарзи адоҳои ту гардам.
Як ҷои ту тахсис ба куштан натавон кард,
Эй ман ба ту шайдо, зи ҳама ҷои ту гардам.

Ҷон назри саропои ту гуфтам ба шаби васл,
Рухсат бидеҳ акнун зи саропои ту гардам.
Имшаб шаби васли ту натақ нозада бахтест,
Бигзор тавалло, зи таваллои ту гардам.
Набвад кафале чун кафалат лухти мусаффо,
Ман аз кафали лухти мусаффои ту гардам.
Гуфтӣ, ки ба Шоҳин занадам дарду балоҳо,
Кай мезанад, аз дарду балоҳои ту гардам?!

* * *

То мубталои ишқи ту, эй бевафо, шудам,
Аз дӯстони якҷиҳати худ ҷудо шудам.
Донистаме, ки меҳр ба ошиқ намениҳӣ,
Дониста ошиқи маҳи рӯят чаро шудам?
З-ин беш тоқатам ба ҷудоӣ намондааст,
Гар мекушӣ, бикуш, ки ба маргам ризо шудам.
Ҳаргиз даме ба кӯи ту нагзорадам рақиб,
Гӯё, ки ӯ сагу мани мискин гадо шудам.
Дуккони эътибор қумоше чу ман надошт,
Ё Раб, чӣ куя зад, ки чунин нораво шудам.
Сангиндилӣ чунон, ки напурсӣ зи ҳоли ман,
К-аввал чӣ будам аз ғамат, охир чиҳо шудам?
Кардӣ адои бӯса ба ҳар кас, аз он миён
Ман чун намози мардуми коҳил қазо шудам.
Дар ғурбатам, ба васли худ афзо ҷалои табъ,
Чун ман ту гуфта, аз ватани худ ҷудо шудам.
Шоҳин, гузашт сити камолам зи нуҳ фалак,
То ман муқими хоки дари подшо шудам.

* * *

Ба шӯхи моҳпайкар, сарви симинбар гирифторам,
Ба гесӯи чу чанбар, лаъли чун шакар гирифторам.
Ту бар рухсора зулфи худ чу чанбар ҳалқа месозӣ,
Мани ошуфта бар он зулфи чун чанбар гирифторам.

Ба болои баландат, эй писар, якбора мафтунам,
Ба гесӯи камандат, эй санам, яксар гирифторам.
Нагашт аҳволи ман аз бадгумонӣ боварат ҳаргиз,
Туро, эй бадгумон, бо табъи нобовар гирифторам.
Хатат бар гирди ораз то рақам зад маҳзари маҳбус,
Ба қайди ишқат аз мазмуни ин маҳзар гирифторам.
Куҷо омад мизоҷи ман ба ислоҳ аз парихонӣ,
Мани девона чун бо он парипайкар гирифторам.
Чи мебинӣ, мунаҷҷим, аз ривоҷи толеи Шоҳин,
Ба моҳи фитна чун аз бахти бадахтар гирифторам.

* * *

Шукр лиллаҳ ба висолат дили хуррам дорам,
Он чӣ асбоби нишот аст, фароҳам дорам.
Бода нохӯрда чаро ришва хӯранд аҳли қазо,
Гила аз харкусии мардуми олам дорам.
Фориғам аз шарафи фоқа зи ташвиши ҷаҳон,
На ғами кисаву не ғуссаи дирҳам дорам.
Ошноӣ ба рақибам сабаби васли ту шуд,
Кардаам сайд, зи бас қалби муаллам дорам.
То мураххам ба нидое кунам аз ғайр туро,
Сабақ аз баҳси мунодии мураххам дорам.
Ҳаст муҳлик чу ба омос кашад истисқо,
Аҷаб аз зиндагии шайхи музаххам дорам.
Васл чун ҷаҳли мураккаб буваду ишқ басит,
Ишқро бар талаби васл муқаддам дорам.
Дили ман сокиту зулфат мутаҳаррик зи насим,
Ин дуро қоида ин аст, ки мудғам дорам.
Каъбае чун Ҳаҷаруласваду Замзам бо худ,
Аз дили сӯхтаву дидаи пурнам дорам.
Душман аз теғи забон гар занадам захм, чӣ бок,
Ки ман аз вазъи мулоим ҳама марҳам дорам.
Ба насаб хоҷа кунад фахр, маро фахр бас аст
Дудмоне ба нубувват, ки зи Одам дорам.

Ба навиштан натавон шеъри маро кард тамом,
Гарчи з-ошуфтадилӣ завқи сухан кам дорам.
Ғайр аз ин чист маро давлати узмо, Шоҳин,
Ки ғуломии дари хусрави олам дорам.

* * *

Як шаб висоли ёр чунон шуд муяссарам,
К-омад ба ноз такя заду хуфт дар барам.
Аз бас ба ноумедии худ будам устувор,
Медидамаш аёну намегашт боварам.
Гуфтам, ки умри ман ҳама бигзашт дар фироқ,
Акнун чунон мабод, ки аз васл бар хӯрам.
Таҳқиқи худ намудаму дарёфтам, ки ӯст,
Дил шуд зи дасту ҷон зи тану ҳуш аз сарам
Эй вой, агар висол чунин асту кулфаташ,
Бошад ҳазор бор аз он ҳачр беҳтарам.
Охир ба сад машаққату меҳнат ба забти хеш
Пардохтам, ки рӯ надиҳад ҳоли дигарам.
Рафтам канораеву нишастам умедвор,
Шояд, ки хонадам ба канори худ аз карам.
Мижгон зи хоби ноз кушуду маро надид,
Гуфт: – Эй фалон, куҷо шудӣ аз рӯи бистарам!
Ҷастам зи ҷои хешу задам бӯса бар замин,
Гуфтам: – Чӣ хидмате, ки бувад, банда чокарам.
Шоҳин, ба рӯи сафҳа чу хома ба фарқи хеш
Такрир аз ин зиёда кунам, теғ мехӯрам.

* * *

Сиёҳҷурда нигори арабнасаб писарам,
Куҷост, ҳамчу ҳумо соя афканад ба сарам.
Чу доғ мечакадам ашки гарм, метарсам,
Мабод сар кашад аз дида оташи ҷигарам.
Шавад зи бахт, ки ташвиш оварӣ ба сарам,
Ки ҷону дил ба қудуми муборакат супурам.

Шароб хуни дилеву кабоб лахти ҷигар,
Бас аст, пеши ту хайру т-таъом мо ҳазара-м.[1]
Далели ишрати ман з-ин чаман гудохтан аст,
Чу лола зинати гул дошт доғи дил ба сарам.
Ба ним бӯса ташаффо бикун ба дарди дилам,
Ба ним ханда тасалло намо ба чашми тарам.
Ба хоки пои ту хоҳам ҷабини худ судан,
Нашуд в-агарна ба сандал илоҷи дарди сарам.
Чунон рабудаӣ аз қавм маркази хоке,
Ки ҷуз ба чарх наёбанд чун Масеҳ асарам.
Манам ба ёди ту дар ҳар маҳалла кӯй ба кӯй,
Ба ҷустуҷӯи ту дар ҳар диёр дарбадарам.
Хаданги чобукам, эй нозанин, зи ман парҳез,
Ки гар ба синаат оям, ба пеш мегузарам.
Маро ҳавои уруҷе ба сар фитода, вале
Самуми ҳодиса яксар бисӯхт болу парам.
Зиҳӣ ба мавҳибати ёри меҳрубон, Шоҳин,
Муҳаққақ аст саросар камоли мунтазарам.

* * *

Чӣ гуна дар назари ҷилваи ту манзурам,
Ки ҳамчу ойина аз чашми хеш мастурам.
Ба гуфтугӯи туам рашки дастгоҳи Калим,
Зи тоби оташи шавқи ту ғайрати Тӯрам.
Ризо ба куштани худ кас намедиҳад, лекин
Агар ризои ту бошад, биё, ки маъзурам.
Чунон ба ёди ту дар хок метапам, гӯӣ,
Ки дар муҳити амал моҳии сақанқурам.
Зи шӯри гиряи ман гар туро ҳазар будӣ,
Чаро зи ханда намаксудае ба носурам?
Ғаму нишоти ҷаҳон тавъаманд, маълум аст,
Зи иттифоқи сари солу моҳ Ошӯрам.

[1] беҳтарин таъом он аст, ки ҳозир аст.

Агарчи шуҳра ба шоҳиниям, вале, Шоҳин,
Зи дасти чарх гирифтори чанги усфурам.

* * *

Кай бувад, ё Раб, ки ҷо дар водии Салмо кунам,
То тасалло дидаро з-он хоки нурафзо кунам?
Чанд бошам дар ҳавояш заррапаймои ҳазиз,
Дар қиёсороияш тамсили истиқро кунам.
Шавқам истидъои он дорад, ки дар базми ҳузур,
Рози дил дар ҳазрати ҷонони худ ифшо кунам.
Афканад шояд, ки ногаҳ як назар бар ҳоли ман,
З-он сабаб худро ба ҳарфи шеър пинҳон ҷо кунам.
Ҳамчу мусиқор, Шоҳин, дам ба дам аз сози шавқ
Мезанам боле ба худ, то оташе пайдо кунам.

* * *

Дар ишқ аз ин зиёда чӣ тадбир мекунам,
Яъне, ки тан ҳавола ба тақдир мекунам.
Фориғ наям зи нолаи пинҳону ошкор,
Ин ноларо гаҳе баму гаҳ зер мекунам.
Хуршеду моҳ мечакад аз нав, ки хомаам
Ҳар ҷо ҳадиси рӯи ту таҳрир мекунам.
Як шамма нози ҷилваи ту оварам ба фарз,
Чандин ҳазор ойина тақрир мекунам.
Шоҳин, зи табъи равшану бахти сиёҳи хеш,
Субҳам, вале ба шом табошир мекунам.

* * *

Шабе, ки ёд зи васли ту, моҳпора, кунам,
Зи ашки хуншуда доман пур аз ситора кунам.
Зи осмон ба сарам гар ситора борад санг,
Гар аз канори ту, эй маҳ, даме канора кунам.
Ба боми дайр қадам мезанам, чӣ зӯр маро,
Ки баҳри зуҳд равам ҷой дар мағора кунам.

Зи қирқиюзбачагон хотирам гирифта чунон,
Ки ихтиёри зан аз мардуми ҳазора кунам.
Таҳи тақора кун, эй муҳтасиб, гуноҳи маро,
В-агарна айби туро чӯб бар нақора кунам.
Ту худ зи хона наёӣ бурун, ман аз лаби бом,
Назар ба сӯи ту чанд аз паси тавора кунам.
Дилам ба тобу танам дар таб аст, ҳайронам,
Ба ин ду дард дар ин бекасӣ чӣ чора кунам?
Ба ҷуз фироқи ту доғам намедиҳанд нишон,
Ба ёди васли ту ҳарчанд истихора кунам.
Ҳазор сол фузун умр боядам, Шоҳин,
Ки то яке зи ҳазорон ғамаш шумора кунам.

* * *

То назар бар рӯи он хуршедманзар мекунам,
Ҳамчу абр аз гиря ҷайбу остин тар мекунам.
Гуфтам аз бечорагӣ комам диҳад он маҳ, надод,
Баъд аз ин бо ӯ раҳи олуфтагӣ сар мекунам.
Мақсад аз бӯсу канорам имтиҳоне беш нест,
Гар шавад ин ҳар ду ҳосил, фикри дигар мекунам.
Гуфтаӣ: «Пинҳон биё шабҳо», бигӯям: «Аз рақиб
Нест боке, гар бубинам, ҷома бар сар мекунам».
Дорам аз даврон саре чун гӯй дар чавгони ишқ,
Туҳфаи сумми саманди он диловар мекунам.
Ман, ки дорам чеҳрае ҳамчун зару ашке чу сим,
Кофарам, гар ёди симу пешаи зар мекунам.
Гуфтамаш: – Ҳусни ту бар хуршед паҳлӯ мезанад,
Гуфт: – Агар хуршедро бо худ баробар мекунам.
Ҳарчи даврон дар кафи ман мениҳад вақҳи маош,
Сарфи роҳи шоҳиду минову соғар мекунам.
Чун ҳилолам ҷуз лаби ноне намебахшад сипеҳр,
Чанд кӯшиш аз пайи ризқи муқаддар мекунам?

Ман, ки худ осудаам дар сояи сарви қадат,
Таъна бар болои шамшоду санавбар мекунам.
Ғайри яъсам ҳосиле, Шоҳин, намебахшад чаро,
Ҳар таманное, ки дар хотир муқаррар мекунам?

* * *

Ба кунҷи мадраса то чанд қилу қол кунам,
Зи хоки майкада он беҳ, ки касби ҳол кунам.
Даме, ки мӯниси ҷони манӣ, ҳанӯз кам аст,
Дуои ҷонат агар сад ҳазор сол кунам.
Кушой парда зи рухсору ҷони ман биситон,
Ки оҳи вопасат аз вақт интиқол кунам.
Мукаддар аст дилам бе ҳузури ҷилваи ту,
Биё, ки ойина пардозаму мисол кунам.
Маро фишори гулӯ бе хароши ҳайрат нест,
Чу сина дард кунад, лоҷарам суол кунам.
Даҳони худ натавонӣ з-офарин бастан,
Агар ба гӯши ту ороиши мақол кунам.
Паре кушоям агар дар ҳавои ӯ, Шоҳин,
Ҷаҳон, ки ҳар чи дар ӯ ҳаст, зери бол кунам.

* * *

Дамбадам аз гиря фикри дарди дигар кардаем,
Неши мижгоне ба ёди захми дил тар кардаем.
Нест бе фарсуди саъй андешаи таҳсили ҷоҳ,
Обила гаштем то сомони афсар кардаем.
Мо заифонро шикаст охир хумори бехудӣ,
Гардиши ранге, ки дар базми ту соғар кардаем.
Нотавониҳо паноҳи нотавонон будааст,
Мо ҳам акнун такя бар паҳлӯи лоғар кардаем.
Дар уруҷи рутба, Шоҳин, оҷизӣ дар бори мост,
Бе пару болем агар, парвоз бартар кардаем.

* * *

Манам, ки рашк барад, иқди луълу аз суханам,
Бад-ин сухан ҳама дам дам зи хубии ту занам.
Намерасад даҳанам, доғам, эй муборакрӯ,
Ба чашми худ, ки туро дидааст, бӯса занам.
Наям ба кӯи ту, эй нозанин, ғариб, ки ман
Ба дурии ту ғарибам, агарчи дар ватанам.
Ниҳодаам ба кафи дасти хеш нақди равон,
Биё, ки дар кафи пои муборакат фиканам.
Ситамгаре, ки ҷафо вазъу хӯи ӯст, туӣ,
Ситамкаше, ки вафо фикру зикри ӯст, манам.
Зи баъди маргам агар шустушӯ кунад ғассол,
Бигӯ зи латаи софии май кунад кафанам.
Сухан ба меҳру вафои ту мекунад Шоҳин,
Вале чӣ суд, ки бовар намекунӣ суханам.

* * *

Ман, ки аз доираи аҳли хирад берунам,
Дидаам рӯи ту Лайливаш, аз он Маҷнунам.
Соқии ишқ пайи дафъи хумори лаби ту
Ивази бода ба соғар бичашонад хунам.
Бахти маймуни маро бин, ки фалак чун лӯлӣ
Медиҳад рақс ба ҳар маърака чун маймунам.
Сайди афъӣ ҳама созанд ба афсун, аммо
Ин аҷаб, афъии зулфи ту диҳад афсунам.
Бо ман, эй меҳри ҷаҳонгард, бас аст ин давлат,
Ки ба дунболи ту чун соя барад гардунам.
Ман куҷову тамаи васли ту кардан боре,
Аз ту бар банда итобе нашавад мамнунам.
Воизо, нукта зи қонуну вараъ камтар зан,
Ки мани ринд басе воқиф аз ин қонунам!
Фитнаи даҳр кунад қасди ман аз ҳар тарафе,
Ки чаро наргиси фаттони туро мафтунам.

Натавон шуст маро чирки мазаллат зи ҷабин,
Гар дусад ман ба масал сарф шавад собунам.
Лоақал қадри хазафпора надорад, Шоҳин,
Дар баҳо гарчи физояд зи гуҳар мазмунам.

* * *

Қад барафроз, ки болои туро банда шавам,
Рух барафрӯз, ки симои туро банда шавам!
Лаби чун лаъли худ, эй маҳ, ба шакарханда кушой,
То лаби лаъли шакархои туро банда шавам!
Ёри ман, зулфи сумансо бинамо ҳалқа, ки ман,
Ҳалқаи зулфи сумансои туро банда шавам!
Ҷилва кун, эй ту саропо ҳама шӯхӣ, ҳама ноз,
Ки ба ҳар ҷилва саропои туро банда шавам!
Нигаҳе бар ман аз он наргиси шаҳло андоз,
Нигаҳи наргиси шаҳлои туро банда шавам!
Эй мусаффотар аз ойина туро соиду соқ,
Соиду соқи мусаффои туро банда шавам.
Мерабоӣ дили Шоҳин ҳама аз тарзи адо,
Дилбаро, тарзи адоҳои туро банда шавам.

* * *

Маро олуда бо хун аст ҷайб аз гиря, доман ҳам,
Биё, то вораҳад дил аз гузори фурқатат, тан ҳам.
Ба хоки турбати ман мекунӣ бозӣ, зиҳӣ тифле,
Ки нагзорӣ маро фориғ нишастан баъди мурдан ҳам.
На роҳи он, ки боз оям, на рӯи он, ки баргардам,
Бале, бо ёр пайвастан бувад мушкил, буридан ҳам.
Маро з-он хирмани симе, ки дорӣ дар қафои худ,
Набахшӣ, гарчи нақди ҷон диҳам, миқдори арзан ҳам.
Бидеҳ з-он хирмани сим, эй писар, бо мо тиҳидастон,
Ки як арзан ба соле кам нагардад з-он ба додан ҳам.
Ҳавоят як сари мӯ аз сари ман кам нашуд охир,
Гарам теғи ҳаводис борад аз гардун ба гардан ҳам.

Сари ташрифи ғурбатхонаи мо дорад, эй риндон,
Кунун май дар сабӯ бояд намуд, оташ ба гулхан ҳам.
Маро аз шеър гуфтан нанг меояд аз он, Шоҳин,
Ки дорад ҳар ҳарифи ёва номи шоирӣ, ман ҳам.

* * *

Мо аз ту ба ҷуз ҷафо надидем,
Кардем вафо, вафо надидем.
Аз чашми ту, к-он балои ҷон аст,
Ғайр аз нигаҳи ало надидем.
Эй мардуми дида, чанд гӯӣ:
Мо мардумии шумо надидем.
Хубон ҳама душмананд, ҳаргиз
З-ин тоифа ошно надидем.
Сад бор агар туро бубинанд,
Гӯянд, ки мо туро надидем!
З-ин мардуми нохудо мурувват,
Шоҳин, ба ҳақи Худо, надидем.

* * *

Моҳи рухсори ту аз зери ниқоб ояд бурун,
Ончунон к-аз пардаи субҳ офтоб ояд бурун.
Ё Раб, он бахти мусоид ку, ки дар оғӯши ҷом,
Чун арӯс аз хиҷлаи мино шароб ояд бурун.
Дил ба арзи пучмағзе сарфакорӣ дидааст,
Қатра чун аз худ тиҳӣ гардад, ҳиҷоб ояд бурун.
Ҷонам аз банди ғамат озод кай хоҳад шудан,
Саъва натвонад, ки аз чанги уқоб ояд бурун.
Дар арақ, Шоҳин, тамошо дорад эъҷози рухаш,
То чӣ сон аз чашмаи хуршед об ояд бурун.

* * *

Эй ба лаб лаълу ба рух лола, ба қад сарви равон,
Назари марҳамате ҷониби ин камбағалон.

Фасли саҳрост агар даст диҳад сомон кун,
Кадаҳи бода, бути сода, лаби оби равон.
На гули рӯи ту бо сабзхати ҷамъшуда
Офтобест, ки дар бурҷи ҳамал карда қирон?
Табъи маъниасарам хавф барад аз носеҳ,
Зани зоянда тааммул кунад аз онакалон.
Ман ба як дил накунам қатъи назар аз зулфат,
Эй фидоят дили Шоҳину дили халқи ҷаҳон.

* * *

Ба ҳавои лабу дандони ту, эй офати ҷон,
Гаҳам аз дида чакад луълуъ, гоҳе марҷон.
Ишқ бар ҷони ман он мекунад имшаб, ки агар
Бар дили кӯҳ кунад, кӯҳ дарояд ба фиғон.
Оташин рӯи ту оташ ба ниҳодам мезад,
Аз сари зулфи ту гардам, ки даромад ба миён.
Он шаби тира, ки зулфат ба сар андохт маро,
Гар шикоят кунам, эй моҳ, надорад поён.
Сарвро бо қади дилҷӯи ту нисбат нарасад,
Сарв нахлест ба ҷо мондаву қадди ту равон.
То задам бӯса чу соғар ба лаби нӯшинат,
Чун суроҳӣ ҳама хуни дилам ояд зи даҳон.
Хоҳад аз сарсари ҳичрони ту аз по афтад,
Ҳайф аз қомати Шоҳин, ки дарахтест ҷавон.

* * *

Бурида бод забони суханварони замон,
Зи бас ба таънаи Шоҳин кушудаанд даҳон.
Хирад кай аз сари тавфиқ мекунад инсоф,
Шавад ба дидаи таҳқиқ ин нуҳуфта аён,
Ки зери сақфи сипеҳру фарози саҳни замин,
Кадом арсаи гетӣ, куҷо басити ҷаҳон.
На дар маҳосини атвораш аз назар асаре,
На дар макорими ахлоқаш аз адил нишон.

Ба фарқи фалсафӣ Искандари қаламрави фикр,
Ба чашми сӯфия дорои кишвари ирфон.
Ба коми аҳли иродат равон ширу шакар,
Ба ҷони мункири бадбахт дарди бедармон.
Зиҳӣ камол, фаё, марҳабо, намебинам,
Таборакаллаҳаш аз ғайри бандагӣ нуқсон.
Чӣ мекунӣ гила аз мардуми замон, Шоҳин,
Ба гӯши хар натавон дод ҳарза бонги азон.
Гузор, то ки зананд шиква аз ту аҳли ҳасад,
Саги гурусна биҳил, то бияфшурад анбон.

* * *

Афзуние ба ёди ту то чанд костан?
Ҷуз ту касе туро натавонад сипостан.
Дар сина доғи ишқи ту чун нақш дар нигин,
Дар дида акси рӯи ту чун дар либос тан.
Оғӯши ман канори туро ин масал бувад,
Дилро ҳисор синаву ҷонро асос тан.
Эй осмони кинавару чархи пурситез,
То кай ситеза сохтану кина хостан?
Бадри тамом будаму дардо, ки чун ҳилол
Бигзашт аз ҷафои ту умрам ба костан.
Дониста неҳ қадам, ки чу ашк андар ин тариқ
Аз по фитодан аст, зи ҷо барнахостан.
Шоҳин, биҳил, ки мо гуле аз боғи дигарем,
Моро ба дигарон натавонӣ қиёстан.

* * *

Саросар ойинаболида аст пайкари ман,
Ба ҳайратам, ки чӣ кас ҷилва кард дар бари ман.
Зи файзи хиҷлати ҷурм он қадар наям огаҳ,
Ҷуз ин, ки Кавсари нақд аст ҷабҳаи тари ман.
Маро ҳунар ҳама сармояи сияҳбахтист,
Чӣ рангҳо, ки ба сомон накард ҷавҳари ман.

Ба базми бехудиям ҷоми бода ҳоҷат нест,
Бас аст гардиши ранге, ки баст соғари ман.
Чунон ба ҷилваи ӯ маҳви ҳайратам, Шоҳин,
Ҳазор ойина ҳеҷ аст дар баробари ман.

* * *

Маро дил мекашад имшаб ба васлат анҷуман кардан,
Ба чандин сӯз чун парвона шамъе дар лаган кардан.
Ба завқи он миён чун мӯ ба худ ҳар лаҳза печидан,
Зи лутфи он сурин ангушти ҳайрат дар даҳан кардан.
Кашидан бода аз минои ёқутӣ ба ҷоми зар,
Дар оғӯши садаф дурдона чанде аз Адан кардан.
Надорам чун либоси зиндагӣ ғайр аз сияҳбахтӣ,
Пас аз маргам зи хоки тира мебояд кафан кардан.
Дар ин биниш, ки дорӣ дар ғарибӣ боядат, Шоҳин,
Ба сони мардумак дар дидаи мардум ватан кардан.

* * *

Гар чунин ояд дамодам сели об аз чашми ман,
Хонаи мардум шавад охир хароб аз чашми ман.
Ҳар касе равшансаводи нусхаи сӯзи дил аст,
Мекунад мазмуни сад баҳр интихоб аз чашми ман.
Баски мегирям ба ёди наргиси махмури ӯ,
Чун гулӯи шиша меояд шароб аз чашми ман.
Бар муҳити ашк биншонад фалакро чун ҳубоб,
Гар тариқи гиря омӯзад саҳоб аз чашми ман.
Шаб ба ёди талъати ту гар ниҳам паҳлӯ ба хоб,
Мешавад равшан саҳаргаҳ офтоб аз чашми ман.
Иқтизои ҳусни саркаш як қалам бепардагист,
Ӯ ғалат бар чеҳра мепӯшад ниқоб аз чашми ман.
Чашми ман аз ашки хунин гашта чун зарфи ҳино,
То кунӣ бар дасти худ, эй маҳ, хизоб аз чашми ман.
Баски омад бе туам паҳлӯи осоиш ба санг,
Умрҳо шуд рахт барбастаст хоб аз чашми ман.

Гар касе пурсад зи ман кайфияти тӯфони Нӯҳ,
Медиҳад, Шоҳин, гузори дил ҷавоб аз чашми ман.

* * *

Эй хати мушкин, ватан бар тарфи рухсораш макун,
Равнақи ҳуснаш мабар, беқадру миқдораш макун.
Гарчи ту султони ҳуснӣ, дорад ӯ ҳам кишваре,
Бар азизи кишваре шукре бикун, хораш макун.
Бас бувад бемории чашмат зи ташвиши хумор,
Ёри ин нозофарин, аз ғамз бемораш макун.
Ҳусни худро ҷилва бо ҳар булҳавас, ҷоно, мадеҳ,
Нашканад то қадри коло, рӯи бозораш макун.
Гуфтамаш: – Нозуктар аст аз барги гул рухсори ту,
Гуфт: – Агар донӣ, чунин аз бӯса озораш макун.
Сабр кун бо талхии дашноми он ширинписар,
Ё умеди ком аз лаъли шакарбораш макун.
Гуфтамаш: – Шоҳин умеди бӯса дорад аз лабат,
Гуфт: – Уммеде, ки мумкин нест, изҳораш макун.

* * *

Баҳри хотири шабнам вазъи ғунча пайдо кун,
Гиряам бубин, яъне, тугмаи қабо во кун.
Фасли навбаҳор омад, азми сайри саҳро гир,
Ҳамчу лола якчанде фикри дафъи савдо кун.
Зарра восили хуршед мешавад, ту ҳам яъне,
Хешро ба найранге дар канори ӯ ҷо кун.
Оламе ба ёди ӯ маҳви ҳайрат аст ин ҷо,
Даҳр наргисистон аст, чашми ибрате во кун.
Аз Худо наметарсӣ, ҳоли ман намепурсӣ,
Охир ин чӣ бедод аст, андаке мувосо кун.
Ваҳ, туро кӣ гуфт охир, эй ситамгари кофир,
Дилрабову мункир шав, ҷон ситону ҳошо кун?
Арзи мову ман, Шоҳин, он қадар камоле нест,
В-арна бар сухандонон хӯрда гиру расво кун.

* * *

Эй лабат лаълу қадат сарву рухат лола барин,
Зада хат гирди рухат ҳалқа ба маҳ ҳола барин.
Шудай воқифам аз камбағалӣ в-арна чаро,
Нест имсол ба ман меҳри ту ҳарсола барин.
Чӣ кунӣ каттагӣ аз пушти рақибон бо ман,
Чӣ парӣ аз сари мех ин ҳама гӯсола барин.
Ба сафедӣ танат, эй он, ки гарав бурда зи барф,
Бе ту хуни дилам аз дида чакад жола барин.
Чанд дар пои ту чун обила сар монда рақиб?
Чанд бӯсида лаби лаъли ту табхола барин?
Гоҳ анбори висоли ту шикофад чун муш,
Гоҳ бодоми ту лесад сари гӯсола барин.
Доғ бар сина манеҳ ин қадарам в-арна зи оҳ,
Мекашам гирди ту оташ хати ҷаввола барин.
Гирам аз нози ту з-он пас ба канорат гирам,
Набувад аз пайи дандона, бигӯ, мола барин?
Тамаи дӯстии ман макун, эй маҳ, зи рақиб,
Меҳрубонтар набувад амма ба кас хола барин.
Қадри деринагӣ андеша намо, гарчи бувад,
Банда дар ишқи ту савдогари бекола барин.
Насазад даъвии Фитрат ба ту дар боби сухан,
Лоақал шеъри ту, Шоҳин, набувад Вола барин.

* * *

Эй лабат мул, оразат гул, турраат сунбул барин,
Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми нимдунбул барин.
Оқибат коми дили худ з-он кафал хоҳад гирифт,
Ҳар кӣ аз пушти ту афтад рӯзу шаб кокул барин.
Дар бисоти ман дирам панҷу даҳе мавҷуд нест,
З-он надорам қадру қимат пеши ту як пул барин.
Меравӣ аз суҳбати ман ҳамчу наргис саргарон,
Менишинӣ тозарӯ пеши рақибон гул барин.

То ниқоб аз чеҳра андозӣ чу гул дар пои ӯ,
Мекунам фарёд ҳар шаб то саҳар булубул барин.
Кай ба рағбат дил дар он чоҳи зақан гардад асир,
То наафтад турраат дар гардани ӯ ғул барин.
Ту бухорибачаӣ, ҷоно, тавозуъпеша бош,
Ин қадар тундӣ чӣ лозим мардуми Кобул барин.
Метавон сайри чаман дар маҷлиси ман, з-он ки ҳаст,
Сарви миношаклу бонги фохтаву қулқул барин.
Дар пули як шишае зоҳид намегирад гарав
Далқи моро нест қадре пеши ин хар ҷул барин.
Мисли ман нозук тананда тору пуди шеърро,
Нест чун дардо, ки бофӣ аҳли Истамбул барин.
Рутбаи Шоҳиниям ҳосил шуд аз имдоди шоҳ,
В-арна будам пеш аз ин калходи бе чангул барин.

* * *

Эй маҳи лоғармиёну эй бути фарбеҳсурин,
Ман ба фикри ину онам гаҳ чунон, гоҳе чунин
То шавад равшан, ки дар хубӣ яди байзо турост,
Соиди симини худ берун барор аз остин.
Мӯ бар андомам ба ранги пӯстин хезад зи рашк,
Чун туро гирад рақиб, эй маҳ, ба зери пӯстин.
Илтимоси бӯса гар хоҳам намуд аз лаъли ту,
Ё ҷавобаш гардиши чашм аст ё чини ҷабин.
Дар канори ман бинеҳ, ҷоно, сурини хешро,
Ҳайф бошад ҳалқаи ҷонро ниҳодан бар замин.
Гар ту биншинӣ, нишинад сад ҷаҳон ҷон аз ясор,
В-ар ту бархезӣ, бихезад сад ҷаҳон дил аз ямин.
Умрҳо шуд меравад аз чашми Шоҳин ҷӯи об,
Боварат гар нест, эй сарви равон, боз ову бин!

* * *

Бурд дил аз дасти ман зулфи парешони ӯ,
Кард сияҳ бахти ман наргиси фаттони ӯ.

Баски таровид шаҳд гоҳи сухан аз лабаш,
Гашт пур аз ангубин чоҳи занахдони ӯ.
Мешиканад қадри лаъл ашки гуҳарбори ман,
Мебарад оби гуҳар лаъли сухандони ӯ.
Он ҳама лаъле, ки буд дар ҷигари ман ниҳон,
Яксара чашми тарам рехт ба домони ӯ.
Мурғи дили ман бувад, он ки зи шаб то саҳар
Нола кунад чун ҳамом бар сари айвони ӯ.
Боди сабо дамбадам қофила дар қофила,
Ғолия бар Чин барад аз хати райҳони ӯ.
Оҳуи Чинро кашад пои таваҳҳуш ба дом,
Силсилаи турраи ғолияафшони ӯ.
Абрӯи ӯ гар кунад гӯшакашӣ чун камон,
Рахна ба дин барзанад новаки мижгони ӯ.
Гарчи ба васлам накард, шод ба дашном кард,
Дар ҳаққи Шоҳин бас аст ин ҳама инъоми ӯ.

* * *

Қулай кардам, ки нофаҳмонда бӯсам аз даҳони ӯ,
Рамиду дод нафрин ҳар чи омад бар забони ӯ.
Лабаш дар ханда мерезад шакар аз ҳуққаи гавҳар,
Маро, эй ҷон, нисори ҳуққаи шакарфишони ӯ.
Ятоқам кард он ширинписар аз зӯри пул хӯрдан,
Вале коми умедам барнаёмад аз лабони ӯ.
Ҷудо шуд аз кафам ангушту нагрифтам зи домонаш,
К-аз он дасти таманно ҳалқа гардад дар миёни ӯ.
Надонистам зи ғафлат қадри айёми висол акнун,
Дареғ, аз ҳар кӣ мечӯям, намеёбам нишони ӯ.
Аз он рухсори оташнок мебӯсад рақиб, овах,
Зи тоби рашк месӯзад маро оташ ба ҷони ӯ.
Зи хоки остонаш ёфтам, Шоҳин, муроди худ,
Ниҳодам чун сари ҳиммат ба хоки остони ӯ.

* * *

Хатти ту гарди ғолия гирди қамар зада,
Аз мушки суда муҳр ба дурҷи гуҳар зада.
Ташбеҳ ҷуз ба ҷавҳари ҷон нораво бувад,
Лаъли туро, ки ханда ба ёқути тар зада.
Чашми ту зоғакест, ки дар зери зулфи ту
Аз офтоби рӯи ту бар соя бар зада.
Эй ҷони ман тасаддуқи ҷони ту, афв кун
Ҳар кӯтаҳӣ, ки аз мани бечора сар зада.
Болои нозуки ту зи ширинии хиром
Бас укдаҳо, ки дар ҷигари найшакар зада.
Дорӣ хаёли куштани ман в-арна баҳри чист
То соид остини ду дасти ту бар зада?
Донӣ, манам ғуломи шаҳе, к-аз сари ниёз
Ҷавзо каманди чокарияш бар камар зада.
Бар ман макун ситам, ки зи дастат ба назди шоҳ,
Хоҳам гирист дасти тазаллум ба сар зада.
Эй хусраве, ки маснади қадрат чу офтоб,
Бар чорумин сипеҳри улув поя барзада.
Килки қазо навишт чу туғрои давлатат,
Бар рояти ту ояи фатҳу зафар зада.
Шукри Худо, ки меҳри туро ёфт оқибат
Шоҳин, агарчи буд балову батар зада.

* * *

Муҳаббати ту ба ҷонам чунон асар карда,
Ки аз раҳи мижа хуни дилам бадар карда.
Сабурӣ аз ту муяссар намешавад, ки ғамат
Зиёда буд, фироқат зиёдатар карда.
Тавофи кӯи ту ҳар кас, ки азм кард, кафан,
Ба ҷои ҷомаи эҳром худ ба бар карда.
Фиғони ман ба фалак рафт, бо ту дарнагирифт,
Магар, ки гӯши туро панди ғайр кар карда?

Ишораи хами меҳроби тоқи абрӯят
Зи кунҷи савмаа тақвимро бадар карда.
Ҷафо хуш аст зи хубон, вале ба ошиқи худ,
Ба ман чунон, ки ту кардӣ, кӣ ин қадар карда?
Ибо зи тарки сарам нест дар раҳи ту, ки ман
Нахуст рӯз ба ишқи ту тарки сар карда.
Нишони исми шарифи ту ёфт чун Шоҳин,
Касе, ки бар сари ҳар байти ман назар карда.

* * *

Эй ба боло чун санавбар в-эй ба ораз ҳамчу моҳ,
В-эй ба болои санавбар дода маҳро ҷойгоҳ.
Ҷуз ба болои ту, рухсори ту, эй афсуни халқ,
Ҳеҷ кас дида-ст дар рӯи санавбар қурси моҳ?!
Донаи холи туро нозам, ки аз ҳиҷрони он
Чеҳраи гулнори ман паҳлӯ занад бар ранги моҳ.
Хуш бихӯр хуни маро, к-Эзид ба чун ту дилбаре
Аз барои хуни ман ҳошо, ки бинвисад гуноҳ.
Гар сари мӯ кам кунам меҳр аз маҳи рухсори ту,
Бод ҳамчун зулфи шабгуни ту рӯи ман сиёҳ.
Дил маро раҳ бо занахдони ту зад, худ шуд асир,
Рост гӯянд, он чӣ бошад чоҳкан дар зери чоҳ.
Аз чӣ рӯ сабз аст, медонӣ, хати пушти лабат?
Мехӯрад азбаски об аз чоҳи ҳайвон ин қабоҳ.
То бибӯсам ҳамчу хоки раҳ зи сумми тавсанат,
Мекунам, ҳар ҷо, ки оӣ, хештанро фарши роҳ.
Оламе аз бӯсаву оғӯш мамнунанд, лек
Қонеъ аст аз давлати васли ту Шоҳин бо нигоҳ.

* * *

Эй зулфи сунбулат зада бар арғувон гирех,
Афканда сад гирех ба раги ҷон аз он гирех.
Шуд фикратам ба дил зи дами сарди носеҳон,
Чун решаҳои нахл зи боди хазон гирех.

Пайвастаем гар чу тану ҷони ман, рақиб
Чун риштаи гусаста бувад дар миён гиреҳ.
Мӯе зиёда нест миёни ту, дилбаро,
Кардӣ бар он миёни камар аз чӣ сон гиреҳ.
Афтад гиреҳ ба ҷони ман аз рашк, агар сабо
Бикшоядат зи турраи анбарфишон гиреҳ.
Теғест ҷавҳарӣ ба кафи турки бодамаст,
Ё додааст чашми ту бар абрувон гиреҳ.
Чашмам сиришк бар мижа монанди соҳирон
Бандад чунон, ки туф зада бар ресмон гиреҳ.
Аз турраи ту риштаи фикри маро фитод,
Чун он ки бар каловаи бевазанон гиреҳ.
Шоҳин зи тирабахтӣ агар шиква сар кунад,
Афтад чу тори зулфи туаш бар забон гиреҳ.

* * *

Чу рабудаӣ дили ман ба тариқи ошноӣ,
Зи ту ҳошалиллаҳ акнун, ману тоқати ҷудоӣ.
Ҳама нозиву такаббур, ҳама ҷавриву тазаллум,
Дили оламе, надонам, ба чӣ шева мерабоӣ?
Надиҳам зи даст домони ту, то бувад маро ҷон,
Ки агар равӣ, дигар бор чу умр барнаёӣ.
Бикушой турра яъне, бинамой чеҳра яъне,
Ки расам ман аз шаби тира ба рӯзи рӯшноӣ.
Аҷабам, ки бо ту дорад сари ихтилот зоҳид,
Магар аз ту ком гирад ба фусуни порсоӣ?
Пайи чораи муҳаббат чӣ раҳи илоҷ пӯям,
Ки муқаррарам шуд акнун, ки ту дарди бедавоӣ.
Макун орзуи дигар, чу ҳавои ӯст бар сар,
Ба санам чӣ кор дорӣ, ту ки бандаи Худоӣ.
Ману иштиёқи дидор, рақиб(у) хаёли дигар,
Зи ту ҳар диле хаёле, зи ту ҳар саре ҳавое.
Караме, ки банда Шоҳин бари гул ба сони булбул,
Чӣ хуш аст агар ту бошӣ, кунад ӯ ғасалсароӣ.

* * *

Эй, ки набвад чун дили сахтат ба сахтӣ хорае,
То кай ин сангиндилӣ дар бораи бечорае?
Дил ҳазорон пора хоҳам кард аз теғи ғамат,
То диҳам пайванд бар ҳар тора мӯят порае.
Баски доғат бар дилам чун собит, эй маҳ, нақш баст,
Мечакад ҳар ашки ман аз дида чун сайёрае.
Аз заифӣ дар такопӯи ту, эй мижгонбаланд,
Аз асо холӣ намебинам кафи назорае.
Бегумон дил аз бари ушшоқи мискин мебарад,
Нест ҳамчун турраат дар дилбарӣ таррорае.
Дид чун дил дар даҳон омад маро аз ғусса, гуфт:
– Шуъла дар минқор дорад мурғи оташхорае.
Ку диле, к-оворагарди кӯчаи зулфи ту нест,
Эй муқими ҳар хами зулфат дили оворае.
Модари гетӣ зи бас хушк аст пистонаш зи шир,
Мемакад ангушти ҳасрат тифли ҳар гаҳворае.
Бар ҳалоки ҷони ӯ ҳаргиз нахоҳам ҳукм кард,
То хадангат аз дили Шоҳин нагирад порае.

* * *

Имшаб чӣ шаб аст ин, ки дар оғӯши ман астӣ!
Дар сина чу дил, балки чу ҷон дар бадан астӣ.
Шабнамсифат аз рӯи ту фирдавс ниҳон аст,
Эй тозагул, охир зи кадомин чаман астӣ?
Умр он ҳама норафта, ки реше бадар орам,
Кан решаи ҷони ман, агар решакан астӣ.
Ту шамъиву парвонасифат гирди ту гардам,
Чандон, ки ба ҷону дили ман шуълазан астӣ.
Ин Кавсари нақд аст, мапиндор даҳонаш,
В-ин чашмаи Замзам, на ки чоҳи зақан астӣ.
Беҳуда қадам во магузор аз дили Шоҳин,
Азми сафарат чист, ки хуш дар ватан астӣ?

* * *

Ба тарки эътибор он беҳ, ки озоде қарин афтӣ,
На к-аз шуҳрат ба ранги ном дар банди нигин афтӣ.
Ту нодониста ҷо биншастӣ, эй чини ғазаб, в-арна,
Табассум будаӣ, ҳар гаҳ, ки бар лаб аз ҷабин афтӣ.
Туро, эй мулки ҷону дил, мусаххар то чӣ бархезад,
Ба иззи салтанат дар базми мо маснаднишин афтӣ.
Чу зад паҳлӯ ба бистар, ман зи пешу пас гумон кардам,
Ба тарзи маслиҳат гуфтам: – Чунон. Гуфто: – Чунин афтӣ.
Ба тавсифи миёни ӯ қадам поён манеҳ, Шоҳин,
Мабодо аз кафал лағживу бар чоҳи сурин афтӣ.

* * *

Аз сари хеш чаро зулф ба по афкандӣ,
Боз рӯзи сияҳе бар сари мо афкандӣ?
Мӯниси дарду ғам, эй ҷон, дилаке буд маро,
Даррабудӣ зи бари ман, ба куҷо афкандӣ.
Дӯш дар турраи ӯ даст задам, гуфт ба ноз:
Хештанро зи чӣ дар доми бало афкандӣ?
Теғ бастиву задам фол пайи марги рақиб,
Чун бидидам ба ҳамон теғ маро афкандӣ.
Кардӣ аз бӯса тамаъгинаму ранҷидӣ, лек
Оҳ аз ин ҳилаам, аз хеш ҷудо афкандӣ.
Новаки ишва ба абрӯи камондори ту буд,
Рост гӯ, эй бути бераҳм, киро афкандӣ?
Эй шаҳи кишвари хубӣ, набувад мӯҷиби ор,
Аз карам гар назаре сӯи гадо афкандӣ.
Пешпо додиву омад сари ман аз қадамат,
Эй фидои ту сарам, сахт ба ҷо афкандӣ.
Он сурину кафали туст ва ё кӯҳеро
Ба яке мӯй бубастӣ, ба қафо афкандӣ.
Тан намедод ба ишқи ту дили саркаши ман,
Оқибат дар раҳи таслиму ризо афкандӣ.

Рост бар синаи бекинаи Шоҳин омад,
Ба масал тири ҷафое, ки хато афкандӣ.

* * *

Эй рабуда дилам ба айёрӣ,
Дилбарӣ, лек турфа таррорӣ!
Эй ҳазорон ҳазор ҷони азиз
Аз ғамат уфтода дар хорӣ.
Гарчи хуби-т аз ҳад афзун аст,
Аллоҳ-аллоҳ, макун ҷафокорӣ,
Гар ту з-ин ҳусни бениҳояти хеш
Ба шиори вафо сазоворӣ.
Эй лабат рашки лаъли руммонӣ,
В-эй хатат насхи мушки тоторӣ.
Ҳар насиме, ки чун дили ушшоқ
Дар хами турраи ту шуд сорӣ,
Дур набвад ба чорсӯи Хитой,
Ки кушояд дукони атторӣ.
Гар дилам шуд зи устувории фикр
Меҳвари осмони ҳушёрӣ,
Туаш аммо зи кӯдакии мизоҷ,
Гӯйи чавгонлаъб пиндорӣ,
Ба ту лозим, ки ҳамчу зулфи худаш,
Ба ду дасти адаб нигаҳ дорӣ.
Юсуфи Мисри фазл шуд, Шоҳин,
Ту Азизӣ, намо харидорӣ!

* * *

Ба чоки сина кун ҳоли дили ошуфта тақрире,
Ки хоби зулфро аз шона меҷӯянд таъбире.
Бинозам ҳуснро, к-аз хатти мушкин кард он ораз,
Ниҳод аз соя чун бар гардани хуршед занҷире.
Манеҳ пои талаб, то раҳ напӯяд бар дари масҷид,
Маҳил дасти иродат, то нагирад домани пире.

Ба арзи печу тоби турраат ҳамдарди занҷирам,
Надорад ҳарфи ман ҷуз дар дили девона таъсире.
Куҷо Беҳзод, Шоҳин, баркашад мӯи миёнашро,
Магар аз хатти мавҳуме намояд килк тасвире.

* * *

Ҷонҳо фидои ҷони ту, эй ҷони зиндагӣ,
Боз о, ки нест бе туам имкони зиндагӣ.
Бошад хати ту сабзаи сарчашмаи ҳаёт,
Бошад лаби ту лаъли Бадахшони зиндагӣ.
Эй марг, чун ба тафриқа сулҳам намекунӣ,
То чанд дасти мову гиребони зиндагӣ?
Паймонае бинӯш, ки даврон ғанимат аст,
Эй бехабар зи ҳастии паймони зиндагӣ.
Шоҳин, даруни хона ба ҷуз гӯри танг нест,
Охир чӣ мезанӣ дари сомони зиндагӣ?

* * *

Эй он, ки туро нест назиреву мисоле,
Аллоҳ, мабинод камоли ту заволе.
Ҳар дам ба висолем, сухан аз сари шавқ аст,
Мо аз ту ба фикреву ту аз мо ба хаёле.
Як раҳ зи раҳи лутф қадам неҳ сӯи бемор,
К-ин дилшуда маҷрӯҳ зи ғам ҳол ба ҳоле.
Гар муддаийи васли ту имрӯзу пагоҳам,
Эй кош, муяссар шавадам дар маҳу соле.
Шоҳин, ба сари хома, ки машшота кунӣ, кун,
Рухсораи авроқ надорад хату холе.

* * *

Эй дар чамани ҳусни қадат тоза ниҳоле,
В-аз ойинаи рӯи ту хуршед мисоле.
Дидам ба хами зулфи туву чашми ту, гуфтам:
«Дар сояи шамшод ғунудаст ғизоле».

Ҳоил шуда дар байни ҷабини рухат абрӯт,
Чун дар васати Зуҳраву Хуршед ҳилоле.
Моем ба дунболи ту ҳар кӯча давидан,
Кӯшидани ботил ба таманнои муҳоле.
Он кист, ки аз давлати васли ту тавонад,
Будан чу мани ғамзада қонеъ ба хаёле.
Гӯям ғами дил бо ту ба шарте, ки нагирад,
Ойинаи табъи ту зи ман гарди малоле.
Инам, ки ба шабҳои фироқи ту тани ман
Аз мӯя чу мӯе шуда, аз нола чу ноле.

* * *

Биё, то бо ҳам омезем ранги бодаву ҷоме,
Диҳем оғози касратро зи кори ваҳдат анҷоме.
Чӣ сон дур аз ту, ҷоно, чашми тамкин доштан аз ман,
Ки бе васли гуҳар ҳаргиз надорад баҳр ороме.
Бинозам, к-он баҳори ҳусн ҳангоми хиромидан
Чаманҳо нақш мебандад, агар вомениҳад гоме.
Туро мебояд аз нақши нигин омӯхтан ибрат,
Ки ғайр аз ҷонканӣ сомон надорад пешаи номе.
Ба исён ноумед аз раҳмати Яздон машав, Шоҳин,
Ки ин ҷо сад саҳар гул мекунад аз пардаи шоме.

* * *

Эй беҳтар аз фариштаву бартар зи одамӣ,
Ақли мусаввариву равони муҷассамӣ.
Мо мубталои ранҷу ту бар ранҷ роҳатӣ,
Мо дардманди ишқу ту бар дард марҳамӣ.
Таъвизи ҷони худ зи ту хоҳем аз он, ки ту,
Гар ҷисми хокиййӣ, ба шараф исми аъзамӣ.
Аз даъвии субот ба як ҷуръа сулҳ кун,
Эй маҳзари навишта, ту мавқуфи хотамӣ.
Ғофил аз он, ки нақш бар ин сикка баркананд,
Чун нақши сикка дар талаби симу дирҳамӣ.

Инак, туро талиаи меҳр аст дар камин,
Эй он, ки хуфта дар варақи гул чу шабнамӣ.
Шоҳин, ҳадиси ишқ фурӯ хон аз он, ки ту
Дар сирри ҳар чӣ ҳаст дар ин парда, маҳрамӣ.

* * *

Нозанин дилбарако, чанд ба ман ноз кунӣ,
Банди тунбон ба канори дигарон боз кунӣ?!
Ман, ки тухм аз таҳи лаклак ба шатал бистонам,
Ту чунон шуъбадабозӣ, ки маро гоз кунӣ.
Ваъдаи ҷӯрагӣ, эй дилбари покизагуҳар,
Одамизода қаҳат зад, ки ба сарбоз кунӣ.
Зоҳид, аз бодапарастон чӣ шунидӣ, ки мудом,
Ҳар куҷо давра шавад, шиква зи носоз кунӣ?
Эй хурӯси саҳарӣ, чист ба ман кинаи ту,
Ки шаби васл саҳар ношуда овоз кунӣ?!
Ҳарами роз туро ҳамчу мане мебояд,
Ҳайф бошад, ки ба ҳар нокасу кас роз кунӣ.
Ваъдаи бӯса намудӣ ба ману ҳам ба рақиб,
Ваҳ, чӣ сон гар талаби ҳақ кунам, иқроз кунӣ.
Бишнавам панди ту, воиз, ба масал саблати хеш,
Ҳамчу мӯи сари мотамзада зан ғоз кунӣ.
Ҳаргиз осон зи кафи ман натавонӣ растан,
Гар пару бол бурун ориву парвоз кунӣ.

* * *

Эй рашки парӣ, ғайрати хубони ҷаҳонӣ,
Хубон ҳама ҷисманд, дар он ҷисм ту ҷонӣ.
Исо най, аммо агар аз ишқи ту мирам,
Хоҳӣ, ки ба як ишва кунӣ зинда, тавонӣ.
Соқӣ агарат ҳаст ба сар бода кашидан,
Таҳҷуръаи худ бо мани махмур чашонӣ.
Чун кокули мушкин ба чунин ҳоли парешон,
Дунболи худам то каю то чанд кашонӣ?

Аз нуқли лабаш гар шиканам рӯза, макун манъ,
Эй зулф, ки бар ҳайати шоми рамазонӣ.
Ҳаргиз накунад бори ғами ишқи ту, ҷоно,
Бар хотири ғамдидаи ушшоқ гаронӣ.
Эй дӯст, ба пирӣ бирасӣ, марҳамате кун,
То бархӯрам аз давлати васлат ба ҷавонӣ.
Ҳинду ба лаби чашмаи Кавсар набарад роҳ,
Эй хол, ту дар кунҷи лаби ёр чӣ сонӣ.
Шоҳин ҳама ҷо мадҳу санои ту бихонад,
Бошад, ки туаш ҳам зи раҳи лутф бихонӣ.

* * *

Эй ғарра ба афсонаи айёми ҷавонӣ,
Халқе зи ғамат пир шуд, ин турфа надонӣ.
Маълуми ту ҳолам нашуд аз номаву пайғом,
Боз о, ки кунам шарҳи ғами хеш забонӣ.
Баргардаму чун ашк зи домони ту гирам,
Ҳарчанд маро аз назари хеш биронӣ.
Онам, ки сари худ накунам аз қадамат дур,
Чун зулф агар дар қадами хеш кашонӣ.
Озодии моро зи ту беҳтар санаде нест,
Эй хатти рухи ёр, ки тавқеи амонӣ.
Бе ғолия дар чини сари зулфи ту бигзашт,
Моно, ки кунад боди сабо мушкфишонӣ.
Аз зулфи худу рӯи худ, эй шӯх, диламро
Бо мӯй кашониву ба оташ бинишонӣ.
Дар васфи ҷамоли ту надонам чӣ нависам,
Он чӣ ба тасаввур гузарад, беҳтар аз онӣ.
Қосид, бубар аз ман варақе ҷониби ҷонон,
Гарчанд ба ҳар гом задан ҷон биситонӣ
Пандам нашунидӣ ба вафо ҳеҷ, магар кард
Ин дурри гаронсанг ба гӯши ту гаронӣ?!
Шоҳин, ки чу ӯ табъи равон нест касеро,
Гӯӣ зи қади сарви ту омӯхт равонӣ.

* * *

Дилам рабудиву дар қасди бурдани ҷонӣ,
Агар ғалат накунам, сахт номусулмонӣ.
Ман аз ҷафои ту чун рахт баркашам зи ҷаҳон,
Туро чӣ суд пас аз марги ман пушаймонӣ?!
Расидааст ба лаб ҷонам аз машаққати ҳаҷр,
Биё, ки дар қадамат ҷон диҳам ба осонӣ.
Ҷуз ин қадар набувад хубии туро нуқсон,
Қи қадри ошиқи мискини худ намедонӣ.
Фитодааст ба дасти сабо чу хотири ман,
Ба турраи ту муборак шавад парешонӣ.
Зи пушти туст рақиби даҳанкалон, в-арна
Ба ман ту, эй бути олуфта, боби дандонӣ.
Зи бас ҷафои ту бар ошиқон зи ҳад бигзашт,
Ниҳод қоидаи ишқ рӯ ба вайронӣ.
Гирифт мавҷаи ашкам чу абр домани баҳр,
Ҳанӯз, эй бути ман, ҳамчу ғунча хандонӣ.
Туро чӣ фоида аз ошноии ағёр,
Ҷуз ин, ки хотири ушшоқи худ биранҷонӣ.
Гадоии сари кӯи ту ҳар кӣ ҳосил кард,
Ба ними ҷав нахарад шавкати Сулаймонӣ.
Зи юмни тарбияти хусрави ҷаҳон, Шоҳин,
Шуда мусаххари ту кишвари сухандонӣ.

* * *

Эй, ки аз қадди расо ғайрати сарву чаманӣ,
Сарвӣ, эй моҳ, ба қад, лек ба ораз суманӣ.
Лабу дандони ту, эй сарвқади симандом,
Беҳтар аз лаъли Бадахшониву дурри Аданӣ.
Лаби майгуни ту аз ғояти сурхӣ, ки дар ӯст,
Натавон фарқ намудан зи ақиқи Яманӣ.
Эй сияҳчашм, ачаб нест, ки дар дида кашад,
Аз ғубори қадамат сурма ғизоли Хутанӣ.

Бар сари кӯи ту, бигзор, қароре гирам,
Умрҳо шуд, ки малулам зи ғами беватанӣ.
Гуфтамаш: – Шонасифат панҷа ба зулфи ту занам,
Ханда зад гуфт: – Илоҳӣ, ба бало панҷа занӣ.
Гуфтамаш: – Бӯса бидеҳ аз лаби худ. Гуфт: – Чаро?
Гуфтамаш: – Зар биниҳам дар кафи ту. Гуфт: – Қанӣ?
Кард хосияти лаъли лаби ҷонон, Шоҳин,
Тӯтии табъи маро шуҳра ба шакаршиканӣ.

* * *

Наям ман ҷуз ҳамин оворгарди кӯҳу ҳомуне,
Зи худ бегона, яъне Лайлиеро гашта Маҷнуне.
Дили ман бӯсаи дашномомези ту мехоҳад,
Ба тахмири гулу қандам макун таклифи маъҷуне.
Ба вазъи матлаб аз кайфу ками имкон қаноат кун,
Ки инҷо ҳеҷ кас воқиф нашуд бар чандеву чуне.
Таҳайюр гаҳ зи чашмакҳои ашкам анҷум ороят,
Сазад гар гардиши рангам кунад таъмири гардуне.
Ба тақлиде чӣ сон шоистаи таҳқиқ гардидан,
Ки натвон ворасид эъҷозро аз роҳи афсуне.
Чӣ гӯям аз расоиҳо, ки чун сарвам дар ин гулшан,
Ҷуз аз беҳосилӣ сомон надорад табъи мавзуне.
Зи шуғли нола фориғ нестам то зиндаам, Шоҳин,
Ки мебошад нафас дар синаам чун тори конуне.

* * *

Он на зулф аст, ки бар чеҳра барандохтаӣ,
Халқро рӯзи сиёҳе ба сар андохтаӣ.
Ман туро мардумаки дидаи худ медонам,
Ту маро ҳамчу сиришк аз назар андохтаӣ.
Аз хатти сабз, ки бар тарфи узори ту дамид,
Анбарин ҳола ба даври қамар андохтаӣ.
Аз камонабрӯи худ бар ҳадафи синаи ман
Тир андохта, аз пай дигар андохтаӣ.

З-он кафал коми дил осон нагирифтам, ҷоно,
Кундаи хеш ба зери табар андохтаӣ.
Як тараф меҳнати ҳиҷрону дигар таъни рақиб,
Бар сари ман чи балову батар андохтаӣ.
Гашт то лаъли шакарвори ту моил ба сухан,
Фитнаи тоза ба ҳар раҳгузар андохтаӣ.
Писаре чун ту назода-ст зи модар, ки нахуст
Оташи ишқ ба ҷони падар андохтаӣ.
Ба шакархандаи лаъли лаби худ Шоҳинро
Намаки суда ба реши ҷигар андохтаӣ.

* * *

Туӣ, ки коми ман, эй шӯхи хушкафал, надиҳӣ,
Муроди хотири ушшоқи камбағал надиҳӣ.
Зи рӯи лутф ба дашноми талх шодам кун,
Агарчи бӯса зи лабҳои чун асал надиҳӣ.
Нахоҳӣ он, ки шавад рӯзгори халқ сиёҳ,
Инони ғамза бар он чашми муктаҳал надиҳӣ.
Чӣ сон зи васли ту хоҳам канори кори дигар,
Ба бӯса коми мани хаста лоақал надиҳӣ?
Чӣ гуна кӯҳи сурини туро кунам тавсиф,
Ки Рахши фикри маро роҳ бар кутал надиҳӣ?
Маро чу навбати васл имшаб аст дар ҳама умр,
Ту он намой, ки айши маро халал надиҳӣ.
Дилам зи ишқи ту хун шуд, ба турраш биспор,
Қадаҳ пур аст, Худоро, ба дасти шал надиҳӣ.
Туро ба ин тани нозук рақиб дархӯр нест,
Чӣ мешавад, ки ба ин аблаҳи дағал надиҳӣ.
Рақиб ишқ надорад, маҷӯ дилаш ба висол,
Бар он давоҷаи фазлат, ки бо касал надиҳӣ.
Ба шила дил зи ту, Шоҳин, рабудӣ он рӯхар,
Кунун бикӯш, ки ҷон аз раҳи шатал надиҳӣ.

АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

ҲАЗОРДАСТОНИ ҚАФАСШИКАНИ КӮҲИСТОН…

Суханвари маъруфу маҳбуби тоҷик Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (1865-1919) 26-уми моҳи марти соли 1865 дар хонадони марди давлатманду босаводи деҳаи Зосуни ҷамоаи Варзи Манори кенти Фалғар (ҳозира ноҳияи Айнӣ) Мирзо Бобохон ба ҷаҳон омадааст. Гузаштагони Туғрал самарқандӣ буда, чанд пушт пештар аслофи хонадон аз ҷабру зулми ҳокимони бедодгар ба дод омада, ҷониби Фалғар фирор кардаву дар ҳамин макони амн рахти иқомат густардаанд, ки худи Туғрал аз ин хусус ишорае дорад:

Дар Самарқанди чу қанд акнун манам
Ифтихори зумраи Аҳрориён!
Мерасад аслам ба Аҳрори Валӣ,
Дудаи ман бошад аз ин дудмон!

Овони кӯдакиву наврасии Нақибхон дар зодгоҳаш, таҳти ғамхориву саробонии бевоситаи падар ва, баъдҳо, бародарони падараш Тӯрахону Мансурхону Ҳамзахону Акобирхон гузашта, хатту саводи ибтидоиро дар деҳа, аз устодони маҳаллӣ боровардааст. Яке аз устодони нахустинаш Қозӣ-Абдулҷаббор ном марди фозилу шоирпешаи урметанӣ буда, ки аз болооб то поёноби Зарафшон ба ҳукми қозие адолатпаноҳу саховатпеша шуҳрат доштааст. Ниҳоят, дар овони ҷавонӣ, ба нияти дарёфти камолоти бештари илмию адабӣ, таҳти саробонии падари маърифатпарвараш, ҷодаи Самарқанду Бухороро пеш гирифта, даставвал дар шаҳри бостонии Самарқанд мақоми иқомат мегузинад ва дар ҳуҷраи аз Мадрасаи Тиллокории Регистони Самарқанд харидаи падар мезияду мехонаду меомӯзад ва дар давоми таҳсил ба зодгоҳаш рафтуомад мекунад.

Дар айёми таҳсили мадраса Нақибхон аз лаввоҳу наққоши моҳир ва муаррихи доно Абӯсаййид Махдуми Зарринқалам, аз

Махдуми Гардан, Домулло Бадахшӣ ва дигар устодони донишманд илму маърифат омӯхта, ба ҳалқаи зиёиёни онрӯзаи Самарқанд ворид мешавад ва дилгармона шеъру шоириро пеша мекунад. Дар ҷараёни шоирӣ аксари навиштаҷоташро таҳти тахаллуси «Туғрал» офарида, дар баъзе маворид «Нақиб» ва «Туғрали Аҳрорӣ» ҳам тахаллус кардааст.

Нақибхон баъди Мадрасаи Тиллокорӣ муддате дар Бухоро ҳам омӯзиши илму дониши ҷории замонаро идома медиҳад ва аз уламову удабои маъруфи онрӯзаи бухороӣ дарси илму адаб меомӯзад. Пас аз таҳсилу омӯзиши лозим ба зодгоҳаш баргашта, бар хилофи хоҳиши падараш ба Истами Аваз ном деҳқондухтари деҳаи Зиндакон ошиқ ва хонадор шуда, ҳамроҳи вай нуҳ сол умр ба сар мебарад. Аз ин никоҳ писаре ба дунё меояд, ки риштаи ҳаёташ ба зудӣ канда мешавад. Дар хусуси таваллуду вафоти писараш худи Туғрал дар ҷое чунин ишора кардааст:

Борҳо дар дили ман буд таманнои писар,
Лутф созад ба мани хаста Худованд агар.
Омад охир зи карам нахли муродам ба самар,
Монд ҳасрат ба дилу кард аз ин дор сафар.

Баъдҳо, ба сабаби бефарзандӣ, Нақибхон аз Истам ҷудо шуда, бо Муҳаррамаи Аслиддин ном духтари Томинӣ ақди никоҳ баста, соҳиби Муқаддара ном духтаре мешавад. Аз Муқаддара Муаттара ном духтаре ба ҷаҳон меояд, ки то ҳол (соли 2018) дар қайди ҳаёт буда, чароғи хонадону мазористони бобойи шаҳиру шаҳидашро равшану зинда медорад.

Бо вуҷуди рафтуойи доимӣ ва аёдати дӯстони дуру наздик, мададгорӣ ба камбағалону ниёзмандон ва тангию сахтиҳои рӯзгор, Туғрал ҳеч гоҳ ранҷу машаққати эҷоди бадеиро пушти сар накардааст ва дар тӯли ҳаёти баъдӣ лаҳзае аз омӯзишу андӯзиш барканор наистода, соҳаҳои мухталифи илму дониши замонаро фаро гирифтааст ва муттасил аз пайи такмили фаҳмиши илмӣ ва ҳунари шоирӣ будааст. Барои мисол, дар мусаввадаи шоир дар тариқи донистани моҳи шамсӣ, усули ҷамъу зарбу тақсим, тарзи тайёр намудани ҳар гуна маъҷуни табобатӣ, усули табобати дарди дандон, зарари пурхорӣ, тарзи навиштани ҳар гуна санадҳои расмию шаръӣ, дар боби тавалludу вафот ва ҷулусу нузули ҳар гуна ашхоси таърихӣ қайду қитъаҳои таърих ва намунаҳои амалӣ сабту забтанд, ки ҳама шоҳиди гӯёи бохабарии амиқи Туғрал аз ҳисобу ҳандаса, тиббу

табобат, фикҳу абҷад ва таърихи гузаштагон мебошанд. Ҳамчунин, ӯ дар шатранҷбозӣ маҳорати тамоме дошта, соҳиби хатти зебову хонои настаълиқ ҳам будааст. Зиёда аз ин, илми деҳқонию ҳунари бинокорӣ, урфу одати халқу забони зинда, маишати мардуму рӯзгори шаҳру деҳотро ба хубӣ медониста, дар равияи эҷоди бадеӣ дониши илмию китобию ҳаётиашро некӯ ба ҳам дарпайваста тавонистааст ва ин ҳама ҷилову ғано дар забони фасеҳ, саноеъи бешумор ва ҳикмати санҷидаи шеъри Туғрал равшану возеҳ зуҳур кардааст. Ва соҳиби чунин заковати баланду илмию фазилати бемонанди инсонӣ ва маҳорати тавонманди адабӣ будани Туғралро ҳамзамононаш ҷиддан эътироф кардаанд, ки суханони зерини шоири ҳамдаври ӯ Абдулғании Ҷавдат далели чунин даъвостанд:

Яктои асри мо буд он шоири ягона,
Бишкуфта буд аз ӯ ҳар суҳбату маҷолис!
Дар пеши дониши ӯ донишварон мусаллам,
Равшан бувад ба фаҳмаш, ҳар нуктаву аҳодис!
Дар назму насру ашъор яктои асри мо буд,
Қоил шуда ба илмаш, ҳар олиму мударрис!

Аз «назми каломи форс»-и Туғрал пайдост, ки ӯ захираву нозукиҳои забони деринасоли модарии худ – форсии дарии тоҷикиро ба дараҷаи аъло медониставу эҳсос мекардааст. Дар сарфу наҳву луғати арабӣ низ устоди комил будааст, ки фиқраву ҷумлаву мақолу оёти арабии иқтибосӣ ва эҷоди қалами худаш гувоҳи онанд. Ва дар ин маврид бояд гуфт, ки Туғрал ҳамвора фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, «Суроҳ»-у «Ҳамиз»-ро зери даст дошта, дороиҳои забони форсию арабиро дар муқояса меомӯхтааст. Дар дафтари мусаввадаи ӯ муродифоти форсию арабии калимаҳои асп, шер, май ва ғ. пайиҳам чида шудаанд, ки бори дигар аз паҳнои қаламрави забондонии Туғрал гувоҳӣ медиҳанд.

Аз ҳикояту санадҳо бармеояд, ки Туғрал донандаи забону урфу одоти қавму тойифаҳои гуногун, нуқли маҳфилу азизи маҷлисҳои адабӣ ва забардасти шуарои аҳд, соҳиби қудрати баланди суханофаринӣ ва устоди комили насри бадеъ, монанди Аҳмади Донишу Тошхоҷаи Асирӣ ва дигарон марди пешқадами замон ва адиби зиндадилу даҳримашраб, дур аз ҳар гуна дасисаҳои миллатгаройию хурофотпарастӣ буда, офаридаҳояш сарчашмаи воқеӣ ва асоси ҳаётӣ доштаанд.

Бар замми ин, марди хоксору фақирпарваре буда, заррае фахру ҳавои аҷдодӣ надоштааст ва ҳирси молу пул дар вай мушоҳида намешудааст. Дар давоми таҳсилу зиндагии мустақил аз мадади моддии бародаронаш ҳазар карда, бо ранҷу заҳмати шахси худ, бидуни ҳашмату дабдаба ва фақиронаву хоксорона рӯз мегузарондааст, ки ин ҳолатро худаш чунин ба таъкид мерасонад:

Чунон сомони доман кардаам кунҷи қаноатро,
Ки андар дил намебошад таманнои зару симам!

Ва ё:

Хоксорӣ нест кам аз дастгоҳи эътибор,
Бӯриёи фақр ҳамчун тахти Ҷам дорем мо!

Рафоқату ҳамсуҳбатиҳои ӯ дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро бо муллобачаҳои нодору камбағал ва омадурафти беохири мардуми фақиру бечора ба хонаи Туғрал дар Зосун гувоҳи равшани хайрхоҳию бечорапарварию авомдӯстии шоир мебошанд.

Ҳамчунин, дар миёни мардуми камбағали Фалғару Панҷакат, Истаравшану Масчоҳ ва Самарқанду Бухоро ёру дӯстони зиёде дошта, ҳаммаҳфили як идда ҳунармандону зиёиён ва ҳамсуҳбати як даста суханварону ҳофизони пешқадами давр будааст. Аз ҷумла, шоир дар маснавии «Дар хусуси табъи девон»-аш Аҳмади Васлӣ, Масеҳои Тамҳид, Аҳмади Равнақ, Исҳоқбеки Ваҳҳоҷ, Қурбӣ, Ҳасратӣ, Гулханӣ, Лутфӣ, Муҳаммадқулии Тарҷумон, Ашрафи Туҷҷор, Абдулфайёзи Қаровулбегӣ ва дигаронро ном мебарад, ки нисбаташ ҳусни таваҷҷуҳу эҳтиром доштаанд ва дар чопи девонаш имдодҳо расондаанд.

Аз асноду хотироти мушоҳидон ва офаридаву ишораҳои мутаъаддидаи худи Туғрал бармеояд, ки ҳазордастони зосунӣ ба ду тан аз шуарои ҳамаҳду ҳамзабонаш ҳусни таваҷҷуҳи хосса ва робитаву эътиқоди беандоза доштааст, ки яке Шамсиддин Шоҳин (1858-1894) ва дигаре Гулшании Бухороӣ (соли ваф. 1910) мебошад. Ва дар ин маврид бояд изҳор дошт, ки Туғрал аз овони таҳсили Мадрасаи Тиллокорӣ ба Шоҳин ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ӯро пиру устоди маънавии худ шинохта будааст. Ҳамчунин, дар айёми таҳсили Самарқанд бо ашъори Шоҳин, ки дар миёни шуарои аҳд эътироф гардида буд ва, махсусан, бо «Лайлию Маҷнун»-аш ошноии комиле пайдо карда, дар ҷавоби он ба таълифи «Лайлию Маҷнун»-и худ пардохтааст. Бар илова, Туғрал борҳо дар ҳошияи дафтару сарлавҳаву матни ашъораш аз ҳаққи устодӣ доштани Шоҳин бар

худ сипосгузоронаву эхтиромдорона ёдоварӣ кардааст. Чунончи, дар мусаддасаш бар фарди Гулшанӣ, дар зери калимаи «Шоҳин»-и мисраъи «То шудам дур зи Шоҳини маъонӣ, Туғрал» ӯ «номи устодам» навиштааст, то муроди эҷодии худро равшантар бисозад. Ва ё дар охири ғазали «Хиҷолатмояам, вазъи парешонист бунёдам» (дар мусаввада) ба мисраъи дувуми байти мақтаъ чунин тавзеҳ афзудааст: «Яъне, Шоҳин устоди ман буд». Ва ё дар мусаввада зери сарлавҳаи «Аз устоди худ Шоҳин» чанд ғазал оварда, чандин дафъаи дигар ҳам Шоҳинро боифтихор мавлову устоди худ номида, ниҳоят, дар маснавии «Лайлию Маҷнун»-и нотамомаш, ки дар татаббуъи достони ҳамноми Шоҳин офарида шудааст, боби алоҳидаеро ба ситоиши хираду маҳорataш тахсис дода, минҷумла, нигоштааст:

Он к-ӯ ба камол шамси дин аст,
Бо хотами илм ӯ нигин аст;
Наштарзани дар раги маъонӣ,
Ғаввоси ями гуҳарфишонӣ;
Ганҷури дури ҳадиси рангин,
Дар авҷи ғазалсаройӣ шоҳин;
Тасхирнамойи ҳисни дониш,
Аврангқабойи мулки биниш;
Дар ганҷи яқин дури ягона,
Бо зулфи узори шеър шона...
Устоди ману муаллими даҳр,
Мақбули ҷаҳону шуҳраи шаҳр!

Аз гуфтаву далелҳои боло ба хубӣ аён мегардад, ки Шоҳин дар ҷодаи илму адаб аз устодони беназири Туғрал будааст ва равобити эҷодию умумияту тафовути сабки нигориши эшон таҳқиқу таҳлили амиқу доманадореро тақозо дорад.

Агар дар миёни Шоҳину Туғрал пайванди устодию шогирдӣ барқарор бошад, дар байни ӯву Гулшанӣ муносибати дӯстию робитаи эҷодӣ ва мукотибаи доимӣ ҷараён доштааст. Барои исботи даъво метавон изҳор дошт, ки Туғрал дар ҷое «дар аввали нома ба Гулшанӣ таҳрир ёфт» гӯён рубоии зеринро гилаомез санад меорад:

Муддате шуд, ки ёр нома накард,
Рақами анбариншамома накард.
Ё магар коғазу мидод надошт,
Ё маро лойиқи ба хома накард?!

Ё «дар тарки ирсолномаи муддати шаҳрайн ба Гулшанӣ навишта будам»-гӯён ғазалеро сабт мекунад, ки ду байти аввалаш ин аст:

Ёди айёме, ки ҳар дам бо манат пайғом буд,
Шаҳди мазмуни ҳадиси дилкашат дар ком буд!
Дам ба дам, соат ба соат аз навиди номаат
Тарфи гулзори хаёли ман баҳорайём буд!

Ва ё дар мавриди дигаре «Охунд Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба фақир навишта»-гӯён ғазалеро дарҷ месозад, ки матлаъаш ин аст:

Омад баҳору сабза баромад, наёмадӣ,
Ҳангоми айшу бода даромад, наёмадӣ...

Баъди матни ғазали мазкур «дар ҷавоби Охунд Муҳаммад Содиқхоҷа Гулшании Бухорой навиштам» гӯён ғазали худро марқум сохтааст, ки чунин абёте дорад:

Он рӯзи ваъдаи ту саромад, наёмадӣ,
Нахли умед бо самар омад, наёмадӣ!
Дар интизори ваъдаат андар раҳи Бухор
Мадди нигаҳ зи дида баромад, наёмадӣ!
Гуфтӣ, ки меравам ба Самарқанд назди ту,
Биллаҳ, маҳалли найшакар омад, наёмадӣ!

Ҳамчунин, Туғрал дӯсташро дар ду қасидаи комиле беғаразонаву самимона ситоиш карда, шахсияти беолоишу маҳорати баланди шоириашро баҳои сазовор додааст ва дар ин замина ақидаҳои муфиди адабӣ-эстетикии худро ҳам баён доштааст. Боз, аз мусаввадаи Туғрал бармеояд, ки ӯ ба ду ғазали Гулшанӣ мухаммас ва ба фардаш мусаддас низ баста будааст. Ва аз ин ҳама чунин натиҷае ҳосил мешавад, ки Гулшанию Туғрал дӯстони ҷонӣ буда, ба манзили ҳамдигар рафтуомад ва дар мавориди даркорӣ мукотиба мекардаанд. Далели русидонию маорифпарварии Гулшаниро низ дар табаддулоти фикриву ҷаҳонбинии тозаи шоири рамузфаҳм бетаъсир набояд донист ва ин омил дар роҳи Инқилоби Октябру сохти навини иҷтимоиро ба зудӣ ва бидуни калавише истиқбол намудани бузургмарди зарафшонӣ мақоми муҳимме бояд дошта бошад.

Бино ба гуфтаи ҳолдонон ва шаҳодати Устод Айнӣ, Туғрал

«дар охирҳои ҳол обу ҳавои тозаи Кӯҳистонро аз зиндагонии шаъшаъадори пурташвиши шаҳр тарҷеҳ карда», тамомӣ ба зодгоҳи худ бармегардад ва дар он ҷо ба деҳқонию чорводорӣ машғулӣ мегузинад, аммо рафтуомадро ба назди ёру дӯсту ҳаммаслакони самарқандию панҷакатияш ба куллӣ қатъ намесозад.

Баъди ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр дар Русия ва қаламрави Генерал-губернатории Туркистон шоири пухтаву ҷаҳондида ва мутараққию румузфаҳм бидуни калавишу дудилагӣ ба хидмати Ҳукумати Шӯрой медарояд ва тавассути қалами обдору синони озодкор алайҳи душманони сохти наву мухолифини ҳаёти нав муборизаи беамон мебарад.

Дар шаҳру деҳоти Масчоҳу Фалғару Панҷакату Самарқанд гашта, мардумро ба тарафдориву ҳамкории ҳукумати ҷадид даъват мекунад. Аз ҷумла, борҳо дар Самарқанд маҳфил ороста, дар ҳузури мунавварфикрони он давра Иброҳим Саййидкамолзода, Шамсиддин Иброҳимзода, Баҳриддин Ҷалолхоҷаев, Қорӣ Адҳам, Қорӣ Бурҳон, Турсунбой Зокиров, Нуруллоҳ Файзуллоев, Абдулҳамид Пӯлодӣ ва бисёри дигарон аз хусуси бартарии сохти нави иҷтимоӣ суҳбатҳо карда, ба торумори душманони синфӣ ва дарки ҳарчӣ зудтари сохти шӯрой бармехонадашон, ки ҳамаи онҳо минбаъд дар роҳи барқарорсозии Ҳукумати Шӯравӣ дар Самарқанду атрофу акнофи он ва саросари водии Зарафшон хидматҳои бебаҳое кардаанд.

Дар миёни муаллимону талабагони мактабҳои навташкили шӯрой низ суҳбат ороста, дилашонро ба сохти наву ояндаи дурахшони зиндагӣ гарм месохтааст. Аз ҷумла, соли 1919, аввалин бор дар деҳаи Похути ноҳияи Фалғар мактаби нав ташкил мешавад ва Туғрал ба муносибати соли нав – Иди Наврӯз ба он мактаб рафта, дар табрики мактабиён таронаҳои наврӯзӣ хондааст, ки рубоии зерин аз он ҷумла мебошад:

Баҳ-баҳ, ки рабеъу Иди Наврӯз омад,
Наврӯз шуду ба халқ нав рӯз омад!
Тифлони дабистон ҳама гаштанд озод,
Озодии Наврӯз зи наврӯз омад!

Шоир на танҳо субҳи ҳаёти навинро аз самими қалб истиқболу тараннум карда, ба эҷодиёташ ғояҳои нави инқилобӣ ва мазмунҳои тозаи замонавиро ворид меоварад, балки ҳастии худро дар роҳи ҳимояти дастовардаҳои инқилобу барқарории Ҳукумати Шӯрой гаравгон мениҳад.

Барҳақ, Туғрал аз рӯзҳои нахустини ғалабаи сохту сиёсати нав дар водии Зарафшон расман ба хидмати давлати советӣ ворид шудааст, ки дар ин бора ходими вақти ЧК Силченко Николай Алексеевич баъди сари Туғрал дар санаде маълумоти муҳимме сабт намуда, зимнан «Нақибхон... 3 сол қабл аз маргаш ба таълифи китобе дар бораи ҳаракати инқилобӣ ва босмачигарӣ шурӯъ карда буд» навиштааст. Ва, албатта, беҳуда нест, ки ӯро ҳамроҳи корманди милисаи навтаъсиси, шӯравӣ Ёр Авазов ба ҳайси ходими сиёсии Ҳукумати Шӯрой барои пахши балвои зидди ҳукумати ҷавони шӯравӣ барпокардаи рӯҳониён ва кулакону амалдорон, ки соли 1918 дар деҳаи Обурдани Масчоҳ хурӯҷ карда буд, мефиристанд ва Туғралу ҳамсилоҳонаш он ошӯбро хомӯшу балвогаронро таслим кунонда, дар насиҳати босмачиёни тахту ҷоҳпараст ва дар таҳсини инсони муборизи зидди «исобат» (мусибатзадагӣ; киноя аз дунёи куҳна) мегӯяд:

Не ҳубби муҳибби дилнишин мемонад,
Не тири адӯйи кинагин мемонад!
Инсон ба муқобили исобат?! Аҳсан!!
Дунё гузарон аст, ҳамин мемонад!

Туғрал дар байни солҳои 1918-1919 ҳамроҳи аскарони сурхи шӯравӣ дар чандин задухӯрди хунини алайҳи босмачиёну аксулинқилобиюни болооби Зарафшон бевосита ширкат варзида, борҳо ситоди дастаҳои ихтиёрию аскаронро дар ҳавлии худ ҷой медиҳад ва ҳамроҳашон деҳоти Томин, Фатмев, Гузари Бод, Рарзу Похутро аз чанги душманони синфӣ озод мекунад. Ва дар рафти яке аз чунин муҳорибаҳои шадид барои озодии деҳаи Вешаб аз тарафи душманону бадхоҳонаш ба туҳмати ноҳақи аксуламал гирифтор ва 28-уми июни соли 1919 дар мавзеъи Лангари деҳаи Сангистони ноҳия хунсардона ва худсарона ба қатл расонда мешавад. Ин ҳукми нангину ноодилонаро Шетинин ном сардори дастае, ки дар роҳи нобуд шудани аскарони сурх аз чанги босмачиён худаш гунаҳкору сабабгори асосӣ будааст, бидуни иҷозати расмии давлатӣ бароварда, худаш онро ба иҷро мерасонад. Ногуфта намонад, ки баъдҳо қонуни адолатгустару ҳукумати ҳақиқатпарвари шӯравӣ Шетининро барои чунин худсарию гунаҳкориҳояш одилона ба ҳабс маҳкум мекунад ва ӯ дар маҳбас хору залилона ҳалок мешавад.

Хабари нохуши марги нобаҳангомӣ ҳунарвари шаҳир аҳли деҳаву диёр ва шогирдону ҳаводорони сершуморашро ба риққату сӯг оварда, шоироне чун Хилъат, Файёз, Ҷавдат, Ҷомеъ ва дигарон бо сӯзу алам дар вафоти ӯ қитъаву марсияҳо сурудаанд. Аз ҷумла, Файёзи Хуҷандӣ дар қитъае санаи қатли Туғралро ба ҳисоби ҷумал чунин марқум доштааст, ки аз моддаи таърихи он («Ҳайфи Туғрал») соли 1337 ҳиҷрӣ (1919 мелодӣ) бармеояд:

Дуболо шуд зи саҳбои шаҳодат
Ба базми ҷовидонӯ кайфи Туғрал.
Хирад фармуд бо Файёз: «Баргӯ
Ба таърихи вафоташ: «Ҳайфи Туғрал!»

Адиби дигар, Хилъат, ин санаро ба ҳисоби ҳиҷрию мелодӣ (1337/1919) чунин ба назм овардааст:

Ба соли қатли Туғрал, гуфт Хилъат:
«Зи чап бинвис нуздаҳ, боз нуздаҳ.
Агар хоҳӣ, ки орӣ соли ҳиҷрӣ,
Биҳ аст аз рост ҳафту сею сездаҳ!»

Хушбахтона, ба василаи саъю кӯшиши бевоситаи ходимони оқилу одили ҳизбию давлатии Тоҷикистон – шоир ва нависанда Ҳабибулло Назаров ва марди адабпарвар Сиддиқ Зарифов, дар асоси шаҳодати болшевикони куҳансол А. Баротов, С. Холов, Б. Холиқбердиев, Б. Орифов, А. Пӯлодов, С. Ҷӯрабоев, Ф. Қудратов ва номаҳои сершумори мухлисону донандагони шоир, Президиуми Суди Олии РСС Тоҷикистон бо қарори махсусаш аз 30-юми декабри соли 1960 қатли Нақибхон Туғрали Аҳрориро беасосу бемаврид ва дар хиёнаткорӣ айбдор шуданашро нодурусту бесанад шумурда, барои нашру таҳқиқи осори гаронбори сухангӯйи шакаргуфтор гузаргоҳи васеъ бикшод.

Аз Нақибхони Туғрал осори гуногунжанру гуногунмавзӯи адабӣ мерос мондааст. Намунаҳои осори шоир аввалин бор соли 1916 дар матбааи Когони Бухоро, бо саъю эҳтимоми дӯстону шогирдону ҳаводоронаш зери унвони «Девони Туғрали Аҳрорӣ» мунташир гардидаанд.

Як дафтари мусаввадаи ашъори Туғрал ҳам барҷой мондааст, ки имрӯзҳо дар китобхонаи хусусии марди адабпарвари

Самарқандӣ равоншод Абдулҳамид Пӯлодӣ (Самарқанд, кӯчаи Фролов, хонаи 127, утоқи 1) эҳтиёткорона нигаҳдорӣ мешавад. Ин дафтар ашъору асноду қайдҳои дигари дар миёни солҳои 1890-1919 навиштаи адиб, равшантараш, ашъори зиёди то ба ҳол номатбӯъу санадҳои номаълуми ҳаёту эҷоди Туғралро фаро гирифта, маводи девону рӯзгорномаи ӯро комилтар метавонад кард.

Баъдҳо, бо ташаббуси шоир Маҳмуд Диёрӣ, маҷмӯаи мухтасари ашъори Туғрал иборат аз 8 варақ дастраси муҳаққиқон гардида, ки соли 1891 танзим ёфта, ҳамагӯ 437 мисраъро дар бар мегирад, аммо ба девону мусаввада чизе наметавонад афзуд. «Ашъори мунтахаб»-и мутазаккираи соли 1964 бо эҳтимоми Носирҷон Маъсумӣ аввалин бор ба ҳуруфи кириллӣ дар Душанбе (нашриёти «Ирфон») чопшудаи шоир ҳам дар асоси маводи девон ва нусхаи бозёфтаи Маҳмуд Диёрӣ мураттаб шуда, дороиҳои мусаввадаро таҷассум намесозад. Ҳамчунин, дар як идда тазкираву баёзу радоифулашъори мухталифа ҳам намунаҳое аз чакидаҳои табъи саршори Туғралро дучор омадан мумкин аст, ки бозгӯии интишору иштиҳори васеъи каломи баландпарвози суханвари мумтозанд.

Осори боқимондаву дастраси Туғрал дар қолаби маснавӣ, касида, ғазал, мусаммат, рубоӣ ва фард эҷод шудаанд. Аз ҷумла, маснавии «Лайлию Маҷнун» иборат аз 219 байт буда, қисмати муқаддимавӣ, бобҳои «Гуфтор дар нопойдории олам ва бемадории чархи кулфаттавъам»,«Дар мадҳи устоду мавлои худ Шамсиддин Муҳаммади Шоҳин», «Дар сабаби таълифи ин ишқнома ва ҷамъияти ин аҷзо ва ёрмандии хомаи мушкиншамома» ва «Оғози достони «Лайлию Маҷнун» ва ошиқ шудани эшон ба ҳам»-ро фаро мегирад. Ин асар аз охирин намунаҳои мактаби «Лайлию Маҷнун»-сароии адабиёти классикии тоҷик мебошад, ки дар пайравии маснавии «Лайливу Маҷнун»-и Шамсиддин Шоҳин (1858-1894), дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ва мақдур, суруда шуда, бо байти зерин оғоз меёбад:

Бунёди сухан кунам ба хома,
Машшота занам ба зулфи нома!

Мутаассифона, маснавӣ ё нотамом мондааст ва ё давомаш аз байн рафтааст ва ҳамин абёти боқимонда ҳам дар ҷое ба табъ нарасидаанд.

«Соқинома»-и Туғрал дар мавзӯъу мазмуни анъанавӣ ва дар ҷавоби «Соқинома»-и Бедил гуфта шудааст. Манзумаи

«Наврӯзнома» дар асоси донишу таҷрибаву мушоҳидоти деҳқонии гузашта дар кадом сол чӣ гуна омадани обу ҳавову кишту ҳосилро дар либоси бадеъ пешниҳод мекунад. Ҳамчунин, Туғрал ба унвони «Арза» ду-се маснавии кӯчаке дорад, ки ба сабки номаи манзуме ба нишони ёр иншо гаштаанд ва дар онҳо ҳасби ҳолу шӯру шарару умеду армони дилдор ифшо ёфтааст.

Қисмати ағлаби қасидаҳои шоир асосан дар панду насиҳату мадҳи муқаррарӣ таълиф гардида, то андозае нияту орзуҳои идеалӣ ва манзараҳои муҳити атрофу рӯзгори шахсии ӯро ҳам пеши назар меоранд. Қисмати дигари қасидаҳо ба тасвири симои аҳли шеъру адаб бахшида шуда, дар онҳо фикру андешаҳои пурсамари адабӣ-эстетикии Туғрал ифода ёфтаанд ки як навъ навоварии шоир дар олами қасидасаройист.

Шоир дар ин гуна қасоид амирону амалдорони замонро ба адлу инсоф, касби хираду маърифат, рифоҳи халқу мамлакат ва ҳимояи аҳли ҳунар бархонда, минҷумла, дар қасидае ҳокими даврро кушоду равшан дар тарбият накардани «аҳли камол» ва риоят накардани қавоиди шариат гунаҳкор медонад ва дар ин ҷода аз Алишери Навоӣ сабақ гирифтанашро тақозо менамояд:

Он ки туӣ соҳиби девони шаҳ,
Ҷуз ту дигар соҳиби девон куҷост?!
Аз пайи осоиши ислому дин
Ин ҳама тадбиру мусово куҷост?!
Бин, ки Алишери Навоӣ чӣ кард,
Булбули бисёр аз ӯ дар навост!
Буд дараш маҷмаъи арбоби фазл,
То ба кунун аз карамаш қиссаҳост...
Пас, зи чӣ рӯ менакунӣ тарбият,
Ай ки туро давлати бемунтаҳост!?

Туғрал дар қасидасаройӣ суннатҳои адабиёти классикӣ, махсусан, анъанаҳои эҷодии Анварию Қоонию Хоҷуро давому ривоҷ дода, дар навбати худ, дар тани қасида рӯҳу даму нафаси айёмашро дамондааст.

Ғазал аз анвоъи шеърии мақбулу маҳбубтарини Туғрал буда, қисмати асосии лирикаи ӯро ташкил медиҳад ва шоир дар ин ҷода дастовардаҳои ғазалсароёни бузурги форсизабон Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Бедил, Нозим, Шоҳин ва дигаронро

манбаъи ибрату мактаби назираву тазмин қарор дода, дар олами беканори ғазалсарой нақши худро гузоштааст.

Бояд иқрор кард, ки Туғрал дар тарзи ғазалгӯйӣ бештар ба сабку услуби Халлоқулмаъонӣ Бедил иттико варзида, вазну қофияву қолабу образҳои шеърии ӯро бештар аз дигарон манбаъи эҷоду мабдаъи илҳоми худ қарор додааст. Аммо, бо ин ҳама, ба таъбири Устод Айнӣ, «истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаъидди болоравӣ буд» ва ғазалиёти берун аз асорату тақлиди Бедил офаридааш зиёдтару қобили таваҷҷуҳанд.

Аслан, Туғрал фаъолияти эҷодӣ (ғазалсарой)-ро бидуни таъсиру тақлиди бевоситаи Бедил оғоз намуда, ба ҷодаи мустақилу мустақими ҳунарварӣ қадам ниҳодааст. Аз ин ҷиҳат, андешаи зерини академик Абдулғанӣ Мирзоев асоси илмӣ дорад, ки дар аснои тавсифи дафтари мусаввадаи Туғрал иброз доштааст: «Бисёрии шеърҳои чопшудаи шоир дар услуби Бедил намебошанд ва чунин маълум мешавад, ки Туғрал дар аввали марҳалаи шеърсаройии худ аз услуби Бедил – «сабки ҳиндӣ» дур воқеъ шуда, ба ин услуб баъдтар қадам гузоштааст».

Гузашта аз ин, дар охири чанд ғазал аз Бедил ном бурдану иқтибос овардану дар татаббуъи вай изҳори матлаб намудани Туғралро падидаи тақлидкории маҳзи шоир пиндоштан амре ғалат аст. Ин унсури эҷодиро як навъ приёми адабӣ ва хусусияти хоси усули фардии Туғрал бояд донист, зеро ӯ, зоҳиран, дар танзиму пайравии Бедил сухан гӯяд ҳам, фикри худу андешаи худ, дарди худу дармони худ, омоли худу армони худ ва шахси худу инсони худро мустақилона баён месозад.

Туғрал дар ғазалҳои хеш тамоми мазмуну мавзӯъҳои анъанавии фалсафию ахлоқӣ ва ишқиву иҷтимоиро, аз ҷумлаи шикоят аз ҳаҷру васли ёру зулму ташвиши рӯзгор, сарзаниши «дунёи дун»-у эътирофи «қисмати азалӣ», арзиши олами фонию боқӣ, авомили умеду ноумедӣ, вайронии сохти замону бесомонии даврон, ғафлати мардуму худсарии сармоядорон, бехирадии зоҳиду нокасии соҳибмансаб, авомфиребии муллоҳои чаласаводу рӯҳониёни мутаассиб, сафои дӯстию сидқи бародарӣ, ҳусни табиату накҳати чаман, лутфи ҳақу бедоди фалак ва амсоли инҳоро ба риштаи таҳрир кашида, инсонҳоро барои ғанимат донистани зиндагиву баҳравар гаштан аз неъматҳои моддӣ, дӯст доштану ишқ варзидан, мард будану саховат кардан ҳам даъват менамояд.

Образҳои рамзии ишқномаҳои классикӣ хаёли ӯро банд кар-

да, таъбирҳои вобастаи вожаи «ишқ» бо тамоми тобишҳои маъноӣ вирди забони шоири лирик гардидаанд; яъне, ишқ дар шеъри ӯ бо тамоми муқаддасоту муҳассанот ва образи лирикӣ дар кулли сифоту назокатҳояш ба ҷилва даромадааст.

Ашъори лирикии Туғрал моломоли санъатҳои дилнишини лафзиву маънавӣ, забону тарзи баёнашон содаву равон, мантиқашон қавӣ, қофияву радифашон солим буда, гоҳе дурдонаҳои лирикаи шифоҳии халқиро ба хотир меоранд. Табиист, ки қисмате аз онҳоро барӣ аз таъбироти мастуру мармуз, нуктапардозиҳои сарбаста ва печутоби услуби бедилӣ донистан мумкин нест.

Андешаҳои ҳаҷвию мутоиботӣ ва музҳикаомези Туғрал, ки гоҳе ба дараҷаи ҳаҷви иҷтимоӣ расидаанд, дар қолаби ғазалу қитъаву рубоию байтҳо рехта шудаанд. Шоир дар ин қабил ашъор дурӯиву каззобии қозиёни шаръӣ, рӯҳониёну амалдорон, монанди Мулло Масеҳи волостнойи Панҷакат, ваъдахилофию бефаросатӣ, буҳтонэҷодию фитнаангезӣ, ҳарисию хасисӣ, қаллобию пастфитратии тойифаҳои гуногуни ҷомеаро зери тозиёнаи танқиду тамасхур гирифтааст

Ҳамчунин, дар қитъаву рубоию фардҳои адиб мақоми шеъру моҳияти шоирӣ, таърихи ҷулусу нузул ва таваллуду вафоти ашхоси таърихӣ, ғаниматии фароғати имрӯзӣ, зиёни тамаъу суди қаноату тавозуъ, ҳусну ҷамолу васлу фироқи ёр, мавсими гулу Иди Наврӯз, қимати умру мақоми инсон ва дигар мавзӯъоти фалсафию ахлоқӣ ва ишқию гуманистӣ устодона ба дойираи таҳқиқи бадеӣ кашида шудаанд.

Илова бар ин, дар он солҳои пурошӯби муборизаҳои синфӣ, баробари **«Боғистон»-у асари номаълуми доир ба ҳаёти нав**, аз миён рафтани ғазалиёти солҳои охири умри Туғралро гуфтаҳои зерини яке аз донандагони Туғрал – шоир Ҷомеъ собит мекунанд:

Аз миён рафтаст «Боғистон»-и ӯ,
То ки Туғрал рӯй аз гетӣ нуҳуфт.

Ва:

Пас аз чопи девон-ш ҳаштод ғазал
Навиштаст, лекин бувад нопадид.

Нақибхони Туғрал дар саросари осори боқимондааш ба муаммоҳои шеъру шоирӣ таваҷҷуҳи хоссе зоҳир намуда, ҳамеша марому мақоми каломи бадеъ ва эҳтироми офаринандагони шеъри дариро бузургу пос доштааст.

Дар онҳо ному шеъру асарҳои суханварони машҳури гузаштаву муосирашро дучор метавон омад, ки шумораи умумии онон қариб ба 100 мерасад ва дар байнашон аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ғаззолӣ, Ибни Сино, Хусрав, Ҳофиз, Камол, Саъдӣ, Ҳилолӣ, Ҷомӣ, Бедил, Сайидо, Сойиб, Мушфиқӣ, Шоҳин гирифта то ба Хиҷлат, Вола, Навҳа, Ҷавҳарӣ, Маҷнун, Ҳарфӣ, Акрам, Садри Зиё, Лутфӣ ва даҳҳои дигарро мулоқӣ шудан имкон дорад. Ва ин манзара гувоҳ аз он аст, ки Туғрал дастовардаҳои адибони хурду бузурги гузаштаву замони худро амиқу ҳамаҷониба фаро гирифта, дар натиҷаи омӯзишу баҳрабардориҳои доманадори эҷодӣ ба дараҷаи баланди сухангустарӣ расидааст ва бонии қасри сухани аслофи адабияш гардидааст. Ва на танҳо худ «дар сухан тариқи пухтагонро» пеша кардааст, балки, ба рамзе, дигар аҳли қаламро ҳам ба ин роҳу равиш бархондааст:

Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Меваат гар хом бошад, нест дар дандон лазиз!

Хулоса, ашъори дилангезу рӯҳпарвари суханвари тамомиёр Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ шарики ғаму шодии мардуми тоҷик гардида, мисли «Шаҳрошӯб»-е дар саросари Осиёи Миёна интишору эътибор ёфтаанд. Ҳанӯз дар замони зиндагии шоир овозхонони номӣ Ҳоҷӣ-Абдулазиз, Левихони Бобохон, Ҳасани Ҷӯҷа, Қорӣ-Яъқуб, Камол-Ака, ки шахсияту эҷодиёташро ба хубӣ медонистанд, ғазалиёти намакини ӯро дар зери навою ғино замзама мекарданд. Оҳиста-оҳиста ғазалиёти беҳтарини Туғрал ба «Шашмақом» ворид гаштанд ва минбаъда ҳам мақомхонони машҳури тоҷик – Шоҳназар Соҳибов, Бобоқул Файзуллоев, Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷӯрабек Муродов ва дигарон бо майлу рағбати тамом онҳоро месуруданду месароянд.

Ҷовид бодо ашъори Туғрал,
Чидаст гавҳар аз маъдани субҳ!

Асрори РАҲМОНФАР
Душанбе, 20.07. 2018

ҒАЗАЛИЁТИ
ТУҒРАЛИ АҲРОРӢ

* * *

Ғами ту, то нафас боқист, бо ман ҳар нафас бодо,
Ба ҷуз рӯи гулат дигар ба чашмам хору хас бодо!
Хаёлам дар шаби зулфат равад ногаҳ ба айёрӣ,
Ба шаҳристони ҳуснат наргиси мастат асас бодо!
Чу фарзин муҳраи ишқи туро ҳар кас, ки каҷ бозад,
Агар шаҳрух бувад, сад фили ӯ зери фарас бодо!
Ба роҳи ишқ бандад сорбони шавқи ман маҳмил,
Қумоши нолаи дил ноқаи ӯро ҷарас бодо!
Фалак рӯзе мабодо созад аз банди ғам озодам,
Каманди ҳалқаи зулфи ту он дам додрас бодо!
Агар хуршед дар пешат занад лоф аз дами хубӣ,
Ба гӯши мурғи анқо ҳамчу овози магас бодо!
Зи боғи назм Туғрал ҷуз гули мадҳи ту гул чинад,
Ҷазои ӯ ба сад хорӣ чу булбул дар қафас бодо!

* * *

Ба ҷуз аз нотавониҳо агар бурдӣ ту роҳ он ҷо,
Садои кӯси навбат зан зи моҳӣ то ба моҳ он ҷо!
Агар раҳмат ҳавас дорӣ, умед аз ғайр кӯтаҳ кун,
Ки ғайр аз лутфи ӯ набвад дигар пушту паноҳ он ҷо!
Дар ин ҷо кори худ кун, дастгоҳи бандагӣ дорӣ,
Ки аз дастат намеояд дигар ин дастгоҳ он ҷо!
Шафеъе нест ҳаргиз бо ту ғайр аз шабнами хиҷлат,
Ба ҷуз ҷӯши арақ дигар набошад узрхоҳ он ҷо!
Шарар дар миҷмари дил з-оташи шавқи муҳаббат зан,
Ки сӯзад хирмани сад ҷурмро як барқи оҳ он ҷо!
Ба ғайр аз лутфи Ҳақ дигар набошад дастгири ту,
Агар сад бор сӯйи дигаре орӣ нигоҳ он ҷо!

Махур ҷоми фиреби базми ҳасратхонаи олам,
Ки яксон аст дар маснад гадову подшоҳ он ҷо!
Намепурсад ба ҷуз бори гунаҳ кас аз раҳовардат,
Набошад армуғоне беҳтар аз рӯйи сиёҳ он ҷо!
Дар ин бозори ибрат арза деҳ сомони исёнат,
Ки ҷӯшад муштарӣ андар сари бори гуноҳ он ҷо!
Барои ҳосили имкон ғурури мову ман то кай?!
Агар бишкастӣ нафси худ, шикан тарфи кулоҳ он ҷо!
Чӣ хуш гуфта-ст, Туғрал, ҳазрати баҳри суҳан – Бедил:
«Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо…»

* * *

Зи ораз бурқаъ афкандӣ, кушудӣ рӯи зеборо,
Зи барқи рух задӣ оташ бисоти хирмани моро.
Сафед аз интизори мақдамат шуд чашми уммедам,
Хушо рӯзе, ки ҳамчун нур бар чашмам ниҳӣ поро.
Шудам чун лола аз доғи фироқат борҳо ахгар,
Ниҳодӣ бар дилам бори дигар доғи сувайдоро.
Нагардад монеи ҷавлони ошиқ зеру бам ҳаргиз,
Ки фарқе нест андар сози Маҷнун кӯҳу саҳроро.
Ба ҳар маҳфил, ки он шӯхи парирӯ дар сухан ояд,
Барад эъҷози лаълаш қадри анфоси Масеҳоро.
Хаёли турраш дар гардани ошиқ бувад доме,
Раҳоӣ нест мумкин аз каманди зулфи ӯ моро.
Ба рӯи шоҳиди гул ғоза аз машшотаи қудрат,
Ба ибрат чашм бикшо, гар ҳавас дорӣ тамошоро.
Нишони ҳастии мо маҳзи имкон аст дар олам,
Ҳавас дорӣ, зи мо мекун суроғи номи анқоро.
Илоҳӣ, такягоҳе нест моро ҷуз хумори май,
Асои мо – заифон кун хаёли қадди миноро.
Намудам он қадар тамҳиди сомони сухан, Туғрал,
Ба гӯши шоҳиди маънӣ кунам иқди Сурайёро.

* * *

Агар ин аст тундӣ тавсани ҷавлоншитобашро,
Ғубори хок шав, то ворасӣ бӯси рикобашро.
Зи тори риштаи андеша дӯзам ҷомаи нозаш,
Ҳадиси накҳати гул медарад тарфи ниқобашро.
Агар хонӣ хате аз мусҳафи рухсораи Лайлӣ,
Нисори равзаи Маҷнун намо нақди савобашро.
Дили ҳайратпарастамро набошад ҷуз тапиш суде,
Магар ором бахшад ҷилваи ӯ изтиробашро?!
Ба лаб з-он хатти мавзунаш ниҳодам муҳри хомӯшӣ,
Қалам аз мӯи чинӣ метавон кардан китобашро!
Ба мизроби ғамаш касро набошад нохуни дахле,
Магар аз нолаи булбул кунад тори рубобашро?
Ба таҳрири саводи нусхаи ошуфтаи зулфаш
Зи мавҷи май рақам бояд шикасти печутобашро!
Агар дорӣ хаёли хоки пои тавсанаш будан,
Намо вирди забон «ё лайтанӣ кунту туроб[1]»-ашро!
Хуш омад дар мазоқам, Туғрал, ин як мисраи Бедил:
«Бар ин сарчашма раҳме кун, ки мавҷе нест обашро!»

* * *

Агар ин аст акнун қадри рифъат ошёнашро,
Зи чарх ояд ба шогирдӣ Масеҳо посбонашро.
Ба рӯи сафҳа ҳар дам аз найи килкам шакар резад,
Ба ҳангоми рақам гар дар қалам орам забонашро.
Ба мазмуни миёнаш гар камар бандам зи мӯ, лекин
Халал аз сояи мӯ мерасад мӯи миёнашро!
Нахандад ғунча дар гулшан, зи ҳасрат хуни дил гардад,
Агар дар боғ ногаҳ бишнавад васфи даҳонашро!
Бувад дарси хати ӯ бе ишороти лабаш мушкил,
Ки бошад тарҷумони дигаре мар тарҷумонашро!

[1] Ишора ба ояи 40-ми сураи Набо.

Ҷаҳоне бисмили доғи хаданги ӯ бувад, лекин
Нишоне ҷуз дили ман кай бувад тири камонашро?
Набошад ҳеч мумкин булҳавасро заррае меҳраш,
Ки мебошад асар аз сояи анқо нишонашро.
Макун ҷуз оҳи булбул шуълаи шамъи далели худ,
Ки ғайр аз нола кай гирад дар ин раҳ кас инонашро?
Шавад дар боғ охир тавқи қумрӣ пойбанди ғам,
Гар озодӣ ҳамин бошад қади сарви равонашро!
Хушо, Туғрал, аз ин як мисраи Бедил, ки мегӯяд,
Ки «ё Раб, меҳрубон гардон дили номеҳрубонашро!»

* * *

Набошад илтифоте бо ман акнун теғи қотилро,
Ки созад нохудо дар мавҷи хунам матлаби дилро!
Ба ёди ҳасрати лаълаш ман аз худ меравам ҳар дам,
Ки мебандад ба дӯши нолаи ман бори маҳмилро.
Наям гар маҳрами васлаш, ба ҳаҷраш шукр месозам,
Ба ҷои шаҳд нӯшам дар ғамаш заҳри ҳалоҳилро.
Сари таслимро чун шамъ вақфи ханҷари ӯ кун,
Зи барқи оташи теғаш чароғ афрӯз бисмилро!
Ба як ойина арзи матлаби худ метавон кардан,
Ки ҷуз ҳайрат намебошад ду миръоти муқобилро.
Барои эҳтиёҷ аз хиҷлати арзи ниёзи худ
Арақ аз ҷабҳа тӯфон мекунад ҳар лаҳза соилро.
Набошад зоҳидонро ҷуз ғурури ҷоҳ андар дил,
Зи машқи ҳақпарастӣ кас нафаҳмад қубҳи ботилро.
Агар хоҳӣ, ки раҳ ёбӣ ту дар сарманзили зулфаш,
Муқобил соз дар пешонаи худ кавкаби дилро!
Писанди хотираш ашъори Туғрал шуд, аҷаб набвад,
Писандад Мустафо маддоҳии Саҳбони Воилро[1].

[1] Саҳбони Воил – шоири номии араб дар рӯзгори паёмбари Худо (с).

* * *

Гар қазо бо ман нависад меҳнати айёмро,
Илтиёми захм созам панҷаи зирғомро.
Дар биёбоне, ки мурғи ваҳшати мо пар занад,
Хуни бисмил дона гардад ҳалқаҳои домро.
Аз тапиш дорад навиди бӯйи васли ӯ дилам,
Боли Ҷабрил аст гӯё шӯхии илҳомро.
Ҳеч нахле нест андар боғи имкон бесамар,
Шуҳрати Рустам намояд зинда рӯҳи Сомро.
Он қадар мастам, ки аз шавқаш надонам баъд аз ин
Сол аз маҳ, рӯз аз шаб, ҳафта аз айёмро.
Дар чаман монанди наргис пой то сар дида шав,
Гар тамошо мекунӣ он шӯхи гуландомро.
Ҳар киро бошад сулуки шеваи Маҷнун ҳасаб[1],
Ку тамизи он, ки созад фарқ субҳу шомро?
Сурати ӯро бибинад ҳар кӣ монанди Халил,
Бишканад дар роҳи сатват зумраи асномро.
Дар димоғат гар бувад аз хушкии савдо халал,
Аз хаёли чашми ӯ кун равғани бодомро.
Барнаёяд қатрае хун бе ризои Лайлияш,
Бар раги Маҷнун занӣ гар ништари ҳаҷҷомро.
Ҳар кӣ сармасти хаёли бодаи васлаш бувад,
Меканад мехи таноби хаймаи Хайёмро.
Дар ғами ӯ аз вуҷудам устухоне беш нест,
Кунд созад ҷисми ман сад ханҷари Баҳромро.
То шудӣ, Туғрал, ту андар арсаи базми вуҷуд,
Чун ту фарзанде нарӯяд модари айёмро.

* * *

То қазо карда-ст дар қасри бало бонӣ маро,
Чун ҳубобам нест ғам аз хонавайронӣ маро.

[1] Ҳасаб – шумурдан, шумор.

Баъд аз ин килки адаб аз чӯби сунбул мекунам,
Зулфи ӯ то гашт сармашқи парешонӣ маро.
Сурати нақшам наёяд дар қалам аз лоғарӣ,
Шарм медорад, кашад гар хомаи Монӣ маро!
Аз камоли эътиборотам чӣ мепурсӣ дигар?!
Нест чун мардумгиё ҷуз номи инсонӣ маро!
Рафт айёми шабобу фурсати пирӣ расид,
То куҷо бошад кунун аҳди ғазалхонӣ маро?!
Аз ду олам обрӯ ин муддао бошад фузун:
Бар сари хони ғамаш як лаҳза меҳмонӣ маро.
Сели ашкам шуд фузун аз мавҷи тӯфони ҳаё,
Мебарад ҳар дам зи худ оҳи пушаймонӣ маро.
Мотами ҳичрони он шаҳрух ба мотам медиҳад,
Ин бувад дар чеҳраи ғам гар фарасронӣ маро!
Гар ҳамин бошад сулуки шеваи ҳичрони ӯ,
Ғайри мурдан нест дигар мушкилосонӣ маро!
Бенасиби роҳатам аз ҷамъи тақсими азал,
Маркази паргори ғам шуд хатти пешонӣ маро!
Ошиқонро пераҳан чун гул бувад нангу вафо,
Ҳамчу сарвам, кисвати тан гашт урёнӣ маро!
Эй ки наздикӣ ба чашмам мардумосо, чун ғубор
Аз барам ҳаргиз нагардӣ дур, агар донӣ маро!
Эй хушо, Туғрал, аз ин як мисраи шоҳи сухан:
«Доми як олам тааллуқ гашт ҳайронӣ маро!»

* * *

Ин аст агар соз баму зери ҷаҳонро,
Бепарда макун нағмаи мизроби замонро.
Бо хатти адаб соз ту аз сурма сиёҳӣ,
Дар ҳарфи хамӯшӣ чу қалам банд миёнро.
Гардад хати ҳайратасари шавқ футӯҳат,
Чун ғунча агар муҳр кунӣ қуфли даҳонро.
Кай бахя кунад хок лаби домани нозаш,
Маҳтоб бувад маҳрам агар захми катонро.

Ҳасраткаши абрӯи ту шуд қомати пирӣ,
Ҷуз хонаи худ нест дигар хона камонро.
Ҳар кас набувад муштарии ҷинси муҳаббат,
К-ин нақд гаронӣ кунад аз суд зиёнро.
Фарши раҳи таслими адаб соз сари худ,
Чун махмал агар дорӣ ҳавас хоби гаронро.
Хайёти азал карда чу аз бахяи рангин
Шерозаи домони чаман оби равонро.
Осуда бувад софдил аз миннати сайқал,
Ҷуз ҷавҳари маънӣ набувад теғи забонро.
Махмури туро нест ба ҷуз дарди сари ту,
Дарди сари дигар набувад бодакашонро.
Пайдо нашуд аз шуълаи ашкам асари доғ,
Зоҳир накунад оташи ёқут духонро.
Туғрал, чӣ хуш аст мисраи дарёи маонӣ:
«Ёрон, ба хати ҷом бибандед миёнро!»

* * *

Агар ҳушам кунад чун шона дар зулфаш шабехунро,
Ба як мӯ баста гардам сарнавишти бахти вожунро.
Ба ҷуз ваҳшат набошад ҳеч сармашқи хати ошиқ,
Сияҳ аз чашми оҳу кун саводи лавҳи Маҷнунро!
Нагардад ҷавҳаре ҳамсанги мизони сиришки ман,
Ки аз ёқут мебошад гаронӣ ашки гулгунро.
Зи бетобӣ надорад як қалам тоби димоғи хат,
Ба мӯ бояд навиштан аз миёнаш ҳарфи мазмунро.
Ба майдони шаҳодат гар шаҳиди ӯ наӣ, лекин
Ба хун рангин намо ҳамчун шафақ домони гардунро!
Сафо аз ишқ хоҳӣ, аз дуруштӣ сӯи нармӣ шав,
Тасарруф нест дар пероҳани фӯлод собунро.
Набошад дар маризи ишқ ғайр аз васл маъҷуне,
Ки раҳ дар набзи ошиқ нест ангушти Фалотунро!

Камолат ҳар қадар гар беш бошад, бахт кам бошад,
Бувад қадри таназзул аз тараққӣ беди маҷнунро.
Баланду паст моро монеи ҷавлон намегардад,
Ки набвад имтиёзе пеши ошиқ кӯҳу ҳомунро.
Чу шабнам дар ҳавои меҳри ӯ савдои ҳиммат кун,
Ки дар бозори имкон нест қадре фитрати дунро.
Наӣ огаҳ ту аз сози баму зери фано ҳаргиз,
Ки нашнидӣ садои ташти «коф»-у косаи «нун»-ро[1].
Хушо, Туғрал, аз ин як мисраи баҳри сухан Бедил:
«Ба чуну чанд натвон ҳукм кардан сунъи бечунро!»

* * *

Офарин шасти хаданги чашми зеҳгири туро,
К-аз дусад дил бигзаронад новаки тири туро!
Банди савдои ғами Юсуф Зулайхо кай шудӣ,
Гар бидидӣ печутоби зулфи занҷири туро.
Рамзи сомони тағофул он қадар фаҳмидаам,
Карда устоди азал аз ноз тахмири туро!
Ҷон канад Беҳзод аз роҳи таҳайюр то абад,
Ҳар куҷо бинад агар ӯ нақши тасвири туро.
Зери теғи абруят танҳо на ман ҷон медиҳам,
Кист ҷони худ насозад туҳфа шамшери туро?!
Нест мумкин васфи ту, эй туҳфаи оёти ҳусн,
Кас намедонад, чӣ хоҳад кард тафсири туро!
Бо қадат, эй нахли гулзори баҳори дилбарӣ,
Рост гӯ, пурсам ман аз майхона то пири туро!
Хонаи дилро иморатҳо намудӣ аз ғамат,
Ҳеч кас вайрон нахоҳад кард таъмири туро.
Лаъли хубонро шакар талхӣ намояд бо лабат,
Модари даҳр аз шакар ҷӯшида то шири туро.
Туғрал, аз назмам саропо бин, ки мерезад шакар,
Баски бинмудам зи сар то пой таҳрири туро!

[1] Ишора ба ояе аз Қуръон, ки маънии хилқати замину осмонро мерасонад.

* * *

То ба авҷи дилбарӣ зад ахтараш дунболаро,
Моҳ дар оғӯши худ гум кард хатти ҳоларо.
Сурма аз бахти сияҳ дар коми фарёди ман аст,
Аз сипанди мо шунидан нест ҳаргиз ноларо.
Доғи савдои хаёли васли ӯ бурдам ба хок,
Менабинӣ дар мазори ман ба ғайр аз лоларо.
Ҷон диҳад чун муъҷизи Исо ба ҳангоми сухан
Лаҳҷаи лаъли лаби ӯ мурдаи садсоларо.
Сӯхт андар миҷмари ишқаш дилам ҳамчун сипанд,
Маҳрами ин май накардам соғари табхоларо.
Нисбати сӯзи даруни ман ба ашки ғайр кард,
Имтиёзе аз гуҳар ҳаргиз набошад жоларо.
Туғрал, аз савдои ӯ шуд то дилам оташнасаб,
Менишонад барқи оҳам шуълаи ҷавволаро.

* * *

Ҳар кӣ дар дашти ҷунун бинад мани девонаро,
Кай шавад монанди Маҷнун ошно бегонаро?
Ҳусни хубонро ҷило бошад нигоҳи ошиқон,
Эътиборе нест ин ҷо шамъи бепарвонаро.
Улфате дорад хаёли мори гесӯяш ба дил,
Ганҷи бисёр аст гӯё хоки ин вайронаро,
Аз сари савдои зулфи ӯ чунон созам гузар,
Эй фусунгар, бо кӣ мегӯйӣ ту ин афсонаро?!
Бо нигоҳе кулбаи аҳзони мо обод кун,
Нест ҷуз мадди нигаҳ меъмор ин кошонаро.
То тавонӣ, дар нигористони чашмаш кун назар,
Эй басо афсун, ки бошад ин аҷоибхонаро.
Туғрал, асрори адаб аз бода равшан мешавад,
Нест ҷуз пири тариқат муршиде майхонаро.

* * *

То зи акси хеш кардӣ сарфароз ойинаро,
Бошад андар рӯи ту рӯи ниёз ойинаро.
Дида шуд то маҳрами наззораи рухсори ту,
Ҳайрати мо кард охир турктоз ойинаро.
Шамъсон парвонаи акси худ орад дар бағал
Гар ҳамин бошад ғами сӯзу гудоз ойинаро.
Он қадар фаҳмидаам аз сурати таҳқиқи дил,
Дар ҳақиқат нест оини маҷоз ойинаро.
Кай баланду пасти олам манъи равшандил кунад?
Нест дар роҳи сафо шебу фароз ойинаро.
Аз суҷуди ҷабҳа равшан соз қалби хештан,
Як ҷаҳон дил соф бошад аз намоз ойинаро.
Он қадар аз ҷилваи теҳу ба ҳайрат ғӯта зад,
Арзи ҷавҳар бошад акнун чашми боз ойинаро.
Баски яксон аст дар таҳқиқ ҳусну қубҳи халқ,
Имтиёзе нест ғайр аз имтиёз ойинаро.
Нест з-ойини адаб ойина, Туғрал, пеши ӯ
Ҳамчу ҷавҳар бишканад, тарсам, зи ноз ойинаро.

* * *

Набошад завқи роҳат коми арбоби маониро,
Ки созад чарх сарфи сифла шаҳди меҳрубониро.
Ба нарди муҳраи ғам аспи мақсадро зи фарзин кун,
Зи кишти беасар ҳосил набошад донароониро.
Ғаму шодӣ ба олам тавъамони як баму зеранд,
Ки дар пай шоми нокомист субҳи комрониро.
Ба таври қурби дил касро набошад маҳрами розе,
Ки натвонад касе дар водии Айман шубониро.
Ба фатвои муҳаббат дар сулуки ишқ кай бошад
Миёни ошиқу маъшуқ гуфтори забониро.
Ба рамзе кун адо бо ёр арзи муддаои худ,
Ки дил ҳам нест маҳрам нуктаи рози ниҳониро.

Муҳити дил, ки аз мавҷи талотум шӯрише дорад,
Кӣ меорад бурун ҷуз ман гуҳарҳои ниҳониро?
Ба дарёи сухан то чанд ронӣ зевраки маънӣ,
Наӣ ғаввос, кай донӣ сулуки дурфишониро?
Ба ранги сурма гардидам ба ёди чашми ӯ, Туғрал,
Қазо аз мӯи чинӣ кард бо ман килки Мониро.

* * *

Надорад майли улфат вазъи озодиписанди мо,
Бувад чун сарв урёнӣ ба бар моро паранди мо.
Садои маҳмили роҳи нафас шуд изтироби дил,
Ба ғайр аз нола кай хезад дигар дуд аз сипанди мо?
Лаби Ширин чу Хусрав сарнавишти хомаи мо шуд,
Шакар резад саропо ҳамчу най аз банд-банди мо.
Муҳити як ҷаҳон маънӣ шудем имрӯз дар олам,
Садои кӯси навбат мезанад кӯҳи паҳанди мо.
Зи бас дорем мо ғаввосии баҳри сухан, акнун
Гуҳар аз қулзуми маънӣ кашад фикри баланди мо.
Ғизоли дашти ваҳшат гашт сайди водии улфат,
Зи тори ришгаи фикри расо бошад каманди мо.
Хироми роизи килки кафи моро чӣ мепурсӣ,
Ду оламро намояд тай ба як ҷавлон саманди мо.
Ба қуллоби нафас як оламе дар доми мо бошад,
Раҳоӣ нест асло сайди маъниро зи банди мо,
Хушо, Туғрал, аз ин як мисраи Бедил, ки мегӯяд:
«Чаро дар банди нақши мо набошад нақшбанди мо?»

* * *

Баски дар кӯҳи бало ҳамсанги Фарҳодем мо,
Шишаи ҷамъияти хайли паризодем мо.
Қасри бунёди дили мо лоиқи таъмир нест,
Махзани ганҷему аз вайронӣ ободем мо.
Он қадар сар то ба по савти фироқаш хондаем,
Пой то сар ҳамчу тори соз фарёдем мо.

Оби теғашро агар ин аст чун оташ асар,
Оқибат ҳамчун ғубори хок бар бодем мо.
Сурма шуд то чашми моро гарди чини доманаш,
Дар татаббуъхонаи Чин нақши Беҳзодем мо.
Шона шуд маҳрам ба зулфи орази чун офтоб,
З-он сабаб чун соя зери нахли шамшодем мо.
Гар нахондастем з-ойини хирад ҳарфе, вале
Дар дабистони ҷунун сармашқи устодем мо.
Нест мазмуне зи қуллоби каманди мо бурун,
Дар пайи сайди маонӣ баски сайёдем мо.
Нахли ӯро дар чаман дидем ҳар сӯ ҷилвагар,
Ҳамчу қумрӣ пойбанди сарви озодем мо.
Кӯси навбат зан ба мо дар ишратободи ҷаҳон,
Дар арӯси бикри маънӣ баски домодем мо.
Ҳаббазо, Туғрал, ки Бедил месарояд мисрае:
«Ҳамчу анқо бениёзи арзэҷодем мо».

* * *

Аз ҳуҷуми ашк бар дарё гузар дорем мо,
Решаи нахли умед аз чашми тар дорем мо.
Баски бошад ҷинси моро гармии бозори ғам,
Гӯиё дукконе аз санги шарар дорем мо.
Раҳравони ишқро зоди дигар даркор нест,
Тӯшае дар роҳаш аз хуни ҷигар дорем мо.
Сози қонуни муҳаббатро набошад зеру бам,
Дар тариқи ишқ доим по зи сар дорем мо.
Дӯш дар базми адаб будем сармасти тараб,
К-аз хумори бода акнун дарди сар дорем мо.
Дидаи мо аз ғубори сурма домангир шуд,
Тӯтиё аз хоки пояш дар назар дорем мо.
Ғунчасон ҷамъияти дилҳо зи дилбар доштем,
Дилбари мо рафт, аз дил кай хабар дорем мо?
Он қадар омодаи шаҳди маонӣ кардаем,
Банд дар банди сухан аз найшакар дорем мо.

Куфр бошад дар сулуки ишқ айби ошиқон,
Кай зи тири таънаи зоҳид ҳазар дорем мо?
Туғрал, осон кай бувад ғаввосии баҳри сухан?
Сар ба ҷайби фикр аз баҳри гуҳар дорем мо.

* * *

Баски чун анқо зи хотирҳо фаромӯшем мо,
Гар ҷаҳон аз мо напӯшад чашм, мепӯшем мо.
Ҷӯши шаккар дар най охир мекунад манъи садо,
Аз камоли шаҳди мазмун гарчи хомӯшем мо.
Аз замин то осмон гар муштарӣ ҷӯшад, валек
Ҷуз қумоши маънии борик нафрӯшем мо.
Бандаи ишқем мо, озод аз озодием,
Ҳамчу зулфи ёр доим ҳалқабаргӯшем мо.
Сози ишрат аз хамӯшиҳои мо бепарда аст,
Як ҷаҳон шӯри тараб пайдост, гар ҷӯшем мо.
Он қадар мастем аз паймонаи ҷоми азал,
Рӯз то шаб бе сабӯе бода менӯшем мо.
Шӯри тӯфони сиришки мо агар бошад ҳамин,
Оқибат ҳамчун ҳубоби хонабардӯшем мо.
Шоҳиди ин базми имкон дорад авҳоми адам,
Дар хаёлободи ҳастӣ маҳви оғӯшем мо.
Дар гудози қалби худ з-оташ куҷо миннат кашем,
Баски чун минои май бе шуъла дар ҷӯшем мо.
Ҳаббазо з-ин мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Ҷавҳарем, об аз дами шамшер менӯшем мо».

* * *

Ҳар киро бошад гузар бар кулбаи эҳзони мо,
Нашканад ҷуз қурси маҳ ноне дигар аз хони мо.
То ба кай бар нағмаи носози мо гӯше ниҳӣ,
Кай ба ҷуз савти фироқ ояд дигар з-афғони мо.
Аз пари анқо талаб кун муддаои хештан,
Гар ғуборе орзу дорӣ ту аз домони мо.

Домани мо чун гуҳар назри гиребон буду бас,
Рафт чун авроқи гул ҷамъияти сомони мо.
Ошиқонро хоксорӣ кисвати ранги вафост,
Ҷуз либоси ишқ набвад бар тани урёни мо.
Аз шикасти эътибороти ҷаҳон ғофил мабош,
Дар назар ойина бошад сурати имкони мо.
Хишти зери буқъаи мо бошад аз хоки адам,
Ваҳми ободӣ надорад хонаи вайрони мо.
Сафҳаи ҷузви дили моро, ки бешероза аст,
Лутф бошад, бигзарӣ гар аз сари нисёни мо.
Мадди эҳсон аст абрӯи хами пайвасти ӯ,
Туҳфа бошад пеши шамшери вай акнун ҷони мо.
Туғрал, аз домони ӯ то дасти мо кӯтоҳ шуд,
Ашки ҳасрат мечакад ҳар лаҳза аз мижгони мо.

* * *

Сафои сайқали дилҳо бувад аз дидани мино,
Дами субҳи тараб як партав аз хандидани мино.
Писанд омад ба базми боданӯшон бо майи соқӣ
Туро дар интизори пунба аз сар чидани мино.
Ҳамоғӯши тавозуъ сарбаландӣ ҳар куҷо дидам
Ба соғар, хоса, аз тарзи адаб варзидани мино.
Чу моҳи осмон гоҳе шавад мамлу, гаҳе холӣ,
Барояд ҷон зи тан, ояд зи пур гардидани мино.
Китоби рамзи махмурон, ки музмар нуктаҳо дорад,
Бувад изҳори он мушкил ба ҷуз фаҳмидани мино.
Лаби соғар намеояд ба ҳам аз хандаи соқӣ,
Бигиряд зор шамъи маҷлис аз нолидани мино.
Тулӯи субҳи шодӣ шоми ғамро мезанад барҳам
Дами дар анҷуман, Туғрал, ба худ болидани мино.

* * *

Эй зи мавҷи талъатат наззора дар гирдобҳо,
Ҳайрати ойина бошад шӯхии симобҳо.

Эҳтиёҷе нест дар кӯяш ба шамъи дил маро,
Шамъро нуре набошад дар шаби маҳтобҳо.
Фарши махмал мекунад сомони ғафлат дам ба дам,
Мешавад таъбири ҳайрат оқибат ин хобҳо.
Турфа оҳанге бувад сози навои ишқро,
Эй хуш он мутриб, ки дорад нағма з-ин мизробҳо.
Абруяш бар даъвии ишқам шаҳодат медиҳад,
Роҳате чун ман надорад зоҳид аз меҳробҳо.
Ашки ушшоқ аз ғамаш имрӯз тӯфон мекунад,
Мешавад дарё, ба ҳар ҷо ҷамъ гардад обҳо.
Кам зи Маҷнун нестам, Туғрал, ба саҳрои ҷунун,
Хондаам дарси ғамашро ҷумла фаслу бобҳо.

* * *

Гар хиромад он парирӯ ҷониби гулзорҳо,
Шӯри маҳшар мешавад дар кӯчаву бозорҳо.
Ҳар нафас дар хонаи дил нақши тасвираш бувад,
Бо пари ҳоил намегардад дару деворҳо.
Гарде аз хоки кафи пояш ба ҳангоми висол
Баҳри дафъи набзи ҳичрон мекунам тӯморҳо.
Дар тариқи ишқ ҷуз ваҳшат намебошад далел,
Ин суханро ман шунидастам зи Маҷнун борҳо.
Аз шамими ҳалқаи гесӯи анбарсои ӯ
Аҳриманро бигсалад андар миён зуннорҳо.
Нест хубони ҷаҳонро чун лабаш хубоние
Дидаам хубони оламро вале бисёрҳо.
Холи мушкин бар рухаш дидам, тааҷҷуб омадам,
К-аш бувад саҳни ҳарам манзилгаҳи куффорҳо.
Ёди ҷаъди турраш дар гарданам доме бувад,
Чун таноби хайма андар гардани мисморҳо.
Ҳал нагардад уқдаҳои ин муаммо дар дилат,
Дар саводи зулфи ӯ бошад басе асрорҳо.
Ҳеч дар мулки ҷаҳон, Туғрал, намебошад чунин,
К-аш баранд аз ошиқон дил инчунин дилдорҳо.

* * *

Умрҳо шуд, мезанам дар роҳи ишқаш гомҳо,
Рафтани ранг аст аз мо бастани эҳромҳо.
Эътибори мову ман аз нашъаи кайфи дил аст,
Фоли фурсат мезанад ҳар дам садои ҷомҳо.
Сурху зарди ин ҷаҳонро ҳоҷати иксир нест.
Инқилоби ранг дорад гардиши айёмҳо.
Дорад илҳоми тасаллӣ аз тапиш завқи дилам,
Шаҳпари Ҷабрил бошад шӯхии пайғомҳо.
Сайди қуллоби муҳаббатро раҳоӣ мушкил аст,
Хуни бисмил мечакад аз ҳалқаи ин домҳо.
Ҳеч кас дар даҳр аз ҷоми амал масрур нест,
Талхии заҳр аст яксар шарбати ин комҳо.
Чун саҳар халқи ҷаҳон кофур доранд дар нафас,
Пухтагӣ ҳаргиз набошад қисмати ин хомҳо.
Сад Фалотун аз раҳи ҳикмат намесозад илоҷ
Хушкии набзи ҷунун аз равғани бодомҳо.
Туғрал, аз овозаи ҳастӣ арақ гул кардаем,
Ҳосиле ҷуз шарм набвад бар нигин з-ин номҳо.

* * *

Агар ин аст бо хубони олам ошноиҳо,
Тавон кардан чу най фарёд аз дасти ҷудоиҳо!
Наёмад заврақи ман дар канори соҳили васлаш,
Ба баҳри ишқ ҳарчанде ки кардам нохудоиҳо.
Тавон дарёфт аз мазмуни ман кӯтоҳии фикрам,
Ки нахлашро масал кардам ба шамшод аз расоиҳо.
Ба рӯи хеш то кардӣ дучор ойина, ҳайронам,
Ки ҷавҳарро намезебад ҷило аз худнамоиҳо!
Вафо чун умри ман, эй бевафо, ҳаргиз намесозӣ,
Магар аз умр омӯзӣ ту расми бевафоиҳо?!
Ба хок орам ба зӯри панҷаи гуфтор ағёрат,
Агар дар ишқи ту бо ман кунад зӯрозмоиҳо!

Биҳамдиллаҳ, ки бо дайри муҳаббат муршидам, Туғрал,
Ба май олуда кардам пираҳан аз порсоиҳо!

* * *

Зи худ бисёр дур афтодам аз маъниқариниҳо,
Маро сармашқи ҳайронист акнун мӯйи чиниҳо.
Тавон дар мазраи боғи ҷаҳон гул аз адаб чидан,
Ки сад хирман намои ҳосил аз ин хӯшачиниҳо.
Муроде, кай бувад ғайр аз тасаллибахши оромаш,
Набошад баҳра Лайлиро аз ин маҳмилнишиниҳо.
Зи шарми он, ки фардо маҳрами меҳри бутон бошӣ,
Ба шабнам ғӯта зан имрӯз аз хиҷлатҷабиниҳо.
Баланд афтода аз ноэътиборӣ эътибори ман,
Ки аз номам арақ гул мекунад аз бенигиниҳо.
Даме з-андешаи дил дар пайи сайди маонӣ шав,
Агар бошад расо фикри ту дар маъникаминиҳо.
Кунун ҷинси қумоши хешро, Туғрал, ба арз орам,
Муроде кай шавад ҳосил аз ин хилватгузиниҳо?!

* * *

Эй баҳори ноз, баҳри зинати гулҳо биё!
Сайри дарё орзу дорӣ, ба чашми мо биё!
Кардаам дур аз рухат тамҳиди сомони ҷунун,
Эй сувайдои диламро дофеи савдо, биё!
Аз вафо дорем ҳар дам орзуи мақдамат,
Ҳар буни мӯ чашми уммед аст, сӯи мо биё!
Кай бувад биме ба мо з-ин сустмағзони дағал,
Гар биёӣ ҷониби мо, сахт бепарво биё!
Дил зи ҳиҷрони ту ошуфтаст чун авроқи гул,
Марҳабо, эй ғунчаи ҷамъияти дилҳо, биё!
Нест қонуни муҳаббат сози найранги дуӣ,
Эй тани ман хоки поят, омадӣ, танҳо биё!
Эй хуш он мисраъ, ки, Туғрал, месарояд Бедиле:
«Ё маро аз худ бибар он ҷо, ки ҳастӣ, ё биё!»

* * *

Аз тапидан хона бар дӯши фано дорад ҳубоб,
Лангари киштӣ, ту гӯӣ, аз ҳаво дорад ҳубоб!
Дам ба дам аз шавқ чун девонаи дашти ҷунун
Аз шикати мавҷ занҷире ба по дорад ҳубоб!
Кас набошад дар тариқи ишқ муҳтоҷи далел,
Кай дар ин амвоҷ фикри нохудо дорад ҳубоб?
Ҷуз сабукборӣ набошад роҳати озодагон,
Пушт андар кӯҳ доим аз садо дорад ҳубоб!
Ҳар замон дар мотами ғафлдатпарастони ҷаҳон
Чун чароғи шоми ҳаҷрат гиряҳо дорад ҳубоб!
Зинҳор, аз нолаи ин зеру бам ғофил мабош,
Дар паси ойина чандин нағмаҳо дорад ҳубоб!
Ҳайрате дорам, ки Туғрал, баҳри як дам зиндагӣ
Ин кулоҳи фахр бар сар аз куҷо дорад ҳубоб?!

* * *

Сунбул аз ошуфтагӣ зулфи кажат як печутоб,
Мусҳафи рӯи туам тафсир дорад сад китоб.
Юсуф аз шарми ҷамолат маҳви зиндон гаштааст,
Эй ҷамоли оламорои ту равшан з-офтоб!
Дар таманнои висолат дину дил бар бод шуд,
Оқибат дастам ба домони ту дар явмулҳисоб!
Ҷоми май бо ғайр менӯшӣ, ту, эй раъно, чаро
З-оташи ҳасрат дилу ҷони маро созӣ кабоб!
Обутоби оразу зулфат надорад бӯстон,
Сунбулу гул ҳар ду аз зулфу рухат беобутоб!
Нест аз ишқат насиби ман ба ҷуз доғи фироқ,
Аз майи васли ту дар гетӣ нагаштам комёб!
Туғрал, аз акси ҷамолаш маҳви ҳайрат гаштаам,
То фиканд аз орази моҳи худ он дилбар ниқоб.

* * *

Шӯхи бебоке, ки карда хонаи мардум хароб,
Теғи абрӯяш барои қатли ман дорад шитоб.
Монӣ аз баҳри ҳавои сурати зебои ӯ
Чун фалак саргашта афтодаст то явмулҳисоб.
Сӯхт мағзи устухон дар синаам аз ишқи ӯ,
Кишвари дилро бувад аз дасти ҳусни ӯ азоб.
Он қадар килки қазо нозид ҳангоми рақам,
К-аз миёни хубрӯён то туро кард интихоб.
Лола аз доғи таманнои баҳори оразат
Кард дар саҳрои хиҷлат хаймаи ҳасрат таноб.
Дидаам хубони оламро, вале монанди ту
Не ба ҳушёрӣ бидидам, не ба мастӣ, не ба хоб!
Ёди он фурсат, ки бар рӯи ту ҳангоми саҳар
Аз сиришки ашки гулгун мезадам ҷои гулоб!
Навбаҳори оразатро дод равнақ гиряам,
Зинати гулзор бошад доим аз рашҳи саҳоб.
Чок зад ҷайби қабои хеш гул андар чаман
З-инфиоли рӯи ту чун ҷайби масте аз шароб.
Офтоби ховарӣ аз шарм афтад дар кусуф,
Гар зи рӯи худ кашад он шоҳиди мавзун ниқоб.
Туғрал, аз мавҷи хаёли ман муаммои дақиқ
Мешавад берун ба фикри том чун дурри хушоб.

* * *

Менамояд бар лаби ҷӯ акси моҳи ман дар об,
Метавон аз моҳ то моҳӣ ҳама будан дар об.
Нест суде сифларо аз суҳбати равшандилон,
Сахт расво мешавад, ояд агар оҳан дар об!
Гуфт зоҳид: «Хешро дар хоб дидам дар бараш»,
Гуфтамаш: «Таъбири хоби худ бигӯ равшан дар об!»
Дар талоши акси як рӯ сад гиребон пора шуд,
Кай ба осонӣ расад ойинаро доман дар об?!

Гӯи сабқат мебарам имрӯз аз фатвои шак,
Мардуми обӣ агар даъво кунад бо ман дар об.
Ҳеч мумкин нест дар гирдоби ин амвоҷи ғам
Киштии мақсудро бе нохудо рафтан дар об!
Дар сулуки ишқ кам аз баччаи бат нестӣ,
Дар ризои дӯст ҳар дам медиҳад ӯ тан дар об.
Зери тӯфони сиришкам, Туғрал, аз ҳичрони ӯ,
Беҳ, ки аз ин хоксориҳо маро мурдан дар об!

* * *

Мебарад лаъли лаби ӯ нашъа аз мавҷи шароб,
Мекашад домони зулфаш аз гиребони гулоб.
Ламъаи барқи рухаш ҳар дам ба ушшоқ он кунад,
Дар биёбон ташнаро ташвиши найранги сароб.
Ҳар замон дил орзуи оби теғат мекунад,
То ба кай шамшери эҳсони ту бошад дар қироб?
Тӯшаи лахти ҷигар дорам ба роҳат дуди ғам
Мезанад фаввора, тарсам, тира гардад ин кабоб.
Нусхаи девони ҳуснатро чӣ сон эҳсо кунам?!
Гар ҷаҳон дафтар шавад, васфи ту н-ояд дар ҳисоб?!
Эй ҷафоандешаи бадхӯ, Худоро, шафқате!
Чанд бошам аз шиканҷи меҳнати ғам дар азоб?!
Карда устоди азал имрӯз бо сад хуни дил
Ғунчаатро аз гулистони латофат интихоб.
То дами рӯзи қиёмат модари айёмро
Чун ту фарзанде набошад хоназоди офтоб.
Гесуи Ширин бувад занҷири пои Кӯҳкан,
Турраи Лайлӣ бувад дар гардани Маҷнун таноб.
Аз сувайдои дилат зан рашҳаи фоли умед,
Мӯҷиби борон бувад, гар тира бинмояд саҳоб.
Шоми ғафлат рафт охир, субҳи навмедӣ дамид,
То куҷо обод бошад, хонаи ҳастӣ хароб?!
Гӯямаш сад офарин бо хотири дарроки ӯ,
Ҳар кӣ бинвисад ба ашъори мани Туғрал ҷавоб!

* * *

Агарчи дурам аз наззораи рухсори ёр имшаб,
Бувад лавҳи хаёли абруи ӯ дар канор имшаб.
Наям осудаи шавқаш даме аз изтироби дил,
Пари парвона дорад дуди шамъи интизор имшаб.
Агарчанде ки будам дӯш масти бодаи васлаш,
Вале дорад сарам аз ҳаҷри ӯ ранҷи хумор имшаб.
Ба як наззора аз шаръи муҳаббат дод ин фатво
Факеҳи ишқ андар ҳурмати бӯсу канор имшаб.
Ба каф аз субҳа ин ҷо матлабат ҳосил намегардад,
Зи ашки чашм тар кун донаи рӯзи шумор имшаб.
Чаман аз накҳати боди баҳор имрӯз хуррам шуд,
Ҳадиси васфи гул бишнав ба гулшан аз ҳазор имшаб.
Агар хоҳӣ дурустӣ номи худ аз хотами ишрат,
Шикан бар рағми сунбул турраи гесӯи ёр имшаб!
Биё, эй дил, ки омад ёр сӯи кулбаи Туғрал,
Ҳусули дину дунё метавонӣ, кун нисор имшаб!

* * *

Нағмаи ушшоқ бошад дар навои андалеб,
Нест ғайр аз дидани гул муддаои андалеб.
Сорбони ранги гулшан дорад оҳанги сафар,
Кай бувад дар маҳмили ӯ ҷуз дарои андалеб.
Тарсам аз улфатпарастиҳои сози нағмааш,
К-аш халад дар пои гул хор аз садои андалеб.
Баски шуд меҳнаткаши шавқи тамошоҳои гул,
Гашта хам аз бори ғам қадди дутои андалеб.
Ошиқонро нанг бошад кисвати ранги ғурур,
Нест ғайр аз хоксориҳо қабои андалеб.
Дар ҳарими васл дорад нола аз шаб то саҳар,
Кас намедонад, чӣ бошад муддаои андалеб.
Пунбаи ғафлат бувад шабнам ба гӯши ранги гул
Нашнавад як бор акнун моҷарои андалеб.

Ҳеч аз саҳни чаман берун намеояд, магар
Печутоби нола шуд занҷири пои андалеб?
Он қадар дорад ғурури ранги ҳусни ҳештан,
Кай шавад огоҳ гул аз ҳой-ҳои андалеб?
Мезанад парвонасон худро ба шамъи рӯи гул,
Ин қадар лозим бувад будан кирои андалеб.
Барфишон аз шабнами авроқи гул дар набзи ӯ,
Ҷуз гулоби васл кай бошад давои андалеб.
Дод ин фатво шабе парвонаи шамъи адаб:
Нест кам аз хуни Туғрал хунбаҳои андалеб.

* * *

Зиҳӣ, ойинаро ҳайрат хаёли акси тасвират,
Камони фитнаро новак ҳадиси чашми зеҳгират!
Чу хок акнун ба бод аз оташи теғи туам, лекин
Басе ҷавҳар зи хунам гул кунад аз оби шамшерат.
Намерӯяд ба ҷуз ёқут дигар ҳеч аз хокаш,
Агар резад ба ҳар ҷо қатрае аз хуни нахчират.
Вуҷуби сарнавишти хомаи най нест бишкастан,
Дурустӣ нест мумкин дар қалам иншои тасвират.
Набандад бастаи зулфат дари шодӣ ба рӯи худ,
Ки фатҳулбоби ғам дорад ҳамин овози занҷират.
Сафо ҳамчун араз шуд лозими ҷисми латифи ту,
Магар аз ҷавҳари хуршед бинмуданд тахмират?!
Зи найранги аҷоибхонаи чашми ту ҳайронам,
Ки дорад фитнаро бедор хоби ностаъбират.
Зи бӯи ғунчаи мадҳи ту акнун вақти он бошад,
Гулистон бишкуфад дар сафҳаам аз ранги таҳрират.
Камондори хаёли абруят то новакафкан шуд,
Нафас монанди рангам рафт дунболи пари тират.
Чӣ афсун аст, ё Раб, дар забони мори он гесӯ,
Ки оламро кунун бо як сари мӯ кард тасхират?!
Хушо аз мисраи мавзуни дарёи сухан, Туғрал:
«Қиёмат мекашад килки Фарангистони тасвират».

* * *

Дилам ба захми хадангаш зи баски муътод аст,
Хаёли новаки ӯ сарнавишти устод аст,
Аз он замон, ки ба зулфи ту шона маҳрам шуд,
Ғизоли дашти Хутан зери нахли шамшод аст.
Шудам барои тамошо ба боғу дидам дӯш,
Ки баҳри як гули рӯят ҳазор фарёд аст.
Ба дашти ишқ, ки ваҳшат далели мақсади ӯст,
Ҳадиси зулфи ту доми умеди сайёд аст.
Агарчи аз адабистони васл маҳрумам,
Ҳанӯз дарси ғами ишқи ту маро ёд аст.
На раҳбаре, ки расонад ба сӯи Ширинаш,
Садои теша далели тариқи Фарҳод аст.
Зи банди фикри таманнои бешу кам бигузар,
Хушо касе, ки зи бори тааллуқ озод аст!
Мабош ғарра дар ин олами харобобод,
Ки хишти зербинои вуҷуд аз бод аст.
Чӣ суратам, ки ба нақши вуҷуди ман, Туғрал,
Зи мӯи чинии фағфуру килки Беҳзод аст?!

* * *

Он ки таслими суҷуди хоки пояш шуд, сар аст,
Раҳбари ойинаи матлаб сафои ҷавҳар аст.
Тойири ишқ аз пару боли ҳавас бошад барӣ,
Он ки дар доми ту афтад, сайди беболупар аст.
Дуди оҳамро асар бошад саводи лаъли ӯ,
Даъвии ишқи маро хатти ғубораш маҳзар аст.
Сурма андар ком дорад мӯи чинӣ дам ба дам,
Ҳар киро тамкин бувад, донӣ, ки гӯши ӯ кар аст.
Нест фикри ошиқон пасту баланди эътибор,
Хонаи ойина кай муҳтоҷи ин бому дар аст?!
Дар ғамат чун шамъ дорам гиря аз шаб то саҳар,
Он чи аз ишқи ту сомон кардаам, чашми тар аст.

Дар саводи сафҳаи лавҳи дили ушшоқи ғам
Мадди оҳам гаҳ мидоду гоҳ тори мистар аст.
Нест, Туғрал, дар раҳи мақсад далели дигаре,
Ишқ моро оқибат дар кӯи ҷонон раҳбар аст.

* * *

То зеру бами нағмаи мизроби ту соз аст,
Оҳанги навоят ҳама аз пардаи ноз аст.
Ҷуз оҳани ғам кай бувад асбоби футӯҳат
Дар қуфли ҳақиқат, ки калидаш зи маҷоз аст.
Душман бувад, эй дӯст, ба ҳар кас натавон гуфт
Асрори ғами ишқ, ки бе маҳрами роз аст.
Раҳ нест ба гирди ҳарами ёр касеро,
Дар бодияи ишқ басе шебу фароз аст.
Ҳар кас кунад аз машраби худ пеши ту изҳор,
Соғар ба тамошову суроҳӣ ба намоз аст.
Кӯтоҳ намуд аз ҳама савдои ҷаҳонам
Зулфи ту, ки сармояи як умри дароз аст.
Акси ту, ки чун шӯхии парвози кабӯтар,
Монанди нигаҳ ҷилвагари дидаи боз аст.
Туғрал, чӣ хуш аст маънии ин масраи Ҳофиз:
«Рухсораи Маҳмуд кафи пои Аёз аст!»

* * *

То зулфи ту дар хирмани гул ғолиябез аст,
Дар даври қамар бин, ки қирон муштарирез аст.
Тарсам, ки ба дил рахна занад мардуми чашмат,
В-арна зи чӣ рӯ ханҷари мижгони ту тез аст?
Мақтули туро нест аз он сурати мурдан,
Барқи дами шамшери ту то ойинарез аст.
Заҳматкаши ишқам, ки чи ҳичрону чи васлат,
Аз дасти ҷафои ту куҷо ҷои гурез аст?
Ҳар ҷо, ки зи нақши кафи пои ту нишонест,
Чун арсаи маҳшар ҳама дам ғулғулахез аст.

Афсонаи ҳусни ту ҳар он гӯш, ки бишнид,
Дар даъвии зебоии Юсуф ба ситез аст.
Ҳар кас, ки саводи хати мушкини туро дид,
Дар қофияи ҳусн бигуфто, ки тамиз аст.
Фарҳанги суханҳои дақиқи мани Туғрал
На таври «Сурох» аст, на гуфтори «Ҳамиз» аст.

* * *

Чанд рӯзе дар ҷаҳон, эй умр, меҳмонӣ бас аст,
Аз ҳусули муддао оҳи пушаймонӣ бас аст.
Орзуи ҷоҳ дорӣ гар зи нақши эътибор,
Ёди таъмири хаёлат хонавайронӣ бас аст.
Гаштӣ аз дарси камол имрӯз ғофил, мар туро
Ҳамчу ябруҳассанам як номи инсонӣ бас аст.
Чанд гӯӣ, к-аз тааллуқҳои имкон бигзарам?
Бигзарӣ гар аз ҷаҳон, як доманафшонӣ бас аст,
Гир дар роҳи талаб аз нақши пои ӯ сабақ,
Мар туро ойинасон як чашми ҳайронӣ бас аст.
То куҷо хоҳӣ, к-аз ошуфтан ба ҷамъият расам,
Аз тасаввурҳои зулфаш як парешонӣ бас аст.
Гар ҳамехоҳӣ, ки аспи хеш аз фарзин кунӣ,
Дар бисоти нарди ғам як дона гардонӣ, бас аст.
Дӯш аз себи занахдонаш гирифтӣ баҳрае,
Аз лаби лаълаш туро имрӯз хубонӣ бас аст.
То ба кай гӯӣ, ки хонам дафтари ушшоқро?
Аз китоби меҳнаташ як сатр агар хонӣ, бас аст.
Каъбаи байтуллаҳи фикри маро, Туғрал, кунун
Аз шикори сайди маъниҳо яке бонӣ бас аст!

* * *

Хоксорӣ баски моро шаҳпари боли расост,
Гарди моро аз заифӣ хона бар дӯши ҳавост.
Соя аз афтодагӣ хуршед дорад дар бағал,
Дастгоҳи муфлисиро эътибори кимиёст.

То тавонӣ, кор андар мазраи дил тухми ашк,
Донаи ин киштро з-абри карам нашвунамост.
Ҳар куҷо бошад, ҳамон Лайлӣ бувад манзури ӯ,
Дар дили Маҷнун магар ойинаи гетинамост?
Дӯш пои мо магар аз маркази ғам шуд бурун?
Ҳар чӣ меояд ба мо имрӯз, аз паргори мост.
То ба арзи ҷилва омад акси рухсори гулаш,
Ҷавҳари ойина зери шабнами мавҷи ҳаёст.
Қатрае зоҳир нашуд аз ҷӯшиши шавқи дилам,
Оби ин сарчашмаро аз мавҷ занҷире ба пост.
Меканам кӯҳи диламро аз ғамаш чун Кӯҳкан,
Лек чун ман кай касе дар ишқи ӯ саброзмост?
Оламе маҳванд чун ойина дар роҳи ғамаш,
Дидаи ушшоқро сармашқи ҳайрат нақши пост.
Ҳосили ишқат, ки абрӯяш гувоҳӣ медиҳад,
Чун камон хамёзаат оғӯши ин қадди дутост.
Шуд яқинам, Туғрал, аз дарси муҳаббат ин сухан:
Раҳбари ошиқ суи маъшуқ нақши бӯриёст.

* * *

Ҳар лаҳза ба дил аз мижаат захми хаданг аст,
Абрӯи камони ту магар кори Фаранг аст?
Машҳур бувад гул ба чаман гарчи ба хубӣ,
Аз хиҷлати рухсори ту аз ранг ба ранг аст.
Аҳволи маро дидию раҳми ту наёмад,
Дил нест магар дар бағалат, қитъаи санг аст?!
Дуди ғами меҳнат накунад тира диламро,
Ин ойина он нест, ки ӯ қобили занг аст.
Дар баҳри ғамаш дар кӣ фитад, нест халосӣ,
К-ин луҷҷаи дарё ҳама дар коми наҳанг аст.
Бошад рақами доғи сувайдои дили ман,
Он нуқта, ки сармашқи хати пусти паланг аст.
Дар шуълаи шамъи дилам, эй ашк, мазан об,
Сулҳе, ки ту мехоҳӣ, саропо ҳама ҷанг аст.

То чанд бигӯй сухане аз даҳани ӯ?
Бигзар ту аз ин дағдаға, к-ин қофия танг аст.
Осон набувад даъвии савдои висолаш,
Маъҷуни хаёлат ҳама аз нашъаи банг аст!
Васле, ки бувад дар паяш андешаи ҳиҷрон,
Шаҳдест ба коми ту, ки аз таъми шаранг аст.
Шабдизи ҳавас чанд дар ин бодия ронӣ?
Раҳ дуру дароз аст, вале аспи ту ланг аст.
Туғрал, ҳама дар банди сухан баски асиранд,
Имрӯз маро аз ғазалу қофия нанг аст.

* * *

Ҷуз ишқ ба олам ҳама авҳоми хаёл аст,
Бо мурғи ҳавас сояи анқо пару бол аст.
Таълими ҷунун гир зи устоди муҳаббат,
Ҳар ҳарф, ки хонӣ зи ғамаш, дарси камол аст.
Андар пайи иқболи ту идбор муҳайёст,
Шоми ғами ҳиҷрони ту аз субҳи висол аст.
Сарчашмаи дилро макун аз гарди ҳавас гил,
Акси рухи худ бинӣ, агар об зулол аст.
Тарсам, ки дарад ҷомаи нозаш ба нигоҳе,
К-андар бари ӯ пераҳан аз тори хаёл аст.
Дӣ муҳлати имрӯз фикандӣ ту ба фардо,
Ойинаи мустақбалу мозии ту ҳол аст.
Ташвиши дигар нест ба ғайр аз сари мӯе,
Гар чинии моро ҳаваси ранги сафол аст.
Уммеди вафо кардаам аз рамзи нигоҳаш,
Дар муҳраи ғам баски дилам қуръаи фол аст.
Туғрал, шуда то тӯтии табъи ту шакаррез,
Дар мадҳи забони ту забони ҳама лол аст.

* * *

Гарчи рангу бӯ далелу шоҳиди рӯи гул аст,
Лек андар рӯи гул пероя з-оҳи булбул аст.

Сози айше нест андар базми имкон, дам ба дам
Аз шикасти ранг минои диламро қул-қул аст.
Сарнавиштам шуд зи девони қазо ошуфтагӣ,
Хомаи тасвири ман гӯё зи тори сунбул аст,
Наргиси бебоки ӯ майхона дорад дар бағал,
Мастии чашмаш на аз кайфияти ҷоми мул аст.
Сӯхтам чандон, ки печидам ба худ дар нори ғам,
Дуди шамъи дил маро аз печутоби кокул аст.
Нестам чун шона аз савдои зулфи ӯ бурун,
Ёди гесӯяш кунун дар гардани ҷонам гул аст,
Ҳар замон парвоз месозад суи сайди сухан,
Туғрали моро, ки аз фикри маонӣ чангул аст.

* * *

Рафтани ҳуш аз сарам то сорбони маҳмил аст,
Ноқаи шавқи маро дар хоки Маҷнун манзил аст.
Он қадар мастам, ки нашносам ҷунунро аз хирад,
Нашъаи ҷоми шароби ман зи ангури дил аст.
Қатраи хуне, ки аз захми дили ман мечакад,
Нест хун, ӯ шабнаме аз шарми теғи қотил аст!
Дорам аз фикри баланди хеш мазмуни баланд,
Сад Фалотун аз кушоди маъниям подаргил аст!
Шукр лиллаҳ, фориси майдони ашъорам кунун,
Нуктаи сарбастаи ман лойиқи ҳар маҳфил аст.
Аз румузи маънии ман сар-сарӣ натвон гузашт,
Ғайри мазмун аз каломам ҳар чӣ фаҳмӣ, ботил аст.
Бастаам мазмун, ки аз инсоф гӯяд мустамеъ:
Ин ҳама рамзошноиҳо зи фикри Туғрал аст!

* * *

Дар кишвари малоҳат шоҳӣ туро тамом аст,
Шамшоду сарву тӯбо бо қоматат ғулом аст.
Дар ҳар куҷо, ки бинам авсофи хулқу хӯят,
Бо суманоту масҷид «мо қола» з-ин калом аст.

Чун ғунча лаб кушоям, васфи туро намоям,
Ғайр аз ҳадиси рӯят дигар маро ҳаром аст.
Ҳусни бутони олам рӯ дар завол дорад,
Дар авҷи хубрӯӣ меҳри туро қиём аст.
Чашми сиёҳи мастат бегона аз нигаҳ шуд,
Ҳиндуи холи лаълат ноошнои ром аст.
Мо пухтагони ишқем дар миҷмари ғами ту,
Магзор булҳавасро, азбас ҳанӯз хом аст.
Аз қисмати нахустин ишқат ба мо расида,
Ойина бо Сикандар, Ҷамро ҳавола ҷом аст.
Бо аҳди гулъизорон зинҳор дил набандед,
Аз андалеби гулшан бо гӯшам ин паём аст.
Дар боргоҳи васлат ҷон туҳфа бурд Туғрал,
Шамшер хун чаконад, азбаски бениём аст.

* * *

Баски ҳастӣ ҳама сомони вуҷуди адам аст,
Сози қонуни бақоро зи фано зеру бам аст.
Дӯстон, беҳуда дар олами имкон ҳаргиз
Дили осуда маҷӯед, ки бисёр кам аст.
Заррае меҳри ҷаҳон дар дили худ роҳ мадеҳ,
Матлаи субҳи тараб аз уфуқи шоми ғам аст.
Ҳоли мустақбалу мозист аён дар ошиқ,
Он чи дар лавҳи дили мост, на дар ҷоми Ҷам аст!
Нест осон ба биёбони ғами ӯ рафтан,
Ки дар ин бодия андар раҳаш аз сар қадам аст.
Асари шуҳрати ушшоқ ба олам боқист,
Беди Маҷнун ба сари турбати Маҷнун алам аст.
Ошиқонро магар аз мактаби озодии ғам
Мисраи қомати барҷастаи ӯ як рақам аст?
Дар миёни ману ӯ хома набошад маҳрам,
Он ки ифшо кунад асрор, забони қалам аст.
Маҳви уммеди тамошои хироми ӯем,
Ҳайрати мо ҳама аз сурати нақши қадам аст.

Эй хушо, мисраи дарёи маонӣ, Туғрал,
«Риштаи умр зи ашкам ба гираҳ муттаҳам аст».

* * *

Фурсати аҳди ҷаҳон аз субҳи ҳастӣ як дам аст,
Рангу бӯи боғи имкон ҳамчу меҳри шабнам аст.
Барги гул дар боғ аз боди хазон тороҷ шуд,
Дар бари булбул нигар, акнун либоси мотам аст!
Дар навои пардаи ушшоқи мо мизроб нест,
Нағмаи сози муҳаббат баски бе зеру бам аст.
Ман шаҳиди абруям, бо ҷавҳари теғаш қасам,
Сархати бахтам нагун чун ном андар хотам аст.
Гарчи бошад дар ҷаҳон аз номи ман овозае,
Он чи зоҳир мешавад зери нигин, нақши ғам аст.
Он қадар дар оташи шавқи муҳаббат сӯхтам,
Дуди оҳам дар ливои ишқ акнун парчам аст!
Васл дорӣ орзу, бояд шудан аз дил барӣ,
Дар ҳарими ҳурмати дилдор дил номаҳрам аст.
Бигзаред, эй ноҷавонмардон, зи савдои ҳавас,
Шуҳрати ҷуду сахо махсуси номи Ҳотам аст!
Ман ҳамебинам ба фикри хеш, Туғрал, дам ба дам,
Ҳар чӣ дар ойинаи Искандару ҷоми Ҷам аст.

* * *

То дар ин водӣ ғубори мо ба домон ошност,
Дасти Маҷнун аз таҳайюр бо гиребон ошност.
Нест андар сози конуни дили мо нағмае,
Умрҳо шуд, нолаи мо бо найистон ошност.
Мефитад бар пои мардум дам ба дам аз рӯи зард,
Дурри ашкам аз ятимӣ то ба найсон ошност.
Ҳайрате дорам, ки асрораш бигӯяд мӯ ба мӯ,
Шонаро дил гар ба он зулфи парешон ошност.
Аз хироми ноз бар раҳ акси пояш дидаам,
Ҷавҳари ойинаам бо чашми ҳайрон ошност.

Нест имкони ҳусули муддаои ҳоҷаташ,
Чашми соил гарчи бо дасти каримон ошност.
Метапад дил дар барам ҳар лаҳза аз шавқи рухаш,
Боли ин парвона бо шамъи шабистон ошност.
Аз табассум дам ба дам шӯре ба дилҳо афканад,
Захмҳои синаи мо бо намакдон ошност.
Дар бағал рам дорад аз акси саводи дидааш,
Баски оҳуи маро ваҳшат ба мижгон ошност.
Бо бузургон ҳеч аз оҷизнавозӣ ор нест,
Аз заифӣ мӯр ин ҷо бо Сулаймон ошност.
Ҳаббазо, Туғрал, ки Бедил месарояд мисрае:
«Софии ойина бо габру мусулмон ошност».

* * *

Нағмаи қонуни ҳастӣ сози мизроби фаност,
Қомати пирӣ ба умри рафта оҳанги садост.
Чашми ибрат во куну бингар ту дар хоки адам,
Афсари шоҳӣ тирози нақши домони гадост.
Фурсати шодии аҳди ғам ду рӯзе беш нест,
Гул агар дар хандаву булбул ба гулшан дар навост.
Бигзар, эй Фарҳод, аз савдои Ширин баъд аз ин,
Ҳар чӣ сомон кардаӣ з-ин кӯҳ, тамҳиди садост.
Ақл мебошад ғубори дидаи Маҷнуни мо,
Хоки саҳрои ҷунун дар чашми ошиқ тӯтиёст.
Эй ки мехоҳӣ қадам дар водии ишқаш задан,
Ҷуз далели шавқ сӯяш дигаре кай раҳнамост?!
Бар дилам ҳар лаҳза акси оразаш гул мекунад,
Ҷавҳари ойинаро болидан аз ҷӯши сафост.
Мавсими ид аст, неҳ бар машҳади мо як қадам,
Бар кафи пои ту хунам кай кам аз ранги ҳиност?!
Бошад аз майхонаи имкон ба ҳар кас машрабе,
Хизр мамнуну Сикандар дар пайи оби бақост.
Ҳеч кас, Туғрал, набошад такягоҳи ҳеч кас,
Он ки дар афтодагӣ дасти туро гирад, Худост!

* * *

Шӯри дарёи муҳаббат мавҷе аз оби ман аст
Барқи шамшери ҳаводис ламъаи тоби ман аст.
Пардадори сози конуни баму зери ғамам,
Нағмаи «Ушшоқ» аз оҳанги мизроби ман аст.
Нест ҷуз таъбири ҳайронӣ маро фоли дигар,
Фарши махмал саргузашти қиссаи хоби ман аст.
Мезанад меҳри дилам гар бахя дар ҷайби саҳар,
Чоки домони катон лекин зи маҳтоби ман аст.
Хондаам дарси адабро пеши устоди ҷунун,
Қадди моҳи нав дуто аз вазъи одоби ман аст.
Ҷӯши тӯфони сиришкам дорад оҳанги дигар,
Хоки саҳрои ҷунун тамҳиди селоби ман аст.
Тоқати як олам аз абрӯи ёрам тоқ шуд,
Саҷдагоҳи сад ҷабин аз шавқи меҳроби ман аст.
Эй хушо аз мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Базми гардун субҳхез аз лаъли сероби ман аст».

* * *

Тире, ки аз камони нигоҳи ту ҷастааст,
Чун новаки фироқ дили мо шикастааст.
Сайёди тирафкану оҳуст чашми ту,
Ин турфа оҳуе, ки ба мардум нишастааст.
Кас нест дар ҷаҳон, ки набошад асири ту,
Як дил зи банди ҳалқаи зулфат нарастааст.
То кардаем ёди камони ду абруят,
Пайкони ғам ба синаи мо даста-даста аст.
Холест бар лаби ту ва ё зоғ дар чаман,
Ё ҳиндуе, ки бар лаби Кавсар нишастааст?
Дар маҳфиле, ки сози баму зери васли туст,
Савти «Фироқ» нохуни мутриб шикастааст.
Мадди нигаҳ ба сояи мижгони интизор
Чун анкабут хонаам аз мӯй бастааст.

Набвад саводи хатти изораш бароти мо,
Дуду ғубори оташи дилҳои хаста аст.
Туғрал, ғуломи мисраи зебои Бедилам:
«Осудагӣ зи кишвари мо бор бастааст».

* * *

Баски берангӣ дар ин гулшан далели ранги ӯст,
Арзи ҷавҳар сайқали ойинаро аз занги ӯст.
Мезанад ҳар лаҳза дам аз мавҷи тӯфони бақо,
Шӯхии хуни шаҳидон аз ҳинои чанги ӯст.
То нагардад суда аз рафтор пои тавсанаш,
Ҳалқаи чашмам кунун наъли суми шабранги ӯст.
Нестам осуда ҳеч аз сангборони рақиб,
Бар сарам санге, ки меояд, ҳама аз санги ӯст!
Нест андар боғи имкон чун гули рӯяш гуле,
Ҳусни Юсуфро ба ӯ нисбат мадеҳ, к-ин нанги ӯст!
Мори гесӯ сар ба сар печида бо сарви қадаш,
Ин фусун як шуълае аз шеваи найранги ӯст.
Гарчи аз ҳичрони ӯ аз дида боридам гуҳар,
Гавҳари ашкам ҳама перояи авранги ӯст.
Муҳри меҳнат зад қазо бар маҳзари девони мо,
Пеши султони муҳаббат сулҳи мо аз ҷанги ӯст.
Нест як дил дар ҷаҳон бе сози қонуни ғамаш,
Нағмаи зеру бами «Ушшоқ» аз оҳанги ӯст.
Эй хушо, Туғрал, ки Бедил месарояд мисрае:
«Хок кун бар фарқи он созе, ки бе оҳанги ӯст!»

* * *

Бода риндонро шароби кавсарист,
Гардани мино дар оғӯши парист.
Аз румузи мушкилоти зулфи ӯ
Гар гузаштӣ бетааммул, сарсарист!
Инқилоби ранги фитрат кор нест,
Модагиҳои заған ҳам аз нарист!

Ҷавҳарат ойинасон гул мекунад,
Хушкии савдоят аз ҷӯши тарист.
Оҳи булбул мезанад оташ ба боғ,
Дар бараш гар ҷомаи хокистарист.
Сангдилро нест раҳ дар базми мо,
Душмани ин шишаву мино парист.
Раҳбари нол аз заифӣ нола шуд,
Маҳрами қонуни соз аз лоғарист.
Тарҳи улфат дода рухсораш ба ҳам,
Обу оташро агарчи доварист.
Ҳамчу зулфаш нест устоди дигар,
Баски шогирдаш сипеҳри чанбарист!
Наргисаш ғоратгари ислому дин,
Сунбулаш зуннори машқи кофарист,
Дар фироқ аз толеи бахти бадам,
Гарчи фолам қуръаи некахтарист.
Чашми ҷодуи ту дар машқи фусун
Сархати афсуну сеҳри Сомирист.
Чор сӯят панҷнавбатзан пур аст,
Гар ба савдои ту шашшум муштарист.
Ҳаббазо, Туғрал, ки Бедил гуфтааст:
«Худнамоиҳо касофатҷавҳарист!»

* * *

Қомати дилҷӯи ӯ сарви гулистони кист?
Орази тобони ӯ шамъи шабистони кист?
Гар набувад тири ӯ сӯи манаш дам ба дам,
Бар дили маҷрӯҳи ман новаки пайкони кист?
Боди сабо мебарад қофила бар қофила
Силсилаи мушкро, зулфи парешони кист?
Ханда ба гул мезанад вақти тамошо ба боғ,
Ғунчаи лаъли лабаш аз чаманистони кист?
Дӯш ба хоки дараш нола задам ҳамчу най,
Ҳеч нагуфт он санам як қалам афғони кист?

Гар на ба дашти ҷунун роҳнаварди туам,
Ин ҳама дар пои ман хори муғелони кист?
Пир шудам аз ғамаш, хатти баротам надод,
Сабзаи Хизри лабаш аз хати райҳони кист?
Рашк барад аз ҳасад тӯтии Ҳиндустон:
Туғрали ширинсухан аз шакаристони кист?

* * *

Ҳеч дар мулки ҷаҳон чун ӯ парирухсор нест,
Аҳриманро беҳтар аз гесӯи ӯ зуннор нест.
Ҳар замон чун шамъ андар хонаи дил бинамаш,
Садди роҳи он парӣ ҳаргиз дару девор нест.
Арзи ҳоҷотат ҳиҷоби акси матлаб мешавад,
Ҷуз нафас ойинаи дилро дигар зангор нест.
Кист бошад дар шаби ҳиҷрон анису ҳамдамаш?
Ҷуз хаёли Лайлӣ дар Маҷнун дигар ғамхор нест.
Дар биёбони ғамаш аз сар қадам бояд туро,
Ин раҳи ишқ аст, чун роҳи дигар ҳамвор нест.
Эй сабо, оҳистатар бигзар ба ойини адаб,
Дар ҳарими ҳурмати ӯ ҳеч касро бор нест.
Мекунӣ, Туғрал, кунун парвоз дар авҷи сухан,
Ҳеч кас имрӯз монанди ту дар ашъор нест!

* * *

Дар тариқи ишқ касро раҳбаре даркор нест,
Хонаи ойинаро бому даре даркор нест.
Мекашад қуллоби ҷазби ишқ сӯят дам ба дам,
Бисмили шавқи туам, болу паре даркор нест.
Кай бувад шероза дар ҷузви китоби ошиқон,
Дар саводи сафҳаи дил мистаре даркор нест.
Фарши таслими суҷуди хонақоҳи ишратам,
Хутбаи мино гар ин аст, минбаре даркор нест.
Дар тилисми унсури ин чорсӯи эътибор
Ҳеч дар савдои ғам симу заре даркор нест.

Кӯҳро ҳаргиз гаронӣ аз садо монеъ нашуд,
Ин бувад тамкин агар, гӯши каре даркор нест.
Паҳлуи ушшоқ бошад гарми савдои ҷунун,
Фарши Маҷнун аст ҳомун бистаре даркор нест.
Метавон рафтан ба ҳиммат аз замин дар осмон,
Бори Исо гар ҳамин бошад, харе даркор нест.
Ваҳ, чӣ хуш гуфтаст, Туғрал, Бедили баҳри сухан:
«Дарди дилро бандаам, дарди саре даркор нест!»

* * *

Баски дар қасри ҷаҳон ободӣ аз меъмор нест,
Ҷуз фано дар хонаи ҳастӣ дигар девор нест.
Оламе саргарми савдои хаёли оламанд,
Ҳеч кас аз хоби ғафлат як даме бедор нест.
Беш аз ин дар боғу дар гулшан манол, эй андалеб,
Риштаи дилбастагӣ дар ранги ин гулзор нест.
Ваҳ, чӣ нақди косидем имрӯз дар дуккони даҳр,
Ҷинси моро ҳеч гоҳе гармии бозор нест.
Орзуи меҳри атлас дар дили мо кай бувад?
Фарши мо афтодагон ҷуз сояи девор нест.
Нақди дуккони хамӯшон марҳами захми дил аст,
Дар шикасти мӯи чинӣ мӯмиё даркор нест.
Пардаи мизроби ғам дорад баму зери дигар,
Нолаи ушшоқ дар оҳанги мусиқор нест.
Ҳалқаи зулфаш бувад сармашқи чавгони фусун,
Марказе дорад дили мо, ҳоҷати паргор нест.
Заҳри ғам бошад ба комам, Туғрал, аз гесӯи ӯ,
Ҳайрате дорам, ки ҳаргиз муҳра дар ин мор нест!

* * *

Сарви нозаш ҳар тараф бо қомати дилҷӯ гузашт,
Шӯру ғавғои ҷаҳон аз гунбади минӯ гузашт.
Дар чаман сунбул зи хиҷлат сар ба пеш афканда буд,
Ҷониби гулшан магар бӯе аз он гесӯ гузашт?

Дар камингоҳи тағофул чашми ӯ раҳ мезанад,
Маҳмили нозаш агар аз гӯшаи абрӯ гузашт.
Дуди оҳи ошиқон фаввора бар гардун занад,
Гар саманди нози ӯ бо ҷилва аз ҳар сӯ гузашт.
Ҳар сари мӯ бар танам монанди ханҷар мешавад.
Гар сари мӯе диламро ҷуз сари он мӯ гузашт.
Офтоби ҳусн пиндорӣ, ки омад дар кусуф,
То саводи печутоби турраш аз рӯ гузашт.
То шудам, Туғрал, зи тири ишқи ӯ ваҳшаткамин,
Ваҳшатам андар биёбон аз раҳи оҳу гузашт.

* * *

Шаб, ки дар дил акси хуршеди рухи ӯ ҷо гирифт,
Зулмати ҳар зарраам боҷ аз яди байзо гирифт.
Сарфарозонро ба олам ҷуз тавозуъ чора нест,
Дарси таълими адаб мебояд аз мино гирифт.
Дар тариқи ишқ аз саъйи талаб ғофил мабош,
Мавҷ бо ин ҷаҳд охир домани дарё гирифт.
Куфру имон ҳар ду яксон аст андар чашми ман,
Аз майи ӯ бар сарам ин нашъа то боло гирифт.
Сӯзани марҳам агар борик аз фикри ман аст,
Хори роҳи ишқро кай метавон аз по гирифт?
Дар дабистони ҷунун будам ба Маҷнун ҳамсабақ,
Ман муқими шаҳр гаштам, ӯ раҳи саҳро гирифт.
Раҳм н-омад бо ту ҳеч аз нолаҳои зори ман,
Аз дилат таълими сахтӣ шишаи хоро гирифт.
Пурсиши бемор бояд кард, гар худ душман аст,
Ҳеч нашнидӣ, Сикандар чун сари Доро гирифт?!
То шудам рамзошнои нуктаҳои бенишон,
Сайди маънӣ Туғралам аз панҷаи анқо гирифт.

* * *

Омаду дар пеши ман аз ноз ҷавлон карду рафт,
Хотирамро ҳамчу зулфи худ парешон карду рафт.

Баски селоби сиришкам омад аз ҷӯши ғамаш,
Қасри бунёди диламро сахт вайрон карду рафт.
Дӯш дидам дар чаман аз ноз ӯро ҷилвагар,
Дасти мо андар гиребон, гул ба домон карду рафт.
Будам имон гарчи дар пайғамбари ҳуснаш, вале
Куфри зулфаш омаду тороҷи имон карду рафт.
Дишаб аз лаъли Бадахшон шуд ҳикоят, лаъли ӯ
Хандае аз нописандӣ дар Бадахшон карду рафт.
Бурқаъ аз рӯ барфиканду чеҳраи худро намуд,
Тоқату сабру қарорам бурду сомон карду рафт.
Кард бо ними нигаҳ ҷони маро аз тан бурун,
Мушкили сахти маро бисёр осон карду рафт.
То ба арзи ҷилва омад дар чаман рӯи гулаш,
Булбули шӯридаро дар боғ нолон карду рафт.
Эй хушо, Туғрал, ки Бедил месарояд мисрае:
«Хонаи дил дар сари раҳ буд, вайрон карду рафт».

* * *

Сарви ман, боз о, ки то сарви хиромон бинамат,
Ҳар тараф ҷавлон намо, то масти ҷавлон бинамат.
Шуд дилам парвона андар оташи шамъи рухат,
К-аз фурӯғи чеҳра бар он рӯ чароғон бинамат.
Хок шуд дар роҳи ишқат ҳамчу ман бисёр кас,
Аз ғубори ошиқон гарде ба домон бинамат.
Нест ҷуз хоки дарат дорушшифои хастагон,
Марҳаме дар илтиёми захми ҳичрон бинамат.
Дӯш дидам бо ҳазорон ҷилва чун товуси боғ,
Ҳамчу гул имрӯз бо тарфи гулистон бинамат.
Мезанад меҳри рух аз субҳи буногӯши ту дам,
Осмони ҳуснро хуршеди тобон бинамат.
Кай кунад фикри Фалотун имтиёзи набзи мо,
Дарди бедармони ғамро сахтдармон бинамат.
Эй хуш он мисраъ, ки, Туғрал, месарояд Бедиле:
«То абад, ё Раб, асои нотавонон бинамат!»

* * *

Парешон ҷаъди сунбул аз сари зулфи сумансоят,
Кушода ғунча аз хандидани лаъли шакархоят.
Бувад наззора чун ойина лаззатгири дидорат,
Саропо дидаи наргис бувад маҳви тамошоят.
Баҳористони гулзори ҷамолат оламе дорад,
Саре ку, то бувад холӣ зи савдои таманноят?
Равӣ дур аз барам, ҷон аз танам ояд бурун он дам,
Биё, то ҷон дамад дар тан зи тарзи омаданҳоят.
Ба роҳат з-интизорӣ дидаи мо шуд сафед ин ҷо,
Бибахшо тӯтиёи дида аз хоки кафи поят.
Зи ҳасрат мурдам, эй бадхӯ, нишинӣ чанд бо танҳо?
Бувад оё ки ман бинам туро холӣ зи танҳоят?
Ба дил меҳри ту дорад Туғрал аз ағёр пинҳонӣ,
Биё сӯям алифосо, миёни ҷон диҳам ҷоят!

* * *

Меканам ҷон дар ғами ӯ, кандани ҷонам абас,
Дар вафояш аҳд кардам, аҳду паймонам абас!
Нолаам бишниду таъсире ба гӯши ӯ накард,
Аз фироқаш гиряву фарёду афғонам абас.
Донаи ашкам нашуд сарсабз дар боғи умед,
Дар раҳаш шуд қатраҳои чашми гирёнам абас.
Нест аз ишқаш маро сармоя ҷуз сомони ғам,
Лек дар ҳичрони ӯ тамҳиди сомонам абас!
Чун сагон нон додамаш, то роми ман гардад рақиб,
Ҳасрато, бо ин саги девона шуд нонам абас!
Дар маризи ишқ бедармонӣ дармон мешавад,
Ҳеч дармоне ба дардам нест, дармонам абас!
Мақсадам з-ин нусха, Туғрал, он ки монад номи ман,
Гар намонад номи ман ин нақши девонам абас!

* * *

Гар ба ин шӯхӣ бувад ойинаи дарёи мавҷ,
Лағзиши наззора моҳӣ метавон шуд ҷои мавҷ.
Ҳалқаи найранги авҳомат хаёле беш нест,
Аз шикасти ранг занҷире бувад дар пои мавҷ.
Ҳар матое дорад аз амвоҷ қадри зътибор,
Ҳеч касро нест ин ҷо рутбаи волои мавҷ!
Синасофонро мулоимтинатӣ бошад накӯ,
Мӯҷиби равнақ бувад, равған ниҳӣ болои мавҷ.
Эй ки меронӣ ту киштӣ ҳар тараф, ғофил мабош,
Ҳаббазо, аз хомушӣ, ҳайҳот аз ғавғои мавҷ!
Роҳи роҳат зан, ки дар майхонаи баҳри вуҷуд
Бошад аз абри каромат бодаи минои мавҷ.
Туғрало, дорӣ талаб матлубро, ҳушёр бош,
Кай бувад манзури ғофил чеҳраи зебои мавҷ?!

* * *

То тавонӣ, гир дар набзи адаб тӯмори мавҷ,
Рӯзу шаб мебош ҳамчун баҳр андар кори мавҷ.
Ашки ҳасратро ба дуккони надомат арза деҳ,
Муштарӣ хоҳӣ ба ҷинси хеш дар бозори мавҷ.
Яъсро роҳе набошад дар ҳарими ин ҳарам,
Кай бувад маҳрум ин ҷо як кас аз анвори мавҷ?
Киштии уммед меронӣ, қадам аз дида кун,
Нохудо ғофил набошад ҳеч аз рафтори мавҷ.
Ҳар шиноварро наёяд гавҳари қимат ба каф,
Марказе бошад насиби ҳар кас аз паргори мавҷ.
Ғӯта дар баҳри хиҷолат зан чу шабнам он қадар,
К-аз арақ зоҳир шавад бар чеҳраат осори мавҷ.
Нолаву афғони худро муҳлати фардо мадеҳ,
Метавон булбул шудан имрӯз дар гулзори мавҷ.
Мар туро фарз аст ин ҷо улфати ин боғбон,
Меваи раҳмат агар хоҳӣ ту аз ашҷори мавҷ.

Чок зан ҷайби қабои сина чун ҷайби саҳар,
Раҳ тавон бурдан магар аз рахнаи девори мавҷ?!
Туғрал, ар хоҳӣ, нишин дар соҳили баҳри адаб,
То расад дар гӯши ту овози мусиқори мавҷ.

* * *

Ҳар кас, ки бошад ҳамхонаи субҳ,
Чун меҳр гардад парвонаи субҳ.
Дорад зи мастӣ чун баҳри амвоҷ
Андар даҳан каф девонаи субҳ.
Дар охири шаб, зинҳор, гӯед
Бо гӯши хуршед афсонаи субҳ;
Машшотаро гӯ, созад мутарро
Гесӯи шабро аз шонаи субҳ.
Фарз аст бо мо ноошноӣ,
Ҳар кас, ки бошад бегонаи субҳ.
Дар базми имкон бе саъю кӯшиш
Восил нагардад ҷононаи субҳ.
Ғофил мабошед, ёрон, ки дорад
Ганҷи фаровон вайронаи субҳ!
Сад хӯша хирман ҳосил тавон дод
Дар мазраи дил аз донаи субҳ.
Дар сина ҷо кун, ҳар гаҳ ки гӯяд
Дарси адабро фарзонаи субҳ.
Наззора мекун монанди Туғрал
Аз равзани дил кошонаи субҳ!

* * *

Гарчи дар майхона бар лаб хандаҳо дорад қадаҳ,
Чашми ибрат сӯи ин базми фано дорад қадаҳ.
Дар ҷаҳон сад шӯр аз як ҷоми тақсими азал,
Ҳеч медонӣ, ки андар дил чиҳо дорад қадаҳ?
Дар сулуки ишқ андар ишратободи ҷаҳон
Кай ба ҷуз пири суроҳӣ муқтадо дорад қадаҳ?!

Баски сар то пои дунё домгоҳи офат аст,
Бар шикасти ранги ишрат мӯмиё дорад қадаҳ.
Чун хумори бода ҳар дам дар гаҳи афтодагӣ
Аз хаёли қомати мино асо дорад қадаҳ.
Дам ба дам дасти дуо бикшода дар базми адаб,
Як тавозуъ аз суроҳӣ илтиҷо дорад қадаҳ.
Пеши минои тараб бо сози қул-қул ҳар нафас
Аз забони бода арзи муддао дорад қадаҳ.
Рӯзу шаб, Туғрал, мисоли чанг бо қадди нагун
Аз барои духтари раз нолаҳо дорад қадаҳ.

* * *

Боз аз ранги ҳино шуд панҷаи дилдор сурх,
Ранги домони шафақ омад кунун пайкор сурх.
Оламе дорад хаёли захми теғи абруяш,
Кош аз хунам бувад он теғи ҷавҳардор сурх!
Ҳар куҷо гар нағмаи зеру бами лаълаш бувад,
Нохуни мутриб шавад аз пардаи он тор сурх.
Сӯи мо дорад хиром он рашки гулзори Ирам,
Гулшани моро бувад имрӯз баргу бор сурх.
Сабзаи лаълаш бувад акнун бароти зиндагӣ,
Оҳ, аз он рӯзе, ки пӯшад он парирухсор сурх!
Эй ки дорӣ орзуи машҳади ушшоқи ӯ,
Метавон кардан гулӯи хешро ночор сурх.
Мо, шаҳидонро бувад ин хирқаи хунин алам,
Зоҳидонро гарчи бошад аз таассуб ор сурх.
Гар набошад имтиёзи даъвии ботил зи Ҳақ,
Кай шавад аз хуни сад Ҳаллоҷ чӯби дор сурх?!
Он қадар аз дида бо ёди рухаш хун рехтам,
Чеҳраам гардида аз ашки надоматбор сурх.
Эй хуш он мисраъ, ки, Туғрал, месарояд Бедиле:
«Ҷомаат з-ин хум намеояд бурун ҳар бор сурх!»

* * *

Эй он, ки дорӣ як хирмани рух,
Як бӯса кофист аз маъдани рух!
Килки нахустин кардаст таҳрир
Аз хатти райҳон бар домани рух.
Ҳамчун ғазолон чашмони шӯхаш,
Сунбул тавон чид аз гулшани рух.
Гар аспи мақсад кардӣ зи фарзин,
Раҳ кай тавон бурд дар маскани рух?
Фили дамонро бар хок орад,
Дар ҷилва ояд гар тавсани рух.
Хоҳӣ, ки гардад ҷавҳар намоён,
Сайқал тавон зад дар оҳани рух.
Ҳар гаҳ ки хоҳӣ зулмоти зулфаш,
Раҳ метавон бурд аз равшани рух.
Ганҷури ҳикмат кардаст пинҳон
Сад ҷавҳари ҷон дар махзани рух.
Гирад ҷаҳоне бо як шабехун,
Ғофил мабошед аз рафтани рух!
Назди хаёлат имрӯз Туғрал
Шатранҷ бозад аз дидани рух.

* * *

То хаёли абруяш кардам, сарам омад ба ёд,
Ёди мижгонаш намудам, ханҷарам омад ба ёд.
Кӯҳро дидам, зи тамкин пой дар доман кашид,
Ибрате мехостам, гӯши карам омад ба ёд.
То сабо машшота зад гесӯи сунбулро ба боғ,
З-он шамими гесуи чун анбарам омад ба ёд.
Муштарӣ набвад ба нақди ҷинс шабҳои ғамам,
Оқибат савдои рӯзи маҳшарам омад ба ёд.
То бидидам ҳалқаҳои зулфи лайлиталъатон,
Ҳамчу Маҷнун достони чанбарам омад ба ёд.

Мешунидам аз ҳадиси лаъли ҷонбахшаш сухан,
Муъҷизоти Исии пайғамбарам омад ба ёд.
Қути шабҳои фироқам гашт ёқути лабаш,
Доштам фикри дили ӯ, мармарам омад ба ёд.
Дӯш мекардам тамошои найистони адаб,
Нолро дар нола дидам, пайкарам омад ба ёд.
Ваҳ, чӣ хуш гуфта-ст, Туғрал, Бедили баҳри сухан:
«Алвидоъ, эй ҳамнишинон, дилбарам омад ба ёд!

* * *

Агар шамъи далели улфати мо раҳнамо гардад,
Пари парвонаро хосияти боли ҳумо гардад.
Гар ин бошад сулуки сархати меҳроби абрӯяш,
Қади моҳи нав аз баҳри суҷуди ӯ дуто гардад.
Ба ғайр аз нола кай бошад варои ноқаи ҳушам,
Шикасти ранги ман гар маҳмили роҳи садо гардад!
Агарчи рафт чун ранги ҳино домонаш аз дастам,
Бад-ин шодам, ки пояшро сиришки ман ҳино гардад.
Ду олам дастбӯси фарши таслими хиромаш кун,
Агар девонаи моро ҷунун занҷири по гардад.
Ба ёди гардиши чашмаш дили пуризтироби ман
Мисоли донае бошад, ба коми осиё гардад.
Агар ин аст бо бегонаву дур ошноиҳо,
Ҳаметарсам, ки бо ман оқибат ноошно гардад.
Ба Маҷнун ҳамсабақ будем дар одоби маҷнунӣ,
Ба ойини муҳаббат кас ҳарифи мо чаро гардад?!
Муҳаббат гар ҳавас дорӣ, зи сурхӣ майли зардӣ кун,
Ки гар дар мис расад иксир, бешак, кимиё гардад.
Хаданги фикри кас ҳаргиз наёяд бар нишони мо,
Пари тири камони ӯ агар боли расо гардад.
Хушо, Туғрал, аз ин як мисраи баҳри сухан Бедил:
«Агар савдои сар дорад, бигӯ, бар гирди мо гардад».

* * *

Агар ойина бар рӯи ту арзи муддао дорад,
Зи дасти суратат занҷири ҳайронӣ ба по дорад.
Асои қомати пирист ёди сарви озодат,
Чу ман ҳар кас ба ёди абруят қадди дуто дорад.
Раҳи ишқ аст, аз дил даст мебояд туро шустан,
Ки ёди сӯзани мижгони ӯ хоре ба по дорад.
Набошад лангаре ғайр аз таваккул киштии ӯро,
Ки дар мавҷи талотум ҷуз Худо кай нохудо дорад?
Тасаллӣ бахш аз зулфаш мусалсал хотири худро,
Ки охир даври гардун аз ҳаводис корҳо дорад!
Агарчи шеваи хӯи вай омад мардумозорӣ,
Ба мардум чашми ӯ хосияти мардумгиё дорад.
Надорад хотирам майли дурустӣ як сари мӯе,
Ки чун зулфаш дили мо аз шикастан мӯмиё дорад.
Агар зоҳид чу ман шабҳо ба ҳичронат ба рӯз орад,
Ба таҳқиқаш намо равшан, ки тақлиди зиё дорад.
Ҳазорон офарин, Туғрал, ба ин як мисраи Бедил:
«Иҷобат инфиол аз шӯхии дасти дуо дорад!»

* * *

Ғубори сурма то дар хонаи чашмаш ватан дорад,
Сиёҳӣ парда аз сози тағофул дар бадан дорад.
Насими турраи пурпечутоби анбаросояш
Ба дасти қосиди боди сабо мушки Хутан дорад.
Ҳазорон боғи гулшан дар ғубори мақдамаш надҳам,
Ки нақши хоки пояш обуранги сад чаман дорад.
Даҳони ғунчааш чун ҳуққаи сарбаста мебинам,
Ки ҳангоми такаллум лаъли ӯ дурри Адан дорад.
Ба тахти ҳусну тоҷи дилбарӣ султони хубон аст,
Ба яғмои дили ман лашкари нозу фитан дорад.
Зи сеҳри наргиси ҷодуи ӯ бояд ҳазар кардан,
Чунон Ҳорут сад афтода дар чоҳи зақан дорад!

Хушам аз накҳати зулфи каҷи шабранги пурчинаш,
Димоғам кай ҳавои савсану майли суман дорад?
Маро фарёду афғон кай расад дар гӯши ӯ, Туғрал,
Ки дар ҳар сӯ ҳазорон додхоҳе ҳамчу ман дорад?!

* * *

То килки сунъи чашми ту сармашқи ноз кард,
Ҳамчун тазарв нози ту дар чашми боз кард.
Омад силоҳи ғамзаат аз баҳри ҳуши ман,
Кард ончунон ба ман, ки ба Маҳмуд Аёз кард.
Шаҳди лабат, ки бод табарзад ғуломи ӯ,
Нархи наботи Миср ба нархи пиёз кард!
Қадди баланди сарви ту қумрӣ ба боғ дид,
Ку-ку заду ба пеши ту арзи ниёз кард.
Лаъл аз Бадахш хезаду гавҳар зи лаъли ту,
Донад, ҳар он ки лаълу гуҳар имтиёз кард.
Ёбад наво зи пардаи «Ушшоқ», ҳар кӣ ӯ
Зеру бами таронаи ишқи ту соз кард.
Ҷайби қабо чу шона даридам зи кӯтаҳӣ,
Дасти қазо, ки домани зулфат дароз кард.
Ин тифли ашки рози ниҳони даруни ман
Омад ба назди мардуму ифшои роз кард.
Нӯшад зи Салсабилу равад оқибат биҳишт,
Ҳар кас ба тоқи абруи ту як намоз кард.
Саррофи ишқ нақди дили Туғрали маро
Рӯзи азал ба бӯтаи меҳнат гудоз кард.

* * *

Оташи ишқи кӣ хокам туҳфа бар бод оварад?
Нанги ҳастӣ обрӯи нестӣ ёд оварад.
Хома мелағзад зи дасташ аз камоли лоғарӣ,
Сурати мо бар қалам ҳар гаҳ ки Беҳзод оварад.
Ҳалқа кун доми умед аз ҳалқаи гесуи ӯ,
То қазо нахчири мо дар доми сайёд оварад.

Сархати моро сафедӣ нест, ин бахти сияҳ
Шодкомиро куҷо дар табъи ношод оварад?!
Ғайри зулфаш додрас набвад, ки дар пояш фитад,
Мардуми чашмаш агар ойини бедод оварад.
Сабза набвад бар лабаш, андар камоли ошиқон
Муршиди Тури муҳаббат хатти иршод оварад!
Медиҳад аз пардаи «Ушшоқ» оҳанги наво,
Ҳар куҷо сози худ он шӯхи паризод оварад.
Як чаман сунбул ба дӯш афканда шамшоди қадаш,
Аз барои пойбанди сарви озод оварад.
Мешавад огаҳ сари мӯе зи рамзи зулфи ӯ,
Хешро ҳар кас ба зери нахли шамшод оварад.
Бонии чашми туро нозам, ки дар таъмири дил
Нусхае андар бағал бе тарҳи устод оварад!
Кай барад шаҳди висол аз талхии ҳаҷраш гарав,
Гар касе афсонаи Ширин ба Фарҳод оварад.
Нестам ғамгин, агар имрӯз саррофи сухан
Беҳтар аз ман дар арӯси маънӣ домод оварад.
Офарин, Туғрал, бар ин мисраъ, ки Бедил гуфтааст:
«Қайди худдорӣ ҷунун бар табъи озод оварад».

* * *

Шаҳобосо нигоҳам аз сипеҳри дида метозад,
Тамошо дар бисоти оразаш шатранҷ мебозад.
Ало шоҳе, ки фарзинваш рақиби каҷ ба ӯ ҳамдам,
Маро ӯ бегунаҳ аз ростӣ рухмот месозад.
Ҳамин бори ғамаш умрест ҳамчун фил бар дӯшам,
Ба сӯи ӯ бувад оё, ки аспи бахти ман тозад?!
Мапурс ойини чашми соҳири он шӯхи золимро,
Ки тори як нигоҳаш оламе дар хок андозад.
Ями ҳар қатраи ашкам агар тӯфоннамо гардад,
Вагар Нӯҳ аст, аз бими сиришкам киштӣ оғозад!
Равад то домани хуршед дуди оҳи ушшоқон,
Фалакро тундари барқам аҷаб набвад, ки бигдозад!

Зи юмни мақдами он шаҳсавори кишвари хубӣ
Бисоти саҳни ғабро то абад бо хештан нозад.
Аз ин Машриқ тулӯъ орад шаҳи авранги маҳбубӣ,
Дами андешаат, Туғрал, агар чун субҳ хамёзад.

* * *

Зулфи мушкин то ба даври моҳи рӯяш ҳола зад,
Шӯри тӯфон аз навоям дар найистон нола зад.
Зоҳид, аз баҳри Худо, сӯзи даруни мо мапурс,
К-аз ҳадиси оташи ишқаш лабам табхола зад.
Тухми уммеде, ки андар мазраи меҳру вафо
Кишта будам, аз саҳоби ноумедӣ жола зад.
Ҳар кӣ бар рухсори ӯ холи сиёҳаш дид, гуфт:
Ҳиндуи оташпарасте хайма дар Бангола зад.
Оламе меҳнат ба ранге аз ҷамолаш мекашад,
Чок шуд пероҳани гул, доғ бар дил лола зад.
Месазад дар мулки хубӣ гардад ӯ фармонраво,
Баски дар авҷи малоҳат ахтараш дунбола зад.
Гардиши даври фалак, Туғрал, зи тақдири азал
Қуръаи номи маро з-андӯҳи чандинсола зад.

* * *

Маро аз оламу одам ғами ишқи ту бас бошад,
Ба пеши оташи ишқат дилам монанди хас бошад.
Аз он рӯзе, ки афтодам ба доми чун ту сайёде,
Аз он рӯ пераҳан дар тан маро ҳамчун қафас бошад.
Яке боз о ба сӯи ман, ки аз бетоқатӣ то кай
Фиғону нолаву фарёдам аз дил чун ҷарас бошад?!
Нигаҳро рухсати наззора фармо дар шаби зулфаш,
Куҷо ушшоқро андешаи тарси асас бошад?!
Набуррам аз ту пайванди муҳаббатро ба сад меҳнат,
Агарчи фурсати умрам ба олам як нафас бошад!
Нигоҳи чашми саффокаш ба сӯи ошиқон ҳар дам
Бад-он монад, ки турки Рум бар рӯи фарас бошад.

Ба як парвоз сайди сад маонӣ мекунад Туғрал,
Ба пеши чангули ӯ сайди анқо чун магас бошад.

* * *

Маро ишқи ту то сармояи дунёву дин бошад,
Аз он аз дину дунё ҳосили умрам ҳамин бошад.
Зи доғи фурқатат нолам, вале чун най наменолам,
Ки ин андӯҳу меҳнат бо ман аз хатти ҷабин бошад.
Хами абрӯш маҳмил баста аз бори ишоратҳо,
Вале тарсам, ки чашми шӯхи ӯ андар камин бошад.
Бувад бо меҳри рӯи ӯ расиданҳои ман мушкил,
Ки ҳамчун соя бахти тираам фарши замин бошад.
Намудам пеши устоди муҳаббат хатми ишқи ӯ,
Аз он бо хотами ман номи ӯ нақши нигин бошад.
Зи ганҷури азал омад калиди ганҷи ғам бо ман,
Ба ғайр аз ман куҷо дар махзани меҳнат амин бошад?!
Кунун дар боғ ҷои сабзаву гул нозбӯ рӯяд,
Ба ҳар ҷое, ки нақши пои он нозофарин бошад.
Хушам бо ҳасрати дарду ғами ҳиҷрони ӯ, Туғрал,
Ба комам заҳри ҳаҷраш хуштар аз сад ангубин бошад.

* * *

Ҳар киро дил маҳви он ойинаи рухсор шуд,
Ҷилваи ойинаи ӯ шӯхии дидор шуд.
Чашми масташ карда ҳар дам тоза кеши кофарӣ,
Аҳриманро зулфи ӯ то ҳалқаи зуннор шуд.
Ҳамчу мавҷ аз бод меларзам зи чини абруяш,
Раҳм набвад муҳраи теғе, ки ноҳамвор шуд.
Нест савдоии кавкаб ҷуз ризои муштарӣ,
То матоъи ҳусни ӯро гармии бозор шуд.
То задам дар боргоҳи сина шодурвони ғам,
Хаймаамро ёди мижгонаш чӣ хуш мисмор шуд!
Аз хаёли наргиси ӯ мезадам фоли тараб,
Нуқтаи дил маркази ин ҳалқаи паргор шуд.

Он қадар нолидам аз ҳичрони ӯ шаб то саҳар,
Ҳар буни мӯ бар танам дар нола мусиқор шуд.
Нест аз ҷоми висоли ӯ ба зоҳид баҳрае,
Шумии бахти бадаш найранги истиғфор шуд.
Ҷавҳари арзи дили ушшоқ аз меҳнат барист,
Аз сафо ойина умре пуштбардевор шуд.
Ғайри ғафлат нест дар чашми таҳайюрмансабон,
Дидаи махмал кай аз хоби гарон бедор шуд?!
Шуд зи қатлам қасри бунёди муҳаббат вожгун,
Хуни ман охир ҳинои панҷаи меъмор шуд.
Дасти ҳуснаш гар гиребони чаман ҳар сӯ кашид,
Пои зулфаш лек нақши домани гулзор шуд.
Баски маъдумист чун анқо нишони он даҳан,
Аз вуҷудаш дам задам, субҳе табассумзор шуд.
Эй хушо, аз мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Об гардид интизору олами дидор шуд».

* * *

Аз табассум лаъли ӯ то нашъа аз мул мекашад,
Чеҳраи мино арақ аз шарми қул-қул мекашад.
Аз ҳаданги нози чашми шӯхи ӯ эмин мабош,
Наштари мижгони ӯ хун аз раги гул мекашад.
Умрҳо баҳри висол андар биёбони ғамаш
Корвони шавқи ман бори таваккул мекашад.
Аз фиреби донаи холи сиёҳаш кун ҳазар,
Мурғи дилро доми зулфаш бетаҳаммул мекашад.
Сози савту нағмае дорам, ки ҳар ҷо мутрибест,
Тори қонунам зи мадди оҳи булбул мекашад.
Нусхаи ошуфтаи ҷузви парешони ғамам,
Монию Беҳзод тасвирам зи сунбул мекашад.
Дар димоғи хушк бахти тираи вожуни ман
Равғани бодомро аз набзи кокул мекашад.
Наргиси сеҳрофаринаш баҳри таълими фусун
Беибо Ҳорутро аз чоҳи Бобул мекашад.

Нохуни бурҳони Туғрал чун ба даври зулфи ӯ
Хори татбиқ аз кафи пои тасалсул мекашад?!

* * *

Китоби оразашро то саводи хат намоён шуд,
Зи мазмуни бароташ мӯр меҳмони Сулаймон шуд.
Нигоҳи ҳайратангезаш бисот орост шӯхиро,
Рами чашми ғизолон аз хаданги нози мижгон шуд.
Тамошои баҳористони рухсораш чӣ сон созам,
Ки аз акси ҷамоли ӯ ҳазор ойина ҳайрон шуд?!
Сухан мерафт дар гулшан ҳамоно дӯш аз зулфаш,
Вагарна аз чӣ ин дам хотири сунбул парешон шуд?
Биё, эй бонии қасри дили ушшоқ, к-аз ҳаҷрат
Зи селоби сиришки ман бинои Каъба вайрон шуд!
Вафо, эй бевафо, ҳаргиз намесозӣ ба аҳди худ,
Фаромӯшат зи хотир гӯиё он аҳду паймон шуд?!
Зи гесуи ту то зуннор баста бар миён Туғрал,
Буто, раҳме ба ҳоли ӯ, ки дур аз нақди имон шуд!

* * *

Оҳ, аз даври фалак, як лаҳза бар комам нашуд,
Қуръаи фоли тараб як бор бар номам нашуд!
Дар ҳавои васли матлаб кардам аз ором рам,
Ҳеч амре мӯҷиби таскини оромам нашуд.
Сӯхтам дар оташи ҳасрат чу ҳинду борҳо,
Холи ҳиндуи бутон аз бахти бад ромам нашуд.
Гарчи нӯшидам басе паймонаҳои заҳри ғам,
Аз майи ишрат вале як ҷуръа дар ҷомам нашуд.
То ниҳодам дар паси сайди талаб доми умед,
Мурғи ин ваҳшатсаро дар ҳалқаи домам нашуд.
Хонабардӯши хаёлаш мунтазир шаб то саҳар,
Як тулӯи кавкаби бахт аз лаби бомам нашуд.
Туғралам дар дом шуд з-он ҳар ду бодоми тараш,
Як илоҷи хушкии савдо зи бодомам нашуд.

* * *

Моҳи ман имрӯз дар Мисри малоҳат шоҳ шуд,
Юсуф аз шарми ҷамоли ӯ ба зери чоҳ шуд.
Ҷоми май бе ёди лаъли ӯ насиби ман мабод,
Ҳамдами базмам агарчанде ки меҳру моҳ шуд.
Тори гесӯи камандаш гашт доми мурғи дил,
Донаи холи сиёҳаш то маро дилхоҳ шуд.
Кай амон ёбад зи тири новаки дилдӯзи ӯ
Синаи он кас, ки меҳнатсанҷи ин даргоҳ шуд.
Аз ҳилоли абруяш шарманда гардад моҳи нав,
В-аз сафои оразаш хуршед ранги коҳ шуд.
Боҷи хубиро зи хубони ҷаҳон гирад, равост,
Баски номи ӯ ба хубӣ дар ҳама афвоҳ шуд
Дар азал килки қазо тасвири рӯяш мекашид,
Булбули рӯҳи ман аз бӯи гулаш огоҳ шуд.
Ин муаммо ҳал кунад ҳар кас, бад-ӯ Туғрал ғулом,
Дар биёбони тавашшуҳ матлабам ҳамроҳ шуд.

* * *

То назокат з-он хироми қадди дилҷӯ мечакад,
Аз ҳаё сарв об гашта, бар лаби ҷӯ мечакад.
Рамзи зулфи ӯ ба саҳрои Хутан шуд ошкор,
Хуни ҳасрат то абад аз нофи оҳу мечакад.
Аз латофатҳои ҳусни обдори ӯ мапурс,
Мавҷи гавҳар аз ҳадиси васфи он рӯ мечакад.
Бисмилам карду ба хок андохт он золим, ҳанӯз
Қатраҳои хуни ман аз теғи абрӯ мечакад,
Булҳавас, бигзар зи савдои хаёли зулфи ӯ,
Сели тӯфони бало аз ҳар сари мӯ мечакад!
Эй дил, андар остони ӯ расӣ, ғофил мабош,
Рашҳаи андӯҳу ғам аз хоки он кӯ мечакад!
Аз раҳи мастӣ ҷаҳонеро, бибин, дар хок зад,
Хуни мардум дам ба дам з-он чашми ҷоду мечакад!

Дар ғазаб чини ҷабинаш дидаму гуфтам ба дил:
Шарбати сиркангубин аз шохи лимӯ мечакад.
Туғралам дар сайди маъниҳои рангини баланд,
Аз сафои шеъри ман то ҳашр луълу мечакад!

* * *

Хубрӯён шеваи ҳайрат шиорам кардаанд,
Ҳамчу нақши по ба худ ойинадорам кардаанд.
Чун қадаҳ оғӯши сад хамёзаи айши абад
Аз шикасту гардиши ранги хуморам кардаанд.
Бишкуфад гул аз гулистони хаёлам баъд аз ин,
Баски ранги сад чаман назри баҳорам кардаанд.
Кисватам шуд гарчи урёнӣ зи қонуни азал,
Дар баму зери муҳаббат пардадорам кардаанд.
Муждаи пайғоми васлаш дода аз боди сабо,
Чашми ҳайронро ба роҳаш интизорам кардаанд.
Гарчи навмедист аз вазъи бутон бо ман, вале
Аз нигоҳи вопасин уммедворам кардаанд.
Чун саҳар як кавкаби бахт аз дилам равшан нашуд,
Тирабахтиҳо чу шом аз зулфи ёрам кардаанд.
Сӯхтам дар оташи ҳичрону мурдам аз ғамаш,
Доғҳо чун лола бар лавҳи мазорам кардаанд.
Нагзарад бар хотирам фикри қиёмат баъд аз ин,
То шаби ҳачри туро рӯзи шуморам кардаанд.
Ҳамчу ман дигар набошад ҳеч домоди сухан,
То арӯси бикри маънӣ дар канорам кардаанд.
Мебарам ман дар сухан имрӯз гӯй аз ҳамдамон,
Дар саманди фикр чун маънисаворам кардаанд.
Туғрало, ачзи камоли ҳазрати Бедил нигар:
«Он қадар ҳечам, ки аз худ шармсорам карданд».

* * *

Шабнами арзи адаб аз чашми ҳайрон рехтанд,
Донаи уммедро чун меҳр яксон рехтанд.

Ҳар кӣ шуд ҳамчун садаф дар саъйи сомони амал,
Оқибат андар даҳонаш оби найсон рехтанд.
Аз вуҷуди хеш дорам гармии меҳри адам,
Шабнами моро чӣ сон дар боғи имкон рехтанд?
Махзани ганҷи қаноат баски беибром буд,
Обрӯи хеш охир ин гадоён рехтанд.
Баски дар боғи ҷаҳон улфатпарасти шабнамем,
Аз сиришки мо ба олам мавҷи тӯфон рехтанд.
Мазраи мо дархури ҷамъияти дилҳо набуд,
Донаи сунбул ба хоки мо парешон рехтанд.
Обрӯ хоҳӣ, нишин дар хилвати ҷайби адаб,
Оби гавҳарро ба доман аз гиребон рехтанд.
Чун сароб аз чашмааш як қатрае зоҳир нашуд,
Бар дили зоҳид магар об аз зимистон рехтанд?!
Гарчи дар мулки сухан ман Туғрали Аҳрориям,
Лек ҷоми қисматам аз хоки Тӯрон рехтанд.

* * *

Соғари айши абад гарчи ба дастам доданд,
Роҳи роҳат ҳама аз ҷоми аластам доданд.
Корвонони қазову қадар аз ҳушёрӣ
Чун ҳино баста маро бар кафи мастам доданд.
Ҳар куҷо бошам агар, бе асари доғ наям,
Шуълаи шавқаму бар хок нишастам доданд.
Ба сафоле нарасад сози дурустоинам,
Чиниям, гарчи зи Фағфур шикастам доданд.
Буд таҳқиқи адам сурати имкони вуҷуд,
Нестӣ ойинае буд, зи ҳастам доданд.
Сайди матлаб нашавад бастаи қуллоби ҳавас,
Моҳии баҳри адаб гарчи ба шастам доданд.
Хонабардӯши хаёлам ба сухан ҳамчу ҳубоб,
Вожгунӣ ҳама аз толеи пастам доданд.
Чӣ хуш аст мисраи дарёи маонӣ, Туғрал:
«Васл мехостам, ойина ба дастам доданд».

* * *

Аз нигаҳ тире ба ҷонам он камонабрӯ занад,
Шукри алтофаш маро бар тан сар аз ҳар мӯ занад.
Тоби лаъли майпарасташ қимат аз гавҳар барад,
Насх бозори шакарро ӯ зи гуфтугӯ занад.
Мардуми чашмаш маро аз шаш ҷиҳат тасхир кард,
Тири мижгонаш диламро ҳар дам аз ҳар сӯ занад.
Накҳати зулфаш ҳазорон дил асири худ намуд,
Ваҳ аз он ҳолат, ки дил дар ҳалқаи гесу занад!
Баҳри таъзими қадаш тӯбо саросар гашта хам,
Сарву шамшоду санавбар бар замин зону занад.
Ҳамчу дуздон бо нигоҳи худ надорад дӯстӣ,
Ошноӣ сурмаро дар наргиси ҷоду занад!
Моҳ бо рухсори ӯ, Туғрал, чӣ даъво оварад?
Партави меҳри ҷамолаш бо фалак паҳлӯ занад!

* * *

Ҳар куҷо он шӯх гар сайде ба абрӯ мезанад,
Бисмилаш чун моҳи нав бар чарх паҳлӯ мезанад.
Дӣ ба гулгашти чаман нахлаш хиром оварда бор,
Қумрӣ бо ёди қадаш имрӯз ку-ку мезанад.
Наргиси масти хадангандози афсунсози ӯ
Тири оҳу аз раҳи ваҳшат ба оҳу мезанад.
Сарв агар дар боғ бинад сарви озоди туро,
Якқалам ангушти ҳайрат бар лаби ҷӯ мезанад.
Хоки поят тӯтиёи дидаи ҳар кас нашуд,
Дасти ҳасрат аз надомат сахт бар рӯ мезанад!
Бо дили садчок зери нахли шамшодам кунун,
Шона аз машшота он маҳ то ба гесӯ мезанад.
Панҷаи донишрабо бикшода аз авҷи камол,
Туғрали мо сайди маъниро чу теҳу мезанад.

* * *

Анбари зулфи кажат бозори анбар бишканад,
Қимати лаъли лабат савдои гавҳар бишканад.
Бо қади шамшод сӯи боғ гар орӣ гузар,
З-инфиоли қоматат шохи санавбар бишканад.
Дар раҳи ишқат шудам хоку вале тарсам аз он,
К-аз ғубори ман туро наъли таковар бишканад.
Алҳазар аз фитнаи яъҷуҷи чашми соҳират,
Охир ин хайли бало садди Сикандар бишканад!
Лаъли худ гар во кунӣ чун ғунча ҳангоми сухан,
Аз табассумҳои лаълат нархи шаккар бишканад.
Ҳайрати ойина аз акси рухи зебои туст,
Аз арақ ҳар дам ба рӯи хеш ҷавҳар бишканад.
Мадди абрӯи ту дар тороҷи дил монад бад-он-к
Зулфиқори Муртазо девори Хайбар бишканад.
Як шабе сармасти саҳбои висоли хеш кун,
Гар шикастӣ ин сухан, дил ҳам баробар бишканад.
Дорам андар дил ҳавои ишқат, эй нозофарин,
Ин хумори ман кай аз ҳар ҷому соғар бишканад?!
Чун равам сӯят вале аз сангборони рақиб,
То ҳарими васли ту сад ҷо маро сар бишканад!
Ангубинат таъна созад бо шароби Салсабил,
Наргиси бебоки мастат қадри абҳар бишканад.
Номи ту то бар сари ҳар байти Туғрал тоҷ шуд,
Аз хиҷолат афсари фағфуру қайсар бишканад.

* * *

Бодаи ишқи ту дар ҳар дил агар ҷӯш кунад,
Агараш оби ҳаёт аст, куҷо нӯш кунад?!
Орзуманди висоли ту агар ҳушнок аст,
Ба яке қатраи май васли ту беҳуш кунад.
Сари худ гарчи бар афлок маҳи нав сояд,
Ҳалқаи доғи ғуломии ту дар гӯш кунад.

Тӯтии Ҳинд шакархойии лаълат бинад,
Аз хиҷолат сухани хеш фаромӯш кунад.
Чашми оҳуи ту оҳу ба Хутан мегирад,
Балки оҳу ба сияҳчашмии оҳуш кунад.
Аз қазо хатти бароти аҷал орад ҳар кас,
Чун дупайкар зи камарбанди ту оғӯш кунад.
Нахли шамшод хироми қади ӯро бинад,
Беибо саҷдаи меҳроби ду абрӯш кунад.
Хам шавад қомати ӯ чун қади Туғрал умре,
Ҳар касе бори ғами ишқи ту бар дӯш кунад.

* * *

Рангу бӯи боғи ҳуснат дар чаман шӯр афканад,
Аз даҳони ғунча лаълат хандаро дур афканад.
Ҳалқаи зулфи туро Ризвон агар бинад ба хоб,
Тавқи қумрӣ созаду дар гардани ҷӯр афканад.
Юсуфи Миср аз ҳадиси хубият ёбад хабар,
Аз хиҷолат хешро дар чоҳи дайҷур афканад.
Меҳри рӯят гар дам аз субҳи буногӯшат занад,
Фитрати хуршедро дар табъи кофур афканад.
Ҷон дамад дар қолаби ойина акси оразат,
Маҳви ҳайрат созаду лек аз хирад дур афканад.
Эй ки шавқат сар кашад аз дастгоҳи доругир,
Оташи бетоқатӣ дар қалби Мансур афканад.
Нағмаи зеру бами ишқат расад дар гӯши соз,
Шавқи оҳанги ҷунун аз тори танбӯр афканад.
Гар расад дар гӯши Исрофил ғавғои дарат,
Фаҳми маҳшар созаду аз дасти худ сур афканад.
Шарбати васлат агар дар коми махмуре расад,
Нашъаи ҷоми шароб аз чашми махмур афканад.
Раҳм кун бо Туғрали маҳзун, ки з-ойини карам
Сояи давлат Сулаймон бар сари мӯр афканад.

* * *

Арғавон дар пеши рухсори ту берангӣ кунад,
Ғунча аз хандидани лаъли ту дилтангӣ кунад.
Ҳусни Юсуфро агар Парвин барои имтиҳон
Бо тарозу баркашад, кай бо ту ҳамсангӣ кунад?!
Монии Чин гар бибинад чини абрӯи туро,
Дар татаббуъхонаи Чин нақши аржангӣ кунад.
Дар тариқи мадҳи ту дар соҳати дашти варақ
Роизи килки ман аз по афтаду лангӣ кунад.
Ҷомае бо қоматат гар аз сухан дӯзам, вале
Сад қабои ноз андар қоматат тангӣ кунад.
Эй гули боғи латофат, аз кадомин гулбунӣ?
Ҳар кӣ рухсори ту бинад, булбулоҳангӣ кунад.
Нисбати хуршед бо рӯйи ту бошад ҳамчунин
Он тасаввурҳо, ки афюн бар сари бангӣ кунад.

* * *

Орази чун моҳаш аз бурқаъ намоён мекунад,
Оламеро шамъи рухсораш чароғон мекунад.
Аз хаёли ғунчааш дорам ба дил ҷамъияте,
Хотирамро ёди он гесӯ парешон мекунад.
Дӯш бо ёди рухаш аз дида боридам гуҳар,
Мавҷи ашкам дар ҷаҳон имрӯз тӯфон мекунад.
Дил ба кӯи ёр мебошад, вале ҳар дам чу мӯр
Он тафохурҳо, ки дар дасти Сулаймон мекунад.
Эй парирӯ, нақши найранги кадомин суратӣ?
Чашми сад ойинаро акси ту ҳайрон мекунад!
Гар ҳамин бошад гудози шуълаи шамъи вафо,
Хонаи занбӯрро парвона вайрон мекунад.
Бо маризи ишқ дору нест дар дуккони даҳр,
Мушкили Маҷнуни моро Лайлӣ осон мекунад.
Ҳайрате дорам, ки, Туғрал, булбул аз шаб то саҳар
Дар ҳузури шоҳиди гул сахт афғон мекунад.

* * *

Дил ба тоқи абруи ӯ майпарастӣ мекунад,
Чун кабӯтар дар равоқи Каъба мастӣ мекунад.
Аз баландӣ кай расам дар зурваи он остон?
Толеъу иқболи сустам сахт пастӣ мекунад.
Сурма дорад орзу чашм аз ғубори мақдамаш,
Хоки пояшро ҷабинам пешдастӣ мекунад.
Ҳеч кас дар ишқи Лайлӣ нест ин ҷо устувор,
Кай чу Маҷнун дигаре даъвои ҳастӣ мекунад?
Аҷз бошад дар талаб шамъи далели муддао,
Сад дуруст аз мумиё як дилшикастӣ мекунад.
Фикри мавзунам кунун, Туғрал, дар иқлими сухан
Ҳукми девони вазорат чун Маҳастӣ мекунад.

* * *

То қумоши ҳусни ӯро корвон аз ноз буд,
Муштариро маҳмили савдо ҷарасовоз буд.
Мурдам аз ҳасрат, ки з-истиғно намегӯяд сухан,
Ёди айёме, ки лаъли ӯ масеҳэъҷоз буд!
Қоматаш дар бӯстони ҳусн дидам ҷилвагар,
Дар миёни навниҳолони чаман мумтоз буд.
Аз сабо то муждаи пайғоми дидораш расид,
Чашми уммедам ба роҳи интизораш боз буд.
Муншии субҳи азал зад қуръаи фоли маро,
Оқибат мурғи дилам дар чанги ин шаҳбоз буд.
Донаи холаш ба сони қаҳрабо дил мекашад,
Афъии зулфи каҷи ӯ сахт афсунсоз буд.
Дошт чашми соҳираш дар мулки дин яғмогарӣ,
То камони абруяшро ғамза тирандоз буд.
Аз ҷудоӣ ҳамчу най анҷоми умрам нола шуд,
Лоласон доғи дилам аз ҳасрати оғоз буд.
Дар азал сайди маонӣ боли теҳуро кушод,
Туғрали мо аз паяш он рӯз дар парвоз буд.

* * *

Ёди айёме, ки ҳар дам бо манат пайғом буд,
Шаҳди мазмуни ҳадиси дилкашат дар ком буд.
Дам ба дам, соат ба соат аз навиди номаат
Тарфи гулзори хаёли ман баҳорайём буд.
Аз каломат «васбиру» тафсир мекардам мудом,
Изтироби мурғи дил дар ҳалқаи ором буд.
Мекашидам сайди ишратро ба қуллоби хатат,
Печутоби мавҷи мактубат каманди дом буд.
Накҳати рамзи саводи нома аз иншои ту
Дар димоғи хушкмағзон равғани бодом буд.
Доштам сомони мастӣ аз кушоди маъният,
Матлаи меҳри нишонам аз дару аз бом буд.
Туғрал аз мазмуни истиғнош акнун пухтааст,
Боғбони гулшани лутфаш ҳамоно хом буд.

* * *

Сарам ба зери қудуми ту гар ғубор шавад,
Зи юмни мақдами ту хони ман мазор шавад.
Яке гузар ба сари турбатам, ки баъд аз марг
Зи хоки ман ба раҳат наргис интизор шавад.
Даме ба сӯи чаман бигзару тамошо кун,
Ки саҳни боғ пур аз ғулғули ҳазор шавад.
Суман, ки зулфи туро дид, сар фуруд орад,
Гул аз таровати рухсораи ту хор шавад.
Лабат, ки вақти такаллум ҳаёт мебахшад,
Масеҳ аз лаби лаъли ту шармсор шавад.
Амири кишвари ҳуснию нест монандат,
Ҳар он ки рӯи туро дид, беқарор шавад.
Манам, ки ҳалқабагӯши туам, намепурсӣ,
Чӣ мешавад, ки туро Туғрал эътибор шавад?!

* * *

То шуъои меҳр аз ҷайби ту равшан мешавад,
Домани ҳар зарра аз ойина хирман мешавад.
Пардаи дигар ба мизроби ғамаш даркор нест,
Аз баму зери ҷунун ин нола шеван мешавад.
Нест имкон, то ба арз орам ҳадиси васфи ӯ,
Баски аз ҳайрат забонам ҳамчу савсан мешавад.
Васл дорӣ орзу, шав бисмили шавқи талаб,
Мушкилоти дарси ӯ ҳал аз тапидан мешавад.
Ҳайрати мо гар шавад саргарми арзи муддао,
Ҷавҳари ойина яксар чини доман мешавад.
Дар ҳарими васли ӯ ҳар лаҳза дар базми адаб
Ошёни мурғи рангам аз паридан мешавад.
Пайкари мо нест муҳтоҷе ба ташрифи дигар,
Оқибат ин хоксорӣ кисвати тан мешавад.
Туғрал, аз баҳри зиёи партави меҳри рухаш
Ҳар буни мӯ бар танам монанди равзан мешавад.

* * *

Зери теғи абруяш сад мисли ман гар сар диҳад,
Баҳри куштан муъҷизи лаълаш ҳаёт аз сар диҳад.
Хоҳам аз лаълаш ба сад зорӣ агар оби ҳаёт,
Дар гулӯи ташнаам об аз дами ханҷар диҳад.
Дар хароботи муғон паймона гар қисмат кунад,
Ғайрро ратли гарон бахшад, маро соғар диҳад.
Бегунаҳ бинвохт моро, н-аз мусулмонист ин,
К-инчунин дашноми беҷо кас на бо кофар диҳад!
Накҳати рӯи гулаш бо мо намедорад раво,
Лек чун бо дигарон аз гулшани дил бар диҳад.
Ғайри моро ҳамчу носеҳ ҳарфҳо гӯяд бахайр,
Дар суоли ман вале посух зи шӯру шар диҳад.
Дафтари ҷурми рақибон маҳв созад сад ҳазор,
Бесабаб аз қаҳр бо Туғрал дусад дафтар диҳад!

* * *

Наргиси масти ту олуи Ҳиротам надиҳад,
Ҳалқаи зулфи ту аз банд наҷотам надиҳад.
Ҷониби кӯи ту хоҳам, ки кунам парвозе,
Шаҳпари бол расоӣ ба қанотам надиҳад.
Ваҳ, ки амволи ҷамолат ба нисоб аст кунун,
Лаъли ҷонбахши ту як бӯса закотам надиҳад!
Ман ба ағёри ту ҳар лаҳза ба ҷангу ҷадалам,
Лек тарсам, ки халосӣ зи ҷиҳотам надиҳад.
Шукри ёдат кунам имрӯз, ки иқбол маро
Ба ҳарими ҳарамат гар дараҷотам надиҳад.
Дил ба зулфи ту гарав додаму бахти бади ман
Дар ғами ишқи ту ҷуз сабру суботам надиҳад.
Ман, ки дар муҳраи савдош фитодам, Туғрал,
Тарсам аз киштии он рух, ки ба мотам надиҳад.

* * *

Зи ҷӯши ашк дар обам, гуҳарбор инчунин бояд,
Зи шоми ғам сияҳрӯзам, шаби тор инчунин бояд.
Намебошад ба ғайри яъс дигар дастгири ман,
Ба накбатхонаи дунё мададгор инчунин бояд!
Надонад куфри зулфаш ҳеч ойини мусулмонӣ,
Ба кеши Аҳриман, албатта, зуннор инчунин бояд.
Зи дасти нокасе ҳамсанги пои мӯр гардидам,
Ба мизони муҳаббат вазну миқдор инчунин бояд.
Матоъи ҳар ду олам нақди меҳнатро намеарзад,
Қумоши ҷинси ғамро нархи бозор инчунин бояд.
Адиби тифли ашки ошиқон бошад сиришки ман,
Бале, дар силки ҷавҳар дурри шаҳвор инчунин бояд.
Пари парвона бошад равғани шамъи вафо имшаб,
Ба арзи муддао сомони изҳор инчунин бояд.
Арақ гул мекунад аз ҷавҳари акси рухаш ҳар дам,
Ба ҳайратхонаи ойина меъмор инчунин бояд.
Ҳазораш офарин, Туғрал, бар ин як мисраи Бедил:
«Зи ҳар мӯ домбардӯшам, гирифтор инчунин бояд!»

* * *

Биё, эй дил, ки найрангу фусунат пур ба кор ояд,
Зи чашмаш соғари андешаро ранги хумор ояд.
Зи даври печутоби оташи дил ашки гулгунам
Ба ёди пойбӯсаш ҳамчу тифли найсавор ояд.
Намебахшам ба ғамҳои фироқаш рӯзи шодиро,
Ки ногаҳ як шабе ёди висолаш дар канор ояд.
Зи ҷӯши сабзаи лаълат шуд оҳи бедилон афзун,
Ки булбул дар чаман ҳангоми фасли навбаҳор ояд.
Даҳонашро, ки асло нест имкони вуҷуди ӯ,
Агар ваҳмат чу анқо бар сари шохи чанор ояд.
Сафои оразу гулгунии рухсори ӯ бо ҳам
Чу ранги сурхии барфе, ки аз оби анор ояд.
Бароти сарнавишти мост аз эъҷози ёқутӣ,
Ки ҳамчун ҷомаи хунин шаҳидатро ба кор ояд.
Шаби ялдои ҳаҷратро агарчи нест поёне,
Бад-он уммед хурсандам, ки дар рӯзи шумор ояд.
Расад бӯи висолат дар димоғам з-изтироби дил,
Куҷо имшаб маро хобе ба чашми интизор ояд?!
Чӣ хуш гуфта-ст, Туғрал, ҳазрати баҳри сухан Бедил:
«Ту гар оӣ, тараб ояд, биҳишт ояд, баҳор ояд!»

* * *

Эй нигоҳи шафқатомезат маро аз ҷон лазиз,
Ҳар чӣ бошад дар ҷаҳон хуштар, маро аз он лазиз.
Ҳаст дар комам гуворо талхии заҳри ғамат,
Гарчи бошад дар мазоқи ҳар гадое нон лазиз.
Ман гирифторам кунун бо дарди бедармони ту,
Шарбате беморро кай бошад аз дармон лазиз?!
Ҷониби мо, мустамандон кун, Худоро, як назар,
Ҳеч набвад дар ҷаҳон некӯтар аз эҳсон лазиз!
Мурдам аз фарёдат, эй рашки бутони кобулӣ,
Гӯиё бошад ба гӯшат нолаи афғон лазиз!

Ҳарфе аз лаъли ту бошад гавҳари қиматбаҳо,
Менабошад ҳар матоъе, к-аш бувад арзон, лазиз.
Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Меваат гар хом бошад, нест дар дандон лазиз.

* * *

Ба сӯи ёр агар ман кунам равон коғаз,
Ба ҷои барф биёяд зи осмон коғаз.
Румузи нуктаи ушшоқ мекунад равшан
Ба ҳар касе, ки бувад рози ӯ ниҳон коғаз.
Набуд лоиқи ҳамчун ту туҳфаи дигар,
Ба даргаҳи ту фиристодам армуғон коғаз.
Ман ар ҳадиси ҷафоҳои ёр бинвисам,
Тамом менашавад, гар шавад ҷаҳон коғаз.
Яке зи ҳоли харобам ба нома кун пурсиш,
Ки мебаранд ба ҳар сӯ кабӯтарон коғаз.
Хушо насим, ки ҳангоми субҳдам як раҳ
Ба андалеб расонад зи гулситон коғаз!
Касе набуд, расонад ба ӯ паёми маро,
Ба дасти боди сабо додаам аз он коғаз.
Назар ба нома куну печутоби мо дарёб,
Навиштаем ба сӯи ту з-имтиҳон коғаз.
Ду ҷаъди турраи гесӯи ӯ бад-он монад,
Фусунгарон, ки бароранд аз даҳон коғаз.
Агарчи дурам аз он остон, бад-он шодам,
Ки назди ёр кунад арзи ман баён коғаз.
Бувад кунун зи сафои замири анвари худ
Миёни ошиқу маъшуқ тарҷумон коғаз.
Саводи нусхаи девони ишқ кун дар ҳам,
Мабод дафтари ғамро кунад зиён коғаз!
Диҳад ғубори хати ӯ бароти ман, Туғрал,
Ки хоҷа медиҳад охир ба бандагон коғаз.

* * *

Ҳар куҷо гар гирдбоде ҳалқа месозад ғубор,
Ҳалқаҳои доми уммед аст чашми интизор.
Меравад дил аз барам ҳар дам ба ёди ҷилвааш
В-аз хиромаш нест дар дастам инони ихтиёр.
Бохтам бо оби ҳайвон ман ба лаъли ӯ гарав,
То шавад равшан ҷафои ин сухан аз лаъли ёр.
Мегудозад ҳамчу равған шамъи рухсораш дилам,
Мекашад гар набзи зулфаш равған аз дуди шарор.
Рӯзи васл аст, эй нигаҳ, гир аз рухи ӯ лаззате,
То ки дар айёми ҳиҷронат туро ояд ба кор!
Донаи тухми умеди тешаи Фарҳодро
Кай кунад тамҳид ғайр аз домани ин кӯҳсор?!
Қомати сарви саҳӣ ангушти ҳайрат мешавад,
Бинадаш андар чаман гар шӯхии рафтори ёр.
Аз садои нағма ин овоз меояд ба гӯш:
Нест ҷуз танбӯр дигар як ҳарифи пардадор.
Эй хушо, Туғрал, аз ин як мисраи баҳри сухан:
«Шонае даркор дорад ришханди рӯзгор!»

* * *

Дар дил хаёли он қади раъно нигоҳ дор,
Ёди парӣ намудӣ ту, мино нигоҳ дор.
Омад қумоши ҳусн ба бозори эътибор,
Савдои Юсуфаш ба Зулайхо нигоҳ дор.
Шарти такаллуфоти шараф шуд туро адаб,
Ҳар ҷо агар нишинӣ ту, он ҷо нигоҳ дор!
Гаҳ шикваи фироқ таманно кунад дилам,
Ё Раб, аз ин хаёл ту моро нигоҳ дор!
Дар муҳраҳои нарди ғами ӯст бурду бой,
Дасте бикаш зи домани ӯ, ё нигоҳ дор!
Шуд сарфи мушкилоти ҷунун дарси умри ту,
Бо номи ёр як-ду муаммо нигоҳ дор!

Забти инони дил набувад, эй ҳавас, ба мо,
Моро ба мо гузору дили мо нигоҳ дор!
Чун шамъ теғи ишқ бибуррад сари туро,
Шарти мурувват аст, ту ҳам по нигоҳ дор!
Соқӣ, ба ёдгории айёми васли ӯ
Қадре зи бода дар таҳи мино нигоҳ дор.
Туғрал, хиҷил зи мисраи зебои Бедилам:
«Мушти арақ ба манъи тақозо нигоҳ дор!»

* * *

Баски андар боғ аз ҷаннат асар дорад баҳор,
Ҷомае ҳамчун пари тӯтӣ ба бар дорад баҳор.
Дам ба дам ойинасон дар ишратободи чаман
Шоҳиди гулҳои рангин ҷилвагар дорад баҳор.
Аз хати райҳони лаъли ӯ маро маълум шуд:
Бар лаби дарёи раҳмат нилуфар дорад баҳор!
Мерасонад шир андар коми тифлони набот,
Аз тақозои маволидаш хабар дорад баҳор.
Баста маҳмил ранги гул бар ноқаи боди сабо,
Гӯиё з-ин боғ оҳанги сафар дорад баҳор.
Чун нигаҳ дар ошёнаш ҳоҷиби парвоз нест,
Баски аз ранги паридан болу пар дорад баҳор.
Он қадар дар боғи имкон карда сомони карам,
Шохи ҳар нахле, ки бинӣ, пурсамар дорад баҳор.
Аз шуъои шуълаи ҳар сафҳаи гул равшан аст,
Баски аз эъҷози ёқутӣ хабар дорад баҳор.
Дар гиребони тааммул фурсати андеша нест,
Домане аз роҳи суръат бар камар дорад баҳор.
Сад чаман гул гар намояд пеши чашмаш ҷилвае,
Кай ба ғайр аз рангу бӯ мадди назар дорад баҳор?!
Офарин бар мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Чашм во кун, рангу асрори дигар дорад баҳор!»

* * *

Он қадар дорад сафо ойинаи рухсори ёр,
Акс чун наззора аз лағзиш намегирад қарор.
Ҷавҳари фарди даҳонаш ҷузви беаҷзо бувад,
Аз ҷавори қисмати ӯ муддаӣ шуд шармсор.
Бо яке ҳиҷрон ду рӯзи васл фоли тавъам аст,
Дар раҳаш то дидаам шуд з-интизориҳо дучор.
Сабзаи лаъли лабаш з-эъҷози ёқутӣ диҳад
Насхи таълиқи бароти ошиқ аз хатти ғубор.
Шуҳраи офоқ шуд аз ишқи Ширин Кӯҳкан,
Номи Маҷнун аст аз савдои Лайлӣ ёдгор.
Ихтиёри равзаи ҷаннат надорам аз дараш,
Ошёни мурғи анқо кай бувад шохи чинор?!
Туғрал, аз гуфтори рангини ту чун авроқи гул
Месазад ҷузви туро шероза аз ранги баҳор.

* * *

То шунидам аз сабо афсонаҳои зулфи ёр,
Сояи шамшодро дар боғ кардам ихтиёр.
Нест андар дафтари ҳастӣ ҳисоби дигарам,
Баски мебошад шаби ҳаҷраш ба ман рӯзи шумор.
Орзу кардам, валекин бахти бад ёрам нашуд
Сурмае аз гарди домонаш ба чашмам интизор.
Дар пайи ҳар субҳи ишрат шоми кулфат тавъам аст,
Нест андар боғи имкон як гуле бе неши хор.
Карда дар тарфи чаман найранги саҳҳофи азал
Аз раги гул риштаи шерозаи ҷузви баҳор.
Аз таваккул бодбони киштии уммед кун,
Баски пайдо нест дар мавҷи муҳити ғам канор.
Кай дили садпораам аз мумиё гардад дуруст,
Ёди чашмаш бишканад гар соғари ранги хумор?!
Он қадар доғи таманнои хаёлаш гаштаам,
Нест монанди дилам имрӯз боғи лолазор.

То сафои орази ӯ арзи ҷавҳар мекунад,
Дидаи ойинаро набвад ба ҷуз ҳайрат шиор.
Мевае аз боғи васлаш кай расад осон ба каф,
То нагардад донаи ашки ту чун ёқути нор.
Бар лаби Кавсар зи ҷӯши сабза равшан мешавад
Насхи таълиқи хати райҳонаш аз хатти ғубор.
Ваҳ, чӣ хуш гуфта-ст, Туғрал, шоҳи авранги сухан:
«Шуд сафед охир зи мӯям кӯчаҳои интизор!»

* * *

Ба боғи даҳр, ки ҳар лоларост доғи дигар,
Чу ғунча ҳосили мо нест ғайри хуни ҷигар.
Мабош бе асари шавқ дар раҳи уммед,
Ки решарост давидан ба хок баҳри самар.
Биё, ки бе лаби лаъли ту бода шуд дилхун,
Ба интизори ту маҳв аст дидаи соғар.
Чу нуқта кай равам аз маркази вафо берун,
Ҳазор теғи ҷафо гар занӣ маро бар сар?
Ба кӯи ёр, ки аз фарши махмалем озод,
Чӣ хуб бистари ноз аст паҳлуи лоғар!
Бас аст то ба абад дар вафои ӯ аҳдам,
Намеравам бурун аз ҷодаи ғамаш дигар.
Қазо ҳисоби нуҷуми сиришки ман накунад,
Ба сафҳаи фалак аз Каҳкашон занад мистар,
Нишин ба хок, гарат орзуи бедорист,
Ки шуъларо натавон дошт ҷуз ба хокистар!
Ба хушксол ҷаҳоне чу коғази абрӣ
Ба ашки хеш намо хомаҳои мижгон тар!
Ба фаҳми кӯҳи ту аз чашма раҳ тавон бурдан,
Беҳ аз садост баму зери лаб ба гӯши кар!
Хушо, зи мисраи Бедил, ки гуфтааст, Туғрал:
«Гуҳар ба ришта кашидем аз хати мистар».

* * *

То хаёли сураташ шуд дидаамро ҷилвагар,
Чашм накшоям ба сӯи нақшу тасвири дигар.
Бахти вожунро ба тахти подшоҳӣ кай диҳам,
Сояи боли ҳумо гар бахшадам тоҷе ба сар.
Чун гуҳар дар кисвати мо нест ҷайбу домане,
Ғайри урёнӣ набошад ҷомае моро ба бар.
Кам нагардад гармии як рӯзи бозору шабаш,
Дар дили парвона набвад ғайри савдои шарар.
Доми сайди матлаби мо гашт қуллоби нафас,
Нест дар мурғи умеди мо ҳавои болу пар.
Гарчи тафсили гулистони ҷамолаш мекунам,
Менамоям ҳарфи мазмуни даҳонаш мухтасар.
Шуд зи дасти куфри зулфаш кишвари динам хароб,
Менамоям ҳарфи мазмуни даҳонаш мухтасар.
Ҷилваву нози хироми нахли ӯ дидам ба боғ,
Нест дар сарви қади ӯ ғайри озодӣ самар.
Фоли бад бошад агарчи суҳбати Ақраб ба Моҳ,
Кош, эй ҳамсуҳбатон, дар ақрабаш бинам қамар
Кам намегардад судоъи ошиқ аз субҳи умед,
Мешавад афзун зи сандал оқибат ин дарди сар.
Хомаи таҳрир аз чӯби санавбар боядам,
Баски дар васфи қади ӯ чун қалам бастам камар.
Нест ҷуз шаҳди маонӣ баски сомони дилам,
Мебарад табъам гарав аз банд-банди найшакар.
Офарин, Туғрал, бар ин як мисраи баҳри сухан:
«Эй хиромат мавҷи гавҳар, андаке оҳистатар».

* * *

Эй хироми нози ту чун ҷилваи товуси нар,
Тойири наззораро андар ҳавоят болу пар.
Гарчи шуд маҳв аз сиришкам нусхаҳои ғам, вале
Гашта бар лавҳи дилам хатти ту нақши калҳаҷар.

Ҷуз ба фармони ту набвад ранги нофармониям,
Бишкуфад гар аз лаби дарёи ашкам нилуфар.
Дар китоби ғам варақгардонии айём нест,
Кай расад дар хотири Маҷнун ғами шому саҳар?!
Ошиқ он бошад, ки ҳар сӯ дидаи худ во кунад,
Сурати ёраш бувад чун мардумак мадди назар.
Нест дар ҷӯши талотум нохудо ғайр аз Худо,
Киштии мо гар фитад сад бор дар мавҷи хатар.
Аз арақ тамҳиди гавҳар кардаам, то кардаам
Орзуи меҳри ӯ аз шабнами ин чашми тар.
Дар пайи шаҳди висолаш заҳри ҳиҷрон тавъам аст,
Ангубинаш баски ҷои нӯш дорад нештар.
Баски дорад гӯши ӯ бо нолаи ман улфате,
Ҳар қадар кам бошад афғонам, ҷафояш бештар.
Нест аз боғи таманно ҳосиле сомони ман,
Оқибат нахли муродам дод навмедӣ самар.
Фаҳм кун аз шарҳи тамкин, баски дарси хомушӣ
Маъние дорад, ки ҳаргиз нашнавад ҷуз гӯши кар.
Беди Маҷнун кай шавад аз тарбият чун норван?
Табъи мавзун нест асло бо кас аз ирси падар.
Ҳаббазо, аз мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Дар гиребони тааммул қатраҳо дорад гуҳар».

* * *

Зибаски гаштаам аз шаҳди васли ӯ маҳҷур,
Мушаббак аст дили ман чу хонаи занбӯр.
Ба роҳи ишқ агарчи зи нокасӣ хечам,
Нагашт сурма ғуборам вале ба дидаи мӯр.
Ту шукри ҳаҷр намо, баски ёр чун анқост,
Ки нест бар сари кӯяш расиданат мақдур,
Шавад хафои ҳадиси ҳақиқатат равшан
Ба пойи дор зи меъроҷи рояти Мансур.
Барои забти инони адаб саре бояд,
Ки фитназост ба майхона духтари ангур.

Мубарҳан аст ба ҳар зарра ҷилваи дидор,
Чӣ меравӣ ба хаёле ба сӯйи водии Тур?
Ба ёди чашми қадаҳ бодаи ҳавас резад
Шикасти соғари хамёза аз лаби махмур.
Адиби ишқ ҳамоно, ки аз хирад дур аст,
Ки ошиқон ҳама бошанд барӣ зи ақлу шуур.
Зи мӯйи косаи чинӣ туро қалам бояд,
Ба сафҳае, ки нависӣ ҳикояти фағфур.
Мадеҳ зи даст ту чун соя хоксориро,
Ки нест ғояти ушшоқ ғайри аҷзу қусур.
Намекашем дигар бор миннати меъмор,
Шуда-ст хонаи дил аз хаёли ӯ маъмур.
Сабо расонд ба наздикии саҳар дар боғ
Шамими турраат андар машоми ман аз дур.
Тулӯъи орази ту бар дилам чу рӯзи сафед,
Хаёли зулфи ту бар хотирам шаби дайҷур.
Худойро суйи Маҷнун гузар кун, эй Лайлӣ,
Ба ғайри рӯи ту набвад ба чашми ӯ манзур.
Ғуломи мисраи султони Бедилам, Туғрал,
«На ҷоми бода шиносам, на косаи танбӯр!»

* * *

Зи ҳаҷр ба пои тамошо нигоҳи ту занҷир,
Зи шоми зулфи ту субҳи умед домангир!
Бунафш рози ғамат шуд натиҷа мӯи сафед,
Нарафта аз даҳани ӯ ҳанӯз бӯи шир.
Нигоҳи дидаи маҳмил, ки фарши таслим аст,
Ба ҳайратам, ки чӣ бошад ба хоби ӯ таъбир?!
Ҳалол бод ба шамшери абруяш хунам,
Агар кунам сари мӯе ба ҳурматаш тақсир!
Магар навишта баротам ба ғозаи саҳарӣ,
Ки шуд ба рӯзи ҷавонӣ шаби умедам пир?!
Ба сад умед, ки бигрифтӣ домани васлаш,
Мадеҳ зи даст, ту коре куну ба пояш мир!

Расонд боди сабо қиссаи шамими хатат,
Намонд бӯи хуши займарон дигар ба замир!
Хироми ройизи килкам расад ба байти шараф,
Ба ёди қадди ту гар мисрае кунам таҳрир.
Чу ганҷ кай бувадам тоби миннати меъмор,
Ки нест ғайри харобӣ ба қаср бо таъмир!
Шунид ғунча ба боғ аз ҳикояти суханат,
Шуд аз ҳадиси даҳони ту дар чаман дилгир.
Шуд аз баҳори тамошои гулшани рӯят
Нигоҳи дидаи қурбониён чамантасхир.
Хушо зи мисраи Бедил, ки гуфтааст, Туғрал,
«На ғунча офқибатафсун, на ҷон бақотаъсир!»

* * *

Туӣ, ки нест ба хубӣ туро ба мулк назир,
Ғуломи камтари даргоҳат офтоби мунир.
Чу фикри аҳли хирад новаки ту сахт расост,
Ки шуд зи боли уқоби хаёли ман пуртир.
Гузаштӣ дар чаману шуд зи турраат мамлу
Қумоши маҳмили боди сабо зи бӯи абир.
Ғубори хатти ҷунунам хати ғубори ту шуд,
Хушам ба машқи таманнои сархати тақдир.
Сиришт тинати ушшоқро ба рӯзи азал
Зи обу хоки ҳаводис намудаанд тахмир.
Қиёми шамъи вафо гар ҳамин бувад, набувад
Ба марги ошиқи парвона фурсати такбир.
Ғамаш зи бас маҳаки имтиҳони ушшоқ аст,
Иёри ишқ надорад умед аз иксир.
Ба рӯзи иди висолаш ту дида қурбон кун,
Чу шона чанд намоӣ ба зулфи ӯ шабгир?
Шудам ба роҳи вафо бисмили таманнояш,
Ки маҳрами кафи пояш шавам бад-ин тадбир.
Ба базми васл зи нақши ҳуҷуми ҳайрати ӯ
Бурун нагашт нигоҳам чу дидаи тасвир.

Каманди ҳалқаи зулфаш агар чунин бошад,
Чу ҳуш бар асари дом меравад нахчир.
Шабе ба сафҳа навиштам ҳикояти ҳичрон,
Ҳанӯз кам нашуд аз хомаам садои сафир.
Муроди дунйиву уқбӣ агар ҳавас дорӣ,
Гузар кун аз ҳама, чун зулф домани ӯ гир!
Наям ба фарши хиромаш чу бӯрё, лекин
Расад ба гӯши фалак нолаам зи нақши ҳасир.
Чӣ хуб мисраи мавзуни Бедил, эй Туғрал:
«Нигаҳ ба сайри ҷабини ту мавҷи соғари шир!»

* * *

Қоматам хам гашт охир аз ғами болои ноз,
Як сари мӯ кам мабодо аз сарам савдои ноз!
Ин чӣ сомон аст, ё Раб, дар ғурурободи ҳусн,
Ҳар сари мӯи ту бошад ноз бар болои ноз?!
Дар чаман гар сарви ӯ аз ноз гардад ҷилвагар,
Бишканад қадри санавбар аз қади зебои ноз.
Гарчи бошад рухсати наззора бар рӯяш, вале
Соғари чашмаш бувад лабрез аз саҳбои ноз.
Баски ойини нигоҳаш бо тағофул тавъам аст,
Хуфта, гӯё наргисаш бар бистари дебои ноз.
Рояти Мансури ҳуснаш гар бибардорад алам,
Бигзаронад аз фалак аз ҳиммати волои ноз.
Гар шавад бозори имкон пур зи ҷӯши муштарӣ,
Нест андар чорсӯи ҳусн ҷуз савдои ноз.
Пеши устоди муҳаббат дар сулуки ошиқӣ
Хондаӣ дарси тағофул, лек сар то пои ноз.
Интиҳои кори мо охир чиҳо хоҳад шудан,
Ин бувад гар ибтидои бениёзиҳои ноз?
Гар ҳамин бошад сулуки ишва, натвон ёфтан
Аз бисоти ҳусни ӯ як зарра холӣ ҷои ноз!
Офарин, Туғрал, бар ин як мисраи баҳри сухан:
«Чини абрӯ шуд табассум бар лаби гӯёи ноз».

* * *

Баски аз зулфи ту ман хотирпарешонам ҳанӯз,
Сунбул аст чизе, ки мебошад ба домонам ҳанӯз.
Ҳамчу шамъи нимсӯзам имшаб аз дасти ғамат,
Рафта ҷонам аз тану дар кандани ҷонам ҳанӯз.
Нест мотам, гар сарам бибрид бо теғи ҷафо,
З-он ки дар идаш чу Исмоил қурбонам ҳанӯз.
Он қадар ман дар фироқаш ашки гулгун рехтам,
Чун шафақ хун медамад аз шоми ҳичронам ҳанӯз.
Оҳ, аз шамъи вафо парвона кардам беватан,
Ҳамчу занбӯри асал ман хонавайронам ҳанӯз.
Нола кардам аз фироқаш ҳамчу най шому саҳар,
Рӯзу шаб лек аз ғамаш бо оҳу афғонам ҳанӯз.
Аз китоби ишқ кардам ибтидо дарси ғамаш,
Интиҳое нест дар тамҳиди сомонам ҳанӯз.
Баски бо ёди рухаш чун шамъ кардам гиряҳо,
Ашки ҳасрат меравад ҳар дам зи мижгонам ҳанӯз.
Оташи шавқи муҳаббат аз сари ман кам мабод,
Баски ман парвонаи шамъи шабистонам ҳанӯз.
Ҳамчу гул, Туғрал, зи ишқаш ҷайби сабрам пора шуд,
Медиҳад бӯи вафо чоки гиребонам ҳанӯз.

* * *

Эй орази гулгуни ту аз бода гуҳаррез,
Шамшери ҷафои ту бувад бар сари ман тез.
Абрӯи ту хам гашта-ст аз бори тағофул,
Аз бодаи ноз аст қадаҳи чашми ту лабрез.
Дар пеши ғамат тавсани умрам бувад акнун
Монандаи хинге, ки кашад заҳмати маҳмез.
Ҳар равзанаи синаи деҳқони муҳаббат
Гардида зи шавқи ту чу ғирбол шарарбез.
Эй дил, агарат орзуи айши давом аст,
Навъе куну бар домани он зулф биёвез!

Вақт аст, ки осон надиҳӣ доманаш аз каф
Имрӯз, ки як Шамси дигар нест ба Табрез.
Зинҳор, адаб пеша намо, бин, ки чиҳо дид,
Аз номаи пайғамбари мо Хусрави Парвиз!
Ғафлат нашавад бадрақаи роҳи умедат,
То чанд чу махмал? Ту аз ин хоби гарон хез!
Ин водии ишқ аст, пур аз шебу фароз аст,
Ошиқ наӣ албата, аз ин бодия бигрез!
Шуд дофеъи савдои ту то чини ҷабинаш,
Сафрот фузун аст, ту аз сирка мапарҳез!
Туғрал, шудам ошуфтаи ин мисраи Бедил:
«Эй хоки бахунхуфта, ғубори дигар ангез!»

* * *

Бас аст ойинаро кулфати ғубори нафас,
Ки ғайри ваҳм начинад гул аз баҳори нафас.
Зи сози пардаи ҳастӣ ҳамерасад овоз,
Ки нест риштаи умри ту ғайри тори нафас.
Ҳусули мазраъи омол хирмани яъс аст,
Ба ним ҳабба намеарзад эътибори нафас.
Ба қасри умри ту ҳар дам аҷиб меъморест,
Ки поя-поя ба зер омад аз шумори нафас.
Сафои сайқали ойина мешавад тира,
Агар фитад зи қазо сӯи ӯ гузори нафас.
Дурӯза фурсати айём, зиндаӣ, хуш бош,
Ки чашми умри ту бошад дар интизори нафас.
Нигар ба маҳмили ин корвони ваҳму хаёл,
Ки ғайри ҳеч набошад дигар ба бори нафас.
Барои хирмани исён, ки бод хокистар,
Фурӯз, мардӣ агар, оташ аз шарори нафас!
Гузар кун аз сари дунёву гирудори ӯ,
Ки доругир набошад ба гирудори нафас.
Ту софтинатӣ, магзар ба сӯи тирадилон,
Ки нест ойинаро роҳ бар фирори нафас.

Қазо зи кӯҳ кунад хонаи вуҷуди туро,
Чу мавҷ кай бувадаш як даме қарори нафас?
Халос мешавӣ аз мавҷи қулзуми ҳастӣ,
Расид киштии умри ту дар канори нафас.
Чу соя меҳри тараққӣ туро бувад душман,
Ки нест ғайри таназзул дигар ба кори нафас.
Нишони мисраи чун тири Бедилам, Туғрал:
«Сухан зи файзи тааммул шавад шикори нафас».

* * *

Аз табассум лаъли ӯ чун ғунча хандон асту бас,
Бар ҷароҳатҳои қалбам як намакдон асту бас.
Гар набошад муддао арзи ниёзи хештан,
Аз арақ бар рӯи соҳил мавҷи тӯфон асту бас.
Туҳфаи дигар надорам дархури арзи адаб,
Пешкаш дар пеши теғаш ҷавҳари ҷон асту бас.
Сад китоби ҳикмати дарси ҷунунро хондаем,
Як ҷаҳон девон, вале як байти вайрон асту бас.
Нусхаҳои ҷавҳари теғаш намедонам, вале
Он қадар донам, ки ӯ як мадди эҳсон асту бас.
Гарчи мерезад ба хоки ҳар даре сад оби рӯ,
Муддаои сойил аз ибром як нон асту бас.
Зулмати зулфаш, ки, ё Раб, хатти Искандар мабод,
Дар хаёлоди ҳастӣ як шабистон асту бас.
Дам ба дам мавҷи ҳаё гул мекунад аз рӯи ӯ,
К-аз арақ бар оразаш ҷӯши гулистон асту бас.
Туғрал, аз зеру бами ишқаш маро маълум шуд,
Бар дилам аз нолаҳояш як найистон асту бас!

* * *

Оҳанги кӯҳсор ту аз гӯши кар мапурс,
Ташвиши пои обила аз нештар мапурс.
Аз меҳр сӯи зарра тавонӣ ту роҳ бурд,
Гар хӯи ёр дидай, вазъи шарар мапурс.

Дар асру шоми турраи ӯ хуфтанат қазост,
Кардӣ адо, вале зи қазо ин қадар мапурс.
Ушшоқро ба роҳи муҳаббат далел нест,
Эй бехабар зи ишқ, ту аз мо хабар мапурс!
Фарқ аст дар миёни ману дил ҳазор санг,
Дил меравад зи хеш, маро аз сафар мапурс.
Равшан зи шаб ҳикояти хуршед кай шавад?!
Хаффошро, ки дидӣ, ҳадиси саҳар мапурс.
Зинҳор, аз ишорати шамшери абрӯяш
Аз саргузашти мову ту дигар сипар мапурс.
Иксири рутбаи ту ба қадри иёри туст,
Эй доғи кимиё, ту зи мис қадри зар мапурс.
Шаҳд аст дарси маърифатат сӯи ангубин,
Ҳарфе шунидӣ аз лабаш, аз найшакар мапурс.
Туғрал, кушо ба мисраи Бедил ту чашмро:
«Таъбири хобат ин, ки шунидӣ, дигар мапурс!»

* * *

Меравам аз хеш ҳар соат зи дунболи нафас,
Маҳмили моро бувад сози шикасти дил ҷарас.
Метавон имрӯз будан фарши пои офтоб,
Шабравони роҳро чун соя набвад бими кас.
То набошӣ раҳнаварди водии дашти адам,
Кай расӣ дар ҷодаи иқболи ин боли фарас?!
Бе фано ҳосил нагардад давлати дидори ӯ,
Кас чӣ сон созад таманнои висоли ӯ ҳавас?!
Пухтагонро кай бувад аз суҳбати дунон гузир,
Шуъларо бисёр бошад эҳтиёҷи хору хас!
Коргоҳи боғи имконро бувад найрангҳо,
Зоғ дар саҳрову булбул гашта маҳбуси қафас.
Хонаи дилро ту аз занги кудурат соф кун,
Мешавад ойина ин ҷо тира аз ҷӯши нафас.
Ҳар киро бошад ба қадри машраби худ ҷодае,
Кай бувад фили дамонро тоби як гашти фарас?!

Ашк дар роҳи талаб бошад далели муддао,
Коғази абрӣ бувад ойини ишқи булҳавас.
Дил ба дуздӣ меравад имшаб ба ҷаъди зулфи ӯ,
Кай бувад айёрро андешаи чӯби асас?!
Туғрал, аз забти нафас фоли саодат мезанам,
Бар сари мурғи сухан боли ҳумо бошад қафас.

* * *

Зи хуни дидаи ман номае ба ёр навист,
Ба ҷои муҳр, ки омад, ту интизор навист.
Сухан зи зулфи дарозаш агар кунӣ кӯтаҳ,
Ҳадиси турраи ӯро ба пушти мор навист.
Чу ман ба дафтари ҳуснаш турост майли рақам,
Расидӣ бар рухи ӯ, навбати баҳор навист.
Агар ба васфи рухаш рафт навбати таҳрир,
Саводи нусхаи ӯ аз хати ғубор навист!
Фасонаҳои сиришкам ба хатти ёқутӣ
Ба сафҳае, ки нависӣ, ба оби нор навист.
Қалам ба ҳарфи муҳаббат зи оҳи булбул кун,
Яке ҳикояти ушшоқ аз ҳазор навист.
Агар нависӣ ту хатте ба сӯи ёр аз ман,
Ҳамин қадар, ки «зи ишқи ту шармсор навист».
Ту ҳақшиносии таърихи рояти Мансур
Ба ҳар куҷо, ки нависӣ, ба чӯби дор навист.
Хушо, зи мисраи султони маърифат, Туғрал:
«Ба ҷои ҳар алиф ангушти зинҳор навист».

* * *

Гар зиён зоҳир намоӣ, дар хаёли суд бош,
Яъс то кай? Бар умеди чеҳраи мақсуд бош!
Бе нишони тири шуҳрат чанд, эй нанги адам,
Як асар бигзору андар олами мавҷуд бош!
Аз фурӯғи шавқ зан бар миҷмари дил оташе,
Бар димоғи аҳли олам чун шамими уд бош.

То тавонӣ, маркази ин ҳалқаи таслим шав,
Шуълаи шавқи муҳаббат гар набошӣ, дуд бош!
Шоҳиди ҳар кас ба қадри даъвии ишқи худ аст,
Гар тамошои Аёзаш мекунӣ, Маҳмуд бош!
Чанд бошӣ дар ҳавои буду нобуди ҷаҳон?
Эътиборе нест андар буди ӯ, нобуд бош.
Барфишон бар мазраи дил донаи ашки умед,
Чун саҳоби тира яксар дар хаёли ҷуд бош!
Ғофил аз дарси адаб, лофи муҳаббат то ба кай?!
Маҳрами асрори ишқаш нестӣ, мардуд бош!
Ҳаст ташвиши ту аз тазъифи таснифи амал,
Аз ғами бешу ками олам гузар, хушнуд бош!
Баски дорад нағмаи ушшоқ мизроби дигар,
Тору пуди риштаҳои пардаи ин руд бош!
Ҳаббазо, аз мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Эй зи фурсат бехабар, дар ҳар чӣ бошӣ, зуд бош!»

* * *

Бинои ишқ гарат ҳаст, хонавайрон бош,
Навои сози фироқат бувад, найистон бош.
Агар зи моидаи умр лаззате хоҳӣ,
Ду рӯз бар сари ин хони ғам ту меҳмон бош.
Зи коргоҳи ҷаҳон кор агар ҳамечӯӣ,
Ба ғайри ишқ зи кори ҷаҳон пушаймон бош.
На з-эътибор тиҳӣ ҳаст гиряи шабнам,
Гуҳар шудан натавонӣ агар ту, найсон бош.
Кушоду басти карам маънии дигар дорад,
Мабош чашми хасисону дасти эҳсон бош.
Шарар ба хирмани ҳастӣ бизан чу парвона,
Бисоти хеш агар сӯхтӣ, чароғон бош.
Фусуни ҳалқаи мори сияҳ бувад найранг,
Хаёли гардиши зулфаш куну парешон бош.
Мабош маркази ҷамъияти адаб чу хирад,
Зи ҳамнишинии ин мардумон гурезон бош.

Ба сурати рухи ӯ нест шоҳиди дигар,
Қасам ба ҷавҳари ойина, сахт ҳайрон бош!
Фусурдагист чу ойина ҷавҳари ишқат,
Чу зоҳид аз нафаси хештан зимистон бош.
Зи рамзи маънии Бедил ба ҳайратам, Туғрал:
«Ба ҳусни маънии куфр обрӯи имон бош».

* * *

Шаҳодатбисмилам аз як нигоҳи чашми мастасташ,
Аҷал дар хотирам н-ояд зи лаъли майпарастасташ.
Муҳити кулфати ғамро дилам з-он рӯ шуда моҳӣ,
Ки то берун кашад з-он баҳри ғам он маҳ ба шастасташ.
Сари таслим хубонро ба пои ӯ аз он бошад,
Ки андар сар бувад ӯро кулоҳи каҷшикастасташ.
Аз ӯ хоҳам кушоди мушкили бахти сиёҳи худ,
Ки бошад бастану бикшодани дилҳо ба дастасташ.
Ливои нозанинӣ аз ҳама боло зада ҳуснаш,
Аз он рӯзе, ки андар маснади хубӣ нишастасташ.
Дилам ҳамчун сипанд аз оташи ишқаш ҳамесӯзад,
Зи хомӯшӣ вале як раҳ аз ин миҷмар наҷастасташ.
Яке сар кай бувад холӣ зи савдои хаёли ӯ?
Зи доми ҳалқаи гесӯи ӯ як дил нарастасташ!
Назокат чокари сарви қади шамшоди ӯ гашта,
Пайи тороҷи дилҳо дар камар то баҳла бастасташ.
Чаманро боғбон зинат фузуд аз баҳри ташрифат,
Фидои мақдами неки ту созад, ҳар чӣ ҳастасташ.
Агарчи субҳ зад дам аз дами субҳи буногӯшат,
Синони найзаи хуршед ӯро сина хастасташ.
Ниҳоли боғи табъам, Туғрал, аз хуршед бар дорад,
Ба гулчинӣ дар ин гулшан ба ҳар қобил раҳ астасташ.

* * *

Зи худ чандон фаромӯшам, ки н-оям ҳеч дар ёдаш,
Агарчи ҳамчу булбул рӯзу шаб бошам ба фарёдаш.

Дар ин гулшан, надонам, оташи шавқи кӣ боло шуд,
Ки қумрӣ шуд чу хокистар ба ёди сарви озодаш.
Бувад таъзими якрангӣ ба ҳам улфатпарастонро,
Сари машшота мебошад ба пои нахли шамшодаш.
Ба ёди сурати чашмаш шудам чун сурма аз ҳайрат,
Магар шуд мӯи чинӣ хомаи ангушти Беҳзодаш?!
Зи ҷӯши ҷилва нахли қоматаш аз бод мерақсад,
Ба саҳни боғ чун сарве, ки ҳар сӯ афканад бодаш.
Сафед аз интизори Кӯҳкан шуд чашми навмедӣ,
Ки ҷӯи шир кай гардад зи Ширин коми Фарҳодаш.
Навои нолаи булбул агар бар осмон сояд,
Ба гӯши ранги гул ҳаргиз наёяд сози фарёдаш.
Нигоҳ аз дидани рӯят зи ҳайрат машрабе дорад,
Нигар, аз ҷавҳари ойина шуд сармашқи устодаш.
Ба қуллоби ҳавас то чанд оҳуи сухан гирӣ?!
Ғизоли мо канад доми умед аз чашми сайёдаш!
Раҳоӣ нест аз доми аҷал, азбас намебошад
Шикасти байзаи фӯлод андар банди озодаш.
Хушо, Туғрал, зи мазмуни ҷаноби ҳазрати Бедил,
«Ки улфат оламеро доғ кард, оташ ба бунёдаш!»

* * *

Агар бар қосиди наззора бахшад рухсати бораш,
Бисоти хирмани ҳастӣ бисӯзад барқи дидораш.
Маро шуд сояи шамшод аз боли ҳумо беҳтар,
Ки бошад бахти ман вобастаи зулфи нагунсораш.
Шаби ҳаҷраш надорад субҳ аз сомони истиғно,
Халосӣ нест ҷуз мурдан, ҳамин бошад агар кораш!
Агар саъйи талаб з-ин ҳалқа бошад дастбанди ӯ,
Набошад маркази таслим ғайр аз гардани ёраш.
Маризи интизорашро саломат гар ҳавас бошад,
Бувад доруи дарди ишқ набзи чашми бемораш.
Баму зери муҳаббат пардае дорад, ки меояд
Навои нағмаи «Ушшоқ» аз оҳанги ҳар тораш.

Ба ҳаққи ишқ ҳар кас дар муҳаббат гар зафар хоҳад,
Намебошад ба ғайр аз рояти Мансур бар дораш.
Дилам аз ганҷи рухсораш тамошо орзу дорад,
Вале метарсам аз ёди хаёли зулфи чун мораш.
Намебинӣ ба ҷуз ойина аз бому дараш дигар,
Агар ҳайрат ҳавас дорӣ, нигаҳ кун нақши девораш!
Бинои хонаи ҳастӣ асоси нестӣ дорад,
Ҳамин осори вайронӣ бувад аз тарҳи меъмораш.
Дар ин гулшан чӣ дил бандӣ, ки Бедил гуфтааст, Туғрал,
«Баҳорат булбуле дорад, ки шакли «ло»-ст минқораш».

* * *

Надонам гармии хуне, ки дорад ранги таъсираш,
Ки ҷавҳар гул кунад ойинасон аз оби шамшераш.
Агар ҳушам кунад дар зулмати зулфаш шабехунро,
Асас гар моҳ бошад, манъ натвон кард шабгираш!
Камони абруи ӯ ҳар куҷо гар новак андозад,
Расо гардад пари мурғи муҳаббат аз пари тираш.
Аз он ҳар дам кашад теғ аз ниёми хеш бар қатлам,
Ки набвад ҷавҳаре ҷуз хуни ман дигар ба шамшераш.
Равон лаззат барад аз Мусҳафи рӯяш назар кардан,
Ки аз рӯҳулбаёни рӯҳ бошад шарҳу тафсираш.
Навои пардаи ғам баски мизроби дигар дорад,
Намебошад ба ҷуз «Ушшоқ» оҳанги баму зераш.
Арақ гул мекунад субҳи умед аз шоми навмедӣ,
Бувад аз муҳри шабнам гармии бозори таъсираш.
Ба як дам умр аз қайди тааллуқ нест озодӣ,
Ҳубоб ойинае дорад, ки бошад мавҷ занҷираш.
Ба субҳи инфиол аз шарми ҷуръат дам занад ишқам,
Хиҷолат шабнаме дорад, ки бемеҳрист тасвираш.
Бинои тоқатамро сӯхт, Туғрал, мисраи Бедил,
«Ки тоқи умр чун бишкаст, мумкин нест таъмираш».

* * *

Чӣ хосият бувад, ё Раб, насиби чашми зеҳгираш,
Ки дар парвоз меояд дил аз шавқи пари тираш?!
Хаёли абруяш кун, қитъаи рангин ҳавас дорӣ,
Ки сармашқи шаҳодат нест ғайр аз мадди шамшераш.
Ба савдои сари бозори ғам девона мегардад,
Агар афтад ба пои ақл зулфи ҳамчу занҷираш.
Зи мазмуни баландиҳои қаддаш як қалам гӯям,
Қалам аз шохи тӯбо кун, агар хоҳӣ ту таҳриараш.
Чу ман ҳар кас ҳадиси лаъли ширинаш баён созад,
Шакар резад ба ҳангоми сухан аз шаҳди тақриараш.
Каманди ҷазбаи шавқаш аҷаб хосияте дорад,
Ки бошад донаҳои доми матлаб хуни нахҷираш.
Шикасти ранги ҷуръат шуд насиби хомаи Монӣ,
Ки имкони дурустӣ нест андар нақши тасвираш.
Чӣ афсун аст, ё Раб, ҳамчу махмал наргиси ӯро,
Ки мебошад ба хоби нозу бедор аст таъсираш?!
Ба шоми ҳаҷр аз субҳи висоли ӯ машав ғофил,
Ки меҷӯшад зи пистони амал шир аз табошираш.
Чӣ дарди сар маро аз эътибороти маҳак акнун,
Иёри софие дорам, ки ҳоҷат нест иксираш.
Зи меъмори қазо ҳаргиз набинад рӯи ободӣ
Бинои хонаи ҳастӣ, ки вайрон аст таъмираш!
Хушо, аз мисраи мавзуни дарёи сухан, Туғрал:
«Арақ кард оҳи ман охир зи хиҷлатҳои таъсираш!»

* * *

Ҳар кас, ки пур аз бодаи ишқ аст аёғаш,
Ҷуз бӯи гули айш набошад ба димоғаш.
Чун сарв зи ташвиши тааллуқ бувад озод,
Онро, ки зи хокистари қумрист суроғаш.
Чун лола дар ин боғ ба найранги муҳаббат
Карданд нишон тавсани умри ту зи доғаш.

Рафтам ба тамошои баҳори чамани ишқ,
Ҷуз сунбули ошуфта дигар нест ба боғаш.
Як зарра гарат меҳру вафо ҳаст, тавон кард
Аз сояи анқо асари ранг суроғаш.
Ҳар кас, ки бувад оташи савдо ба сари ӯ,
Равшан бувад аз равғани парвона чароғаш.
Роҳест зи тақлид, ки дар боғи ҳақиқат
Ёд аз равиши кабк диҳад ҷилваи зоғаш.
Сармояи сад айш ба як зарра насанҷад,
Дар зовияи ғам бувад онро ки фароғаш.
Эй сӯхтаи доғи ҳавас, бигзар аз ин ғам,
Азбаски надорӣ хабари лолаи боғаш!
Туғрал, ба ҷаҳоне надиҳам мисраи Бедил:
«Хуршед на ҷинсест, ки ҷӯйӣ ба чароғаш!»

* * *

Физояд ҷавҳари теғи замон аз исми субҳонаш,
Кушояд махзани маънӣ зи номи поки раҳмонаш.
Дари ганҷинаи дониш ба рӯи ҳар кӣ бикшояд,
Диҳад таълими сад ҳикмат ба Афлотуну Луқмонаш.
Бувад ин нуҳ фалак як марказ аз паргори ҳукми ӯ
Вуҷуди оламу одам даме аз субҳи эҳсонаш.
Аз ӯ дар гиря бо тӯри муҳаббат дар чаман булбул,
В-аз ӯ дар ханда аз боди саҳар гул дар гулистонаш.
Кулоҳи дилбарӣ з-ӯ каҷ ниҳода Юсуфи мисрӣ,
Зулайхоро намуда мубталои доғи ҳичронаш.
Гулистон кард ҳукми ӯ ба Иброҳим оташро,
Наҷоти Нӯҳро бахшид аз ғарқоби тӯфонаш.
Зи таҳқиқи камолоти улуми ӯ чӣ мепурсӣ?
Ду олам як рақам аз интихоби сатри девонаш.
Чу Мансури аналҳақ мезанад дам аз дами ваҳдат,
Ҳар он к-ӯ ҷуръаи шавқе бинӯшад аз хумистонаш.
Фурӯ монад зи дарки фаҳми ӯ сад оқилу доно,
Диҳад таълим ҳарфи Туғрал аз кунҳи дабистон.

* * *

Буте дорам, ки чатри меҳр бошад зеби аврангаш,
Фалак бар чашм созад сурма хоки наъли шабрангаш.
Зи ҳичронаш ба талхӣ ҷони ширин меканам, лекин
Чу Фарҳодам дар ин куҳсору кай андешам аз сангаш.
Ман аз фикри миёнаш кай бурун оям сари мӯе,
Бад-ин мазмун дар оғӯши сухан бигрифтаам тангаш.
Ба гулгашти чаман ҳар гаҳ ниқоб аз рух барандозад,
Арақ бар рӯи гул гул мекунад аз шӯхии рангаш.
Табассум бо итоби ӯ сулуки доварӣ дорад,
Чу барги бед меларзам ман аз ин сулҳу ин ҷангаш,
Фусуни чашми ҷодуяш ба ранге мебарад дилро,
Ки имкони раҳоӣ нест аз ойини найрангаш.
Ба Чин Беҳзод ҷуз чини ҷабин дигар намебинад,
Ки бошад чини зулфи ӯ гиребонгири Аржангаш.
Чӣ сон сар бикшам аз амраш, ки чун ранги ҳинои ӯ
Инони тавсани умрам бувад имрӯз дар чангаш?!
Чӣ хуш гуфтаст, Туғрал, ҳазрати баҳри сухан Бедил:
«Ба тороҷи ҷунун додам, чи ҳастию чи фарҳангаш!»

* * *

Дамад субҳи умеди ман агар аз шоми ҳичронаш,
Нигаҳ хуршед хирман мекунад аз рӯи тобонаш.
Чӣ сон оям ба арзи ҷавҳари фарди даҳони ӯ,
Ки ҳикматҳо бувад пӯшида дар тафриқи имконаш!
Агарчи чашми ман равшан шуд аз хоки раҳаш, лекин
Димоғи шона торик аст аз зулфи парешонаш.
Хумори чашми ӯ зоҳид ба хоби ноз агар бинад,
Ба як наззора мебозад гарав аз нақди имонаш.
Навозишномаҳои вазъи ҷудаш гар баён созам,
Арақ бар рӯи Ҳотам гул кунад аз шарми эҳсонаш.
Агар бар даъвии рӯяш гул андар боғ бархезад,
Кашад домони зулфи ӯ ба хоре аз гиребонаш.

Ба роҳи водии ишқаш туро аз сар қадам бояд,
Ки ошиқро набошад бок аз хори муғелонаш.
Барои лаъли Ширин Кӯҳкан ҷон меканад, лекин
Намеарзад ба пеши ӯ ба як ҷав қимати ҷонаш!
Нагардад ҳар кас аз лофи муҳаббат ҳамсари Маҷнун,
Бувад хосияти давлат дар ангушти Сулаймонаш!
Хушо аз мисраи султони авранги сухан, Туғрал:
«Шикасти мо тамошо кун, мапурс аз ранги паймонаш!»

* * *

Чӣ имкон аст, гардад аз дилам берун таманнояш,
Ки бошад суратам ойинасон маҳви тамошояш.
Барои интизори ӯст тамҳиди нафас ҳар дам,
Ки дар оғӯши дил аз шавқ холӣ мекунад ҷояш.
Нигаҳро сурмаи чашми умеди ҳайрати худ кун,
Агар дорӣ ҳавас аз сурмаи хоки кафи пояш.
Дурустӣ нест осон аз шикасти мушкили зулфаш,
Ки айни уқда мебошад кушоди ҳар муаммояш.
Дар ин ишратсаро гар нашъаи умри абад хоҳӣ,
Тамошо кун ба ёди қадди ӯ ҷӯши дуболояш.
Намедонам, чӣ сайёдест дар ойина чашми ӯ,
Ки мумкин нест растан аз каманди зулфи гирояш!
Қумоши ҳусни ӯ дар ҷилваи арзи зуҳур омад,
Бувад шӯре ба бозори ҷаҳон аз ҷӯши савдояш.
Маро аз ҷоми тақсими азал ин нашъа зоҳир шуд,
Ки мебошад сари айши абад дар пои миноят.
Сафои оразаш аз сабзаи тар шуд зумуррадгун,
Хати райҳони ёқут аст бар лаъли гуҳарзояш.
Бувад дашти чунун девонаам аз як қадам, лекин
Хаёли ҳалқаи он зулф занҷирест бар пояш.
Ҳамин бошад агар мавҷи талотум баҳри раҳматро,
Арақ гул мекунад имрӯзи ман аз шарми фардояш.
Ба хун бояд навиштан, Туғрал, ин як мисраи Бедил:
«Ҳанӯз аз хоки муштоқон ҳиноӣ мешавад пояш».

* * *

Мекунад наззора то бар рӯи он танноз рақс,
Ҳамчу он тифле, ки дар гулшан кунад аз ноз рақс.
Ҷилваи ҳуснаш кунун дар чашми бозам мекунад
Чун хироми ҷилваи теҳу ба чашми боз рақс.
Дорад аз хатти лабаш пайғамбари ҳуснаш китоб,
Турфа пайғамбар, ки мебошад варо эъҷоз рақс.
Дар хами зулфаш дилам имрӯз мерақсад чунон,
Ҳамчу он гӯе, ки созад пеши чавгонбоз рақс.
Рашки раққос аст анҷоми тапишҳои дилам,
Гар кунад он шӯхи раққосӣ даме оғоз рақс.
Дӯш дар оҳанги «Ушшоқ» аз «Наво» мекӯфт по,
Мекунад он гулбадан имрӯз дар «Шаҳноз» рақс.
Мутрибо, зеру бами қонуни худро соз кун,
То насозад он парӣ дар анҷуман носоз рақс.
Дишабам як бор рақсидӣ, кунун, баҳри Худо,
Боз рақсу боз рақсу боз рақсу боз рақс!
Сирри ишқаш, Туғрал, аз тамкини дил пӯшида буд,
Баски мерақсад дилам, тарсам, шавад ғаммоз рақс!

* * *

То қазо зад хаймаи ҳастӣ дар ин нилибисот,
Шаҳди ҷоми айшро бо заҳри ғам кард ихтилот.
Роҳате набвад ба кас дар меҳнатободи ҷаҳон,
Ҷои осоиш набошад саҳну боми ин работ.
Фурсати фардо зи девони азал н-омад туро,
Метавонӣ, кун ту кори хеш имрӯз эҳтиёт.
Дар сулуки ошиқӣ тамкин бувад шарти адаб,
Боргоҳи ишқ набвад ҷои ҳазлу инбисот.
Золи дунёро, ки мардон се талоқаш додаанд,
Ғарраи макраш машав, бинӣ ба гӯши ӯ қирот.
Оқибат печад ба поят ришtаи доми аҷал,
Маслахи дунё, ки аз шому саҳар дорад қимот.

Туғрал, аз ҷоми азал бо қисмати худ розиям,
Заҳри ғам бошад насибам аз қазо ҷои қубот.

* * *

Гар наӣ булбул, туро аз суҳбати гулҳо чӣ ҳаз?!
Нестӣ Маҷнун, туро аз меҳнати Лайло чӣ ҳаз?!
Ғӯта дар баҳри ҳиҷолат зан, гуҳар мебоядат,
Мурғи хокиро зи мавҷи софии дарё чӣ ҳаз?.
Орзуи васл аз авҳом кай гардад тамом?!
Гар набошад бода бо махмур, аз мино чӣ ҳаз?!
Суҳбати равшандилон ҳар ҷо намебахшад асар,
Сангро аз тобиши меҳри ҷаҳоноро чӣ ҳаз?!
Нест имкони сухан бо ёр бе тамҳиди ҷаҳд,
Гар наӣ Мӯсо, туро аз Туру аз Сино чӣ ҳаз?!
Дидаи дил соф кун, аз туҳмати кӯрӣ баро,
К-аз фурӯғи сурма андар чашми нобино чӣ ҳаз?!
Гар наӣ ошиқ, марав дар домани дашти ҷунун,
Доғ набвад дар дилат, аз лолаи ҳамро чӣ ҳаз?!
То тавонӣ, соз ислоҳи мизоҷи худ, вале
Дар димоғи фосидат аз анбари соро чӣ ҳаз?!
Зинҳор аз ҳосили дунё муроде пеша кун,
Ҳосиле гар нестат, аз ҳосили дунё чӣ ҳаз?!
Худ табиби худ шаву бемории худ кун даво,
Қобили сиҳҳат наӣ, аз Бӯалӣ Сино чӣ ҳаз?!
Мақсад аз ҷаннат маро, Туғрал, бувад дидори ӯ,
Гар на дидораш бувад, аз ҷаннатулмаъво чӣ ҳаз?!

* * *

То шуд аз катми адам дар мулки ҳастӣ буди шамъ,
Доя шуд парвона, гӯё, дар шаби мавлуди шамъ.
Баски шаб то рӯз дорад гиря бар ҳоли ҷаҳон,
Ҷуз садои ашки ҳасрат кай бувад дар руди шамъ?!
Гарчи бошад ҷинси ӯро гармии бозори шаб,
Ғайри ҷон кандан аз ин савдо набошад суди шамъ.

Гардани аҳли карам андар баландӣ шуд масал,
Як ҷаҳон парвона мебошад мутеъи ҷуди шамъ.
Бошадаш аз ҷӯши савдо толеъи ӯ Муштарӣ,
Рашк меояд маро аз толеъи масъуди шамъ.
Дар қиём истода бо як пой аз шаб то саҳар,
Кас намедонад, чӣ бошад оқибат мақсуди шамъ.
Дар вафо сар дод ҳар кас, зиндагӣ аз сар гирифт,
Ин масал равшан бувад аз ҷисми ғамфарсуди шамъ.
Гар набошад шамъ, кай парвона бошад дар ҷаҳон?!
Буди ин парвонаҳо набвад магар аз буди шамъ?!
Туғрал, аз ҷӯши ғами савдои ӯ маълум шуд,
К-аш бувад аз равғани парвона, гӯё, дуди шамъ.

* * *

Аз камоли равшанӣ дар дида шуд ҷои чароғ,
Кас набошад дар ҷаҳон имрӯз ҳамтои чароғ!
Роҳ торик асту ту мағрури шамъи дил машав,
Равшанӣ ҳаргиз намебинӣ ту дар пои чароғ.
Мақсад аз сӯзу гудозу гиряву оҳи шабаш
Ғайри ҷонбозӣ намебошад таманнои чароғ.
Дар шабистони ҷунун андар сулуки ошиқӣ
Боли сад парвона мечинӣ зи гулҳои чароғ.
Суҳбати ноаҳл бошад мӯҷиби озори дил,
Бештар аз об бошад шӯру ғавғои чароғ.
Муштарӣ ҷӯшад агар дар зулматободи ҷаҳон,
Кай касе донад ба ҷуз парвона савдои чароғ?!
То ба субҳи ҳашр ҷуз парвонаи шамъи адаб
Нест дигар моҳие, Туғрал, ба дарёи чароғ!

* * *

Ёри моро пераҳан аз барги гул бошад латиф,
Аз ҳарири партави маҳ бар рухаш дорад назиф.
Ғунчааш ҳар дам барад аз оташи ёқут об,
Кай шавад лаъли Бадахшон бо лаби лаълаш ҳариф!

Ин чӣ найранг аст дар бозори имкон, аз ғамаш,
Ҳеч кас холӣ набошад аз вазеъу аз шариф.
Он қадар нахли муродам бори ҳичрон дод бар,
Барги умрам шуд хазон чун барги гул андар хариф
Гаштам аз бори тааллуқ сарвосо мултавӣ,
То ки дидам бо қадаш гесӯи Лайлояш лафиф.
Баски кардам дар ғамаш фарёд аз шаб то саҳар,
Пайкарам чун бол зери бори меҳнат шуд заиф!
Туғрал, азбас кардаам ман васф сар то пои ӯ,
Мисраи барҷастаам бо қомати ӯ шуд радиф.

* * *

Оташи ҳасрат магар дар дил ниҳон дорад ақиқ,
Аз шаҳодатгоҳи шавқи ӯ нишон дорад ақиқ.
Аз ҳадиси шуълаи шавқи амал ғофил мабош,
Ҳар чӣ дар фикри ту меояд, ҳамон дорад ақиқ.
Аз табассум ғунчасон лаъли лаби ӯ во нашуд,
Муҳри хомӯшӣ магар зери забон дорад ақиқ?
Рамзу асрорест дар пасту баланди эътибор,
Аз хароши синаи худ тарҷумон дорад ақиқ.
Гӯиё ҳамчун шафақ дар машҳади шавқи талаб
Чеҳрае аз хун барои имтиҳон дорад ақиқ.
Сахт ҳайронам, ки ман бо ин ҳама нозуктанӣ
Маскане дар миҷмари оташ чӣ сон дорад ақиқ?!
Баски нақди ишқ бошад равнақи бозори ғам,
Кай ба ҷуз савдои номаш дар дукон дорад ақиқ?!
Гӯиё имрӯз доғи ҳасрати савдои ӯст,
Лоласон аз саргузашти ғам баён дорад ақиқ.
Ай хушо аз мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Ҷонканиҳо баҳри номи дигарон дорад ақиқ!»

* * *

Шарар ба арзи таманнои ҷастане аз санг
Дар ин ситамкада умрест хуфта бо дили танг.
Ба боғи даҳр, ки андар гулаш намебошад
На эътибор бо бӯю на эътимод ба ранг.
Бақо ба талхии заҳри аҷал намеарзад,
Махур фиреби таманнои рангу бӯи шаранг!
Хаёли роҳат аз ин чодари фусун нанмо,
Ҷаҳон, ки ҷои фиреб асту хонаи найранг.
Дил аз кудурати авҳоми ғайр холӣ кун,
Ки тира мешавад ойина аз ҳуҷуми занг!
Барам гарав зи рами оҳувон, ки натвон кард
Ҳисоби даҳшатам аз нуқтаҳои пушти паланг.
Зи бими боди ҳаводис чу мӯ ҳамеларзам,
Нишони мӯи миёнаш зи мӯ кашад Аржанг.
Ҳазорпост ба гӯшам, ба ғайри сози ғамаш,
Садои барбати Ноҳиду нағмаи наю чанг!
Маҷӯ зи вазъи ҷаҳон қадру эътибори маро,
Шудам ба сафҳаи имкон мисоли мисраи ланг.
Сиришки ғам ба раҳаш баски рехтам, Туғрал,
Зи ҷӯши ашки надомат равам ба коми наҳанг?!

* * *

Дорад чаман зи равнақи фасли баҳор ранг,
Ҳар барги гул гирифта магар аз ҳазор ранг.
Имрӯз дар бисоти гулистон ба фарши ноз
Хобидааст шоҳиди гул дар канор ранг.
Монанди зоҳидон ту ба саҷҷодаи чаман
Аз донаҳои субҳаи шабнам шумор ранг.
Дорад ба боғ азми сафар корвони гул,
Гӯё ки меравад зи пайи навбаҳор ранг.
Азбаски рехтам ба фироқаш сиришки ғам,
Чашмам барад ба гиря зи шамъи мазор ранг.

Наззора кун ба боғ, ки фурсат ғанимат аст,
Азбаски гашта тавсани гулро савор ранг!
Берангӣ аст ранги хуми нилии фалак,
Гар нест бовари ту, аз ин хум барор ранг!
Гулро ба пеши рӯи ту сомони хиҷлат аст,
Набвад ба ҷуз арақ ба рухи шармсор ранг.
Туғрал, нигар, ки ҳазрати Бедил чӣ гуфтааст:
«Ин ҷост бебақо гулу беэътибор ранг!»

* * *

Ҳофизат аз чашми бад бодо Худованди таъол,
Бод, ё Раб, нахли қаддат дар маҳалли эътидол!
Бодапаймойи майи майхонаи шавқи туам,
Чанд пинҳон мекунӣ рухро зи мо, бинмо ҷамол!
Як шабе сӯи мани саргаштаи маҳзун биё,
Умрҳо шуд дар фироқам ман ба уммеди висол.
Бо кӣ аз ҷабру ҷафоят шаммае созам баён?
Ҷуз дили афсурда набвад маҳраме дар ин мақол.
Чораи дарди дили бечораам соз, эй ҳабиб,
Марҳам аз васлат бинеҳ, дигар маро набвад маҷол.
Аз чӣ рӯ з-афтодагони хеш воқиф нестӣ?
Қадри моро менадонӣ, тифлӣ, эй нозукниҳол!
Нолаҳо кардам чу най, таъсир дар гӯшат накард,
Туғрали ошуфтаро ҳаргиз нагуфтӣ чист ҳол.

* * *

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеч касро ҷои Бедил!
Намоям тӯтиёи дидаи хеш,
Агар ёбам ғубори пои Бедил.
Надидам аз сухангӯёни олам
Касеро дар ҷаҳон ҳамтои Бедил.
Агар кӯҳ аст, бошад Тури Сино
В-агар дарё бувад, дарёи Бедил!

Дили афлокро созад мушаббак
Ливои ҳиммати волои Бедил!
Ба мижгон метавонам кард берун,
Агар хоре халад дар пои Бедил!
Намеёбам кунун холӣ диламро
Замоне аз ғаму савдои Бедил.
Қабои атласи нуҳ чархи гардун
Бувад кӯтоҳ бар болои Бедил!
Ба рифъат бартар аст аз кӯҳ, Туғрал,
Ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил!

* * *

Оламе аз рӯи ӯ дорад гулистон дар бағал,
Бар рухаш наззораро бошад чароғон дар бағал.
Аз саводи ҷаъди зулфаш ҳар замон бар лавҳи дил
Нусхаи ошуфтае дорам парешон дар бағал.
Тӯшаи лахти ҷигар кофӣ бувад ушшокро,
Меравам дар роҳи ишқаш бе лаби нон дар бағал.
Кӯҳканваш кӯҳи дил кан, лафзи ширин боядат,
Шоҳиди маънӣ наёяд бо ту осон дар бағал!
Эътибороти ҷаҳон аз ҷӯши тамкини дил аст,
Мавҷи гавҳарро бувад доим гиребон дар бағал.
Софтабъон маҳви изҳоранд дар арзи адаб,
Ҷавҳар аз ойина дорад чашми ҳайрон дар бағал.
Он қадар дӯш аз ғамаш аз дида боридам гуҳар,
Тифли ашкам меравад имрӯз тӯфон дар бағал.
Ҳамчу булбул рӯзу шаб бо нола дорам улфате,
К-аз фироқи ӯ маро бошад найистон дар бағал.
Паҳлуи ушшоқ бошад гарм дар бозори ғам,
Зоҳид аз афсурдагӣ дорад зимистон дар бағал.
Ҳар замон, Туғрал, кунун з-андеша ҳосил кардаам
Аз хаёлободи зулфаш сад шабистон дар бағал.

* * *

Эй наргиси мастат чаманорои тағофул,
Бозори ту гарм аст зи савдои тағофул!
Дар сурма чу бахти сияҳи мо ҳама акнун
Хобида магар фитнаву ғавғои тағофул?!
Ғафлатасари шавқ бувад ғунчаи лаълат,
Хун гашт дили мо ба таманнои тағофул.
Ҷон дар талабат дода ба уммеди нигоҳе,
Охир шудам аз чашми ту расвои тағофул!
Як чуръае аз бодаи шавқи ту маро бас
Дар анҷумани ноз зи минои тағофул.
Шӯрест зи кайфияти майхонаи чашмат,
Ҳайронам аз ин мастии саҳбои тағофул.
Дар бодияи ишқ давидему надидем
Ҷуз чашми ту нахчир ба саҳрои тағофул.
Бо маслиҳати ишқ ба гулзори ҷамолаш
Чашме бикушо баҳри тамошои тағофул.
Аз васли ту маҳрум ман аз толеъи пастам,
Аз ноз баланд аст магар ҷои тағофул?!
Эй ҳамнафасон, хори раҳи ишқ бароред
Бо сӯзани мижгони ман аз пои тағофул.
Туғрал, чӣ хуш аст мавҷаи дарёи маонӣ:
«Ман куштаи тамкинаму расвои тағофул».

* * *

Гар касе чинад зи боғи оразат як бор гул,
Дар канори худ кунад тамҳиди сад гулзор гул.
Кардаӣ то дидаи худ маҳрами дидори хеш,
Ҷавҳари ойина орад ҳар дам аз зангор гул.
Кам бувад ҳамчун гули рӯи ту гул андар чаман,
Дар гулистони ҷаҳон дидем мо бисёр гул.
Сурате аз чини зулфат гар фитад ногаҳ ба Чин,
Панҷаи Беҳзод мечинад зи шохи мор гул.

Дар чаман гулро агар бинӣ ту бо сад рангу бӯ,
Гар на монанди рухи ӯ бишкуфад, машмор гул!
Ҳар куҷо бошад ҳадиси пардаи рухсори ӯ,
Сози мутриб оварад аз нағмаи ҳар тор гул.
Дам ба дам з-иқболи бахти хеш монанди ҳадаф
Мекунад бар синаам тири нигоҳи ёр гул.
З-аввали шаб то саҳар хобида андар фарши ноз,
Кай шавад аз нолаи булбул даме бедор гул?!
Ҷуз дами ваҳдат ба зери рояти ишқаш мазан,
Хуни Мансурат кунад ногаҳ зи чӯби дор гул.
Ваҳ, чӣ хуш гуфтаст, Туғрал, Бедили баҳри сухан:
«Хоки роҳе бошу аз ҳар нақши по бардор гул!»

* * *

То ба маншури сухан сармашқи туғро гаштаам,
Як ҷаҳон мазмуни як олам муаммо гаштаам.
Чашми бад дур аз барам имрӯз ҳамчун офтоб,
Аз сафои дил дар оғӯши Масеҳо гаштаам.
Баски дар баҳри маонӣ ғӯта хӯрдам чун гуҳар,
Муштамил бо чанд маънӣ ҳамчу улё гаштаам.
То кушодам уқдаҳои нусхаи дарси адаб,
Сархати ҷамъияти иқди Сурайё гаштаам.
Умрҳо бигзашт, андар боғи имкон ҳамчу гул
Хуни дил хӯрдам, ки то маҳбуби дилҳо гаштаам.
Меравам аз хеш чун дарё, вале монанди мавҷ
Аз хаёли зулфи ӯ занҷирбарпо гаштаам.
Гарчи суфтам сад гуҳар бо мисқаби теғи забон,
Лек аз бетолеъиҳо сахт расво гаштаам.
Дам ба дам з-андешаи ӯ дар хаёлоби дил
Ҳамчу моҳӣ дар муҳити ишқ бепо гаштаам.
Гуфтамаш: «Бо зулфи ӯ дарҳам чаро печидаӣ?!»
Гуфт: «Дар сайди бараҳман чун чалипо гаштаам».
То сухан санҷидаам, Туғрал ба мизони адаб,
Дар миёни шоирон имрӯз якто гаштаам.

* * *

Бишнавад булбул агар андар гулистон нолаам,
Мекунад андар чаман тамҳиди сомон нолаам.
Баҳри сози хеш най аз чӯби тӯбо боядам,
То расад дар гӯши он сарви хиромон нолаам.
Арзи матлаб нест ҳоҷат пеши арбоби карам,
Сар занад дар по-ш аз чоки гиребон нолаам.
Сӯхтам парвонасон дар оташи шавқи амал,
Мекунад дар шоми ғам ҷӯши чароғон нолаам.
Зинҳор, эй орзу, густох бар он дар марав,
Хусрави ғамро бувад имрӯз дарбон нолаам.
Хӯшачини хирмани гесӯи мушкинаш будам,
З-он сабаб рафта-ст андар сунбулистон нолаам.
Сози мо ҳарчанд дар бозори ибрат камбаҳост,
Назди ушшоқ аст лекин хуштар аз ҷон нолаам.
Нест ҳоҷат дар маризи ишқ доруе дигар,
Ҳаст дар захми ғами ӯ баски дармон нолаам.
Нолам аз як мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Дарди он дорам, ки хоҳад шуд парешон нолаам».

* * *

Аз он рӯзе, ки ман дар ҳалқаи зулфи ту афтодам,
Саропо қайд будам, гӯиё кардӣ ту озодам.
Ба ошиқ талхии ҳичрони лайлиталъатон ширин,
Аз он дар кӯҳу саҳро ҳамдами Маҷнуну Фарҳодам.
Гиёҳи ташнаам сар барзада дар водии ҳасрат,
Зи навмедӣ самар оварда нахли кулфатэҷодам.
Тилисми унсурам дур аст аз обу гилу оташ,
Надорад киштии тан мавҷро лангар ба ҷуз бодам.
Ба афсуни дили худ оламе зери нигин дорам,
Ки нақши хотами дасти Сулаймон аст авродам.
Шаби ҳичрони ман бо кокули ӯ нисбате дорад,
Парешонӣ маро сармоя шуд, аммо бад-ин шодам.

Бувад пайваста Туғрал андалеби гулшани кӯяш,
Ба ёди хандаи лаълаш чу най умре ба фарёдам.

* * *

Хиҷолатмояам, вазъи парешонист бунёдам,
Гулоби хиҷлат аз сунбул кашад тасвири Беҳзодам.
Нигоҳи ҳайратам аз нақши пои ӯ сабақ гирад,
Магар акси рухи ойина буд сармашқи устодам?!
Муаммои сари зулфаш ба ҷуз аз шона накшояд,
Аз он дар боғ зери сояи мавзуни шамшодам.
Сипанди доғи рашкам сӯхт, аз дил сар занад нола,
Ту пиндорӣ ба санги сурма хобида-ст фарёдам.
Ба савдои хаёлаш шуҳраи офоқ гардидам,
Таманнои висолаш дод ному нанг бар бодам.
Шикасти дил ба санги яъс пайғомест ҷамшедӣ,
Садои косаи чинӣ диҳад Фағфурро ёдам.
Аз он гардидаам дар авҷи дониш Туғрали маънӣ,
Ба қайди лафзи нозук баски шоҳин буд сайёдам.

* * *

Фурӯзад шамъи рухсораш агар дар кулбаи торам,
Ба оғӯши тапиш аз бехудӣ парвонаосорам.
Яке саргаштаам дар водии ишқи парирӯе,
Ки ҷуз андӯҳу кулфат нест дигар ёри ғамхорам!
Зиёи меҳри рухсораш ба имонам кунад даъват,
Саводи куфри зулфаш мекунад таклифи зуннорам.
Агар дастам расад бо домани васли нигор, эй дил,
Яқин донӣ, ки то рӯзи қиёмат ҳеч нагзорам!
Лабаш ҳар дам ҳаёти тоза мебахшад Масеҳосо,
Агарчи мекушад тири нигаҳ ҳар рӯз сад борам.
Ҳилоли абруяш иди Сиём омад ба чашми ман,
Ки то аз хуни дил кардам тамом имрӯз ифторам.

Чунон гардидаам маҳви тамошои ҷамоли ӯ,
Ба миръоти таҳайюр ҳамчу акси нақши деворам.
Аз он рӯзе, ки савдои хаёлаш бар сарам омад,
Ба бозори муҳаббат нақди ҷони худ ба каф дорам.
Ниқоб аз рух наяндозад муаммои мани Туғрал,
Ки холӣ аз такаллуф нест мазмунҳои ашъорам.

* * *

Навбаҳорэҷодам, равнақи ҳамал дорам,
Ҳамчу гулбуни маънӣ ғунча дар бағал дорам.
Дода то маро рухсат муршиди хароботам,
Ғайри миллати ушшоқ кай ғами милал дорам?!
Зулфи ӯ намегардад монеъи ҷунуни ман,
Ҳамчу шамъи базми васл оҳи бемаҳал дорам.
Поймоли дунонам гар зи пастии толеъ,
Аз баландии ҳиммат маснади Зуҳал дорам.
Хондаам китоби ғам дар сулуки маҷнунӣ,
Омили ҷунунам, лек вазъи беамал дорам.
То ба кай зи нодонӣ мебарӣ ҳасад бо ман?
Ин ҳама сухандонӣ қисмат аз азал дорам!
Фаҳми маъниям дорад қадру шакли устурлоб,
Ҳандасӣ агар хонам, ҳарфе аз ҷумал дорам.
Гардиши фалак акнун гар маро диҳад фурсат,
Нусхаҳо ҳамесозам, бим аз аҷал дорам.
Дар сухан намебошад дигаре назири ман,
Ғайри ҳазрати Бедил ман куҷо бадал дорам?!
Маҳви ҳайратам, Туғрал, ман зи мисраи Бедил:
«Бе ту зиндаам, яъне, марги беаҷал дорам!»

* * *

Эй ниҳоли қоматат нахли гулистони Ирам,
Сарви озодат аз он рӯ шуд ба озодӣ алам.
Килки тақдир аз хати райҳон ба райҳони хатат
Насхи таълиқи вафоро кард бар лаълат рақам.

Тоири наззораи ушшоқ бар гирди сарат
Ҳамчу афвоҷи кабӯтар бар лаби боми Ҳарам.
Монии Чин гар бибинад нақши матбӯи туро,
Сурати хубони олам маҳв созад як қалам.
Ҳаст ин маънӣ маро равшан, ки монанди ту нест,
Чун ту маъшуқи паризоде бувад бисёр кам!
Турфа сайёдест чашмони ту, ҳар дам мекунад
Аз хадангаш сояи мижгони нози хеш рам.
Мушк аз ҳасрат ба нофи оҳуи Чин чун шавад,
Гар сабо зулфи туро ошуфта созад субҳдам.
Толеъи баргаштае дорам, ки Туғрал, дар ҷаҳон
Субҳи иқболе надидам ҳеч ғайр аз шоми ғам!

* * *

Ваҳ, ки маҳрам дар ҳаримаш ғайру ман андар дарам,
Шеваи дилбар гар ин аст, чун аз ин дилбар барам?
Дар мақоми васл бонги бемаҳал дорад рақиб,
Мекунад гӯши хирадро савти ин анкар карам.
Дар раҳи ишқи ту гаштам подшоҳи ошиқон,
Маснади ғам тахтгоҳам, чеҳраи асфар фарам.
Дар таманнои ғубори нақши поят хок беҳ,
Ёбад аз зилли ҳумои давлат ар афсар сарам.
Аз ҳуҷуми доғи ишқат шуд дилам оташнасаб,
Чун самандар хӯ ба оташ гир, з-ин миҷмар марам.
Он қадар ҷамъияти шавқат сиришк эҷод кард,
Аз ҳуҷуми ашки ҳасрат гашт то бистар тарам.
Туғрал, аз қайди сари зулфаш куҷо хоҳам расид,
То абад дар бӯтаи ғам созад ӯ ахгар гарам?!

* * *

Адабсармояи ишқам, мапурс аз шӯхии нозам,
Навои нағмаи «Ушшоқ» дорад пардаи созам.
Чу най мехостам ман нолае созам зи ҳичронаш,
Хаёли зулфи ӯ шуд монеъи ҷавлони овозам.

Наметарсам ман аз расвоии худ, лек аз он тарсам,
Ки ифшо гардад аз ишқаш чу Маҷнун бармало розам.
Баму зери хамӯшӣ кай кунад мизроби ман дигар?
Ба ғайр аз сози қонуни ту оҳанге намесозам.
Зи фарзин кардаам аспи ҳавас аз баҳри он шаҳрух,
Бисоти оразаш нардест, ман шатранҷ мебозам.
Фиғону нолаву оҳи маро ҳаргиз ту нашнидӣ,
Расад имрӯз дар гӯши Масеҳо гарчи овозам.
Наёмад домани васли ту, эй маҳ, бар кафам ҳаргиз,
Агарчанде ки чун мадди нигаҳ ҳар сӯй метозам.
Аз он рӯзе, ки фикрам дар шикори сайди маънӣ шуд,
Ба шӯхӣ чун кабӯтар аз нигаҳ дар дидаи бозам.
Ғуруру ноз то кай манъи эҳсони ту месозад?
Хушо рӯзе, ки бо ними нигаҳ созӣ сарафрозам.
Ғубори дидаи халқам гар аз бетолеъӣ, лекин
Миёни аҳли маънӣ дар чаман чун сарв мумтозам.
Худоро, як назар кун ҷониби сеҳри ҳалоли ман,
Агарчанде ки пайғамбар наям, кам нест эъҷозам.
Хушам, Туғрал, ман аз мазмуни бонги қул-қули Бедил:
«Агар соқӣ зи мавҷи бода бандад ришта бар созам».

* * *

Ҳар гаҳ зи ноз хандад он ҷавҳари табассум,
Ғайр аз шакар наҷӯшад аз Кавсари табассум.
Чун хок дод бар бод ӯ оташи қарорам,
Хунам чу об резад аз ханҷари табассум.
Ҷонам агарчи набвад ширин зи шаҳди васлаш,
Бошад ҳаловати дил аз шаккари табассум.
Бедод рафта бо ман аз лашкари тағофул,
Даъвои ишқ дорам бо маҳзари табассум.
Имрӯз кас нахонад дар маъбади ҷамолаш
Ҷуз хутбаи талаттуф бар бистари табассум.
Дар музди мақдами ӯ ҷон туҳфа менамоям,
Пайғоми васл орад гар чокари табассум.

Хондему гашт равшан мазмуни хатти лаълаш,
Ҷуз Хизр нест дигар пайғамбари табассум.
Дар ҳалқаи тағофул гар маркази итоб аст,
Дар базми ноз бошад сардафтари табассум.
Дар пеши хандаи ӯ дурри Адан чӣ бошад?
Лаълаш кашида ёқут аз ахгари табассум.
То чанд менамоӣ такрор дарси нозаш?
Афсона мухтасар кун бо дилбари табассум.
Чун муҷримон бигӯям сад шарҳи қиссаи ғам,
Гар ҳоли мо бипурсанд дар маҳшари табассум.
Дар чини ҷабҳа то кай, эй раҳзанони ишрат,
Берун равед акнун аз кишвари табассум!
Сад офарин ба Бедил, к-аш гуфтааст, Туғрал:
«Ё Раб, мабод теғаш чун ҷавҳари табассум!»

* * *

Чу май аз оташи шавқи висоли ёр дар ҷӯшам,
Ба сад мизроб метозад фиғонам, лек хомӯшам.
Агарчанде ки чун сарвам дар ин гулшан ба озодӣ,
Ғуломи ҳиммататам, ҷуз ҳалқаи ӯ нест дар гӯшам.
Хамӯшӣ шуд насиб аз қисмати ҷоми азал бо ман,
Чу мино нашъае дорам, валекин панбадаргӯшам.
Зи дасти хеш то додам инони сабру тоқатро,
Ба ёди пойбӯсаш рафта аз ман пештар ҳушам!
Аз он рӯзе, ки ҷонам шуд нишони новаки тираш,
Зи бори ишқи ӯ хам гашта монанди камон дӯшам.
Таҷаррудмашрабам, осуда андар бистари роҳат,
Ба ғайр аз шоҳиди маънӣ намебошад дар оғӯшам.
Ғариқи луҷҷаи ишқам, чӣ мепурсӣ зи аҳволам?
Ватан дар ҷайби худ дорам, ҳубоби хонабардӯшам.
Намебошад либосе дар бари ман ғайри урёнӣ,
Надорам кисвати дигар, зи олам чашм мепӯшам,
Барад ҳуш аз сарам, Туғрал, хамин як мисраи Бедил:
«Ҷаҳон таъбир буд он ҷо, ки ман хоби фаромӯшам».

* * *

Гирифтори каманди он хами зулфи буногӯшам,
Ҳубобосо ба савдои хаёлаш хонабардӯшам.
Адибо, бо ман аз дарси хирад дигар магӯ ҳарфе,
Чу Маҷнун дар хаёли турраи Лайлӣ бувад ҳушам.
Намехоҳам ба ғайр аз давлати дидори васли ӯ,
Агар фарзанди хуршеди фалак ояд дар оғӯшам!
Маро аз зиндагӣ беҳтар, ки мурдан дар таманнояш,
Агар дар ҷоми Ҷам оби ҳаёт ояд, наменӯшам!
Ҳамин шуд сарнавишти қисмати рӯзи азал бо ман,
Қазо аз ҳалқае доғи ғуломӣ кард дар гӯшам!
Набошад дархури ман ҳеч лофи нағмаи шавқаш,
Зи ташвири ҳароратҳои ишқи ёр дар ҷӯшам.
Хушо дар пайкари ман кисвати хоки дараш, Туғрал,
Ба ҷои пираҳан ҷуз ӯ зи олам чашм мепӯшам!

* * *

Надонам, шамъи рухсори кӣ равшан шуд зи омолам,
Ки чун парвона сарфи сӯхтанҳо шуд пару болам.
Агар сад раҳ китоби ишқро хонӣ, намеёбӣ
Ба ҷуз шарҳи ҷунун аз нусхаи девони аъмолам.
Ба ёди иди васлаш салхи моҳи ман шавад бадре,
Ғуруророи айшам, ғурраи айёми шавволам.
Китоби мушкилоти ишқи ман наҳви дигар бошад,
Намефаҳмад ба ҷуз Маҷнун дигар кас шарҳи аҳволам.
Ман аз бори заифӣ он қадар гардидаам лоғар,
Ту пиндорӣ, ки сармашқи садои нолаву нолам.
Надорад гашти роҳат муҳраи нарди бисоти ман,
Нишони саъд ҳаргиз нест андар қуръаи фолам.
Фусуни толеъам аз шоми навмедӣ асар дорад,
Надомат гул кунад аз шӯхию найранги омолам.
Ба ҳайрат ғӯта хӯрдам аз тамошои ҷамоли ӯ,
Ки чун ойина аз наззораи рухсори ӯ лолам.

Таназзул аз тариқи равнақи бахтам нагун созад,
Ба ҷуз идбор набвад ҳосили сомони иқболам.
Асое бар кафам имрӯз аз чӯби камон бояд,
Ки ман дар зери бори ишқи ӯ хамгашта чун долам.
Чӣ хуш гуфта-ст, Туғрал, шоҳи авранги сухан Бедил:
«Димоғи шуҳрати анқо надорад резиши болам».

* * *

Нашъа аз майхонаи таҳқиқ мехоҳад дилам,
То зи қайди ҳалқаи зулфи маҷозӣ бигсалам.
Нардбони боми матлаб поя ҷуз ҳиммат надошт,
Шоми навмедӣ зи субҳи муддао омад ба дам.
Рангомези гулистони тавассул шуд ҳаё,
Ғайри ӯ чашмак чу наргис бар рухи дигар задам.
Боли парвози сабукрӯҳӣ надорад ҷуз фано,
Ошён гирад ҳумои матлаб аз авҷи адам.
Сиккаи номи бузургӣ ҷуз ба муҳри хомушӣ
Кай занад доно ба сими қалб ғайр аз ин дирам?
Нақши Беҳзод аст тасвире, ки дар дил бастаем,
Ҳайрати ойинаро тимсоли мо бошад рақам.
Завқи оғӯши тапишҳо ҳамчу мӯ дар оташ аст,
Сӯхтам аз нола, то гаштам чу нол андар қалам.
Аз парешонӣ ба дил ҷамъияте дорам чу гул,
Танг омад пираҳан, ин ҷома бар тан медарам.
Доғи дил чун лола сомони фанотамҳид шуд,
Сабзаи ин боғ, Туғрал, аз хазон дорад ситам.

* * *

Надонам, нашъа аз паймонаи чашми кӣ дар ҷомам,
Занад барҳам дами субҳи нишотам зулмати шомам.
Ба девони хаёлам нест ғайр аз абҷади ишқаш,
Зи нақши ин нигин бошад баланд овозаи номам.

Гули табъам шукуфта аз насими нуктасанҷиҳо,
Саропо дам занад аз пухтамағзӣ меваи хомам.
Тапидам, нола кардам, сӯхтам, бо хеш печидам,
Ба мавҷи беқарорӣ нохудо гардид оромам.
Ҳусули муддао дар чеҳраи даҳр аст нопайдо,
Ба ҷои шаҳд шуд ҳанзал насиб аз даври айёмам!
Майи шодӣ ба ҳар кас қисмат аз рӯзи азал бошад,
Нашуд аз соқии даври фалак як ҷуръа дар комам.
Куҷо ояд маро, Туғрал, ба хотир ҷаннату ҳураш,
Ки ҳамчун ҳола имшаб ман ҳамоғӯши маҳи томам?!

* * *

Ҳаловат дар дилам аз ишқи ҷонон,
Зи васлаш гаштаам чун ғунча хандон.
Ба сар аз ишқи ӯ сад шӯру ғавғо,
Ба дил аз меҳри ӯ сиррест пинҳон.
Бувад аз ханҷари мижгони нозаш
Ҳазорон рахна андар дину имон.
Яму қулзум шавад пайдо ба олам,
Бисозам гиря чун абри баҳорон.
Чӣ хуш бошад, шавад васлаш муяссар,
Суханҳо гӯям аз ҳар боб чандон.
Ибо нокарда аз лаълаш ситонам,
Иҷозат гар диҳад, бӯсе ба дандон.
Наям аз ошиқони бемурувват,
Ки рӯбам хоки роҳашро ба мижгон.
Мабодо хоре андар раҳгузораш
Зи мижгон афтаду набвад адаб он.
Занам обе ба роҳи ӯ зи дида,
Ки биншинад зи по гардаш бад-ин сон.
Ғуломи ҳалқабаргӯш аст Туғрал,
Биҷӯяд васли ҷонон аз дилу ҷон.

* * *

Дар ғами ишқи ту охир нотавон хоҳам шудан,
Оқибат дар хок чун тири камон хоҳам шудан.
Ошиқонро хоксорӣ рутбаи озодагист,
Зери пои тавсанат чун парниён хоҳам шудан.
Во макун беҷо матои зулм дар дуккони даҳр,
Нақди савдои туро ман корвон хоҳам шудан.
Он қадар ман дар хаёли шавқат аз худ рафтаам,
Бо хаданги нози ту санги нишон хоҳам шудан!
Қолаби афсурдаам дар роҳат охир хок шуд,
Зери поят гар заминам, осмон хоҳам шудан!
Шукри он давлат, ки эй абрӯкамон, аз ростӣ
Бо хаданги нози ту санги нишон хоҳам шудан.
Зарраосо пеши хуршеди рухи зебои ту
З-инфиоли нокасиҳо бенишон хоҳам шудан.
Гарчи дар кӯят намеоям ба силки ошиқон,
Чун сагон андар ҳаримат посбон хоҳам шудан.
Ҷои он дорад, ки, Туғрал, фазлро бошад ривоҷ,
Як қалам ҳамчун алиф дар қалби ҷон хоҳам шудан.

* * *

Эй ҷафоҷӯ, андаке қалби маро тафреҳ кун,
Дар машомам аз шамими турраат тарвеҳ кун.
Эй камонабрӯ, ба тири ғамза афкандӣ маро,
Сайди худ магзор бо ғайру накӯ ташреҳ кун.
Ҳамчу ман имрӯз ҳар кас лофи ишқат мезанад,
Нусхаи лавҳи дили ушшоқро тасҳеҳ кун.
Дил ба иқди зулфи мушкинаш агар хоҳӣ гарав,
Ин муамморо ба номи он парӣ тавшеҳ кун.
Гар туро бошад таманнои ҳавои ишқи ӯ,
Рав, иёри хешро аз муддао танқеҳ кун.
Мушкилоти дарси ишқи ёр мехонӣ ҳаме,
Асли мақсадро зи устоди ҷунун тавзеҳ кун.

Субҳи матлаб орзу дорӣ магар аз васли ӯ?
Шоми ҳичронро шумори донаи тасбеҳ кун!
Эй ки хоҳӣ, обрӯи дину дунё ёфтан,
Ҷуз сулуки ишқ дигар шеваро тасреҳ кун.
Гар намехоҳӣ, ки гардад шуҳрати номат баланд,
Бикри маъниро ба домоди сухан танкеҳ кун.
Гарчи набвад бар дарат ушшоқ дар силки сагон,
Туғрали ошуфтаро аз дигарон тарҷеҳ кун.

* * *

Оҳ аз ҷӯши сафои табъи маънизои ман,
Занги ғам ойинасон бигрифт сар то пои ман!
Оқибат аз дасти найранги Зулайхои қадар
Гӯшаи зиндони меҳнат шуд чу Юсуф ҷои ман!
Меҳри роҳат душманам гардида аз бахти сияҳ,
Дӯстонро нест ҳаргиз заррае парвои ман!
То шудам ман маҳрами майхонаи базми вуҷуд,
Бодаи ишрат нахоҳӣ ёфт аз минои ман!
Муштарииқболи назмам, лек дар бозори даҳр
Ҷуз қумоши ғам набошад дигаре савдои ман!
Дастбанди даъвиям буд ҳалқаи зулфи бутон,
З-он сабаб шуд баста бе занҷир акнун пои ман!
Гаштам аз туҳмат асири дӯзахи қаҳри адӯ,
Ёди чун гулзори ҷаннат манзилу маъвои ман!
Туғрал, аз ҷаври фалак гаштам асири қайди ғам,
Гар на лутфи Ҳақ бибахшояд ба ҳолам, вои ман!

* * *

Шӯхи шаҳрошӯби ман гар беҳиҷоб ояд бурун,
Бо тамошои ҷамолаш офтоб ояд бурун.
Аз майи васлаш рақибон ҷумла яксар комёб,
Сӯи ошиқ он ҷафоҷӯ бо итоб ояд бурун.
Дар чаман бе рӯи ӯ бо гул чӣ сон созам нигаҳ?
Шабнами хиҷлат ба рӯям чун гулоб ояд бурун!

Он қадар бо ёди ӯ аз дида боридам гуҳар,
Мавҷи тӯфони сиришкамро ҳубоб ояд бурун.
Сӯхтам дар миҷмари ишқи ту, эй нозофарин,
Ҳар даме аз дил маро бӯи кабоб ояд бурун.
Бе ту умре ҳамчу най бо нола дорам улфате,
Барқи оҳам ҳар нафас ҳамчун шаҳоб ояд бурун.
Кист, Туғрал, уммати пайғамбари Хизри хаташ,
Эй хуш он пайғамбаре, к-ӯ бо китоб ояд бурун!

* * *

Ба ёди хандаи он лаъли майгун
Шудам чун ғунча дар ин боғ дилхун.
Саводи зулфи ӯ шуд сархати ман,
Бувад сармашқи ман ин бахти вожун.
Ниҳоли қоматаш мумтоз бошад
Ба боғи эътибор аз сарви мавзун.
Каш аз ранги ҳино дасти ҳавасро,
Ки аз хунам бувад пои ту гулгун!
Зи ҳичрони ту дарёи сиришкам
Талотум мекунад чун мавҷи Ҷайҳун.
Ба ҳам оғушта дар сурху сафедӣ
Рухаш монанди барфу қатраи хун.
Ба назди Кӯҳкан яксон намояд
Фарозу шеби кӯҳу дашту ҳомун.
Бувад ранги рухи Азро зи Вомиқ,
Тирози домани Лайлӣ зи Маҷнун.
Ба ёди наргису зулфи ту, Туғрал,
Шудам чун айни «коф»-у ҳалқаи «нун!»

* * *

Буте дорам, ки сад майхона бошад дар канори ӯ,
Бутонро фарз бошад саҷдаи тавфи мазори ӯ.
Набошад боғи имконро гуле ҳамчун гули рӯяш,
Агарчанде ки нашкуфта-ст як гул аз ҳазори ӯ.

Гулӯи ташнаам мехоҳад обе аз дами теғаш,
Хуш он соат, ки ҷон бошад шаҳиди интизори ӯ!
Ба хубӣ гарчи набвад дар ҷаҳон монанди ӯ, лекин
Тариқи зулму ойини ситам бошад шиори ӯ.
Нисори хоки пояш туҳфае ҷон дар бағал дорам,
Ба уммеде расад шояд, агар уммедвори ӯ!
Гуле аз гулбуни васлаш тавон чидан аз он боғе,
Ки бошад ошёни мурғи анқо дар чинори ӯ.
Кунун чун кофарон дар ҳукми мансухуламал бошад,
Сулуки доругири дилбарон аз гирудори ӯ.
Набудӣ гар шарики дарси ғам бо меҳнати Маҷнун,
Тавон будан кунун парвонаи шамъи мазори ӯ.
Маро бошад равону рӯҳу ҷисму ҷону тан, Туғрал,
Нисори ӯ, нисори ӯ, нисори ӯ, нисори ӯ!

* * *

Шӯхе, ки бигзарад зи дили мо синони ӯ,
Бошад хаданги ҳодиса тири камони ӯ.
Дар саҳни боғ ғунчаи нашкуфта з-инфиол
Хун мехурад зи ҳасрати рашки даҳони ӯ.
Васфи ҳадиси мӯи миёнаш чӣ сон кунам?
Тарсам, зиён расад зи сухан дар миёни ӯ!
Резад ба хок шарбати оби наботро
Вақти сухан ҳаловати шаҳди баёни ӯ.
Бодо ҳамеша, рӯзу шабу лаҳзаву замон,
Чун мардумак ба хонаи чашмам макони ӯ!
Аз ноз агарчи лаб накушояд, маро бувад
Ҷузъи карашмаи нигаҳаш тарҷумони ӯ.
Сити камоли Туғрали мо рафт дар ҷаҳон,
Азбаски шуд ба нахли сухан ошёни ӯ.

* * *

Бурд диламро зи раҳ зулфи сумансои ӯ,
Кард шаҳиди нигаҳ наргиси шаҳлои ӯ.
Гашта ба ҳам тавъамон аз хати килки азал
Дасти ману доманаш, фарқи ману пои ӯ.
Кай бувад андар замин дархури ӯ маскане?
Манзари чашмам бувад манзилу маъвои ӯ.
Гардани сарви саҳӣ хам шуда аз инфиол
Дида магар дар чаман қомати зебои ӯ?!
Фарши хироми раҳаш чашми умедам бувад,
То нарасад бар замин нақши кафи пои ӯ.
Гарчи Масеҳо ба лаб зинда кунад мурдаро,
Дар фанни эҳёгарӣ раҳ набарад ҷои ӯ.
Ҳар кӣ ба рӯз оварад шоми фироқи туро,
Гар на ба ҳолаш кунӣ раҳм, бувад вои ӯ!
Мешиканад чун хазаф қимати дурри Адан
Ҳамчу суханҳои ман лаъли шакархои ӯ.
Бод туро офарин, Туғрали шоҳинватан,
Кард тамом аз сухан васфи саропои ӯ.

* * *

Моҳи тамоми ман, ки манам мустаманди ту,
Мурғи дилам фитода ба доми каманди ту.
Рафтори хеш кабки дарӣ тарк мекунад,
Бинад агар хироми қади дилписанди ту.
Дар мулки ҳусн хусрави фармонраво туӣ,
Дил нест дар ҷаҳон, ки набошад ба банди ту!
Эй қомати баланди ту сармашқи дилбарӣ,
Ҷонам фидои қомати болобаланди ту!
Нарди муфохарат зи фалак мебарад замин,
Зеро ки маҳрам аст ба наъли саманди ту.
Қурбони он шавам, ки туро офаридааст,
Дар ҳар куҷо бувад сухан аз чуну чанди ту.

Лабҳои ғунча во нашавад, гар равӣ ба боғ,
Аз шарми хандаи лаби ширин зи қанди ту.
Ёд аз ҳавои саҷдаи абрӯт мекунад
Туғрал, накарда ваҳм зи теғи паранди ту.

* * *

Дилбарамро ҳаст, гӯё, сайри саҳро орзу,
Лоларо бошад аз он доғи сувайдо орзу.
Ҳар замон мадди нигаҳро рухсати наззора кун,
Бошадат гар аз ҷамоли ӯ тамошо орзу.
Як сухан аз лаъли ҷонбахшаш туро кофӣ бувад,
Гар бувад дар дил туро эъҷози Исо орзу.
Ман гирифтори ваям, булбул асири гул бувад,
Ҳар киро бошад ба дил навъе таманно орзу.
То тавонӣ, гир аз майхонаи чашмаш қадаҳ,
Гар туро бошад хаёли ҷому мино орзу.
Гар азизи Мисрро маҳрам шуд, аммо кай бувад
Ҷуз ҳавои ишқи Юсуф бо Зулайхо орзу?!
Ҳалқаи занҷири ӯ аз ҳалқаи чашмам кунед,
Гар бувад ёри маро халхол дар по орзу.
Хондаам бисёр аз лавҳи китоби навхатон,
Туғрали морост акнун хатти туғро орзу.

* * *

Эй ғунчаи хандони ман, аз бӯстони кистӣ?
В-эй душмани имони ман, аз дӯстони кистӣ?!
Тире зада бар ҷони ман мижгони новакафканат,
Эй турки тирандози ман, абрӯкамони кистӣ?!
Сарви қадат андар чаман бишкаст қадри норван,
Эй аръари тӯбишикан, сарви равони кистӣ?!
Ман тӯтиям шаккаршикан, Ҳиндустонам зулфи ту,
Бо холи ҳиндуи лабат Ҳиндустони кистӣ?!

Аз лаъл меорад бурун гавҳар Бадахшони лабат,
Эй сад Бадахшон дар лабат, ту худ зи кони кистӣ?!
Нолидам аз шаб то саҳар, бишнидӣ афғони маро,
Як раҳ нагуфтӣ, эй санам, к-андар фиғони кистӣ?!
Ҷони маро бе рӯи ту ором набвад дар бадан,
Баҳри Худо, бо ман бигӯ, ороми ҷони кистӣ?!
Дерест бо фикри расо сайди маонӣ мекунӣ,
Эй Туғрали авҷи сухан, аз ошёни кистӣ?!

* * *

Ёди айёме, ки сӯйи мо хироме доштӣ,
Бо каф аз майхонаи алтоф ҷоме доштӣ!
Аз баҳори оразат наззораам мечид гул,
Чун нигаҳ дар хонаи чашмам мақоме доштӣ.
Анҷуманорои базми мо ҳадиси васл буд,
Ҳайфи гуфторе, ки з-он шаккар ба коме доштӣ!
Аз тариқу шеваи аҳду вафо гаштӣ бурун,
Бо мурувват байни хубон гарчи номе доштӣ.
Муждаи пайғоми сад қосид буд анфоси Масеҳ,
Аз лаби ҷонбахш моро гар паёме доштӣ.
Хос буд мар омрову ом буд мар хосро,
Аз навозишҳо, ки лутфи хосу оме доштӣ.
Кулбаи мо, Туғрал, аз хуршед партав мезанад,
Сӯи ин кошона гӯё сайри боме доштӣ.

* * *

Бо лаби лаъли ту тӯтӣ накунад ҳамсуханӣ,
Бигзарад пеши ту аз даъвии шаккаршиканӣ.
Сунбули зулфи туро бод парешон созад,
Бишканад анбари сороию мушки хутанӣ.
Гарчи абрӯи ту шуд қиблаи ислом, вале
Бути бутхонаи Чину санами аҳриманӣ.

Сурхии бираи танбули лабатро дида,
Хуни ҳасрат хӯрад аз рашк ақиқи яманӣ!
Ҳеч дар боғи ҷаҳон гул набувад чун рӯят,
Эй гули боғи латофат, зи кадомин чаманӣ?!
Даҳанат вақти сухан гар гуҳарафшон гардад,
Нархи хармуҳра шавад қимати дурри аданӣ!
Ба ман омад зи қазо хатми тамомии сухан,
Хатм шуд бо ту чунон даъвии симинзақанӣ.
Ғунча дар боғ агар лаъли лабатро бинад,
Назанад лоф ба пеши ту зи кӯчакдаҳанӣ!
Гарчи нанг аст туро ошиқии Туғрали мо,
Ба Худо шукр кунам, з-он ки ту маъшуқи манӣ!

* * *

Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ?!
Рост будам чун алиф, монанди долам кардаӣ.
Охир, эй гардун, задӣ санги маломат бар сарам,
Зери пои бешуурон поймолам кардаӣ!
Аз чӣ рӯ, эй чарх, чун ман эътиборат дур бод!
Қуръаи беэътибориҳо ба фолам кардаӣ?!
Аз ту, эй Ноҳид, гуфторам навои тоза дошт,
В-аз ҳасад, эй чарх, чун Яъқуб лолам кардаӣ.
Оқибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун,
Аз чӣ дар рӯзи азал қисмат камолам кардаӣ?!
Эй сипеҳри бемурувват, ин кадомин шева аст?!
Нола месозам зи дастат, то чу нолам кардаӣ!
Буд дар ойинаи ман акси сад маънӣ дучор,
Занги ғам бар рӯи миръоти хаёлам кардаӣ!
Рӯзгоре буд, ки медодам ба чизе ман навол,
Хуни ҳасрат, эй фалак, охир наволам кардаӣ.
Ҳамдамонам нокасони ғӯлу аз дониш тиҳӣ,
Суҳбати донишварон амри муҳолам кардаӣ!
Дар ҳавои мӯшикофӣ Туғралам пар мезанад,
То ту, эй гардун, маро дур аз висолам кардаӣ!

АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

ШОИРИ ВОЛОФИТРАТ ВА НУКТАРАС

Мулло Муҳаммадҳусайн байни солҳои 1880-1882 дар деҳаи Қарақамиши деҳаи Кангурти ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Тахаллуси адабияш Ҳоҷӣ буда, дар сарчашмаҳо бо номи Ҳоҷӣ Мулло Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ маъруфият дорад. Вай дар оилаи Зокирдевонбегӣ, ки риштаи мирохурӣ дошт, ба воя расида, таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш фаро мегирад. Гузаштагони Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайн хостагони Дашти Кунаки ноҳияи Сарихосори вилояти Хатлон будаанд.

Кӯмаки молӣ аз ҷониби падар ва фаро гирифтани дониши хуби ибтидоӣ дар деҳа имконият медиҳанд, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн рӯ ба маркази илму фарҳанги замон – ба Бухоро ниҳад ва дар мадрасаҳои Гурсунҷону Рашиди ин шаҳри новобаста ба авзои нобасомони замон фарҳангпарвару адабдӯст рафта, дониш бар дониш афзояду аз илмҳои замона баҳраёб гардад. Ӯ дар ин ҷо илова бар улуми расмии давр ҳунари хаттотиро омӯхта, дар ин ҷода ба эҳтиром ва эътибори бузург ноил гардида будааст. Шоири оянда адабиёти пешини форсӣ-тоҷикӣ, илми шеъру шоирӣ ва сарфу навҳи арабиро хеле хуб медонист. Вай пас аз анҷоми таҳсилу омӯзиши фарогир по ба ҷаҳонгардӣ ниҳода, аввалан ба Арабистон меравад ва шарафи ҳаҷҷи акбар ёфта се сол дар он ҷо иқомат мекунад. Ҳоҷӣ Ҳусайн баъди сафари Ҳиҷоз ҳамчунон ба якчанд шаҳру билоди Фаранг ба саёҳат рафта, чанде дар Эрону Ҳиндустон низ будааст. Ҳоҷӣ баъди саёҳатҳои начан-

дон тӯлонӣ ба зодгоҳаш Кангурт меояд ва дар мадрасаи деҳа ба толибилмон аз фиқҳ ва сарфу навҳи арабӣ дарс мегӯяду бо эҷоди бадеӣ машғул мегардад. Мавсуф дар санъатҳои хаттотӣ, лаввоҳӣ, саҳҳофӣ, муҳрканӣ низ маҳорати хуб доштааст.

Мувофиқи маълумоти хонаводагӣ, ки дар китоби адабиётшиносони тоҷик Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ «Таърихи адабиёти форсӣ дарӣ-тоҷикӣ» (Кобул, 2009, с. 448) забту сабт шудааст, Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайн соли 1917-1918 м. дар зодгоҳаш деҳаи Кангурт вафот кардааст. Ин таърих дар «Тазкирату-ш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарами Бухорӣ таври зайл нақл ёфтааст: «Дар шаҳри рабеулохири санаи 1335 ҳиҷрӣ вафот ёфт. Ҷисми ӯ ба замини мавлудаш монд ва рӯҳаш ба олами бақо шитофт». Ҳам акнун пайкараи муборакӣ шоир дар мазори Ҳазрати Мавлавии деҳаи Кангурт хуфта ва обод аст.

Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ ҳанӯз дар рӯзгори хеш дар байни аҳли сухан ҳамчун шоири хушзабону чобукандеш ва борикхаёл шуҳрат ёфта буд. Дар тазкираи Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам омадааст, ки «Ҳоҷӣ тахаллуси сухансанҷи волофитрат ва нуктараси нозуктабиат, дарёдили сонеъзамир, қаламзани бадеъпардоз, нигорандаи мабонӣ ва нигористони маъонӣ Мулло Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ аст. Таҳсили улум дар назди асотиди дорулфохира карда, пайк гардида ба ҳар кӯча даррасида, абвоби футӯҳро дар ҳарб ба рӯи худ кушода, аз ҳар хирмане дона рабуда, пас аз он дар ватан тарҳи иқомат андӯхта, дар он ҷо байни акобиру асоғир эътибори тамом ёфта, ашъори худро бар зевари табъ расида…». Ин нигоштаи мухтасару мушаххаси Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ бешубҳа чеҳраи адабии Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайнро ба хонанда равшан нишон медиҳад. Ва дуруст ҳам ҳаст, ки «Куллиёт»-и шоир бо заҳмати худаш мураттаб гардида, байни солҳои 1912-1913 дар чопхонаи Тошканд ба табъ расида будааст, ки он беш аз 6500 байт ашъори шоирро дар худ маҳфуз дорад. «Куллиёт»-и шоир аз анвои шеърии ғазал, қасида, рубоӣ, мухаммас, марсиёт, манзумаҳои «Воситату-н-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷуда», рисолаи

таърихии «Мунтахабу-л-ахбор фӣ табақоту-с-салотин», маснавии «Комде ва Мадан», 10 мактуби манзуму мансури ба ашхоси гуногун навиштаву ирсолгардида, баъзе порчаҳои маснавиҳои хурд ва ғ. фароҳам омадааст. Имрӯз дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии ба номи академик Абдулғанӣ Мирзоеви Маркази мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қаламии «Куллиёт»-и шоир зери рақами 1594 маҳфуз мебошад. Ҳамчунон ашъори зиёди Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлониро дар маҷмӯаву баёзҳои хаттии ибтидои асри XX метавон дучор омад.

Дар баробари ин ҳама аз Ҳоҷӣ Ҳусайн рисолаи «Хутути ашколи исломия» (дар бораи навъҳои хатти ниёгон ва ҳунари хаттотӣ) ба мерос мондааст. Рисолаи мазкур намунаи тамоми анвоъи хати арабиро дар бар гирифта, ҳамчун маводи тайёри таълимӣ барои навмашқони хат дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки офаридаҳои манзуми Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ гуногунжанру пурмуҳтаво буда, дар онҳо афкори иҷтимоӣ, ишқӣ, танқидиву шикоятӣ, баъзан андешаҳои мистикӣ-дунёбезорӣ дар ҷомаи мавҳумҳои динӣ-тасаввуфӣ ва ғ. ба ҳам омезиш ёфтаанд. Зиёда аз ин, мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, тасвири назаррабои табиат, андешаҳои ватандӯстӣ, таърихи баъзе воқеаву ҳодисаҳо мавзӯъҳои меҳварии «Куллиёт»-и шоир мебошанд.

Маснавии «Комде ва Мадан» аз асарҳои манзуми калонҳаҷми шоир буда, он дар пайравии маснавии «Комде ва Мадан»-и Мирзо Абдулқодири Бедил байни солҳои 1909-1910 эҷод гардидааст. Муҳтавои асосии достон ишқи байни овозхони ширинадо Мадан ва раққосаи дилрабо Комдест, ки ба ҳамдигар дар базми шоҳи Ҳиндустон дил дода, бо душвориҳои зиёде билохира ба коми дил мерасанд. Дар достон маонии ватандӯстиву инсонпарварӣ ва ваҳдату баҳамоӣ мавқеи вижа дорад.

Қисми зиёди эҷодиёти Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлониро жанри дар адабиётамон серистифодатарин – ғазал ташкил медиҳад. Ғазалҳои ин шоир низ чун ғазали ғазалсароёни маъруфи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ фарогири мавзӯъҳои ба ин

жанр алоқаманд мебошад. Шоир дар ғазалҳояш пеш аз ҳама ошиқ аст ва хеле нозуку ҷозибаангез аз ишқ мегӯяд:

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гираҳгираш,
Гудозад ҷавҳари ойина аз тимсоли тасвираш…

ё:

Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам,
Ки нагуфтӣ ҳеч гоҳе ба дарат чӣ кор дорам?

ва ё:

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъузор ку?
Ғунчаю гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?

Ҷои дигар мехонем:

Чӣ сабаб, ки шӯхи мастам бари мо надида бигзашт?
Нанишасту нолаи мо даме ношунида бигзашт?

Ҳофиз Ҳусайн дар осори ғаноияш афсӯс аз он мехӯрад, ки умри кӯтоҳ дар ғафлат мегузараду мо – одамон онро нодида мемонем:

Он замоне чашми хоболуди мо дар хоб буд,
Бехабар бигзашт аз мо корвони зиндагӣ.

Забони эҷодиёти Ҳофиз Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ дур аз такаллуфот ва бо ками андар кам истифода гардидани калимаву таркибу ибороти арабӣ оро ёфта,мусиқияти баланд доранд.

Диди эстетикӣ зебопарастии шоир бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ашъори ӯро рангин ва намакин сохтааанду ин ҷо аз ғазалиёти ӯ «муште аз хирвор», барои баҳра бардоштану суд ҷустан, ба дӯстдорони шеъри ноби форсӣ-тоҷикӣ пешкаш мегардад.

Хайрулло Табаров

ҒАЗАЛИЁТИ
ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

* * *

Эй ақлҳо зи ҳайрати дарки камоли ту
Бишкаста бол дар раҳи фикру хаёли ту.
Бас танг ҷост вусъати майдони коинот
Дар пешгоҳи соҳати қудси ҷалоли ту.
Ҳафт ошёни дӯзахи пурмор бо накол
Як ҳуфрае зи маҳбити қаҳру ҷалоли ту.
Андар шитоб рӯзу шаб аз ҳар чи мераванд,
Нуҳ тавсанон зи даҳшати савти ҷалоли ту.
Бар моҳу хур, ки доимо ин нур медиҳанд,
Як партаве битофт зи шамъи ҷамоли ту.
Зарроти коинот ҳама бол мезананд
Дар офтоби равзани байтулвисоли ту.
То аз бухори файзи ту сероб шуд саҳоб,
Хуррам намуда домани дашту ҷиболи ту.
Бинмуда лутфи оми ту Хизри баҳорро
Хизрилибосу ғунчаро хушбӯ шамоли ту.
То лутфи ту зи сунбули хатнӣ алаф бидод,
Мушкин шуда машимаи нофи ғизоли ту.
Дар дидае, ки аз раҳи ихлос бингарад,
Пур бебаҳост гавҳари сангу сафоли ту.
Эй мунъиме, ки нотиқа з-эҳсои неъматат
Лакнатзабон зи ҳайрату вомонда лоли ту.
Ҳоҷӣ ба тавфи Каъбаву Мино, ки меравад,
Он даргаҳест ин гадо созад суоли ту.

* * *

Эй номи ту ҳаловати ҷону забони мо,
Ширин бувад зи лаззати шаккар даҳони мо.
Вомондагони ҷодаи дашти залолатем,
Эй раҳнамо, ҳидояте бар корвони мо.

Аз обёри файзи худ сероб гар кунӣ,
Пажмурдагӣ самар диҳад дар бӯстони мо.
Аз навбаҳори марҳамат абри наволро
Фармо, ки то хазон барад аз гулситони мо.
Рӯзи забон гирифтани ҳайрат намоиям,
Бикшо забон зи раҳмату кун тарҷумони мо.
То кай ба тирагӣ дили зангошнои ман,
Эй шустушӯ, таҳорате андар ҷинони мо.
З-ин фитнаҷо нишонаи тири бало шудем,
Худ гӯ, куҷост балдаи доруламони мо.
Пӯшида нест пеши ту асрори коинот,
Ойинаест пардаи айби ниҳони мо.
Мо худ ҷаҳулу сархати авсофи мо залум,
Фазлат агар на нест, чи суд имтиҳони мо.
Ҳоҷӣ, шикастамаҳмили байдои кӯйи туст,
Шояд бигӯйӣ бандаи мо, нотавони мо.

* * *

Эй дар хаёли рӯйи ту пурдоғ синаҳо,
Дар дил ниҳон зи оташи шавқат дафинаҳо.
Бар кӯҳ агар ҳикояти ишқи ту бигзарад,
Ҳайрат кашад зи домани санг обгинаҳо.
Вомонда ақл дар раҳи фаҳми камоли ту,
Афтода зан(н) ба пояи даркат зи зинаҳо.
Фазлат баҳори хуррами асҳоби дӯстӣ,
Адлат хазони гулшани арбоби кинаҳо.
Андар диёри бекасӣ ишқат нуҳуфтааст,
Сад кӯҳи ғам ба домани гардам хазинаҳо.
Дилмондаем, эй ҳавас, саъйи фиреб чанд,
З-ин иқдҳои луълуи дасти заринаҳо.
Ҳоҷӣ куҷову утбаи рукну мақоми ту?
Маҳмил ҷудо шикастааш дар раҳ сафинаҳо.

* * *

Гар ба ин шӯр аст ашки дидаи гирёни мо,
Оламе дар об хоҳад рафт аз тӯфони мо.
Ҳеч асрори азал маълуми Тӯри мо нашуд,
Фикри мо гумроҳи мову ақли мо ҳайрони мо.
Кай тавон дар парда монад рози мо пӯшида, кай,
Чун саҳар чоки гиребон аст то домони мо.
З-ин муаммо дил ба хун афтоду маънӣ во нашуд,
К-аз чӣ рӯ ин гӯшаи вайрона шуд зиндони мо.
Умрҳо бигзашт, тӯмори амал бинвиштем,
Эй ҳавас, то кай нагирӣ даст аз домони мо.
Он чи лаззатҳо зи неъматхорагиҳо бурдаем,
Дардҳо берун кашид аз ҷавҳари дандони мо.
Мо заифонем, кай хидмат зи мо сар барзанад,
К-ӯ сазо бошад туро, эй ҳазрати султони мо.
Ғоза бар рухсора аз ранги маосӣ кардаем,
Эй пушаймонӣ, куҷоӣ, бош бо нисёни мо.
Саҳл машмар, муҳтасиб, озори қалби бекасон,
Нораво озори мо пайдост аз фармони мо.
Сарсарӣ магзар зи ҳарфам ҳамчу ғофилмашрабон,
Як қалам баста-ст мазмун мисраи девони мо.
Ҳоҷӣ, мо ҳам дидаи исфед пайдо кардаем,
Мерасад охир башире низ дар Канъони мо.

* * *

Шуд чаман бишкуфта, эй шӯхи чаманоро, биё,
Меравад вақти тамошо, ҷилва сар то по, биё.
Гул нигаҳ во кардаасту ғунча дар хун хуфтааст,
Аз барои як назар бархезу бепарво биё.
Бо тағофул то ба кай андар таманно мурдаем,
Зиндагӣ маҳрум кардӣ, бар мазори мо биё.
Мо шаҳидонем, дар роҳи вафо хун гаштаем,
Хунбаҳо як ҷилва мехоҳад қазо, танҳо биё.

Чашмасори дидаи мо ҳам тамошо карданист,
Як даме бар интизори мо қадам фармо, биё.
Ин аҷаб бар кулбаи ғаммансабон гар нагзарӣ,
Партави меҳр аст яксон бар ҳама ашё, биё.
Ҳоҷӣ меҷӯяд туро дар домани шабҳои тор,
Шоми ӯ равшан кунӣ, эй моҳи хурсимо, биё.

* * *

Арза расон, сабо, зи мо он маҳи гулъизорро,
Гӯ, ки ба ёд оварад мардуми дилфигорро.
Аз чи гул аст хандавар, ғунча расида пардадар,
Кист, ки мекунад саҳар як назар ин баҳорро.
Турки сиёҳҷурдаро масти майи карашма кун,
То ки зи ғамза бишканад бар дили ман хуморро.
Матлаби мо шаҳодат аст, хез камони ишва гир,
То ҳадафи камон кунӣ қолаби бемадорро.
Зулфи сиёҳи анбарин ҳалқа намо шикан-шикан,
Бастаи дому дона кун, ваҳшати ин шикорро.
Аз сари ноз, эй парӣ, рӯй чаро нуҳуфтаӣ,
Боз кунам бар рӯйи кӣ дидаи интизорро?
Кай ҳаваси хароби ман фарбеҳи ҳарзанозияст,
Теғи сиёсатат магар раҳ бизанад фирорро.
Хез самои шавқ кун, чанд шавӣ ба офият,
Замзамаи видоъ гӯ олами эътиборро.
Чанд ҳазор чун туе хуфтаи ин сарочаанд,
Пас ту бинои нав кунӣ гунбади ин мазорро.
Саъйи зиёрати ҳарам Ҳоҷӣ кунад, валек ӯ,
Хоҳад аз ин бинову дар молики хонадорро.

* * *

То ба кай созам тасаллӣ хотири ношодро,
З-оташи дил нола мехезад найи фарёдро.
Хоки мо з-афсурдагиҳо қобили таъмир нест,
Хона барбод аст охир мулки бебунёдро.

Дар бисоти сурати иншои рахт аз оҷизӣ
Мечакад ранги хиҷолат аз қалам Беҳзодро.
Дар чаман гар қоматат аз ноз созад ҷилвае,
Медиҳад таълими хубӣ ножуву шамшодро.
Зоҳид аз майхона берун шав, ки аз камфитратӣ
Обрӯ барбод кардӣ ин ҳама шайёдро.
Он қадар кулфат, ки аз бахти забун бар мо гузашт,
Панҷаи чап мешуморад, гар кунам теъдодро.
Ҳиммат он ҷо баста гардад, нотавонӣ ҳам балост,
Бесутун ларзад ба худ, гар бишнавад Фарҳодро.
Ҳоҷӣ, мо дар мактаби ишқему ғам устоди мост,
Кай диҳад дар иди наврӯзам хатти озодро.

* * *

Эй дил, нафсе аз ҳаваси хеш бурун о,
То монда нагардӣ, қадаме пеш бурун о.
Чандон ки давидӣ, ба муроде нарасидӣ,
Ҳичрат талаб, аз ваҳми бадандеш бурун о.
Дар косаи гардун асалу заҳр сириштанд,
Аз нӯш гузар в-аз алами неш бурун о.
Эй нанги саодат, чи қадар банди ҳавоӣ,
Бишкан бути худрову аз ин кеш бурун о.
Ташвиш шуморанд ҳама хоҷасароён,
Роҳат талабӣ, аз каму аз беш бурун о.
Он пашми кулоҳе, ки аз ӯ зинати шоҳист,
Мӯят беҳ аз он аст, зи думи меш бурун о.
Ҳоҷӣ, ба тавофи ҳарами муҳтарами дил
Зоде ба бағал аз ҷигари реш, бурун о.

* * *

Бо мусҳафи рухсори ту хурдем қасамро,
Ҷуз мадди хаёлат накашам ҳеч рақамро.
Ҷон дар пайи савдои ту аз хеш чунон рафт,
Мушкил ки қиёмат барадаш хоби адамро.

Дил майл надорад ба касе, турфа ҳикоя,
Ҳарчанд ки аз дасти ту дидаст ситамро.
Фарёд, ки арвоҳи шаҳидони ту аз раҳ
Тороҷ кунад қофилаи ранҷу аламро.
Бар лавҳи азал котиби қудрат чу навишта,
Ӯ васфи рухат буд, шикофид қаламро.
Чун кор шуд аз даст, тапидан чи хаёл аст,
Мурғе, ки қафас шуд, чи кунад шӯхии рамро.
Хосияти таҳқиқ зи тақлид наёяд,
Аз фалс нашояд ки кунӣ кори дирамро.
Бологузари мардуми бефазл ҳаром аст,
Дар Каъба шикаст аз чи набӣ ҷумла санамро.
Ибрат ҳама ин аст, ки, Ҳоҷӣ, сафи мӯрон
Аз хок бароранд бурун парчами Ҷамро.

* * *

Дар ин бозича чун тифлон чаро ин хокбозиҳо?
Абас то чанд дорӣ ҳарза завқи лобасозиҳо?
Расид айёми пирӣ, нури чашмат кам шуд, эй ғофил,
Нашуд кам ҳирсу озат, беш дорӣ ҳарзатозиҳо.
Дар ин маҳфил зи шамъ, эй бехабар, ибрат намегирӣ?
Ки меояд ба по охир сар аз гарданфарозиҳо.
Камоли эътибор андар либоси бандагӣ бошад,
Рухи Маҳмудро фарши қадам созад Аёзиҳо.
Чи сангин хотире дорӣ, ғарибонро намепурсӣ,
Фаромӯшат чаро якбора бошад дилнавозиҳо.
Зи атвори накӯ абнои даврон ғадрҳо дорад,
Далели зан бувад дар рӯза хӯрдан бенамозиҳо.
Баҳори нотавонӣ рангу бӯйи эманӣ дорад,
Ҳалоки доми сайёд аст хирсиву гурозиҳо.
Чи сон Ҳоҷӣ баёни ҳолу арзи муддао гӯяд,
Ки гӯяд ӯ камоли нозу авҷи бениёзиҳо.

* * *

Ҷӯшад зи лаб табхолаҳо, бинам чу он бебокро,
Аз бас шунидам борҳо бераҳмии атрокро.
Андар мазори майчашон биншон ниҳоли дигаре,
Зеро нахоҳад ин замин ҷуз решаҳои токро.
Ганҷе ниҳон дар зери гил кардем, з-ӯ дил гавҳарест,
Пеш о ба ҳурмат баъд аз ин, гар бигзарӣ ин хокро.
Иззат хасисонро ситам бошад ба равшангавҳарон,
Резад рамад бар дида, чун гирад ба худ хошокро.
Зоҳид, бигӯ, андар куҷо дидӣ, ки суннат бошад ин,
Баҳри фиреби мардумон бар сар занад мисвокро.
Мумкин агар Рӯҳулқудус бо бахти мо ёрӣ кунад,
Як сӯ шавад аз рӯйи мо захми назар афлокро.
Ҳоҷӣ, Масеҳоро нафас бар мурда ҷон бахшид, лек
Таълими инсонӣ накард мардони беидрокро.

* * *

То ба кай дил хун кунӣ дар парда пинҳонӣ маро,
Бисмилам якбора кун, хоҳӣ чу осонӣ маро.
Донаи дилро ба зуннори муҳаббат бастаем,
Ҳоҷати дигар набошад сабҳагардонӣ маро.
Шиква аз даврон надорам, гила аз афлок не,
Мерасад зишту накӯ аз нақши пешонӣ маро.
Аз мурувват нест, умре рух бар ин дар судаем,
Дар дами пиронагӣ аз хеш меронӣ маро.
Мо – асиронро чи бошад ғайри фармонпарварӣ,
Ихтиёри туст, ронӣ ё ки мехонӣ маро.
Ҳамчу Маҷнун набвад андар водии ҳичрони ту
Шонае бар фарқи сар ғайр аз парешонӣ маро.
Ҳоҷӣ, андар тангнои шаҳри имкон мондаем,
Сахтҷонӣ кард охир шахси зиндонӣ маро.

* * *

Фитад дар хун саҳар, чун шом бинад кушта ҷонамро,
Бигирад гардани най, нола гӯш орад фиғонамро.
Ба доғат баъди мурдан чун наям аз сӯхтан фориғ,
Кунад парвона аҳроми тавофи хокдонамро.
Зи маншури карамно он қадар болидааст фарқам,
Ки натвонад ҳумо умре расидан остонамро.
Аз ин вазъи хамидан қоматамро сахт ҳайронам,
Магар торе фитод аз абруяш дар пай камонамро.
Ба ранги нақши по дар раҳгузораш он қадар хуфтам,
Ки шуд аз интизориҳо сафедӣ устухонамро.
Зи юмни саҷдаат гулчиние дорад ҷабини ман,
Ки бинад сад баҳорон хиҷлати реги хазонамро.
Зи бемеҳрии даврон он қадар афсурда гардидам,
Арақ гардад ба рангу ғола дар таб устухонамро.
Машав мӯйи димоғи нола аз беҳуда пурсидан,
Бигир аз доғҳои лола ранги имтиҳонамро.
Нагаштам эман аз бедоди ӯ, Ҳоҷӣ, агарчанде
Намуд изҳор бар лавҳи қамар хатти амонамро.

* * *

Боз ғам якбора омад хотири ранҷурро,
Ваҳ, ки дар ин хона барпо кард боз ин шӯрро.
Шӯри ин ваҳшатсаро мағзам чунон аз кор бурд,
Бехабар, тарсам, ки монад наъраҳои сурро.
Имтиҳони ишқ набвад ҷуз дар оташ пар задан,
Мезанад чашмак шарар аз ҳар ғуборе Тӯрро.
Бетамизонро мурувват бо газанд олуда аст,
Дар лаби домони шаб барбастаанд кофурро.
Дар илоҷи заҳри исён тавба дорад арзи ноз,
Мечакад шаҳд аз сари неши ситам занбӯрро.
Корвони рафта кай сози асар гум кардааст,
Мӯ канӣ аз чинӣ, мехезад фиғон фағфурро.

Рамзи дарёро тавон фаҳмид аз тарсоҳилӣ,
К-ин ҷароҳат аз фузунӣ мечакад носурро.
Ҳифзи асбоб олами асбобро бошад зарур,
Беасоӣ сарнагун дар чоҳ орад кӯрро.
Гар набастӣ кӯрии ғафлат нигоҳи ибратат,
Ҳар табассум хандае будӣ лабони гӯрро.
Пардаҳои сози мо, Ҳоҷӣ, зи ҳам хоҳад гусехт,
Мехарошад сахт бечо нохун ин танбӯрро.

* * *

Бастарӯ меравӣ, эй шоҳиди мастона чаро?
Хотират ранҷа шуд аз мардуми ин хона чаро?
Барқ дар пардаи фонуси ситамгор расад,
Ки кунад шамъ ҷудо аз пари парвона чаро?
Сухани сарди рақибон ба таҳи гӯш кунӣ,
Ҳарфи моро биниҳӣ туҳмати афсона чаро?
Айбҷӯӣ сабаби бори табаҳкорон аст
В-арна маҳрам ба сари зулф бувад шона чаро?
Обрӯ гар набарад бар дари ҳар хона шудан,
Роҳ гирад ба гадоён саги бегона чаро?
Ҳоҷӣ, дил дар шикани зулфи бутон монд асир,
Тӯтиро силсила чун мардуми девона чаро?.

* * *

Гирди ҳар сар чун фалак гаштем бо пушти дуто,
Лаб ба дашномам кушуд, ин кор кард аз марҳабо.
Доғи сад тадбирам асбоби таааллуқ кардааст,
Дарди сар бас буд, нори сандал омад ҷабҳасо.
Зинҳор, аз инфиоли ишқ пеши мо магӯ,
То наяндозӣ арақ дар ҷабҳаи ахгар маро.
Васфи мо чун соя андар шеваи ҳамвор нест,
Сад қадам фарсуд моро, ҷилва омад зери по.
Устухони мо сафед аз интизори ҷилва аст,
Соз падруд, эй азиз, аз баҳри моён Мисрро.

Бар ғуборам домани нози кӣ шӯр афкандааст,
Сурфаи оромро баста-ст бар дӯши ҳаво.
Ин қадар бегона дар чашми замон аз кистам?
В-аз забоне бар ғалат номам наёмад ошно.
Рӯй овар дар миён, қатъи низои мо бикун,
З-он ки гӯяд ханда: мерав, ғамза мегӯяд: чаро?
Гулшани пажмурдаи мо ҳам тамошо карданист,
Бар ба кӯйи дӯст аз мо ҳам паёме, эй сабо.
Кӯшиши мо, Ҳоҷӣ, азбас норасо афтодааст,
Саъйҳо масруф шуд дар марказе чун осиё.

* * *

Мо раҳрави ишқему бигӯ ҷо-т куҷо?
Фармо, ки суроғе бикунем мо-т куҷо?
Худ фидя диҳӣ дияти мо в-арна ба маҳшар
Мақтули туро даъвиву исбот куҷо.
Аз шарбати тимори ту сармаст чунонем,
Ёдам набарад сӯйи харобот, куҷо?
Як бӯса зи нақши қадамат мултамасам ҳаст,
Лекин набарам пай, асари по-т куҷо.
Чун Тӯр яке ҷилваи ту дод ба бодам,
Ёбад дигарам шӯхии офот куҷо.
Ман ҳам ба ғалат меҳр бар абнои замона,
З-ин рӯтурушон ҳусни мулоқот куҷо.
Ҳоҷӣ ба ҳарам рафту надонист аз он гашт,
Манзил ба куҷо будану маъво-т куҷо.

* * *

Риши қозӣ аз сари мино, биё, кан, соқиё,
То парӣ парвоз гирад з-ин мақоми тангно.
То ба рағми муҳтасиб бар мо хуморе бишканӣ,
Чеҳра гулгун созу бар каф соғари саҳбо, биё.
Дарду ғам аз ту чу ман, гӯйӣ, аламҳо дидаанд,
К-ин қадар аз ту гурезонанду бар ман ошно.

Мо – асирон боли парвози халосӣ бастаем,
Байза гар бишкастаам, хамёза дорад домҳо.
Дил кунам холӣ, нафас ку, пас ту, эй девонагӣ,
Шишаам бар санг зан, шояд дамад аз вай садо.
Оламе ойина дар дастанду он ҳусни ғаюр
То киро ойина аз аксе кунад равшан зиё,
Гар мурувват риштаи сози тағофул нагсалад,
Рабти қонуни фиғон бар сур мебандад наво.
Баҳри қатли мо – асирон ханҷаре даркор нест,
Фурсати мо мешуморад хешро бо як адо.
Домани роҳат куҷо гирем дар иқлими даҳр,
Панҷаи мо бастааст аз ранги нокомӣ ҳино.
Чун шарар равшан нашуд ҳеч аз чароғи зиндагӣ,
Ҷуз раҳи саҳрои маъдумиву зулмоти фано.
Ҳоҷӣ, мо аз корвони бахт дур афтодаем,
Бас бувад, гоҳе расад бар гӯшам овози даро.

* * *

Эй номи ту туғрои ҷабин кӯҳи Яманро,
Аз лутфи ту ҳар қатра гуҳар баҳри Аданро.
Фахрам, ки қалам рӯзи азал карда мувашшаҳ,
Аз номи ту сарномаи бадномии манро.
Бо зишту накӯ шеваи инъоми ту ом аст,
Гултоҷи сари хор кунад сабза чаманро.
Бо мурғи дилам шеваи шавқи ту чиҳо кард,
Пар зад ба ҳавои туву бигзошт ватанро.
Бо доғи ту мурдем, ки ҳар субҳ баромад
Аз турбати мо лола ба хун карда кафанро.
То арбадаи талхи аламҳот баромад,
Пистони мурувват ба лабон рехт лабанро.
Чун субҳ нахустин нафасе то ки кашидем,
Аз ваҳшати айём даридем чаканро.
Ҳоҷӣ накунад ҷуз арақ аз шарми маосӣ,
Як тавба ба лаб нест чун ин тавбашиканро.

* * *

Муқими хонаро роҳат расад музди нишастанҳо,
Расад дар кулбаи ойина сурат бе давиданҳо.
Зи бемағзӣ ҳубобосо дар ин ҷо худнамоёнро
Ба зери гунбади дастор нопайдост гарданҳо.
Бадон аз ихтилоти некувон ширинамо бошанд,
Шавад дӯғи туруш, чун шир танҳо шуд зи равғанҳо.
Ба чашми танги мардум аз заифӣ метавон рафтан,
Ки ғайри риштаро раҳ нест дар сӯфори сӯзанҳо.
Тамошои ҷаҳону навбаҳори зиндагӣ дидан
Намеарзад ба як дам аз хазони фасли мурданҳо.
Ғурур ин ҷо чу хоки дар ҳаво охир замингир аст,
Адаб фармо, ки бишкастанд фарқи шерафканҳо.
Амон омодаи домони дашти бакасӣ бошад,
Ба танҳоӣ гурез, эй тан, аз ин бисёр тан танҳо.
Таку този ҷаҳон тамҳиди арзи сад забон дорад,
Зи кишти нарду шатранҷ хӯшае натвон дуруданҳо.
Алойиқ ҳар қадар ташвишу кулфат ончунон бошад,
Фароғат кам кунад мардӣ, писандад касрати занҳо.
Ҷудо аз корвон чун донаи ашкам равон, Ҳоҷӣ,
Зи саъйи норасо бар хок афкандам чакиданҳо.

* * *

Гар аз ҷамол во кунад моҳам ниқобро,
Резад арақ зи ҷабҳаи ноб офтобро.
Эй офтоб, орази гарми ту доғ кард
Дар барги лола шабнаму дар гул гулобро.
Ё Раб, чи кавкабе, ки зи нури ту мебарад
Ҳар шаб фалак ба хирмани худ моҳтобро.
Аз шоми ту шамол ба Чин то шамим бурд,
Дар нофа баст Хито зи хато мушки нобро.
Доғам зи ғам, ки кошки ҳангоми масъалат
Дашном ҳам ба ваъдае гуфтӣ ҷавобро.

Эй тоби зулф, то каям бетоб мекунӣ?
Печӣ зи тоби орази он рӯй тобро.
Боди сабо, ба гулшани он гулбадан равӣ,
Гӯ арзи ҳоли хаставу чашми пуробро.
Вақти баҳор меравад, соқӣ, ғанимат аст,
Пеш о, пиёла гир, бипаймо шаробро.
Ҳоҷӣ чи сон ба зурваи кӯйи ту раҳ барад,
Гардун куҷову пар задан мушти туробро.

* * *

Ин қадар мову манӣ гашта ҳувайдо ин ҷо,
Дами назъест зи халқе шуда боло ин ҷо.
Неъмати моидаи чарх надорад намаке,
Луқмаи чарбу ширин, бодаи сафро ин ҷо.
Эътиборест ҷаҳон, дар ману мо меҷӯшад,
Ҷуз забон нест нишон аз пари анқо ин ҷо.
Одам аз гулшани қудс аст, вале ғунчасифат
Ҳикмате буд, дамид аз кафи ғабро ин ҷо.
Зи гаронгӯшии ҷуҳҳоли ҳасадандеша
Сухани ҳақ чу гуҳар рехт ба дарё ин ҷо.
Чашмдорам, ки шавад мункири арбоби камол,
Ба қиёмат нарасида, раду расво ин ҷо.
Хотири софзамирон ба дами сард магир,
Ки кунад тира нафас ҷурми мусаффо ин ҷо.
Ҳамчу ангушти шаҳодат ба кафи аҳли фаранг
Ҳоҷӣ беқадр шуд аз кинаи танҳо ин ҷо.

* * *

Баски дил афсурда шуд аз хотири ношоди мо,
Ҷуз забони сурмалесӣ нест дар фарёди мо.
Аз самуми оҳи мо гардун самандархонаест,
Ин қадар оташ, кӣ афкандаст дар бунёди мо?
Суҳбати мо – бедилон ҳам холӣ аз таъсир нест,
Бесутунро нақши Ширин аст дар Фарҳоди мо.

Нотавонӣ он қадар моро зи по афкандааст,
Мекунад дасти мадад парҳез аз имдоди мо.
Вазъи тифлӣ то чиҳил аз хотири мо бар нагашт,
Меравад ин кӯдаки бешарм то ҳафтоди мо.
Пайкари мо аз нишони пойдориҳо барист,
Ҳаст вайронӣ иморат дар харобободи мо.
Дасту по бастем, нақди муддао ҳосил нашуд,
Домро бедона барпо кардааст сайёди мо.
Ҳоҷӣ, моро ишқ ҷуз таълими расвоӣ накард,
Қазя гашта мунъакис дар мазҳаби устоди мо.

* * *

Набошад поси номуси вафо қалбошноиро,
Баҳори рангу бӯ набвад гули суратнамоиро.
Замин муштоқи мушти устухони туст, эй ғофил,
Кушода чун ҳумо минқору чанги сахтхоиро.
Машав беҳуда дар банди қабову афсари шоҳӣ,
Ба зери бори ӯ то нашканӣ дӯши гадоиро.
Дили аҳли сафо гар хаста шуд, ислоҳ бипзирад,
Шикасти шиша кай гирад, илоҷи мумиёиро.
Ту, зоҳид, зуҳд кун, рамзи гуноҳу афв кай донӣ,
Бубахшад нур ҷуз дар шоми зулмат рӯшноиро.
Зи сӯзи дил агар созе ба конуни зуҳур ояд,
Зи ҳайрат мегазад сӯрохи най ангушти ноиро.
Маҷӯ осори некон аз сиришти зишти бадаслон,
Ки ҳар нофе набахшад накҳати нофи хитоиро.
Надоматфитратам, з-оғози тифлӣ ин амал дорам,
Ки хӯрдам хуну кардам шеваи ангуштхоиро.
Ҷаҳони санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэҷодам,
Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситоиро.

* * *

Эй ғофил аз фароғати болои бӯрё,
Махмал фурӯшу гир зи дебои бӯрё.

Пастӣ гузин, ки риштаи гарданкашӣ кашид
Болои най ба домани саҳрои бӯрё.
Хоҳӣ, ки файзи машраби афтодагон кунӣ,
Чанде нишин ба гӯшаи танҳои бӯрё.
Панде шунав, ки лаззати дунё шикастан аст
Бе кому лаб зи тӯтии гӯёи бӯрё.
Андар камини бекасӣ файзи саодат аст,
Кун имтиҳон ба сақдае дар пои бӯрё.
Бе нола хуфтаем ба олами чархи кин,
Овози най куқост ба маъвои бӯрё.
Хуш вақти он ки паҳлуи хобаш гирифтааст
Чун фарши хок сурати зебои бӯрё.
Эй беадаб, ба гӯшаи афтодагон марав,
Ханқар гирифтааст ҳама қои бӯрё.
Ҳоқӣ, касе қавоҳири фазлат намехарад,
Ҳамчун сафолу пораи каҳнои бӯрё.

* * *

Зи дасти норасо ҳаргиз насудам домани матлаб,
Магар аз ноумедӣ баҳла дорад панқаам, ё Раб.
Надорад сурфае ғайр аз тапидан мурғи оромам,
Чу бисмил набзи бетобист ҳар мӯ андар ин қолаб.
Зи гармиҳои ҳусни беҳиқоби моҳтоби ман
Дар оғӯши Масеҳо офтоб аз тоб дорад таб.
Кӣ дорад майли ин кошона, гар завқи тамошояш
Мунаввар чун гули шамъ аст зулмат з-устухони шаб.
Ба савдое бурун аз олами суду зиён рафтам,
Ки сад Мақнун набошад ҳамчу ман девонаи машраб.
Ҳаё гар дарси омини адабкешӣ наёмӯзад,
Ба ғайр аз ҳарфи бешармӣ нахонад тифли ин мактаб.
Ба узлат ҳам зи бими душманон эман нашояд хуфт,
Зи ваҳми саг нахобад дидаро дар вақти хоб арнаб.
Насиҳат, Ҳоқӣ, бар абнои даврон бодпаймоист,
Чу захм аз сӯзиши дил мекушоям ногаҳоне лаб.

* * *

Маҳо, ба хирмани ҳусни ту хӯшачин маҳтоб,
Ки нур медамад аз чарх то замин маҳтоб.
Ба даври ҳусни ту хубон тавон ки лоф зананд,
Чу шуд зи софии рӯйи ту шармгин маҳтоб.
Агар ба шаб бадар оӣ, зи тоби меҳри рухат
Чу офтоб шавад қурси оташин маҳтоб.
Надода ёд замону надида чашми замин
Маҳе ба рӯйи чунин беҳ аз ин маҳтоб.
Ба сад забон ба ту Ноҳид мекунад таҳсин,
Ҳазор бор ба рӯйи ту офарин, маҳтоб.
Кунад зи ҳусни ту дарюза дар сари ҳар маҳ
Ҳилол карда чу качкули соилин маҳтоб.
Зи худ чи дида накӯ офтоб, ки ӯ
Ба тоб меравад аз шарми инчунин маҳтоб.
Кӣ мерасад зи фалак то замин бияндозад,
Ба зери по-ш раҳандози заъфарин маҳтоб.
Умеди суҳбати ту бас чигун хаёл кунам,
Ки кас надида ба кас ёри ҳамнишин маҳтоб.
Ҳамеша солим аз офоти костан мебуд
Даме ба меҳри ту мерафт дар камин маҳтоб.
Гумон мабар ки абас, Ҳоҷӣ, чун асир шудаӣ,
Ба пеш ойина гиру дар ӯ бубин маҳтоб.

* * *

Чи мушкил аст дар ин арса ғайр аз ин матлаб,
Ки обрӯ наравад аз касе ба тарки адаб.
Замона чунки ба найрангу ҳила обод аст,
Куҷо ки хаз накунад пешкории саълаб.
Зи бахти мо чи қадр толеи накӯ дур аст,
Ҳилоли ид бубинам ҳамеша дар ақраб.
Ба ҷилва о, санамо, то, бувад, сафо гирад
Зи акси чеҳраи моҳат саводи шаҳри Ҳалаб.

Мудом бода бихӯр, чеҳра арғувонӣ кун,
Ғанимат аст аз ду рӯзе баҳори айшу тараб.
Бадӣ ба ҷомаи сабзи накӯ накӯ нашавад,
Узубате надиҳад оби талхро туҳлаб.
Хамӯш мондани аҳли хирад раво набувад,
Ки мағзи писта аён мекунад кушодани лаб.
Хуш он гадо зи қаноат бимурду сар накашид
Ба пеши боби каримону соҳиби мансаб.
Зи хок зоҳиди даврон чаро бипарҳезад,
Ки карда маъбади худро сағонае зи хашаб.
Чу ашки машраби мо, Ҳоҷӣ, рафтан аст аз худ,
Барои хокнишинон нахуст ин машраб.

* * *

Мерасад он ҷангҷӯ пойи ситам дар рикеб,
Ҷавру ҷафо пешрав, зулму ғазаб аз ақиб.
Найзаи мижгон нигаҳ баста чу теғи сипаҳ,
Нуқтаи холи сияҳ донаи домӣ фиреб.
Моҳ зи рӯяш хиҷил, Зуҳра яке мунфаил,
З-ӯ шуда турки Чигил бе хираду бе шикеб.
Турки сияҳмасти кин хиргаҳи абрӯнишин,
Аз пайи тороҷи дин дида фарозу нишеб.
Пеши қадаш судра дол, тӯбӣ аз ӯ як хаёл.
Ҳури биҳиштидалол, дилбари фирдавсзеб.
Роғу даман лолапӯш, боғу чаман гулфурӯш,
Зоғу заған дар хурӯш, рухсати дидан қариб.
Меҳри рухаш дар арақ дода ба хубӣ сабақ,
Карда зи аксаш шафақ гунбади хизро аҷиб.
Хуни дилам ҷӯ ба ҷӯ рафта зи бедоди ӯ,
Чора чи созад, бигӯ, Ҳоҷии ҳиҷроннасиб.

* * *

То зи чашми он парирӯ чеҳра пинҳон кард шаб,
Рӯзи моро, бегумон, аз дарди ҳиҷрон кард шаб.

Рӯзҳо аз муждаҳои васл моро шод кард,
Ваъда бар мо буд, бо хайли рақибон кард шаб.
Навбаҳори файз ҳам дар тирабахтӣ музмир аст,
Субҳро дар зери доман бин, ки пинҳон кард шаб.
Ҳамчу гул гар хандае кардем ҳангоми саҳар,
Кулфати айём моро дидагирён кард шаб.
Пардапӯшӣ аз сиришти тирарӯён шустаанд,
Марду занро аз либоси хеш урён кард шаб.
Хислати ҳар кас ба қадри дастгоҳи ҳиммат аст,
Рӯз нур оварду зулматро парешон кард шаб.
Қурби бадаслон кунад мардони солеҳро табоҳ,
Субҳро зуламткуши шоми ғарибон кард шаб.
Нотавононро ба хилват дастгоҳи дигар аст,
Чеҳраи сайёрагон аз парда шоён кард шаб.
Синаи бикшода аз гарди кудурат фориғ аст,
Осмонро баҳри рӯзу моҳ тобон кард шаб.
Ҳоҷӣ, гарчи доманаш аз дасти мо парҳез кард,
Панҷаамро бар миёнаш сахт печон кард шаб.

* * *

Гар зи рух барафканӣ, эй маҳ, ниқоб,
Чун чароғи субҳ мирад офтоб.
Нусхаҳо дидем, аммо рӯйи ту
Нусхае бошад, ки набвад дар китоб.
Ғайри ҳарфе аз лаби лаъли ту нест
Ҳикмати довудию фаслулхитоб.
Андак аз рамзи муаммои лабат
Ҳал нагашта дар ҳазорон фаслу боб.
Чун шамими шом зулфат дар машом
Кай дамад аз анбару мушку гулоб.
Як ишорат аз сарангуштат кашид
Таркҳо дар чор тарки моҳтоб.
Шуҳрати Юсуф ба олам рафт, гӯ
З-офтобат ламъае кард интихоб.

Аз бароят дил зи дунё бурдаем,
Дар гарав додем-ш айёми шабоб.
Ҳоҷӣ дар ҳиҷрат бимирад, пас хуш аст,
То бипурсӣ ҳоли ӯ явмалҳисоб.

* * *

Аз баъди вафотам чу намоӣ хами гесу-т,
То бут биёбам, шиканам тахтаи тобут.
Чун ёди сабо боди сабо бар дари хешам,
Аз Чин магар оварда зи мушки Хутани мӯ-т.
Бар хоки мазорам гузарӣ, дидаи зорам
Ҳар зарра кунад айнаки худ, то нигарад сӯ-т,
Муштоқи балотам, нафирефтанд зи роҳам
Ғӯлони фиребанда ба Лотам, на ба Тоғут.
Марҷони ту бар мурда чунон ҷони ҷавон аст,
Ёқути ту қувватдеҳи ҷон аст чу моқут.
Гулгунаи рухсори ту биншонд ба хун лаъл,
Дандону лабат карда хиҷил гавҳару ёқут.
Он кист, дар пеши ту аз ҳусн билофад,
Нашнида, ки гашта бути Озар зи ту мабҳут?
Морутсифат куштаи зиндони балоям,
То рӯ-т халосам бинамояд, бинамо рӯ-т.
Ҷӯёни вафотам, ба вафотам нанишинад,
Болам ба алам ноладу болад ба такопӯ-т.
Бар боли сабо бол занад аз чи ғуборам?
Шояд ки кашад маҳмили ӯро ба сари кӯ-т.
Хоки раҳи ту бар сари ман афсари шоҳист,
Хошоки дарат хуштарам аз махмалу моҳут.
Таърифи ҷамолат на ба авлоди замин аст,
Зикри ту шумора ҳама дар сабҳаи малкут.
Қудрат чи фузуда яди қудрат ки расида
Сайрат зи накӯсиратӣ то олами лоҳут.
Тайёр данӣ тоири арши фатаддалӣ,
Шоҳаншаҳи амлоки малак молики носут.

Ҳоҷӣ, чу кунӣ саъйи сафо рӯ ба Мадина,
Шав хоки дараш, то ки бигӯянд сафоҷӯ-т.

* * *

Баҳор бе ту зи гулшан чу доғи лола гузашт,
Сабо ба бӯйи ту аз нофаи ғизола гузашт.
Чу офтоби рухат акс дар шароб афканд,
Зи шарм чун арақ аз домани пиёла гузашт.
Ҳадиси мавсими гул хуштар аст, эй соқӣ,
Дар он сабоҳ, ки бо шарбати ғасола гузашт.
Ҳамеша бӯса зи лаълат рақиб мегирад,
Мудом навбати мо бар сари ҳавола гузашт.
Ба ғайри домани тар нест дар либоси ифоф,
Ба кӯчае, ки дар ӯ қаҳбаи далола гузашт.
Абас чи меравӣ аз худ ба гулшане, ки дар ӯ
Хароб гулшанаш аз барқу боду жола гузашт.
Махӯр фиреб аз ин тозарӯ арӯс, ки ӯ
Талоқ дода зи сад шӯй бе ҳалола гузашт.
Вафо маҷӯ ту аз ин чарх, муддатест мадид,
Ки меҳри модариву илтифоти хола гузашт.
Ба ҳайратам, ки чи созам ба ин фиғон, Ҳоҷӣ,
Нафас чу най зи гулӯям ба дӯши нола гузашт.

* * *

Гаштам ба раҳат ғубор, эй дӯст,
По бар сари ман гузор, эй дӯст.
Ҳарчанд ҳақиру нотавонам,
Аз ман накунӣ канор, эй дӯст.
Ту такязани чаҳорболишт,
Ман дида ба роҳ чор, эй дӯст.
Аз ҳасрати чор абруи ту,
Ашкам шуда шашқатор, эй дӯст.
Бетобам аз он ду зулфи пуртоб,
Беморам аз он ду мор, эй дӯст.

Сад ғанҷу дилол аз ту ҳар дам,
Ман хиҷлати сад ҳазор, эй дӯст.
То кай туву ҳоли мо надидан,
То кай ману интизор, эй дӯст.
Чун зулфу хатат мушаввашам кард,
К-омад Мак(к)аро куфор, эй дӯст.
Як бор нагуфтӣ, Ҳоҷӣ, охир,
Ғам бо ту чи шуд дучор, эй дӯст.

* * *

Сабоҳи мавсими навбаҳор аз он хуб аст,
Ки вақти майхӯриву ҷилвагоҳи маҳбуб аст.
Нарафта домани сабр аз кафам зи хастадилӣ,
Асар ба гӯши ман аз рӯзгори Аюб аст.
Суботи умри худам сарфи беқарорӣ шуд,
Сипеҳри кавкаби бахтам чу чарх мақлуб аст.
Ба ханда лаб накушудам, ки кулфате нарасид,
Хушӣ зи хотири мо ин қадар чи маслуб аст.
Дар ин баҳор, ки ғулғул зи ҳар тараф ҷорист,
Садои дилшиканӣ аз видоъ матлуб аст.
Ба ҳар сабоҳ дамад ин наво зи пардаи ғайб,
Сари баланд зи нахват чу соя манкуб аст.
Зи фарзу суннати қатъӣ ба хиҷлатам, воиз,
Чи ҷойи гуфту шунидан зи боби мандуб аст.
Ба ҳарза саъй макун, Ҳоҷӣ, ҷуз сафокорӣ,
Ки кори зишту накӯ якзамонӣ маҳсуб аст.

* * *

Зиндагониро мадоро паҳлуи худ хӯрдан аст,
Шамъ равшан з-устухони соқу мағзи гардан аст.
Доғҳо андар ғубори сина пинҳон кардаем,
Ҳамчу хокистар чароғи ахгарам дар доман аст.
То бувад рабти нафас фикри раҳоӣ мушкил аст,
Ришта то кӯтаҳ нагардад, дар шиканҷи сӯзан аст.

Эманӣ аз саркашон дар нотавониҳо хатост,
Барқ ҳам гар як шарар бошад, балои хирман аст.
Хотири аҳли сафо аз тирарӯзиҳо барист,
То кавокиб аз фалак гум гашт, субҳи равшан аст.
То куҷо андешаи тамҳиди молу ҷоҳ кард.
Дидаи вокарда худро интизори рафтан аст.
Дар шаҳодатгоҳи ишқ аз иштиёқи теғи ӯ
Ҳамчу шамъам як сару чандин ҳазорон гардан аст.
Ҳоҷӣ, аҳли фазлро даврон ба ифлосӣ кашид,
Косаи маҳ чун гадо холӣ зи нур афшондан аст.

* * *

Оташи шавқ, ки дар синаи ман пинҳон аст,
Чун самандар нафас андар лаби ман сӯзон аст.
Гӯшаи танги ватан ҳисни ҳасини хатар аст.
Шарар аз санг ҷаҳад, мурдани ӯ осон аст.
Миннат аз дӯст макаш, пеши аду сар мафикан,
Гарчи ӯ Ҳотами Тай ё писари Дастон аст.
Офтобе ба рухи зарраи ман ҷилва намуд,
Ки чу шабнам ҳама офаткадаи сомон аст.
Ба чи уммед тавон тарҳи бино афкандан,
Ба саводе, ки дар ӯ қасри ҳама вайрон аст.
Гунаҳам поктар аз тоати зоҳид бошад,
Ки ба худ рафта маро дил зи гунаҳ тарсон аст.
Ҳоҷӣ, ёрони замон ҷуз ба ҳасад дам накашанд,
З-ин сабаб фусҳати ин дашт маро зиндон аст.

* * *

Чу чархам қомат аз рӯзи нахустин соз бишкаста-ст,
Зи шасти ин камон тирам ба як андоз бишкаста-ст.
Ғуборам аз фишурдан сурма шуд чандон ки аз хокаш
Найистон гар дамад, дар ҳар гиреҳ овоз бишкаста-ст.
Чи ҳусн аст ин ки аз найранги шӯхиҳои эъҷозаш
Бутони озариро шуҳрати эъҷоз бишкаста-ст.

Тавон дар пеши зулфаш дастаи сунбул ба ноз ояд,
Ба ҳар як тори мӯ чандин ҳазорон ноз бишкаста-ст.
Намеояд бурун аз пардаи мо ҳеч овозе,
Хароши сина умре шуд раҳи ин соз бишкаста-ст.
Сипеҳр аз моҳи нав ангушти ҳайронӣ ба лаб овард,
Ки ин нохун чаро бар айнаки ман боз бишкаста-ст.
Чу чинӣ бар танам ҳар сӯ хатти бишкастагӣ овард,
Кулаҳ, чун дидам, он бебоки олам боз бишкаста-ст.
Чаро бошад хато аз бӯсаи лаълат таманноям,
Ки з-ин бори ишорат абруи ғаммоз бишкаста-ст.
Агар Ҳоҷӣ расад дар Каъбааш, аз мо дуое гӯ,
Ки боли саъйи ин афтода аз парвоз бишкаста-ст.

* * *

Баҳор омад, ҳанӯзам хотири ношод ҳастастаст,
Мабодо ҳеч бишкаста чу ин мино шикастастаст.
Шикоят аз замону шиква натвонам зи гардун кард,
Ки ҳар чи мерасад бар мо, набишти ҷабҳа ҳастастаст.
Зи дил савдои зулфи дилфиребат чун бурун орам,
Ки ин девона муддатҳо ба ин ғавғо нишастастаст.
Хиҷил аз қоматат шамшоди шодоб аст дар хубӣ,
Чу ин ножу куҷо дар гулшани айём растастаст.
Худоро, воизо, ҳаргиз мадеҳ ташвиш аз пандам,
Ҳанӯзам гӯш бар овози ин фарёд бастастаст.
Баҳор аз омади гул муждае оварад дар гулшан,
Ки доман то камар гулзор чун товуси мастастаст.
Магар аз остин сарпанҷаи нозук баровардӣ,
Ки бозори ҳино якбора бори ранг биншастаст.
Макун таънам ба худбинӣ, ки фикри бехудӣ моро
Шикастастаст, шикастастаст, шикастастаст, шикастастаст.
Куҷо, Ҳоҷӣ, тавон тамҳиди арзи муддао кардан,
Ба бебоке, ки шамшери ҷафо холӣ ба дастастаст.

* * *

Куштаи теғи ду абрӯ манамат,
Бастаи наргиси ҷоду манамат.
Он ки нақди дилу ҷон бурд, туӣ,
Дилу ҷон дода бар ҳар мӯ, манамат.
Бекароре зи ғамат ҳаст, манам,
Карда бо ҷавру ҷафо хӯ, манамат.
Нест қумрӣ, ки саҳар магӯяд
Ба сари кӯйи ту куку, манамат.
Масрафам гар бикунӣ ҳусни закот
В-ар ба мискин бидиҳӣ ӯ, манамат.
Шод шамшоди чу гул шодобат,
Қумрии қомати ножу манамат.
Ҳамчу кокул гиреҳам даркор аст,
Мар фурӯ рафта чу гесу манамат.
Ба давоми шарафу базми висол
Ҳоҷии пири дуогӯ манамат.

* * *

Чун парӣ, эй маҳ, чаро дур аз ҳаё мебинамат,
Бо тағофул хӯгару бемарҳабо мебинамат?
Рӯзу шаб мастона дар базми рақибон ҷо кунӣ,
Бар сари худ шӯху шанги пурҷафо мебинамат.
Улфате нодидаву сад бор миннат мениҳӣ,
Суҳбате нокардаву ноошно мебинамат.
Бо тағофул чанд, бар мо ҳам яке назорае,
Инчунин то кай назар дар пушти по мебинамат.
Гармии бозори хубӣ чанд рӯзе беш нест,
Оқибат чун нақши оташ рӯсиё мебинамат.
Дарди моро аз ту набвад ҳеч сомону илоҷ,
Дар ҷамеи ранҷҳо нафъу шифо мебинамат.
Кулфати даврон туро, Ҳоҷӣ, ҳамон дар хотир аст,
Ҳар қадар баҳри сафо саъйозмо мебинамат.

* * *

Рӯят маҳу офтоб бишкаст,
Мӯят шаби мушки ноб бишкаст.
Пайғоми руху шамими зулфат
Бозори гулу гулоб бишкаст.
Бадмастии чашми пурхуморат
Сад шишаи пуршароб бишкаст.
Ошӯби зи ҷой ҷастани ту
Бар айнаки фитна хоб бишкаст.
Гуфто, ки чаро шикаст рангат?
Гуфтам, ки рухат ниқоб бишкаст.
Гуфто, ки зи ҳам чаро нахезӣ?
Гуфтам, камарам итоб бишкаст.
Як нолаи хотири хазинам
Сад зеру бами рубоб бишкаст.
Ҳоҷӣ, дили мо саҳеҳтар шуд,
Чун зулф зи печутоб бишкаст.

* * *

То маро шасти қазо дар ин фазо афкандааст,
Бенавоӣ роҳату кулфат наво афкандааст.
Ҳамчу ман хиҷлаткаше дар олами изҳор нест,
Аз тасаллӣ бар кафи сифрам ҳино афкандааст.
Киштии бишкастаи мо то ба соҳил чун расад?
Дар муҳити беканораш нохудо афкандааст.
Аз лаби ҳар зарра шӯри сад қиёмат медамад
Дар биёбоне, ки Маҷнунам садо афкандааст.
Эй фалак, дасти татовул аз қумоши мо бигир,
Ғайри далқе нест он чи ин гадо афкандааст.
Ҷуз шикастан бар наёрад решаи молиш падид,
Донаи деҳқон миёни осиё афкандааст.
Аз мизоҷи зоҳиди мо маззаи талхӣ нарафт,
Чун наботи Миср ҳам гар хуб ҷо афкандааст.

Шуҳрати фазл аст рашки бетамизони ҳасуд,
Бин, ки нури моҳ сагро дар аво афкандааст.
Ҳоҷӣ з-ин туҳматсаро ҷуз номи бадномӣ набурд,
Гарчи аз лаббайк ғавғо дар Сафо афкандааст.

* * *

Дил якебин гар шавад, чизи дигар даркор нест,
Сурати касрат дар ин ойина ҷуз зангор нест.
Нестӣ хосияте дорад, ки пеши ҳимматаш
Ҳар ду оламро ба як ҷав қимату миқдор нест.
Мо – заифон чун сиришк аз паҳлуи афтодагӣ
Ҷилваи мо лағзише дорад, ки ноҳамвор нест.
Кас намедонад гуноҳи ишқбозонро, чаро
К-ин ҷиноят шеваи тақлиду истикбор нест.
Сина то равшан кунӣ, зулматсарои тан биҳил,
Нур нанмояд дарун, то хона бе девор нест.
Ғайри ҳарфе нест дарси мактаби мо – бедилон,
Сабҳаҳо фарсуд, аммо ҷуз яке такрор нест.
Худномоён суманот аз хеш пайдо кардаанд,
Саҷдаи ин қавм кам аз ҳайати зуннор нест.
Бе салоҳи дил набошад нури тоатро фурӯғ,
Кам диҳад ҳосил зироат, гар замин шудгор нест.
Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест.
Ҳоҷӣ, мо аз гуфтугӯйи ину он лаб бастаем,
Рамзҳо дорем, аммо маҳрами асрор нест.

* * *

Шӯхе ба ғамза хотирам бемор карду рафт,
Рухро намуду мушкилам дар кор карду рафт.
Ҷонам зи тоби орази гармаш ба таб тапид,
То он даме, ки аз манаш безор карду рафт.
Баҳри суоли меҳнату беморпурсиям
Омад, валею мурданам ахбор карду рафт.

Рӯзам ба шаб расид, расид он парию боз
Шодам саҳар ба ваъдаи дидор карду рафт.
Пинҳон ғамат ба синаи маҳзун чи сон кунам,
Ашки ғамоз бар рухам изҳор карду рафт.
Моро пиёла кокулу савдои зулфи ту
Расвои шаҳру шуҳраи бозор карду рафт.
Ҳоҷӣ, барои дидани рӯят ба чорроҳ,
Умре нишасту дидаи худ чор карду рафт.

* * *

Намуда рух зи ниқоб, тамоми олам сӯхт,
Зи нури орази гармаш найири аъзам сӯхт.
Чу дид чеҳраи гулгуни ӯ, баҳор бирафт,
Сабову ғунчаву гул ҷамъ кард, бо ҳам сӯхт.
Ба гулшане, ки дар ӯ офтоб рух андохт,
Чу доғи лола ба гул қатраҳои шабнам сӯхт.
Шарори ҳусн ки, ё Раб, кашид барқи фурӯғ,
Ки худро чу гулистони лолаи олам сӯхт.
Биё, ки ҷилвае чун дастгоҳи водии Тӯр,
Ҳазор шуъла ба каф омаду маро ҳам сӯхт.
Ба рӯйи синаи ман захмҳо, ки носур аст,
Мароҳиле, ки надорад илоҷ, марҳам сӯхт.
Кӣ зад ба оташи ман домани карашмаву ноз,
Қумоши ҳаҷру сабурӣ, ки буд, як дам сӯхт.
Зи кори ишқ хуш астам, валек аз ин хуштар
Ҳама бисӯхт ба як дам, маро дамодам сӯхт.
Бо оби чоҳи Хизир хиҷлати тамаъ набарам,
Чу Ҳоҷӣ синаи ман аз барои Замзам сӯхт.

* * *

Бар гирди рухат он хатти мушкин, ки дамида-ст,
Морест, ки бар хирмани гул ҳалқа кашида-ст.
Маро чи сабаб бар дари ту бор набошад,
Бо баргу навое ҳама з-ин боб расида-ст.

Фарёд, ки рафтему рухат ҳеч надидем,
Чун ман ба абас ҳеч касе умр надида-ст.
Фардо, ки халоиқ ба сафи ҳашр дароянд,
Саҳрои қиёмат зи ту лабрези шаҳида-ст.
Қулфи дари ту бар кафи ҳар кас накушояд,
Ё Раб, бари ин баста киро панҷа калид аст?
Дар банди қабои ту чи сон панҷа расонам,
К-аз панҷаи ман дастрасӣ даст кашида-ст?
Ҳоҷӣ, чу шаб аз қисмати айём ба дардам,
Зулматкаши ҳичрони ману ағёр муфид аст.

* * *

Дил чу ба ғам хӯ кунад, шодӣ зараргори ӯст,
Меҳру вафо парварад, дарду алам ёри ӯст.
Захмӣ на танҳо манам аз асари он ду мор,
Ҳар сӯ назар мекунам, захмиву бемори ӯст.
Аз дари Яздон талаб ғам куну роҳат махоҳ,
Гар ба наам дилхушӣ, шеваи дарбори ӯст.
Бар сари хони фалак ҳар кӣ нафас мекашад,
Хизр агар ҳам бувад, заҳри фанохори ӯст.
Муфт фақирӣ бувад, саҳл мадон хоҷагӣ,
К-ин ба замин меравад, боми фалак дори ӯст.
Духтари раз даҳ талоқ, уммӣ хабоис магир,
Хуни ҳаром рехтан гармии бозори ӯст.
Мурдасифат хоб чанд, хезу хурӯше бикун,
Шиша мукаддар манеҳ, ғофили зангор ӯст.
Бори гарони ҷаҳон хоҷа чи дорад ба дӯш?
Хар, ки набудаш дигар, зердумаш пори ӯст.
Кулбаи Ҳоҷӣ биё, бар дари зоҳид марав,
Мазҳаби ин ову ув ҳақталабӣ кори ӯст.

* * *

Аз оташи шавқат ҷигари хаста кабоб аст,
Кошонаи чашмам чу қадаҳ дар таҳи об аст.

Аз муждаи дидори ту мижгони сафедам
Равшантар аз ойинаи хур зери саҳоб аст.
То моҳи ту карда ба замин нурфишонӣ,
Дар пардаи гардун рухи хур бастаниқоб аст.
Аз неъмати алвон нашавад сер тунукзарф,
Дар баҳр тиҳӣ косаи вожуни ҳубоб аст.
З-ин доира ҷуз ранҷу тааб ҳеч надидем,
Дӯзах магар ин аст, ки тӯфони азоб аст.
Хуш дор дар ин бодия, к-аз роҳ нагардӣ,
Ғӯлон ба фиребанду намудор сароб аст.
Дар баҳр кадом кушта фиканданд, ки имрӯз
Чун ҷавҳари шамшер зиреҳ дар тани об аст.
Аз қомати хамгашта дигар ҳеч мапурсед,
Наъле ба раҳ аз қофилаи тезшитоб аст.
Арзи дили худ, Ҳоҷӣ, чи тақрир тавонам,
К-ин масъала баҳсест, ки холӣ зи ҷавоб аст.

* * *

Лолаи рӯйи ту то дар арақ аст,
Чун гули сурх дилам сад варақ аст.
Ёди васлат наравад аз ёдам,
То ки боқӣ зи равон як рамақ аст.
Тифли мо мактаби ғам мехонад,
Гар ба пирӣ бирасад, ин сабақ аст.
Гулшани умр хазон гашт, ҳавас
Чи баҳорест, ки бар як насақ аст.
Хома ҳаргиз хатти озодии мо
Нанавишта, магараш танг шақ аст.
Духти олам нашавад ҷуфт, магар
Ба касе ҳезу ба боди фатақ аст.
Ҳоҷӣ, аз бахти сиёҳам доман
Чун туи шом лаболаб шафақ аст.

* * *

Ин чаманро, ҳар кӣ омад, як замон нодида рафт,
Гул агар бишкуфт, аммо ғунчасон нодида рафт.
Ваҳшати имкон на танҳо чашми мо пӯшида кард,
Меваи ин боғро пиру ҷавон нодида рафт.
Бар абас, эй бори ғам, бар хотири мо ҷо магир,
Ҷинси кулфат ҳар чи диду ғайр аз он нодида рафт.
Метавон рамзе шикофт аз айнаки лавҳи ҳубоб,
К-ин муҳит аз як намудоре нишон нодида рафт.
Тирабахт аз файзи олифитратон бебаҳра аст,
Шамъ равшан то шавад, зулмат ҳамон нодида рафт.
Шишаи моро сафо андак кудурат музмар аст,
Меҳрро шаб мебарад, гар чи бар он нодида рафт.
Муфти он озодамарде, к-аз қаноатмашрабӣ
Миннати ноне зи хони мунъимон нодида рафт.
Аз барои пурсишам омад табиби меҳрбон,
Дарди мо бисёр буду ҳеч аз он нодида рафт.
Ҳоҷиё, некӯтарини мардумон донӣ, ки кист?
Он ки айби хеш диду аз касон нодида рафт.

* * *

Эй ба зулфат сад дили вобаста андар иқдҳост,
Бас дар ин доми бало афтодаро махлас хатост.
Чашми махмурат, ки паймони тағофул бастааст,
Аз чунин бемеҳр чашме чашми меҳре мар кирост?
Ёди гулзоре, ки пеши дидаам гул кардааст,
Мардуми чашмам чу тифли ашки ман рангинқабост.
Хоки мо барбод рафту ёди ту аз мо нарафт,
Маҳви дидори туро ойини ҳайрат то куҷост?
Боли саъйи зиндагонӣ норасо афтодааст,
То бувад ин ришта бар по, монеи ҷавлони мост.
Офати ин бум дар чашми касон пӯшида нест,
Субҳу шоме ҳаст ин ҷо, нақши чашми аждаҳост.

Умрҳо яксар ба дарду доғи нокомӣ гузашт,
То куҷо дастам зи домони фароғат норасост.
Мижаи моро зи таъсироти тӯфон кам магир,
Ҳар куҷо абри сиёҳе ҳаст, селе дар қафост.
Кай ба мо шуд ҷамъ дунё то аз ӯ бигзаштаем,
Панҷаи нобастаро аз ранг во кардан ҳиност.
Инқилоби даҳрро, Ҳоҷӣ, аз он фаҳмидаем,
Гунбаде болои сар дорем, гоҳе зери пост.

* * *

Чи сабаб, ки турки мастам бари мо надида бигзашт,
Нанишасту нолаи мо даме ношунида бигзашт.
Зи паёми ваъдаи ӯ, ки чу шаб биёяд, оям,
Нағунудам он ки шаб ҳам ба дами сапеда бигзашт.
Чу ҳилол пайкари ман ба тавозуи дари ӯ,
Ба умеди ҷабҳасоӣ ба қадди хамида бигзашт.
Ба чаман ба субҳгоҳӣ чу ғизоли ваҳшӣ омад,
Зи саводи дидаи ман чи қадар рамида бигзашт.
Чӣ зи дӯст шиква созам, ки зи бахти номусоид,
Бирасиду доман аз ноз зи кафам кашида бигзашт.
Зи ғами ҷудоӣ, Ҳоҷӣ, ба фиғон чаро нанолам,
Ки чу най зи найситонам ҳама кас бурида бигзашт.

* * *

Шаш ҷиҳат гар бингарӣ, қонуни ибрат дар навост,
Гӯш мебояд кунад фаҳме, ки ин ғулғул чарост.
Зери домони тағофул ҷумла сар печидаем
В-арна хоби ин ҳама ибраткаши роҳи фаност.
Сурати мижгонкушоӣ рамзи баъс ангехта,
Ҷунбиши боди нафас бар нафхаи маҳшар гувост.
Хоби ғафлат эътибори дидаи мо кӯр кард,
В-арна ҳарчи шахси олимрост, дар мо ҷобаҷост.
Пардаи сози зуҳури мо фаноовозааст,
Нестиро худ далел аз рафтани савти садост.

Хок чандоне ки андар зери по саркӯфтааст,
Сози таслиме, ки дорад, соҳиби нашъу намост.
Ҳайф, умре имтиҳони ҷамъиятҳо кардаем,
Аз қусури худ нафаҳмидем, ҷамъият куҷост.
Ҳоҷӣ, чун ба худ нанолам бо ҳама афтодагӣ,
Як мади оҳе дар имдоди дили ман барнахост.

* * *

Чи хуш аст дилрабое, ки чу нури дида бигзашт,
Бари пурсиши ғарибон ба шаб орамида бигзашт.
Дилу ҷону дин рабуда, рухи шармгин намуда,
Гиреҳи ҷабин гушуда, ба миён расида бигзашт.
Ба камоли шахкамонӣ, ба дами самандаронӣ,
Ба ҳама сабукравонӣ, чи инон кашида бигзашт.
Чи шавӣ дар итиҳонам, ки мабод зинда монам,
Шуда об дидагонам, ба раҳат чакида бигзашт.
Ба ҳазор хун тапидам, нафасе наёрамидам.
Чу ба матлабе расидам, чу шарар расида бигзашт.
Ба мадори инҷаҳонӣ чи ба фикри айшронӣ,
Ки тамоми зиндагонӣ чу ба хоб дида бигзашт.
Ҳама, Ҳоҷӣ, эътизорам, ки зи шарм тавба орам,
Ба чи сон гунаҳ шуморам, зи дусад ҷарида бигзашт.

* * *

Будам дилаке, аз бари ман сӯйи ту рафта-ст,
Ин тоири ваҳшӣ ба чаро кӯйи ту рафта-ст.
Бо дидаи равшан чу накоҳад ба замин хӯр,
Оё хабаре бар фалак аз рӯйи ту рафта-ст.
Сад реша маро аз ҷигари реш баромад,
Чун шона ба ҳалли гиреҳи мӯйи ту рафта-ст.
Акнун дигарам бар сари ин роҳ наёӣ,
Инак рамаке буд, ба такопӯйи ту рафта-ст.
Хун шуд зи ҳасад мушку гиреҳ хӯрд ба нофа,
То дар Хутан аз накҳати гесӯйи ту рафта-ст.

Умеди саломат ба худ он гӯ, чӣ писандад,
Чун ҷоми фалак аз хами абрӯйи ту рафта-ст.
Бар гӯши ту ҳар шаб, ки расад нолаи шеван,
Ҳоҷист чу Маҷнун, ба ҳаёҳуйи ту рафта-ст.

* * *

Ман шефтаи маҳи ҷабинат,
Кулфаткаши тинати хашинат.
Ҳусни санами Хутан, бути Чин,
Як бенамак астӣ, ки каминат.
Мушк аст хиҷил ба фусҳати Чин,
Гул мунфаили шамими чинат.
Пас ман чӣ касам, ки нестам ман
Нимкуштаи теғи саҳми кинат.
Кун лутф ба ман, бути ситамкеш,
Ҳастам ба муҳаббати гаҳинат.
Айб аст ба чашми бенигаҳ хуфт,
Зулм аст ба ҳусни ҳамчунинат.
Бас муҳтасиб аст мисли муфтӣ
Масти майи чашми нимабинат.
Нуҳ сақфи фалак шикаст, Ҳоҷӣ,
Як шуълаи синаи ғаминат.

* * *

Саҳрои навбаҳорон бо ёди ёр хуб аст,
Доғи диле набошад, кай лолазор хуб аст.
Дар роҳи қадрдонӣ аздод то набошад,
Гулро наметавон гуфт бе ранҷи хор хуб аст.
Ғавғои ошиқона бе фитна кай нишинад,
Ҳар ҷо аналҳақ ояд, тамҳиди дор хуб аст.
Дар мавсими ҷавонӣ як бор лаб газидан
Аз тавбаҳои пирӣ чандин ҳазор хуб аст.
З-ин филакони каҷрав чун рух ба гӯшае ҳам
Эман наметавон шуд, ҳар чи канор хуб аст.

Бар гирди орази ёр чун хат дамид, гуфтам:
Хубӣ чу подшоҳ аст, шаҳро ҳисор хуб аст.
Дар хони шаҳди Ҳотам гар бӯйи миннате ҳаст,
То мардуме наранҷад, худро барор, хуб аст.
Ҳоҷӣ насиҳатам дод аз рӯйи порсоӣ,
К-онҷо шикояте ҳаст, саъю фирор хуб аст.

* * *

Ғубори мо даме аз тапидан чаро нанишаст?
Ба домане нарасида ба зери по нанишаст?
Ба таҳти синаи решам ҳазор носур аст,
Фароҳамӣ чу надорад, бар ӯ даво нанишаст.
Замона чун ба кафам медиҳад зимоми мурод,
Ки бар ҷаридаи мо ҷуз хатти ано нанишаст.
Ҳавои ҷоҳ чунонам зи устухон рафта,
Ки шуд сафеду бар ӯ як даме ҳумо нанишаст.
Ба ранҷи кинакашон, Ҳоҷӣ, оҷизон биншинанд,
Саг аз аво нанишинад, агар гадо нанишаст.

* * *

Биё, ки фасли гулу вақти эътидол гузашт,
Замони майхӯриву мавсими висол гузашт.
Савора бар сари бемори ғам яке бигзар,
Бубин, ки бар мани бедил чи гуна ҳол гузашт.
Зи ранҷи нолаи ман, ҳамраҳон, кунун растед,
Ки хатм шуд нафасу оҳи инфиол гузашт.
Бақои аҳли вафоро ҷаҳон баробар нест,
Ки умри ҳар шаби ӯ чун ҳазор сол гузашт.
Ба дида гар надаройӣ зи заҳмати мардум,
Биё ба дил, ки аз ӯ нисвату риҷол гузашт.
Бунафша ҳар саҳаре аз канори ҷӯ хезад,
Сабо ба бӯи ту то ҳамраҳи шамол гузашт.
Ҳазор гуна сухан зери лаб ниҳон кардам,
Чу вақти арзи матолиб дами суол гузашт.

Ба мост, Ҳоҷӣ, аз ин тиҳӣ бе сару сомон,
Ҳазор қофила чун мардуми хаёл гузашт.

* * *

Бурдам бурун аз хештан шавқи баҳори диданат,
Ёбам магар чун бӯи гул з-оворагиҳо гулшанат.
Аз хоки мо сар бар занад ҷуз решаи афтодагӣ,
К-ин дона паст афтодааст аз дасти ноз афканданат.
Бо ин ҳама бишкастагӣ якбораам дарҳам шикаст,
Сози тағофул карданат, овози бишкан-бишканат.
Беш аз ниёзи як рукӯъ аз ҷабҳаи мо медамад,
Сад сурати меҳробҳо шавқи суҷуд оварданат.
Чун шамъ гардан мекашад бо ин қадар афсурдагӣ,
Хокистари парвонаам пеши чароғи равшанат.
Тамҳиди сад гулзори ранг аз навбаҳори қудратат,
Як ғунчае сар барзанад аз сад ҳазорон хирманат.
Нуҳ тоқи чархи нилгун андар муҳити кофу нун,
Камтар ҳубоби вожгун оварда пайдо карданат.
Дар чорсӯи ламязал тамҳиди арзи сад милал
Ҳарфе зи асрори азал оварда рамзи гуфтанат.
Шӯри ҳадас ва кайфу камм дар кишвари яктоӣ аст,
Як сӯзане сар бар накард аз тангии пироҳанат.
Хандон, ки гардидӣ бурун, бастӣ раҳи дарки уюн,
Тӯр аз таҷалливу сукун маҳви чароғи эманат.
Ҳарчанд дорам ҷустуҷӯ, ойина дорад рӯ ба рӯ,
Ҳоҷӣ чи дорад орзу, дар ёфтанҳо ҷустанат.

* * *

Кунам то кай тасаллӣ хотири ношод аз дастат,
Ки як нохун гиреҳ дар кори мо накшод аз дастат.
Чу соғар бар танам ҳар мӯ хатти бишкастагӣ овард,
Магар ин шиша бар санге зи тоқ афтод аз дастат.
Расонам то ба кӯят нола бо умеди таъсире,
Ғуборам сурма шуд дар раҳрави фарёд аз дастат.

Зи девони вафо ҳарфе надорӣ ёд, медонам,
Гирифт ин номаро рӯзи азал устод аз дастат.
Надодам дасти домони мурод аз додхоҳиҳо,
Агарчи нолаҳо кардам ба сад бедод аз дастат.
Бисоти ноз кам чин, тарки имони тағофул кун,
Ки шуд сад хона вайрон, хонаат обод, аз дастат.
Чи сон мурғи дили Ҳоҷӣ халосӣ орзу дорад,
Ки натвонад ба мурдан ҳам шудан озод аз дастат.

* * *

Фикр агар бошад расо, ҳар мӯ дар аъзо ибрат аст,
Аз лаби оҷизбаёнӣ ин ману мо ибрат аст.
Зери домони тағофул оламе хобидаанд,
Кист чашме во кунад, бинад ки дунё ибрат аст.
Маънии имрӯзу фардо бар касе равшан нашуд,
Рамздононро саропо ин муаммо ибрат аст.
Мо қиёматро далел аз пеш пайдо кардаем,
Ҳар саҳаргаҳ маҳшаре дорад, ки танҳо ибрат аст.
Як нафас дар зери гардун сурфаи фурсат куҷост,
Ғайр аз инат нест ибрат, гарчи ҳар ҷо ибрат аст.
Хотири равшанзамирон бе кудурат кас наёфт,
Аз гирифти моҳу ҳур дар дидаи во ибрат аст.
Ҳоҷӣ, з-ин мазраъ касе бори иқомат барнадошт,
Гашти ин шатранҷро беҳосилиҳо ибрат аст.

* * *

Биё, ки сабза дамида ба раҳ чаҳор ангушт,
Чаман зи ғунча бурун карда сад ҳазор ангушт.
Чи гуна хотири мо бишкуфад, ки чун симтур
Шикаста бар дили решам ҳазор хор ангушт.
Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,
Ба ҳар даме, ки занад торӣ бар дутор ангушт.
Чу шона панҷа ҳар он ки кашад ба зулфи каҷат,
Дамад зи фарқи ҳазор ангушти ӯ қатор ангушт.

Мадеҳ ризо, ки занад бӯса зери по-т рақиб,
Ки кас чи гуна ниҳад бар даҳони мор ангушт.
Закоти ҳусн бидеҳ, Ҳоҷӣ, мунқатаъ ҳоҷ аст,
Ҳамон қадар ки ба чап метавон шумор ангушт.

* * *

Ба зери тоқи нилӣ сурати мо то нишон баста-ст,
Қабои таъзият бар қомати мо он замон баста-ст.
Намедонам чи кардам андар ин вайрона, мебинам,
Ба кинам марду зан якбора ханҷар бар миён баста-ст.
Надорад байзаи тамҳид истеъдоди усфурӣ
Дар он водӣ, ки анқо шаш ҷиҳатро ошён баста-ст.
Нигоҳам фурсати мижгон ба ҳам кардан намеёбад,
Гули моро таҳайюр з-оби чашми моҳиён баста-ст.
Надорад аҳли дунё бар фақирон, Ҳоҷӣ, имдоде,
Ба чоки жандае, ки чархи гардун ресмон баста-ст.

* * *

Дорӣ зи чӣ, эй бехабари ҳарзафиғон, баҳс,
Бо софдилон аз нафаси тиранишон баҳс?
Танг аст ба баён доираи гулшани имкон,
Ҷуз сурати рафтан набувад ҳеч дар дар он баҳс.
Аз мо чи занад сар ба ҷуз аз шеваи лағзиш,
Ашкему гирифта ба асои мижагон баҳс.
Дар хок нишинӣ, ҳама гар болу пар ойӣ,
Чун тир кунӣ як даме ҳамроҳи каҷон баҳс.
Аз суҳбати золимнафасон фитна барояд,
Оташ ҷаҳад аз теғ, чу гирад ба фасон баҳс.
Бо мавлавӣ натвон шудан имрӯз муқобил,
Ҷуз ҳарза надорад дигар он сафсатахон баҳс.
Дорӣ чу ҳавас зобитаи пардадаронӣ,
Дар мадраса шав, бин, ҳама доранд дар он баҳс.
Халқе ба абас монд чу Фарҳодталошанд,
Бо кӯҳ чи доранд чунин кӯҳканон баҳс?

Бо соҳиби из саъйи абад гир чу Ҳоҷӣ,
Дидам ба ҳаҷар ҷуз накунад бӯсазанон баҳс.

* * *

Каманди зулфи ту гашта ба банди ҷон боис,
Хаёли рӯи туам шуд ба ин фиғон боис.
Чи офате, ки тамошои шуҳратангезат
Барои фитнаи олам бувад ҳамон боис.
Сабо зи гул чи хабар дошт, агар намегаштӣ
Барои шуҳрати ӯ шӯри булбулон боис.
Қарини каҷманишон офати инод орад,
Ба хун фитодани пайкон бувад камон боис.
Ҷамоли шоҳиди маънӣ ниқоб накшояд,
Набошад ар гунаҳи ҷурми осиён боис.
Ҳумои олами қудсам, вале ба зер афканд
Насиби шурбати обе, ними нон боис.
Чу ғунча синаи ман таҳ ба таҳ пур аз хун аст,
Машав дигар ба харошаш ту, эй фулон, боис.
Талоши баҳру бар осон шудам, ки, Ҳоҷӣ, буд
Тавофи равзаи он шоҳи инсу ҷон боис.

* * *

Ман ҳечу бадӣ ҳечу раво ҳечу ҷаҳон ҳеч,
Донам ба чи ҳечӣ шуда дар банд чунон ҳеч.
Тоҳунаравиш сурфаи авқот надидам,
Ҷуз домани пуробу кафи донафишон ҳеч.
Оё чи асар оҳи дили Кӯҳкан ангехт,
К-ин ғулғула ҳаргиз нашуд аз гӯши замон ҳеч.
Хубон ҳамагӣ шеваи хуш ғанҷу далоланд,
Аз расми вафо нест ба ин сангдилон ҳеч.
Дар хирмани гардун чи қадар таҷриба кардем,
Як дона нашуд ҳосили ин Коҳкашон ҳеч.
Фарқи зану мардӣ ҳама як ришу бурут аст,
Ҷуръат шуда дар дағдағаи таври замон ҳеч.

Дар ваъдагаҳи ҷилваи дидор ғуборем,
То мижжа кушояд, шуда чун Тӯр ҳамон ҳеч.
Ё Раб, ба чи сон домани васлаш ба каф орам?
Ӯ чархи баринпояву ман зортавон ҳеч.
Ҳоҷӣ, ҳама донем ба андозаи шуҳрат,
Донем, надонем чу шаҳри Ҳамадон ҳеч.

* * *

Чун зулфи ёр хӯрдаам гиреҳу тоб-печ,
Дуди дилам чу нофа дамад мушки ноб печ.
Тори амал чу ришгаи тӯмори анкабут,
Дар раҳрави хаёл чи қадр интихоб печ.
Баҳри вуқуфи нолаи пасту баланди ман
Як лаҳзае чу гӯш ба тори рубоб печ.
То фитнаи маҳшари кубро наёварӣ,
Бо чашми масту орази гармат ниқоб печ.
Дар тангнои олами авҳом чун шарар
Дар интизори чашмаке гаштем хобпеч.
Аҳли замон зи шеваи пиндор мехӯранд
Гумраҳсифат зи шаҳраҳи фаслулхитоб печ.
Сахт офат аст душманӣ аз нармсиратон,
Кӯҳ аз миён бияфканад, гирад чу об печ.
Ҳамчун калова дар равиши печу тоби чарх
Мӯйи нафас кашидаам дар изтироб печ.
Хоке зи роҳи дӯст кунад Ҳоҷӣ то ба сар,
Шуд гирдбоду хӯрд ба мушти туроб печ.

* * *

Раҳме набувад бар дилат, эй ёр, магар ҳеч,
Бар хастадилон нест туро майли назар ҳеч.
Ҳарфе зи лаби лаъли ту ҳаргиз нашунидем,
Берун начакад об зи дарёи гуҳар ҳеч.
Умре ҳама шаб наъра бар афлок кашидем,
Маълум нашуд аз пайи як нола асар ҳеч.

Дар коргаҳи қолаби мо нест матое,
Шоистатар аз доғи дилу сӯзи ҷигар ҳеч.
Дар лоласитон турбати мо боди кӣ бошад,
То ёд диҳад, к-ин дили доғест, дигар ҳеч.
Дар Каъба агар, Ҳоҷӣ, дигар бор биёӣ,
Чун ҳалқа машав аз дари он хона бадар ҳеч.

* * *

Эй гулъизори маҳваши андар ниқоб рух,
Моро масӯз ҳар даму кун беҳиҷоб рух.
Бетоби он ду кокули пуртоб гаштаам,
Дигар матобам аз ғаму магзар ба тоб рух.
Андар саводи сояи зулфам паноҳ деҳ,
Чун шамъ бас гудохтам, эй офтобрух.
Мушки Хито зи накҳати зулфат ба вом рафт,
Дар қиссаи сабо шуду додаш савоб рух.
Ё Раб, чи луъбатӣ, ки зи шарми ту офтоб
Аз найзаҳои худ кунад андар ниқоб рух.
Бимам гудохт пайкару эман чи сон шавам,
Бимам ҳамеша з-оташи кинаш ба тоб рух.
Васлат на мумкин аст, талаб зи ихтиёр нест,
Ночор ташна мекунад андар сароб рух.
Рафт оби рӯй аз ману ишқат зи сар нарафт,
Аз ҷӯйи дида мекунам гарчи пуроб рух.
Дастам надод диданат, эй ҷилвазор, гар
Боре, намо ба дидаи зорам ба хоб рух.
Ҳоҷӣ, чу шабнамам, ки висол аст офатам,
Рафтам зи худ ба ҷилваи он офтобрух.

* * *

Кай панҷаат зи бастани ранги ҳиност сурх,
Аз хуни теғи бисмили аҳли вафост сурх.
Дар маҳфиле, ки чеҳраи гулнор барфурӯхт,
Андар пиёла духтари раз аз ҳаёст сурх.

Ҳар ҷо асар зи қатраи хуни шаҳиди туст,
Шабнам ба тори мижаи мардумгиёст сурх.
Кошонаам зи мақдами он навбаҳори ноз
Чун барги лола зулмати он тираҷост сурх.
Бе меҳнате натиҷаи файзи азал куҷост,
Рухсори гул зи хӯрдани барди шитост сурх.
Рухсори гармфитрати аҳли карам мудом
Аз инфиоли зиллати шахси гадост сурх.
Андар ҳарими васли ту, Ҳоҷӣ, зи инфиол
Бо доғи дил чу лолаи хунинқабост сурх.

* * *

Дай шуд ниҳону мавсими фасли баҳор шуд,
Омад замони бахшишу раҳматнисор шуд.
Андар мизоҷи номия рӯҳи қавӣ дамид,
З-оғӯши хок тавсани ҳастӣ савор шуд.
Аз ҷӯши сабза кӯҳ чу пирони сабзпӯш
Саҳро чу дашти Карбало пурхунканор шуд.
Шуд теғи кӯҳ симгун аз теғи баҳманон,
Пайкони ғунча ханҷари Исфандиёр шуд.
Булбул ба нола ғунчаро медод ин паём:
Бикшо бағал, ки фурсати бӯсу канор шуд.
Наргис кушода дидаву бишкуфта шанбалид,
Пурхун чароғи лолаву дил доғдор шуд.
Бикшода қумриён чу пар бар шохсори сарв,
Ку-кукунон чу ошиқи дилбеқарор шуд.
Савсан забон кашидаву хандида уққувон,
Нилӣ бунафша, нилуфар ҳар сӯ қатор шуд.
Мангар куҷост, дидаи ибрат кирост боз,
То бингарад, ки соати ҳашр ошкор шуд.
Ҳоҷӣ, баҳор бингару фасли хазон бубин,
К-инҳо далели равшани маргу шумор шуд.

* * *

Чун кафи пои туро аз сафҳаи гул бастаанд,
Гирдбоди анҷуман аз чашми булбул бастаанд.
То нагардад аз нигоҳат хайли муштоқон ҳалок,
Шеваи чашми сиёҳат аз тағофул бастаанд.
Даст зад машшота андар турраи шабранги ту,
Панҷаи ӯро магар аз набзи сунбул бастаанд.
Пеши чашми ҷодуят кай лофи устодӣ зананд,
Он муаллимҳо, ки дар зиндони Бобул бастаанд.
Эй мунаҷҷим, пеши мо аз некии толеъ магӯ,
Бахти моро дар саводистони кокул бастаанд.
Метаровад шӯри булбул аз сарири хомаам,
Торҳои мистари мо аз раги гул бастаанд.
Бо ҳама бори маломат пайкари мо хам нашуд,
Чун замин андозаи мо аз таҳаммул бастаанд.
Саъйи мо ҳам норасоӣ нест аз бетӯшагӣ,
Маҳмили мо, Ҳоҷӣ, аз зоди таваккул бастаанд.

* * *

Доғи ғуломӣ аз рухи инсон чӣ сон равад,
Гар Аҳмад асту рутбааш бар ломакон равад?
Аз меҳри кӣ ба мазраъи дил оташ уфтод,
Ҳар шаб шарори хирманаш то Каҳкашон равад.
Аз шохсори ҳар раги гул найшакар дамад,
З-он ғунча гар ҳикояте дар бӯстон равад.
Эй хоки остони ту куҳли ҷавоҳир аст,
Кошам ба дида заррае з-он остон равад.
Нанг аз миёна гум шудаву расму дод рафт,
Меҳре ба рӯз меравад, тарсам ҳам он равад.
Номам чунон зи хотири аҳбоб рафтааст,
Ҳарфам ба гӯши ҳар яке бо тарҷумон равад.
Соқӣ, аҷал, ки шарбати ӯро илоҷ нест,
К-он навбатест бар лаби пиру ҷавон равад.

З-ин куҳнабоғ ғунчаи авроқи фасли гул,
То во кунад, ба панҷаи турки хазон равад.
Ҳоҷӣ ба тавфи кӯйи ту аҳром баст, лек
Он даргаҳест метавон ин нотавон равад.

* * *

Агар бар гарданат дастам расо мешуд, чиҳо мешуд?
Гиребонат бари оғӯш во мешуд, чиҳо мешуд?
Ҳама шаб суҳбати ағёр дидӣ, як даме бо мо
Агар будӣ, дили мо ҳам ризо мешуд, чиҳо мешуд?
Ба як дидан матои сабр кардӣ ҷумла тороҷам,
Ниқобат гар зи рух якбора во мешуд, чиҳо мешуд?
Шаҳиди дашти умедам, надорам ҳеч, то донӣ,
Агар ин куштаро ҳам хунбаҳо мешуд, чиҳо мешуд?
Бари як бӯса аз кунҷи лабат сад ваъда фармудӣ,
Агар ин қарз бо зудӣ адо мешуд, чиҳо мешуд?
Ғубори доманат аз чашми мо парҳез мегирад,
Саводи мардумакро рӯшно мешуд, чиҳо мешуд?
Ба ҷои сабза аз хоки мазорам лола берун шуд,
Чароғоне агар он лолаҳо мешуд, чиҳо мешуд?
Ғуборат як нафас, Ҳоҷӣ, надорад сурфаи ором,
Агар саъят чунин баҳри сафо мешуд, чиҳо мешуд?.

* * *

Ба оламе, ки дар ӯ офтоб мебофанд,
Қумоши нур чу зулмат ҳиҷоб мебофанд.
Дар ин баҳор, ки турки хазон камингир аст,
Зи ҷайби ғунча даридан ниқоб мебофанд.
Бинои умр чу бумест пой ба дӯши сабо,
Матои ҳастии мо дар шитоб мебофанд.
Тавон чи сохт ба ҷуз печутоби симобе,
Ба даккае, ки ҳама изтироб мебофанд.
Ба тори сусти амал аз нафасдарозиҳо,
Чу кирми пилла ба худ аз луоб мебофанд.

Ба водие, ки нафас доғи норасоиҳост,
Зи ваҳми ташналабиҳо сароб мебофанд.
Чу мумкин аст ниҳон айби мо шавад, Ҳоҷӣ,
Чу шишаи кисвати мо беҳиҷоб мебофанд.

* * *

То зи тоби оразат бар пушти лаб табхола шуд,
Маҳ зи бими об гаштан дар муҳити ҳола шуд.
Дил ба рағбат кай дар он зулфи мусалсал бастаам,
Ғамзаи мардумфиребат дар миён даллола шуд.
Шоҳи ҳуснат ҷилвае бар ҳиндувони дида кард,
Лашкари ашкам ба Рум аз водии Бангола шуд.
Кай ҷавонон нақди дилро дар кафат бинҳодаанд,
Маҳви рафтори ту чандин пири сад-садсола шуд.
Доғи дил дар ин баҳорам сурхрӯ мепарварад,
Вазъи мо ҳам санъате дорад, ки гӯё лола шуд.
Баски ҳасратҳо ба хоки номуродӣ бурдаам,
Бар мазорам зарраҳо яксар забони нола шуд.
Ҳуснро зевар физо, мо ошиқони куштаем,
Хуни мо бар гарданаш марҷону ашк катмола шуд.
Он қадар афсурдаам, Ҳоҷӣ, ки чун барги ҳино
Ашкро бедод бар рӯям фузун аз жола шуд.

* * *

Сад ҷаҳон шӯридагӣ андар сари мо рехтанд,
То аз он кокул нишон бар лавҳи дебо рехтанд.
Фитнаҳо барпову ошӯби қиёмат растахез
Аз нигоҳи шӯрангези ту ҳар ҷо рехтанд.
Рафтӣ, эй бераҳм, чун Яъқуб чашмам дар раҳ аст,
З-интизорӣ дар саводаш ранги байзо рехтанд.
Қоматат дар бӯстон худро ба хубӣ рост кард,
Сарвро хори ҳасад чун мӯ дар аъзо рехтанд.
Лофи ширинӣ ба олам з-он набот овардааст,
Дар хироҷаш з-он лаби нӯшин таманно рехтанд.

Як нигоҳи чашми мастат дар чаман афтодааст,
К-аз тараб гулро чу соғар ғунча мино рехтанд.
Ҷон ба умеди нисори мақдамат дорам ба каф,
З-ин хаёли пуч дар мағзам чи савдо рехтанд.
Аз ҳуҷуми ашк чун гирдоб бошад кулбаам,
Гӯиё дар дидаам амвоҷи дарё рехтанд.
Ҳоҷӣ, бошад боғи дунё бе ҷамоли дилбарон
Гӯшаи танге, ки дар вай ранҷи уқбо рехтанд.

* * *

Навид, эй дил, ки баҳри пурсишат он шаҳсавор омад,
Ба пояш ҷонфишонӣ кун, ки ҳангоми нисор омад.
Аз он рухсори оташнок мебояд ҳазар кардан,
Барои бастани дилҳо камандаш тобдор омад.
Рухаш гул, зулф сунбул, ғунча лаб, наргис ду бодомаш,
Аз он рӯ оташи ҳасрат ба ҷони сад баҳор омад.
Чи мумкин бо умеди зиндагӣ дар пеши ӯ будан,
Ки туркони сияҳмасташ ба қатлам найзадор омад.
Аз он пойи ҳиноин он қадар маълум мегардад,
Ки ҳар ҷое қадам зад, бар шаҳиди интизор омад.
Надорад гар баҳорон доғи он гулгунқабо дар дил,
Чарояш эътибор аз лолаҳои доғдор омад?
Нахоҳад фитна то рӯзи қиёмат аз ҷаҳон рафтан,
Рухаш аз зулфи мушкин кавкаби дунболадор омад.
На ман, Ҳоҷӣ, ба дом афтодаи он ҳар ду бодомам,
Ба ҳар як тори мӯяш бастае чун ман ҳазор омад.

* * *

Зи шӯхӣ қомати он турки беодоб меларзад,
Дили ваҳшаткашам чун лӯлаи симоб меларзад.
Муқобил гар шавад ҳар кас бар абрӯи ғазабнокаш,
Агар Рустам бувад, чун ханҷари Суҳроб меларзад.
Нагардад ҳалқа чун мори сияҳ гесу ба рӯи ӯ,
Ки мӯ дар оташ афтад, бо ҳазорон тоб меларзад.

Муаззин, гар қиёмаш дида, қад қомат бароғозад,
Сари зоҳид зи шавқи саҷда дар меҳроб меларзад.
Надонад ҳеч кас таъбири хоби ғафлати моро,
Ки фаҳми хобдонон з-ин парешонхоб меларзад.
Хаёли каҷравӣ дар истиқомат рахна андозад,
Дили дарё зи бими печиши гирдоб меларзад.
Дили софӣ ғубори андакеро саҳл нашморад,
Дар абри камтар аксар пайкари маҳтоб меларзад.
Карамро дастгоҳ аз муфлисӣ нуқсонпазир уфтад,
Зи оби кам таровиш бар сари мизоб меларзад.
Зи хубси тинати тардоманони ҳамнишин, Ҳоҷӣ,
Дар оғӯши ҳаво дуди сияҳ бетоб меларзад.

* * *

Ҷастани мо бе фитодан нест чун рақси сипанд,
Оҷизонро ғайр аз ин рафтор бошад нописанд.
Қасри ҳастӣ з-омаду рафти нафас барбод шуд.
Ҷунбиши ин бод шуд бар қалъаи аъзо каланд.
Аз тапишҳои дили афсурдаам тори нафас
Мекашад чун риштаи най нолаи пасту баланд.
Ранҷи кӯшишҳои вофир баҳри таҳсили камол,
То набошад файзи истеъдод, набвад баҳраманд.
Аз барои сайди табъам, эй фалак, заҳмат макаш,
Ҳамчу анқо ин шикоре нест, то афтад ба банд.
Он кафи нозук надорад ҳоҷати ранги ҳино,
Гар зарур афтад ҳинобандӣ, ба рӯйи баҳла банд.
Хотири моро чу чинӣ бори як мӯ бишканад,
Дар шикасти шиша набвад ҳоҷати боми баланд.
Аз ҳуҷуми рафтагонам хоби роҳат шуд ҳаром,
Бар сари раҳ хуфтаро овози по дорад газанд.
Чун камон бори тавозуъ мекашад дӯши малол,
Худ магар аз зулфи пуртобат ба сар дорад каманд.
Ҳамчу ашк охир ба хоки бекасӣ афтодаем,
Ҳоҷӣ, моро аз назар андохт табъи арҷманд.

* * *

Хаёли оразат ҳар гаҳ ба миръоти замир афтад,
Зи акси дилбарони боғи Ризвон дилпазир афтад.
Маёло ҳарфи ширин бо паёми талху дашномам,
Ситам бошад маю афюн, ба як мино хамир афтад.
На дар шомам навиде, дар сабоҳам нест умеде,
Ки дар чашми сафедам гарди роҳе аз башир афтад.
Нагардад субҳи пирӣ пардаи рӯзи сиёҳи кас,
Физояд тирагӣ мӯро агар дар ҷоми шир афтад.
Кавокибро бувад то дида равшан, даври роҳат нест,
Зи захми чашми афъӣ заҳри меҳнат ногузир афтад.
Нахонда тифли мо пасту баланди мактаби ҳастӣ,
Агар ин рамз бишкофам, Фалотунам ҳақир афтад.
Маро гарданбаландӣ дар ҷаҳон сурат намебандад,
Нахезад бар ҳаво гарде, ки дар зери ҳасир афтад.
Нагардад кӯҳи гардун садди роҳи ҳарзагарди ман,
Магар ҳангоми пирӣ қомати хам роҳгир афтад.
Фиреби дида шуд, Ҳоҷӣ, ҷамолаш дар баҳори хат,
Чу ояд дар саводи шаб маҳи тобон, мунир афтад.

* * *

Хонасияҳ мардуми ҷоду-т кард,
Рӯзи маро шаб чу шаби мӯ-т кард.
Шуҳрату овозаи мардафканӣ
Захми хаданги хами абрӯ-т кард.
Он чи ба мо рӯ-т бикард аз ҳазан,
Кулфати зиндон на ба Ҳорут кард.
Рӯйи ту бар оламе омад баҳор,
Бар рухи ман дамдамаи ҳут кард.
Шӯри ҷунун аз лаби мардум баланд
Силсилаи ҳалқаи гесу-т кард.
Косаи ғам зери сипеҳри кабуд
Ҳукми қазо қисмати носут кард.

Лоласифат доғ бувад кӯҳсор,
Барқи шарар бар дили ёқут кард.
Ҳоҷӣ, чи созам ба ҷаҳон дилхушӣ,
Ҳамнафасон бастаи тобут кард.

* * *

Ба ҳар ҷо кулфату ғам офариданд,
Насиби ҷони одам офариданд.
Баҳор аз хоки мо файзе бибардор,
Ки ин турбат мукаррам офариданд.
Гули ин гулситон ранге надорад,
Хазон аст он ки хуррам офариданд.
Набошад беҳтар андар мулки имкон
Аз ин ҳайкал, ки одам офариданд.
Адамро бо вуҷуди эътиборе
Чу нуру соя ҳамдам офариданд.
Бувад ҳар ранҷро роҳат талофӣ,
Ба доғи лола шабнам офариданд.
Магӯ дар пеши мо аз боғи ризвон
Аз он ҷоям ба олам офариданд.
Чи фахрӣ бо матои дуни дунё,
Ки ӯро аз бадӣ кам офариданд.
Зи шавқи саҷдааш, Ҳоҷӣ, зи ҳоҷиб,
Ҷабинамро муқаддам офариданд.

* * *

То бинои гунбади имкон ҳувайдо кардаанд,
Ҷинси кулфат ҷамъ оварданду дунё кардаанд.
Фарқсозон ҷумла аз асли ҳақиқат ғофиланд,
В-арна Амру Зайдро дар хулқ ҳамто кардаанд.
Дар бисоти даҳр ҳар ҷо ҳарфе аз ғам бигзарад,
Бар дили афсурдаи мо ҷумла имло кардаанд.
Сурати мавҳуми мо андар адам афтода буд
Дар раҳи ҷавлони кӣ ин гард пайдо кардаанд?

Иктисоби файзи мо сабқи амал вобаста нест,
Меҳру маҳро аз чӣ рӯ хотир мусаффо кардаанд?
Поси номуси адаб медор дар гулзори ҳусн,
З-ин адо ин боғро муфти тамошо кардаанд.
Фазлро натвон нуҳуфтан, ҳар куҷо гирад камол,
Сояро кай бар сари хуршед барпо кардаанд.
Ин ҳама ташвишу кулфатҳои даврон бас набуд,
Дил парешон бозам аз ахбори уқбо кардаанд.
Мешавад ошиқ зи кори ишқи коҳил бениёз,
Қайсро охир халос аз фикри Лайло кардаанд.
Ҳоҷӣ, мурғи хотири моро халосӣ мушкил аст,
Чун гирифтораш ба доми зулфи савдо кардаанд.

* * *

Ба ҷаҳон чи бастаӣ дил, магар ин фано надорад?
Ҳама гулшани сипеҳр аст, гуле аз вафо надорад.
Ба фусуни саркашиҳо ҳаваси баланд то чанд,
Ки ба ғайри бӯрёе раҳе бар само надорад.
Ғами дил ба ҳазрати ту ба чӣ имтиҳон нависам,
Ки қалам зи ҳайрати ман хати бехато надорад.
Ба фиреби нотавонӣ зи аду мабош эмин,
Чу камон хамида гардад, зи касе ибо надорад.
Чу замона аст дунё ба ҳазор фитна барпо,
Ки ба ғайри ному расме дигар ошно надорад.
Ба ҳавастарозӣ, эй дил, зи сару кулоҳ бигзар,
Чу най устухони хушкат хабари ҳумо надорад.
Набувад, зи тиратабъон асари карам намояд,
Ки ҷабини санг коҳе арақи ҳаё надорад.
Мани Ҳоҷӣ рӯз то шаб ба давоми давлати ту
Бахудо кунам дуое, ки шаку риё надорад.

* * *

То чашми тарам бар рухи зебо-ш назар кард,
Аз оташи дил шуъла ба фонуси қамар кард.

Девона шавад, бар сари иқбол наёяд,
Дар кӯйи ту ҳар кас, ки ба як бор гузар кард.
Ойина, ба тимсоли ту чун гашт муқобил,
Зад таъна ба хуршеду сиёсат ба қамар кард.
Аз модари гардун ба чи сон меҳр биёяд,
Аз гӯшаи дил меҳр ба ҳар рӯз бадар кард
Бо кӯҳ чи бигзашт, ки бо он ҳама тамкин
Дар азми сафар домани хунин ба камар кард.
Аз рӯйи ту, Ҳоҷӣ, хабаре ёфт чу булбул,
Шабҳо ба наво дар сари кӯйи ту саҳар кард.

* * *

Агар он турк майли мо надорад,
Хатоӣ бар хато парво надорад.
Чу Маҷнун то саҳар дар кӯи ӯям,
Назар бар ҳолам он Лайло надорад.
Ба ҷуз савдои ишқаш дар сари мо
Хаёли дигаре савдо надорад.
Ҷамолашро аҷаб нек офариданд,
Ба хубӣ гӯиё ҳамто надорад.
Ба пеши ҳиндуи мардумфиребаш
Назокат наргиси шаҳло надорад.
Чи бо ҷавру ҷафо майлофарин аст,
Шиносоӣ ба ҷуз инҳо надорад.
Чунон мастӣ, ки дорад чашми масташ,
Саре дар хилвати мино надорад.
Дили мо он қадар зардоби хун шуд,
Чу ӯ озурдае дунё надорад.
Шунидам ишқ бошад аз ду ҷониб,
Чаро ӯ ғамхурӣ бар мо надорад?
Аҷамро шоирони базлагӯянд,
Чу Ҳассони араб асло надорад.
Чу шабнам Ҳоҷӣ пеши офтобаш
Ба ҷуз кӯи адам маъво надорад.

* * *

Бедилӣ чун накунам, рӯҳ малоле дорад,
Мояи сабр каму шавқи камоле дорад.
Дил дар он турраи шабранг аз он гашт асир,
Ки дар он дом сияҳдонаи холе дорад.
Ҷуз ба тамкин набувад сояи иқбол баланд,
Офтоб аз сафари хеш заволе дорад.
Шишаи ҳастӣ дар ин бодия бас бишкастанд,
Домани дашт аз ин кӯза сафоле дорад.
Ҷуръатовоза пур аз ҷинси хасисон бошад,
Шуҳрати шер аз он аст, шағоле дорад.
Осмонро чи бувад бо ҳамагӣ умри дароз,
Ба лаб ангушти таҳайюр зи ҳилоле дорад.
Ҳоҷӣ, дорам ҳама рӯ дар паси зонуи хаёл,
Бас дар ин шишаи савдо чи мисоле дорад.

* * *

Дар он даме, ки рухат бе ҳиҷоб ханда занад,
Зи шавқи хандаи ту офтоб ханда занад.
Пиёла соқӣ ба каф гирад аз хаёли лабат,
Суроҳӣ қаҳқаҳа созад, шароб ханда занад.
Ба азми сайру тамошо савора гар ойӣ,
Зи шавқи бӯсаи наълат рикоб ханда занад.
Ҷафову ҷаври ту донад вафову сабри маро,
Фалак бигиряду гаҳ беҳисоб ханда занад.
Ба маҳфиле, ки ба рақсу самоъ бархезӣ,
Зи аҷзи панҷаи мутриб рубоб ханда занад.
Магар гул аз арақи ҷабҳаи ту бӯ дорад,
Ки дар табиати гулҳо гулоб ханда занад.
Ба ҳарфи лаъли ту ҳар гаҳ ҷавоб бинвисам,
Қалам ба гиря дарояд, китоб ханда занад.
Надида Ҳоҷӣ зи фарёду нола имдоде,
Ба ҷои дигар аз савоб ханда занад.

* * *

Он маҳ, ки ҷафо кард, куҷо кард? Ба мо кард.
Мақтули вафо кард, киро кард? Маро кард.
Аз саъйи рақибон дили арбоби вафоро
Ҳамвора сиё кард, ҷудо кард, чаро кард?
Дилҳои гирифтори хам андар хами гесӯ
Ҳар уқда, ки во кард, саво кард, раҳо кард.
Бар хуни шаҳидон назад ар панҷа, валекин
Ранги кафи по кард, ҳино кард, раво кард.
Мурдему аз он турки хитоӣ нашунидем,
К-ӯ тарки хато, салби ҷафо, майли вафо кард.
Як бӯса, к-аз он гавҳари лаб мултамасам буд,
Ин қазя қазо кард, адо кард, бачо кард.
Аз дуди дилам хома ба ҳангомаи таҳрир
Авроқ сиё кард, садо кард, наво кард.
Аз мо чи бадӣ дид, ки ҳангоми тақобул
Рухсора қафо кард, ҳаё кард, ибо кард?
Аз бахти сияҳ, толеи бад ҳеч нанолам,
Чун қисмати мо кард, қазо кард, Худо кард.
Сарноманигори қаламу дафтари ҳастӣ
Чун навбати мо кард, чиҳо кард? Бало кард.
Ҳар кас, ки ба ғафлат зи накӯёни замона
Умеди вафо кард, хато кард, чаро кард?
Ҳоҷӣ ба дили хаста шабон то ба дами субҳ,
Сад гуна дуо кард, киро кард? Туро кард.

* * *

Чун аст, он ситамвар бар ҳоли мо набинад,
Ё аз тағофул аст ин, ё аз ҳаё набинад?
Дар манзари рақибон мастона мехиромад,
Дар интизори моён ҷуз пеши по набинад.
Аз дарди мо напурсид он моҳ гоҳ-гоҳе,
Донам ризои моро ҳаргиз ризо набинад.

Аз рӯйи нотавонон мардум чи дар малоланд,
Бо марҳабо нигоҳе кас бар гадо набинад.
Дар қатли мустамандон ханҷар ба кор н-ояд,
Ғайр аз нигоҳи тезе тири қазо набинад.
Ному вафо ҳаром аст бар ошиқе, ки ҳар дам
Дар ҷилвагоҳи дилбар худро фидо набинад.
Ҷамъияти муҳибон мавқуфи ошу нон аст,
Гар ошу нон набошад, кас ошно набинад.
Бар даргаҳи ту, Ҳоҷӣ, чун илтиҷо наёрад,
Дигар ба ғайри ин ҷо ӯ мултаҷо набинад.

* * *

Он парипайкар чаро аз суҳбати мо мерамад?
Ин қадар з-афсуну ваҳшат бе сару по мерамад?
Аз ҳаёи орази гулгуни он мастонагард
Дар дили мино чу соғар мавҷи саҳбо мерамад.
Он қадар ваҳшат дар ин кулфатсаро гул кардааст,
К-аз хаёлаш дар адам тасвири анқо мерамад.
Рабти ҳастӣ як мижа фурсат надорад имтидод,
Аз шарар то рӯшноӣ гашт пайдо, мерамад.
Субҳи содиқ ҳамдами хамёзаи шом аст бас,
З-ин дами кулфатбақо шахси таманно мерамад.
Бо бузургон саҳл набвад шеваи тарки адаб,
Сомирӣ з-ин хислат аз Ҳоруни Мӯсо мерамад.
Некро бад мешуморад мардуми беимтиёз,
Аблаҳи шайтонпараст аз марди доно мерамад.
Айб набвад, гар насозад Ҳоҷӣ бо кас ихтилот,
Дида аз танҳо алам з-он рӯзи танҳо мерамад.

* * *

Кист аз дидани ту дида мунаввар нашавад
В-он гаҳ аз тоби рухат сина пурозар нашавад?
Тоқатам тоқу ба ғам шуҳраи офоқ шудам,
Ин ҳама дард чаро пеши ту бовар нашавад?

Ба такаллуф натавон мартабаро кард баланд,
Гули зарди саҳарӣ ғунчаи ахтар нашавад.
Тинати зишт зи озори ҷаҳон мустағнист,
Зи нафас санги сияҳ ҳеч мукаддар нашавад.
Хислати бад самари решаи нопок бувад,
Модарак ғар набувад, духтари ӯ ғар нашавад.
Чашми эҳсон зи ҳама мардуми даврон бастам,
Хушам аз меҳри касе, кинакашам гар нашавад.
Коргоҳе, ки дар ӯ қадри касон мебофанд,
Ҷомаи ҳеч яке бар қади дигар нашавад.
Ҳоҷӣ, мо худ натавон Каъбаи мақсуд расем,
То ки лутфи азалӣ қоиду раҳбар нашавад.

* * *

Агар он шӯхи бепарво қадаҳ бо рӯйи даст ояд,
Ба ҷоми тавбаву тақво зи мастиҳо шикаст ояд.
Баҳорон баҳри истиқбол ҳангоми тамошояш
Гирифта набзи сад гулзор, чун товуси маст ояд.
Ду олам аз сувайдои хаёлам маҳв мегардад,
Агар ҳар гаҳ ба ёд он сурати маънипараст ояд.
Зи тири оҳи ман дорад дили гардун хатарнокӣ,
Шикаст андар камон афтад, аз он тире ба шаст ояд.
Зи ранги зарди мо аз дил шикастан эҳтиёте кун,
Ки дар моҳи сафар ҳар чи шикаст орад, шикаст ояд.
Бинои зиндагонӣ сарфаи нопойдорӣ шуд,
Бувад ин хосият дар тинати ҳар нест ҳаст орад.
Набошад ҷуз таваккул машраби шоистаи Ҳоҷӣ,
Чу саҳми неку бад аз қабзаи шасти аласт ояд.

* * *

Субҳро вақти ҷавонӣ гашт мӯйи сар сафед,
Ваҳшати ин бум кард ин чуғдро пайкар сафед.
Як қалам гар аз баёни ҳоли дил имло кунам,
Нуқтаи холӣ намонад аз ҳама дафтар сафед.

Гармии дилро либоси шуҳрати осор нест,
Барфро аз шиддати сармо бувад чодар сафед.
Оламе аз дарднокиҳои дунё пир шуд,
Як сари мӯе нашуд охир аз ин дилбар сафед.
Ҷуз баёзи гарданаш ҳарфам дигар мазмун надошт,
Чун гуҳар назмам намояд дар раги мистар сафед.
Нахли ҳастӣ дар баҳори навҷавонӣ тоза буд,
Вақти пирӣ реша боло гашт, то шуд сар сафед.
Шоми зулматро чи сон пурнур дорад моҳтоб,
Худ магар ин шир шуд дар синаи духтар сафед.
Мезудояд занги дилро суҳбати равшандилон,
Мешавад хокистари ангишт аз озар сафед.
Эътибори чарх, Ҳоҷӣ, дар либоси мотам аст,
Кас надорад ёд асло рахти ин чанбар сафед.

* * *

Он қадар дил ба шаби ҳаҷри ту табҳо мекард,
Ки нафас шуъла ба гардуни Масеҳо мекард.
Мешудам маҳрами хилваткадаи маҳфили роз,
Агарам дил ба ғами ишқ шикебо мекард.
Ба камоле нарасидан гунаҳи бекорист,
Фалаке дошт замин, гардише пайдо мекард.
Гар фалак як даме бо кори ҷаҳон мегардид,
Шаш ҷиҳатро маҳали байзаи анқо мекард.
Қайси Маҷнун хабари ҳусни туро медонист,
Бадар аз хонаи дил турраи Лайло мекард.
Кавкаби толеи моро шарафи хокӣ дод,
Ба даме дасти қазо гунбади хазро мекард.
Ҷуз шаҳодат сифате ҳосили ушшоқ набуд,
Теғи абрӯи ту гар андаке имо мекард.
Лолаи доғи саҳар тозаву тар мехезад,
Аз нами дидаи шаб сина мудово мекард.
Ҳоҷиро дӣ ба дари хонаи риндон дидам,
Хирқаро дар гарави ҷуръаи саҳбо мекард.

* * *

Боз ёди он парирӯ хотирам ранҷур кард,
Бар сари дил буд захме, таҳ ба таҳ носур кард.
Ҳар қадар кардам талоши васл, аммо рӯзгор
Луъбате ангехт аз роҳаш, ғуборам дур кард.
Бе ҷафои сабр натвон бар сари роҳат расид,
Бодаро дар хуни худ хуфтан майи пурзӯр кард.
Бигзар аз бесарфагӯиҳо, ки дар базми висол,
Гӯшмоле хӯрд конун, нола бе дастур кард.
Раҳмати вофир насиби он ҷавонмардонае,
Хотири кулфатқаринеро зи ғам масрур кард.
Аз баёзи гардани ӯ дар шабистони висол
Панҷаи моро гуноҳи безарӣ маъзур кард.
Ҳастие мавҳум набвад ғайри гулзори хаёл,
Нақшаҳоро маҳв гаштан ҷилваи манзур кард.
Бо карам, гар метавонӣ, соз, к-ин ҷо фурсат аст,
В-арна натвон баъд аз ин дасте баланд аз гӯр кард.
Бе гули рухсори ӯ Ҳоҷӣ саранҷоми баҳор,
Лоларо дар хун кашиду ғунчаро мастур кард.

* * *

Маҳтоби рухат пардакушо шуд, чи бачо шуд,
Чун кавкаби толеъ бари мо шуд, чи бачо шуд.
Дар пардаи кӯрӣ нигаҳи мардумакам буд,
Ҳангоми тамошои ту во шуд, чи бачо шуд.
Бошад ҳама кас толиби дидори ту, лекин
Алтофи ту бо аҳли дуо шуд, чи бачо шуд.
Гар панҷаи ман бо сари зулфат нарасида,
Бо мӯй миёни ту расо шуд, чи бачо шуд.
Селоби сиришкам ба сари кӯйи ту ҳар шаб
Тӯфони фано бар сари мо шуд, чи бачо шуд.
Доғе, ки ба дил донаи холи ту ниҳон кард,
Бар турбати ман лоланамо шуд, чи бачо шуд.

Шуд умри гиромӣ ба сару қомати якто,
Дар роҳи висоли ту дуто шуд, чи баҷо шуд.
Ҳоҷӣ, ки ба дил дошт туро фикри ғуломӣ,
Муҳтоҷи шумо буд, туро шуд, чи баҷо шуд.

* * *

Ҳар ҷо, ки шарҳи хотири моро навиштаанд,
Дуди диле ба дафтари савдо навиштаанд.
Ҳоҷат ба нола нест дигар, булбулон ба боғ
Афғони мо ба рутбаи аъло навиштаанд.
Нақши ҳасири паҳлуи афтодагони фақр
Беҳтар зи фарши атласи дунё навиштаанд.
Ҳар шаб зи оҳи синаи пурдарду доғи мо
Бар осмон ҳазор алифбо навиштаанд.
Ин ҷо завол пояи арзи камол дошт,
Ин муддао ба шоҳиди байзо навиштаанд.
Бар нусхаи баҳор хатти насх кардан аст,
Тори раге ба сафҳаи гулҳо навиштаанд.
Ҳарфи тамоми нусхаи айём, алғараз,
Дебочае ба дафтари ғамҳо навиштаанд.
Ҳоҷӣ, зи саъйи дилхушӣ андар маломатам,
З-ин раҳ ҳазор обила дар по навиштаанд.

* * *

Ба ҷилва о, санамо, ки баҳор мегузарад,
Бунафша мераваду лолазор мегузарад.
Ба ғайри нуқраи дил нест, то нисор кунам,
Дар он раҳе, ки шаҳсавор мегузарад.
Зи меҳри рӯйи ту, эй офтоби бемеҳрам,
Сиришки дидаи тар аз канор мегузарад.
Хушо даме, ки биёӣ, ҳоли дил пурсӣ,
Ки, эй фитода ба хун, ҳоли зор мегузарад.
Агар турост чунин шеваи ситамгорӣ,
Асири куштаи ту аз шумор мегузарад.

Вафои ҳусн надидем, ҳар қадар гуфтем,
Мабош ғарра, ки ин эътибор мегузарад.
Зи сарви қомати хубон дареғҳо дорам,
Чу моҳи нав зи ғами рӯзгор мегузарад.
Биё, ки бе ту дар ин роҳ муддате Ҳоҷӣ,
Ду дида чор, ба сад интизор мегузарад.

* * *

Ишқам ба ту иштибоҳ бошад,
Селоби рухам гувоҳ бошад.
Мурдему ба дил раҳе набурдем,
Ин роҳ чи гуна роҳ бошад?
Кавкаб нанамояд ошноӣ,
Чун бахти касе сиёҳ бошад.
Ҳаргиз накунӣ ба кас мурувват,
Ин шева магар гуноҳ бошад?
Офат ба камини эътиборат
Чун доғи хусуфи моҳ бошад.
Он дил, ки ба ишқ мубтало нест,
Зулматкадаи табоҳ бошад.
Ҷое ба ту арзи ҳол гӯям:
Он арсаи ҳашргоҳ бошад.
Дар кӯйи ту интизор мурдем,
Оё зи ту як нигоҳ бошад?
Ҳоҷӣ ба ҳама табоҳкорӣ,
Бо лутфи ту узрхоҳ бошад.

* * *

Намедонам кадомин соат он дилдор меояд,
Ки ҷони хаста ҳар дам бар лабам сад бор меояд.
Ҳазар, эй муҳтасиб, аз оҳи оташбори муштоқон,
Чӣ оташ бар хасу хошок бе зинҳор меояд.
Зи тангӣ гӯшаи дил ҳам надорад ҷойи ороме,
Нафас бо сад тапиш мегардаду ночор меояд.

Хушат бод, эй таманно, он бути паймоншикан имшаб
Кулаҳ бишкаста, баҳри рухсати дидор меояд.
Баҳори офият дар боғи имкон нест нопайдо,
Ҳаводис дорад ошӯбе, ки бетакрор меояд.
Барои ганҷи дунё дасту пойи орзу бишкан,
Ки ангушти тамаъ ин ҷо ба коми мор меояд.
Чи ҳикмат дар мизоҷи фитрати олист одамро,
Ки шаҳбозест қудсӣ, дар пайи мурдор меояд.
Надорад кори некон холӣ аз ихлос таъсире,
Вагарна дузд чун Мансур зери дор меояд.
Зи парвози нафас ҳам роҳате пайдо намебинам,
Ки бо сад тобу таб аз қолаби афкор меояд.
Тавозуъ аз бадон, Ҳоҷӣ, набошад баҳри имдоде,
Ки ақраб бо каҷиҳо дар пайи озор меояд.

* * *

То рукуми имконе хомаи азал во кард,
Нақшаи ғуборе рехт, оламаш мусаммо кард.
Ибрате айён ҷӯшид, навбаҳор иншо шуд,
Ранги орзу хун гашт, лолазор пайдо кард,
Хаймаи вуҷуд ин ҷо пур зи дардмандиҳост,
Обила дамад аз по, ҳар кӣ сайри саҳро кард.
Маънии адаб пурсӣ, ҷониби гулистон бин,
Ҳар гуле ба сар овард, назри он кафи по кард.
Соғари таманное пур нагашта, вожун аст,
Иштиҳори ин маънӣ косаҳои дарё кард.
Шаш ҷиҳат адамзор аст, як назар тааммул ку,
К-ин савод имконе ҷилваҳои анқо кард.
То куҷо зи бекорӣ бар сари ҳаво гардӣ,
Эй ғубори аҷз, охир хотират чи савдо кард.
Дар баҳори ин гулшан набвад як дили ҷамъе,
Ғунча нусхае овард, боди субҳаш аҷзо кард.
То расид ба мижгонаш, мардумак сияҳ пӯшид,
Сурма ҳам аз ин матлаб ихтиёри савдо кард.

Манзили хароб аст ин, Ҳоҷӣ, дил аз ӯ бардор,
Хештан бар ӯ афканд ҳар кӣ рӯ ба дунё кард.

* * *

Рӯят зи шукуфта хуррам омад,
Зулфат чу каманди пурхам омад.
Овозаи чашми рӯҳбахшат
Чун сурати тифли Марям омад.
Ҳалвои лабат, ки нӯши ҷон аст,
Бе шарбати ӯ шакар сам омад.
Дар маҷмаи ҷамъи хушнамоён
Монанди ту хушнамо кам омад.
Ножу, ки ба боғ қад кашида,
Дар пеши қадат качу хам омад.
Аз рашки лаби ту лаъл дар кон
Хун гашт, ба рӯйи олам омад.
Чашмам, ки зи хок барнахезад,
Чашмат чу ба хоби чашмам омад.
Ошуфта зи турраи ту сунбул,
Анбар зи хатат муттаҳам омад.
Он дам чи дамест, он замон кай,
Гӯянд, ки ёри ҳамдам омад.
Ҳоҷӣ, ба тавофи мақдамаш хез,
Чун мавсими хайра мақдам омад.

* * *

То он бути танноз ба ман дар сухан омад,
Сад бор равон аз тану ҷон аз бадан омад.
Мо маҳви хаёли санами ҳурмисолем,
К-Озар зи рухаш бутшикану бутфикан омад.
Гуфтораи ман лаззати шакаршиканӣ кард,
Мазмун бар он пистаи шакаршикан омад.
Аз ҷинси кудурат чи қадар буд дар ин ҷо,
Дар кулбаи ман боиси пинҳон шудан омад.

Эй маҳви тамошо, чи қадар ҳарзанигоҳӣ,
Як мижа тааммул, ки видои ватан омад.
Аз дил натавон решаи умед буридан,
Ин реша дар ин боғ аҷаб шахрасан омад.
Бар орази гармаш арақи шарм кабоб аст,
Шабнам натавон бар рухи худ бар шудан омад.
Аз хоби парешон ба чи таъбир тавон кард,
Дунё магараш гуфт: ҳамин мумтаҳан омад.
Ҳоҷӣ, натавон тарки ману мои худӣ кард,
Парвози шарар то шикани санги ман омад.

* * *

Медиҳад сози дамиданҳои субҳам ин навид;
Ҳосили ин базм мазмунест натвонаш шунид.
Ҳамчу пире ҳам ҷавоне сарфадори мурдан аст,
Мева барҳам мехурад гоҳе расад, гаҳ норасид.
Аз тараддуд пур нахоҳӣ кард коми нафсро,
К-ин ҷаҳаннамро ҷавонӣ нест ҷуз ҳал ми мазид.
Боли парвозат набошад чун шарар ҳамҷилвае,
Ҳамчу кирмон то ба кай бо гирди худ хоҳӣ танид.
То бузургон бо фароғат бар сарири иззатанд,
Ҳеч кас бар маснади эъзоз натвон орамид.
Худнамоёнро каҷиҳо рӯзгори ишрат аст,
Қартаи маҳро ҳилоле мешавад асбоби ид.
Гунбади афлокро то шӯхии рафтор ҳаст,
Ранҷ дорад ошкору айш бошад нопадид.
Шайхи дунёро ба каф ҷуз донаи безанг нест,
В-арна мардумро чаро бо хӯйи бад созад мурид.
Ғайр аз ин умеди Ҳоҷӣ нест моро хислате,
Бандаи худ гуфт, хоҳад кард номамро сайид.

* * *

Рӯят ба гулу баҳор монад,
Зулфат ба хати ғубор монад.

Бахти баду толеи сиёҳам
Бо кокули мушкбор монад.
Бе рӯйи ту донаҳои ашкам
Ҳар шаб ба рухам қатор монад.
Мурдем ба ёди хушдилиҳо,
Дигар ба чи ихтиёр монад.
Гуфтам, ки кашам ба ханда гуфтор,
Ғамро ба куҷо қарор монад.
Гуфтам бинамой чеҳраам, гуфт,
Маҳ нест туро дучор монад.
Доғи дили бисмилам, илоҳӣ,
Бар синаи рӯзгор монад.
Ҳар ҷинс ба дида муддаое,
Манро чи дар интизор монад.
Коре зи ту, Ҳоҷӣ, дар замона,
Н-омад, ки ба ёдгор монад.

* * *

Осмон шаборӯзӣ бебадал карам дорад,
К-аз нуҷуму меҳру маҳ киса пурдирам дорад.
Барг-барги ин гулшан нақши ибратэҷод аст,
Ранг ҳам чу бӯ ин ҷо ҷилваи адам дорад.
Дил ба ину он додан кори бутпарастон аст,
Ойинатамошой пеши рӯ санам дорад.
З-ин саводи ваҳшатхез чашмам аз нигоҳи худ
Ҳамчу дидаи оҳу аз паланг рам дорад.
Машраби тунукзарфӣ интизори фурсат нест,
Пардаи ҳубобиро як нафас адам дорад.
Гирудорандешӣ ғафлату зиёнкорист,
Оқибат хиҷил гардад, ҳар касе ҳашам дорад.
Дарду ғам кашиданҳо аз куҷост, агар фаҳмӣ,
Аз балои неш афъӣ бар сараш ситам дорад.
Қомати дами пирӣ мекунад видои умр,
Ҳар гаҳе ба салх ояд моҳтоб хам дорад.

Дар баҳори ин гулшан ҳар касе тамошоист,
Ҳамчу гул дили пурхун, дида пур зи нам дорад.
Ҳоҷӣ, мардуми чашмам зарраҳои наъли ӯ
Ҳамчу сурмаи ҷавҳар муфту муғтанам дорад.

* * *

Турки Хитойи навхате ҷилваи дилбарона кард,
Дил зи барам гирифту рафт, боз ба ман равона кард.
Субҳидамона омад ӯ бо рухи ҳамчу офтоб,
Шоми касон сабоҳ кард, субҳи маро шабона кард.
Шом ба бом бар шуду ваъда ба бомдод дод,
Чун дами бомдод шуд, ваъдаи шомиёна кард.
Гуфт: ба пойи дор рав, бар сари дор дорамат,
Қолаби бемадор дид, рафту дигар баҳона кард.
Дид, ки зор гаштаам, аз ғами ӯ нишон намонд,
Лавҳи мазорам аз ғазаб тир заду нишона кард.
Ҷони ҳазорпораам боз ҳазор пора шуд,
Уқдаи мушки бастаро боз ба хор шона кард.
Арзаи ҳолпурсиям бар асари ҳавола рафт,
Ҳилаи гуфтугӯи ман бар хати ғоибона кард.
Ҳоҷӣ ба ҳаҷ расиду бурд бар дарат эҳтиёҷи худ,
Ҳаҷ бигузошт, гашт аз он, рӯ ба ту, эй ягона кард.

* * *

Саҳиқаде, ки ба як ҷилва интизорам кард,
Асири зулфи сияҳ, чашми сурмадорам кард.
Надошт бар сари ман шеваи вафодорӣ,
Дилам рабуду ба ғам кушту хору зорам кард.
Ало, ситамгари рангинқабои фаррухрух,
Тараҳҳуме, ки аҷал бо ҷафо дучорам кард.
Замона ба сари ман оқибат чӣ меорад,
Кунун чу лола ҷигархуни доғдорам кард.
Ба ҳар даме, ки ҷамоли ту барқи ноз ангехт,
Ҳазор рақси сипанд донаи ғуборам кард.

Зи чашми шӯхи ҳасудон куҷо бипарҳезам,
Ситора ҳаст агар, чарх эътиборам кард.
Миёни оташам аз озари ҷамол андохт,
Сиёҳтолеъ аз он наргиси хуморам кард.
Зи ранги зарду дили хунгирифта кай, Ҳоҷӣ,
Баҳор, чун нигарам, ишқ худ баҳорам кард.

* * *

Бисмиламро болу пар аз хуни худ рангин нашуд.
Рангҳо дар теғи қотил буд, аммо ин нашуд.
Ҳар куҷо чун соя вазъи саҷда пайдо кардаам,
То шавад аз нақши пойе ҷабҳаам гулчин, нашуд.
Дурбинӣ аҳли бинишро писанд афтодааст,
Мардумак оламтамошое шуду худбин нашуд.
Бе хаёли ростӣ раҳ дар бисоти қурб нест,
Фили каҷрафтор гоҳе пеши шаҳ фарзин нашуд.
Муҳтасибро гардан аз бори хиҷолат бишканад,
К-ин фасодандеша ҳаргиз дар салоҳи дин нашуд.
Байзаи ҳастӣ ба зери боли товуси фалак
Модаи анқо дамиду сурати шоҳин нашуд.
Доғам аз беҷо дамиданҳои оҳи беасар
Чун шарар, к-ин шуъларо раҳ бар дили сангин нашуд.
Бо суҳулат метавон тарзи сухан оғоз кард,
Аз ҷигар то хун наёмад, мисрае тазмин нашуд.
Ҷаҳдҳо бебаҳра ин ҷо аз ҳусули муддаост,
Кӯҳкан ҷон доду аммо маҳрами Ширин нашуд.
Илтиҷоҳо бас ки, Ҳоҷӣ, бо ғараз олуда буд,
Аз ҳазорон сад яке миннатбари омин нашуд.

* * *

Биҳамдуллаҳ, ки он дилдор, гарчи рафт, зуд омад,
Ба таъзимаш қиёме хостам созам, суҷуд омад.
Чу рафт аз пеши чашмам, он чи будам, рафт аз олам,
Чу он нозофарин омад, ба олам ҳар чи буд, омад.

Чаро гирён набошам аз видои ёр, эй носеҳ,
Ки чун ҷон меравад, ҳангомаи ҳасрат намуд омад.
Барои пурсишам дилдор кай омад, надонистам,
Магар чашмам дар он соат зи бедорӣ ғунуд, омад.
Чи имшаб лутфҳо дорад бути гулгунқабои ман,
Қабо аз тан кашиду банди пироҳан кушуд, омад.
Кадомин соате сар зад маро кирдори ношукрӣ,
Ки бар хотир маро аз ҷинси кулфат ҳар чи буд, омад.
Барояш доштам ҷоне, наёмад дар ҳаёти ман,
Надорам ҷони бахшидан, пас аз мурдан чи суд омад?
Магар аз дафтари айём номи меҳр ҳак гардид,
Ки додар чун писаръам дар ҳақи ҷонам ҳасуд омад.
Зи оби дидаи ушшоқ хубон обрӯ доранд,
Қумоши ҳуснро, Ҳоҷӣ, аз ин ҷо тору пуд омад.

* * *

Соқӣ, биёр бода, ки шоми шубоб шуд,
Мутриб намой нола, ки пирӣ шитоб шуд.
Ҷаври замона то каю ёрон ҳасуд чанд,
Маҳшар карона то куҷо, олам хароб шуд.
Доғи диле, ки доштам, ногаҳ шуд, оҳ, рафт,
Зад бар фалак шарораву гашт офтоб, шуд.
Аз ёр нест кинаву пастӣ зи бахти мост:
Ӯ дошт лутф кардани бар ман, итоб шуд.
Ҳоҷӣ, куҷост фурсати як дам фароғате:
Киштӣ шикасту тахтаи мо дар сароб шуд.

* * *

Бар сари мо сояи чархи ғамин бинҳодаанд,
Рӯзгори тирае бар мо аз ин бинҳодаанд.
Пайкари ҳастии мо таркиби аздод асту бас,
Боду хоку обу оташро қарин бинҳодаанд.
Аҳли дунё аз фалак ҳаргиз надорад ибрате,
К-аз фулуси муҳр доғаш бар ҷабин бинҳодаанд.

Ёр таъвизе барои мо ба ин мазмун навишт,
К-эй, туро бар кардаҳои худ раҳин бинҳодаанд.
Ҳамчу Юсуф чун кунам бар меҳри ихвон эътибор,
Бе падар ӯро ба чоҳи саҳмгин бинҳодаанд.
Духтари дунё ба тифли худ аҷоиб модар аст,
Нармрӯ, аммо ба ботин хашмгин бинҳодаанд.
Осмонро бурҷи хокӣ он замон пайдо набуд,
Бо падар моро ба саҳрои замин бинҳодаанд.
Ҷуз надомат ғунчае аз боғи ҳастӣ сар назад,
Дидаи гулро пур аз шабнам аз ин бинҳодаанд.
Илмҳо, Ҳоҷӣ, маро асбоби ҳушёрӣ нашуд,
Ғафлате дорам, гаронтар аз замин бинҳодаанд.

* * *

Аз рақибон моҳи ҳуснаш қобили таҳсин нашуд,
Дар дами дай ҳеч гулзоре баҳороин нашуд.
Бо алоиқ хӯ гирифтан ҷуз сияҳкорӣ надошт,
Зангро з-ойина то наздуд, оламбин нашуд.
Ханҷари қотил зи истиғно ба хун олуда гашт,
Аз хиҷолат ранг зад хунам, ки ӯ рангин нашуд.
Маҳмили ман дар биёбоне, ки раҳ сар кардааст,
Чун садо ҳамсанг он ҷо қобили таскин нашуд.
Мо талоши ҷонканиро зиндагӣ фаҳмидаем,
Чун шарар бар ҷилваи мо ҷуз адам болин нашуд.
Раҳнаварди умрро, Ҳоҷӣ, чӣ матлаб моя аст?
К-аз тапиш н-осуда рафту соҳиби тамкин нашуд.

* * *

Ғуборам, то зи гарди домани дилдор гулчин шуд,
Гулистон шуд, чаман шуд, сабз шуд, товуси рангин шуд.
Ба сайри бӯстон он сарви раъно чун хиром овард,
Навои хайра мақдам булбулонро лаҳни талқин шуд.
Ба он турки ситамхӯ хостам то рози дил гӯям,
Забон аз бими ҷон дар арзаи аҳвол сангин шуд.

Ба ноаслон ривоҷи мулкро додан ситам бошад:
Пиёда роҳи шаҳ гирад, ба ҳангоме ки фарзин шуд.
Зи дасти худнамоӣ оқибат бар худ зиён кардам:
Фурӯғи шамъ, чандоне, ки боло рафт, поин шуд.
Ба мурдан ҳам ғуборам низ дорад сози нолидан,
Аҷалро дастрас набвад ба кирдоре, ки ойин шуд.
Қазо бар ҷабҳаи иқболи мо, Ҳоҷӣ, чи бинвишта?
Ғаму ҳиҷрон насибам соату рӯзи нахустин шуд.

* * *

Эй, дил ба хами силсилаи зулфи ту дар банд,
Бисёр аз ин банд ба ин дилшуда мапсанд.
Ҷуз расми ҷафо бар сари мо ҳеч наёвард,
Ойини вафо пеша намудем ба ҳарчанд.
Раҳ бар дили сангин натавон кард ба тадбир,
Фарҳод дили кӯҳ чи миқдор фурӯ канд?
Хосияти гуфтор зи кирдор наёяд,
Ширин нашавад коми кас аз гуфтани ё қанд.
Донӣ, ки туро як даҳану гӯш ду аз чист?
Яъне, ки ду чандон шунаву гӯй ту як чанд.
Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳеч нафаҳманд,
З-алфози «Муҷастӣ»-ву зи Занду хати Позанд.
Афсӯс, ки додем зи каф умри гиромӣ,
Дар зан-зани зан, зиндагии бе фари фарзанд.
Чун шамъ нам аз чашми вафое начакидем,
Чун субҳ даме низ накардем шакарханд.
Як ҷав нахарӣ, Ҳоҷӣ, аз ин хирмани хархез,
Хархир агар гириву Хартуму Наҳованд.

* * *

Он маҳ чи ҷафо кард, намекард, накӯ буд,
Ӯ тарки вафо кард, намекард, накӯ буд.
Пайванди муҳаббат, ҳама асбоби маишат
Бо аҳли дағо кард, намекард, накӯ буд.

Чун қоидаи чархи ситамгор ба сӯям
Сад ҳодисаҳо кард, намекард, накӯ буд.
То кушта шавад мурғи дилам, гашт асираш,
Нокушта раҳо кард, намекард, накӯ буд.
Чун дидаи оҳу зи тамошои саводам
Рам кард, чаро кард? Намекард, накӯ буд.
Ҳоҷӣ ба ғаму дарди ту буд аз ҳама фориғ,
Дардаш кӣ даво кард? Намекард, накӯ буд.

* * *

Тавсифи хатат то шуда дар гулшани коғаз,
Чун нофа дамад мушк зи во кардани коғаз.
Шояд ки паёми ту бари мо бирасонад,
Маҳкам бигирифтем чу хат домани коғаз.
З-аҳволи дили доғ чи таҳрир тавонам,
Сӯзад шарари хомаи ман хирмани коғаз.
Чун ғунча қабо чок зад он пайкари нозук,
Тарсам шавад озурда зи пироҳани коғаз.
Гардидани рӯзу шабам оварда ба сар умр,
Дафтар шавад охир зи шуморидани коғаз.
Бо содадилон накбати айём набошад,
Ҳаргиз надамад мӯйи сияҳ бар тани коғаз.
Бо хуни ҷигар нома бари ёр навиштам,
По обила шуд номабар аз бурдани коғаз.
Гар пайкари ӯ шӯхии изҳор намояд,
Ҷавҳар шавад аз ҳайрати ӯ равғани коғаз.
Дидан мадад аз шахси дурӯ амри муҳол аст,
Натвон сипари теғ шудан ҷавшани коғаз.
Ҳоҷӣ, чу қалам чанд ба ҳарфи дигарон умр
Кӯтаҳ кунӣ аз машқи сияҳ кардани коғаз.

* * *

Ба кӯйи ёр навиштам дами саҳар коғаз,
Чу шамъ гиря намудам, ки гашт тар коғаз.

Магар зи дуди дили доғ кардаанд мидод,
Ки хома аз асари ҳарф медиҳад шарар коғаз.
Зи оби ҷавҳари теғ он нигор хат бинвишт,
Ки дошт мавҷи тапиш пеши номабар коғаз.
Дар ин баҳор ҳама дар ниқоби тақлиданд,
Гуле зи гулшани таҳқиқ нест бар коғаз.
Машав зи кинаи бемағз мардумон ғофил,
Чу теғ ҳукми сиёсат барад ба сар коғаз.
Қалам ба дасти мани зор гирятаҳрир аст,
Зи мижжа хун фиканад, то кунад назар коғаз.
Ба саъйи баҳру бар овора гаштаам, Ҳоҷӣ,
Магар барад ба ҳаримаш зи ман коғаз.

* * *

Мекушоям дар раҳаш аз дидаи бедор дар,
То занад гоҳе магар он тифли гулрухсор сар.
Лутфи ҳар шай шевае дархӯрди истеъдоди ӯст,
Аз лабон зебад такаллум, аз сари минқор қар.
Камнамоӣ чун ҳилоли ид поси иззат аст,
Қадр хоҳӣ бишканӣ чун маҳ, маҳат ҳар бор бар.
Дил кунӣ гар зинда, аз шаҳди хамӯшӣ баҳра гир,
Ҳарза то кай риш созӣ аз туфи гуфтор тар.
Аз насиҳат бетамизонро намеояд салоҳ,
Аз самоъи хайр дорад ҳамчу шар инкор кар.
Сурати аъмол бе ислоҳи дил камбаҳра аст,
Ҳосили кишт аст афзун, шуд замин шудгор гар.
Кай шиносад лаззати қандат рақиби талхком,
Найшакарро тӯтиён донад, мазоқи хор хар.
Ҷифаи дунё барои аҳли худ омодааст,
Мекашад каргас барои лоша аз кӯҳсор сар.
Киса холӣ гар бувад, ғайри хиҷолат боз нест,
Ҷуз фулусе муфлисонро нест дар бозор зар.
Рутбаи ҳар кас ба қадри дастгоҳи ҳиммат аст,
Ҳоҷиро манзил ҳарам бошад ба кунҷи ғор ғар.

* * *

Агар зи доғи дили дардманд кунам таҳрир,
Даҳони хома пурахгар шавад чу оташгир.
Чу субҳ дида кушодам ба синаи софе,
Ба ранги зард гузаштем ҳамчу моҳи мунир.
Гузашт умру надидем роҳате асло,
Магар ба хок расад беқарори мо чун тир.
Зи ҷинси илму амал ҷумларо қазо кардам,
Ҳар он чи ҷурму гунаҳ буд, накардамаш тақсир.
Зи хеш то гузарам, саъй норасоӣ кард,
Рикоби нола гирифтам чу шевани занҷир.
Дар ин адабкада ҳаргиз ба хештан мағрур,
Қусур пеша куну ибрате зи шайтон гир.
Абас ба ҳастии «ман», эй азиз, ранҷа машав,
Биёву қисмати «мо» гир аз кафи тақдир.
Зи табъи тифли мизоҷам чу домани модар,
Набурд талхии хунхорагӣ макидани шир.
Асо хиҷил бувад аз фикри кори имдодам,
Надошт ҳарак(а)те узвам чу пайкари тасвир.
Агарчи духтари дунё чу соя тасхир аст,
Канори кас накунад гарм чун аҷузаи пир.
Ба хеш гиря намо, Ҳоҷӣ, ҳикмату ашъор
Ба кори кас накушояд ба донае зи шаир.

* * *

То куҷо, ё Раб, тақозои сафар дорад баҳор,
Ҳамчу барқ аз тез рафтан як назар дорад баҳор.
Рангҳо з-авроқ бурду бӯйро бар бод дод,
Нусхаи аҷзои худро мухтасар дорад баҳор.
Ғунча лаб дарҳам газиду гул зи ҳайрат ханда кард,
К-аз чи савдо ин қадарҳо зебу фар дорад баҳор.
Имтиёзи халқ андар чеҳраи бикшода аст,
В-арна ҳамчу дай ҳамон шому саҳар дорад баҳор.

Зиндагонӣ гӯ, вагарна ҷумлаи асбоби айш
Ҳар сари соле муҳайё бештар дорад баҳор.
Аз гиребончокии гул то навои андалеб,
Равшан аст ин рамз, доғе бар ҷигар дорад баҳор.
Рухсати назора доғи ишқбозон тоза кард,
Бар димоғи шахси Маҷнун пур зарар дорад баҳор.
Роҳати дунё ба ташвиши дигар олуда аст,
Гарчи дорад савти булбул, бонги хар дорад баҳор.
Бар каримон шеваи инъоми ом афтодааст,
Неку бадро ҳар саҳаргаҳ гул ба сар дорад баҳор.
Аз синони ғунчаву шамшер хунолуд гул,
Ҳоҷӣ, захми синаи мо нештар дорад баҳор.

* * *

Як сӯ фитад зи орази гармаш ниқоб гар,
Хуршед об мешавад, набвад саҳоб гар.
Аз боди васлу лаззати дидор қонеам,
Гоҳе шавад назорати рӯяш ба хоб гар.
Ҷирми қамар чу қатраи хур бе калаф шавад,
Бинад сафои чеҳраи он офтоб гар.
Ҷавҳар дар об мешавад қуллоби моҳиён,
Аз тоби зулф афканад аксе дар об гар.
Дар пардаҳои зеру бам хомӯшӣ мешавад,
Гӯш афканад ба нолаи зорам рубоб гар.
Рози даруни синаи мо ҳал намешавад,
Сад фасл боб созаму чандин китоб гар.
Бояд кашем хиҷлати изҳори муддао,
Ҳарчанд нагашт даъвати мо мустаҷоб гар.
Гирад сафои ҷавҳари зотӣ ғубори мо,
Бинад чу шиша он рухи оличаноб гар.
Ҳоҷӣ, тамоми ҳосили дунё надомат аст,
Гирад шумори ҳар яке рӯзи ҳисоб гар.

* * *

Бе сиришки дидаи тар нест тоат эътибор,
То нагиряд абри найсон, тоза набвад лолазор.
Пеши мардум з-эътибори худ хиҷолатмояам,
Гарчи хислат кардаме ташҳири худро ихтиёр.
Ҳеч кас ин ҷо надорад рутбаи худро қабул,
Фикри сабқат мекунад бар аспи тозӣ харсавор.
Илтифоти шахси золим нест бе тамҳиди зулм,
Печу хам нақши муҳаббат нест дар тасвири мор.
Сурати ранҷури моро тарзи истиғно надид,
Гарчи дар роҳаш зи оби дида кардам ҷӯйбор.
Бо таҳаммулпеша аз саъйи ғазаб таъсир нест,
Сангро бечо насозад оташи тези шарор.
То ба кай андар газанди халқ дорӣ арзи ноз,
Ҳиммат он аст ҳамчу гул бар худ писандӣ ранҷи хор.
Шахси нодонро хитоби дӯстӣ додан хатост,
То диҳад арзи таманно, хиҷлат орад ошкор.
Чун насозад фикри имрӯзу паре, шармандаам,
Қомати хамгаштае дорам, надорад ҳеч бор.
Ҳоҷӣ, моро роҳати дунё чу марг афсурда кард,
Сустие дорад саҳаргаҳ хоб ҳангоми баҳор.

* * *

Сабре намонд (зи) ғафлати он чашми хобгир,
Эй дил, биёву рухсати моро ҷавоб гир.
Ин маслаҳат чи гунаву ин тунд хӯ чаро?
Алтоф кун рақибу маро дар итоб гир.
Мо ҳам ғубори барзани Мисри муҳаббатем,
Дар партави иноятат, эй офтобгир.
Ё Раб, ҷаноби ҳуснро ин хӯ писанди чист?
З-аҳли ниёз шаммае рух дар ҳиҷоб гир.
То имтиёзи рӯи ту бар меҳру маҳ кунанд,
Андар гирифти ҳар яке аз рух ниқоб гир.

Аз суҳбате, ки гуфтугӯ асрори мардум аст,
Бе ҳукми эҳтиёт яке иҷтиноб гир.
Чун бе насиби роҳати дидор мурдаем,
З-ихлоси бахши фотиҳа боре савоб гир.
Баҳри Худо, ки ҳастии мо дар лиқои туст,
Як дам хабар зи ҳолати ин дилкабоб гир.
Тарсам зи дарди беҳаду в-ин қалби бесабур,
Кардам яке ба ҷониби рӯят, хитоб гир.
З-ин пас илоҷи кори худ, ё Раб, чӣ сон кунам?
Саҳви шабоб рафтаву пирӣ шитобгир.
Ҳоҷӣ, ба саъйи норасо то чанд бастаӣ,
Рӯзи тавофи Каъбаи ӯ фатҳи боб гир.

* * *

Надошт тоқати сабре дигар дили маҳҷур,
Ба нола сарфи нафас мекунад кунун маъзур.
Чу нақши по ба замин маҳви ҳайрат афтодам,
Зи боли маҳмили Лайливу корвонам дур.
Басоти маҳфили имкон чи танг афтода-ст,
Фиканда тарҳи иқомат ба дастгоҳи мурур.
Ҳало, ки маҷмаи ёрон мазарратангез аст,
Ба ғайри неш наҷӯшад зи хонаи занбӯр.
Ғубори олами мо ҳам қиёмате дорад,
Барои фурсати ӯ мекашад дамидани сур.
Кунун ки ҳиммати ошиқ маҳвандеш аст,
Кӣ мекашад зи сари дор наъраи Мансур?
Дар ин аламкада ҳуше гумору ибрат гир:
Танини косаи чинист бар сари фағфур.
Ғуборро ба ҳаво тохтан парешонист,
Зи ҷоҳ сифла бияфтад ба домгоҳи ғурур.
Ба оҳи нимашабӣ дафъи захми савдо кун,
Ки медамад зи дами субҳ марҳами кофур.
Биёву Ҳоҷӣ, ҳаме саъйи хоксорӣ кун,
Ки ғайр аз ин набувад шевае дигар манзур.

* * *

Як нафас аст зиндагӣ, заҳмати ину он мабар,
Мижа фароз то кунӣ, меравӣ олами дигар.
Ёди баҳори тифлагӣ дам ба дамам фузуд ғам,
Лола зи доғи ғунчагӣ карда кулоҳи хун ба сар.
З-офати қилу қол чанд ҷавҳари дил сияҳ кунам,
Ойинаро нафас кунад тира зи занг дар назар.
Охири шаб қиём кун, файзи саодат офарин,
Маҳ зи маҳоқ аз ин сафар рафт ба олами қамар.
Хотири беғубори ман мазҳари инфиол шуд,
Бар сари ҳар кӣ ғам расид, аз дили ман кашид сар.
Буд ҳазор имтиҳон, зери лабам хамӯш монд:
Баҳр намекунад бурун аз кафи хештан гуҳар.
Зевари дасти марду зан беҳтар аз ин ду чиз нест,
Аз яки он нисори зар, бар дигаре сувори зар.
Дафтари рози синаам ҳамчу китоби субҳидам,
Воқиаи тавол дошт, қисса намуд мухтасар.
Ҷавҳари дил фусурда шуд, то ба ҳузур ворасид,
Шиша ба машқи имтиҳон суда намуд шишагар.
Ҳоҷӣ, ба кӯйи дӯстон аҷзи ниёзи мо расон,
Киштии мо шикаста шуд, боди мурод беасар.

* * *

Биё, ки бе ту дили зор гаштааст ранҷур,
Зи мижжа гар фиканам ашк, мечакад носур.
Магир айби касон, то ба худ наяндешӣ,
Гувоҳи туҳмати беҳад, адовати мавфур.
Агар он оташи дил шуълае барангезад,
Сипанди миҷмари ӯ мешавад шарораи Тур.
Адам ғубори маро то ба аҷзи худ бинад,
Фиканда тарҳи иқомат ба ҷилвагоҳи зуҳур.
Ба тоби нолаву дил пур зи хор мегардам,
Ҳам ин ҳикояти ман пурс аз лаби самтур.

Работи манзили шашдар фароғатам кам дошт,
Ки роҳ боз намуданд ба хонақоҳи қубур.
Агар чу маҳ ба ҷаҳон ҳар даме ҷавон гардӣ,
Ба ғайри пайкари хам нест ҷилваат манзур.
Ҳало, ки хӯи мулоим дучори офат нест,
Ба соя ҳукм надорад сиёсати сотур.
Чаро нагиряму бар худ маломате накунам,
Ки умр мераваду каф тиҳӣ, дили маъзур.
Замона, Ҳоҷӣ, чу ман низ мубталое ҳаст,
Мабод гила аз ин бесуботи номақдур.

* * *

Мебарад ҳуш аз сарам он чеҳраи равшан ҳанӯз,
Чун пари парвона доғам пеши он гулхан ҳанӯз.
Ошиқон аз ҳасрати дидори ӯ худ мурдаанд,
Он ситамгар нест сер аз шеваи куштан ҳанӯз.
Дар кафи хокам ҳамон хосияти рангу вафост,
Лола мерӯяд бурун аз устухони ман ҳанӯз.
Ҳар қадар з-ин мотамистон халқ барҳам мехурад,
Нест табъе мунфаил аз ваҳшати мурдан ҳанӯз.
То куҷо беимтиёзӣ дар ҷаҳон гирад ривоҷ,
Ришро фарқе набошад пеши марду зан ҳанӯз.
Худфурӯшӣ пеши он наргис магар бодом кард,
Мезанад бар айнаки ӯ наштари сӯзан ҳанӯз.
Хома то як дам саводи синаам таҳрир кард,
Мехурад хуни сияҳ ҳангоми бинвиштан ҳанӯз.
Ҳоҷӣ, моро захмҳо бар рӯйи дил носур монд,
Хотири ӯро набошад тарки озурдан ҳанӯз.

* * *

Биё, ки гулшани умр аст дашти офатхез,
Самуми ҳодиса дорад зи ҳар тараф маҳмез.
Мабош ғарраи ин рӯзгори севу панҷ,
Ки ҳаст манзили ҳирмону маҳфили парҳез.

Махӯр фиреби ҷамолу мабин ба ҷоҳу ҷалол,
Ки ҳаст ин ҳама моле, ки медиҳад ба ситез.
Мабин ба холу хати дилбарони ин бозор,
Мағеҷ дар пайи ин лӯлиёни шӯрангез.
Зи зоди паҳлуи худ сарфаи наҳорӣ кун,
Ба доғи ташналабӣ ашки субҳгоҳӣ рез.
Чу суд аз он ки хӯриву дареғ аз он ки барӣ,
Чу ҳаст рӯзи шумору ҳисоби растохез.
Ба пеши боби ту, шоҳо, гадо чӣ меёрад?
Магар ки лутфи ту гирад барои дастовез.
Агар ба лутф нахонӣ, зи даргаҳат ронӣ,
Куҷост боби умеду кадом роҳи гурез?
Кунун ки, Ҳоҷӣ, шудӣ пир, ба дари ӯ мир,
Ки нест мартабае бар ғуломи хоҷагурез.

* * *

Ин қадар омад баландӣ шуҳрат андар номи ноз,
Сабзаи хат медамад аз лаъли ӯ пайғоми ноз.
Наргис аз тарзи нигоҳи ӯ хиҷил афтодааст,
Аз кадомин шоҳ бошад, ё Раб, ин бодоми ноз?
То рамақ боқист, хотир моили ҷавлони ӯст,
Маҳшари мо низ бошад дар пайи эъломи ноз.
Дар гиребони хаёлам наргисистон хуфтааст,
Умрҳо аз ҷилваи ӯ кардам истифҳоми ноз.
Рутбаи эъҷози ҳуснаш то куҷо сар кардааст,
К-осмон чун моҳи нав дорад хами икроми ноз.
Бе тағофул як нигоҳи гарми ӯро кас надид,
Ҳусни ӯ з-оғози тифлӣ бастааст эҳроми ноз.
Гӯши гардун аз асарҳои ниёзи мо пур аст,
Ҳеч таъсире нашуд ӯро дар истеъломи ноз.
Ҳоҷӣ, дар ёди висоли моҳи бепарвои худ
Ҳолате дорам, ки натвонам шунид иброми ноз.

* * *

Чист ҳастӣ? Ҷонканиву чист ин шахси маҷоз?
Нусхаи маҳвинтизорӣ? Умр чӣ? Ранҷи дароз.
Чист гардун? Домгоҳе. Чист дунё? Донае,
Одамӣ чӣ? Мурғакеву дев ӯро домбоз.
Айш чӣ? Ваҳми хаёле. Дилхушӣ? Саъйи вабол.
Чист роҳат? Бемисолу фикри ишрат ноҷавоз.
Ганҷ чӣ? Бидъатсабил. Мол чӣ? Яъне биҳил,
Бар кӣ? Бар шӯи зану дигар кӣ? Бар домод боз.
Чист ахвон? Хайли душман. Кист абно? Зулфатан,
Чист душман? Ҷонрабову фитна? Воҷибэҳтироз.
Эманӣ чӣ? Дарки узлат. Ҷамъият чӣ? Тарки халқ,
Ҳалқаи мор аст суҳбат, ҳамнишинон морбоз.
Навбаҳорон ҷӯши савдо. Боғ чиву роғ чӣ?
Боргоҳи нолаву орамгаҳи чуғду зуқоз.
Ҳосили даврон чӣ? Ҳирмон. Боқии ашё чӣ? Ҳеч.
Эй таманно, шав. Чӣ? Об бар ҷабҳа аз хиҷлат ниёз.
Ҳаст. Чӣ? Шоҳе писанду шаҳ кӣ? Зарбахши ҳарам,
Зеҳ. Чӣ? Султон, ки созад зердастон сарфароз.
Нестам. Кӣ? Ҳамнишин. Чӣ сар кунам? Тимори дил.
Худ ба худ, Ҳоҷӣ, чи сон девонаваш дорем роз.

* * *

Умрест, ки аз доғи ту ҳастам ба таби тез,
К-оташ шавад аз шуълаи оҳам арақомез.
Маҳтоби рухат шаб ба фалак дод мисоле,
Ҳар шаб кунад ойина зи анвори ту лабрез.
Дар ҷавҳари некон асари зулму зарар нест,
Аз шуълаи ёқут нахезад шарари тез.
Зарроти ду олам асари ҷилвагарӣ ҳаст,
Эй дидаи ғафлатзада, бо ёди назар хез.
Мурдему ба тамҳиди муроде нарасидем,
Ин бахти сияҳ кард зи хешам гилаомез.

Бар сурати худ ҳам назаре ҳаст зарурат,
Гар айби ту изҳор шавад з-ойина, мастез.
Сомони гудозам натавон кард, ки чун шамъ
Дар оташи дил доғаму аз мағз шарарбез.
Бар табъи ту гар шеваи одоб писанд аст,
Ҳарчанд фурӯтар бувадат, беш бипарҳез.
Ҳоҷӣ зи дили хаста ба ҷуз оҳ надорад,
Аз чоки ҷигар нолаву сози дигар ангез.

* * *

Саҳаргоҳан, ки ба ҳам мерасад навои хурӯс:
Барои ғафлатиён мезанад кафи афсӯс.
Ҳанӯз мартабаат, эй ҳумои улвӣ, ҳаст,
Чу чуғд бар сари ин бум гаштаӣ маҳбус.
Мадори умргузорӣ қариби маргам бурд,
Бисоти умр навардидам аз шумори нуфус.
Зи вазъи пайкари наргис тааммуле дорам,
Нишаста бо кафи пурсиму зар чаро маъюс?
Ба пойи меҳтари худ ҳар кӣ подарозӣ кард,
Ба хоки роҳи мазаллат чу соя мешавад манкус.
Рамузфаҳмии дил кори тарҷумонӣ нест,
Махоҳ маънии ишқ аз иборати қомус.
Агар ки оташи кин дар димоғ афсурдӣ,
Ба ғайри Каъба дигар нест қиблагоҳи маҷус.
Саводи дафтари айём бар фасона бувад,
Кӣ дод ёди Таҳамтан, кӣ дида шавкати Тус.
Зи саҳлгирии айём ғам махур, Ҳоҷӣ,
Мабод аз дами сарде ҷаҳон кунӣ маъюс.

* * *

Моҳи духафтсолаам, хубӣ ҳама турост бас,
Дар ҳама ҷамъи хушқадон қадди ту хушнамост бас.
Хоҳиши мост ҳар даме ҷилваи бениқобият,
Майли дили хароб ҳам як назари шумост бас.

Зиннати қадри шаъни ту бахшиши муфлисони ту,
Аз мани нотавони ту робитаи дуост бас…
Муддате шуд чу нақши по бар сари раҳ нишастаам,
Матлаби интизори ман бӯси кафи ду пост бас.
Бар дари ту чи сон равам роҳила неву зод не,
Лахти дилест дар камар, оҳи ҷигар асост бас.
Нисбати ифтихори ту аз ду ҷаҳон фузунтар аст,
Мартабаи ғубори ман зурваи нақши пост бас.
Пояи қадри бандагӣ гар ба уруҷ меравад,
Ҷабҳаи саҷдаофарин ҳамраҳи илтиҷост бас.
Ҳоҷӣ ба саъй кӯҳу дашт бар ҳама баҳру бар гузашт,
Рӯйи туро бидиду гашт, чунки дар ӯ сафост бас.

* * *

Ғаматро дили ман макон аст бас,
Ба ҷонам мусоҳиб ҳамон аст бас.
Туро бо ҳама шӯхиву шахкамонӣ,
Ҳадаф синаам бе камон аст бас.
Басо умрҳо буд Маҷнун ба хорӣ,
Аз ӯ дарду ранҷи гарон аст бас.
Зи шӯру фиғонам касе нест воқиф:
Ҳамовози ман булбулон аст бас.
Зи дарди дилу оҳи пурсӯзи ман,
Муталлеъ бар ӯ осмон аст бас.
Хурӯши ҳазорони фасли ҳамал,
Зи сӯзи дилам як фиғон аст бас.
Туро тавсани нози чобуксаворӣ,
Дар ин арса дар зери рон аст бас.
Туро гар набошад ба ман майли ёрӣ,
Хаёлат маро ёри ҷон аст бас.
Шабу рӯзи Ҳоҷиву даргоҳи ту,
Ба номи ту авродхон аст бас.

* * *

Ба ёди як нафасе аз лабам хабар бинвис,
Зи оҳу нолаи ман андаке асар бинвис.
Зи тарзи машраби ушшоқ агар хабар дорӣ,
Ҳадиси мазҳаби ишон зи чашми тар бинвис.
Яқинам он ки ту машҳури хушнависонӣ,
Вале ба номаи ман ҳарфи хубтар бинвис.
Ҳадиси холи лаби ӯву лаъли ширинаш
Зи мушки сода бар авроқи найшакар бинвис.
Китоби воқиаи умр чун мутаввал нест,
Ту фасли боби амал низ мухтасар бинвис.
Ҳар он чи бар сарат ар бигзарад, нависонанд,
Ҳисоби кардаи худ гиру бештар бинвис.
Гарат умеди халосии он ҷаҳон бошад,
Барои аҳли замон ҳарфи безарар бинвис.
Кунун ки нусхаи айём қобили маҳв аст,
Зи мӯйи мижжа хати насх бар назар бинвис.
Агар ба мағзи сухан хотири расо дорӣ,
Ҳар он чи Ҳоҷӣ бигӯяд, ба оби зар бинвис.

* * *

Он зуҳраҷабине, ки чу шеъро бадан асташ,
Печида ҳама сунбулаи ёсуман асташ.
Хуршеднамо ҷабҳаи ӯ шаъшааи нур,
Маҳтобравиш нимшабӣ бар шудан асташ.
Бо теғи ҳамоил ба дами субҳ чу Ҷавзо,
Баҳромсифат ҷомаи хунин ба тан асташ.
Чун зоти Уторид кафи ӯ мояи эҳсон,
Монанди забоно шакар андар сухан асташ.
Дар гармии бозори таманнош чу Бирҷис,
Бедилшудагон муштарии марду зан асташ.
Саҳми мижагон ромеҳу кокул чу танинест,
Қавсайни ду абрӯ хами новакфикан асташ.

Он акрабаи зулф, ки хам дар хаму печ аст,
Миръоти мусалсал, ки ба ҳар дил расан асташ…
Чун иқди Сурайё дили Ҳоҷист мушаббак,
Зеро чу Зуҳал меҳри баид аз ватан асташ.

* * *

Басо умрест, рӯ бар хок мекардам зи дунболаш,
Ки гӯши хешро зевар кунам з-овози халхолаш.
Ба чашми нотавони худ чунин ҳар бор мегӯям:
Биё бар сози болидан, ки хоҳӣ гашт помолаш.
Зи бас давру тасалсул иқдҳо зулфаш ба ҳам баста,
Нашуд чун шона ҳал чандон, ки кардам фазли эҳмолаш.
Дами умре муяссар гар шавад бо ёди васли ӯ,
Баробар кай тавон кардан ба даври олами золаш.
Зи акси чеҳрааш ойина кай дорад ғубори ман,
Бувад, аз хоки ман созад Ҳалаб миръоти тимсолаш…
Фароғат, Ҳоҷӣ, хоҳӣ, аз ҷаҳон фоли тағофул зан,
Ки набвад шеваи беҳбуд дар тадқиқи аҳволаш.

* * *

Он маҳ, ки саҳар ҷилва ба тарфи чаман асташ,
Хуршед асири нигаҳи пурфатан асташ.
Кай ман ба ҳамон турраи таррор асирам,
Дар ҳар шиканаш баста диле бе расан асташ.
Дар ҳар қадаме кушта шаҳидест ба хун ғарқ,
Бо ҳар тарафе гашта асири зақан асташ.
Он кокули пурчин, ки расида зи бари чин,
Ҳар уқдаи ӯ нофаи Чину Хутан асташ.
Накшуд ба пурсиш лабаму ҷон ба лаб омад,
Тифлест магар, бӯйи лабан дар даҳан асташ.
Дар ҳасрати ӯ доғаму доман ба таҳи об:
Ҳодисаи ман қиссаи шамъу лаган асташ.
З-анфоси саҳар ғунчалабон карда ба ханда,
Бодест магар, муждадеҳи пираҳан асташ.

Ҳар кас, ки туро диду нашуд мурда, яқин аст,
Рӯ карда мазору лаби гӯру кафан асташ.
Он булбули нолон, ки ҳама шаб ба фиғон аст,
Ҳоҷист, ки ёд аз лаби он гулбадан асташ.

* * *

Мабодо баҳри дунё хотире афсурдааҳволаш,
Ки рӯзе беш набвад умри Нӯҳу Рустами Золаш,
Нахустин хуни дил бошад шароби зинда гардидан,
Тавон фаҳмид аз ин ҷо авсати идбори атфолаш.
Нагардад нокас аз асбоби мурдан қобили коре,
Чӣ ҳосил мӯр агар ёбад зи шоҳин болу чанголаш.
Ба афсун золи олам Сомириро зол месозад,
Ки ин хирсе зи мардум дорад ӯ аз санг гӯсолаш.
Зи ҳасратхонаи имкон ҷуз ин ҳарфам нашуд ҳосил,
Ки мушти ноумедӣ медарав аз кишти садсолаш.
Чаро гардун пайи ҳам субҳгоҳу шом меорад?
Ки ҳар шодӣ заволе дар камин дорад зи дунболаш.
Бигӯяд Ҳоҷӣ, ҳар гаҳ бигзарад бар хокам аз ҳасрат,
Ба дашти ноумедӣ хок шуд аз наҳси иқболаш.

* * *

Шафақ бар осмон болад зи акси пайкари теғаш,
Магар аз хун ҳино баста кафи равшангари теғаш.
Маро дил метапад дар хун, намедонам шаҳиди кист,
Ба ҷуз ранге, ки дорад изтироб аз ҷавҳари теғаш.
Рақиби рӯсияҳ дорад чунон туғёни кини ман,
Ки нагзорад зи хунам сер гардад аждари теғаш.
Чунон бигдохтам чун шамъ пешаш, об гардидам,
Ки ҷойи хун чакад аъзои ман аз наштари теғаш.
Чи таъсир аст дар аъзои бетоби хароби ман,
Нашуд фарбеҳ зи хунам ҳеч хасми лоғари теғаш.
Зи истиғно нашуд бар торакам як дастандозӣ,
Ниҳодам умрҳо гардан ба ҷойи бистари теғаш.

Ба хунрезӣ чу туркон, дидамаш, бебок меояд,
Бибояд алҳазар, Ҳоҷӣ, зи бими лашкари теғаш.

* * *

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гираҳгираш,
Гудозад ҷавҳари ойина аз тимсоли тасвираш.
Тавон ҷон бурдан аз он шахкамони шӯхи шангуле,
Ки баста риштаи рагҳои ҷон андар пари тираш.
Санавбар ҳамчу бед аз қоматаш таслим месозад,
Ба гардан обро бошад зи акси зулфи занҷираш.
Агарчи сурма дар вазъи сиёҳӣ шуҳрате дорад,
Ба мижгони қатори ӯ тавон фармуд таҳқираш.
Дарозӣ мекунад аз субҳи маҳшар эътибори ӯ,
Бузургӣ мекунад бар мулки ҷаннат қадри тавқираш.
Диҳад рӯ бехудӣ дар маҷлис аз гардидани соқӣ,
Кучо дасте, ки гирад навбате дасти қадаҳгираш.
Бувад ҳар лаҳзаи девони Ҳоҷӣ олами ҳайрат,
Ки карда аз баёзи дидаи бедор таҳрираш.

* * *

Шаҳиди бегуноҳам кард, нозам бар сари теғаш,
Зи ҳичронам халосӣ дод, раҳмат бар сари теғаш.
Бувад ҷон бурданаш оби ҳаёти Хизр бахшидан,
Зи килки сунъ мазмуне ба нақши мистари теғаш.
Барои риштаи тӯмори умри мо, вафодорон,
Аҷалро нест миқрозе ба ғайр аз ханҷари теғаш.
Ба роҳи ҷилвааш хобидаӣ, ҳушёр шав, эй дил,
Машав ғофил, ки ногаҳ мерасад фармонбари теғаш.
Сияҳрӯзе, ки дорад дар назар чашми сиёҳашро,
Чу мардум сар ниҳад бояд ба зери пайкари теғаш.
Шаҳиди мубталое ишқи ӯро чун намебошад,
Ки бо ранге наёмезад сафои ҷавҳари теғаш.
Ба сулҳу оштӣ, Ҳоҷӣ, зи бими ӯ халосӣ нест,
Ки хунрезӣ ҳалол омад ба ҳукми маҳзари теғаш.

* * *

Бувад то сози олам, фитнаовоз аст таъсираш,
Садои сури маҳшар метаровад аз баму зераш.
Матои симу зар сармояи дунё намебошад,
Ҳамон соат ба ғафлат меравад, дунёст таъбираш.
Зи ҳарфи тифли абҷадхон фалотунсиратон лоланд,
Ба фаҳми нуқтае аз сархати девони тақдираш.
Хаёли бандагӣ асбоби иззат барнамедорад,
Ба ғайр аз оҷизӣ ҳар чи бувад, медор таъхираш.
Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде
Шавад аблаҳнавое нуктафармову ғалатгираш.
Аҷаб набвад зи авҷи ҷоҳ нодон бар замин афтад,
Бут аз кӯҳи Сафо рафтан кунад эҷоди тақсираш.
Ба номардон набошад хиҷлат аз айбу табаҳкорӣ,
Зани ғар бештар ғавғо кунад ҳангоми тақсираш.
Чу най, Ҳоҷӣ, ба сози нола чандоне ки печидам,
Гирех дар кор пайдо омаду кам гашт таъсираш.

* * *

Навид, эй дил, ки фирдавси висолаш
Паёми васл меорад шамолаш.
Шавад гул об, чун шабнам барояд,
Бирезад то ба гулзори ҷамолаш.
Саҳар хуршед аз он дар тоб ояд,
Зи доғи кавкаби фархундафолаш.
На ман бо хӯи худ ҳастам гирифтор,
Ишора мекунад бар ман ҳилолаш.
Чунон саргарми ҷанг аст он ҷафоҷӯ,
Гиребон медарад бар ман хаёлаш.
Зи ғайрат дидани он ҳам надорам,
Ки дар ойина бинмояд мисолаш.
Хасу хошок зарринтоб гарданд,
Зи нури чеҳраи хуримтисолаш.

Таманноят ба ҳар хотир бирезад,
Дамад гул аз гиребони хаёлаш.
Дигар Ҳоҷӣ таманное надорад,
Ба ғайр аз он ки дорад зулҷалолаш.

* * *

Дили вобастае дорам, ки натвон кард озодаш,
Магар аз дасту по гирад каманди хеш сайёдаш.
Чӣ савдо дошт Маҷнун дар димоғ аз фурқати Лайло,
Ки хокаш сурма гашту то кунун болост фарёдаш?
Намедорад иморат ғайри вайронӣ ғубори ман,
Зи оби Хизр агар бошад гили таъмирбунёдаш.
Биё, эй дил, ба ҳасрат соате то ҳамнаво гардем,
Ки нақди эътибори хешро кардем барбодаш.
Чиҳил манзил ба ғафлат корвони умри мо тай шуд,
Ки метозад кунун то манзили ҳафтод-ҳаштодаш.
Кунӣ то зинда номи хешро, шоиста коре кун:
Баландовоза аст аз ҷӯйи Ширин номи Фарҳодаш.
Намояд ояти таслим пеши гулъизори ман,
Муқобил гар шавад Юсуф ба он ҳусни худдодаш.
Ба доғ аз зиндагонӣ ҳамчу шамъ охир зи худ рафтам,
Таайюн шевае дорад, ки маъдумист эҷодаш.
Чи мумкин ноумед аз улфати он дилрабо будан,
Ки ҷайби субҳро хуршеди олам ҳаст ҳамзодаш.
Куҷо Ҳоҷӣ ба домони талаб дасти расо дорад,
Ки ҳарфи номуродиро сабақ дода-ст устодаш.

* * *

Ин зеру бам, ки бар раги қонун навиштанаш,
Як шуъбаест, аз дили маҳзун навиштанаш.
Аз ҳарфи ишқ сафҳаи хотир ба танг шуд,
Бо оби дида як қалам берун навиштанаш.
Дар арзгоҳи номаам, қосид, ба ҳуш бош,
К-ӯро ҷавоби талхтар аз афюн навиштанаш.

Аз ташнагӣ ба хотири ушшоқ ранҷ нест,
Сели сиришк чун шати Ҷайҳун навиштанаш.
Дар рӯзгори дидаи мардумфиреби ту
Бахти маро чу толеи Маҷнун навиштанаш.
Дидори ту талофии умри гузашта аст,
Аз оби Хизр бар лабат мазмун навиштанаш.
Номи бад аз саҳифаи даврон намеравад,
Ба ҳар лабе ҳикояти Қорун навиштанаш.
Бар таъну айби некувон зинҳор дам мазан,
Иблисро аз ин гунаҳ малъун навиштанаш.
Ҳоҷӣ ба хоксории худ ноз мекунад,
Мушти гилест к-ин ҳама мавзун навиштанаш.

* * *

Мекунад гирди рухаш он турраи таррор рақс,
Мӯй чун дар оташ афтад, мекунад ночор рақс.
Ҳар куҷо аз ноз агар он моҳ созад ҷилвае,
Мекунад аз завқи шодӣ сурати девор рақс.
Баҳри саъйи дилхушӣ асбоби ҷамъият махоҳ,
Бе дафу най мекунад чуғдак ба кунҷи ғор рақс.
Бо гирифторони золим ҷуз тамаллуқ чора нест,
Мекунад дар чанги шоҳин кабки хушрафтор рақс.
Фитнабозонро набошад аз адаб сози сулук:
Нест аз тасбеҳхонӣ дар забони мор рақс.
Ҳеч натвон аз сари дунё ба осонӣ гузашт,
Умрҳо дорад дар ин ҷо гунбади даввор рақс.
Ихтиёрӣ нест моро ин ҳама саъю талош:
Медиҳад хошокро гирдоб бе зинҳор рақс.
Ҳоҷӣ, моро беқарор он партави рухсор кард,
Мезанад парвона гирди шамъи оташбор рақс.

* * *

Гар кунам аз ҳоли дил бар номае унвони арз,
Хун чакад аз хомаам, рангин кунад домони арз.

Ҷои гул дар саҳни гулшан сунбулистон бишкуфад,
Гар сабо орад аз он зулфи сияҳ паймони арз.
Ҳеч кас миннаткаши ин чархи дунпарвар мабод,
Оламе ранги хиҷолат дорад аз ҳирмони арз.
Дидаи шабзиндадорон рӯз хоболудааст,
Чеҳраи кавкаб намонад дар саҳар тобони арз.
Кулфати ҳастӣ саропоям дар ин маҳфил гудохт,
Ҳамчу шамъ аз по фитодам, то шудам меҳмони арз.
Домани нозе ғубори хуфтаам дар шӯр кард,
Ихтиёрӣ нест моро омадан бар хони арз.
Ҳоҷӣ, тарзи ин гулистон зуд барҳам мехурад,
Мерасад шахси хазон бар анҷуман товони арз.

* * *

Аз орази туст бозиё хат,
Дар чеҳраи туст хушнамо хат.
Бо рӯйи ту беибо давида,
З-он беадабист рӯсиё хат.
То даъвии мо ба қатъ созад,
Бинмуда рухат аз он ба мо хат.
Бо хубии ту муқобиле нест,
Дорӣ ба кадом муддао хат?
Дуди дили мо гирифта рӯят,
З-он карда баланд решаҳо хат.
Дар нусхаи ҳусни ту ғалат нест,
Ё Раб, чӣ кашида давра бо хат.
Умеди халосам аз хатат буд,
Шуд рӯйи туву адуи мо хат,
Ағёри туро хати ғубор аст,
Бар дидаи мост тӯтиё хат.
Шуд синаи ман ҳазорреша,
То шуд ба рухи ту ошно хат.
Ҳоҷӣ, бувад он даме, ки бинам
Гардида зи рӯйи ӯ ҷудо хат.

* * *

Аблаҳонро ғайри тан парвардан аз дунё чӣ ҳаз,
Ғайри шаҳват бо ҳар он аз пешаи тақво чӣ ҳаз.
Ҳеҷ гаҳ аз гӯши конун барнаёмад нолае,
Мардуми нофаҳмро аз суҳбати доно чӣ ҳаз.
Гар набошад сӯзи дил, зоҳир надорад эътибор,
Шамъро ҷуз тангудозӣ з-оташи боло чӣ ҳаз.
Моли дунё бо сабукборон намегардад қарор,
Бо ҳубоби пучмағз аз резиши дарё чӣ ҳаз.
Ашки хунин гар надорӣ, дида ҳам даркор нест,
Бе шароби арғувонӣ аз хуми мино чӣ ҳаз.
Ҳайфи он умре, ки дорад мавлавӣ сарфи назар,
З-ин фунуни сафсата, ё Раб, ба ин мулло чӣ ҳаз.
Чанд баҳри обрӯ бар ину он рӯ оварӣ,
Эътиборе нест ин ҷо, эй адампаймо, чӣ ҳаз.
Корвони умр, Ҳоҷӣ, меравад бо сад шитоб,
Раҳнавардонро зи тарҳи манзилу маъво чӣ ҳаз.

* * *

Хештанро чанд машҳури ҷаҳон кардан чу шамъ,
Худнамоӣ нест ғайри шуъла парвардан чу шамъ.
Аз барои камтарин фурсат ба доғи инфиол
Ҷилва созӣ хешро дар пеши марду зан чу шамъ.
Нақди осоиш зи каф бе ихтиёрам бурдаанд,
Хидмати ҷамъе маро шуд фарз дар гардан чу шамъ.
Нест осон хотири мардум зи худ хушнуд кард,
Суҳбаторӣ бувад аз хеш бигзаштан чу шамъ.
Интихоби чарбу нармӣ оламеро доғ кард,
Таънаи оташ бувад андоми пурравған чу шамъ.
Ашк ҳам дар гулшани мо шабнамосорӣ накард,
Сели бунёди саломат шуд гулоби ман чу шамъ.
Ҷабҳаи бикшодаро зонуи роҳат муттакост,
Шоҳиди гулро нагирад ҳеч кас душман чу шамъ.

Шуҳраи офоқ гардидан дучори офат аст,
Бе гудози дил набошад чеҳраи равшан чу шамъ.
Ҳоҷӣ, набвад базми имкон ҳеч ҷойи эътимод,
Зиндагонӣ қатъ месозад раҳи мурдан чу шамъ.

* * *

Ишқбозон аз сари кӯят чи сон гарданд манъ?
Нораво бошад, ки қолабҳо зи ҷон гарданд манъ.
Аз адаб набвад зи хурдон бо бузургон ҳамсарӣ,
Дар зуҳури меҳр з-он сайёрагон гарданд манъ.
Шеваи аҳли карам чун бо риё олуда шуд,
Аз сари хони каромат муфлисон гарданд манъ.
То фалакро дастгоҳи сози бераҳмӣ бачост,
Аз тааддӣ ҳеч набвад золимон гарданд манъ.
Соҳати саҳрои имкон баски танг афтодааст,
Аз таваққуф андар ин раҳ корвон гарданд манъ.
Тӯтиёни гулшани фирдавс з-одаммашрабӣ
Аз ватан оварда дар ин хокдон гарданд манъ.
Ҳоҷӣ, бошад аз ғами рӯзи қиёмат зӯртар,
Он даме к-аз ҳам ду ёри меҳрубон гарданд манъ.

* * *

Дар ниқоб он чеҳра то сархайли хубон кард манъ,
Офтоби рӯзгори мустамандон кард манъ.
Бедилонро аз сари кӯйи ту бурдан мушкил аст,
Зулм бошад дардмандеро зи дармон кард манъ.
Ёди шанбе айши моро ҷоми заҳролуд дод,
Шуғли абҷадхонии мо дар дабистон кард манъ.
Субҳгоҳӣ ошиқонро рухсати назора кард,
Завқи моро аз ҷамолаш чашми ҳайрон кард манъ.
Чун ғубори мо ба гарди маҳмили ӯ ворасид,
Баркро наъли саманди ӯ зи ҷавлон кард манъ.
Шуҳрати шаҳди лабаш сарчашмаи оби бақо
Дар чаҳи ҳирмон сарои торикистон кард манъ.

Ҳоҷӣ, чунки дидани худ мардумонро буд айб,
Мардумонро аз лиқо он моҳи тобон кард манъ.

* * *

Зад оташи ишқат ба дилу кард нишон доғ,
Барқ аз дили ман ҷаст, ки шуд лоласитон доғ.
Дил қобили пӯшидани асрор нагардид,
Натвон, ки шавад дар варақи лола ниҳон доғ.
Инкори муҳаббат натавон кард, ки бошад
Нақши сияҳи обила бар сӯхтагон доғ.
Танҳо на ҳамин кулфати худ дод гудозам,
Чун шамъи мазорам ба азои дигарон доғ.
Оҳи ҷигари хастадилон сахт балоест,
Пайдост, ба ҳар ҷо гузарад барқи дамон, доғ.
Мардум агар аз табъи данӣ гила намоянд,
Моем, ки ҳастем зи фикри ҳама, дон, доғ.
Аз гармии рухсори ту ҳарфе натавонам,
Чун шуълаи оташ кунад ӯ кому забон доғ.
Бар меҳри касон, Ҳоҷӣ, макаш ранҷ, ки хуршед
З-ин пеша шуда бар сари ин куҳна ҷаҳон доғ.

* * *

Ҳар куҷо гар бигзарад мавҷе аз он гирдоби теғ,
Метапад дилҳо чу моҳӣ дар хами қуллоби теғ.
Аз тавозуъ дастгоҳи ҳукмрониҳо расост,
Метавон ин нуктаро фаҳмид аз одоби теғ.
Заҳмати умедворӣ аз ситамкорон макаш,
Ҳеч касро об дар ҷӯ нест аз селоби теғ.
Ҳар касеро тоқи абрӯи ту бошад дар назар,
Оқибат гардан шавад назри хами меҳроби теғ.
Суҳбати арбоби дунё холӣ аз озор нест,
Захмро омода бошад гардани ҳамхоби теғ.
Сози таслими дуруштон фитна пайдо мекунад,
Пайкари фӯлод хам гардид, шуд асбоби теғ.

Ҳеч кас туҳматкаши осори бераҳмӣ мабод,
Хун диҳад бар ташнагони Карбало асҳоби теғ.
Чашми беморат ба хуни бегуноҳон хуфтааст,
Абруи хамгаштаатро фитнаҳо дар хоби теғ.
Пардаҳои нолаи мо, бедилон, мавқуф кард,
Нохуни тезе, ки бераҳмона зад мизроби теғ.
Бе сиёсат нест, Ҳоҷӣ, кори оламро низом,
Фитнаро бошад қарор аз ваҳшати арбоби теғ.

* * *

Ҳар ҷо сафоандешаест, дорад кудурат дар тараф,
Хуршеди тобонро кӣ дид бе заррае абтар тараф?
Фикри кулоҳу тоҷи зар осон набошад, алҳазар,
Шамъ аз хаёли ин асар гардид бо озар тараф.
Аз ҳарфи сарди носеҳон ишқам фузун шуд, бегумон,
Болад шарар бе имтиҳон, гардад чу бо сарсар тараф.
Аз гармии рухсори ӯ ойина мерезад фурӯ,
Хуршедро вақти ғулув шабнам намонад дар тараф.
Худ зиндагӣ бе райбу зан бошад нишони ҳар миҳан,
Қавси фалак пайконфикан, чашми бади ахтар тараф.
Ҳангоми қадороият вақти назарфармоият,
Аз мардуми савдоият гардад дилу ҷон бартараф.
Кардам маломат ихтиёр, гаштам шаҳи сангинҳисор,
Боиззатам чун кӯҳсор, санг оядам аз ҳар тараф.
Ҳоҷӣ, киям? Девонае, аз хештан бегонае,
Дар ҳар лабе афсонае, зону ба дарди сар тараф.

* * *

Баски дорам дар назар он моҳи хушманзар тараф,
Мешавад мижгон зи рашкам пеши ҳамдигар тараф.
Толеи шӯридаро ҷуз дилсиёҳӣ чора нест,
Сояро дар об ҳам бошад кудурат дар тараф.
Суҳбати дунфитратон равшандилонро хиҷлат аст,
Шуъла дудомез шуд, гардад ба чӯби тар тараф.

Золимонро зиндагӣ охир ба расвоӣ кашид,
Оташи саркаш бувад бо хоку хокистар тараф.
Зиндагӣ то ҳаст, офат беҳисоб омода аст,
Шамъро дар равшанӣ гоз аст бо сарсар тараф.
Мардумонро хона аз мижгони ман дар об рафт,
Тарсам, ин барқи сияҳ тӯфон кунад бо ҳар тараф.
Ҳочӣ, захми тири ӯ бар рӯйи дил носур монд,
Бозаш он бераҳм месозад сари ханҷар тараф.

* * *

Дил метапад бо ёди ӯ, то ҷон бувад андар рамақ,
Аз баъди мурдан низ ҳам такрор дорад ин сабақ.
Кас дар дукони синаам натвон суроғи дил кунад,
Умрест ин девонаваш тарки ватан кард аз фалақ.
Мехостам дар кӯйи ту аз гиря сад тӯфон кунам,
Мижгон зи шарми мардумон аз ман рабуда ин сабақ.
Девонаи мо чун саҳар дар интизори ҷилвае
Домони ҳастӣ чок зад, ҷайби таманно карда шақ.
Зулфи сиёҳи анбарин дар иқдҳо амволи Чин,
Рухсори фирдавсофарин гулҳои ризвон дар табақ.
Аз нармии рафтори ту занҷир дар по кардааст,
Аз гармии рухсори ту ойина мерезад арақ.
Девони ҳастӣ сар ба сар як мисраи барҷаста аст,
З-ин матлае иншо кунӣ, нодида мегардад варақ.
Ҳочӣ, сабоҳи ҷилвааш чашмам ба хун олудааст,
Хуршед абри тираро аз нур месозад шафақ.

* * *

Кардаанд аз улфати дунё дилам андешанок,
Кош буд ойинаам аз гарди ин тимсол пок.
Ибрате дар вазъи гулзори ҷаҳон гул кардааст
З-интихоби ранги зарду ҷомаҳои пешчок.
Абри раҳмат гар барои афв тӯфон мекунад,
Домани олударо аз зулмати исён чи бок?

Олами ҳастӣ барои хештан гум кардан аст,
Бар абас бошад таманнои халосӣ з-ин мағок.
Субҳ ҳамчун ман аз ин водӣ ба нокомӣ гузашт,
Як дами оҳе кашиду ҷайби ҳастӣ кард чок.
Суҳбати арбоби дунё нотавононро балост,
Синаи парвин зи меҳри чарх дорад иштибок.
Хубси ботинро салоҳи зоҳирӣ набвад илоҷ,
Хирсро пашминапӯшӣ кай кунад ихлоснок?
Аз барои камтарин айше, ки акси муддаост,
Обрӯйи хешро то чанд мерезӣ ба хок.
Гавҳари дил дар тилисми обу гил гум гаштааст,
Дида гар равшан шавад, ойина аст аз занг пок.
Ҳар кас ин ҷо, Ҳоҷӣ, аз коре баландовоза аст,
Шуҳрати моро баландӣ дод оҳи дарднок.

* * *

Мабош ғарраи нақшу нигори олами ранг,
Кушоди мижжа ба ҳам мезанад матои диранг.
Дилам чу дидаи оҳу таваҳҳуше дорад,
Мағоки олами хок аст хобгоҳи паланг.
Ҳазор реша аз ин хуни ноҳақ аст дар хок,
Ҳанӯз ҷоми таманно намехӯрад бар санг.
Агарчи ғунчаи дили мо шукуфтан оғозад,
Ҳавои гулшани рӯйи ту мекунад оҳанг.
Зи абри мижжа гаҳе ашк дар канор уфтад,
Куҷост гавҳари баҳри Адан ба ӯ ҳамсанг.
Агар ки сифла ба гулзори осмон гардад,
Гули камол начинад чу ақрабу харчанг.
Зи оби раҳмати гардун баҳор мечӯшад,
Хаёли адли шаҳонрост хуррамӣ дар чанг.
Хаёли офият ин ҷост дар пари анқо,
Махоҳ, Ҳоҷӣ, дар ин бум ошёни куланг.

* * *

Эй чу мӯе туро миён нозук,
Мӯй ҳам нест ончунон нозук.
Набувад ҳамчу қадду чеҳраи ту,
Қомати сарву арғувон нозук.
Накҳати кокули сумансоят
Бошад аз мушки зумарон нозук.
Нозукӣ ҳар чи дар баён дорӣ,
Лутфи маъният аз баён нозук.
Дилбарон гар латофате доранд,
Ҳастӣ аз ҷамъи дилбарон нозук.
Нармии пайкари гуландомат
З-атласи Руму парниён нозук.
Ғунча оҳиста лаб чу бикшояд,
Гӯяд аз ту ба гулситон нозук.
Ҳоҷӣ, табъам ба дастгоҳи сухан
Гашта аз фикри он лабон нозук.

* * *

Эй дил, фиреби олами нақшу нигори ранг
То кай хурӣ, ки нест ду рӯзе мадори ранг.
Манзури табъи тираат гар софмашрабист,
Сарфи назар чу об намо аз ғубори ранг.
Моро куҷо, ки мевае з-ин боғ бар хӯрем,
Ҳамчун гулем, муҳлати мо то шумори ранг.
Саъйи камолу муддати умри тавол чанд,
Пур мухтасар навиштаанд фасли баҳори ранг.
Беруни ин чаман басе озод будаем,
Зиндон шудем дар дили сангинҳисори ранг.
Рӯзе ба худ расидаем, аз хеш рафтаем,
Хиҷлаткашему ҷилваи мо шармсори ранг.
Моро на бӯйи ғунчаву на гул фиреб дод,
Ғайр аз ҳавои гулшани он ҷилвазори ранг.

Эй бехабар зи ҳастии мо, саргарон машав,
Бӯйи гулему меравем аз навбаҳори ранг.
З-ин боғи пурнадомати пажмурдаэътибор
Гул кардааст ғунчаи дил ихтисори ранг.
Ҳоҷӣ, сабоҳ мавсими гулҳо ғанимат аст,
Ибрат гузин зи сурати беэътибори ранг.

* * *

Медиҳад ёди хиромаш шӯхии рафтори кабк,
Мастии чашми хумораш дидаи бемори кабк.
Бесуботиҳо кӣ дар қонуни имкон дидааст?
Меравад бар сози қаҳқаҳ пардаи асрори кабк.
Бар хамӯшӣ зан, ки ҳарф ин ҷо дучори офат аст,
Мекушояд чанги шоҳин хандаи бисёри кабк.
Бурд бозам аз худу якбораам девона кард
Чаҳ-чаҳи гулзори булбул, қаҳқаҳи куҳсори кабк.
Гарчи аз паҳлуи нарми хеш бо абнои даҳр
Мехуронад, нест розӣ шахс аз атвори кабк.
Нотавононро намудан моли худ доми балост,
Синаи исфед бошад боиси озори кабк.
Ҳоҷӣ, мо аз нармхӯӣ ранҷи меҳнат мекашем,
Домҳо хамёза дорад дар пайи рафтори кабк.

* * *

Ба ҳар ҷо гар фитад з-он нақши по гул,
Ватан гирад ба хокаш чашми булбул.
Ғубори доманат аз софкорӣ
Чу шабнам тоза дорад хотири гул.
Намонад дар дилам, оҳ, эй ситамкеш,
Ҳанӯзам медиҳӣ заҳри тағофул.
Ҳамеша хотират парҳез дорад
Зи оҳу нолаи ман бе тааллул.
Маро дар даври ҳуснат кор гашта
Чу кокул уқдаву давру тасалсул.

Туву дар бистари нозофаринӣ,
Ману дар хоки хорӣ бо таҳаммул.
Хат аз сабзиву зулфат аз сиёҳӣ
Шикаста гардани райҳону сунбул.
Ба пеши чашми хуморат бирезад
Чу хуни бетамизон шишаи мул.
Ғуломи сарви озодат набошам,
Ки чун қумрӣ ба дӯшам кардай ғул.
Хиҷолатмашрабам, Ҳоҷӣ, зи ҳастӣ,
Чи умедам ба сомони таваккул.

* * *

Кош касеро ба ту бошад сабил,
То шавадам бар сари кӯят далил.
Бӯсае аз лаъли ту дорам тамаъ,
Толиби амре шудаам мустаҷил.
Ташнаи лаъли лаби ширини ту
Лаб накунад тар зи ями Салсабил.
Шаъшааи меҳри туро кай шавад
Қурси маҳу қартаи ховар адил.
Шуҳрати овозаи ҳуснат гирифт
Чину Фарангу Хутану Помфил.
Чашм надорам, ки кунад теғи ту
Ҳеч касеро зи рақибон қатил.
Партави меҳри ту набинад завол,
Субҳи бақои ту шавад мустатил.
Ҳоҷӣ, туро дил ба чӣ ояд ба кор,
Гар нашавад дар ғами ишқаш залил.

* * *

Эй баҳорон, аз сари нав тоза кун унвони гул,
То ниҳам як дам сар андар бастари алвони гул.
Гар нагаштӣ лола хун дар домани саҳрои боғ,
Андалебонро куҷо будӣ хабар аз шони гул.

Худ мурувват посдори ҷавҳари некон бувад
В-арна кас асло нахоҳад дар талаф товони гул.
Ин қадар шуҳратбаландиҳо кай овардӣ ба бор,
Гар баҳоронро набудӣ чеҳраи хандони гул.
Баски дорад ин чаман аз лоларӯён зери гул,
Медарад чоки гиребон ғунчаи товони гул.
Мардуми саҳронишин аз одамият фориғанд,
Луқмаи ноне нахӯрда ҳеч кас аз хони гул.
Созгори даври олам нест фикри дилхушӣ,
Фаҳм бояд ин сабақ аз сафҳаи ҳайрони гул.
Ҳоҷӣ, сози навбаҳорон сар ба сар ибратнавост,
Нолаи булбул бувад аз ранги бесомони гул.

* * *

Шабе дар ҳаҷри ту будем бо дил,
Фиғон медоштам, оҳу наво дил.
Фидоят то шавам, ҷон пештар шуд,
Диҳам дил то ба дастат, шуд туро дил.
Ба дарде метапам, аммо хамӯшам,
Нафас берун наёвард аз ҳаё дил.
Надорам мӯнисе, то роз гӯям,
Ниҳонӣ ҳам бирафт аз пеши мо дил.
Зи дарди беқарори мо мапурсед,
Қиёмат мекунад ҳар дам ба мо дил.
Зи мо якбора дорад дургардӣ,
Аз он вақте туро шуд ошно дил.
Нашуд танҳо нафас дар синаам хун,
Зи ҳар мӯям раги хунест то дил.
Хаёли ёрмандӣ аз дилам буд,
Бишуд ёри туву аз мо ҷудо дил.
Биё, Ҳоҷӣ, ба ҳам дамсоз гардем,
Ки кори дил ҳаме афтода бо дил.

* * *

Эй чашми ту дебочаи унвони тағофул,
Абрӯи ту бисмиллаҳи девони тағофул.
Умрест, ки овораи саҳрои ҷунунем,
Чун зулфи ту шуд силсилаҷунбони тағофул.
Ё Раб, чи фусун мардуми чашми ту дамида,
Чун муъҷиза шуд боиси имони тағофул.
Аҳде нанамудӣ, ки дар он дам нашикастӣ,
Ҷуз аҳди ҷафокешиву паймони тағофул.
Умеди нигоҳи ту дар ин базм кӣ дорад,
Бошад ҳамаро дида ҳаросони тағофул.
Бояд, ки қазо хуни шаҳидони ту созад,
Бешубҳа, ҳама лозими товони тағофул.
Дилҳо ҳама дар оташи шавқи ту кабобанд,
Ҷонҳо шуда ошуфтаву ҳайрони тағофул.
Ҳарчанд ҷафои ту ҳаёти дилу ҷон аст,
З-ин беш макун пешаи худ шони тағофул.
Ҳоҷӣ, нарасидем ба домони висоле,
Дасти ману дигар ба гиребони тағофул.

* * *

Медиҳад аз тарзи рӯяш оташи рухсори гул,
Дида бояд об шуд аз гармии дидори гул.
Дар ҷаҳони рангу бӯ асбоби ҷамъият куҷост,
Ҷуз парешонӣ надорад шӯхии изҳори гул.
Ҳар куҷо з-он сунбули мушкин ҳикоят рафтааст,
Медамад мӯйи сияҳ рагҳои зарринтори гул.
Нозанинон баски дар хоки мазаллат хуфтаанд,
Реша бар хок аст, ҳар ҷо сар занад осори гул.
Сӯзи оҳи ошиқон аз дарди доғи хеш нест,
Нолаи булбул бувад аз рафтани ночори гул.
Тӯдаи хокам тамошогоҳи он гулгунқабост,
Мекунад бе тухмкорӣ гулшани атвори гул.

Ҳар чи меояд дар ин гулшан, дили хунгаштааст,
Бе қумоши ғунча набвад пардаи зангори гул.
Ё Раб, ин гулшан зи шавқи дидани дидори кӣ
Ҳамчу чашми интизорон кардааст изҳори гул.
Кулбаи моро ҷамоли он бараҳманзода кард
Ҳамчу айвони савобит олами анвори гул.
Баски, Ҳоҷӣ, дар фироқи гулъизоре мурдаам,
Мешавад во аз мазорам ғунчаи тӯмори гул.

* * *

Зи худ овора, аз қайди тааллуқ бениёз астам,
Чу Маҷнун баски савдомашраби Лайлои ноз астам.
Зи тамҳиди нафас чандин найистон зеру бам дорам,
Чунин шӯре, ки ман дорам, намедонам чи соз астам.
Зи шавқи рухсати назораи хуршеди симояш
Саропо як қалам ойинаи ҳайрони боз астам.
Ғурури иззу ҷоҳам шеваи бечорагӣ дорад
Чу Маҳмуд аз сари таслим дар пойи Аёз астам.
Хаёли тоқи абрӯи кӣ доим дар назар дорам,
Ки чун шакли ҳилоле ҷилваосори намоз астам.
Зи вазъи шамъ медонам мадори зиндагониро,
Ки равшансуратам чанде, ки дар сӯзу гудоз астам.
Ту, зоҳид, сахт тақво кун, ки аз девони икромаш
Карометномае дорам, ҳамеша сарфароз астам.
Ба суратхонаи имкон, намедонам, чи тасвирам,
Ки чун нақши ҳавои пайкари беимтиёз астам…
Куҷо, Ҳоҷӣ, зиё аз ҷилваи мижгони ман гирад,
Чу мижгони сафед аз Юсуфи Мисри Ҳиҷоз астам.

* * *

Зи райҳони хаташ бар дафтари ҷон то рақам кардам,
Хароберо ба дард овардаму бечо ситам кардам.
Ниҳоли орзуе барнаёмад аз канори ман,
Зи оби дида хоки ин биёбон гарчи нам кардам.

Чу аз бори алоиқ нақди ҷамъият зи каф додам,
Муҷаррад чун алиф рӯ бар дари аҳли карам кардам.
Чу шамъам мегудозад ҳасрати вақти тамошояш,
Зи шавқи тезбинӣ фурсати назора кам кардам.
Макаш, эй бехирад, ташвиши рашки эътибори ман,
Чу зар бигдохтам чандон, ки худро муҳтарам кардам.
Чу барқ аз ваҳшати беэътибориҳои ин водӣ
Нигоҳи оташине бар сари роҳи адам кардам.
Ба дил то парваридам донаи нахли муҳаббатро,
Хазонеро баҳор овардаму боғи Ирам кардам.
Зи бахти норасо, Ҳоҷӣ, ҳамон маҳҷури дидорам,
Агарчи саҷдаҳо бар хоки Минову Ҳарам кардам.

* * *

Дилро ба ҳами зулфи сумансо-ш бубастам,
Савдозадаро боз ба савдо-ш бубастам.
Чун қатра дилам кард ба гесу-ш гаронӣ,
Бар хок бияфтод, зи сад ҷо-ш бубастам.
Шуд рӯзу шабам дар сари андуҳу маломат,
Маҷнуни киям, дил ба чи Лайло-ш бубастам.
Дастам бишуд аз даст, наям доғ, валекин,
Доғам чу камар бар камараш кош бубастам…
Додам дилу дилдор чаро дод, надонам,
Сад дод, ки дил бар чи таманно-ш бубастам.
Қоим ба сарам шӯри қиёмат зи қиёмат,
Пайдост дамодам, дами ғавғо-ш бубастам.
Шуд об чу симоб нигоҳам зи табу тоб,
То ки нигаҳи гарм ба симо-ш бубастам.
Ҳоҷӣ, ба чи сон Каъбаи мақсуд тавофам,
Саъй обила гашту ба кафи по-ш бубастам.

* * *

Аз он рӯзе ба тавфи Каъбаат эҳром бастастам,
Ба лаббайки қабуле раҳнаварди кӯҳу пастастам.

Чунин мазмун ба лавҳи машҳадам хатти ғуборе кун:
Шаҳиди бегуноҳ астам, қатили бекасастастам.
Чу дил ҳар ҷо набастастам, ҳавас, медор маъзурам,
Ки дил аз каф баяғмобурдаӣ он турки мастастам.
Хаёли аҳд бастанҳошу ҳар соат шикастанҳо,
Шикастастам, шикастастам, шикастастам, шикастастам.
Агар ибрат бувад ҳар зарраи хоке дар ин водӣ,
Ҳамон ойинаи Искандару ҷоми Ҷамастастам.
Хиҷолатмашрабам з-ин туҳмати ҳастӣ, намедонам,
Чи шахсастам, чи кардастам, чи рафтастам, чи ҳастастам.
Чаро иғвои ғӯлони замон аз раҳ барорандам?
Ки роҳи ростӣ дар хотир аз аҳди аластастам.
Чу санги эътиборам нест дар мизони худбинӣ,
Басастам, гарчи пастастам, қадимӣ ҳақпарастастам.
Ғуборам лоиқи таҳқир набвад, Ҳоҷӣ, медонӣ,
Тавофи Каъба гаштастам, зи дори Тайба ҳастастам.

* * *

То дида ба қадду рухи зебо-ш бубастам.
Аз дидани сарву гули раъно-ш бубастам.
Нури назарам рафт зи шавқи назари ӯ,
Шуғлест, ки аз манзари дунё-ш бубастам.
То дил натапад дар шабаки зулфи сиёҳаш,
Чун тоири ваҳшӣ ҳама аъзо-ш бубастам.
Андуҳи қиёмат ҳамагӣ рафт зи ёдам,
Хотир чу бар он фитнаи боло-ш бубастам.
Чун сели дамодам шуда тӯфони сиришкам,
Бунёди ҷасад бурд, ба сад ҷо-ш бубастам.
Бӯсидани таҳти кафи ӯ дошт ба роҳам,
Бигзашту тамаъ бар асари по-ш бубастам.
Ҳоҷӣ, натавон аз ғами ӯ ёфт халосӣ,
Мурғест диломӯз, ба дил ҷо-ш бубастам.

* * *

Ҳар даме ҷилва кунӣ, дида ба ҳам мебандам,
Мардумонанд дар он ҷо, чи кунам, мебандам.
Зи ғубори раҳи кӣ тинати ман оғуштанд?
Ҷабҳа ҳар ҷо ки ниҳам, нақши қадам мебандам.
Чи асар дар намаки суфраи афлок чакид?
Ки асал нӯшам, аз ӯ талхии сам мебандам.
Ба чи умед тавон рахти бақо афкандан,
Ки зи дам дар ҳама дам бори адам мебандам.
Чунки аз сафҳаи айём вафо ҳак карданд,
Ба ғалат меҳр ба ин аҳли ситам мебандам.
Мушкил аз ҳалқаи занҷир бурун шеван кард,
Ба фиғонам паси марг, арчи лабам мебандам.
Нозанинон ҳама бо мавҷи гуҳар мемонанд,
Беқароранд, агарчи ба шикам мебандам.
Ҳоҷӣ, натвон чу ҳилол аз сари таслим гузашт,
Қомате рост кунам, пайкари хам мебандам.

* * *

Эй ситамгар, ба ту аҳде ҳама дам мебандам,
То вафое бикунӣ, аз пайи ҳам мебандам.
Баски сомони вафо аз ту касе ёд накард,
Аҳду паймон ба ту аз ҷавру алам мебандам.
Дили хунгаштаи моро зи сари зулф фишонд,
Гарчи чун шона ба сад решаи хам мебандам.
Донаи холи туро бо дилу ҷон биншондам:
Ваҳ, чи савдост, ки ғам бар сари ғам мебандам.
З-он даме турраи таррори туро гашт асир,
Дили бечора ба ағлоли ситам мебандам.
Ҷуз ту ширинсуханиву лақаби ширинӣ,
Кай чу Фарҳод ба Ширини Ачам мебандам.
Ҳоҷӣ, айёми ҷавонӣ ба дараш тез гузашт,
Ҳалқае ба дараш аз қомати хам мебандам.

* * *

Дар ҳаҷри ту то кай мани бемор бигирям,
Дар ҳар сари роҳу паси девор бигирям.
То сели сиришкам бирасад дар гузари ту,
Чун абри ҳамал дар сари куҳсор бигирям.
Ҳамчун мижа дар пеши касон чанд бигирям,
Бар хеш ниҳон гиряму бисёр бигирям.
Ночида гуле з-ин чаманистон, ҳама рафтанд,
Шабнам шуда, ман бар сари гулзор бигирям.
То чанд зи ёди гунаҳ орам арақи шарм,
Чун қатра шавам обу ба як бор бигирям.
Гар сабқати афви ту набошад ба гуноҳам,
Суде надиҳад, гар ҳама дам зор бигирям.
Эй қофилаи умр, куҷо тез равонӣ?
Оҳиста гузар, то мани афгор бигирям.
Ҳоҷӣ ба ҳарам рафту бишуд дидаи ман чор,
Бе зодаму роҳила, ба ночор бигирям.

* * *

Ба кӯйи бедилӣ афтода з-он турки дилоромам,
Ки бурда дил ба яғмову гирифта аз дил оромам.
Ба ранги соя ҷуз бар хоки аҷзам нест сомоне,
Суроғи мо агар хоҳӣ, аз ин ҷо гир пайғомам.
Илоҷе нест кулфатмансабонро ғайри хомӯшӣ,
Чу захмам хуни дил шуд, сурмаи овози эъломам.
Ғуборам баски дорад завқи гулзори тамошоят,
Ба тамҳиди ҳазорон дида во кардан чу бодомам.
Магар андар сари роҳи фано арзе ба лаб ояд,
Бувад ҳаммашраби тарзи шарар изҳори ибромам.
Парафшони ҳавои гулшане будам зи озодӣ,
Тилисми обу гил хамёза кард, афканд дар домам.
Намесозад ба созу сӯзи ошиқ шуҳратандешӣ,
Чу шамъ ороиши дил равшан андар пардаи шомам.

Агар, эй беадаб, озори моро саҳл пиндорӣ,
Бибояд хиҷлате аз ҳиммати номуси исломам.
Ҳазорон дона шуд сарсабз, гулшан хуррамӣ овард,
Чи шуд, Ҳоҷӣ, ҳамон кулфаткаши оғозу анҷомам.

* * *

Эй дӯст, биё, дар қадамат зор бигирям,
Ту ханда куну гӯ, ки чи миқдор бигирям.
Кас нест, ки тимори маро бар ту расонад,
Бар бекасии хешу ба тимор бигирям.
Эй маҳмили Лайлӣ, нафасе соз таҳаммул,
То қиссаи Маҷнун кунаму зор бигирям.
Аз суҳбати мардум чи тавон ёфт, ки чун шамъ
То субҳ ба доғ афтаму бедор бигирям.
Эй нури нигаҳ, дида ба тӯфони фано рафт,
Гирям бас агар, бар дили афгор бигирям.
З-ин баҳр, ки сомони гуҳар нест касеро,
Доман кунам аз ашк гаронбор, бигирям
Ҳоҷӣ, зи ғами он ки агар зор бимирам,
Бехона шавад дарду ғами ёр, бигирям.

* * *

Эй дил, биё, ба ёдаш то нолае барорам,
То кай хамӯш чун шамъ сӯзанд з-интизорам.
Худро ба бод додам аз шавқи ин таманно,
То бар хатти сиёҳаш резад яке ғуборам.
Дар шоми бекасиҳо то вақти субҳгоҳӣ
Чун шамъ з-оташи дил сар то ба по шарорам.
Инкори ҳолати мо то чанд менамоӣ,
Биншин яке замоне, то дарди дил шуморам.
Ҳангоми субҳгоҳӣ чун шабнам об гаштам,
Дар пойи гулъизоре резанд ашкворам.
Натвон дар ин гулистон бе заҳмат орамидан,
То гул ба сар ниҳодам, дар по халид хорам.

Атвори мардумӣ нест худро баланд дидан,
Аз қиссаи Балис аст ойинаи дучорам.
Дил воқифи гудоз аст, шавқе агар гуморӣ,
Ойина метаровад, санге, ки мефишорам.
Ҳоҷӣ, шикеб то кай, тоқат наметавонам,
Эй дил, биё, ба ёдаш то нолае барорам.

* * *

Басо умрест андар пардаи гумномӣ мастурам,
Зи дасти бетамизиҳои даврон зинда дар гӯрам.
Чу ашкам нест сомоне ба ҷуз дар пой ғалтидан,
Ба ин афтодагӣ, тарсам, набардорад дами сурам.
Ба ҳасрат гарчи рафтам, фориғ аз ҷаври ҷаҳон гаштам,
Табассум мекунад хамёза оғӯши лаби гӯрам.
Барои саҷдае, то бар дарат ҳусни қабул орад,
Вузӯе медиҳад аъзо ба хуни хеш Мансурам.
Надорад интихоби ранг сомоне дар ин гулшан,
Начидам гул агар, эй боғбон, медор маъзурам.
Нашуд масруфи тамкин як нафас охир ғубори ман,
Ҳавои домани нози кӣ афканда-ст дар шӯрам?
Чу анқо бастам аз асбоби дунё нақши озодӣ,
Халос аз қайди сайёдам, чу ранге нест манзурам.
Ба ҳар кас ошноӣ пеш овардам ба умеде,
Ба найранги тавозуъ ҳамчу тир афканд бар дурам.
Зи гирудори даврон як замон, Ҳоҷӣ, наям фориғ,
Бувад оё, даме бинам, ба фикри хеш маъмурам.

* * *

Бе рӯйи ту ҳар куҷо нишастем,
Бо тирагӣ чун Суҳо нишастем.
Гуфтӣ, ки чу маҳ барояд, оям,
Маҳ омаду рафту мо нишастем.
Саҳл аст ба мо, ту аҳл гардӣ,
Ойӣ бари марҳабо, нишастем.

Зоҳид бинишаст рӯ ба қибла,
Мо бар ҷиҳати шумо нишастем.
Андар пайи он нигори чолок,
Эй дил, ту бирав, ки мо нишастем.
Ҳар ҷо, ки хироми ҷилваи ӯст,
Чун соя ба нақши по нишастем.
Чун ашк зи манзари таманно
Рафтем ба хок, то нишастем.
Аз ваҳшати даҳр дар ҷавонӣ
Ҳамчун маҳи нав дуто нишастем.
Чун соя ба пойи ҳамнишинон
Рафтему ба ҳар куҷо нишастем.
Ҳоҷӣ, зи ғами замона умре,
Ҳасраткашу мубтало нишастем.

* * *

Тарфи рӯят баҳор мебинам,
Турраатро чу мор мебинам.
Наргиси пурхумори шаҳлоят
Фитнаи рӯзгор мебинам.
Мижжагони қатори хунрезат
Ханҷари обдор мебинам.
Аз касон бар канор мегирам,
Кай туро дар канор мебинам.
Чун ба аҳди ту эътиборе нест,
Аз ту чун эътибор мебинам.
Дар баҳорон ба ранги ҳоли дилам,
Лоларо доғдор мебинам.
Ҳамчу ҳичрон надонам андар васл,
Аз чи дил беқарор мебинам.
Дил ба савдои зулфи ӯ бастан
Кай ба худ ихтиёр мебинам.
Ҳоҷӣ, аз кардаҳои нодонӣ,
Хиҷлати сад ҳазор мебинам.

* * *

Чаро, эй чарх, медорӣ ба ҳар соле ту маъюсам,
Магар боке намесозӣ зи тири оҳи афсӯсам.
Кадомин орзуи гулшанеро дар назар дорам,
Саропо сурати доғе чу нақши боли товусам.
Ба ғайр аз рабти ҳастӣ нест садди роҳи болидан,
Фурӯғи зиндагӣ чун шамъ пайдо кард фонусам.
Ҳазор ойина пайдо мекунад гарди шикасти ман,
Паёми ҷилвааш бар сози рафтан мезанад бӯсам.
Чу най аз нолаам ангушти ҳайронӣ ба лаб гирад,
Ҳар он к-ӯ бишнавад оҳи дили бемори маъюсам.
Ба минои вуҷудам олами асрор пинҳон аст,
Муҳите дар бағал дорад ҳубоби ранги маҳсусам.
Тамошои ҷаҳон, Ҳоҷӣ, дили озод мехоҳад,
Ман аз оғози тифлӣ дар хами он зулф маҳбусам.

* * *

Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам,
Ки нагуфтӣ ҳеч гоҳе, ба дарат чи кор дорам.
Ба дурӯза умр натвон ғами интизор гӯям,
Ки ба ҳашр тай нагардад, ҳамаро шумор дорам.
Раҳи нола чун тавонам, ки кунам ба фикр кӯтаҳ
Ки чу най фиғон кашидан на ба ихтиёр дорам.
Ба уруҷи осмон ҳам чу ҳилол агар бароям,
Зи сари ниёзу таслим ҳама иштиҳор дорам.
Ба хаёли ҷилваи ӯ ҳама рӯз шом кардам,
Ба умеди ваъдаи ӯ ҳама шаб наҳор дорам.
Туву сад ҳазор чун ман, ба яке ғаме надорӣ,
Ману дар хаёли як ту, ғами сад ҳазор дорам.
Ба касе ҳикояти ту ба ҳама ҷафо накардам,
Ту агар шикояти ман кунӣ, ифтихор дорам.
Ба ту арзи ҳоли дилро нанамудам ошкора,
Агарам ба хоб оҳе дамад, эътизор дорам.

Туву аз ҷафо нагуфтӣ, ки чи ҳол дорӣ, Ҳоҷӣ,
Ба ту, эй нигори ширин, гилаву гузор дорам.

* * *

Нашъаи файзе зи субҳи рӯзгори Бедилам,
Қатраи ашке зи чашми интизори Бедилам.
Пой то сар з-оташи дил, аз таби шавқам гудохт,
Ҳамчун шамъи ашкрезон бар мазори Бедилам.
Бе мурувват магзар аз мо, рутбаи аҷзам шинос,
Гарчи товоне надорам, хоксори Бедилам.
Аз гароиҳо сарамро тоқати зону намонд,
Оламе савдо ба сар, девонавори Бедилам.
Донаи дил зери гардун файзи сарсабзӣ надид,
Солҳо дар хоксорӣ хаставори Бедилам.
Корвони мо куҷо бар манзили мақсад расад,
Нақши по афтодае дар раҳгузори Бедилам.
Хотири мо, Ҳоҷӣ, бар асбоби ҷамъият насохт,
В-арна ман ҳам софтабъе аз шумори Бедилам.

* * *

Хотир аз ёди тамошои ту пургул дорам,
Дили ошуфта аз он турраи сунбул дорам.
Нест бар фаҳми даҳони ту, ки чун ҷавҳари фард
Бирасам ҳар қадар, асбоби тааммул дорам.
Дастаи зулфи ту ҳар гоҳ фитад дар дастам,
Кай ҳавас бар гираҳи дастаи сунбул дорам.
Ҳамчунон фохта дар кӯйи ту ку-ку гӯён,
Ба таваллои ту сад нола чу булбул дорам.
Ҳамчунон зулфи ту чандон ки назар кор кунад,
Дили печида ба сад даври тасалсул дорам.
Ҳар қадар сангзанон санг ба ман андозанд,
Ҳамчунон домани куҳсор таҳаммул дорам.
Ҳоҷӣ, натвон шарафи суҳбати ӯ бо шоҳӣ,
Магар аз нисбати тақво, ки тавассул дорам.

* * *

Бувад он даме, ки бӯсе зи лаби нигор гирам,
Қадди сарви навниҳолат шабе дар канор гирам.
Макун ин ҷафо ҳамора, магузин зи мо канора,
Ки мабод бе ҷамолат ба адам қарор гирам.
Чи қиёмат аст он дам, ки кашӣ ниқоб аз ҳам,
Ба дами лиқо чу шабнам ба ҳаво қарор гирам.
Ба ту хеш чун расонам, пайи Рахши ту надонам?
Магар аз ҳавопарастӣ раҳе чун ғубор гирам.
Ту маҳи фалакнавардӣ, ба замин мабод гардӣ,
Ки зи ҳоли беқарорӣ зи ту эътизор гирам.
Чи шавад, шавӣ хиромон бари пурсиши ғарибон,
Ба ду чашми ашкрезон зи раҳат ғубор гирам.
Ҳама ваҳшатам фузуданд, чу туро ба ман намуданд,
Магарам ба доми зулфат дили беқарор гирам.
Ту на он бути накӯйӣ, ки шавӣ ба тундхӯйӣ,
Сухани дурушт гӯйӣ, ки зи ту канор гирам.
Ба ту Ҳоҷӣ ин таманно ба сад эътизор мегуфт:
Бувад он даме, ки бӯсе зи лаби нигор гирам.

* * *

Он қадар пӯшидааст бар ҳамгинон аҳволи ман,
Ҷавҳари ойина натвон кард истиқболи ман.
Имтидоди фурсати ҳастӣ надорад эътибор,
Як нафас ҳам бештар бошад зи моҳи соли ман.
Ранги ҳасрат он қадар бо хуни ман омехта-ст,
Мевазад боди хазон аз гулшани тимсоли ман.
Дарду доғат парваридам чун падар андар канор,
Мекунанд аз баъди мурдан чун писар дунболи ман.
Баски кулфатҳои ҳичрон хуни ман дарҳам кашид,
Чун қалам бе об натвонад замон аҳволи ман.
Ҳоҷӣ, ҳангоми тамошояш чи ҳайрат доштам,
Ҳамчунон ойина гум шуд дар миён тимсоли ман.

* * *

Хушо вақте, ба ёдат мурғи тоқат мепарид аз ман,
Чу бисмил боли дил дар хуни ҳасрат метапид аз ман.
Ба пешаш гиряҳо кардам, нагуфто, баҳри чи гирйӣ?
Чи мешуд, оҳи бетобона гоҳе мешунид аз ман.
Ту мерафтиву ман чун нақши по бар хок мехуфтам,
Вале пайки сиришк андар қафоят мерасид аз ман.
Ҳам аз оғози тифлӣ он бути шангули бепарво
Чу аз нақши паланг оҳуи ваҳшӣ мерамид аз ман.
Шаби ҳичрон, ки ёди он гули рухсор мекардам,
Ба ҷойи қатра хун аз чашми ҳасрат мечакид аз ман.
Чу тир аз ростӣ бо ҳар кӣ сар дар банди ӯ кардам,
Сар аз сози тамарруд чун камони каҷ кашид аз ман.
Тавофи остони кист, Ҳоҷӣ, завқи эҳромам,
Ба гаштан сарф шуд, ҳар ҷо ғуборе шуд падид аз ман.

* * *

Эй шаҳ, назаре ба ин гадо кун,
Раҳме ба ғариби бенаво кун.
Сад бор хилофи ваъда кардӣ,
Охир ба ғалат яке вафо кун.
Ҳарчанд хилофи одати туст,
Ин одати зиштро раҳо кун.
Мо бо ту ҳамеша хайрхоҳем,
Ту боситаму ба мо дағокун.
Айбе набувад ҷафо-т бар ман,
Андеша, валек аз Худо кун.
Бар ҷойи дигар ҷафо-т ҳайфам
Ояд, чу кунӣ, ба ҷон масо кун.
Бо хайли рақиб ишқ ронӣ,
Бар ман ба ғалат ҳисобҳо кун.
Гарчи шудаем н-ошно мо,
Як бор ба номам ошно кун.

Ҳастем гадои бенавоят,
Шоҳӣ туву мо башар, дуо кун.
Бошад чи даме, ки гӯйӣ, Ҳоҷӣ,
Пешам бинишин, қабо қафо кун.

* * *

Набошад бар абас моро ба ин куҳсор гардидан,
Ки бошад шеваи дилдодагон бекор гардидан.
Ҳазорон тавбаро бо лаъли майгуни ту бишкастам,
Хиҷолат мекашам дигар ба истиғфор гардидан.
Зи ақли норасо кулфаткаши суду зиён гаштам,
Раҳи девонагӣ беҳтар аз ин ҳушёр гардидан.
Зи кори саҳву нисён, муҳтасиб, медор маъзурам,
Ки мероси падар бошад ба ин кирдор гардидан.
Биё, зоҳид, ба гирди қуббаи дил саъйи ҷавлон кун,
Туро то кай ба гирди гунбади дастор гардидан?
Чунин гар дар баландӣ хотирам болидане дорад,
Гунаҳ набвад маро бар тарзи истикбор гардидан.
Макун, Ҳоҷӣ, таманнои висоли гулъизори худ,
Ки бошад шеваи ушшоқ зи ғам бемор гардидан.

* * *

Агар хоҳӣ фароғат аз ҷаҳон, қатъи тамошо кун,
Ба як сози тағофул дарди сар аз хештан во кун.
Чи суратҳо, ки дорад дар назар ваҳму хаёли ту,
Тилисми ҳайрат аст ин ҷо, дигар ойина иншо кун.
Чу ашк аз гардиши мижгони худдорӣ тавон рафтан,
Ба ғайр аз лағзише гоме надорӣ, дидаро во кун.
Зи худ бигзар, ки то домони Лайлиро ба каф орӣ,
Ғубори роҳи Маҷнун шав, ватан домони саҳро кун.
Дили ҳар қатра з-асрори таҷаллӣ оламе дорад,
Кам аз чашми ҳубобе нестӣ, рав сайри дарё кун.
Бинои обу гилро гар ба авҷи осмон бандӣ,
Хатти насхи ғубори ӯ ба пеши тоқаш имло кун.

Зи сози ҳарзагӯйӣ хиффати идрок меҷӯшад,
Ба рафъи хиҷлат аст ин шева, санги сурма пайдо кун.
Ба асбоби ҷаҳон печидану ғофил зи худ гаштан
Бувад ғафлатпарастӣ, фикри ҳоли ин муаммо кун.
Агар ҳалли рамузи нусхаи имкон талаб дорӣ,
Саре аз ҷайби ҳастӣ дузд, сайри боли анқо кун.
Зи бас танг аст, Ҳоҷӣ, манзилу маъвои имконе,
Суроғи амният набвад, ватан беруни ин ҷо кун.

* * *

Лаби ҷӯеву пойи сарв ҳангоми баҳор аҳсан,
Маю чангу ғазалхониву шӯхи гулъизор аҳсан.
Муборак давлати шоҳӣ бувад, фархунда иқболе,
Ки ояд нимашаб шангули шанге дар канор аҳсан.
Агарчи меҳру маҳ дар шуҳрати хубӣ масал бошанд,
Ҳама ҳангом тақбил менамояд ҳусни ёр аҳсан.
Шаби маҳтобу айёми шабобу шоҳиду ҷоме,
Ба доди хушдилӣ биштоб, муфт аст ин чаҳор аҳсан.
Арӯси фикрро сад гунае зевар аз он бандам,
Ки шояд шоҳбайтеро бихонад он нигор аҳсан.
Зи эъҷози хиҷолат шуҳрати кокул баланд омад,
Намояд дар кафи Ҳайдар шуои Зулфиқор аҳсан.
Ба ғафлат то ба кай, Ҳоҷӣ, чунин дар парда гумномӣ,
Ба як мижгон кушудан хештан кун иштиҳор, аҳсан.

* * *

Моро чу ғубор аз раҳи дилдор талаб кун,
Чун ашки равон аз қадами ёр талаб кун.
Аз шӯриши дил боди самум аст нафасҳо,
Эй барқи дамон, шуъла аз ин дор талаб кун.
Бар сози иқомат асари ҷилваи мо рафт,
Ашкему зи мо лағзиши ҳамвор талаб кун.
Чун ҷавҳари обему ҷунун раҳзани мо нест,
Дар сурати мо маънии ҳушёр талаб кун.

Натвон ба яке дам зи ҳама кор буридан,
Ойинабурӣ аз дами миншор талаб кун.
Бе касби тавозуъ натавон фарҳати айём,
Аз вазъи ҳилоле ҳама ин кор талаб кун.
Чун абри ҳамал дар ғами ӯ дида пуробем,
Эй баҳр, зи мо гавҳари шаҳвор талаб кун.
Оҳи дили мо, Ҳоҷӣ, наяфтод асарманд,
Дигар мадад аз дидаи хунбор талаб кун.

* * *

Мегузарӣ, ман зи пасат дар фиғон,
Боз биё, ё бубарам дар инон.
Доғ шудам аз ғаму бигдохтам,
Ҳолати дилро ба чи созам аён?
Кош дар ин базм бисӯзам чу шамъ,
Ашкфишон сар ба қадам як замон.
Нест касе дар мадади ҳеч кас,
Аз чи кунам шиква ба гӯши гарон.
Ҳасрати дидор аз он бартар аст,
Бар қалами сурх намоям баён.
Боз шавад ғоибу ҷоне расад
Аз караму миннати ғоибрасон.
Аз асари хиҷлати дидори ту
Ойина пӯшад ба худ ойинадон.
Ҳамчу найам нест маҷоли сухан,
То ки нагардад дигарам тарҷумон.
Боди сабо бо сари зулфат гузашт,
Чок бизан дар бари гул парниён.
Ҳоҷӣ, чи умед ба он зиндагист,
Тарки аҷал меравадаш ҳаминон.

* * *

Ҳайф аст ба айби дигарон чашм кушудан,
Ойинасифат пеши касон соф намудан.

Ҳар дона, ки киштем дар ин мазраи ҳирмон,
Бе хӯша бишуд қобили як бор дурудан.
Дардо, ки дил аз кулфати айём ба ғам буд,
Сад гуна ситам кард ба ӯ майли фузудан.
Ҷамъияти дил бурд зи мо ҳарзанигоҳӣ,
Доғам, ки чаро мижжа нашуд сарфи ғунудан.
Афъисифат аз заҳри забон бар дили мардум
Зулм аст ситамномаи ташвиш кушудан.
Моро ба хиҷолаткадаи олами идбор
Монанди магас панҷа кушоданд ба судан.
Пайдоии мо сурати аҷз аст чу абрӯ
Ҳусн аст зи мо пайкари таслим намудан.
Нософии дилро набувад ҳеч илоҷе,
Аз санги сияҳ тирагӣ натвон бизудудан.
Сармояи ҳастист видои нафасе чанд,
Ҷое, ки туӣ, Ҳоҷӣ, мадон шеваи будан.

* * *

Биё, эй равнақи гулзору гулшан,
Ки гул бе ту дарида ҷома бар тан.
Маҳ аз шарми ҷамолат доғдоре,
Хур аз тоби рухат як пора гулхан.
Ман аз ту ҳеч осонӣ надидам,
Ту, ҳар чи буд, осон бурдӣ аз ман.
Маро чун душманон пиндор кардӣ,
Надорӣ фарқ гӯё дӯсту душман.
Мусаллам бо ду зулфат дилрабоӣ,
Муҳаққақ бо ду чашмат фитна кардан.
Танат оё магар аз сими соф аст,
Дилат оё магар лахте зи оҳан?
Саропо сӯхтам бо гиря чун шамъ.
Нашуд доғи дили бечора равшан.
Зи оҳи оташини мо бипарҳез,
Бувад барқ офатангезони хирман.

Чу дилро дар шиканҷи зулф бастам,
То ӯро чун шиканҷи зулф машкан.
Агар дил бо касе дигар надорӣ,
Чаро майле надорӣ ҳеч бо ман?
Закоти ҳуснро бахшо ба Ҳоҷӣ,
Ба ғайри ӯ набошад сарфаш аҳсан.

* * *

Айёми зиндагонист нақше ба об рафтан,
Чашме пуроб кардан, ҳамчу ҳубоб рафтан.
Таҳқиқи бесуботӣ дигар масал надорад:
Ҳамчун шарар дамидан, бо изтироб рафтан.
Аз қомати хамида меояд ин ишора,
Бигзаштааст ҷавонӣ, бояд шитоб рафтан.
Дар зери бори ҳастӣ ҷуз маҳмили нафас нест,
Дорад ҳаво саворӣ, бе иҷтиноб рафтан.
Дар арзи нотавонӣ андешаи бало нест
Бар соя нест биме аз рӯйи об рафтан.
Ҳангоми давлат омад, аздод дар муқобил,
Худ соя медамонад дар офтоб рафтан.
Зулмат ба табъи шоҳон бар оламе зиён аст,
Рӯзи сиёҳ орад хур дар саҳоб рафтан.
Оҳанги нотавонӣ з-ин тангно бибояд,
То ҳамчу нолаи най бе эҳтисоб рафтан.
Ҳоҷӣ, мадори ҳастӣ то бо адам ҳамин аст,
Як мижжа во намудан, чашме ба хоб рафтан.

* * *

Ба ин сӯзе, ки дорад нолаи оташназири ман,
Шарар резад ба боми осмон барқи сафири ман.
Агар бар дида з-асрори тавозуъ сурма мехоҳӣ,
Бубин вазъи ҳилол аз қомати хамкарда пири ман.
Ҳазар, эй бемурувват, шишаи хотир чу бишкастӣ,
Хӯрӣ санги шикасте бар сар аз қалби касири ман.

Саводи умр тай кардам барои мӯйи исфеде,
Ки то дар зулмати нисён шавад хиҷлатпазири ман.
Ғурури саркашӣ то чанд аз роҳат барандозад,
Биё, тарзи адаб омӯз аз хоки ҳақири ман.
Надорад мушти хокам шеваи изҳори болидан,
Магар боди баҳорӣ сар кашад зери ҳасири ман.
Чу тифли ашк сомоне надорад ғайри маъюсӣ,
Нашуд як тори мӯ аз бекасиҳо дастгири ман.
Дар ин куҳсор чандоне нарафта дур нахчирам,
Вале аз каҷкамониҳо хато афтод тири ман.
Зи шӯхиҳои маънӣ сайри дилро метавон кардан,
Чу ҷайби субҳ бошад офтобе дар замири ман.
Ба зиндони алоиқ, Ҳоҷӣ, дасту пой дар бандам,
Ҳамеҷӯям халосу нест мухлис бар асири ман.

* * *

Эй гул оғушта ба хун аз ғами раъноии ту,
Сунбул ошуфтаи он турраи савдоии ту.
Кист он к-ӯ ба ту як лаҳза мусоҳиб гардад,
Хуни дилро нахурад аз ғами танҳоии ту.
Ҳар куҷо замзамаи гуфту шунуди ту бувад,
Ҳар тараф ғулғулаи шӯхиву зебоии ту.
Сайри гулзору тамошои баҳорон чи кунам,
Ки бувад дидаи ман масти тамошоии ту.
Тарҳи бегонагӣ бо ёру рафиқон кардам,
Ба хаёли нафасе тарҳи шиносоии ту.
Шакари лаъли ту ҳар талхдаҳон кай донад,
То чи тӯтӣ накунад машқи шакархоии ту.
Аз таби шавқи ту ножу ба лаби ҷӯ рафта,
То ки шуд шуҳраи олам чаманороии ту.
Кӯҳу ҳомун ҳама овораи Маҷнун шудааст,
Чу баромад ба миён шуҳрати Лайлоии ту.
Ҳеч кас фикри вафои ту ба як бор накард,
Нест кас, ёд кунад ҳарфи дилосоии ту.

Ҳоҷиро чун нашавад хотири бечора ду ним,
Ба рақибон нигарад ҷилваи яктоии ту.

* * *

Чу хуршеди ҷаҳон шуд дар баландӣ эътибори ӯ,
Баромад қатраи маҳ аз хиҷолат доғдори ӯ.
Кадомин номуродеро шаҳодат дар назар дорад,
Ки турки масти ӯ хуфтаст ханҷар дар канори ӯ.
Агар хоҳӣ асири ҷилваи бебоки ӯ гаштан,
Чу шабнам соате биншин ба роҳи интизори ӯ.
Хати пушти лабашро ғайр аз ин мазмун намебошад,
Ки фасли ҳусн охир мешавад, бингар баҳори ӯ.
Бисоти аҷз ороям, сари таслим бинмоям,
Шавад то нестиҳоям уруҷи иқтидори ӯ.
На танҳо ман шаҳиди ғамзаи хунрези ӯ гаштам,
Ба ҳар ҷо куштае афканда чашми пурхумори ӯ.
Чу сифрам, нест сомоне, ки худро дар шумор орам,
Магар аз худ тиҳӣ гаштан бароям дар шумори ӯ.
Зи истиғно наёмад бар сарам, то ҳоли дил гӯям,
Чу гулшан дида пургул кардам андар интизори ӯ.
Макун зоҳид зи тавфи Каъба дайри эҳтисоби ман,
Парастиш мекунам ҳар ҷо, ки бинам ҷилвазори ӯ.
Кафаш аз нозукӣ ранги ҳиноӣ бар намедорад,
Магар аз хуни дил бандад, ки то гардад нигори ӯ.
Агар бар хоки Ҳоҷӣ бигзарӣ, фасле тааммул кун,
Ки бе файзе набошад тӯдаи хоки мазори ӯ.

* * *

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъизор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?
Боди сабоҳ мевазад аз тарафи диёр, лек
Ғолияи мурод не, муждаи он нигор ку?
Лолаи роғ ҳар саҳар доғи дилест дар назар,
Ғунчаву гул ҳамин асар дораду эътибор ку?

Маҷлиси айш дар куҷо, ҷоми шароб мар киро?
Табъи шукуфтаам кадом, хотири беғубор ку?
Нест таҳаммуле, ки ман то нигарам ба гулситон,
Ғунчаи дил ба хун шукуфт бар гулам ихтиёр ку?
Аз хаду қадди гулрухон чун гулу сарв рустаанд,
Нола кунад ҳазор аз он, қумрӣ ба шохсор ку?
Тарҳи вуҷуди мумкинот шеваи интиқол кард,
Хоки ба бод додаро дағдағаи қарор ку?
Золи сипеҳр мӯягар, ҷомаи таъзият ба бар,
Пардаи айшро асар бар сари ин мазор ку?
Бӯса кунам, агар ҳавас аз лабат, эй нигор, деҳ,
Дилшударо шикеб чӣ, тоқати истибор ку?
Нури нигоҳ, з-ин сипас бар сари дидагон нишин,
Мижжа сафед кардаам, муддати интизор ку?
Ҳодисаи замони дун як даме муҳлатам надод,
То ғами дил шумар кунам, фурсати бешумор ку?
Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме сарфи суханварӣ кунам,
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор ку?

* * *

Гар ба ин фурсат бичинад сози ҳастӣ дастгоҳ,
Чун ҳубоб аз як нафас хоҳад шуд ин гунбад табоҳ.
Бӯсае кардам тамаъ, лаълаш ба хун олуда шуд,
Нест бе арзи хиҷолат гуфтугӯи қарзхоҳ.
Шевае дорад хамӯшӣ, ҳифзи чандин обрӯст,
Ғунчаро як лаб гушудан мебарад аз сар кулоҳ.
Наргису савсан ба истиқболи нозат мерасанд,
Ба нигоҳи шармгину бо забони узрхоҳ.
Қисмати ҳар кас ба қадри эътилои фитрат аст,
Осмонро қурси гарми меҳр бошад зоди роҳ.
Бетааммул шахси ҳастӣ бар сафар омода аст,
Мижжа то во мешавад парвоз мегирад нигоҳ.
Ҳар кӣ меояд дар ин ҷо, нест бе доғи диле,
Бе кусуфу бе калаф ҳаргиз наёмад меҳру моҳ.

Доғи ишқатро ба лавҳи сина чун пинҳон кунам?
Мижжаи исфеду ашки дида мегардад гувоҳ.
Ҳоҷӣ, бунёди ҷаҳон яксар тилисми ибрат аст,
Ин варақ гоҳе сафеду гоҳ мегардад сиёҳ.

* * *

Зи шикастагон ҳазар кун, макун ин ҷафо ҳамора,
Ки зи оҳи дардмандон шавад об санги хора.
Зи назар чи дур гардӣ, ба хаёлам он намояд,
Ки бурун рафта ҷонам зи бадан ҳазорбора.
Маҳи ман агар ниҳӣ по зи даруни хона берун,
Зи зуҳури фитна маҳшар бинамояд ошкора.
Ба шаб ар бурун хиромӣ, зи баёзи гардани ту
Зи қабои шаб бирезад ҳама тугмаи ситора.
Дами об агар бихӯрдам ба хаёли дидани ту,
Шуда хуни дил ба рӯям, зи ду дида зад фаввора.
Ба ду дида сер натвон, ки рухат, нигор, бинам,
Ҳама узв ҳамчу шабнам шавад аз пайи назора.
Ба умеди бӯси поят ба раҳе ғубор гардам,
Накунӣ гузар бар он раҳ, назанӣ қадам дубора.
Шуда дидаҳо сафедам ба раҳат чу пири Канъон,
Ба умеди он ки шояд ба сарам кунӣ гузора.
Ҳама дам дар ин дуоям, ки рақиби бемурувват
Ба ду дида неши афъӣ, ба гулӯ хӯрад канора.
Зи висол умед баркан, бинамо шикеб, Ҳоҷӣ,
Набувад ба дардмандон ба ҷуз ин, дигар чи чора.

* * *

Дорӣ чу ба мо итоб, тавба,
З-ин дилшуда рух матоб, тавба.
Тақсир чу беш кардам аз ҳад,
Дар пеши ту беҳисоб тавба.
Умре ба раҳи ту васл ҷӯям,
Шояд бирасам ба боб тавба.

Чун тоҷи карам ба фарқ дорам,
Аз парчами офтоб тавба.
То дида ба дида чеҳраи ту,
Аз дидани моҳтоб тавба.
Бе меҳри ту шамъи ман нагирад,
Махмураму аз шароб тавба.
Бе накҳати зулфи анбаринат
Аз бӯйи гулу гулоб тавба.
Оташ ба рухам зи дида резад,
З-ин оташи ранги об тавба.
Аз маҳфили даҳр гӯша гирам,
В-аз суҳбати шайху шоб тавба.
Инсоф бидеҳ ту, муҳтасибо,
То ман кунам аз чи боб тавба.
Ҳоҷӣ, зи саводи он ду мисраъ
Карда сабақу китоб тавба.

* * *

То аз рухи ту бар дилам имдод расида,
Бо ҳар тараф аз нолаи ӯ дод расида.
Ҳар ҷо ки зи нақши қадами туст нишоне,
Бар ҷабҳаи ман тинати эҷод расида.
Донам, ки дил аз тешаи ҷаври ту ҳалок аст,
Меҳнат зи азал бар ману Фарҳод расида.
Аз марҳамату лутфи ту кардам магар обод
Бунёди вуҷудам, ҳама барбод расида.
Он к-ӯ ба сари кӯи ту бигзашт ба шодӣ,
Дидам, ки аз он бехуду ношод расида.
Умеди халос аз сари зулфи ту муҳол аст,
Чун мурғ, ки бар қабзаи сайёд расида.
Ҳоҷӣ бувад аз мазҳаби ушшоқ касе дур,
Аз гиряи ӯ таъна ба ҷаллод расида.

* * *

Чун садо ҳамраҳи ман нолакунон гардад кӯҳ,
Аз таби синаи ман барқфишон гардад кӯҳ.
Шунавад гар нафасе ҳасрати бетобии ман,
Ҳамчунон лӯлаи симоб тапон гардад кӯҳ.
Магар аз қиссаи навмедии Фарҳод шунид,
Бесутунвор ҳама оҳу фиғон гардад кӯҳ.
Бинишинам бари худ, нолаву фарёд кунам,
Ки чу ашк аз ғами ман оби равон гардад кӯҳ.
Гар ҳама шеваи тамкини ҷаҳон ин бошад,
Доман олуда ба хун то ба миён гардад кӯҳ.
Асари ишқи ту бар санг магар карда гузар,
Ки зи сомони шарар сӯхтаҷон гардад кӯҳ.
Ба ҳама сангдилӣ аз асари бетобӣ
Ҷигари судае аз реги равон гардад кӯҳ.
Ҳочӣ, то зиндагӣ дорем зи сангандозон,
Он қадар ҳар даме ояд, ки ҳамон гардад кӯҳ.

* * *

Дар чаман то омад он нозукниҳол ороста,
Сарву ножу шуд ба таълими камол ороста.
Меҳру моҳе барнаояд холӣ аз нуқсу завол,
Ғайри моҳи ман, ки бе нуқсу завол ороста.
Ҷуз хиҷолат нест бар шахсе, ки аз айни ҳасад
Айб ҷӯяд бар ҷамоле зулҷалол ороста.
Нофа хун гардад зи рашку хун хӯрад мушки татор,
Гар равад бо накҳати зулфаш шамол ороста.
Баски шуд беқадр колои ҳунар дар ин замон,
Менамояд чун гуҳар санги сафол ороста.
Осмон дорад магар бар диди абрӯят хаёл,
Нохуне болои мижгон аз ҳилол ороста.
Ҳочӣ, моро буд хотир бе гули рӯяш малол,
Шукри Оллоҳ, омад имшаб он ҷамол ороста.

* * *

Баски чун ман алам аз ҷаври замон дорад кӯҳ,
Аз садо нолае бар гӯши касон дорад кӯҳ.
Гӯиё ҳамчу ман аз ҳаҷри ту дил сӯзон аст,
Ки шарар бар ҷигари доғ ниҳон дорад кӯҳ.
Чи натарсӣ, ки зи тарси гунаҳи нокарда
Зи дусад чашмаи рух сели равон дорад кӯҳ.
Ҷуз хамӯшӣ набувад сурфаи осудадилӣ,
Сози тамкин ҳама аз ҳифзи забон дорад кӯҳ.
Ҷониби гӯшанишинон бари ибрат бингар,
Ки аз ин шева баландӣ ба чи сон дорад кӯҳ.
Нест дар ҷабҳаи шуҳрат асари дилгармӣ,
В-арна аз барф чи дастори калон дорад кӯҳ…
Ҳоҷӣ, аз пешаи сабр аст мақомоти баланд,
З-ин адо шуҳрати рафъат ба ҷаҳон дорад кӯҳ.

* * *

Гар кунад нусхае аз хатти сиёҳат Монӣ,
Боядаш хома бувад аз қалами райҳонӣ.
Чи ба ҳам руста, бирезад зи бари пушти лабат,
Чи накӯ забт шуда бо қалами субҳонӣ.
Рӯ намудӣ ба чаман, зуд гузаштӣ, ки шуда
Лола пурдоғу ба хун савсани кӯҳистонӣ.
Ба ҳарифон ҳама шаб бода кунӣ нӯш чаро,
Ба ғалат ҳам зи кафи мо қадаҳе настонӣ?
Накди дилро зи мани зор ба яғмо бурдӣ,
Ба гадо ҳам накунад шафқате туркистонӣ.
Нашунидӣ магар инро, ки нагиранд хироҷ
Зи фақирон ба ҳадису хабари фурқонӣ.
Масали рӯйи туро моҳ, шунидам, гуфтанд,
Чу бидидам, ки накӯ аз маҳу хур чандонӣ.
Нотавонӣ ба хаёлат чи писанд афтода,
Дили афтодаи моро мададе натвонӣ.

Туву то кай ба тағофул гузарӣ аз бари мо,
Ману то кай ба роҳат нолаву ашкафшонӣ.
Ҳоҷиё, қатъи тамаъ кун, ки накӯён доранд
Шеваи сахтдилӣ, пешаи дилранҷонӣ.

* * *

Ҳамон рӯзе, ки бастам бо ту аҳди орзумандӣ,
Тариқи бевафоӣ пеша кардӣ, аҳд баркандӣ.
Чи дорад чашми махмурат, зи мастӣ худписанд омад,
Ки риндонро ба ҷуз мастӣ ба коре ҳеч напсандӣ.
Яқин медон, насиҳатро набошад суд бар ошиқ,
Бувад бар бедилон душвор таълими хирадмандӣ.
Ҳама ширинлиқоёнро ба чашми имтиҳон дидам,
Миёни он ҳама ширинлиқоиву шакархандӣ.
Хиҷолат мекашад наргис зи чашми пурхумори ту,
Бувад дар инфиол аз ғабғаби себи самарқандӣ.
Чи созам, гар набандам дил ба доми ҳалқаи зулфат,
Чу Юсуф модари айёмро сар карда фарзандӣ.
Аз ин хуштар чи бошад дар тариқи ишқбозиҳо,
Ки ман чун шамъ мегирям, ту ҳамчун субҳ механдӣ.
Ҳадисе аз ману ту ҳолати Фарҳоду Ширин аст,
Ки ман ҷон меканам дар кӯҳу ту бо ғайр пайвандӣ.
Назебад панҷаи тори туро ранги ҳино бастан,
Зи хуни ошиқон ҳар субҳ метобад ҳинобандӣ.
Агар, Ҳоҷӣ, муқими Каъбаи он меҳрубон гардӣ,
Ҳусули муддао кардиву таҳсили барӯмандӣ.

* * *

Намегӯям туро, бар ман нигаҳ бисёр шойистӣ,
Вале ҷавру ҷафои ту на ин миқдор шойистӣ.
Набошад гарчи ошиқро халос аз хориву зорӣ,
Чу дорад нисбати ишқат, на хору зор шойистӣ.
Барои як нигоҳат рафт аз ҳад интизори ман,
Тағофулҳои ту бо мо на чандин бор шойистӣ.

Агар аз лаъли ширинат хабар меёфтӣ Фарҳод,
Пушаймон аз лаби Ширини худ сад бор шойистӣ.
Шавад то пеши ту ҳоли ин дили пурдоғи ман равшан,
Чу шамъ аз дидаи ман ашки оташбор шойистӣ.
Ҳамеша мурғи дил дорад таманнои пару боле,
Ки аз худ рафтанаш андар ҳавои ёр шойистӣ.
Чу шабнам то саҳар бояд нишастан интизор аз ман,
Вафо аз ту чу хур дар ваъдаи дидор шойистӣ.
Дили бемори ман ҷӯяд даво аз чашми беморат,
Аҷаб сирре, даво беморро бемор шойистӣ.
Ҷафоҳои туро пӯшидаву инкор месозам,
Вале гоҳе туро бар сабри ман иқрор шойистӣ.
Туро бар ҳоли Ҳоҷӣ ҳар даме бояд назар кардан,
Варо андар бақои ту дуо ҳар бор шойистӣ.

* * *

Ба дил то кай зи меҳрам кина дорӣ,
Бадар кун, он чи андар сина дорӣ.
Зи дардат пеши кас ҳаргиз нанолам,
Ки аҳде инчунин пешина дорӣ.
Бимурдам дар ғамат, асло нагуфтӣ,
Ки хотир аз чи рӯ ғамгина дорӣ.
Ба ҷумъа ваъдаи озодиям буд,
Ба шанбе ваъда дар одина дорӣ.
Закоти ҳусн бар мо, муфлисон деҳ,
Чу аз ин мол дар ганҷина дорӣ.
Насиҳат бар ту чун душвор омад,
Магар бар ҳақнамоён кина дорӣ.
Ба риндон гоҳ-гоҳе чеҳра бинмо,
Агарчи рашк ҳам з-ойина дорӣ.
Ало, соқӣ, хумор аз мо бадар кун,
Агар дар хум майи порина дорӣ.
Димоғи саркашӣ аз сар бияндоз,
Агар бар осмонҳо зина дорӣ.

Бувад, гӯйӣ, ки Ҳоҷӣ, шав қаринам,
Ки ҳаққи хидмати дерина дорӣ.

* * *

Чи шавад зи лутфи шоҳӣ назаре ба мо намоӣ,
Ки зи ғам ба ҷон расидам, ту ҳанӯзам озмоӣ.
Ба Худо, ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки забон ба ҳарф лағзад, чу ту дар сухан дароӣ.
Ҳама умр тай намудам, нафасам ба охир омад,
Ба дами видои рӯҳам, чи шавад, агар биёӣ.
На баҳору лола ҷӯям, на маю пиёла гӯям,
Ба шикасти орзуям нафасе ба ҷилва оӣ.
Ба раҳ ончунон нишастам, ки намонд интизорӣ,
Ба куҷо паём созам, ба кӣ рози ошноӣ.
Ману оламе гуноҳам, чи забони ғадрхоҳам,
Ба карам диҳӣ паноҳам, ки ту меҳрубони моӣ.
Аҷаб аз хаёли хубон, ки раҳи вафо надонанд,
Магар аз ту пеша карданд раҳу расми бевафоӣ.
Ҳама хиҷлатам, ки дорам ҳама субҳ боданӯшӣ,
Ба чи номи тавба гирам, ба чӣ роҳи порсоӣ?
Бикушой шасти мижгон ба фидои ҷони Ҳоҷӣ,
Ба касе дият нахоҳад зи кушандаи фидоӣ.

* * *

Ман кистам? Ба роҳат афтодае, бидонӣ,
Чун ашк то ба поят маҳмилкаши равонӣ.
Аз ранги рафтаи ман сози адам ҳувайдост,
Девони эътиборам, гар нуктаам бихонӣ.
Бегонаи хирадро сози адаб кадом аст?
Дар наъра хар надонад бар гӯшҳо гаронӣ.
Ба хоки остонат то саҷдае намоям,
Ҳамчун ҳилол қомат хам гашт дар ҷавонӣ.
Пажмурда то насозӣ гулзори эътиборат,
Дасти тамаъ ҷудо кун аз ҳар чи метавонӣ.

Мушкил бувад раҳоӣ з-офоти ин замона,
Дар коми аждаҳоям доданд зиндагонӣ.
Дар пеши кӣ тавонам оғози шиква кардан?
Бечорае шаҳидам аз ханҷари ниҳонӣ.
Эй бехабар нишаста, сомони роҳ баргир,
Рафтанд ҳамнишинон, дигар кӣ мерасонӣ?
Чун лолаам дар ин боғ бо хуни дил нишаста,
То қатрае чу шабнам бар доғи ман чаконӣ.
Ҳоҷӣ, паёми ачзам то рутбае биёбад,
Бо оҳу нола рафтам ҳангоми арзахонӣ.

* * *

Субҳи пириҳо дамиду рафт они зиндагӣ,
Рехт анҷумпораҳои осмони зиндагӣ.
Он замоне чашми хоболуди мо дар хоб буд,
Бехабар бигзашт аз мо корвони зиндагӣ.
Тозагиҳои хаёлам аз гули рухсори туст,
Бе ту рангу бӯ надорад гулситони зиндагӣ.
Қомат аз бори надоматҳои даврон зад ба хок,
Дар замин афтод нахли бӯстони зиндагӣ.
Ҳеч касро пешаи ғафлат ба огоҳӣ нарафт,
Ҳар қадар рафтанд пайҳам ҳамраҳони зиндагӣ.
Дар талоши ину он фурсат ба нокомӣ гузашт,
Ҳеч як охир наёмад посбони зиндагӣ.
Саъйи мо чун соя дар пойи касон беҳосил аст,
Ҷуз надомат барнадорад нотавони зиндагӣ.
Шӯриши захм аз дами шамшер, медонӣ, чарост?
Қатъи васлат мекунад аз дӯстони зиндагӣ.
Ҳамчу шамъам мурдатабъиҳои даврон доғ кард,
К-аз чи рӯ шахсе набошад қадрдони зиндагӣ.
Ҳоҷӣ, ин ҷо чанд биншинем, вақти реҳлат аст,
Як ду рӯзе буд, шуд охир замони зиндагонӣ.

* * *

Доғам аз ғам, ки маро бар сари роҳе накушӣ,
Ба гуноҳи назари карда паноҳӣ накушӣ.
Бегунаҳ куштани ошиқ ба ту набвад айбе,
Айб он аст, ки ошиқ ба гуноҳе накушӣ.
Тирабахт он ки ба як мӯй нагирӣ дар банд,
Сахтҷон он ки ба як нимнигоҳе накушӣ.
Бувад он рӯз туро шуҳрату овоза баланд,
Ки ба узри гунаҳ оварда паноҳӣ накушӣ.
Ошиқи рӯйи туро ҳеч даме мурдан нест,
Мурдан он аст, ки бо тири нигоҳе накушӣ.
Чи сабаб хуни касон бар ту мубоҳ афтода,
Ки набахшӣ гунаҳе, то ки гувоҳе накушӣ.
Ҳоҷиро, албатта, он рӯз пазирӣ ба қабул,
Ки раҷиби табаҳи рӯйсиёҳе накушӣ.

* * *

Чи маънибаландӣ, чи нозукадоӣ,
Ки лутфат чу маънист назри расоӣ.
Қадат ҳамчу сарви баланд офарида,
Рухатро чу хуршед дар рӯшноӣ.
Дар ин гулситон ғайри ибрат набошад,
Хиҷолат зи наргис чаро н-озмоӣ?
Қиёмат чунон фурсатеро нахоҳад,
Ки як мижжаеро зи ҳам баркушоӣ.
Чу шамъ аз баландӣ ба пастӣ расидам,
Кашидам чу най зиллати бӯрёӣ.
Ғамат хонаи дил гирифта-ст маҳкам,
Аз он рӯ ба ғамхона ҳаргиз наёӣ.
Ба ғайри фитодан нашуд дастгирам,
Чу ашкам ба раҳ хиҷлати беасоӣ.
Чу гавҳар ба зулматгаҳи об хуфтам,
Шараф ёфт рангам зи саброзмоӣ.

Аз ин домгоҳи балохез, Ҳоҷӣ,
Бувад то нафас, нест бар кас раҳоӣ.

* * *

Эй ки бар хотири мо ҳеч мадоро накунӣ,
Умр бигзашту назар бар тарафи мо накунӣ.
Ошиқон дар ғами ту ҳоли табоҳе доранд,
Ту чаро пурсиши ин қавм тақозо накунӣ?
Бари як хандаи ту хотири мо ранҷур аст,
Чи табибӣ, ки бар ин дард мудово накунӣ.
Оби чашмам, ки чу Ҷайҳун ба раҳат мерезад,
Гузаре бар лаби ин чашма тифоқо накунӣ.
Ҳамчунон лоласитонҳо дили мо пурхун аст,
Ба чунин лоласитон сайру тамошо накунӣ.
Эй фалак, рӯзу шабон баҳри чӣ саргардонӣ?
Ки сукун як нафасе аз пайи дунё накунӣ.
Ҳоҷӣ, чун шеваи хубони ҷаҳон бемеҳрист,
Ба ғалат меҳр аз ин ҷумла таманно накунӣ.

* * *

Чи бошад аз карам ҳоли мани бемор дарёбӣ,
Илоҷи дардмандонро сазад ҳар бор дарёбӣ.
Зи хӯю хислати неки ту доим ончунон зебад,
Ки аҳволи дили бечорагон бисёр дарёбӣ.
Ту болотар зи хуршедиву ман аз зарра поёнтар,
Умедам ҳар даме дар партави анвор дарёбӣ.
Ба чашми ғафлатогин ҳусни он дилдор натвон дид,
Агар ёбӣ варо, аз дидаи бедор дарёбӣ.
Ту ҳам рӯзе чу ман бо кулфати ҳиҷрон сабре кун,
Ки то қадри дили бишкастаи афгор дарёбӣ.
Ба сӯзи бедилони худ ҳазорон офарин созӣ,
Агар худ ҳам асар з-он оташи рухсор дарёбӣ.
Чу товуси чаман, эй дил, саропо доғ мегардӣ,
Агар як лаҳзаи он шӯхии рафтор дарёбӣ.

Ҳазар аз дахли бечо дар каломи хурдабинон кун,
Мабодо хиҷлате аз табъи ноҳамвор дарёбӣ.
Шикоят аз замону шиква аз бахти забун то кай,
Ки неку бад ҳама аз кардаи атвор дарёбӣ.
Ҳама аз кулфати аздод, Ҳоҷӣ, некувон ҳастанд,
Гуле бехор агар ёбӣ, на з-ин гулзор дарёбӣ.

* * *

Аз шӯриши савдоят дар ҳар саре савдое,
З-ошӯби хаёли ту дар ҳар лабе ғавғое.
Аз тарзи хироми ту тӯфони бало пайдо,
Дар баҳри тамошоят дар ҳар мижа дарёе.
Ҳоли дилу кори ман бар ҳам заду расво шуд,
Аз зулфи парешоне, аз софии симое.
Аз тарси фиғони худ дар кӯҳу биёбонам,
То бад нарасад бар ту аз нолаи ман, вое.
Аҳволи дили зорам, он к-ӯ нигарад, донад
Чашмони пур аз нозе, зулфайни сумансое.
Бе рӯйи туам ҷаннат гӯё ки ҳамемонад
Ваҳшаткада маъвое, офатзада саҳрое.
Аз гармии рухсорат дар дидаи ман мардум
То вораҳад аз шӯриш, биншаста ба дарёе.
Пайғоми туро овард боди саҳарӣ рӯзе:
Бар мурдадилон бахшид анфоси Масеҳое.
Бояд, ки расад, эй маҳ, ҳар дам ба сари Ҳоҷӣ,
Афтода ба кӯйи туст беминнату маъвое.

* * *

Чаро, эй дил, висоли хубрӯён иҷтизо кардӣ?
Тамошоят чи шуд, худро ба меҳнат ошно кардӣ?
Ба он нозукхаёлиҳо, ки будӣ дар мизоҷи ман,
Ба як мӯе гаронӣ доштам, бар ман чиҳо кардӣ?
Зи таҷриди хаёлам сарв кардӣ доми озодӣ,
Ба таклифи машоқӣ бори ғам бар ман чаро кардӣ?

Нафас чун теша барҳам зад бинои бесутуни ман,
Чу Фарҳодам ба Ширин ваъдаҳо охир фано кардӣ.
Шавад рашки Бадахшон санг, агар бинад сиришки ман,
Хиҷолат аз арақҳои ҷабинам қаҳрабо кардӣ.
Дар ин гулшан зи ифлосист ному расми озодӣ,
Чи мешуд тоҷи зар наргис зи дӯши хеш во кардӣ?
Тариқи ҳақшиносиҳо набудӣ он қадар мушкил,
Ғубори мосаво аз чашми ибрат гар саво кардӣ.
Чу нолам аз абад бе ихтиёри ранҷу оромӣ,
Ки аз аҳди аластам бахти бад рӯ бар бало кардӣ.
Чу шамъ аз ростӣ андар вуҷуди худ задам оташ,
Аз он парвона хокамро ба мижгон тӯтиё кардӣ.
Тағофулҳои гардун мекунад ночор мамнунам,
Вагарна қомати мо ҳам чу дӯши худ дуто кардӣ.
Аз ин афсонаҳои беасар, Ҳоҷӣ, чи мехоҳӣ?
Ки аз нанги шунудан заҳмате бар гӯшҳо кардӣ.

* * *

Дилбаро, турраи мушкини ту сунбул ворӣ,
Тарфи рӯйи ту чун ин боғчаи гул ворӣ.
Нест кас, ҳалқаи гесӯи туро бишморад,
Ки дар ӯ нест тараф давру тасалсул ворӣ.
Ту зи май оташи рухсора барафрӯз чу гул,
Нола созам мани бедилшуда, булбул ворӣ.
Ихтиёре набувад ишқи ту бар дилшудагон,
Баста карда ҳамаро турраи ту ғул ворӣ.
Чу гадоён ба дарат нолакунон меоям,
Ту напурсӣ ғами мо, аҳли таҳаммул ворӣ.
Чи фусун хондай, ки ҷумла касон мегарданд,
Зи ақиби ту парешон шуда кокул ворӣ.
Пеши лаъли ту табарзад чу табархун гардад,
Нармии ғабғаби ту меваи дунбул ворӣ.
Зоҳири ҳоли ман аз ишқи ту саргардонист,
Ба таҳайюр зи паят ошиқи бепул ворӣ.

Нест бар ғамзадагон, Ҳоҷӣ, дар ин роҳ касе,
Дастгире ба ҷуз аз файзи таваккул ворӣ.

* * *

Дили ман бар ту кабоб аст, ту худ медонӣ,
Бар сари ман чи азоб аст, ту худ медонӣ.
Ин ҳама об, ки аз дидаи ман мерезад,
Менагӯйӣ, ки чӣ об аст, ту худ медонӣ.
Арзи аҳволи дили ғамзада гуфтам, гуфтӣ:
Ба суолаш чи ҷавоб аст, ту худ медонӣ.
Пурсиши мардуми афтодаи бемори асир,
Хислати неку савоб аст, ту худ медонӣ.
Фасли гул мегузарад, соқии гулчеҳра, биё,
Бода паймо, ки савоб аст, ту худ медонӣ.
Муғтанам фурсати умр аст, дар ӯ шодӣ беҳ,
Чу шарар зудшитоб аст, ту худ медонӣ.
Ҳар чи пешомадаро муфту ғанимат машмар,
Ки ҳама бар ту ҳисоб аст, ту худ медонӣ.
Ба ҷаҳони ману ту тарҳи иқомат дорем,
Чу биёбони сароб аст, ту худ медонӣ.
Зиндагонӣ чи қадар нашъаи ғафлат дорад,
Магар ин олами об аст, ту худ медонӣ.
Ҳоҷӣ бо қомати хам ҷойи дигар чун биравад?
Ҳалқаи ин дару боб аст, ту худ медонӣ.

* * *

Зи дарди бекасӣ, эй нола, то кай беасар резӣ,
Чи бошад, хун шавӣ, бар доман аз мижгони тар резӣ.
Бақои гулшани ҳастӣ надорад сарфа чандоне,
Ки ҳамчун ғунча, то лаб во кунӣ, хуни ҷигар резӣ…
Агар тоҷи сари фағфуру аз қайсар камар гирӣ,
Чу Ҷам рӯзе ба дасти Сом он теғу камар резӣ.
Зи ғафлатозмоиҳо нашуд роҳи касе равшан,
Шабошаб ҳамчу шабнам хез, то файзи саҳар резӣ.

На бар ҷоҳат сукуну музтариб аз фақр мегардӣ,
Чу симоб ин қадар бар ҳар куҷо бе пову сар резӣ.
Ҳанӯзат роҳи парвоз аст, кун тамҳиди озодӣ,
На он мурғӣ, ки дар қайди тааллуқ болу пар резӣ.
Нашуд дар пеши чашмат сарҳади роҳи фано равшан,
Ғуборат то ба санг ояд, ки ҳамроҳи шарар резӣ.
Зи зуҳду хушки зоҳид маъние ҳосил намегардад,
Магар бар ин ҳаюло сурату ранги дигар резӣ.
Макун, Ҳоҷӣ, таманнои висоли гулрухон ҳаргиз,
Мабод аз нола ҳамчун булбулон сӯзи ҷигар резӣ.

* * *

Ғуборам дар ҳавоят мекунад шавқи парафшонӣ,
Ки то молад ба хоки остонат лавҳи пешонӣ.
Назад боли тапиш ҳангоми ҷон кандан шаҳиди ман,
Кадомин теғи қотил рехт хунамро ба осонӣ?
Димоғи сарбаландӣ сифлагонро офат ангезад,
Ғубор аз осмон гарде надорад ҷуз парешонӣ.
Зи лаззатҳои дунё андаке қатъи таманно кун,
Намолӣ чун магас бар ҳамдигар даст аз пушаймонӣ.
Ҷаҳонеро димоғи ҳарзагӯйӣ мунфаил дорад.
Забони лоф кӯтаҳ кун зи ҳар чи карда натвонӣ.
Назокатҳои ҳуснат аз саводи хат ҳувайдо шуд,
Физояд нури маҳ, ҳар гаҳ фитад дар шоми зулмонӣ.
Агар хоҳӣ, ки нури дидаи аҳли назар бошӣ,
Чу шамъ аз хештан бигзар, шавӣ то шахси нуронӣ.
Зи кирдори ҳавоӣ ҳамчун шабнам об гардидам,
Чи мешуд, Ҳоҷӣ, оҳе мезадӣ чун субҳ пинҳонӣ.

* * *

Моҳам агар аз ниқоб рафтӣ,
Тоб аз рухи офтоб рафтӣ.
Дар кулбаи ман зи интизорӣ
Дер омадиву шитоб рафтӣ.

Дар дидаи ман чу мардумонӣ,
Бедору агар ба хоб рафтӣ.
Аз мастии чашми нимахобат
Ақл аз сари шайху шоб рафтӣ.
Гардад чу сароб хушку бе нам,
Гар ҳарфи лабам ба об рафтӣ.
Рӯ аз раҳи дигарон натобӣ
В-аз мо ҳама рӯйтоб рафтӣ.
Эй умри гиромӣ, аз пайи ӯ
Занҷир ба по, чу об рафтӣ.
Ҳоҷӣ, чу ҳилол бо қадди хам,
Рафтӣ, зи думи шабоб рафтӣ.

* * *

Эй зи зулфат ҳамаро рутбаи соҳибҷоҳӣ
В-эй зи меҳри ту расад хотами шоҳаншоҳӣ.
Ҳама дар қабзаи тақдири ту чун золи забун,
Зери девори қазоят Маҳу Меҳру моҳӣ.
Кист дар мулки ту барге бибарад аз шохе,
Панҷаашро надиҳад теғи адаб кӯтоҳӣ?
Шаҳсаворон ба дарат тавқи ғуломӣ доранд,
Моликулмулки ҳақиқӣ, ба ҳақиқат шоҳӣ.
Заррае нест, ки дар илми ту пӯшида бувад,
Бар замири ҳама кас ҳамчу алан огоҳӣ.
Кардам аз ваҳму хаёлат сухани нобе чанд,
Ҳама чун тори анокиб зи луоби доҳӣ.
Напазирӣ ба қабулам, нашавӣ ҳамроҳам,
Кӣ қабулам бинамояд, ки кунад ҳамроҳӣ?
Ҳуҷҷати афву қабуле бинамо девонам,
Гарчи бошад рақами Ҳоҷиву килки соҳӣ.

Таҳияи Хайрулло Табаров

АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ

ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ ВА ЭҶОДИЁТИ Ӯ[1]

Сухан дар гавҳарам мавҷест васфи лозими зотӣ,
Ки назмизодаам, маънинаҷотам, фитратэҷодам.
Ба тақлиду такаллуф кай тавон шуд ҳамзабони ман,
Ки шамъи маҳфили таҳқиқаму нур аст иншодам.

Зуфархон Ҷавҳарӣ яке аз намояндагони назми тоҷик мебошад, ки ҳаёт ва фаъолияти ӯ дар ду давраи таърихӣ – давраи феодалӣ ва сотсиалистӣ ҷараён ёфтааст. Ӯ дар нисфи аввали умри худ, ки дар замони тираи феодалӣ гузаштааст, илму адаби ҳамон даврараро аз худ мекунад, қоидаву қонунҳои назми тоҷикро бо тамоми ҷузъиёташ меомӯзад ва Инқилоби Октябрро ҳамчун шоири ҳақиқатнигор истиқбол менамояд. Дар ин бора худи ӯ гуфтааст:

Ман ба нерӯи пару боли ҳумои Октябр
Ворасидам ба ҳамин коргаҳи олишон.

Зуфархон Ҷавҳарӣ пеш аз инқилоб ҳам яке аз устодони забардасти назм буд, ки онро асосгузори адабиёти советии тоҷик С.Айнӣ ҳам қайд кардааст: «Аз шеърҳои Ҷавҳарӣ сарсарӣ гузаштан даркор нест. Мӯмиилайҳ шеърро бағоят устодона менигорад. Зотан Ҷавҳарӣ ба тарзи қадим аз устодони адаби ин давра аст».

Зуфархон Ҷавҳарӣ дар замони советӣ дар адабиёти сотсиалистӣ низ иштирок кардааст. Азбаски ӯ дар услуби қадим яке аз устодони адаб ба шумор мерафт, дар давраи советӣ зуд ба услуби нав гузашта натавонист. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ дар солҳои бистум шеърҳои худро оид ба мавзуъи ҳаёти нав

[1] Аз нашри З.Ҷавҳарӣ, «Асарҳои мунтахаб», Нашриёти давлатии Тоҷикистон, с. 1962, ихтисоран чоп мешавад.

ҳам бо услуби куҳна ба майдон меовард. Аммо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, чунон ки дар поёнтар таваққуф хоҳем кард, шоир услуби умумии адабиёти советиро меомӯзад ва бо ҳамин роҳ як қатор асарҳои муҳим эҷод менамояд.

Зуфархон Ҷавҳарӣ дар соли 1860 дар гузари Намозгоҳи шаҳри Ӯротеппа аз оилаи шоир Назмии Истаравшанӣ таваллуд ёфтааст. Пас аз ҳафтсолагӣ дар мактаби куҳна таҳсил карда, то даҳсолагиаш равшансаводӣ ҳосил намудааст. Сипас ба дарсхонӣ шурӯъ карда, дар зарфи ҳашт сол илмҳои забон ва ҳикматро дар ҳузури падари худ омӯхтааст. Баъд аз вафоти падар сафари Бухороро пеш мегирад ва дар мадрасаҳои ин шаҳри қадимаи тоҷик таҳсили илм мекунад. То сини 25-солагӣ забонҳои арабӣ, туркӣ, фалсафа, мантиқ, адабиёт ва дигар илмҳоро омӯхтааст. Баъд аз хатми мадраса ба зодгоҳи худ – шаҳри Ӯротеппа бармегардад ва то охири умр (16 феврали соли 1945) дар ҳамон ҷо зиндагонӣ мекунад.

Илму фазл ва маҳорати баланди суханварӣ Зуфархон Ҷавҳариро дар байни аҳли адаби муосири худ ҳанӯз пеш аз инқилоб маъруф карда буд. Дар ин бора муносибати дӯстонаи ӯ бо шоирону донишмандон ва мукотибае, ки шоир бо як қатор адибони замони худ кардааст, шаҳодат медиҳад. Дар асоси руқаоте, ки дар байни мероси адабии шоир ҳастанд, муқаррар шуд, ки ӯ бо адибони тоҷик ва ӯзбек Боқии Риштонӣ, Тамҳиди Самарқандӣ, Ҳашмати Бухорой, Абдуллохоҷаи Таҳсини Бухорой, Киромӣ (Карокатулло)-и Истаравшанӣ, Абдуҳафизи Зоминии мутахаллис ба Ҳофиз, Мӯҳйии Хӯқандӣ, Васлии Самарқандӣ, Фикрии Самарқандӣ, Ҳазмии Истаравшанӣ, маорифпарвар ва демократи ӯзбек Муҳаммадаминхоҷаи Муқимӣ ва дигарҳо алоқаи шахсӣ ва мукотиба доштааст. Дар тарҷумаи ҳоли Ҷавҳарӣ гуфта шудааст ва номаҳои манзуме, ки дар байни асарҳои ӯ ҳастанд, тасдиқ менамоянд, ки ӯ бо саромади маорифпарварон, шоир ва мутафаккири забардасти тоҷик Аҳмади Дониш, шоири тараққипарвар Тошхӯчаи Асирӣ ва дигарҳо равобити дӯстӣ ва рафтуомад доштааст. Ҷавҳарӣ дар ин хусус чунин менависад:

«Байни Тошхоҷаи Асирӣ ва Ҷавҳарӣ муошират чанде воқеъ аст. Он чӣ шуарои муосирини Ҷавҳарӣ, ки ба ҳар кадоми онҳо мусоҳибат воқеъ шудааст, бисёр мебошад. Баъзе

аз онҳо дар теъдод мераванд: ба Аҳмад Махдуми Калла дар Бухоро ба манзараи Калобод чанд маротиба дар ҳавлии худи Аҳмади Махдум низ суҳбатҳо намуда, дар Хуҷанд бо Асирии мазкур, ки шоири сухангӯ ва фозил буд, асароти бисёр дорад, аммо девони мураттаб аз ӯ намондааст. Дар бештар назму насраш муқаллиди Бедил аст. Таърихи вафоташ аз калимаи Ҷавҳарӣ «Баромад аз чароғи анҷуман дуд» таҳрир ёфта».

Ҷавҳарӣ бо устод С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ ҳам мукотиба дорад ва онҳо ба эҷодиёти ҳамдигар баҳои баланд додаанд.

Эҷодиёти Ҷавҳарӣ хеле барвақт – дар синни понздаҳсолагиаш сар шудааст. Чунон ки худи Ҷавҳарӣ дар тарҷумаи ҳолаш мегӯяд, аз айёми хурдӣ, яъне понздаҳсолагӣ ба хондан ва гуфтани ашъор аз ғазалиёти тоҷикӣ ва туркӣ ва арабӣ ва маснавиёти мутанаввиа ва рисоланависӣ ва тахмисот бар ғазалиёти Бедил, Соиб ва Ҳофизи Шерозӣ ва дигарҳо машғулӣ карда, анъанаҳои назми пуробуранги гузаштагонро бо камоли диққат омӯхтааст ва дар пайравии устодони назми тоҷик аввалин шеърҳои худро ба майдон овардааст. Аз ҳамин ҷост, ки дар ташаккул ва инкишофи эҷодиёти Ҷавҳарӣ осори адабии шоирони гузаштаи мо таъсири бузуг расондааст.

Хусусан таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил ба Ҷавҳарӣ калон аст. Аммо Ҷавҳарӣ ба мисли баъзе шоирон Бедилро кӯр-кӯрона пайравӣ накардааст. «Ҷавҳарӣ муқаллид (ба Бедил) аст, мегӯяд С.Айнӣ, – аммо дар тақлид он қадар сохтакорӣ ва такаллуф ба кор набурдааст. Бинобар ин аз ин тақлид ба фасоҳати табиии забон зарари куллӣ руй надодааст». Ӯ эҷодиёти Бедилро ҳаматарафа омӯхта, пеш аз ҳама ба мундариҷаи асарҳои ӯ пайравӣ намудааст. Аз ҳамин ҷост, ки ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмуни асарҳои тоинқилобии Ҷавҳарӣ тарзи баён ва оҳанги бедилӣ ҳис карда мешавад. Худи ҳамин аз муваффақияти эҷодии Ҷавҳарӣ ва Бедилро бо камоли маҳорат пайравӣ намудани ӯ шаҳодат медиҳад.

Зуфархон Ҷавҳарӣ қариб бо тамоми шаклҳои адабӣ асарҳои пурмазмун эҷод карда бошад ҳам, дар эҷодиёти тоинқилобии ӯ ғазал мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Ғазалиёти пешазинқилобии Ҷавҳарӣ асосан аз мавзӯъҳои ишқӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва аз ҳасби ҳол иборат аст. Дар маркази ин мавзӯъҳо ҳамеша ҳаёти одам ва ҳолатҳои гуно-

гуни рӯҳии он гузошта шудааст. Шоир ба ғаму қулфат ва ҳузуру ҳаловати ишқ, сахтии ҳаҷри маҳбуба ва ширинии висоли ёр, талхии зиндагӣ ва шаҳди ҳаёти оянда ғазалҳои бисёре гуфта, пеш аз ҳама ишқу муҳаббати поки инсонро тараннум кардааст.

Шоир ишқи ҳақиқиро ба муқобили ақидаҳои тасаввуфӣ мегузорад ва худро пайрави ишқу ҳаёт эълон мекунад:

Солики ишқам, насиҳат кам ку, эй воиз, ки нест,
То барӣ аз раҳ бад-ин афсонаву афсун маро.

Шоир касеро, ки вуҷудаш аз ишқу муҳаббат холӣ бошад, одам мнамешуморад ва ба чароғи хомӯш монанд мекунад.

Дами ҳарфи касе, к-аз ишқ нурафшон намебошад,
Чароғашро забони шӯъла хомӯш аст, пиндорӣ.

Ишқ дар ашъори Ҷавҳарӣ мафҳуми васеъ дорад ва ин пеш аз ҳама ишқи инсонист. Ҷавҳарӣ ба воситаи шеърҳои ишқӣ тамоми эҳсосоти дили худро ифода кардааст.

Дар ғазалҳои ошиқонаи Ҷавҳарӣ байтҳои ҷудогонае во мехӯранд, ки мундариҷаи иҷтимоӣ доранд ва эътирози шоирро аз воизон, зоҳидон, аҳли тариқат ва сӯфиёни мардумфиреб нишон медиҳанд. Чанд мисол меоварем:

Бо ҷоҳилон нашояд арзи сухан намудан,
Ҷои гуҳарфурӯшӣ бозори хар набошад.

Хаёли зар чунон саргарми савдо карда мумсикро,
К-аз ин оташ димоғаш деги дар ҷӯш аст, пиндорӣ.

Ба таҳқиқи каломи аҳли дил, зоҳид, чӣ мепечӣ,
Нагардад сирри мавҷи баҳр нақди ҷайби соҳилҳо.

Як қисми хурди ғазалиёти пешазинқилобии Зуфархон Ҷавҳариро лирикаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳамон ғояҳои ҳаётдӯстӣ, инсониятпарварӣ ва эътироз нисбат ба ҷоҳилон ва золимон, ки дар ашъори ишқии ӯ як дараҷа ифода ёфтаанд, дар ғазалҳои иҷтимоии шоир бо қувваи нисбатан зӯртар зуҳур кардаанд. Дар ашъори иҷтимоии Зуфархон Ҷавҳарӣ мавқеъи синфӣ, симои сиёсӣ ва муносибати шоир ба гурӯҳҳои ҷамъиятӣ хеле равшан намоён аст.

Дар асарҳои ӯ ғояҳои инсониятпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, рафоқат ва ҳамкорӣ, маорифпарварӣ, ҳамдардӣ нисбат ба зиндагонии вазнини меҳнаткашон ва шикоят аз номусоидӣ ва бетартибии ҳаёти феодалӣ мавқеъи муҳим ишғол менамоянд. Ёрӣ расондан ба мардуми ранҷбар ва хизмат кардан ба халқ, ки аз ҷумлаи фикрҳои олии Ҷавҳарӣ мебошад, дар ғазали зерин ҳартарафа акс ёфтааст:

То тавонӣ рохату ҷони дили ранҷур шав,
Захмҳои синаҳоро марҳами кофур шав.
Бар сияҳрӯзон ғами сомони хуршедӣ намой,
Шоми ҳиҷрони асиронро чароғи нур шав.
Бенавоёнро навобахшӣ кун аз лутфу карам,
Дастгири оҷизон бошу асои кӯр шав.
Ҷон ба ҷони мустамандони ҳазин пайванд соз,
Ҳар кӣ ӯ дарде надорад, аз васоқаш дур шав.
Дар руфӯи чоки дилҳо камтар аз сӯзан мабош,
Бахяандӯзи катони ошиқи маҳҷур шав.
Бошадат то чун насими субҳ осори нафас,
Дар кушоди ғунчаи дилҳои номасрур шав.
Саъйи худро Ҷавҳарӣ мағрури кори халқ дор,
Аз футувват дил ба даст ору зи ҳақ маъҷур шав!

Зуфархон Ҷавҳарӣ ҳамчун шоири инсонпарвар, ҳақиқатчӯ ва мунавварфикр ба ояндаи дурахшон боварӣ ва изҳори умедворӣ мекард. Вай ба ақидае меояд, ки «тирагии рӯзгор», яъне зулму ситам ба охир мерасад ва офтоби иқболи мардум тулӯъ менамояд.

Шоир ҳамин маъниро ба воситаи образҳои рамзӣ чунин баён кардааст:

Аннавид, эй дил, ки бӯи васли ёрам мерасад,
Булбули зорам, насими навбаҳорам мерасад.
Офтобе мекунад аз авҷи иқболам тулӯъ,
Вақти рафъи тирагии рӯзгорам мерасад.

Табаддулоти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию мадание, ки дар Тоҷикистон ба туфайли Инқилоби Октябр ба амал омада буданд, шоиронро водор менамуданд, ки дар эҷодиёти худ он ҳама дигаргуниҳои азимро инъикос кунонанд. Агар устод С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ моҳияти протсесҳои таърихиро чуқур

дарк карда, восифи инқилоб ва озодии меҳнаткашон гардида бошанд, Зуфархон Ҷавҳарӣ низ яке аз зиёиёни куҳнаи озодфикр буд, ки инқилобро тараннум мекард ва дар роҳи ташаккули адабиёти советии тоҷик ҳиссаи худро мегузошт.

Дар замони советӣ доираи мавзӯъи ашъори Ҷавҳарӣ вусъат ва мундариҷааш таъғийр ёфт, шоир аз сароидани ғазалҳои ишқӣ қариб тамоман даст кашид ва дар эҷодиёти ӯ шеъру достонҳои иҷтимоӣ сиёсӣ мавқеи асосӣ ишғол карданд.

Услуби адабии Ҷавҳарӣ низ тадриҷан тағйир меёфт. Агар ӯ пеш аз инқилоб муқаллиди Бедил бошад, дар шароити ҳаёти сотсиалистӣ аз ин услуб даст кашид ва дар забону тарзи баён содданависиро пеш гирифт. Образ ва воситаҳои тасвири бадеии ашъори ӯ оммафаҳм ва услубаш ба услуби умумии адабиёти советии тоҷик наздик шуд.

Дигаргуниҳои мавзӯъ, мундариҷа ва услуби асарҳои Ҷавҳарӣ, аз як тараф, ба тағйироти сохти мамлакати мо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба озодии сухан ва дар замони советӣ баланд шудани қадру қимат ва ролу мавқеи шоир вобаста аст. Дар ин хусус худи шоир дар муқаддимаи достони «Зафар» чунин мефармояд:

На ин даврест ҳамчу даври Маҳмуд
Ки шоирро барояд аз ҷигар дуд.
Сухан дар ин замон қадраш баланд аст,
Саманди бахти соҳибфан даванд аст.

Зуфархон Ҷавҳарӣ дар шеърҳои давраи советии худ озодии меҳнаткашон («Табрик», «Иди иқбол»), тағйир ёфтани симои кишвари азиз («Қасида дар васфи Тоҷикистон»), озодии занон («Барфикан аз сар ниқоби нописанди хешро»), маданияти нав, матбуоти сотсиалистӣ, мактабу маориф («Овози тоҷик», «Сайр дар анҷум», «Навбаҳори дониш») ва дигар муваффақиятҳои Тоҷикистонро, ки ба туфайли инқилоб ба вуҷуд омаданд, тасвир кардааст. Мавзӯъҳои мазкур дар назми солҳои 20-ум хеле муҳим буданд ва аз устод Айнӣ ва Лоҳутӣ сар карда, то Пайрав Сулаймонӣ, ки шоири ҷавон буд, ҳама дар ин бобат шеърҳои пурмазмун гуфтанд.

Яке аз хусусиятҳои назми солҳои бистум аз ҳамин иборат аст, ки бисёр шоирон барои нишон додани воқеияти советӣ ва ифодаи мазмуни нав аз шаклу воситаҳои куҳнаи тасвир

истифода мебурданд. Ҳамин хусусият дар ашъори Зуфархон Ҷавҳарӣ низ мушоҳида мешавад.

Масалан дар шеъри «Иди иқбол», ки ба муносибати ҷашни яксолагии рӯзномаи «Овози тоҷик» навишта шудааст, Зуфархон Ҷавҳарӣ жанри ғазалро барои баёни мундариҷаи нав истифода бурдааст. Шоир дар ин ғазал мардуми ранҷбарро ба озодии комил, торумор намудани душманони синфи ва мустаҳкам кардани ҳаёти сотсиалистӣ даъват месозад:

Асирони ҷафокаш, дар қафас будед як чанде,
Ба озодӣ дар ин гулшан занед акнун пару боле.
Биё, эй ранҷбар, вороставу барбод деҳ ғамро,
Ки хоҳӣ бехтан хоки ситамгарро ба ғирболе.
Шумо, эй омилони шӯравӣ, кӯшед дар коре,
К-аз он бар сафҳаи офоқ монад нақши тимсоле.
Ба доди додхоҳон ворасед аз марҳамат, яъне,
Фурӯд ored бар фарқи ситам аз адл кӯполе.

Ҳамин хусусият ба дигар шеърҳои Ҷавҳарӣ, аз он ҷумла ба «Навбаҳори дониш» (1927) низ хос аст. Шоир дар шеърҳои мазкур аҳволи вазнин ва беҳуқуқии меҳнаткашонро дар замони амирӣ хотирнишон карда, ҷавонон ва духторонро ба омӯхтани илму фан даъват менамояд.

Сӯи мактаб неҳ қадам, омӯз аз ҷон илму фан,
Ҷамъ кун сармоя з-ин ду, то шавӣ комилнисоб.
Вақти кор асту ҷавонӣ, ҳайф бошад танбалӣ,
То барӣ гӯй аз рафиқон, сӯи майдон кун шитоб.
Кор мекарданд собиқ ағниё бо симу зар,
Буд заҳматкаш зи нодорӣ ба аҳволи хароб.
Нон кунун дар равған аст имрӯз заҳматпешаро,
Дошт баҳри луқмаи чарбе агар дӣ изтироб.

Дигар шеърҳои Ҷавҳарӣ низ аз ҷиҳати мундариҷа бо ғазалҳое, ки намунааш зикр шуд, ҳамоҳанг мебошанд. Шоир дар роҳи ҷустуҷӯи шаклҳои нав кӯшиши зиёд накарда бошад ҳам, мазмуни ашъори ӯ ба масъалаҳое, ки дар солҳои устувор гардидани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон дар назди аҳли адаб меистоданд, ҷавоб медоданд.

Дар солҳои сиюм Зуфархон Ҷавҳарӣ, чунон ки худи ӯ дар муқаддимаи достони «Зафар» гуфтааст, бо сабаби заъфи пирӣ ва беморӣ аз меҳнати эҷодӣ худдорӣ мекунад.

Ҳангоме ки Германияи фашистӣ аҳдшиканон ба Ватани азизи мо ҳуҷум кард ва Ҷанги Бузурги Ватании халқи советӣ ба муқобили истилогарон сар шуд, шоири куҳансоли мо, Ҷавҳарии 81-сола аз нав ба кори эҷодӣ шурӯъ намуд ва шеъру достонҳои ватандӯстона ба майдон овард. Шеърҳое, ки Ҷавҳарӣ дар замони ҷанг эҷод кардааст, аз ҷиҳати забон ва тарзи баён соддаву оммафаҳм ва мазмунан баланд буда, ҳиссиёти ватандӯстонаи тамоми халқи советӣ ва нафрату ғазаби онро бар зидди душманони Ватани мо ифода менамоянд. Шоир хоҳ дар бораи кишвари азизи мо ва ҷавонони шуҷоатманди советӣ, хоҳ оид ба ҷашни Инқилоби Октябр ва корнамоии фарзандони тоҷик дар майдони ҳарбу зарб, хоҳ дар хусуси меҳнати мардуми ақибгоҳ ва ёрии онҳо ба ҷанговарон дар кадом мавзӯе, ки асар эҷод кунад, ҳамеша ягонагии халқу Ватан, қувваи безаволи он, ҳиссиёти ватандӯстонаи мардуми советӣ ва қаҳрамониҳои онро тараннум мекунад ва тамоми халқро ба қатъиян торумор намудани душманони ғаддор даъват менамояд. Бо тамоми дилу ҷон мудофиа кардани мамлакат ва несту нобуд намудани фашистон, ки ғояи асосии адабиёти советӣ дар замони ҷанг буд, бо ашъори Ҷавҳарӣ низ хос аст. Дар ин бобат шеърҳои «Эй ҷавонони советӣ, ҳама ғайрат ored!», «Ба ҷавонон», «Чу Тешабой ба майдони корзор шавед!», «Табрик» (Ба муносибати 25-солагии Армияи Советӣ), «Бахту давлат ба ҷавонмардони мо ёвар шавад!», «Танк месозем», ва дигарҳо шаҳодат медиҳанд.

Дар шеърҳои Ҷавҳарӣ на фақат муборизаи халқи советӣ ба муқобили душманон тасвир ёфтааст, балки ниятҳои ғоратгарони фашистон ва сардори онҳо Гитлери манҳус фош, танқид ва мазаммат шудааст. Дар замони ҷанг нависандагони мо Гитлерро аз ҷиҳати ғоратгарӣ, ваҳшоният ва хунрезияш ба манҳустарин ва золимтарин шахсони афсонавӣ ва таърихӣ монанд мекарданд. Чунончӣ С.Айнӣ ӯро «Заҳҳоки морон» , ва «Чингизи асри ХХ» номидааст. Зуфархон Ҷавҳарӣ низ дар шеъри «Ғулғули табрик» Гитлерро аз Заҳҳок, Ҳаҷҷоҷ, Чингиз, Ҳалоку барин золимон бадтар ҳисоб мекунад. Шоир ӯро душмани тамоми халқи ҷаҳон мешумо-

рад ва мардуми советиро ба ҳимояи Ватан ва зада торумор кардани фашистон даъват менамояд:

Занеду сар буред бенишон созед аз ин кишвар,
Фашистони сиярӯзу нахустрӯзгоронро.
Паи ҳифзи Ватан созед дафъи душманон яксар,
Ки нанмоянд помол он палидон ин диёронро.

Дар эҷодиёти Зуфархон Чавҳарӣ манзума ва достонҳо низ мавқеи муҳим доранд ва аз инкишофи эҷодию вусъати доираи назари ӯ шаҳодат медиҳанд. Дар замони советӣ навишта шудани асарҳои ҳаҷман калони Ҷавҳарӣ ва ғояи баланди онҳо садоқати шоирро ба сохти сотсиалистӣ ва нафрати ӯро нисбат ба гузаштаи феодалӣ ва душманони мамлакати мо ифода менамоянд. Манзумаи «Гузориши ҳоли Муқимии Фарғонӣ», достонҳои «Офтобхон», «Муҳаммадҷон» ва «Зафар», ки ҳар яке ба мавзуи муҳим бахшида шудааст, аз ҷиҳати мазмуни худ низ баланд буда, ба бисёр масъалаҳое, ки дар пеши нависандагон гузошта шуда буд, ҷавоби мусбат медиҳанд.

Зуфархон Ҷавҳарӣ ҳамчун шоире, ки дар ду давра – давраи феодалӣ ва сотсиалистӣ зиндагонӣ карда, шоҳиди бисёр воқеаҳои таърихӣ гардидааст, аз худ мероси зиёди адабӣ боқӣ гузоштааст. Қисми зиёди ашъори лирикии ӯ пеш аз инқилоби Октябр навишта шуда бошад ҳам, фақат якчанд ғазалҳояш дар баъзе баёзҳо дарҷ ёфтаанд. Худи шоир ҳам девон тартиб надода буд. Аз ҳамин ҷост, ки оммаи васеи хонандагон аз ашъори ӯ пурра воқиф набуданд.

Баъд аз Инқилоби Октябр шеърҳои Ҷавҳарӣ дар матбуоти советӣ – рӯзнома ва маҷаллаҳо чоп шудан мегиранд ва достонҳои ӯ «Офтобхон», «Муҳаммадҷон», ва «Зафар» васеъ интишор меёбанд.

Шубҳае нест, ки эҷодиёти Зуфархон Ҷавҳарӣ ба монанди осори бисёр устодони сухан дар роҳи тарбияи меҳнаткашон, алалхусус ҷавонон, хизмати босазо хохад кард…

А.Сайфуллоев

ҒАЗАЛИЁТИ
ЗУФАРХОН ҶАВҲАРӢ

Чароғи нур шав

То тавонӣ роҳати ҷони дили ранҷур шав,
Захмҳои синаҳоро марҳами кофур шав.
Бар сияҳрӯзон ғами сомони хуршедӣ намой,
Шоми ҳиҷрони асиронро чароғи нур шав.
Бенавоёнро навобахшӣ кун аз лутфу карам,
Дастгири оҷизон бошу асои кӯр шав.
Ҷон ба ҷони мустамандони ҳазин пайванд соз,
Ҳар кӣ ӯ дарде надорад аз васоқаш дур шав.
Дар руфӯи чоки дилҳо камтар аз сӯзан мабош,
Бахяандӯзӣ катони ошиқи маҳҷур шав.
Бошадат то чун насими субҳ осори нафас,
Дар кушоди ғунчаи дилҳои номасрур шав.
Саъйи худро, Ҷавҳарӣ, масруфи кори халқ дор,
Аз футувват дил ба даст ору зи ҳақ маъҷур шав.

Санои сухан

Набуд базми адам чун асарнавои сухан,
Расидаем дар ин маҳфил аз барои сухан.
Вуҷуди мост чу боис зуҳури ирфонро,
Ниҳода шуд пайи мо курсии бинои сухан.
Гузошт ойинаи хотире зи истеъдод,
Ба пеши тӯтии дил фитратозмои сухан.
Ба хеш қатраи мо чун муҳит меболад,
Зи файзи мавҷи гуҳарҳои бебаҳои сухан.
Ливои тантанаи мо зи меҳру моҳ гузашт,
Задем таблу алам то ки дар фазои сухан.
Нигорхонаи Чини хаёл шуд дили мо.
Зи нақши ҷилваи найранги дилрабои сухан.

Шикастаем намакдон ба захми ҷони ҳасуд,
Дамонда то лаби мо субҳи хандаҳои сухан.
Зи рози мову ту то анҷуман напардозанд,
Ба чашмаке нигаҳат мекунад адои сухан.
Ба ёди лаъли ту, эй ҳайкали латофати ноз,
Дилам ба хун тападу ҷон шавад фидои сухан.
Ҳаловати лаби нозукадои ҷононро
Нигар, ки шираи ҷон мечакад ба ҷои сухан.
Намеравад зи барам дур шоҳиди маънӣ,
Ҳино зи хуни ҷигар бастаам ба пои сухан.
Ҳадиси қиссаи зулфи кӣ дар миён омад?
Ки гашт силсилаҷунбони моҷарои сухан.
Табассуми саҳару хандаи гули хуршед
Шукуфаест зи гулзори дилкушои сухан.
Расад ба дасти симоъи нигор, то рӯзе
Ба хуни шавқ дилам парварад ҳинои сухан.
Бувад ҳамеша чу гул тар димоғи нашъаи файз,
Касе, ки мекашад ӯ ҷоми ғамзудои сухан
Ҳарими хотираш ойинахонаи асрор
Шуд он, ки гашт дилаш рамзошнои сухан.
Кай инқибоз пазирад зи кулфати айём,
Табиате, ки бувад басташ аз сафои сухан.
Кушой чашми басират, ки бар ту ҷилва кунад
Ҷамоли Юсуфи таҳқиқ аз қабои сухан.
Ба гунаи дигар омад зи ман таҷаммули фазл,
Ки тайласон шуда бар дӯши ман ридои сухан.
Чу мурғи хонагӣ дар банди обу дона мабош,
Паре кушой ба ақзои муддаои сухан.
Дам аз фусуни баён, муддаӣ, мазан, ки марост
Ба даст хомаи муъҷизнишон асои сухан.
Ба Нили мо наситезу ба хуни худ машитоб,
Ки ҳаст дар кафи мо теғи мавҷҳои сухан.
Намерасад ки занӣ захми нохуни дахле
Ба тори машқи расоён ту норасои сухан.

Ба молу ҷоҳ ту, эй сифлатабъ, хушдил бош,
Ки мо хушем бар ин суфра бо атои сухан.
Агар чи ҳарду гирифтор омадем, вале
Ту ошиқи зару ман гашта мубталои сухан.
Шикасти ранг начидӣ баҳорат аз ғами зар,
Тило шудӣ миси ту гар зи кимиёи сухан.
Насиб бод ба каргастабиатон дунё
Ки сӯи ҷифа надорад назар ҳумои сухан.
Сухан ҳақиқати ибдоъу рӯҳи эҷод аст.
Ки нест мояи халқи ҷаҳон сивои сухан.
Ғараз санои забонбахшу ҳикматомӯз аст
Ҳамон, ки мову ту гардем бо худои сухан.[1]
Чу ғунча лаб ба ҳам орем аз фузули калом,
Ниҳем муҳри сукуте ба интиҳои сухан.
Нафас кашем чу ойинадор шуд таҳқиқ,
Агар чи субҳ дамидем дар вилои сухан.

Зоҳиди савдозада

Зоҳид, ки ту савдозадаи ҳуру биҳиштӣ,
Бар нася шудӣ ғарра зи каф накда биҳиштӣ.
Аз кулфати айём нашуд хира дили мо,
З-омезиши зангор накард ойина зиштӣ.
Омодаи подоши баду неки амал бош,
Хирман накунӣ ҷинси дигар з-ончи ту киштӣ.
Эй хоҷа, ба ёд ор аз он ҷой ки бошад
Фарши ту кафи хокею болини ту хиште.
Бечорагии нафс камингоҳи фиреб аст,
Ҳозир шав аз ин гурба ба ҳар лаҳза ба пиште.
Эй маърифаторо шуда бе баҳраи таҳқиқ
Бигдоз аз он ҳарф, ки гуфтию навиштӣ.

[1] Худои сухан, яъне соҳиби сухан.

Куфри ту чун имон зи нифоқат шуда безор,
Эй радди ҳарам, то чи қадар нанги куништӣ,
Эй чархи сияҳрӯ, шиканад мағзали фикрат,
З-ин риштаи бахте, ки пайи Ҷавҳарӣ ришт̄ӣ.

Ханҷари мижгон

Мурдам аз ҳасрат, ки мебӯсад ҳино дасти туро,
Рӯсиёҳи сурма чашмони сияҳмасти туро.
Оламе озод мебинанд сарви қоматат,
Кист бошад ҷуз рикобат дида побасти туро?
Синачокон ҳар тараф баҳри фидо саф бастаанд,
Сафкашида ханҷари мижгони пайвасти туро.
Панҷаат чун панҷаи ҳурсоидат байзоъи нур,
Дастаи гул кай шавад монанд гулдасти туро?
Дурри ашку ҷавҳари ҷонро кунӣ то кай нисор?
Нест мепиндорад он раъно ҳама ҳасти туро.
Аз ду олам хоки кӯяш баргузидӣ, Ҷавҳарӣ,
Ҳиммат охир кард олӣ толеи пасти туро.

Дар ҳама озор макун

Фазли аҷдод ту пирояи пиндор макун,
Кафани куҳна ба худ ҷомаву дастор макун.
Эй гирифтори ҳамоқат зи фусуни авҳом
Риши гове матарошу ба сар афсор макун.
Нест ҷуз илм хати доираи иззу шараф,
Хешро дур аз ин хат мафикан, хор макун.
Шамъи иззи салафу фахри халаф гар нашавӣ,
Боре дар нисбаташон он чи бувад, ор макун.
Аз падар ирси ту илм асту дигар сафвати дил,
Ҳар чи ҷуз ин ду дар он роҳ марав, кор макун.
Бо табахтур махиром, ин қадар эй зодаи хок,
Ҳамчу товус ба худ мангару рафтор макун.

Халқро нисбати аъзои бадан гир ба ҳам,
Кирми дандон машаву дар ҳама озор макун.
Бар табақ рози касонро манеҳ аз ғаммозӣ,
Фитнаи ноимаро по зада бедор макун.
Шиква аз ёр бувад куфр дар ойини вафо,
Ҳар чи ояд ба ту, дам даркашу изҳор макун.
Манишин фориғу ойина ба сайқал бирасон,
Ҷавҳари фитрати худ хокаи зангор макун.
Гар на маввоҷи маонист замират аз файз,
Дил ба фикри сухан, эй Ҷавҳарӣ афгор макун.

Кист Маҷнуни ту, эй хонабарандоз, нашуд?

Бебасар он ки ба рӯи ту назарбоз нашуд,
Бехабар он ки ба ғамҳои ту дамсоз нашуд.
Беасар пардаи созе, ки навояш зи ту нест,
Бешуур он ки ба роҳи ту ҷунунтоз нашуд.
Бенасиб аз хирад он кас, ки ба ёдат ҳама тан
Ҷабҳаи саҷда нагардиду сарафроз нашуд.
Дур аз файзи ҳузур он ки дар ин дашти зуҳур,
Ба ҷунунбозии савдои ту мумтоз нашуд.
Доғ он дил, ки ба фикри гули найранги рухат
Хун нагардид ба сад рангу чамансоз нашуд.
Оҳ аз он ойина, к-ӯ маҳрами асрор нагашт,
Вой аз он парда, ки хилваткадаи роз нашуд.
Сияҳ он базм, ки шамъи тарабаш шавқи ту нест,
Адам он к-аз ту ба худ анҷумани ноз нашуд.
Чок он сина, ки аз ишқи ту набувад дар ҷӯш,
Хок он дида, ки бар орази ту боз нашуд.
Шӯхии Лайлии нози ту шавад ноқасавор,
Кист Маҷнуни ту, эй хонабарандоз, нашуд?
Шоҳиди ҳусни ту ҳар ҷо ки барандохт ниқоб,
Ҳайрат аз чашми кадом ойинапардоз нашуд?

То ҷамоли ту шуд ойинаи яктоии хеш,
Сад ҷаҳон ҷилва ба арз омаду анбоз нашуд.
Сӯхт дар сина дил аз шавқу вале ҳамчу сипанд
Аз адаб ҳамнафаси шуълаи овоз нашуд.
Ишқи ҷонсӯхтагон тоза кунад рафтани сар,
Хира шамъе, ки сараш сарфи дами гоз нашуд.
Қафаси тан шавад аз ҳиммати ӯ боли ҳавас,
Ҳайф он мурғ, ки саъяш пари парвоз нашуд.
Кас намебурд пай аз сӯзи дилам то зи нафас
Бӯи дуди ҷигари сӯхта ғаммоз нашуд.
Мавҷи фикрам ҳама шуд нохуни тадбир, вале
Гираҳ аз қатраи вобастаи ман боз нашуд.
Табъи ман бар сари ҳар дона назад боли ҳавас
Ин ҳуморо чӣ кунам? Ҳавсалаи оз нашуд.
Тоқати машраби мо нест тунуккзарфонро
Баҳр дар сарфаи ҳар шишаи эҷоз нашуд.
Ин табошири ту, ё шири мизоҷи тифлист?
Эй ки анҷоми туро фарқ зи оғоз нашуд.
З-он раги табъи дурушти ту мулоим нашавад,
Ки забончарбиям аз пиҳи дили қоз нашуд.
Ҷавҳарӣ, тарзи баёни ту зи ҷо бурд маро,
Кам зи ҷоду суханат нест, гар эъҷоз нашуд.

Меҷӯшем мо

Хоназоди ақлу фаҳму чокари ҳушем мо,
Аҳли донишро ғуломи ҳалқабардӯшем мо.
Гар сухан набвад чароғи маҷлиси ёдоварӣ,
Баъди хомӯшӣ зи хотирҳо фаромӯшем мо.
Баски аз фанни сухан бартар набошад санъате,
З-ин сабаб дар ин ҳунар пайваста мекӯшем мо.
Ҳар куҷо шуд шоҳиди маънии рангин ҷилвагар,
Сарбасар чун сод чашми ҳайратоғӯшем мо.

Андар он маҷлис ки дар гардиш бувад ҷоми сухан,
Софи маънӣ чун майи гулранг менӯшем мо.
Нашъае дар шоирӣ дорем беранҷи хумор,
Дар хуми ин фан ба ранги бода мечӯшем мо.
Назми мо аз нозирон хоҳад ҳамин инсофу бас
В-арна худ кай аз тамаъ занбилбардӯшем мо.
Ранги маънӣ, бӯи мазмун дар сухан гул кардаем,
Андар ин гулшан ба д-ин тасвир манқушем мо!
Ҷавҳарӣ, дил бе сурӯше нест дар ин базмгоҳ,
Гарчи худ чун акс дар ойина хомӯшем мо.

Мастона менависам

Дилро ба қайди мӯяш девона менависам,
Ҷонро ба шамъи рӯяш парвона менависам.
Ҳарфе, ки менамоям бо ёди лаълаш иншо,
Мастона хон, ки ман ҳам мастона менависам.
Асрори ишқро фош Мансурвор гӯям,
Фатвии қатли худро мардона менависам.
Аз ҷӯшаи сиришкам бар чеҳраи тилоӣ
Арзи ниёз бо он ҷонона менависам.
Ҳар ҷо рақибро ман бинам нишаста бо ӯ,
Деву фариштаро ҳам ҳамхона менависам.
Аз баҳри сайди дилҳо он зулфу холро ман
Ҳам дом мешуморам, ҳам дона менависам.
Гуфтам, ки беқарорам, гуфто: қарор хоҳӣ?
Як бӯса бо ту аз рух моҳона менависам.
Эй ақл, рав ки имшаб, дорам ба ёди васлаш
Базме, ки хешро ҳам бегона менависам.
Ҳар нуқта аз каломам, мармузи сад маонист,
Эй Ҷавҳарӣ, мапиндор, к-афсона менависам.

Суруши ишқ

Он кас, ки аз муҳаббат ӯро хабар набошад,
Дар пардаи навояш сози асар набошад.
Бар ҷоҳилон нашояд арзи сухан намудан,
Ҷои гуҳарфурӯшӣ бозори хар набошад.
Эй шуълаи таваҳҳум, гар сар кашӣ ба анҷум,
Дар арзи як табассум ин карру фар набошад.
Хуршед дар таҷаллист, гӯ, зарра парфишон бош,
Муфт аст маҳв будан, гар бебасар набошад.
Дар сози ҳар баму зер музмар сурӯши ишқ аст,
Хоҳад шунид розаш, гӯше, ки кар набошад.
Ҷинси каломат аз бас, эй Ҷавҳарист олӣ,
Ҳамсанги силки назмат иқди гуҳар набошад.

Дар тариқи вафо

Зи нури файзи ту, эй меҳри фазл мамнунам,
Зи шукри бирри ту аммо ба аҷз марҳунам.
Зи ҷӯши шавқи ту меболам ин қадар в-арна
На тардимоғи шаробам, на масти афюнам.
Кашидаанд зи ман ҳалқа бар дари ихлос,
Гар аз хамидани қад кардаанд чун нунам.
Маро ки завқи ҳавоят давои форуқист,
Газанди даҳр нахонад ба ҳеҷ афсунам.
Бад-ин фасурдадилон гулшани маро чи қиёс?
Ки ман ҳамешабаҳори ҷаҳони мазмунам.
Ба фаҳми сирри даҳонаш расидам охири кор,
Зи диққати назари фикри табъи мавзунам.
Ба ёди наргиси масти кӣ ҳамчу бода зи ҷом
Дамад зи дида ба сад кайф ашки гулгунам?
Зи чини ҷаъди суманбӯи тобдори касе
Гирифтаанд ба занҷир ҳамчу Маҷнунам,
Ба теғи ноз маро кушту хунбаҳо ин аст,

Ки чун ҳино ба кафи пои ӯ расад хунам.
Ба ҳаққи сояи зулфат, ки дар парешонӣ
Гузашт умр ба ҳаҷрат зи бахти вожунам.
Ҳузуру бехудию қабзу басту ҳузну сурур,
Ҳазор нашъа зи ман гул кунад, чӣ маъҷунам?
Чу мирам аз ғами он ёр дар тариқи вафо
Ба роҳи тавсани нозаш кунед мадфунам.
Ба ман хуш аст агар дӯст Ҷавҳарӣ, чӣ ғам аст
Зи ҳуққабозии айёму даври гардунам?

Нозанинсимои ман

Моҳи ман, гулчеҳраи ман, нозанинсимои ман,
Ҷилва кун то пар фишонад булбули шайдои ман.
Ламҳае дар олами имкон намегирам қарор,
Зарраваш дур аз ту, эй меҳри ҷаҳонорои ман.
Аз ғамат мурдам, Масеҳоиқтидори ман, биё,
Яъне лаъли худ ба ҳарф ору намо эҳёи ман.
Нағмасанҷи гулшани ишқи туам, к-аз шӯри шавқ
Ғулғуле афканда дар олам ҳазоровои ман.
Зулмати ҳаҷри ту рӯзамро сияҳ кард, алғиёс,
Эй ҷабини анварат ойинаи байзои ман!
Он биёбонгарди шавқам дар таманноят, ки нест
Ғайри доғи дил чу меҳри гармрав ҳамрои ман.
Маҳви ишқат гаштанам шуд дастгоҳи эътибор,
Бе нишони чидан омад шуҳрати анқои ман.
Аз хаёли оразат то хома шуд нақшофарин,
Сад чаман гул кард аз як домани иншои ман.
Лаълат аз бас дода ҷӯшам, ҳар кӣ ҳарфам гӯш кард,
То абад мастӣ намуд аз нашъаи саҳбои ман.
Дар ҳавоят ҳар чи нақду насяам барбод рафт,
Ҳамчу дӣ имрӯзи ман шуд дар ғами фардои ман.
Ёди дидорат чу хокамро саҳарпардоз кард,
Ҷавҳари ойина тӯфон мекунад аҷзои ман.

Нуҳ сипеҳрам зери паҳлу атласандозӣ кунад,
Гар шабе хоки сари кӯят шавад маъвои ман.
Хилвати дил аз хаёлат Юсуфистон дар бағал
В-аз ҷамолаат маҳви ҳайрат дидаи бинои ман.
Аз гиребони ҷунунам субҳи машҳар гулфурӯш,
Бе ту шӯри нафхи солис зоҳир аз ғавғои ман.

Чароғи лола гардидам

Сари кӯи ту гаштан ёдам омад, нола гардидам,
Шарар болид оҳам, маркази ҷаввола гардидам.
Шаб аз шавқи тамошои ҷамоли оразат яксар
Пари товус гул кардам, чароғи лола гардидам.
Ба даври моҳи рӯят ҷаъди мушкин ҳалқа зад, ман ҳам
Зи дил як доғи ҳасрат бар хаёлаш ҳола гардидам.
Чу дар кунҷи адам шавқи ту оташ зад қарорамро,
Дамидам аз лаби сӯзи дилу табхола гардидам.
Гар аз ман дил гирифтӣ, гоҳ бинвозам бад-он ёде,
Ки фориғ аз ғами он ёри чандинсола гардидам.
Ғубори нестӣ маҳмилкаши субҳи камолам шуд,
Саводи Ҳинд будам, сарҳади Банғола гардидам.
Бурудатҳои зоҳид, Ҷавҳарӣ, бин, к-аз дами сардаш
Гудозе доштам чун шабнами гул, жола гардидам.

Эй шӯхи бадмаст

Ҷунунпарвардаи ишқам, маҷӯ ойини фарҳангам,
Зи сомони адаб дурам, барӣ аз ному аз нангам.
Тилисми ҳайратам, ойинаи доғам, гули ашкам,
Зи сар то пой тимсоли дилам, ё Раб, чӣ найрангам?
Шукуфтан дар мизоҷам ғайри афсурдан намебошад,
Худовандо, магар ҷӯши хазони гулшани рангам?
Фусуни бенавоӣ бурд аз бас сурма дар корам,
Сурӯши нолаам, гум карда раҳ дар пардаи чангам.

Ба рафъи савт натвон гашт дамсозам дар ин маҳфил
Ба хомӯшӣ баро якчанд, то гардӣ ҳамоҳангам.
Шикасти ранги ман он чоки рифъатофарин гардад,
Бисоти нуҳ фалак ҳамчун саҳар хоҳад шуд аврангам.
Чунин к-ӯ лашкари анбӯҳи ишқаш хайма зад, гӯё
Фазои дашти имкон дар бағал дорад дили тангам.
Фиғон, эй шӯхи бадмасти фарангизодаи золим,
Ки аз дасти ту омад шишаи номус бар сангам.
Саропо фикрати хомам, асарпардози авҳомам,
Димоғи хушки зоҳид, Ҷавҳарӣ, ё олами бангам?

Маҳви қаламронии худем

Чун бехабар зи маънии нодонии худем,
Маҳви хаёли тарзи қаламронии худем.
Ҳосил накарда нусхаи ҷамъияти камол,
Шерозбанди дафтари инсонии худем.
Як нуқта аз вуҷуд наему ба чашми ваҳм
Ҷирми басити олами имконии худем.
Доми назар ниҳода чу товуси ин чаман
Яксар шикори дидаи ҳайронии худем.
Субҳ аз саводи нома дамондему то ҳанӯз
Мо тахтахони аҳди дабистонии худем.
Саргаштатар зи гардиши паргор зери чарх
Марказсавори даври парешонии худем.
Барҷаста буд мисраъи девони умр, ҳайф,
Мо сактабофи тӯли амалхонии худем.
Оҳ аз ҳуҷуми мастии ғафлат, ки аз ғурур
Фориғ зи фикри сархати пешонии худем.
Бе дасту по фитода ба гирдоби ваҳму занн,
Ғарқи худему заврақи тӯфонии худем.
Гарди қиёмат аст баланд аз нафас, вале
Ғофил зи ҳашри олами инсонии худем.
Токи ҳавои нафс фалаксост, то ки мо
Меъмори корхонаи вайронии худем.

Дасте назад ба домани шуҳрат ғубори мо,
Қофошёни арзи парафшонии худем.
Сар то қадам зи ҷӯши таҳайюр чу ойина
Кисваттирози сурати урёнии худем.
Пеши назар чу шиша гирифтем айби нос,
Ҷоме ба тоқмондаи нисёнии худем.
Берун намеравем зи тӯфони рамзи хеш,
Ошӯбгарди боди биёбонии худем.
Найсони чашми мо ки чунин ҷӯш мезанад,
Дар шустушӯи ҷомаи исёнии худем.
Шаш сӯ салои раҳмату мо, Ҷавҳарӣ, ҳанӯз,
Маъюси ҳоли бе сару сомонии худем.

Шӯхи боданӯши ман

Қадаҳ дар даст омад маст шӯхи боданӯши ман,
Ба истиқболи нозаш рафт аз сар ақлу ҳуши ман.
Ба ёди наргиси майгунаш аз бас нолаоҳангам,
Садо гул мекунад мастона аз сози хурӯши ман.
Чунон вомондаам дар зери бори фикри абрӯяш,
Ки бошад осмоне ҳамчу моҳи нав ба дӯши ман.
Зи бас аз сурма мижгони сиёҳаш дорад истиғно,
Садои нолае аз Тӯр меояд ба гӯши ман.
Ба ҷуз дар базми май рози дилам равшан намегардад,
Биё то қулқули мино кунад шаҳри сурӯши ман.
Зи файзи маънии ҷамияте дорам, ки во гаштан
Надорад, Ҷавҳарӣ, чун ғунча лабҳои хамӯши ман.

Субҳи тараб

Пур кун ба ҷоми бода ту ҷоми сафедро,
То дар сафои он нигарам моҳи идро.
Субҳи тараб дамид ба фитри висоли дӯст,
Аз каф мадеҳ ту фурсати айши ҳамидро.

Чун гул шукуфта дар бари ман мерасад нигор,
Табриксоз гашта сабоҳи ҷадидро.
Дил, муғтанам шумор ту имрӯзро, ки боз
З-ин сон расем ё на замони саидро.
Соқӣ, расон ба ҷавҳари кайфияте, ки ман
Натвонам имтиёз сиёҳу сафедро.
Даври қадаҳ зиёда намо, то зи сархушӣ
Созам баланд наъраи ҳалминмазидро.
Хуш он шабе, ки бо ту шавам масту бар фалак
Маҳ тай кунад масофаи сайрулбаридро.
Зоҳид, фусун махон, ки ба айши шаби висол
Надҳам ба сидра ман гули маҳтоби бедро.
Дидам чу ғайр пеши ту, дил аз барам зи рашк
Хонд ояи «ладайҳи рақибун анид»-ро.
Созам нисор, Ҷавҳарӣ, ҷонро ба қосиде,
К-аз мақдами нигор расонад навидро.

Ойинаро

Гар кунад бо васли дидораш қарин ойинаро,
Бар маҳу меҳр оварад нозофарин ойинаро.
Гашт рашки сунбулистон шона, то машшота зад
Рӯбарӯ бар он ду зулфи анбарин ойинаро.
Талъати ӯ мабдаъи нурест, гӯё кардааст
Хонаи хуршед аз акси ҷабин ойинаро.
То нагардад фитна чун бар ман ҷамолат бар ту низ,
Зинҳор эй нозани, камтар бубин ойинаро.
Рафтан аз хеш аст ҳамчун соя истиқболи дил
Дар зуҳури офтоби ёдаш ин ойинаро.
Фориғанд аҳли сафо аз райби асҳоби дувал
Эҳтиёҷи нақш набвад чун нигин ойинаро.
Ҳар чи ҳаст аз нуру зулмат, маҳви он осор бош,
Ҳайрат аст ин ҷо зи ҳар шакку яқин ойинаро.
Зери пояш дидаву дил дарфикандам, Ҷавҳарӣ,
Фарши роҳаш кардам охир бар замин ойинаро.

Таъсири нигоҳ

Чу он ойинасимо афканад аз рух ниқобашро,
Таҳайюр шабнами наззора гардад офтобашро.
Тамошо маҳви дидораш чаманпайкар буте дорам,
Бунафша банда фармон аст хатти мушкнобашро.
Дар он маъраз, ки арзи ҷилва фармояд ҷамоли ӯ,
Кунад ҳар заррае ойинадорӣ офтобашро.
Нигоҳаш сӯи наргис чун фитад, мадҳуш мегардад,
Чӣ таъсирест ё Раб, чашми масти нимхобашро?
Ба миръоте, ки акси орази ӯ ҷилваҳо дорад,
Тавон бинмуд аз рагҳои гул банди ниқобашро
Саҳар дарси лиқое булбули дил хост омӯзад,
Намудам аз варақҳои гули ҳайрат китобашро.
Чӣ хокам ин қадар, ё Раб, ки аз ҷӯши замингирӣ
Ғуборам дасткӯтоҳ аст домони рикобашро.
Ба риндон муҳтасиб з-инсон ки доим хашму кин дорад,
Худо хоҳад – Худо хоҳад, намудан эҳтисобашро.
Ба таҳқиқи назар дидам чу дарси нусхаи ҳастӣ,
Накардам ҷуз адам фаҳме усули фаслу бобашро.
Зи ман дӣ Ҷавҳарӣ пурсид гул сомони ҷамъият,
Лаби худ бастаму додам ба хомӯшӣ ҷавобашро.

Аз ёди лаби майгун

Дунпарастӣ то ба кай бошад зи табъи дун маро?
Эй уруҷи бахт, олитар кун аз гардун маро.
Ҷуз гирифторӣ надорад дастгоҳи илму фан,
Эй ҷунун, саъйе, к-аз ин дом оварӣ берун маро.
Метапам дар мавҷи хун, ё Раб, надонам, к-ин қадар
Тири дилсӯзи кӣ гардонид ғарқи хун маро?
Мекунад аз ашки ман ёқут касби обу ранг,
То ҷигар хун шуд зи ёди он лаби майгун маро.

Солики ишқам, насиҳат кам кун, эй воиз, ки нест
То барӣ аз раҳ ба д-ин афсонаву афсун маро.
Мисраъи сарви қаде шаб ёдам омад то саҳар,
Буд машқи нола дар тазмини он мавзун маро.
Уқдаи дил во кун, эй сарпанҷаи вазъи ниёз,
К-ин гираҳ накшояд аз тадбири Афлотун маро.
Ман, ки мафтуни сари зулфи нигорам, эй ҳаким,
Дарди сар кам каш, ки нофеъ нест афтемун маро.
Чун ниёзу ноз ҳамсанганд дар мизони ишқ,
Ҳар қадар ҳусни ту афзун аст, дард афзун маро.
Чун ту, эй хилватгузин, кай буд он маҳмилнишин
То ба саҳрои ҷунун ҳамтак шавад Маҷнун маро.
Ҷазбаи кӯяш зи бас бе ихтиёрам мебарад,
Баҳр тай гардад чу соҳил, кӯҳ чун ҳомун маро.
Хандаи гул савти булбулро диҳад ранги дигар,
Ҷилва кун, в-он гаҳ бубин, то шавқ гардад чун маро?
Эй тағофулпеша, бар ҳолам тараҳҳум карданист,
Ҷон ба лаб омад зи дарди дурият акнун маро.
Дар адабгоҳи ғуруру нози ҷонон, Ҷавҳарӣ,
Туҳфаҳо аз ачз дорад хотири маҳзун маро.

Хиромон омадӣ

Эй ки аз меҳру вафо нагсаста паймон, омадӣ,
Баста бар занҷири зулфат тори имон омадӣ!
Чун Масеҳо бар сарам гаштӣ баҳорафшони лутф,
Яъне бемори ғаматро баҳри дармон омадӣ.
Эй сурури сина, нури дидаву дил, марҳабо,
К-имшабам дар қолаби афсурда чун ҷон омадӣ.
Ҳамчу шамъам риштаи ҷон нест ҷуз тори нигоҳ,
То ту, эй рӯҳи тамошо, ҷилвасомон омадӣ.
Шеваи хулқи каримат буд, к-эй мискинавоз,
Бар сари ин зарра чун хуршеди тобон омадӣ.
Хок шуд рашки чаман аз хуни муштоқони ноз,
То ба сад олам адо як раҳ хиромон омадӣ.

Мавҷи гавҳар, ҷӯши ҷавҳар, шӯхии май кард гул,
Гарди роҳат маст, тамкин то ба ҷавлон омадӣ.
Ҷавҳарӣ, аз мақдамат гулчини умрам тоза шуд,
То ба хат чун Хизру бо лаб оби ҳайвон омадӣ.

Хуршеди тобон дар бағал

Эй хилвати андешаҳо аз ту гулистон дар бағал,
В-аз акси меҳрат синаҳо хуршеди тобон дар бағал.
Дар олами кавну макон ҳар дил, ки мебинам аён,
Доғи ту, ҷоно, лоласон дорад намоён дар бағал.
Дурҷи садаф омад агар, лабрез аз мавҷи гуҳар,
Аз гавҳари меҳрат нигар дил шуд маро кон дар бағал.
Ин нуҳ муҳити бекарон, в-ин қулзуми кавну макон,
Аз шӯри ишқат сад ҷаҳон доранд тӯфон дар бағал.
Дорам чу санг ин ҷо шарар аз сӯзи шавқат дар ҷигар,
В-аз шуълаи шамъи рухат ҳастам чароғон дар бағал.
Дар баҳри шавқат он қадар чун мавҷ варзидам ҷунун,
Ку қатраам печиду шуд чун дурри ғалтон дар бағал.
Бархез к-ин ҷо оламе истода ҳар сӯ мунтазир,
Баҳри нисори мақдамат дил дар кафу ҷон дар бағал.
Халқе дар ин дашти ҷунун доранд аз ёдат кунун,
Гул аз сиришк андар назар, субҳ аз гиребон дар бағал.
Ҳар ҷо ки абри файзи ту гардад тарашшуҳофарин,
Хоҳад шуд аз дарвезааш ҳар қатра уммон дар бағал.
Як раҳ чӣ бошад бингарӣ, аз лутф сӯи Ҷавҳарӣ,
То барнагардад аз дари уммед ҳирмон дар бағал.

Чистон дар бағал

Аз акси ёди рӯи он ранги гулистон дар бағал,
Чун хилвати ойина ҷон шуд Юсуфистон дар бағал.
Аз ҳар буни мӯям фиғон сад ранг бикшояд забон,
Дорад тани зорам ҳамон ҷӯши найистон дар бағал.

Ёди буте шуд то чунин аз ҷилва такророфарин,
З-ин ваҳдати касратгузин дил шуд дабистон дар бағал.
То тифли олам рӯзу шаб, бешир набвад хушклаб,
Чун доя чарх аз меҳру маҳ дорад ду пистон дар бағал.
Аз ихтилоти зоҳидон ях баста ҳар табъи равон,
Суҳбат аз ин афсурдагон дорад зимистон дар бағал.
Дидам ба таъмиқи назар чун назму насри Ҷавҳарӣ
Ҳар нуктаашро ёфтам сад ранг чистон дар бағал.

Ақлозмоиҳо

Гуле к-онро набошад рангу бӯи ошноиҳо,
Бувад рӯи ту, эй ҷӯши баҳори бевафоиҳо.
Дили нолон зи дарди ҳаҷр мусиқорро монад,
Най аз ман бишнавад акнун шикоёти ҷудоиҳо.
Тавофи Каъбаи кӯят намудам то мани бедил,
Фалак ҳар лаҳза дорад бар ғуборам ҷабҳасоиҳо.
Шудам аз ҳар чи дар олам бувад бегона, аз худ ҳам,
Хаёлат то ба дил афканд тарҳи ошноиҳо.
Чу аз панди ту тарки ишқи гулрӯён намесозам,
Чӣ ҳосил ин қадар, эй ҳарзагӯ, з-ин жожхоиҳо?
Нахоҳад кард чашмам имтиёзи ину он аз ҳам,
Чу дид он офтоби олами ақлозмоиҳо.
Саропо ҷилвагоҳи акси хуршеди ҷамолаш шуд,
Дили ман гашт то ойинаи соҳибсафоиҳо.
Фиреби аблаҳон хоҳӣ, ба ранги зоҳидон бояд,
Ки худро вонамоӣ дар либоси порсоиҳо.
Мабош, эй Ҷавҳарӣ, мағрури қилу қоли ашъорат,
Ки сомоне надорад ҳеҷ ғайри худнамоиҳо.

Баҳористони иқболам

Биё, эй қоматат гулдастаи гулзори омолам,
Рухи чун хулд рангинат баҳористони иқболам.

Чу дур афтод чашмам аз тамошои гули рӯят,
Ба ранги андалебони чаман пайваста менолам.
Тазаллум бо кӣ хоҳам кард аз бедоди ҳичронат,
Чу аз роҳи тараҳҳум худ напардозӣ ту бар ҳолам.
Бад-он уммед гаштам хок дар ҷавлонгаҳи нозат,
Ки ҳангоми хироми ноз то созӣ ту помолам.
Ба ёди остони Каъбаи кӯят тамошо кун,
Ки чун аз аҷз рӯи зарди худ бар хок мемолам.
Зи абрӯю қадат мадду алиф то дар назар дорам,
Паи таҳқиқи он майли хамидан кард чун долам.
Ман он шаҳбози қудратошёни фитратам, к-ин ҷо
Намебошад раҳоӣ сайди маъниро зи чанголам.
Дабири чарх бар табъи равонам офарин гӯяд,
Чу хонад, Ҷавҳарӣ, ин назми ширинтар зи салсолам.

Ифтихоре доштем

Ёд он фурсат, ки мо сомони коре доштем,
Созу барги ишрате дар базми ёре доштем.
Файзи суҳбат чун мудому лутфи соқӣ буд ом,
Ҷоми май дар даст бе ранҷи хуморе доштем.
Гардиши паймона то пайваста буд, аз хатти он
Дар назар давру тасалсул эътиборе доштем.
Домани васлаш зи каф то рафт аз сози фусӯс,
Панҷа бар ҳам судани барги чаноре доштем.
Дар тариқи ишқбозӣ ҳар чи мо, сатториён
Ному нанге дошт, дархурди қиморе доштем.
Аз хамӯшӣ нолаи мо ҳамчунон афсурда монд,
В-арна чун санге ба дил мушти шароре доштем.
Бенишонӣ чидаем имрӯз дур аз офтоб
В-арна мо ҳам дастгоҳи зарраворе доштем.
То нагардад домани табъе чу субҳ аз мо гарон,
Нақди ҳуше чун зари холисиёре доштем.

Хиҷлати мо буд арзи ташнагӣ пеши муҳит,
Баски чун абри қаноат обёрӣ доштем.
Гар тамошои ҳавас моро чаман моил накард,
Аз дили хунгашта хуш ранги баҳоре доштем.
Худгудозиҳо пурӣ минои моро буд бас,
Назди ҳар хум аз хамидан мо ки оре доштем.
Сайри гул кардему донистем хилватхонае,
Анҷуманободи имкон дар каноре доштем.
Дастгоҳи гулшан аз ахгар шудан эҷод кард
Мушти хошоке, ки назри шуълазоре доштем.
Ҷавҳарӣ, ибратсиришти мост беранги ғурур,
Сурма гардидему вазъи хоксорӣ доштем.
Арзи қудрат гашт сомони заифӣ чун ҳилол,
К-аз қади хам, пайкари тағошкоре доштем.
Ҷавҳарӣ хоки Бухор[1] акнун бисоти ғам ба мост,
Гарчи худ дар Истаравшан ифтихоре доштем.

Ишқ иксири мо

То ҷунун гардид домангири мо,
Рафт аз каф риштаи тадбири мо.
Баски ҳарфи ишқ иншо мекунем,
Ранги ҳайрат резад аз таҳрири мо.
Ҳиммате, к-эй шӯх, ҳангоми шикор
Зеби фитрокат шавад нахчири мо.
Шаҳсавори кишвари ачзем бас,
Хоксорӣ ҷавҳари шамшери мо.
Нест ислоҳи ҷунунпироягон,
Панди носеҳ кай кунад тадбири мо.
Оҳи мо бигзашт аз нуҳ осмон,
Офарин бодо ба шасти тири мо.

[1] Ин шеърро Ҷавҳарӣ дар айёми таҳсили худ дар Бухоро навиштааст.

Бохабар бош, эй аниси содадил,
Аз фиреби зоҳиди бепири мо.
Ку ҳарифе нохуни дахли баҷо
Оварад дар шеъри хуштақрири мо.
Ҷавҳарӣ, аз кимиё мо фориғем,
Чеҳраи мо зарру ишқ иксири мо.

Аз шиканҷи ҷаъди мушкин

Соқиё, деҳ он шароби нобро,
К-оварад дар рақс шайху шобро.
Ҷомро пур кун ки ишқи ҷонгудоз
Бурдааст аз ман тавону тобро.
Дар шаби васлат ба ҷаннат кай диҳам,
Сояи беду гули маҳтобро.
Тоқи абрӯи туам ояд ба ёд,
Ҳар куҷо бинам хами меҳробро.
Ҳар дам аз ҳаҷрат ба ҷонам мерасад
Он чи аз оташ расад симобро.
То шиканҷи ҷаъди мушкинат фиканд
Дар дилам сад гуна печу тобро.
Тоқатам шуд тоқу ҷонам ношикеб,
Дидаам гум кард расми хобро.
Булҳавасро медиҳӣ ҷуллоби васл,
Мечашонӣ заҳри ғам аҳбобро.
Дӯш дар базми ҳарифон з-ин намат
Мутрибе бар тор зад мизробро.
К-ит бигӯям достони золи чарх,
То шиноси хуб ин қаллобро.
Ҳар дам ин гурди аниди пуркуш
Афканад аз хашм сад Суҳробро.
Бо сафеҳон дар мақоми дӯстист,
Мунҳариф доим улул-албобро.

Бишнав аз ман як ду панди дилпазир,
Ҳалқа кун пас он дури ноёбро.
Аз макорим гар ҳуле мебоядат
Иқди худ кун ҷавҳари одобро.
Ҷавҳарӣ, хоки дари майхона бош,
Бар ту бошад то гузар асҳобро.

Адабиншоии мо

Субҳ чокест зи ҷайби дили савдоии мо,
Шом гарде зи таки бодияпаймоии мо.
Хоби ором бурунтоз шуд аз дидаи дил,
Пушти по зад чу муҳаббат ба таносоии мо.
Бар тани иффати мо сӯхт катони номус,
То маҳи ишқи ту зад шуъла ба расвоии мо.
Аз хамулӣ шуда овозаи мо оламгир,
Нестӣ Қофнишон гашт ба анқоии мо.
Юсуфистони ғаму дарди ту шуд козаи тан,
Анҷуман кард гул аз гӯшаи танҳоии мо.
Холи ҳайратзадагони ту чӣ ҳайрат орост,
Хона ойина шуду чашм тамошоии мо.
Доғи ту марҳами ороми дили сӯхтагон,
Шаби андӯҳи ту рӯзи тараборонии мо.
Рӯй бар хоки дарат мегузарад меҳри фалак
Ҳасратолуди суҷуде зи ҷабинсоии мо.
Нафас аз субҳ бароварда ба аҷзи тоқат,
Чарх чун хост шаб аз шавқи ту ҳампоии мо.
Ҷилва, ойина баҳор омаду лекин чӣ тавон?
Дида накшуд як оғӯш ба биноии мо.
Ишқ он ҷо ки зи мо вазъи ҷунун хоҳад, бод
Бехудӣ барқи фусуни адабиншоии мо.
Хома ангушти надомат шуду андеша газид,
Гашт то машқи сухан сархати раъноии мо.

Назаре сарфи тааммул нашуд аз мо, ки чӣ буд
Иллати ғой дар ин нашъа ба пайдоии мо?
Ҷавҳарӣ, арзи ҳунар он сӯи таҳқиқ фаност,
Мояи ҷаҳл бувад ҳосили доноии мо.

Дар базми сухан

Шаб, ки дар базми сухан табъам чаманафсона буд,
Панҷаи фикрам ба зулфи шӯхи маънӣ шона буд.
Шамъи шавқи дил зи найранги ҷамолаш барфурӯхт,
Ҷузв-ҷузвамро пари товусии парвона буд.
Шӯхии чашми сияҳмасташ чу меомад ба ёд,
Гардиши ранги маро кайфияти паймона буд.
Ҳайрат омад монеи завқи висол ойинаро,
Рафта будам ман зи худ, то дар барам ҷонона буд.
Ёд бод он дилнавозиҳо, ки аз роҳи вафо
Сози иқболи чаманпардози ин вайрона буд.
Ҳар чи ҷуз ишқи ту буд, аз сина охир рафт пок,
Ин ҳарам ваҳдатсаро шуд гарчи касратхона буд.
Баски аз шавқи ту тӯфони ҷунуне доштем,
Санги рам дар дурбоши хеш то бегона буд.
Устухонам суда шуд чун сурма дар ин осиё,
Даври санги нуҳ фалак гӯё бар ин як дона буд.
Дӣ ба тарки ишқ медод он ки пандам, Ҷавҳарӣ,
Дидам имрӯзаш к-аз ин ғам бехуду девона буд.

Лаъли сухангӯи ту

Субҳи баҳори тараб, ойинаи рӯи ту,
Сарви риёзи амал қомати дилҷӯи ту.
Мурғи дили маҳвашон волаи холу хатат,
Гардани ҷони бутон бастаи ҳар мӯи ту.

Гарди раҳи тавсанат ҷавҳари кӯҳли басар,
Ҷаннати мақсуди дил ҳаст сари кӯи ту.
Сабзаи пушти лабат нофаи дашти Хутан,
Сунбули боғи Ирам зулфи суманбӯи ту.
Гарчи шаҳидам намуд абруят аз теғи ноз,
Зиндагиям дод боз лаъли сухангӯи ту.
Аз чамани ҳусни ту ҷӯши сафо кард гул,
То зи арақ шуста шуд орази некӯи ту.
Эй маҳи авҷи камол, бин ки ба ранги ҳилол
Қоматам охир хамид аз ғами абрӯи ту
Дорад умеди карам аз ту аё муҳтарам,
Ҷавҳарии бенаво, яъне дуогӯи ту.

Холи ҳинду

Гар сабо дасте бар он ҷамъияти гесу занад,
Филмасал қалби ҷаҳоне барҳам аз як мӯ занад.
Шӯхи ман ҳар гаҳ саманди нозро ҷавлон диҳад,
Дуди оҳи бедилон бар Каҳкаҳшон паҳлӯ занад.
Гоҳ ханҷар, гаҳ хаданги ғамза турки чашми ӯ,
Бар дилу бар ҷонам аз мижгону аз абрӯ занад.
Дил зи шавқи ҳадду ҷон аз ёди сарви қадди ӯ,
Булбулосо чаҳ-чаҳу қумрисифат ку-ку занад.
Эй баҳори рангу бӯ, дар пеши зулфу оразат
Сунбулу гул чист худ, то дам зи рангу бӯ занад.
Сеҳр агар ин аст чашми ҳалқаи доми туро,
Чун дилам дар кори зулфат хешро оҳу занад.
Сад фусуни Сомирӣ ботил кунад аз як нигоҳ,
Наргиси фаттонат он дам к-аз пайи ҷоду занад.
Ҳар киро чун ман назар ба холи ҳиндуят фитод,
Гар ҳама Шиблист, худ дар хизмати ҳинду занад.
Гӯй он золим пушаймон шуд зи қатли Ҷавҳарӣ,
К-аз таассуф ҳар дам акнун даст бар зону занад.

Саҳар

Саҳар намуд гул ин маъниям зи бонги хурӯс,
Ки дида боз кун, эй доми хобро маҳбус!
Муқими анҷумани инкисор шав ҳама тан,
Навоз риштаи конуни хотири маъюс.
Нафас гудозу дил ойина созу ҷон дарбоз,
Фикан ба хоки дари кӯи дӯст тарҳи ҷулус.
Зи вазъи мурдадилон аст тира хотири даҳр,
Ки шамъи кушта ниҳад доғ дар дили фонус.
Хуш он замон ки маро буд, Ҷавҳарӣ, болиш
Ба бӯстони таҷарруд ҳамеша чун товус.

Матлаъи девони ноз

Ҳаббазо, товуси найранги баҳористони ноз,
Сарви гулзори малоҳат, навгули бӯстони ноз.
Гулшани ҳусни назокат, рангу бӯи муддао,
Шамси гардуни таҷаммул, шамсаи айвони ноз.
Аз ҳазорон дафтари ҳусн интихоб овардаам,
Байти абрӯе, ки омад матлаъи девони ноз.
Чун кунам арзи ниёзи дил ба пеши он ки ҳаст
Саф кашида гирди чашми ҳусни ӯ мижгони ноз.
Шавқи ман афзун, ниёзи ман ду боло мешавад,
Ҳар қадар то мекунад бар ман бувад имкони ноз.
Баст хуш ранги ҳино аз ҷӯши хуни Ҷавҳарӣ,
Бар кафи пои худ он зеби нигористони ноз.

Ҳакими замонаӣ

Эй он ки сархуши майу ҷому таронаӣ,
Масрури бонги чангу асири чағонаӣ.
Чун наварӯс ҷилвагаҳат ҳуҷлаи ғурур,
Сарпанҷаат ба гесуи омол шонае.

То кай чунин ба ҳастии мавҳум эътимод?
Чанд аз пайи давоии нафсат равонаӣ?
Бардор сар зи ғафлату огаҳ зи хеш бош,
К-ин ҷо ҳазор тири балоро нишонаӣ.
Теғи қазо зи гардиши чарх аст дар фасон,
Эй бехабар, ту масти фусуну фасонаӣ.
Найранги даҳр машъалаи аблаҳон бувад,
З-ин доҳа бугзарӣ, ту ҳакими замонаӣ.
Корат бувад бузургу зи дунҳимматӣ, вале
Чун мурғакон ту дар талаби обу донаӣ.
Ҳамсанги худ ҷавоҳири ин чорсӯ мадон,
Донӣ, ки дурри мунтахаби нуҳ хазонаӣ.
Даврон, сазад, ба номи ту хатми сухан кунад,
Эй Ҷавҳарӣ, аз он ки дар ин фан ягонаӣ.

Нигоҳи сурмагун

Чу ман аз худ сафар кардам ба ёди дидани рӯе,
Кунун ҳастӣ инонгирам куҷо гардад сари мӯе?
Тилисми ҳайратам, баҳри хаёлам, бодаи шавқам,
Ба миръоти вуҷудам ҷилваҳо дорад ғами рӯе.
Раги гул нолаи занҷир дорад гӯй ин гулшан,
Бувад ҷавлонгаҳи девонаи зулфи суманбӯе.
Нафас аз дуди оҳам ҷомаи эҳром мебандад,
Агар ояд ба ёдам азми тавфи каъбаи кӯе.
Рабуд аз як нигоҳи сурмагун нақди дилу ҳушам,
Нигори шӯхчашме, оламошӯбе, шарархӯе.
Бути Юсуфҷамоле, дилбари ойинатимсоле,
Чаманрухсорае, нозукадое, анбаринмӯе.
Намудам чун сабо то сайри гулзори ҷаҳон як сар,
Ба хубӣ чун ту манзурам нашуд як сарви дилҷӯе.
Чу ман бемори дарди ишқи он сарви чаманрангам,
Маро ҷуз шарбати васлаш набояд ҳеҷ доруе.

Куҷо зоҳид пайи таъни муҳаббатпешагон гаштӣ?
Машоми ҷонаш аз ин бӯстон меёфтӣ бӯе.
Агар сайри баҳори олами имкон ҳавас дорӣ,
Ба ранги ғунча дил хун кун ба савдои гули рӯе.
Туву гулгашти тарфи бӯстон, эй Ҷавҳарӣ, доим,
Ману рухсори зарду хоки гулзори сари кӯе.

Санг кӯҳ[1]

То ба сад шӯхӣ занад бар мо чу тифлон санг кӯҳ,
Аз бағал то домани худ карда сомон санг кӯҳ.
Гар шабе ҷонон кунад дар кӯҳ маъво, мекунад
Сар ба сар чун водии Айман чароғон санг кӯҳ.
То шавад чанде паноҳи хонабардӯшони ишқ,
Ҳар тараф бинҳода баҳри тоқу айвон санг кӯҳ.
Файзи суҳбат бин, ки охир лаъл шуд, чун муддате
Дар муқобил дошт бо хуршеди тобон санг кӯҳ.
Қадри ҷинси худ ҳамехоҳад фузун синфе, ки ҳаст,
Мекунад ҳампаллаи гавҳар ба мизон санг кӯҳ.
Чарх наййир, абр найсон, кон зару дарё гуҳар
Кардааст омода яксар баҳри инсон санг кӯҳ.
Раҳраверо бе машаққат кай расад сози тариқ?
Як қалам чида-ст бар роҳи ғизолон санг кӯҳ.
Об мегаштӣ зи дарди нолаи Фарҳоди ман,
Гар намебудӣ туро дил хораву ҷон санг кӯҳ.
Чанд бо ҷамъияти аҷзои худ нозида гир,
Мекунандат чун ҳабо рӯзе парешон санг кӯҳ.
Ин тилисми қудрат аст, осон гузар натвон намуд,
Як сар осор аст, эй бинанда, як сон санг кӯҳ.

[1] Ин шеърро ба илтимоси Ҳашмати бухороӣ ба татаббуъи Мирсаид Роқими Самарқандӣ:

«Карда дар доман зи бадмастӣ муҳайё санг кӯҳ
То занад бар шишаву паймонаи мо санг кӯҳ» - навишта шуд.

Ҳамчу модар оламеро филмасал мепарварад,
Чашмаҳо дорад равон чун шири пистон санг кӯҳ.
Дорад аз ҳар нармию сахтӣ, ки меояд ба кор,
Гул ба як ҷо хирману як сӯ фаровон санг кӯҳ.
Ҷинси навъеро ки мехоҳад муҳайё кардааст,
Яъне дорад он қадар ашё, ки чандон санг кӯҳ.
Мекунад зоҳир ба ранге, гоҳ теғу гаҳ камар,
Гаҳ амуду гоҳ хӯду гоҳ қалқон санг кӯҳ.
Бо салобатдастгоҳон зинати дигар чӣ кор?
Карда ин ҷо тукмаи гӯи гиребон санг кӯҳ.
Дасти нуқсе кай расад бар домани ҷамъиятат,
Гар парокандат ба сад дашту биёбон санг кӯҳ.
Зоҳиди бемағзи сар дарди сари риндон бувад,
Кардааст ин дардро омода дармон санг кӯҳ.
Дар қаноат аз барои ибрати аҳли назар
Бар шикам баста-ст чу соҳибкамолон санг кӯҳ.
Осмон аз барфи нав бурди ямонипӯш кард,
Аҷри он сабре, ки чанде дошт урён санг кӯҳ.
Вақти шиддат аз каримон ҳам кунад имсок гул,
Дидаи косон диҳад гоҳи зимистон санг кӯҳ.
Аз хиҷолат об гарду сар макаш, эй сахтрӯй,
К-аз ту оварданд сӯи дурри дандон санг кӯҳ.
Имтисоли амри Ҳашматро ба машқи ин ғазал
Ҷавҳарӣ овард, пиндорӣ, ба майдон санг кӯҳ.

Мусаффо санг кӯҳ

Кард густохона то ҳамҷашми Мӯсо санг кӯҳ,
Дид ахкар гашта аз баркҳ саропо санг кӯҳ.
Нашъа меболад саросар аз ҳавои кӯҳсар,
То муҳайё кардааст аз баҳри мино санг кӯҳ.
Мерасад баҳри тамошо нозанинсимои ман,
Сарбасар мебоядат кардан муҷалло санг кӯҳ.

Пеши нозукдил ба ҳарфи номулоим дармаё,
К-озмудан кай тавонад шишаро бо санг кӯҳ?
Муддао аз олами имкон ба ҷуз инсон набуд,
Баҳр агар дарё кашиду кард пайдо санг кӯҳ.
Аз бузургон ғарра натвон шуд ба рифъат ёфтан,
З-он ки аз фарқ афканад то қаъри дарё санг кӯҳ.
Эҳтиёҷи ганҷи пинҳон гар надорад, аз чӣ рӯ
Чун рабаз бар худ бароварда-ст ҳар ҷо санг кӯҳ.
Гар шараф дорӣ, ҳавас як ҷо иқоматпеша бош,
Бин, ки аз тамкин чӣ сон баста-ст бар по санг кӯҳ?
Эй назаросори раҳмат, бин, ки дорад ҳар тараф
Сад чаман аз лолаву райҳону гул то санг кӯҳ.
Ҷилвагоҳи сайри нози кист? К-ин ҷо гаштааст
Хора ховар, хок ҷавҳар, ҷирм байзо, санг кӯҳ.
Ҳар куҷо тарҳи асоси якдилӣ бунёди ӯст,
Аз ҳарими Каъба дорад то калисо санг кӯҳ.
Ҷавҳарӣ, аз гиря мекун лавҳи дилро шустушӯй,
К-аз сиришки абр месозад мусаффо санг кӯҳ.

Чун чашми бутон сухантирозам

Дар фикраму лек бениёзам,
Афтода ба хоку сарфарозам.
Жӯлидамисолу дар ҳузурам,
Девонааму ҳарифи розам.
Сармастаму ҳушёрмаънӣ,
Маҷнунсифату хираднавозам.
Чун сурмаи безабон хамӯшам,
Чун чашми бутон сухантирозам.
Симои суҷуду ҷабҳаи аҷз,
Яъне ки ҳақиқати ниёзам.
Тақлиди ман аст рамзи таҳқиқ,
Гул карда ҳақиқат аз маҷозам.

Ҳам рангшикастаам чу Маҳмуд
Ҳам гулшани ноз чун Аёзам.
Равшан шуда базми ишқ аз ман,
Азбаски чу шамъ дар гудозам.
Паҳлу задаам ба ёдаш аз хеш,
Холӣ шуда ин бувад намозам.
Лаб баста беҳ аз ҳадиси асрор,
Эй Ҷавҳарӣ, чун на ман маҷозам.

Навбаҳорам мерасад

Аннавид, эй дил, ки бӯи васли ёрам мерасад,
Булбули зорам, насими навбаҳорам мерасад.
Он ки оғӯшам ба ёдаш осмонхамёза буд,
Ҷом чун хуршед бар каф дар канорам мерасад.
Офтобе мекунад аз авҷи иқболам тулӯъ,
Вақти рафъи тирагии рӯзгорам мерасад.
Сархушӣ гул мекунад садранг аз симои ман
Тардимоғиҳо ба сар вақти хуморам мерасад.
Он ки ҷонам ношикебо буд аз дидори ӯ,
Ин дам он ороми ҷони беқарорам мерасад.
Он ки бар шаҳди висолаш дил басе ноком буд,
Ин дам он коми дили умедворам мерасад.
Мешавад ширин мазоқи ҷони заҳрошоми ман,
Тӯтии хушлаҳҷаи шаккарнисорам мерасад.
Медамад аз нақши пояш гулшани айшу тараб,
Сарви мавзунҷилваи гулгунузорам мерасад.
Ҷои он дорад, ки бар фирдавс нозад хоки ман,
К-он баҳори рангубӯҳо бар мазорам мерасад.
Шарт шуд дар нарди васлаш чун ниҳодан нақди ҷон,
Фурсати гул кардани нақши қиморам мерасад.
Ҷавҳарӣ, меоям аз гулгашти кӯи ӯ зи бас,
Сад Хутан накҳат ҷилавдори ғуборам мерасад.

Ойина чид ин ҷо

Магар акси ҷамоли ҷилванайранги ту дид ин ҷо?
Ки ҳайрат гул ба девору ба дар ойина чид ин ҷо.
Тапид, эй гул, дилам дар сина аз дарди ту чандоне,
Ки охир қатраи хун гашту аз чашмам чакид ин ҷо.
Фусуни бенавоӣ бурд аз бас сурма дар корам,
Шикасти шишаам аз бенавоӣ сар кашид ин ҷо.
Табассумофарин шуд ғунчасон то лаъли хомӯшат,
Шафақ дар хун тапиду субҳ пероҳан дарид ин ҷо.
Ниҳоли қоматат то интисоборои гулшан шуд,
Зи хиҷлат бар лаби ҷӯ сарв рахти худ кашид ин ҷо.
Ба ранги қадди мо, эй қиблаи ушшоқ, рухсорат
Маҳи нав бар фалак аз фикри абруят хамид ин ҷо.
Таҷаллӣ кард то ҳусни ҷамоли оламороят,
Ба ранги зарра шуд хуршеди имкон нопадид ин ҷо.
Зи гулзори қабулат Ҷавҳариро ворасон бӯе,
Ки шуд чашми умедаш чун гули наргис сафед ин ҷо,

Оҳанги ман ин аст

Бисмилтапиши шавқаму оҳанги ман ин аст,
Тори нафасу қомати хам – чанги ман ин аст.
Гаҳ лолаю гаҳ доғи дилам, гаҳ пари товус,
Яъне ки ба савдои ту найранги ман ин аст.
Ман дурию наздикии манзил нашиносам,
Аз худ шудаам, ҷодаву фарсанги ман ин аст.
Ҳайрат бувад ойина сару баргу баҳораш,
Ман маҳви тамошои туам, ранги ман ин аст.
Субҳе агар аз ҷайби ҷунунам накунад гул,
Дар ишқи ту номуси ману нанги ман ин аст.
Софии дил аз ҷӯши тааллуқ ба қадар зад,
Гуфто ки ман ойинааму занги ман ин аст.
Ку Қайсниҳоде ба биёбони муҳаббат,
То гӯямаш, эй Ҷавҳарӣ, ҳамсанги ман ин аст.

Зи авҷи ноз

Ба меъроҷи фано к-аз пояи факр аст роҳ он ҷо,
Сар аз тарки ҳавои сарварӣ дорад кулоҳ он ҷо.
Ману кунҷи хароботи муғон аз олами имкон,
Ки дунё пеши мастонаш наярзад барги коҳ он ҷо
Бинозам улфати соғаркашони базми ваҳдатро,
Ки худро бар гадо фазле набинад подшоҳ он ҷо.
Таҷаллӣ нест хоси Тӯр ҳар ҷо шавқ пайдо шуд,
Чароғи нахли Айман гул кунад аз ҳар гиёҳ он ҷо.
Зи авҷи ноз хуршеди ҷамолаш ҳар куҷо тобад,
Даруни ошён сӯзад пару боли нигоҳ он ҷо.
Шаҳи фикрам, ки ҳар ҷо мезанам тахти замингирӣ,
Зи бахти тира бар сар мекашам чатри сиёҳ он ҷо.
Дуӣ чун куфри мутлақ дар тариқат буд соликро,
Паси девори мастӣ бурдам аз ҳастӣ паноҳ он ҷо.
Пайи татҳири мо он ҷо ки тӯфон мекунад раҳмат,
Ба арзи бегуноҳӣ пеш рафтан шуд гуноҳ он ҷо.
Зи бас тасхири кӯҳи дарду ҳомуни ҷунун кардам,
Фазо то қулла дорам пойтахту такягоҳ он ҷо.
Ба Қофи нестӣ ҷо гир, то олинишон гардӣ,
Ки анқо аз ҳамулиҳост шуҳратдастгоҳ он ҷо.
Ба тӯфони фано деҳ қатра, то ҷузви ту кул гардад,
Ҳубоби ваҳм бишкан, баҳр шав, бе иштибоҳ он ҷо.
Гирифтӣ, Ҷавҳарӣ, роҳи талаб, лекин мабош эмин,
Ки аз ьар мӯй дому зери ҳар гомест чоҳ он ҷо.

Ҷунуни шавқ

Ба миръоте ки тимсоли ту дорад ҷилвагоҳ он ҷо,
Бувад беҳ аз ҳазорон матлаъи хуршеду моҳ он ҷо.
Зи ушшоқи ту ҳар ҷо кард гул нақши кафи пое,
Фалакро шуд матофу меҳру маҳро бӯсагоҳ он ҷо.
Ба ёдат қатрае, к-аз чашми муштоқон ба хок афтад,
Гули меҳру вафо сар мезанад ҷои гиёҳ он ҷо.

Дили саргаштаи ман баст эҳроми сари кӯят,
Магар ӯро намояд ҷазбаи шавқи ту роҳ он ҷо.
Ба хилватхонаи дидорат аз ҷон равзане дорам,
К-аз он пайваста месозам ба чашми дил нигоҳ он ҷо.
Дар он маъраз, ки ҳусн аз имтиҳон барқофарин гардад,
Набошад гар ниқоби ҷилва зулфи ёр, оҳ он ҷо.
Тапидан дар шаҳодатномаи нозаш адаб набвад,
Магар моро ҷунуни шавқ гардад узрхоҳ он ҷо.
Паи таҳқиқи дарси бехудӣ рафтам ба майхона,
Зи хатти мавҷи саҳбо гашт рафъи иштибоҳ он ҷо.
Дар он водӣ, ки аз худ дил раҳоӣ мекунад ҳосил,
Маҳи Канъони мо хоҳад бурун омад зи чоҳ он ҷо.
Ҳазар, эй дил, зи оҳи оташандӯзи саҳаргоҳӣ,
Ки гар тозад, занад бар қалби сад олам сипоҳ он ҷо.
Ғами савдои фардо маҳв кун, эй Ҷавҳарӣ, аз дил,
Ки набвад мустаҳиққи фазл ҷуз аҳли гуноҳ он ҷо.

Дилороме чанд

Дӯш ақлу хирадам бурд дилороме чанд,
Зад раҳи дину дилам фитнаи айёме чанд.
Ҳамчу шохи гули тар ҷилвакунон, рақскунон,
Гоҳ хам гаштаву гаҳ рост гуландоме чанд.
Ман аз он базми тараб маҳв чу ойина зи шавқ,
Ҳайратам бурда зи худ дуртарак гоме чанд.
Зада чашмак ба ҳам аз сӯзи димоғам, гуфтанд:
Инак аз нахлаи мо гир ту бодоме чанд.
Хонабардӯш намуданд маро чун Маҷнун,
Шӯхи бунёдбарандози дару боме чанд.
Шаб, ки лабташна ба майхона шудам, соқии дайр
Дод аз лутф паёпай қадаҳу ҷоме чанд.
Номаҳо сӯи ту аз хуни ҷигар бинвиштам,
Лек нанвохтиям ҳеҷ ба пайғоме чанд.

Чи қадар дур зи шарманд рақибони дарат,
Хонапардоз аз ин соҳиби иброме чанд.
Бар сари кӯи ту ҳастанд асирон, чи шавад
Назаре гар фиканӣ ҷониби нокоме чанд?
Сабзу хуррам нашавад боғи ту бо фасли баҳор
Абри чашми ту наёрад саҳару шоме чанд.
Неку бад рафт аз ин махфилу дар ҳар сифате
Монд бар сафҳаи офоқ ҳамин номе чанд.
Бе муҳаббат нашавад кори касе ҳеҷ тамом,
Гардам аз ишқ, ки шуд пухтагари хоме чанд.
Ҷавҳарӣ, ҷом ба каф гиру риёкор мабош,
Накашӣ сабҳа чу он донаю он доме чанд.

Пиндорӣ

Дар ин маҳфил, ки созаш пардаи ҳуш аст, пиндорӣ,
Сару барги навояш пунбаи гӯш аст, пиндорӣ.
Назарҳо боз, аммо ку нигоҳи ибрате ин ҷо?
Ҷаҳон як чашми маҳви хоби харгӯш аст, пиндорӣ.
Тилисми ваҳм, яъне ин тамошохонаи ҳастӣ
Ба ранги чодари найранг манқуш аст, пиндорӣ.
Мадеҳ домони ҳол аз каф, ки ёди фурсати мозӣ
Хаёли сурати хоби фаромӯш аст, пиндорӣ.
Зи иброми тараддуд ҳирсаш ороме намебахшад,
Дар ин сӯрохи дунё хоҷаро мӯш аст, пиндорӣ.
Хаёли зар чунон саргарми савдо карда мумсикро,
К-аз ин оташ димоғаш деги дар ҷӯш аст, пиндорӣ.
Бувад дил дар паноҳи дарду ғам аз офат эминтар,
Ки, ин ойина аз кулфат намадпӯш аст, пиндорӣ.
Бувад ҷамъияти дил орифонро дар парешонӣ,
Ки баҳр аз мавҷҳо гавҳар дар оғӯш аст, пиндорӣ.
Ба ҳусни аҳду сидқи холи он соҳибвафо нозам,
Ки ҳар неши ҷафояш хуштар аз нӯш аст, пиндорӣ.

Дами ҳарфи касе к-аз ишқ нурафшон намебошад,
Чароғашро забони шуъла хомӯш аст, пиндорӣ.
Чӣ оташ Ҷавҳарӣ дар сина дорад ин, ки оҳашро
Либосе аз шарар чун барқ бар дӯш аст, пиндорӣ.

Ойинапардозам

Баҳори ҳайратам, дигар мапурс анҷому оғозам,
Ба ёди ҷилвааш сар то қадам ойинапардозам.
Нафас дар сурма хобид аз нигоҳаш, лек ҳайронам,
Ки чун дар гӯши фитрат равғани гул рехт овозам.
Ба ҷавлонгоҳи нозаш хуфтаам чун нақши по умре,
Ки то бар ман саманде ронаду созад сарафрозам.
Тапишоҳанги эҷодам, маҷӯ вазъи қарор аз ман,
Сипанди маҷмари шавқам, ҷунуни бехудӣ созам.
Чаман гул кард ҳуснаш, ранги ман то заъфаронӣ шуд,
Ниёзам диду нозаш шуд ду боло, ишқро нозам.
Намедонам чӣ найранг аст осори муҳаббатро?
Ки чун гул ёр механдад, чу ман бо гиря месозам.
Ниҳон мехостам дарди дил, аммо чун тавон кардан?
Ки оҳи шуълабору ашки гулгун гашт ғаммозам.
Чунин к-озурда аз таънам кунӣ, зоҳид, наметарсӣ,
Ки аз оҳе шарар дар козаи имонат андозам.
Чу шамъи кушта доғам кард дар ин маҳфили ибрат,
Нафас дуздидани ҳамнолаҳои пардаи розам.
Нишоне бар ман аз сарманзили анқо нашуд пайдо,
Фиғон аз дарди яъсу норасоиҳои парвозам.
Ҳанӯз аз олами худ барнамеоям, чӣ сайр аст ин?
Бувад ҳарчанд аз нуҳ арса бурунтар таку тозам.
Агар чанде фақирам, Ҷавҳарӣ, аммо биҳамдуллаҳ,
Ки маънӣ дорад аз абнои ҷинси хеш мумтозам.

Шавқи бероми мо

Эй висолат ҳосили коми дили нокоми мо,
Завқи дидори ту дорад шавқи бероми мо.
Азми тавфи каъбаи кӯи ту, эй маҳ, кардаем,
Аз катони субҳ бояд ҷомаи эҳроми мо.
Сози рафтанҳои мо имои чашмакҳои ӯст,
Болу парвози нафас омадшуди пайғоми мо.
Меҳри рӯяш аз саводи ҳалқаи зулфаш чу ёфт
Маҳв шуд осори куфру партави исломи мо.
Аз ҳазор ойина манзури назар тимсоли ӯст,
Ҷилваи ваҳдатдароғӯш аст базми оми мо.
Кай дар оби Хизр лаб тар мекунад чун офтоб,
Он ки шуд сармасти кайфият, равад дар ҷоми мо.
То нагардад воқифи асрори муштоқон касе,
Мерасад дар пардаи боли сабо пайғоми мо.
Шаб хаёли ҷилванайранге намуд ин ҷо гузар,
Гашт ҳайратхонаи ойина зери боми мо.
Аз пайи наззорааш як наргисистон шуд чаман,
То ба гулгашти баҳор омад бути гулфоми мо.
Дил зи лаълаш хост бӯсею накардемаш савол,
То нагардад табъи ҷонон тира аз иброми мо.
Баски хун гардид ашки мо зи дарди интизор,
Метаровад оби гулнор аз раги бодоми мо.
Сарфа як ойина болад, ҳарф ҷавҳар гул кунад,
Ҳар куҷо васфаш нигорад килки сеҳранҷоми мо.
Кай бувад, ё Раб, ки он ваҳшиғизоли мушкбӯ
Рӯ ба сӯи мо ниҳад, аз меҳр гардад роми мо?
Мо ҷунунбозони ишқем, эй салоҳандеши кор,
Метавон гуфтан ба тарки мову нангу номи мо.
Мозию мустақбали моро қиёс аз ҳол гир,
Аз ғамаш як ришта метобад саҳар то шоми мо.
Ҳалқаҳои дидаи мо ҳайратоғӯш асту бас,
Яъне ин ҷо ғайри маънӣ нест сайди доми мо.

Дархури фитроки ҳиммат гӯри дунёро надид
Арсагирӣ гӯи ҳиммат гашт то Баҳроми мо.
Дар сухан соҳибнигине ғайри мо имрӯз нест,
Ҳар кӣ дар ин фан бувад, гӯ: «Бош аз худдоми мо!»
Муддаӣ гар пеши мо меояд аз роҳи ҷидол,
Мекашад охир зи ҳусни хулқи мо, илзоми мо.
Ҳастии мо фурсати як чашм во кардан надошт,
Буд бо эҷоди мо тавъам магар эъдоми мо.
Шамъи найранги ҷамолаш тофт аз нури зуҳур,
Гашт фонуси хаёлӣ пардаи аҳвоми мо.
Дар гудози тобаи чархем умре, Ҷавҳарӣ,
То ҳанӯз аз пухтагӣ дур аст фикри хоми мо.

Омад ба ёд

Дӣ назар кардам ба гул, рӯи туам омад ба ёд,
Чун шамидам бӯи гул, бӯи туам омад ба ёд.
Ғунчаро дидам табассумофарин дар саҳни боғ,
Хандаи лаъли сухангӯи туам омад ба ёд.
Дар лаби ҷӯ аз назокат сарви гулшан сар кашид,
Қомати мавзуни дилҷӯи туам омад ба ёд.
Печу тоби ҷаъди сунбул рафт аз хотир маро,
Ҳалқаи зулфи суманбӯи туам омад ба ёд.
Чун тамошои чаман кардам ба гулгашти баҳор,
Хуррамиҳои сари кӯи туам омад ба ёд.
Кард гул аз абр барқею шарарафшон гузашт,
Шуълае аз тезии хӯи туам омад ба ёд.
Нуқтае бигзашт аз ваҳшиғизолони Хутан,
Шӯхии чашмони ҷодӯи туам омад ба ёд.
Ҷилвагар шуд дар маҳи идам ҳилол аз осмон,
Моҳи рӯю тоқи абрӯи туам омад ба ёд.
Гашт дил девонаву афтод дар қайди ҷунун,
То хами занҷири гесӯи туам омад ба ёд.
Тӯтиеро маҳви нутқи хеш дидам, Ҷавҳарӣ,
Килки дурбори сухангӯи туам омад ба ёд.

Гардем қурбони шумо

Эй ҷигар хун ғунчаро аз лаъли хандони шумо,
Карда наргис сар ба пеш аз шарми чашмони шумо.
Дар шабистони асирон вақти хандидан намуд
Субҳи маҳшар аз сафедиҳои дандони шумо.
Гар шавад ушшоқро рухсат ба сайри боғи ёр,
Бод, ё Раб, ҳиссаам себи занахдони шумо.
Нест нақши ғайр дар лавҳи замирам, гар бувад
Синаам бодо нишони тири мижгони шумо.
Гар кунад арзи ҷамол он орази ховарғулом,
Кӯр он чашме ки набвад маҳву ҳайрони шумо.
Тӯтиёи дидаи ушшоқ хоки поятон,
Сурмаи чашми ғизолон гарди домони шумо.
Кай бувад мо, мустамандон, дар шаҳодатгоҳи ноз
Бисмили теғи шумо гардему қурбони шумо.
Ҷуз ситам ҳаргиз насиби мо нашуд, худ гарчи мо
Барнагаштем аз вафову аҳду паймони шумо.
Сад биёбон дур афканданд худро аз ғурур
Оҷизи сармояи қурбатгадоёни шумо.
Бар лаби ҷӯ пой дар гил монд сарв аз инфиол,
Дар чаман то дид як раҳ тарзи ҷавлони шумо.
Бод, ё Раб, то абад бо ин назокатпарварӣ
Нахли рангинҷилваву ҳусни гулистони шумо.
Сӯхт аз ҳайрат саросар ҳамчу ҷисми Ҷавҳарӣ,
Ҳар кӣ шуд ошуфтаи зулфи парешони шумо.

Чӣ мекунӣ

Эй дил, ҳавои зулфи сумансо чӣ мекунӣ?
Бо сад ҳазор фитна ту савдо чӣ мекунӣ?
Якрон ба қалби он сафи мижгон чӣ мезанӣ,
Худро ҳалоки наргиси шаҳло чӣ мекунӣ?

З-ин сон ба ҳусни ӯ ки назарбоз гаштаӣ,
Бо ин сипоҳи ғамза ту танҳо чӣ мекунӣ?
Чандин ба фикри холу хати ӯ чӣ метанӣ?
В-аз қадду хадди ӯ сухан иншо чӣ мекунӣ?
Эй булҳавас, ба базми висолаш кӣ мерасад?
Андешаи маҳол ба дил ҷо чӣ мекунӣ?
Ойина аз маҷоз гирифтан на кори туст,
Худро бад-ин хаёл ту расво чӣ мекунӣ?
Таҳсили ибрате агарат сайди дом нест,
Ин ҳалқаҳои чашм тамошо чӣ мекунӣ?
Ҳарфе нахонда аз сабақи эътибори худ,
Таҳқиқи дарси асфалу аъло чӣ мекунӣ?
Эй ҳастии ту нанги адам, ин чӣ карру фар?
Мушти ғубори ваҳми ману мо чӣ мекунӣ?
Коми касе зи шоҳиди дунё нашуд раво,
Хон, ту аз ин аҷуза таманно чӣ мекунӣ?
Нақше назири шаҳпари анқо намешавад,
Тимсоли бенишонии ӯ бо чӣ мекунӣ?
Ҳуш дор, Ҷавҳарӣ, ки зи авҷи ҷалол дӯст
Пайваста бо ту менигарад, то чӣ мекунӣ?

Армуғони мо

Зи бас набвад ҳадисе ғайри номат бар забони мо,
Бувад сарчашмаи тасними маънӣ з-он даҳони мо.
Забони хомаи нозукбаёни мо кӣ мефаҳмад?
Магар гардӣ ту, эй тӯтитакаллум, тарҷумони мо.
Навои дарди дил аз ошиқи бедил тавон ҷустан,
Махон ҷуз аз суруди андалебон достони мо.
Таби шавқи кӣ оташ мезанад дар пардаи қалбам?
Ки ҳамчун шамъи фонус аст ҳар як устухони мо.
Зибас аз дида то дил шуд таҷаллихонаи ҳуснаш,
Тилисми ҳайрате гашта-ст чун ойина ҷони мо.

Зи ёди ҷилвааш дил ҳар нафас сад пора мегардад,
Қиёматсуҳбате доранд маҳтобу катони мо.
Матои сабру тоқат аз бисоти мо чӣ меҷӯӣ?
Ки оварда-ст яғмо турки чашмаш дар дукони мо.
Чу қумрӣ дил ба ёди сарви мавзуни чаманранге
Фиғону нолае сар карду зад оташ ба ҷони мо.
Зи ашки лоларангу рӯи ҳамчун қаҳрабо охир
Аён гардид пеши халқ асрори ниҳони мо.
Ба ёди ҷилванайранге нарафтем он чунон аз худ,
Ки ҳушёрӣ тавонад гашт дигар ҳаминони мо.
Зи бас дар ҷустуҷӯяш як қалам гум гаштаем аз худ,
Зи анқо метавон кардан суроғи ошёни мо.
Ба сӯи кулбаи мо гар шабе ҷонона боз ояд,
Малак бӯсад, фалак сояд ҷабин бар остони мо.
Агар дар хидмати ӯ ҳар касе дорад раҳоварде,
Шикасти рангу чашми хунфишон бас армуғони мо.
Фано шуд Ҷавҳарӣ дар роҳи савдои ту худ, лекин
Пур аст ин дашт аз шӯри дирои корвони мо.

Суръати мошинаам

Боз аз шавқи кӣ дорад дил тапиш дар синаам,
Тоза мегардад шарори оташи деринаам.
Ҳайрате дорам, ки аз худ ҳам намеёбам асар,
Ҷилваи ҳусни кӣ карда-ст ин қадар ойинаам.
Нест дар таҳсили дарси ишқ таътиле маро,
Андар ин маънист як сон шанбеву одинаам.
Аз касе домони табъи ман ғуборолуда нест,
Софии ойина дорад синаи бекинаам.
Сактахонӣ нест дар фанни сухан фикри маро,
Андар ин рафтор бошад суръати мошинаам.
Дар маонӣ баски омад сайри меъроҷам баланд,
Рутбаи Ҳоқонӣ мебошад нахустин зинаам.

Гарчи дар ҳолам таназзул ҳаст беш аз пештар,
Лек шавқи дил қавитар бошад аз поринаам.
Ҷавҳарӣ, дар фақр даъвии ғино созам ба ҷост,
Чун қаноат ганҷи беранҷ аст дил ганҷинаам.

Бишнав аз ҷон панди пири мустаманди хешро

Барфиган аз сар ҳиҷоби нописанди хешро,
Дур кун аз моҳи рӯят чашмбанди хешро!
То ки кам нозад ба шамшоду санавбар боғбон,
Ҷилвагар кун дар чаман сарви баланди хешро.
Дар миёни нозанинон маҷлисороӣ намой,
Карда дар бар парниён бар сар паранди хешро.
То ки аз рашки ту дар оташ фитад наъли ҳилол
Шӯхҷавлонтар кун аз оҳу саманди хешро.
Ҷаъди мушкинро мусалсал созу сайёдӣ намой,
Ҳалқа кун бар гардани ҷонҳо каманди хешро.
Ҳамчу тӯтӣ аз такаллум лаъли ҷонпарвар кушой,
Шаккарафшон соз лабҳои чу қанди хешро.
Лек аз густохии ҳар бадниҳоде дур бош,
Раҳ мадеҳ бо худ рақиби хираханди хешро.
Нуктаҳои Ҷавҳариро гӯшвори ҳуш соз,
Бишнав аз ҷон панди пири мустаманди хешро.

Навбаҳори дониш

Навбаҳори хуррамиҳо, яъне айёми шубоб
Дафтари гул дар бағал дорад зи авроқи китоб.
Сафҳа насрин асту хат райҳону сатраш сунбул аст,
Ҷилвагар аз ҷадвалаш дар дида ҳар сӯ ҷӯи об.
Қумрию тӯтию булбул – кӯдакони мактабӣ
Нағмапардози фунуни тоза аз ҳар фаслу боб.
Шаҳру саҳро аз дабистони ҳунар ороста,
Ҳар тараф гӯё чаман гул карда даври инқилоб.

Вақти баргу бори фан овардан аст, эй ҷони ман,
Ту чу нахлу аҳди ин Шӯро баҳор асту саҳоб.
Тарбият муфт аз ҳукумат, арзи истеъдод бош,
Хок гулшан гардад аз борону тоби офтоб.
Сӯи мактаб неҳ қадам, омӯз аз ҷон илму фан,
Ҷамъ кун сармоя з-ин ду, то шавӣ комилнисоб.
Аз кадомин фан, ки мехоҳад дилат, омода бош,
Ҳаст тайёрӣ зи устодони моҳир беҳисоб.
Одамиро нест ҷавҳар ҷуз хату холи ҳунар,
Машкан аз бедонишӣ қадри худ, эй дурри хушоб.
Вакти кор асту ҷавонӣ, ҳайф бошад танбалӣ,
То барӣ гӯй аз рафиқон, сӯи майдон кун шитоб.
Кор мекарданд собиқ ағниё бо симу зар,
Буд заҳматкаш зи нодорӣ ба аҳволи хароб.
Нон кунун дар равған аст имрӯз заҳматпешаро,
Дошт баҳри луқмаи чарбе агар дӣ изтироб.
Пури худро вораҳон аз зулли ҷаҳл, эй камбағал,
Соз ӯро бо саворони маориф ҳамрикоб.
Ҷавҳарӣ ин ҷо сарири хомаи иншои ман
Бо адиби сурхи мактабхона шуд гулгунхитоб.
К-:«Эй рафиқи нуктадон, бо кӯдакон чун модарон
Бош меҳрандӯзу ҷонсӯзу мароҳим иктисоб».
Навниҳолонанд ҳайли донишомӯзони нав,
Гар ту истикмолашон хоҳӣ, деҳ аз таълим об.
Аз сари рифқу талаттуф тарбиятпардоз бош,
То ки гарданд аз маориф баҳраманду комёб.
Лек шарти эҳтиёт он аст, к-аз ахлоқи бад
Дурашон дорӣ ба устодӣ ту, эй донишмаоб.
Он чи дорад иртикобаш ақлу донишро зиён,
Мисли шурби кӯкнору бангу афюну шароб.
В-аз қабоҳатҳои афъоли касони бадниҳод
Як қалам огоҳ кун, бошанд то дар иҷтиноб.
Гар ба акси ин вазоиф ҳар муаллим по ниҳод,
Хоини заҳматкашон бошад, ки монад дар ҷавоб.

Бурун о!

Аз абри сияҳ, эй маҳи анвор, бурун о:
Яъне зи паси пардаи идбор бурун о!
Аз бадри ҷамолат қалафи ҳола намо дур,
Бо орази рангин, гули бехор, бурун о.
Ҳайратзада кун дидаи наззорагиёнро,
Бурқаъ ту барафканда зи рухсор, бурун о.
Ҷавлонкада кун саҳнаи мактаб чаманосо,
Товус хиҷил карда зи рафтор, бурун о.
Эй тӯтии хушлаҳҷа ба такрори сабақ кӯш,
Бо лаъли шакаррези гуҳарбор бурун о.
Қонуни нав омӯз дар ин даври советӣ,
Аз қоидаи куҳна ба якбор бурун о.
Шерозаи дафтар зи раги барги суман кун,
Бо ҳар варақаш ғайрати гулзор бурун о.
Бо сунбули тар яъне саводи рақами хеш
Хун карда дили нофаи тотор, бурун о.
Саъйе куну аз ҳамсабақон гӯйи ҳунар бар,
Дар олами фан бар ҳама сардор бурун о.
Эй қадди ту гулдаста, ҷаҳон карда муаттар,
Бо накҳати худ як чаман осор бурун о.
Дар базми сухан мавҷ занад софии гуфтор,
Соғаркаши маънӣ шаву ҳушёр бурун о.
Ҳар гаҳ ба каломи ту ниҳад толибае гӯш,
Эй Ҷавҳарӣ, сад дафтари ашъор бурун о.

Табрики иди май

Хез, ки омад баҳор, дашти сияҳ шуд чаман,
Гул ба рухи сабзазор шамъи зумуррадлаган.
Гашт суман симпош дар қадами навбаҳор,
Ғунчаи хандон кушуд ҳуққаи лаъли Яман.

Боғ шуд аз ҷӯши гул чун фалак анҷумфурӯғ,
Оташи хур шуъла зад аз шаҷари норван.
Ҷаъди арӯси чаман гашт мусалсал зи бод,
Зуҳрасифат рақс кард шохи гули настаран,
Хок чаманпӯш шуд, лола қадаҳнӯш шуд,
Чашм кушуд аз хумор наргиси нозукбадан.
Шабнами авроқи боғ чашмаки наззора шуд,
То зи аморӣ бурун шуд маҳи гулпираҳан.
Зоғи сияҳрӯй мурд, ҷилваи товус бин,
Сардии дайро бибурд гармии ин анҷуман.
Ҳусни саноъе нигар, ҷӯши бадоеъ бубин,
Рашки гулу гулситон гашта замину заман.
Тантанаи иди май хезу тамошо намой,
Ҷӯши тараб ҷо ба ҷой карда гул аз марду зан.
Машъали байроқи сурх тофт зи авҷи зафар
Чун алами меҳр шуд бар ҳама партавфикан.
Базми паричеҳрагон ҷӯши сафо дар сафо,
Маҷлиси колхозчиён боғи чаман дар чаман.
Ромиши байналмилал карда гул аз иттифоқ,
Бонги зафар паҳн шуд дар ҳама ҷои Ватан…

Иди иқбол

(Ба муносибати ҷашни яксолагии газетаи «Овози тоҷик»)

Дури назме, ки ин ҷо хома суфта,
Гули таҳнияти дигар шукуфта.

Ҳилол ангушт зад бар тоси чарх аз қуръаи фоле,
Садо омад, ки шуд заҳматкашонро иди иқболе.
Зи нашри рӯзнома соли комил чун ба сар омад,
Ҷаҳон орост ҷашн имрӯз баҳри давраи соле.
Ту май деҳ, соқиё, мутриб, бизан барбат, ки мебошад
Муборак рӯзгорею ҳумоюн аҳду хуш ҳоле.

Ба сад оҳанг боз «Овози тоҷик» ҷашноро шуд,
Пайи табрики соли тозаву наврӯзи омоле.
Ба фасли навбаҳори давлати шӯро умед аст ин,
Ки деҳқонро зи роҳат сабз гардад тоза пайколе.
Расонад то ба кайҳон ҳар тараф ахбори озодӣ,
Бариди чарх бар по то Сурайё баста халхоле.
Асирони ҷафокаш, дар қафас будед якчанде,
Ба озодӣ дар ин гулшан занед акнун пару боле.
Биё, эй ранҷбар, вораставу бар бод деҳ ғамро,
Ки хоҳӣ бехтан хоки ситамгарро ба ғирболе.
Шумо, эй омилони шӯравӣ, кӯшед дар коре,
К-аз он бар сафҳаи офоқ монад нақши тимсоле.
Ба доди додхоҳон ворасед аз марҳамат, яъне
Фурӯд ored бар фарқи ситам аз адл кӯполе.
Ту ҳам ҳарфе, ки донӣ, эй суханвар, дар қалам овар,
Ки хоҳад ёдгор аз аҳли дониш монд ақволе.

«Овози тоҷик»

Ба гӯшам мерасад овози тоҷик,
Ки бояд шуд кунун дамсози тоҷик!
Дамонад рӯҳ дар тан, мағз дар сар
Каломи маърифатпардози тоҷик.
Навои тоза дар офоқ афканд,
Ба айёми ҳукумат, сози тоҷик.
Зи дасти тарбият гар туъма ёбад,
Уқоби чарх гирад бози тоҷик.
Чу резад болу пар сад насри тоир,
Нахоҳад гашт ҳампарвози тоҷик.
Ба майдони маориф аз саворон
Ки гардад ҳамтаку ҳамтози тоҷик?!
Дар он коре, ки мебошад, умед аст:
Ба анҷоме расад овози тоҷик.

Зудояд аз дилат занги ҷаҳолат,
Шавӣ гар ҳамдаму ҳамрози тоҷик.
Ба ширинкорию рангинадоӣ
Расад ҳар фирқаеро нози тоҷик.
Ба илму фанну нозукнуктадонӣ
Шавад кай ҳар касе анбози тоҷик.

30 июни 1925

Сайр дар анҷум

Дӯш дар анҷумани сабъаи сайёра шудам,
Нури ҳар кавкаб аз он буд ба ранге тобон.
Аз сафо то ба қадар талъати ҳар як ахтар
Сифате дошт, ки аз ранги рухаш буд аён.
Партави баъзе аз он буд кудуратосор,
Нури баъзе дигараш лек ба софӣ рахшон.
Ахтари бе қадаре шуд ба ман он ҷо наздик
Қаламе дар кафи ӯ найзаи хуршеднишон.
Гуфтам: ин аст Аторуд, ки дабири чарх аст,
Дафтаре дар бағалаш, ҳар варақаш нурафшон.
Дар хитоб омаду гуфто: «Кӣ касию зи куҷо?
Ки дар ин доира бе изн намуди ҷавлон».
Гуфтамаш: «Ҷавҳариям, омадам аз маркази хок,
Арсаи мамлакати шӯравиям ҳаст макон».
Маркази хок на, бал гулшани пок аст, ки ҳаст
Андар он доира гул карда баҳору бӯстон.
Чун ту он ҷо ба адибию дабирӣ машҳур,
Хуб донанд маро нукташиносони замон.
Ман ба нерӯи пару боли ҳумои Октябр
Во расидам ба ҳамин коргаҳи олишон!
Ба ҳама омад аз Октябр ҳаёти тоза,
Ки чу ман олами пир аз асараш гашт ҷавон.
Шуста шуд занги ҷаҳолат зи дили кишвари мо,
Шуд шуур ойинапардози дили бехабарон.

Чун шуд аз илму фан имрӯз барӯмандӣ ом,
Кӯдакеро натавон гуфт ки тифли нодон.
Ҷидду ҷаҳд аст ҳунармандию фаномӯзӣ,
Ғафлату танбалӣ он ҷо набувад ин овон.
Ин суханҳо ки зи ман гӯш Аторуд бинмуд,
Қаламаш монд чу ангушти таҳайюр ба даҳон.
Ба тамаллуқ заду пас гуфт, ки: «Хуш омадаӣ,
Сайр кун, болфишон бош, бихоҳӣ чандон!»
Кард раққоси фалак назми ман овезаи гӯш,
Хонд бар маҷлисиён он ҳамаро чангзанон.

Қасида

(Дар васфи Тоҷикистон)

Дило, касби ҳавои Тоҷикистон метавон кардан,
Тамошои сафои Тоҷикистон метавон кардан.
Зи сайри лолазораш сад чаман гул метавон чидан,
Диле хуш дар фазои Тоҷикистон метавон кардан.
Фарозу шебу кӯҳу дашти он аъҷубаҳо дорад,
Назарҳо вақфи ҷои Тоҷикистон метавон кардан.
Навои маҳфилаш дар парда дорад рамзҳо, гӯше
Пайи фаҳми садои Тоҷикистон метавон кардан.
Фасоҳат маҳви нутқи мардумаш, таҳқиқи ин маънӣ
Зи ҳарфи ҷонфизои Тоҷикистон метавон кардан.
Зи ҳусни тарбият гардад музоаф то камолоташ,
Ҳунарҳо аз барои Тоҷикистон метавон кардан.
Зи алтофи ҳукумат то рухаш гулгуна ороят,
Нигаҳ сарфи лиқои Тоҷикистон метавон кардан.
Забони ҳоли тоҷик арзи чандин муддао дорад,
Тамизи иқтизои Тоҷикистон метавон кардан.
Ҷудо аз қитъаҳо ин хитта шуд, саъйи адолатро
Саросар раҳнамои Тоҷикистон метавон кардан.
Ғубори дому дад ойинаашро тира медорад,
Ба сайқал иҷтилои Тоҷикистон метавон кардан.

Зи неши зулмҳо дар сина дорад куҳна носуре,
Адолатро давои Тоҷикистон метавон кардан.
Зи маҳсулот то аҷноси дигар гӯшаи чашме
Сӯи раҳсу ғилои Тоҷикистон метавон кардан.
Нигоҳи адл бодо шомили ҳоли раоёаш,
Ба ин сомон дуои Тоҷикистон метавон кардан.

Ба ҷавонон

Эй ҷавонони хирадманди советӣ, чанде
Чун падар ман ба шумо мекунам ин гуна хитоб:
Нуктаи пири куҳансол ниюшед ки ҳаст
Аз хато поку барӣ аз ғаразу айни савоб.
Душмани аҳдшикан, он саги Гитлери шарир
Қасди ин кишвари мо карда расид ӯ башитоб.
Пас шумо низ ба дафъаш ҳама оред ҳуҷум,
Зуд аз ин арса бурун карда, намоед хароб.
Муфсиду бадгуҳару душмани инсоният
Бувад ӯ, бас бизанеду бикушедаш ба азоб.
Чашмаш аз хона бароред ба сарнайзаи тез,
Баҳри саг пора намоед тани ин нобоб.
Бар сари бехирадаш сахт ба кӯпол занед,
Мағзи он пош шавад, туъма кунад хайли ғуроб
Душманон ташна намиранд, пайи раҳм кунед
Халқашонро ба дами теғи сарафкан сероб…
Ноумедист сару барги хаёлаш охир
Мулк нагрифта диҳад ҷони худ он хонахароб.
Қаҳрамонон ҳамагӣ якдилу яктан тозед,
Пушта аз кушта бароред, шавад хун селоб.
Чун ки ин хок шавад пок аз он хайли палид,
Бода нӯшед ба овози наю чангу рубоб.
Анҷуманҳо чу гулистону чаман ороед,
Атр пошеду фишонед ба ҳар сӯй гулоб.

Зуҳра ҳам рақскунон аз пайи табрик ояд,
Баҳри фирӯзии ин аскари нусратдарёб.

Соли 1942

Табрик

Ба ҷашни Октябр мекунам табрик ёронро,
Рафиқон аскарони Сурхи волоиқтидоронро.
Саломе мефиристам ман ба эъзозею икроме
Ҷавонони ҳумоюнталъату ғайратшиоронро.
Таҳиятномаҳо бояд ба дафтарҳо фиристодан
Зафарёвар, диловар, қаҳрамон чобуксаворонро.
Ҳазорон раҳмату сад офарину сад ҷаҳон таҳсин
Қавибозу ҷавонмардони Рустамэътиборонро.
Ба гоҳи разм мебӯсад зи авҷи чарх Баҳромаш,
Камони қодирандозии ин душманшикоронро.
Бигӯ, эй номабар қосид, паёми дӯстӣ аз ман
Далерони таҳамтан, шерафкан, номдоронро.
Сафи лашкар дареду сар буреду тир андозед,
Фашистони палиди шумрӯ мурдорхоронро.
Зафар хоҳед кардан боз дар майдони ҳарб акнун,
Ки асҳоби зафар будед доим корзоронро.
Ба тӯпу танк кори душманонро метавон кардан,
Ки ҷуз мурдан сазо набвад гурӯҳи нобакоронро.
Ба майдоне, ки он ҷо тӯдаи гитлерчиён бошад,
Ба ранги жола мебояд намудан тирборонро.
Занеду сар буреду бенишон созед аз ин кишвар
Фашистони сиярӯзу нахусатрӯзгоронро.
Пайи ҳифзи Ватан созед дафъи душманон яксар,
Ки нанмоянд помол он палидон ин диёронро.
Дар ин сармо зи душман чун ки дилҷамъӣ шавад ҳосил,
Ба сар бурдан тавон бо роҳат айёми баҳоронро.

Соли 1943

Хуш омадӣ

Марҳабо, эй ёри ҷони бовафо,
Мақдамат ойинаи сидқу сафо.
Эй ҳумоюнталъату соҳибшараф,
Омаданҳоят баҳори ҷонфизо.
Марҳабо, эй соҳиби қадри баланд,
Субҳи файзу меҳри иззу эътило.
Эй муборак моҳи Октябри азиз,
Аз қудумат карда гул нуру баҳо.
Эй зи ташрифи ту бар мо иззу ноз,
Ҷои ту дар манзари чашмони мо.
Ҳаббазо, хуш омадӣ, сад марҳабо,
Гарди роҳат дидаҳоро тӯтиё.
Аз ту минатҳост дар халқи совет
В-аз ту меболанд ҷонҳо то само.
То зи матлаъ шуд ҳилолат ҷилвагар,
Оламе гашт аз ту ин ҷо пурзиё.
Хоки мо аз сайқали анвори ту
Гаштааст ойинаи гетинамо.
Дидаи уммеди мо пурнур шуд,
То ки овардӣ қадам аз эътино
Аз ту мо дидем сад фатҳу зафар,
Боз ҳам дорем минбаъд он ричо.
Аз зафар хоҳем гаштан комёб,
Мешавад душман ба накбат мубтало.
Душмани мо кист? Гитлери палид,
Худ ба ин маънӣ ту будӣ ошно.
Дид ӯ чун кишвари моро зи дур,
Аз замин ҷӯши сафояш то ҳаво.
Кард он ифрит дар дил орзӯ,
Акси худ созад дар ин ойина ҷо.
Чашми ӯ шуд кӯр аз ҳирсу тамаъ,
Даршикаст ӯ ҷоми паймони вафо.

Ин садо бархост аз ҳар як зарра хок:
– Дур бош, эй деви пурмакру даға!
Кай ту раҳ ёбӣ дар ин мулки латиф,
Мар туро зери замин бошад сазо.
Саъйи ту ин ҷо намебошад ҷуз ин,
Ки туро гӯри сияҳ дорад нидо.
Чун ту мерезӣ ба ноҳақ хуни халқ,
Рӯзии ту нест ҷуз мақту бало!
Моҳи Октябр ин башорат медиҳад
Ки зафар бо мост дар ин моҷаро.

Бахту давлат бо ҷавонмардони мо ёвар шавад

Мулки моро ғолибият посбони дар шавад,
Ёварони мо зи фирӯзӣ баландахтар шавад.
Фатҳу нусрат тири аскарҳои моро болу пар,
Теғи ҳар як қаҳрамони мо зафарпайкар шавад.
Кишвари мо маркази амнияту ором бод,
Бахту давлат бо ҷавонмардони мо ёвар шавад.
Душмани бадаҳд – он Гитлерро дар корзор
Наҳсу идбору фалокат ҳамдаму раҳбар шавад.
Фитнае, к-аш кард барпо, бар сараш гардад бало,
Офат ӯро гирд гирад, оҷизу музтар шавад.
Яъси матлаб рӯзи умрашро кунад шоми азо,
Ҳолате бар вай фуруд ояд, ки кӯру кар шавад.
Барқи навмедӣ занад бар хирмани уммеди ӯ,
Ҷисми ӯ дар кӯраи андӯҳу ғам ахгар шавад.
Чунки ин сарфитнаи айём гардад бенишон,
Аз ҷаҳон дафъи фасоду ҷумла шӯру шар шавад.
Чашм дорам, к-ин ҳуҷуморанда таммоъи лаим,
Дафтари ҷамъияташ вайрон шавад, абтар шавад.
Кӯҳ-кӯҳ анбӯҳи душманро барандозад зи по,
Чун ба гоҳи разм ҳар як танки мо андар шавад.

Зоти манҳуси палиди зумраи гитлерчиён
Маҳв гардад, мунтафӣ аз хоки ин кишвар шавад.
Арсаи иқлими моён аз фашистон пок бод,
Зулматободи адам лабрез аз он лашкар шавад.
Хок бар сар, бод бар каф бод Гитлери палид,
Тан нишони тири сӯзон, бар гӯлу ханҷар шавад.
Ҷавҳарӣ, бар сафҳаи айём таҳрироти ту,
Баъд аз ин аз қиссаи ин ҷанг ёдовар шавад.

Макун

Қасди ин мамлакат, эй душмани мурдор, макун,
Синаи худ ҳадафи тири ҷигархор макун!
Эй гирифтори ҳамоқат зи фусуни авҳом,
Риши гове матарошу ба худ афсор макун.
Кишвари мост ҳумоюну муборк, ту палид,
Даст кӯтаҳ куну ҷон дар сари ин кор макун.
Оқибат косаи сар бишканадат аз кӯпол,
Эй ҳарис, ин қадар ибром ба пайкор макун.
Дар қимори талабат гул накунад нақши мурод,
Фоли некӣ ба худ, эй соҳиби идбор, макун.
Бесабаб тез намудӣ ба хусумат дандон,
Саги девона бигӯем туро, ор макун.
Ғарра гаштию задӣ шишаи паймон бар санг,
Ҷуз шикасти худ аз ин шева ту пиндор макун.
Хоки навмедӣ ба сар, бод ба каф, хоҳӣ мурд,
Ҷонканиҳо пайи ин мулк ту бисёр макун.

Дар васфи шаҳри Душанбе

Ҷавҳарӣ чун ки расидам ба ҳамин шаҳри бузург
Оламе дидаму шуд хотири ман хурраму шод.
Даҳр чун доира, ин шаҳр бувад маркази нур,
Ё худ ин мардумаки чашми ҷаҳони эҷод.

Ё ҷаҳон қолбад, ин қитъа бувад чун дилу ҷон,
Раҳмат онро ки чунин мулк намуд ӯ бунёд.
Навниҳолон ҳама дар ҷилвагарӣ ҳамчу арӯс,
Сарву шамшоду санавбар ҳамагӣ чун домод.
Устувохат ба нишон дар ҳама сӯ ҷадвали ҷӯй,
Обҳо соф дар он рӯҳи равон дар аҷсод.
Ҳама мактаб чаману дафтараш авроқи чаман,
Ҳама таъмир сафоҷӯшу баланд аст садод
Ин гулистон, ки бино гашт дар ин даври накӯ,
Саъйи ободияш аз кист? Зи халқи озод.
Дур бод офат аз ин арсаву ҳар мулки совет,
Тири чун барқ ба чашми тамаи ҳосид бод.
Эй ҷавонони советӣ, ҳама ғайрат ored,
Аз пайи ҳифзи Ватан сахт кунед истеъдод.
Нарасад то ки дар ин ҷо қадами наҳси фашист,
Ҷисми ӯ хок намоеду диҳедаш барбод.
Ҳимматомода бувад аз пайи дафъи душман
Ҷавҳарӣ, пири муаммар ба ду солу ҳаштод.[1]

Чу Тешабой ба майдони корзор шавед!

Бародарони советӣ, ҳама савор шавед!
Чу Тешабой ба майдони корзор шавед!
Бар он далеру диловар ҳазор раҳмат бод,
Шумо ҳам аз сари ғайрат чу ӯ ба кор шавед!
Намеравад ба хато тираш аз нишонгирӣ,
Ба шасти бозуи ӯ офариншиор шавед!
Қадам ниҳод дар ин арса душмани таммоъ
Ба решаи тамааш теғи обдор шавед!
Ба ҷону дил камари ҳарб бар миён бандед,
Ба қатли хасми сияҳбахт устувор шавед!

[1] Ба дусолу ҳаштод – ҳаштоду ду

Занед аждари Гитлерро ба тӯпу ба тир,
Аз ӯ ба қасди баровардани димор шавед!
Зи боғи мо нахурад то ки меваи мақсуд,
Барои туъма сагонро заганшикор шавед.
Ба гоҳи разм намоед қаҳрамониро,
Гаҳе Таҳамтану гоҳе Сифандиёр шавед!
Даме ки пок шавад хоки мо зи хайли фашист,
Ба табли фатҳ навосанҷи иштиҳор шавед!
Ҷаҳон тарабкада гардад ба рӯзгори совет,
Чу ҳаминони зафар гашта раҳгузор шавед.
Ватан гирифта ба гоҳи фароғат оромед,
Ғазалсаро шуда дар сояи баҳор шавед!

Ғӯли одамхор

Душмани бадманиши фитнагари бадкирдор,
Ки ҳама фитнаи хобида аз ӯ шуд бедор.
Ба ҷаҳон шӯр дарафканду пурошӯб намуд,
Бод лаънат ба чунин фитнагари ноҳинҷор.
Сурataш зишт бувад, бадтар аз он тинати ӯ,
Ки рамад дев аз ӯ, бинад агар дар шаби тор.
Аҳдҳо басту зад ӯ шишаи паймон бар санг,
Ҳосиле ғайри шикасташ набувад аз ин кор.
Нест кораш ба ҷуз одамкушию бераҳмӣ,
Ғул ҳам нест чу Гитлер палиду мурдор.
Халқ гӯянд, ки ҳаррӯз бидодӣ Заҳҳок
Кушта мағзи сари ду бачаи мардум ба ду мор,
Сари мардум хӯраду хуни ҷаҳоне резад,
Ҳар дам ин аждари бадшакли лаину мурдор.
Гарчи Ҳаққоқ ҳам одамкушу бас золим буд
Буд якчанд адад куштаи ӯ, не бисёр
Ё ки Чингизу Ҳалоку ки ба зулманд масал,
Кай намуданд чу ин ҷобири ваҳшӣ куштор.
То ба имрӯз надида-ст зи аҳди одам
Кас ба ин гуна фитан зери сипеҳри даввор.

Золимоне, ки ба таъриху кутуб мазкуранд,
Ба бадӣ ёд намоянд ба ҳар шаҳру диёр.
Ин сияҳномаи бадбахт, ки бадтар бошад
Аз ҳама ваҳшии даррандаи дашту кӯҳсор.
Ҷуз ба лаънат нанамоянд ба гетӣ ёдаш,
То абад лаънату нафрин ба сараш бошад бор.
Ҳаст ӯ душмани осудагии халқи ҷаҳон,
Ки пурошӯб бувад даҳр аз ӯ лайлу наҳор.
Қасди мо карду вале мо кафи хокаш надиҳем,
Торумораш бинамоему кунемаш афгор.
Душмани дӯстии халқи советӣ бувад ӯ,
Халқ ҳам душмани он саг зи сиғору зи кибор.
Баски аз вай нашавад ғайри ҷиноят зоҳир
Сар ба сар мардуми олам бувад аз вай безор.
Чун ба номуси касон дасти палиди худ зад,
Оқибат медиҳад ӯ сар, ба сари ин кирдор.
Сад ҷаҳон дур бувад аз раҳи инсоният,
Гарчи худро кунад аз зумраи инсон пиндор.
Бар сари лашкараш ored ҳуҷум аз ғайрат,
Пас бароред зи ҷонҳои тамоми-ш димор.
З-ин чаман хайли сагонро зада берун созед,
Ки ба гулшанкада сагро набувад ҳаргиз бор.
Баҳри ҳифзи Ватану бахти наку мебояд
Ҷонсупорию зи ғамхорагӣ будан ҳамкор.
Фатҳ аз мо, зафар аз моу ҳукумат аз мо,
Душмани мост сазовори ҳазорон идбор.

Танк месозем

Танк месозанд устодони санъаткори мо,
То намонад як тан аз хасмони бадкирдори мо.
Танки мо, гитлерчиёнро танг хоҳад сохтан,
Сад ҳазораш дархури ҳар зарби он ҷон бохтан.
Дар сафи душман чу ҳар як танки мо ғуррон расад,
Барқи сӯзони аҷал бар ҷумлааш яксон расад.

Қаҳрамоне к-ӯ ба душман мерасад бо тиру теғ,
Молу ҷони худ намедорем аз он ҷонон дареғ.
Аз барои ёрии Армияи Сурхи шигарф
Сад ҳазорон миллион пул ҷамъ месозему сарф,
Бо фашистон ҷанг месозанд он ҷо аскарон,
Мо ақибгаҳро нигаҳдорӣ кунем ин ҷо ба ҷон.
Оқибат дар хирмани уммеди хасми хирасар
Дар фитад аз барқтози аскарони мо шарар.
Гитлери бадаҳд чун паймонаи паймон шикаст,
Ин шикасти аҳд ӯро оварад бар ҷон шикаст.
Чунки дар майдон сари душман ҷудо гардад зи тан,
Мешавад мағзи димоғаш туъмаи зоғу заған.
Лашкари моро расад фирӯзмандӣ анқариб,
Душмани моро бувад ҳирмону бадбахтӣ насиб.

Зи сарви қадат

Зи сарви қадат шуд фиғонам баланд,
Зи зулфи муқайяд дилам дар каманд.
Ба хурсандии қалби маҳзуни ман
Бас аст аз лабони ту як нӯшханд.
Ба ёди лаби лаъли ширини ту
Ғаниам биҳамдуллаҳ аз шаҳду қанд.
Иваз бар висолат агар ҷон бувад,
Фидоят намоям ба ҷон чанд-чанд.
Ба шеъри равон Ҷавҳарӣ бурд гӯй
Зи нозукхаёлони шаҳри Хуҷанд.

Даҳони шаккарафшон

Ба рамзи савти зеру бам агар пардохтӣ ҳушат,
Ҷавоҳирхонаи асрор як сар мешудӣ гӯшат.
Саре дорӣ дар ин маҳфил, зи мағзи маърифат пур кун
Вагарна чист ҳамли ин кадуи хушк бар дӯшат.

Даҳоне шаккарафшонтар зи тӯтӣ дар сухан дорӣ,
Намезебад, ки мо бинем чун тасвир хомӯшат.
Саводи маъние кун мунтахаб з-ин мактаби ибрат,
Чӣ ҳосил в-арна чун сод аз ду чашми ҳайратоғӯшат?
Хуми ҷисмат набошад қобили майхонаи ҳастӣ,
Диле гар аз муҳаббат нест ҳамчун бода дар ҷӯшат.
Чу акси рафта аз ойина ҷуз тимсоли он дилбар,
Хаёли мосивояш бод аз хотир фаромӯшат.
Ба д-ин назме, ки кардӣ дар маориф, Ҷавҳарӣ иншо,
Хуми софи ҳақоиқ бод сарфи соғари нӯшат.

Шаҳди лаб бинед

Назокати қади ҷонону шаҳди лаб бинед,
Назар ба нахла намоеду он рутаб бинед.
Миёни халқаи ӯ бингаред орази ӯ,
Тамаъ кунед, ки хуршед ними шаб бинед.
Ҷамоли ёр, ки гӯяд ҳаким: «натвон дид»,
Ба чашми сидқ дар ойинаи талаб бинед.
Агар ман ӯ шудаам дар муҳаббат, ин чӣ аҷаб?
Аҷаб дар он, ки зи ман ин сухан аҷаб бинед.
Ба кори дидаи ибрат баред гарди раҳаш,
Дар ин тариқ, ки ҳар соҳиби адаб бинед.
Маоние, ки зи килки хирад расад ба баёз,
Каломи Ҷавҳарӣ з-он ҷумла мунтахаб бинед.

Мӯкамари мо

Эй бехабар аз нолаю оҳи саҳари мо,
Як бор хабар гир зи сӯзи ҷигари мо.
Дар ишқи ту қисмат нигар аз матбахи айём,
Лахти ҷигари сӯхта шуд моҳазари мо.
Азбас зи ғамат захми дили мо шуда носур,
Хуноба чакад сар ба сар аз чашми тари мо.

Аз худшудагонем ба ёди ту, тавон кард
Аз ҳайрати ойина суроғи асари мо.
Дар водии ҷонсӯзи пурошӯби муҳаббат
Ҷуз ашки равон нест дигар ҳамсафари мо.
Мӯе шудаем аз ғами он мӯи миён, лек
Як мӯй надорад ғами мо мӯкамари мо.
Ин турфа нигар, Ҷавҳарӣ, к-аз хандаи ширин
Бар захми ҷигар рехт намак лабшакари мо.

Тоби сари зулф

Эй зи тоби сари зулфи ту шикасти дили мо,
Ҳайрат аз ёди ту ойинапарасти дили мо.
Восили чун ту нагаштем, зи худ нагзаштем,
Нест шуд дар ту, ту гаштӣ ҳама ҳасти дили мо.
Гарчи хун шуд ба вафои ту зи такрори нафас,
Ишқ эҷод кунад субҳи аласти дили мо.
Ҳайрати ҷилваи дидори кӣ аз шавқи назар
Додааст ин қадар ойина ба дасти дили мо?
Рафт дар машҳади нозу ба шаҳодат нарасид,
Оҳ, аз бахти баду толеи пасти дили мо.
То ки рамзе кашӣ з-ин қатраи дарёмазмун,
Иқди гавҳар шаву дарёб ту пасти дили мо.
Гузаронид зи нуҳ токи фалак наваки оҳ,
Офарин, Ҷавҳарӣ, бар софии шасти дили мо.

Ба ёди лаъли ширинат

Биҳишт андешае аз гулшани андози ойинат,
Баҳор ойинае аз ҷилваҳои ҳусни рангинат.
Латофат унсури кайфияти гулзори симоят,
Назокат обу тобе дар мизоҷи барги насринат.
Чаман хоки шаҳидони хами шамшери абрӯят,
Хутан гарди раҳи ошуфтагони зулфи пурчинат.

Гули савсан саросар гар забон шуд офаринатро,
Надорад лабкушудан ғунча ҳам бесози таҳсинат.
Сабо аз хатту холат корвони нофаро маҳмил,
Ҳаво аттории Чин аз шамими ҷаъди мушкинат.
Чу гул дар бар туро пероҳане аз рангу бӯ бояд,
Ки тоби бори кисват ҳам надорад нахли симинат.
Биё, чун мисраъи барҷаста дар девони оғӯшам,
Ки машқи нола мавзун мекунам дар фикри тазминат.
Кӣ баст ойини таркиби гулистонат, ки ҷаннат шуд?
Мусамман аз хаёли интисохи назм тазйинат.
Зи шавқи ин таманно бисмили нози ту мерақасад,
Ки бӯсад чун ҳино хунаш кафи пои нигоринат.
Рикобат чашми булбул, тасмааш аз риштаи гул шуд,
Духоби ранги раъно маҳви фарши хонаи зинат.
Шакарпарвардаи маънист халқе аз найи килкам,
Ки дорад нуктаоропӣ ба ёди лаъли ширинат.
Маломат то куҷо моро кунӣ, эй носеҳи мушфиқ,
Бар ин ойинаи қудрат нигоҳе, ҳурмати динат.
Ба д-ин арзи таҷаллӣ маҳви дидораш агар набвад,
Гудозад, Ҷавҳарӣ, ойинаи ҳусни ҷаҳонбинат.

Гесӯи мушкинат

Биё, эй ҷону дилҳо волаи гулбарги рангинат,
Чаман то анҷуман ҳайратпараст ҳусни ойинат.
Баёзи субҳи иди ошиқон тарфи баногӯшат,
Саводи шоми қадри бедилон гесӯи мушкинат.
Сарат гардам, тағофул то куҷо? Раҳме, ки дар ҳаҷрат
Ба талхӣ медиҳам ҷон аз ғами лабҳои ширинат.
На худ илму хирад кардам нисори маҷлиси ақдат,
Ки зуҳду тавба ҳам, эй духтари раз, шуд ба кобинат.
Сипеҳро, муҳраҳоят резад аз ҳам, тахтаат сӯзад,
Ки рух аз каҷравӣ ҳаргиз нагардонид фарзинат.

Надорӣ ҷуз шикасти иҷтимои аҳли дил коре,
Надонам кай банотуннаъш гардад ақди Парвинат.
Чунин к-ӯ пешаат шуд айби мардум дидан, эй зоҳид,
Магар доданд баҳри дигарон чашми ҷаҳонбинат?
Гузашт умр, эй ғурурандеша, ташрифи амал то кай?
Ҳисоби соли дигар гир аз имсолу поринат.
Ҷаҳоне, Ҷавҳарӣ, аз шавқи ашъори ту булбул шуд,
Ки сад гулшан латофат дар бағал дорад мазоминат.

Аз ҳалқаи гесӯ

Ранге шикан аз чеҳра ба савдояшу зар гир,
Ашке бифишон дар ғамаш аз чашму гуҳар гир!
Оҳе, ки кашӣ, турраи шоми тараб ангор,
Гарде ки кунад гул зи нафас, файзи саҳар гир.
Дар сина диле доғ куну лоласитон гӯй,
Дар соғари ғам, бода зи хуноби ҷигар гир.
Он зулф, ки барҳамзани ҷамъияти мо шуд,
Домест, ки мурғаш ҳамагӣ аҳли назар гир!
Холаш, ки бувад нуқтаи девони таҳайюр,
З-он доираи ақлу хирад зеру забар гир.
Шуд фитнаи олам рухаш аз ҳалқаи гесӯ,
Ошӯби дили халқ аз он даври қамар гир.
То чанд бувад ақл иқоли ту дар ин роҳ,
Гӯ, барқи ҷунун, сафҳаи дониш ба шарар гир.
Хуршедсифат гарми талаб бош ту аз шавқ,
Яъне қадам аз сар куну доман ба камар гир.
Эй ғарраи ҳастӣ, ба фароғат чӣ нишинӣ?
Фурсат гузарон аст, сару барги сафар гир.
Афсонаи ин базми фусун чанд кунӣ гӯш?
Паймонаи суҳбат шикану қатъи самар гир.
Лабрез шавад аз ту ҷаҳон, чун ту набошӣ,
Ҳамхонаи анқо шаву олам таҳи пар гир.

Бе сафвати дил маҳзари асмо натавон шуд,
Бар фитрати аслӣ зану мероси падар гир.
Гар зулмату гар нур, ту ҳайрони асар бош,
Аз шакку яқин бигзару ойина ба бар гир.
Дил мунфаил аз хубию зиштии касон чанд?
Ин ойина фориғ зи ғами айбу ҳунар гир.
Ҳар нақш, ки бинӣ, ту аз он ҷилва нишон ҷӯй,
Ҳар парда, ки ёбӣ, ту он сози асар гир.
Рашҳе, ки чакад аз қалами Ҷавҳарии мо,
Шаҳвораи гӯши худ аз он луълуи тар гир.

Аз ҳуҷуми дарди ишқ

Намуд азбас ҳуҷуми дарди ишқи ӯ забунҳолам,
Чу нақши бурё афтодаам, чун соя помолам.
Дар ин хирмансаро аз созу барги ман чӣ мепурсӣ?
Адамсармояаам, мавҷи саробам, ваҳми тимсолам.
Нигоҳи вопасинам, оҳи яъсам гардиши рангам,
Шикасти хотири мурғи асири бепару болам.
Тилисми доғаму дардам, дили андӯҳпарвардам,
Навои тори аҷзам, нотавонпайкартар аз нолам.
Шикасти чеҳраи ман ҷӯши ранги заъфарон дорад,
Хазон гул мекунад аз навбаҳори боғи омолам.
Зи шакли қадди хам тимсоли чандин суратам ин ҷо,
Ҳилолу теғу меҳробам, камону дӯши ҳаммолам.
Ҷамоли фахр аз симои ман ҳусни дигар дорад,
Саводи нуқтаи аҷзам, рухи одобро холам.
Ғубори нотавони мушти хоки ғам чӣ ороя?
Кӣ бошам ман, ки то чизе бувад сомони аъмолам?
Ба д-ин фурсат чӣ хоҳам, Ҷавҳарӣ, андӯхт аз ҳастӣ,
Шарори баркро монад варақгардонии солам.

Шуълаи дил

Сабо чи туҳфа расонд аз чаман димоғи маро,
Ки тоза кард ҳавояш баҳори доғи маро.
Зи шуълаи дили ман гул намекунад пастӣ,
Ки шуд фатила зи мағзи ҷунун чароғи маро.
Таҳайюр аст гули рангу бӯи осорам,
Ба оби ойина парвардаанд боғи маро.
Маҷӯй ҷинси шикеб аз бисоти тоқати ман,
Ки сӯхт барқи ғамат козаи фароғи маро.
Зи завқи васл тиҳӣ майли ҷуръае накунам,
Ба ҷоми меҳр фалак гар диҳад аёғи маро.
Ба сайри олами маънӣ намерасад ба назар,
Касе, ки пай супурад кӯчаи масоғи маро.
Ба ҳар чаман, ки шудам ранги ӯ зи ман гул кард,
Мапурс Ҷавҳарӣ, найранги инсибоғи маро.

Барнахезам аз кӯят

Аз ҷунуни савдоят маҳшаре ба сар дорам,
З-оташи таманноят сӯз дар ҷигар дорам.
Эй парӣ, куҷоӣ ту, рух наменамоӣ ту,
Ҳон, биё ба сарвақтам, к-аз ҷаҳон сафар дорам.
Ранги интизорамро бар раҳат тамошо кун,
Дида чун гули бодом карда сӯи дар дорам.
Бар ҷамоли тобонат то ки чашми дил бастам,
Не зи олами имкон, не зи худ хабар дорам.
Баски шавқи дидорат мекашад маро сӯят,
Меравам ба ҷон акнун, гарчи сад хатар дорам.
Гар синони мижгонро чашмат афканд сӯям,
Ман ҳам аз вафодорӣ синаро сипар дорам.
Сар напечам аз теғат, то ки дар бадан ҷон аст,
Рух натобам аз тират, то ки ман ҷигар дорам.

Он чи метавонӣ кун, барнахезам аз кӯят,
В-он чи метавонӣ, соз, аз ту дил набардорам.
Ё ба дашнаи бедод афканӣ сарам аз тан,
Ё ки аз лаби лаълат коми хеш бардорам.

Он шӯх чӣ парво дорад?

Ба мани дилшуда он шӯх чӣ парво дорад?
Ки ба ҳар кӯча дусад ошиқи шайдо дорад.
Бурда ҳуш аз ду ҷаҳон ними нигоҳи масташ,
Ё Раб, он наргиси шаҳло чӣ асарҳо дорад?
Баски саргаштаи роҳи тааби ӯст чу ман,
Чарх аз мушти нуҷум обила дар по дорад.
Маҳви дидори туро маҳв тавон гардидан,
Кор дар ойинаҳо чашми тамошо дорад.
Метавон ёфт, ки шӯри дили ошиқ зи куҷост,
Мавҷи гавҳар тапиш аз шӯхии дарё дорад.
Куштаи ханҷари нози ту шавам, нест ғаме,
Ки лаби лаъли ту эъҷози Масеҳо дорад.
Гирд оварда ба савдои ту ин дам ҳамаро,
Сари кӯи ту, ки ҳангомаи фардо дорад.
Он чи ангуштарии мулки сулаймонӣ дошт,
Халқаи зулфи ту он дораду дилҳо дорад.
Дар дилам мавкаби ишқи ту ки зад хайма чунин
Саҳни ин хона магар домани саҳро дорад?
Нахарад салтанати Хусраву Доро ба ҷаве,
Он ки дар кӯи хароботи муғон ҷо дорад.
Кай нишенмангаҳи ҳар мурғ бувад дархури ӯ?
Он ки парвоз суи олами анқо дорад.
Ку димоғи ғами дунёву хаёли уқбо,
Бедилеро, ки ба зулфайни ту савдо дорад.
Нашавад махзани асрори маориф ҳаргиз
Дили он кас, ки назар ҷониби дунё дорад.

Субҳи маънӣ зи саводи рақамаш кард тулӯъ
Гӯй ҷайби найи килкам яди байзо дорад.
Ҷавҳарӣ, аз гуҳариншоии мавҷат пайдост,
Ки ҳамин табъи ту сармояи дарё дорад.

Ғамзаи абрӯ

Ваҳ, ки дил бурд зи як ғамзаи абрӯи ҳилол
Моҳи ойинамисолу бути хуршедҷамол.
Лоларухсораву гулоразу товусхиром,
Навбаҳори чамани олами найрангу камол.
Ё Раб, аз маҳзи карам дар канафи офиятат
Дораш эмин ҳама дам аз ҳама осебу завол.
Эй сафоҷилваю хуршедхаду ойинаранг,
Офтоби фалаки ҳусни маҳи авҷи камол.
Нест дар гулшани дил ёди касе ҷилвафурӯш,
Ҷуз хаёли ту маро дар шабу рӯзу маҳу сол.
Ҷавҳарӣ, ҷону дилам бод нисори қосид,
Ки расонид ба ман з-он гули рӯ бӯи висол.

Наргиси маст

Меҳрпайкар дилбаре дорам, аҷаб олиҷаноб,
Наргисаш айни итоб, абрӯш мадди офтоб.
Сад баҳор ойинаи ҳайратпарасти ҳусни ӯст,
Сад чаман гул пеши рӯяш аз хиҷолат ғарқи об.
Аз табассумҳои лаълаш ғунчаро хун дар ҷигар
В-аз нигоҳаш оламе чун наргиси масташ хароб.
Ҷилваи тоқатрабояш нақди дину дил рабуд,
Ғамзаи ошиқфиребаш кард яғмо сабру тоб.
Як дил ин ҷо бо ду олам гарчи кас надҳад, вале
Чора кӯ бо ғамзаи он чашми масти нимхоб?

Чашми товус аз таҳайюр хонаи ойина шуд,
Он баҳори ҷилва то афканд аз ораз ниқоб.
Кас ба даври соқии чашми ту ҳушёрӣ надид,
Эй ки шайдои ҷамолат ҳаст чандин шайху шоб.
Бисмили нози ту дамсоз аст бо ҷони адаб,
Гӯӣ аз оби бақо теғи туро доданд об.
Хатти рухсори ту ин, ё килки наққоши азал,
Баст бар рӯи гули хушранг нақш аз мушки ноб.
Дар чаҳи нисён нигори хешро бигзоштӣ,
Гар Зулайхо он чаманранги маро дидӣ ба хоб.
Чунки мегирям зи дарди ҳаҷри он гулгунузор,
Метаровад ҷои ашк аз дидаҳои ман гулоб.
Баски дӣ шуд куштаи шамшери нозаш Ҷавҳарӣ,
Ҷӯши хунаш дошт чандин шӯхии мавҷи шароб.

Дил бурд раънои дигар

Боз ин дили мафтуни ман дорад таманнои дигар,
Гул карда аз Маҷнуни ман савдои Лайлои дигар.
Дод аз дили ғампарварам, к-ошуфта дорад яксарам,
Яъне ки орад дар барам, ҳар лаҳза ғавғои дигар.
Оҳам шарарҷаввола шуд, ашкам равон чун жола шуд,
Корам фиғону нола шуд аз ишқи раънои дигар.
Акнун шумо, эй гулрухон, созед бо дигар касон,
К-имрӯзам оташ зад ба ҷон, ҳусни дилорои дигар.
Бо ҳар кӣ хоҳӣ баъд аз ин биншину шав нозофарин,
К-аз дасти ман эй нозанин, дил бурд барнои дигар.
Меҳри ту, эй шоҳи Чигил, то хайма зад бар ҷону дил.
Бастанд рахти обу гил яксар ҳавоҳои дигар.
Озод шуд ҷону танам аз қайди ҷаври ҳар санам,
То ҳалқа зад бар гарданам зулфи сумансои дигар.
Соқӣ, шароби лаългун пешам маёвар аз фусун,
Ман сархушу мастам кунун аз ҷому минои дигар.

Не бода хоҳам, не чаман, не базми гул, не анҷуман,
Яъне ки дорад ҷони ман завқи тамошои дигар.
Эй ишқи оташзан ба ҷон, яғмогари ҳар хонумон,
Бингар чӣ дорам дар дукон, ҷуз доғ колои дигар?
Воиз махон афсонаам, к-имрӯз ман девонаам,
Аз ақлу дин бегонаам карда-ст савдои дигар.
Гаштам чунон маҳв аз назар, к-аз худ намеёбам асар,
То бар сарам шуд ҷилвагар хуршедсимои дигар.
Чун дид ишқи пурфусун, бекас шуда дашти ҷунун
Овард аз ин саргаштахун Маҷнуну расвои дигар.
Бас бошад он ҷони ҷаҳон, бо ман анису меҳрубон,
К-ӯ хуш бувад, ё саргарон ёру шиносои дигар.
Ҳар дам зи килки Ҷавҳарӣ гул карда рангин дафтаре,
Азбас ба ёди он парӣ орояд иншои дигар.

Ҳайрати дидори ту дорам

Ойинааму ҳайрати дидори ту дорам,
Доғи диламу сӯзу ғами ишқи ту корам.
Ҳар ҷо ки кушояд мижа оғӯши тамошо,
Найранги таҷаллӣ кунад ойина дучорам.
Эй наври баҳори чамани олами хубӣ,
Шодобии гулзори умеди дили зорам.
Боз о, ки зи сармои фироқи ту ба худ чид
Ранги чаман афсурдагӣ айёми баҳорам.
Фарёд, ки эй золими бедод, надорӣ,
Парвои дили хуншудаи зору назорам.
Як раҳ назаре сӯи ман аз лутф, ки имрӯз
Хунинҷигарам, хастадилам, синафигорам.
Кай ҳал шавад аз нохуни тадбири Фалотун
Ин уқда ки аз ишқи ту афтод ба корам.
Ҳарчанд кашидам ба сари кӯи ту худро,
Аммо кӣ диҳад ҷуз ту ба дарбори ту борам?

Эй шоҳи бутон, гар ба сари турбатам оӣ,
Хуршед дамад ҷои гул аз хоки мазорам.
Гаштам ба раҳат хоку ба ёдат саҳаросо,
Ойина тироз аст ҳамон мушти ғуборам.
Гулчини баҳори тараб омад дили он кас,
К-аз дарди ту хун шуд чу дили ғуссагузорам.
Хокистари афсурдаам, эй Ҷавҳарӣ яъне
Умрест, ки поси нафаси сӯхта дорам.

Домани афсун мазан

Ҳарфҳои имтиҳонӣ бо мани мафтун мазан,
Оташи дилро зи шӯхӣ домани афсун мазан.
То ҷунунфаввора аз чашмам нагардад хуни дил,
Наштари ғам бар раги ҷони мани маҳзун мазан.
Аҳли дилро чинии хотир бувад аз ҳад латиф,
Пеши онон, эй сухангӯ, ҳарфи номавзун мазан.
Гар ҳарифи маънии нозук наӣ, хомӯш бош,
Яъне санги фаҳми каҷ бар шишаи мазмун мазан.
То нагардад аз ҳуҷуми ишқ шаҳри сина танг,
Аз ҳавас беҳуда сар бар кӯҳу бар ҳомун мазан.
Барканад ишқи маҷоз охир зи беху бун туро,
Аз ҳалоки худ чу марҷон панҷа дар ин хун мазан.
Шуҳрат офат дар камин дорад, макун изҳори ҳол,
Бо ливои карру фар ту хайма дар берун мазан.
Ҷуз мазаллат нақди вақти худ набинӣ оқибат,
Ҳалқаи боби тамаъ аз ҳирси нафси дун мазан.
Хушк мегардад зи савдо мағзи фитрат дар сарат,
Захма аз табъи ҳавоӣ бар раги конун мазан.
Эй гул, аз рашкаш чу дил хун кардаӣ дар ғунчагӣ,
Лофи ҳамрангӣ кунун бо он лаби майгун мазан.
Чун зи лаълу холи ӯ лабрези кайфият шудам,
Ҷавҳарӣ, дигар ба ман дам аз маю афюн мазан.

Дар шаҳодатгоҳи ноз

Шаб, ки ёди турраи мушкини ҷонон доштам,
Хотире ошуфтатар аз сунбулистон доштам.
Аз хаёлаш баски меоростам базми тараб,
Аз дили доғофарин тарҳи чароғон доштам.
Он савори маҳмили ноз аз назар мерафту ман
Дар пайи ӯ чун ҷарас як дашт афғон доштам.
Дар ғамат дод аз баҳори ҷон баромад оқибат,
Гарчи умре лаб ба лаб, дандон ба дандон доштам.
Тоза гардад аз насими бӯи гул ҳар субҳгоҳ,
Аз дами теғи ту он захме, ки бар ҷон доштам.
Гашт охир барқи ҷонсӯзу маро ахгар намуд,
Дар дил он оташ, ки аз ишқи ту пинҳон доштам.
Ҷони ман, ҳар субҳ эҷоди аласте мекунад,
Бо ту аз поси нафас дар он чи паймон доштам.
Ёди айёме, ки захми синаи афгорро
Марҳами осоише аз лутфи хубон доштам.
Дар баҳори васл аз шавқи гули дидори ёр
Нолаи ҷонсӯз чун мурғи хушилҳон доштам.
То ки будам маҳви ҳусни ҷилванайранги буте,
Ғафлате аз гирудори базми имкон доштам.
Дар тамошои ҷамолаш аз дили доғошён
Чун пари товус яксар чашми ҳайрон доштам.
Дар шаҳодатгоҳи нозаш аз сари сидқу ниёз
Сина назри тири мижгон, ҷон ба қурбон доштам.
Риштаи шерозаи маҷмӯаи аҳволи ман
Тори улфат буд, то суҳбат ба ёрон доштам.
Мавҷ мезад аз буни ҳар мӯи ман кайфияте,
Баски ҷо дар пои хум ҷун майпарастолн доштам.
Бар дари пири муғон то ҷабҳа месудам ба хок,
Пои истиғно ба фарқи тоқи кайвон доштам.
Буд сайри олами таҳқиқ дар маънӣ маро,
Аз тафаккур то саре вақфи гиребон доштам.

Дар парешонӣ фитодам аз кушоди чашми хеш,
Ҷамъ будам то ба ҳам, барбаста мижгон доштам.
Тухми файзафшонии фасли рабеи умр кӯ?
Оҳ аз он чашме, ки рашки абри найсон доштам.
Косаи зону маро ҷоми ҷаҳонбин буду бас,
То нигоҳе дар вай аз тадқиқи имъон доштам.
Дар ҷаҳони обрӯ чун кӯҳ будам сарбаланд,
То ки пои сабру тамкин зери домон доштам.
Рангу бӯи дарди ишқ аз ман на акнун кард гул,
Ҷӯши файзи ин баҳор аз субҳи имкон доштам.
Фитратэҷодам, ки ҳангоми сибо ҳам дар сухан
Гӯи сабқат бурдане аз нуктасанҷон доштам.
Гар ман аз қодиркаломӣ дам задам бо муддаӣ,
Аз баёни муъҷизе татбиқи бурҳон доштам.
Ҷавҳарӣ, саргаштаи таҳқиқи инсониятам
Гарчи зоҳир ҳамли онро бар худ осон доштам.

Ба ёди лаълаш

Хуш он ошиқ, ки дорад дар баҳори шавқҷӯшиҳо
Ба ёди лаълаш аз хуни дили худ боданӯшиҳо.
Ҳузури ҷилваи ӯ эҳтишоме дар дилам дорад,
Ки менолад нафас дуздида аз ҳайратсурӯшиҳо.
Зи сози лаб кушудан ғунча бинад сад парешонӣ,
Бувад шерозаи ҷамъияти дилҳо хамӯшиҳо.
Сафо хоҳӣ, хаёли ғайр пок аз синаи худ кун,
Ки бошад хубии ойинаҳо дар бенуқушиҳо.
Ба дониш ғарра натвон шуд, ки устоди малоик ҳам
Зи найранги қазо воқиф нашуд бо тезҳушиҳо.
Ту рангу бӯи таҳқиқ аз гули тақлид камтар ҷӯ,
Нахоҳад гашт сӯфӣ ҳар қас аз пашминапӯшиҳо.
Кади худ хам макун аз баҳри дунё пеши ҳар нокас,
Манеҳ бори мазаллат бар худ аз миннатбадӯшиҳо.

Зи ёрон магзар аз номардумиҳо, к-аз назар афтӣ,
Шикасти қадри худ мапсанд аз одамфурӯшиҳо.
Ҷаҳон асфсонаҳо бисёр дорад гӯши худ кар кун,
Ки гардад вақтро дил доғ аз ҳасратниюшиҳо.
Ба гулзори сухан, эй Ҷавҳарӣ, афсурдагӣ то кай?
Ки фасли гул назебад булбулонро бехурӯшиҳо.

Ту шаҳи ҳусну ман гадо

Эй қади ҷилвапарварат, нахли хадиҳаи вафо,
Ҷӯши сафои оразат ранги баҳори муддао.
Субҳ ниқобат, эй парӣ, то ки фикандӣ дар чаман,
Чид саросар аз арақ шиша ба рӯи гул ҳаё.
Нақди хазона буд агар Юсуфи Мисрро баҳо,
Ҷони азизи ошиқон васли туро бувад фидо.
Чун ба ҳарими суҳбатат роҳ барам, ки мебувад
Рӯи ту моҳу дил катон, ту шаҳи ҳусну ман гадо.
Дар пайи маҳмили ғамат, шӯри ҷунуни нолаам
Пой заду шикаст сар, замзама баст бар диро.
Дар таку този ҳарза дил, худ на ҳамин шудам хиҷил,
Ҳамчу сиришкам об кард саъйи ҷунуни норасо.
Бехабар аз фусуни он наргиси нотавон машав,
К-аз пайи ҷодуӣ ба каф бошадаш аз мижа асо.
Эй ки дил аст ҷои ту, ҷон шуда мубталои ту,
Пардакаши санои ту, Ҷавҳарии сухансаро.

Паймонаи дилҳо

Сафоул айши мавкуфун бикаъсин минка фабзилҳо,
Кадиштоқат лаҳо нафсӣ ҳабибӣ ло тумотилҳо.
Биёр он нуқли софу гавҳари рахшанда, эй соқӣ,
Ки аз аксаш шавад гетинамо ойинаи дилҳо.

Ба ҷуз саҳбо илоҷи дарди махмурон кӣ месозад?
Фасубҳан лӣ ва лоан фӣ аноотин ва новилҳо.
Шарор аз барқи май дар шишаи фарҳангу фитрат зан,
Ки дар кори ман аз завқи шуур афтод мушкилҳо.
Сабуксайрони роҳи Каъбаи ишқи туро нозам,
Ки бар дӯши сабо барбастаанд аз шавқ маҳмилҳо.
Ба дафъи бедимоғиҳои муштоқон напардозӣ,
Гудози ҳасрат аз аҷзояшон сомон кунад гилҳо.
Дами теғи нигоҳи обдораш аз чӣ кайфият?
Ки хун меҷӯшаду мастона мерақасанд бисмилҳо,
Ҳарими сина то хилватсарои хоси ҷону дил
Пайи ташрифи ӯ кардем дар худ тарҳи манзилҳо.
Ба даст афсурда созе дошт ишқи Қайсу Фарҳодаш,
Кунун аз пардаи мо шуд навопардози маҳфилҳо.
Қадам зан дар муҳаббат, бар хилофи нафс раҳ сар кун.
Фаин саддат алайканнаҳча ҷоҳидҳо ва қотилҳо.
Ба таҳқиқи каломи аҳли дил, зоҳид, чӣ мепечӣ?
Нагардад сирри мавҷи баҳр нақди ҷайби соҳилҳо.
Фақул раббӣ ало мансоҳа фӣ ҳозаннамат сабқан,
Саҳобалфазли амтир раҳматан кал ғайси андилҳо.
Ба таҳрироти килки сафҳароям тамошо кун,
Ки завқаш сина бикшояд ва илло даъ ва аҳмилҳо.
Дил аз худ рафту ҷон шуд маҳв, то ҳуснаш ба ёд омад,
Бале, ҳар ҷо ки тобад меҳр, нопайдо шавад зилҳо.
Ба оҳанги татаббуъ булбули ширинаво гаштӣ,
Фатаммам Ҷавҳарӣ, Савтарравӣ хайран ва каммилҳо.

ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ

Абас – беҳуда, бесуд.
Абно – ҷамъи ибн; ҳамасрон.
Абҳар – раги ҷон.
Аврод – вирд кардан, дуоҳое, ки дар вақти муайян хонанд, аз решаи «вард».
Авсат – миёнаи чизе.
Авҳом – гумонҳо, пиндорҳо, ҷамъи ваҳм.
Ағлол – тавқҳои оҳанӣ.
Аёғ – пиёлаи шаробхӯрӣ.
Аздод – ҷамъи зид.
Айёр – ҷавонмард, сахӣ.
Айман – бехавф, амн, дасти рост.
Айнуляқин – дидаи яқин.
Алан – ба маънии ошкоро шудан, аён.
Алоиқ – ҷамъи алоқа.
Алҳон – лаҳнҳо, гӯишҳо.
Аммора – каҷова, ки бор пушти фил мебанданд ва бар он менишинанд.
Анкар – зишт, ноҷӯр.
Анокиб – анкабут.
Анфос – ҷамъи нафасҳо.
Араз – матоъ, коло.
Аржанг – нигорхонаи Монӣ.
Арнаб – харгӯш.
Асас – посбон.
Атвор – хулқи атвор.
Атрок – ҷамъи турк
Афвоҳ – даҳонҳо.
Аҷзо – ҷизя додан, бениёз кардан; ҷазо додан; пораҳои чизе.
Базла – латифа, сухани хуш.
Байдо – биёбон ва дашт.
Балда – шаҳр; инчунин номи яке аз манзилҳои Қамар.
Банон – сарҳои ангуштон.
Бард – хунукӣ, сардӣ.
Бармало – намоён, ошкоро.
Барот – навиштае барои дарёфти подош.
Басит – фарох ва густурда.

Бат – мурғобӣ.
Баҳла – дастпӯши чармин, ки шикорчиён ҳангоми шикор ба даст мепӯшанд.
Баҳо – равшанӣ ва хубӣ.
Башир – башоратдиҳанда, муждарасон.
Баъс – барангехтан.
Бир – чоҳ.
Бӯта – зарф барои гудохтани тилову нуқра.
Буқъа – замин; хона, сарой.
Бурқаъ – парда, рӯсарӣ.
Бурудат – хунукӣ, сардӣ.
Вақф – истодан, таваққуф кардан.
Вараъ – порсо, парҳезкорӣ; вараъкешон – порсоён, парҳезкорон.
Васоқ – банд ва қайд.
Ваҳал – гил, лой, замине, ки бо об нарм шуда бошад.
Ваҳшаткамин – дарваҳшатнишаста, ваҳшатзада.
Вило – дӯстӣ ва муҳаббат.
Вофир – бисёр, фаровон.
Вуқуф – донистан, огоҳӣ; истодан.
Вуҷуб – воҷиб шудан, лозим шудан, сазовор шудан.
Ғабро – замин, хок.
Ғанҷ – нозу карашма.
Ғило – қахтӣ ва гаронӣ аст.
Гӯй – тӯби чавгон.
Гӯйи сабқат бурдан – пешгом будан дар озмун ё дар сабқат.
Гоз – навъе аз миқроз ва гулгири шамъ; алаф.
Ғоза – гулгуна; сурхие, ки ба рӯй моланд.
Ғой – мансуб ба ғоят, ниҳояти чизе.
Ғолӣ – гаронқимат.
Ғуроб – зоғ; навъе аз киштӣ.
Дайр – ибодатгоҳи насрониён ва зардуштиён.
Дала (далк) – молиш додани бадан.
Даро – зангӯла.
Дафина – моле, ки дар зери замин дафн карда бошанд.
Дилол – ноз, ғамза ва ишора бо чашм.
Дият – хунбаҳо.
Дуӣ – дугонагӣ, ду нафар, ду чеҳра.
Духон – дуд.

Залолат – гумроҳӣ.
Залум – золим, бағоят зулмкунанда.
Зангор – занг; занги оҳан ва ғайра.
Зан(н) – шубҳа, гумон, шак.
Зилл – хорӣ, нармӣ, ром шудан.
Зирғом – шери даранда.
Зобита – нигоҳдоранда; қоида ва дастур.
Зод – тӯшаи роҳ.
Зоил – нобуд, маҳв.
Зулфатан – зирак.
Зурва – авҷ, баландӣ, болои кӯҳ.
Ибром – устувор кардан; сахт тофтани ресмон; хирасаре, ки малоловар бошад, яъне шилқин.
Идбор – бадбахтӣ ва бедавлатӣ; зидди иқбол.
Иёр – санҷиши симу зар.
Иқол – ресмоне аст, ки ба он пои уштурон ва соири сутуронро мебанданд.
Иқтизо – талаб кардан, дархост кардан.
Илтиём – беҳбуд ёфтани захм.
Имтидод – кашида шудан, дарозӣ.
Имтиёз – бартарӣ.
Имъон – тез кардани назар.
Инбисот – густохӣ, кушода шудан, фарохӣ, густурда шудан; шодӣ.
Инқибоз – гирифта шудан, гирифтагӣ; шикастагӣ.
Интисоб – нисбат додан, алоқа, мансубият.
Инфиол – мутаассиру шармзада шудан; асари чизе пазируфтан, доштан, бурдан.
Истеълом – огоҳӣ хостан
Истибдод – танҳо ба сари коре истодан, манъи касе қабул накардан.
Истибор – сабр кардан, шикебоӣ намудан.
Истиғно – бениёзӣ.
Истидрок – дарк кардан.
Истикбор – худро бузургмартаба шумурдан, гарданкашӣ кардан.
Истикмол – комил кардан, такмил додан.
Истисқо – об хостан, ташнагӣ; номи беморӣ.
Истифҳом – фаҳмидан, фаҳмиданӣ.

Истихлос – раҳонидан.
Ихвон – бародарон.
Ихтилот – омехтан; табоҳ шудан.
Иҷтиноб – дур шудан, як сӯ шудан.
Иштибок – ба ҳам даррафтан; ангуштони ҳар ду даст ба миёни ҳам даровардан.
Иштиҳор – шуҳрат
Қавси қузаҳ – рангинкамон.
Қазия – ҳукм.
Калаф – доғҳои тираи рӯй.
Катм – пинҳон доштан.
Катон – навъе гиёҳ, ки аз лифи он матоъе ба ин ном таҳия мекунанд.
Кафал – сурини одамӣ ва ҳайвон; ҳиссаи чизе.
Кибриё – ба маънии бузургӣ.
Қирот – гӯшвора.
Кисват – ҷома, либос, танпӯш.
Коз – хонае, ки аз лою алаф сохта шудааст.
Қоид – роҳнамо, пешрав.
Қомус – фарҳанг, луғат.
Конун – асбоби мусиқӣ.
Косид – аз решаи касод, варшикаста, зарардида.
Котиби қудрат – Худойи мутаъол.
Кочол – асбоби хона.
Кӯс – нақораи бузург.
Кубро – ҷузви сонии шакл.
Кудурат – хирагӣ, тирагӣ.
Қуллоб – хороҳани хамидаи ҳалқамонанд, ки ба он ҳар чиз меовезанд; чангак.
Қумош– рахт, асбоб, ҷомаи абрешимӣ, матоъ.
Куништ – бутхона.
Кунҳ – поёни чизе; номи ҷонваре.
Кусуф – гирифтани офтоб ва моҳ; бадҳол шудан.
Куҳл – сурма.
Лавн – ранг.
Ламва – рушании андак.
Лафиф – омехта, дарҳампечида.
Лаъб – бозӣ.
Лоҳут – олами зоти илоҳӣ.

Луққа – миёни дарё, чуқуртарин қои дарё.
Луълу – марҷону қавоҳир.
Мавкиб – гурӯҳи саворон; сипоҳ ва лашкар.
Маволид – фарзандон.
Мавфур – бисёркардашуда, тамом.
Мазаллат – хор шудан.
Мақт – қаҳр ва газаб.
Макҳул – сурмасо.
Мало – ошкор, зоҳир.
Мамар – роҳ ва қои гузаштан.
Мамлу – пуркардашуда, саршор.
Мандуб – гиря ҳангоми мусибат.
Манкуб – хароб, бадҳол, сахтӣ.
Манкус – нагунсор, сарнагун.
Манос – гурехтан ва бозпас омадан.
Мардуд – рондашуда.
Марҳун – гаравкардашуда.
Маслуб – рабудашуда.
Масо – вақти шом.
Масоба – қой, ҳад, мартаба.
Матоф – қои гирд гаштан ва тавоф кардан.
Махбил – қои фуруд омадан.
Маҷҳуд – иститоат ва қудрат; кӯшиш.
Машима – пардаи тунук, ки дар батни модар ба ҳамл (бача) печида бошад.
Машҳад – маҳалли ҳузур ё қойгоҳу макони шаҳидон.
Машҳун – пуркардашуда
Маъҷун – махлуте аз чанд дору; сиришташуда, хашркардашуда.
Мидод – қаламе, ки мағзи он бо сурб сохта мешавад.
Мизоб – новадони гӯшаи бом барои рехтани оби барфу борон.
Миншор – арра.
Миръот – ойина.
Мисбоҳ – чароғ; пиёла; номи китобдор наҳв.
Мисвок – номи дарахт, асбоби дандоншӯй.
Мисқаб – асбобе, ки бо он сӯрох кунанд, барма.
Мисмор – мех.
Мистар – хаткаш.
Миҳан – меҳнат, ранҷу азоб.

Миҳоқ – костани моҳ; ва ибтидои он аз шаби понздаҳум.
Миҷмар – зарфи оташ; оташдон; бӯйи сӯз.
Мишкот – тоқе, ки дар он чароғ ва қандил гузоранд.
Мозӣ – гузашта.
Моида – хони пур аз таъом ва неъмат.
Моқут – навъе аз ҳавло.
Мосиво – он чи сивои зоти Худованд аст ва он ҳама мавҷудот ва махлуқот.
Муаммар – умрёфта
Мувашшаҳ – зевардодашуда, ороста.
Муғтанам – ғанимат донисташуда, ғанимат.
Мудғам – пайваста ва дарҳамрафта.
Мудом – шароб ва ба маънии ҳамеша.
Музмар – дар дилдошташуда; пӯшида, пинҳон.
Муқаддар – тақдир кардашуда.
Муқтадо – пешво.
Мултавӣ – печида ва печ дар печ, навъе аз ҳаракоти набз.
Мултамас – илтимос.
Мултаҷо – паноҳ шудан; ҷои паноҳшавӣ.
Мумтаҳан – озмудашуда.
Мунтаҷ – натиҷадиҳанда.
Мураввақ – софкардашуда, мусаффо.
Мураххам – нармгардонидашуда.
Мусалсал – ба занҷир басташуда.
Мусаммо – номкардашуда, соҳиби ном.
Мустағнӣ – бой, доро; бениёз.
Мустақбал – оянда.
Мустақбал – рӯ ба чизе оранда, пешомад, оянда.
Мустаманд – андуҳгин, ғамгин.
Мустамеъ – шунаванда.
Мустатил – ҷисми дароз, ҷисме, ки арзу тӯлаш баробар набошад.
Мустаҳиқ – ҳақ дода шуда.
Мусҳаф – китоб, маҷмӯа, Қуръон.
Муталлеъ – иттилоъдодашуда, хабардодашуда.
Муфохарат – ифтихор.
Мушаббак – сӯрохдор, сӯрох-сӯрох.
Муътод – одаткардашуда.
Наам – инъом.

Навр – ғунча.
Найир – пурнур, офтоб.
Накбат – бадбахтӣ; хорӣ ва ранҷ.
Накол – уқубат, ранҷ.
Нақши калҳаҷар – нақши рӯи санг.
Намат – фарш, намад.
Насс – нозукона пурсупос кардан, баланд кардани чизе.
Нассоҷ – бофанда, матоъсоз.
Насх – ботил кардан, рад кардан.
Нафх – дамидан ва пурбод шудан.
Нафха – бӯи хуш.
Нахват – бузургӣ ва такаббур.
Никол – уқубат ва ранҷ.
Нисват – занон.
Нисён – фаромӯшӣ.
Нол – най.
Номия – қувватест дар ҷисми ҳайвонот ва наботот.
Норван – номи дарахт.
Нос – одам; одамиён.
Носур – захми илоҷнопазир.
Носут – олами ҷисмҳо.
Ножу – номи дарахти сарвмонанд.
Ноҷа – корд, теғ.
Нутақ – нутқ, сухан.
Очор – замини ҳамвор.
Паранд – ҳарири сода ва бофтаи абрешимӣ; теғ ва ҷавҳари теғ.
Паҳанд – доме, ки бо он ҷонваронро сайд кунанд.
Пероя – ороиш, зебу зинат.
Пиндор – тасаввур, хайёл ва ғурур
Пон – ранг барои рӯй.
Рабаз – девори шаҳрпаноҳ; гирдогирди қалъа; зан, аҳли хона.
Равоҳ – вақти миёни аср ва шом; шабонгоҳ аз ғуруб то шаб.
Райб – шак, шубҳа.
Рамад – варами чашм; сурхгардидани сафедии чашм; дарди чашм.
Раҳин – гаравкардашуда.
Рахс – арзонӣ ва фаровонӣ
Рашҳа – обе, ки аз ҷое таровиш кунад; чакка, қатра.
Рашҳи саҳоб – обе, ки аз дидаи абр биборад.

Ридо – чодире, ки бар дӯш гиранд.
Рифъат – мартабаи олӣ, баландӣ.
Риҷо – умедвор кардан, канора, тараф.
Риҷол – ба маънии мардон.
Риши гов – аҳмақ,аблаҳ, хомтамаъ ва масхара
Роиз – чобуксавор; тезгард.
Роиха – бӯ, бӯи хуш.
Роят – парчами лашкар.
Руфӯ – дуруст кардан ва ислоҳ кардани ҷома.
Руҳулқудус – Ҷабраил (а).
Сабил – роҳ, тариқ.
Саво – ғайр; саво – баробарӣ.
Савобит – ситорагони ғайри мутаҳаррик, ки ҳаракат ба зоти худ надошта бошанд.
Савомеъ – ибодатхонаи тарсоён; ҷамъи савмаа.
Садма – кӯфтани ду чиз ба ҳам; осеб расондан.
Садод – мустаҳкамасос.
Салаф – лоф задан; салафа – гузошташуда, гузоштагон.
Салб – бедор кардан; рабудан, нест кардан.
Салсабил – номи чашмае дар биҳишт.
Салсол – оби ширин ва хушгувор, оби соф.
Салх – пӯст кандан; рӯзе, ки дар шомаш ҳилол дида шавад.
Сам – заҳр; сӯрохи сӯзан.
Самтур – номи асбоби мусиқӣ.
Сандал – дарахте, ки чӯби он бисёр хушбӯст.
Сарир – тахт ва авранг, овози қалам ба вақти навиштан.
Сароча – ба маънии хонача.
Сатват – қаҳр, сахт гирифтан.
Сафват – баргузидагӣ ва хулоса кардан; соф шудан.
Сафо – пок ва беғаш.
Саффок – бераҳм.
Саҳбо – шароб.
Саълаб – ба маънии рӯбоҳ.
Саво – ғайр, баробар, баробарӣ.
Силк – ришгаи марворид.
Симок – номи ситора.
Синон – нӯги найза, тир, табар ва тезии ҳар чизе.
Сит – овоза ва зикри хайр.
Сифла – паст, фурӯмоя.

Сод – ба маънии нам ва сармо.
Соид – бозу; кафи даст; аз пастӣ ба сӯи баландӣ.
Сомирӣ – номи соҳире буда дар замони ҳазрати Мӯсо (а) аз шаҳри Сомира, ки гӯё бо ҷодӯ гӯсолаи нуқрагинро зинда карда буд.
Сотур – корди бузург.
Соҳӣ – ғофил ва фаромӯшкунанда.
Соҳат – паҳно, вусъат.
Сувайдо – донаи сиёҳ, нуқтаи сиёҳе, ки гӯё дар маркази дил бошад.
Сулук – роҳ ва рафтан, нек рафтан.
Суманот – номи маъбади ҳиндуҳо.
Сур – ҷашн, шодӣ; сурх; шохи ҳайвон.
Сурфа – ҷонварест, ки дарахтро сӯрох мекунад.
Суфор – сӯрохии сӯзан, сӯрохӣ.
Суҳо – номи ситора.
Суҳулат – осонӣ.
Таадӣ – таҷовуз кардан, ситам.
Тааллул – иллат ангехтан ва сабаб пурсидан.
Табла – нақораи калон; сандуқчаи хурд.
Табошир – гиёҳест, ки дар канори об мерӯяд ва соқаи зеризаминии он хосияти доруӣ дорад, хайзурон.
Таваҳҳум – дар ваҳм шудан.
Тавқеъ – нишонӣ; дастхат; фармон.
Тавқир – иззат ва ҳурмат нигоҳ доштан.
Таволӣ – паёпай, паиҳам.
Тавоф – гирди чизе гаштан.
Тавсан – аспи шӯх ва саркаш; курраи асп.
Тавшеҳ – мувашшаҳ, мувашшаҳсозӣ; ҳамоил дар гардан кардан, ороиш додан.
Тағофул – ғофил будан, бепарвоӣ.
Тайба – номи Мадинаи Мунаввара.
Тайласон – навъе аз ридо; фута,
Тақбил – бӯсидан, чизеро бӯса додан.
Талиа – гурӯҳе, ки шабона шаҳр ва лашкарро муҳофизат мекунанд; пешрави лашкар.
Тамарруд – саркашӣ кардан.
Тамҳид – ҳамвор ва некӯ кардан; чора, тадбир.
Танбул – барги пон.

Танкеҳ – никоҳ; пок ва соф кардан чизеро.
Танҳо – ба маънои чанд тан, касон.
Тарӣ – тару тоза, бо тароват.
Тарашшуҳ – таровиш, шоридан.
Тарвеҳ – роҳат додан; бӯи хуш додан.
Тасалсул – пайваста шудан; равон шудан.
Тасвид – сиёҳ кардан; киноя аз навиштан.
Тасним – наҳрест дар биҳишт.
Татовул – гарданкашӣ ва такаббур.
Татҳир – пок кардан.
Тафреҳ – фараҳ, роҳат кардан.
Таҳайюр – ҳайрат, ҳайронӣ.
Тахмир – сириштан, хамир кардан.
Таҷарруд – бараҳна шудан; ба маънии шарҳи дунё кардан.
Таҷрид – бараҳна кардан чизеро, перостан.
Ташвир – ошӯбу изтироб.
Ташҳир – шуҳрат додан касеро.
Таъвиз – паноҳ додан, тумор.
Таъмир – сохтмон, манзил.
Теҳу – бедона, вартиш.
Тоҳуна – осиё.
Туғро – навъе аз хат; сармашқи нома.
Тунбон – шалвор, пойҷома.
Туроб – хоки хушк.
Турфа – аҷиб, ҳайратовар.
Туҳлаб – сабзае, ки ба болои оби истода ҷамъ мешавад.
Убусат – турушрӯй.
Узлат – ҷудо шудан аз зану фарзанд; танҳоӣ.
Узубат – ширинӣ, таъми хуш.
Улвӣ – баландӣ, осмонӣ, қудсӣ.
Улё – ҳарчи ки баландтар бошад.
Улоқ – саворӣ ва маркаб.
Уруҷ – боло баромадан, баланд рафтан.
Устурлоб – асбобе, ки мунаҷҷимон ба воситаи он гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд.
Усфур – гунҷишк.
Утба – номи марде; чӯби поёни дар, ки ба он по мениҳанд.
Фалақ – сапедаи субҳи содиқ.
Фалоҳ – растагорӣ, фирӯзӣ.

Фалс – пуле, ки аз мис бошам.
Фитрок – тасма ё чарми борике, ки аз ақиби зини асп меовезанд.
Фоқа – фақр, камбағалӣ.
Форис – савори асп, соҳиби асп.
Форуқ – фарқкунанда.
Фулус – ҷамъи фалс.
Фусҳат – фарроҳӣ ва кушодагии майдон.
Футувват – ҷавонмардӣ ва саховатмандӣ.
Футӯҳ – фатҳ, кушоиш.
Ҳаббазо – калимаи таҳсин, яъне хуш аст омадани ту.
Ҳабо – ғубор ва гард.
Ҳадас – бе вузу шудан.
Хадд – рухсора.
Ҳадиқа – боғе, ки гирдогирди ӯ девор бошад, ё аз чӯбу хор иҳота бошад.
Хазро – сабза ва гиёҳи сабз.
Ҳак – тарошидан. судан чизеро ба чизе.
Халаф – аз пас оянда.
Ҳалминмазид – зиёдтар кун (яъне майро зиёдтар рез)
Халхол – ҳалқа ё зеваролоте, ки бонувон дар Шарқ дар банди по мебанданд.
Ҳамал – бардоштан ва ба маънии бори шикам; барра, номи бурҷи осмонӣ.
Ҳасаб – шумурдан, шумор.
Ҳасир – монда ва ранҷашуда; бурёи хурмо.
Ҳаҷла – мавзее, ки бо пардаҳо барои арӯс ороста кунанд.
Хашаб – ба маънии чӯб ва ҳезум.
Хизоб – усма, ранг, ҳино, гулгун.
Ҳирмон – ноумедӣ, бенасибӣ.
Ҳомун – дашт, саҳро.
Ҳорун – номи пайғамбаре, ки бародари калони Мӯсо (а) будаанд; ва номи халифаи Бағдод, ки Ҳоруни Рашид мегуфтанд.
Хубс – палидӣ ва палид шудан.
Ҳуққа – зарф, сандуқчаи ҷавоҳирот
Хусуф – дар замин фурӯ шудан; гирифтани моҳ.
Хуфра – сӯрох ва мағок.
Ҷалис – нишаста, унс гирифта.

Ҷаҳул – нодон, ҷоҳил.
Ҷаъд – зулфи печида, мӯйи марғул.
Ҷинон – ҷаннат.
Ҷифа – лошаи ҳайвон.
Шабдиз – шарбранг, шабмонанд; номи аспи Хусрав.
Шаввол – моҳи даҳуми соли қамарӣ.
Шаир – ҷав.
Шайёд – маккор ва фиребгар.
Шамбалид – номи гул.
Шамим – боди бо бӯи гул омехта.
Шаранг – заҳр.
Шатал – касе, ки бекор дар миёни қиморбозон нишаста, аз қиморбозе, ки нақд буридааст чизе ситонад.
Шаъро – ситора.
Шито – зимистон, хунукӣ.
Шодурвон – хайма, саропарда.
Шуъба – шоха, фирқа.
Эмин – бехавф, амн.
Эҳмол – фурӯ гузоштан чизеро ба худ.
Эҳром – либосе, ки пеш аз зиёрати Каъба ба тан кунанд.
Эҳсо – шумурдан.
Эҳтишом – шаъну шукӯҳ.
Эътизор – узр хостан.
Эътило – баландӣ ва баланд шудан.
Эътино – ғамхорӣ ва меҳрубонӣ кардан.
Юмн – хуҷаста шудан, баракат, муборакӣ.
Ябруҳассанам – мардумгиёҳ.
Явмулҳисоб – рӯзи ҷазо; қиёмат.
Яди байзо – дасти сафед; киноя аз дасти пурэъҷози ҳазрати Мӯсо (а).
Ям – дарё, баҳр.

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор..... 5
Ғазалиёти Шамсиддин Шоҳин..... 25

Ҳазордастони қафасшикани кӯҳистон.....125
Ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ.....139

Шоири волофитрат ва нуктарас 251
Ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ 255

Зуфархон Ҷавҳарӣ ва эҷодиёти ӯ 388
Ғазалиёти Зуфархон Ҷавҳарӣ 397

Тавзеҳот ва шарҳи луғот.....467

«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

Ҷилди 38

Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ,
Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ.

ҒАЗАЛИСТОН

Мураттиб *Муҳтарам Ҳотам*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчинон *М.Худойбахшова ва Ш.Баҳромова*

Ба матбаа 08.10.2018 супурда шуд.
Чопаш 10.10.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60х90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.